1. Розӣ Наҷмиддин. Дастури вузаро. -Теҳрон. 1352.
2. Бағдоди Баҳоуддин. Муҳаммад Муайяд. Ат-тавассул илатгрсил, -Теҳрон: 1315.
3. Рӯҳонӣ Саидказим. Вазорату вузарои Сомониён. -Теҳрон, 1367.
4. Наршахӣ Абӯбакр. Таърихи Бухоро. –Теҳрон: 1367.
5. Гардезӣ Абдулҳай. Зайн-ул-ахбор. –Теҳрон, 1343.
6. Ноҷӣ Муҳаммадризо. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Теҳрон, 1386.


## КАБИНЕТ МИНИСТРОВ В ПЕРИОД САМАНИДОВ


С именем Исмаила Самани связана организация центрального и областного управления в саманидском государстве. Саманидское государство было крупнейшим на Востоке халифатом. С правлением Саманидов связан большой подъем культурной жизни в Хорасане и в Мавераннахре. Центральное управление состояло из 10 диванов. Главным из диванов был диван везира. Он возглавлял все центральное управление государством, и ему были подчинены начальники остальных диванов. Статья посвящена изучению данной темы.



**Ключевые слова:** Саманидское государство, халифат, центральное управление, подъем культурной жизни, диван, диван везира.


## THE CABINET OF MINISTERS IN THE SAMANID PERIOD


With the name of Ismail Samani connected with the organization of the Central and regional management in the Samanid state. The Samanid Empire was the largest in the Eastern Caliphate. With the rule of the Samanids associated large rise of the cultural life in Khorasan and in Maverannahr. Central management consisted of 10 sofas. The main sofa was a sofa vizier. He led all Central state administration, and he was subordinate to the heads of the other sofas. The article is devoted to the study of this topic.



**Key words**: the Samanid Empire, the Caliphate, the Central management, the rise of cultural life, sofa, sofa vizier



**Сведения об авторе:** ***Мустафо Ирфони*** – соискатель Таджикского национального университета

# ЗОДГОҲИ ЗАРДУШТ

***Маъсума Имомӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Пеш аз пардохтан ба мавзӯи мақола дар мавриди Зардушт бояд гуфт: Зардушт, Зартушт, Зародушт, Заротушт ва калимаҳое аз ин қабил аз вожаи Заратуштара дар «Готҳо», ки бахше аз китоби Зардушт аст, омада ба маънои шутури зард аст. Аммо ситораи дурахшон низ маъно шудааст. Номи падараш Пуршасп, яъне дорандаи аспи пир ва номи модараш Дуқду ба маънои душандаи гов ва номи қабилааш Спитма, яъне сапеднажод будааст.

Бо он ки ҳамаи донишмандон шахсияти таърихии Зардуштро пазиро ҳастанд, дар бораи замон ва макони пайдоиши ӯ ҳам достоне надоранд. Ин носозгорӣ ба хотири тазоди мадорик ва маохаз аст. Аз ин миён муаллиф, пас аз мутолиоте, ки дар мавриди замони Зардушт анҷом дод, беҳтарин замонро барои ҳаёти Зардушт 6000 пеш аз мелод медонанд. Дар ин бахш саъй шуда, маҳаллҳои зуҳури Зардушт, ки дар манобеи шарқшиносони ғарбӣ ва шарқӣ омада мавриди мутолиа қарор гиранд ва пас аз зикри далелҳои мантиқии макони зуҳури Зардушт таъйин шавад.

Дар ин замина иддае ҳамон назарияи суннатиро, ки зодгоҳи Зардушт Озарбойҷон ва ғарби Эрон аст, медонанд ва то ҳудуде онро пазируфтаанд. Афлотун дар яке аз асарҳои худ нахустин бор аз ӯ ном бурдааст ва маҳалли таваллуди Зардуштро дар канори рӯди Озарбойҷон медонад. Ӯ фикр карда, ки ин рӯд ҳамон рӯди Арас мебошад. Плиний ва Плутон низ дар осори худ муфассал аз ӯ ёд кардаанд. Рег Сентуз нависандаи Лидӣ, ки таълифоташ ба Юнонӣ аст, дар 500 пеш аз мелод аз Зардушт ва таълими ӯ сухан гуфтааст. Аксари китоби исломӣ ва таърихӣ, ки бо истифода аз матнҳои паҳлавӣ ва ё тарҷумаҳои он дар қарнҳои III ва IV ҳиҷрӣ, ё баъдҳо навишта шудаанд, Озорбойҷонро ба унвони зодгоҳ ва маҳалли Зрдушт ёд кардаанд. Шаҳристонӣ падари Зардуштро аз Озарбойҷон ва модари ӯро аз Рей зикр кардааст. Нависандагони классикии зер Зардуштро аз мағриби Мод, Порс ё Эрон медонанд. Плиний Plliny Elder (23-79), Clemenc Alexandrinus (200), Oregenes (185-254), Diognes Laertiys (210 м.), Porphyrius (233-304), lactantius (300м.), Geregory of Tours (538-593), Gerinicon Pachale (қарни VII м.), Georgius Syncellus (800), Sudas (970), Michaelgly Cas (1150м.).

Энкител Дуперон, пас аз зикри номи 20 минтақа, ки ифтихори зодбуми Зардуштро доранд, Ризоияи Озорбойҷонро маҳалли таваллуди Зардушт қаламдод кардааст. М. Дуписворт низ бо ин назария мувофиқ мебошанд. Селжен Малкон низ ӯро бумии Озорбойҷон ва мутаваллиди Ризоия(Урумия) медонанд. Голз бо шак ва тардид зодбуми Зардуштро Мод медонад. Бристер аз ҷумлаи ховаршиносоне аст, ки дар китоби «Рӯзгори бостонӣ» чунин мепиндорад, ки Зардушт аз мардуми Озорбойҷон ва аз ноҳияи воқеъ дар ҷанбуи дарёчаи Чичест аст, ки ҳамон дарёчаи Ризоия мебошад. Сер Генри Роленсон ҳангоми суҳбат дар мавриди Озорбойҷон, кӯҳи тахти Сулаймон ё Шизро маҳалли таваллуди Зардушт медонад ва муътақид аст, ки нахустин оташкада дар Шизи Мод бино гардидааст.

Уместед низ муътақид аст, ки Зардушт паёмбарии худро дар шимолу ғарбии флоти Эрон оғоз намуд. Профессор Ҷексон мегӯяд, ки ӯ дар маҳалле дар Озорбойҷон мутаваллид шуда ва маҳаллеро зикр мекунад, ки дар Ризоия ва Шиз (Авесто Чичисте ва рӯди Дорч) мебошад.

Дормистер ватани Зардуштро сарзамини Мод медонад ва мегӯяд, ки Зардушт сайри худро аз он ҷо шурӯъ намуда, аз ғарб ба шарқ рафтааст.

Гурӯҳи дигаре бар ин эътиқоданд, ки Зардушт дар қалби Эрон дар хонаводае аз табори султонҳои эронии Мод мутаваллид шудааст ва пеш аз расидан ба паёмбарӣ ба оромӣ рӯзгор мегузаронид. Дар 30 солагӣ дар канори руди Дойтие буд, ки фариштаи Ваҳумана (Баҳман) аз сӯйи Аҳурамаздо бар ӯ нозил шуд ва «Готҳо» дар кӯҳҳои Сабилон бар илҳом шуд. 12-сол ба таблиғи дини худ дар ғарби Эрон мепардозад. Вале муваффақ намешавад ва бар асари фишор ва душманиҳои рӯҳониён ва наҷибзодагон (бо нажод) маҷбур ба тарки зодгоҳи худ шуда, равони Ҳинду Чин ва Туркистон мешавад. Аммо дар он минтақа ҳам муваффақияте пайдо намекунад ва сарнаҷом диёнати худро ба Гуштосп подшоҳи Киёнӣ арза мекунад ва подшоҳи Киёнӣ ба ӯ имон овард ва фарзандаш Исфандиёрро маъмур кард, то ойини навро дар шарқи Эрон густариш диҳад. Илова бар Виштосп ду бародарони Фарашусар ва Ҷомосп вазирони дарбори ӯ аз Зардушт ҳимоят мекарданд. Бо қабули онҳо мардум низ ойини навинро пазируфтанд ва ба ин тартиб дини Зардушт рафта-рафта тамоми ноҳияҳои Эронро фаро гирифт. Ин пажӯҳишгарон намехоҳанд, ки назарияи суннатиро ба таври комил рад кунанд ва барои он ҷо дар таърих қоиланд ва дар айни ҳол, наметавонанд назариёти забоншиносии охирро, ки «Авесто» як забони шарқӣ аст, инкор кунанд. Аз ҷумла, тарафдорони барҷастаи ин назария Гришман Бортоломей Голднер ва Хертсфелд ва ғайраҳо мебошанд.

Иддае дигар бар онанд, ки Зардушт дар шаҳри бостонии Раго ё Рақо ё Рейи имрӯз чашм ба ҷаҳон кушод ва дар бузургсолӣ ба шарқи Эрон кӯч карданд. Ин идда муътақиданд, ки Зардушт аз қабилаи Муқон, ки баъдҳо роҳбарии дини Зардуштро бар уҳда гирифт, бархост, ки маркази динии он шаҳри Рей буд. Баид нест, ки зодгоҳи Зардушт ҳамчунон ки Хертсфел ва Гришман низ бовар доранд,

ҳамон шаҳре аз сарзамини Мод буда бошад, ки Зардушт баъд аз ронда шудан аз ҷониби қавмаш ба ноҳияи Хоразм, ки дар минтақаи шарқитар воқеъ буд, рафта бошад.

Кристенсен менависад ойини Зардушт ба василаи таблиғкунандагоне, ки аз шарқ омада буданд, дар миёни Мод ва Порс мунташир шуд.

Аз он ҷое ки шаҳри Рей бар асари мавқеияти сиёсӣ-иқтисодӣ бар мубодилоти Шарқу Ғарб аз масири Эрон тасаллут дошт. Ин шаҳр подшоҳе дошт, ки дар «Авесто» Зара Уштуртама(ZaraΘ uštrotama) (шабеҳтарин ба Зардушт ё Зарудштитарин) номида мешавад. Шояд тасодуфе набошад, ки дини Зардушт дақиқан Рагоро ба унвони пойтахт дар ғарб баргузинад ва на ҳикматонаи пойтахтро ва ҳатто аз вуҷуди ҳукумати дини зардуштӣ низ дар Раго тасаввур шудаанд. Дар «Вандидод» низ аз кишварҳои гуногуне ёд шудааст, ки таҳти таъсири Зардушт қарор доштаанд. Аз феҳрасти ин шаҳрҳо чунин бармеояд, ки Раго ғарбитарин нуқтае, буд, ки ойини Зардушт ба он ҷо расида буд.

Ниберг муътақид аст, ки Зардушт дар дурдасти Сайҳун ва Ҷайҳун зиндагӣ мекард ва «Готҳо» дар шаҳри Раго ё Рей навишта шуд. Аз ҷумлаи пажӯҳишгарони дигар, ки ба ин ақида ҳастанд, иборатанд аз Ҳерстфел, Кристенсен, Бойс Муле, Виден Герн ва Ҷексон. Муаллифи китоби «Тоҷикон» менависад, ки тибқи ривоятҳои маъмули даврони Сосонӣ ва баъд Зардушт дар Озорбойҷон ва аз минтақаи Роғи сарзамини Мод (Рейи қарнҳои миёна наздики Теҳрон) зуҳур намуд. Вале ин назария ғайри қобили эътимод аст. Матни «Хурдавесто» низ ба вуҷуди ҳокимияти иддае аз пайравони Зардушт дар Роғ ишора мекунад ва ин бешак ба хотири он аст, ки ноҳияи мазкур дар қисмати шимолу шарқии Мод ҷой дошт ва нахустин ноҳияе буд, ки таълими Зардушт аз шарқ ба он роҳ ёфт.

Гурӯҳи дигаре аз шарқшиносон бар ин боваранд, ки Зардушт аз минтақаи шарқи Эрон, яъне Хуросони бузург ва Мовароуннаҳр зуҳур кард. Ҳамчунин бархе манобеи қадим, аз ҷумла Табарӣ муътақид аст, ки Зардушт аз шарқ бархост ва Динаварӣ аз ҳукумати Гуштосп дар Хуросон ва рафтани Зардушт ба дарбори ӯ ва эҳдои китоб ба ӯ ва ҳамчунин Дақиқӣ аз маҳалли Гуштосп дар Балх сухан гуфтанд. Дар асари Китси муаллифи Юнонии охирҳои қарни V ва аввали қарни VI мелодӣ омада, гӯё Зардушт дар Бохтар мезистааст ва бо пайравӣ бар ин ривоятҳо, баъзе донишмандон аз қабили Мултон гумон кардаанд, ки «Готҳо» дар Бохтар офарида шудаанд.

Нависандагони классикии зер Балхро зодбуми Зардушт ба шумор меоваранд. Cephalion (120м.), Theon (130м.), Justin (ба дурустӣ маълум нест, байни қарни II-IV мелодӣ мезист), Arnobius (бумии Африқо ҳудуди 300м.), Eusebius (264-340м.), Epiphanius (аҳли Қустантания аз шаҳрҳои Рими қадим 320-402м.), Amminanus Marsellinus (363 м.), Paulus Orosius (413м. аз Испания ба Африқо рафт), St. Agustinus (354-430м.), Isdorus (Усқофи Сервили дар Испания буд), Hugo de Sancto Victore (нимаи аввали қарни 12м.).

Ҳуго мегӯяд, ки ба назар мерасад зодбуми Зардушт Балх буда, ки дар «Авесто», Бархаза Ормити омада ва Бахзӣ дар Вандидот хулосашудаи он аст. Карл Гулднер низ менависад, ки нависандагони охири Юнон, Зардуштро аз машриқи Эрон бавижа, Балх медонанд. Доктор Миллер бар ин ақида аст, ки минтақаи шимоли шарқии Эрон маҳалли зуҳури Зардушт аст. Ин гурӯҳ аз пажӯҳишгарони муосир муътақиданд «Готҳо» ва қисматҳое, ки ба он аз ҷиҳати замон наздикӣ доранд, дар яке аз ноҳияҳои Осиёи Миёна ва ё минтақаҳои муҷовири шимол ва ғарби Афғонистон ва шимоли шарқи Эрон офарида шудааст. Дар ин робита, ақидаҳои мухталиф баён шудааст. Масалан, баъзе ба ноҳияҳои маҷрои миёна ва суфлои рӯди Аму ё аслан ба Хоразм ишора мекунанд. (С.П. Плосто ва дигарон).

Дар ин мавриди нуқтаи назари пазируфта А. Маркуорид, Бенвенис ва дигар донишмандоне, ки кишвари асотирии Аирнаимваича(паҳнаи Орёно, ватани эрониён) ва дини зардуштиро бо Хоразм айният медиҳанд, поя ва асос қарор дода мешавад. Ба ғайр аз ин, ба ноҳияҳои миёни рӯди Аму ва Сайҳун, яъне Суғд ва ё ноҳияҳои ҳамҷавори он ба марзи Скит ва сиккаҳои Осиёи Миёна ва ноҳияҳои канорҳои дарё Арал (Хоразм) ва маҷрои суфлои рӯди Сайҳун ба Марв, Суғд ва Хоразм ва ғайра ишора кардаанд.

Дар таълифи шарқшиносоне чун Ҳинг, Грешевич, Тесмиз нуқтаи назаре, ки ба таври густарда дар мавриди «Готҳо» ишора шуда ин аст, ки «Готҳо» дар иттиҳодияи давлати Хоразм навишта шудаанд. Бахусус, Марғиён ва ё Ариё маҳалли офариниши «Готҳо» шинохта мешаванд.

Ҳинг ва В. Вебистрой бар асоси манобее, ки дигар Марғиёнро маҳалли таваллуди Зардушт медонанд ва Ҳинг муътақид аст,ки матни Авестоии баъдӣ, имкон дорад дар Сиистон тадвин шуда бошад.

Кристенсен низ менависад, ки ойини Зардушт ба василаи мубалиғоне, ки аз шарқ омада буданд, миёни Мод ва Порс мунташир шуд ва Ниберг менависад, Зардушт аз ҳаволии Сайҳун ва минтақаи канори Ҷайҳун муҳоҷират доштааст.

Бобоҷон Ғафоров бо таҳқиқоте, ки анҷом дод, муътақид аст, ки Зардушт дар минтақаи Осиёи Миёна ва ноҳияи ҳаммарзи он будааст ва далели ӯ низ ҳамон маҳдудаи ҷуғрофиёии худи «Авесто» ва маҷмӯи мамолики номбурдашуда дар он аст.

Дар ин қисмат дар садади он ҳастем, ин назарияи суннатиро мавриди баррасӣ қарор диҳем, ки оё ба лиҳози таҳлилӣ ва таърихӣ ин имкон вуҷуд доштааст, ки Зардушт дар байни мардуми Озорбойҷон

рушд кунад ва ба паёмбарӣ баргузида шавад ва бо иблоғи паём пас аз солҳои кӯшиши бенатиҷа ба Балх ва Хоразм муҳоҷират намояд? Дар посух бояд гуфт:

- Аз матолиби «Готҳо» бар меояд, ки Зардушт дар ашираи Гаштосп ба забони онон сухан мегуфт ва «Готҳо» забони мардуме аст, ки бо онҳо ва «Готҳо» сухан гуфта шудааст, агар Зардушт то синни 42 солагӣ дар Озорбойҷон ба сар бурда бошад, ба ҳеҷ ваҷҳ барои ӯ муяссар нахоҳад буд, ба равонӣ дар байни онҳо ба лаҳҷаи маҳалли мардуми Хоразм шеър бисарояд. Зардушт ҳаргиз қодир набуд дар байни роҳи Урумия ба Хоразм биомӯзад ва паёми худро, ки дар Озорбойҷон ба ӯ илҳом шуда буд, ба забони маҳаллии ғарб баргардонад. Ҳатто ба шеъри нағз суруди зебо бисарояд.

- Ба лиҳози ҷуғрофиёи байни Урумия то Хоразм чанд ҳазор километр фосила вуҷуд дорад ва маъқул нест, ки Зардушт ин фосилаи тӯлониро дар он замон бо пойи пиёда ва ё чорпо тай кунад, чаро ки паймудани ин масофат замони бисёр тӯлониро ниёзманд аст.

- Мадорики таърихии мусаллам гувоҳи он аст, ки ноҳияҳои ғарбии Эрон пеш аз ҳазораи аввали қабл аз мелод таҳти нуфузи тамаддуни Бобилӣ ва Ошурӣ қарор дошт ва давлатҳои Модӣ шадидан мутаассир аз тамаддун ва фарҳанги Ошур ва Бобил будааст. Агар Зардушт дар чунин муҳите парвариш ёфта буд, мусалламан мебоист дар «Готҳо» асаре аз фарҳанг ва тамаддуни шаҳрӣ ва мадании Бобилиро мушоҳида кунем.

- Зардушт дар «Авесто» аз кишварҳои ориёӣ ёд мекунад ва номи онҳоро ба ин шакл менависад: Эрон Воиҷ, Суғд Суғд, Муро Марв, Бохзӣ Бохтар, Нисоя Нишобур, Ҳарой Хирот, Войкерд Уру Тус ва Харгон Гургон, Хирҳувотӣ Рухаҷ, Ойтумант канори Ҳирманд, Раг Рей, Чахар Шоҳруд ва Ран Хор, Ҳиптҳинду чулгаи Ҳинд ва Данго.

Ба тавре ки медонем, ин 16 кишвар ҳама дар шарқи Эрон ҳастанд ва бинобар ин, дар «Авесто» ҳатто ному нишони як шаҳр ё кишваре воқеъ дар қалби Эрон наомада ва метавон гуфт, ки ин маврид беҳтарин далел ва гувоҳи дуруст аст. Бар ин ки Зардушт ҳеҷ гоҳ дар ғарби Эрон ва Озорбойҷон назиста, ки агар ҷузъ ин буд, имкон надошт аз зодгоҳи худ мутлақан ёде накунад ва номи кишвар ва ё шаҳреро набарад. Аз тарафи дигар, мо медонем, ки Зардушт дар замони Гуштосп зуҳур кард. Агар ин Гуштосп ҳамон Гуштоспи Ҳахоманишӣ буд ва Зардушт аз мардуми минтақаи Мод буд, ҳатман аз ӯ ёд мекард. Ин ҷо як суол ба миён меояд, ки чаро Зардушт ҳеҷ ишорае ба сарзамини Мод ва Ҳахоманишӣ накардааст? Ва ин ки, агар Гуштосп, Виштоспи Ҳахоманишӣ аст, чаро аз Оршом ва Орёрамнаҳ, ки пеш аз Виштосп будаанд, номе дар «Авесто» наомадааст?

- Дар «Готҳо» ва «Ясно» сухан аз мулукутавоиф аст ва ин нишон медиҳад, ки «Готҳо» ва «Ясно» дар замоне суруда шудааст, ки Эрон ваҳдат ва шоҳаншоҳӣ надоштааст ва Зардушт орзу мекунад, ки вазъе пеш ояд, ки ориёиён муттаҳид ва неруманд шаванд ва аз муҳоҷимони зишткирдор ва ғорати онҳо ҷилавгирӣ кунанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки иттиҳодияи Мод боиси ташкили шоҳаншоҳии Мод шуд ва бар мулукутавоифӣ поён дод ва ин шоҳаншоҳӣ тавонист бузургтарин давлати асрро, ки Ошур бошад, нобуд кунад. Пас, чаро Зардушт, ки дар замони Модҳо ва Ҳахоманишиён мезист, орзуи зуҳури подшоҳии бузург ва нерӯмандро мекард? Аз тарафи Виштосп подшоҳи Анзон буд ва дар ҷанубу ғарбии Эрон салтанат мекард ва ин дар ҳоле аст, ки ҳеҷ нишоне нест, ки Зардушт дар ноҳияҳои ҷанубу ғарбии Эрон ба сар бурда бошад.

Аз тарафи дигар, дар ҳукумати замони Виштосп пойтахти Мод, Ҳагматонӣ будааст ва агар Зардушт дар замони Виштосп мезист, чаро ному нишоне аз Ҳагматонӣ дар «Авесто» нест ва баръакс асаре ҳаст, ки нишон медиҳад ва таъйид мекунад, ки «Авесто» пеш аз Ҳагматонис суруда шудааст. Ин нишон ва асар дар Ведоти «Авесто», сухан аз анҷумани ройзанӣ (маҷлиси машваратии ба миён омада) ва нишон медиҳад, доноён ва баргузидагони оини Зардушт барои ахси тасмим дар корҳо боиси дар ин анҷуман ширкат кунанд ва он анҷуманро ба номи анҷумани Виёх ё анҷумани Виёхмон номидааст. Ҳиродот низ мутазаккир аст, ки Модҳо низ чунин маҷлисе доштаанд ва тасмимоти он анҷуман қобили иҷро ва дар ҳақиқат барномаи кори шоҳаншоҳии Мод будаанд.

Аз таҷзия ва таҳлили матолиби фавқ натиҷа мегирем, ки Зардушт мутааллиқ ба сарзамини Мод набуда, дар минтақае дар атрофи дарёчаи Арал дар байни ориёиҳое, ки аҷдоди муҳоҷирони ҳинду эронӣ будааанд, мезистааст. Номи Зардушт, яке аз далелҳои боризи вобастагии ӯ ба минтақаи Бохтар ё Боктрия аст. Зеро дар давронҳои бисёр қадим номи афрод ба зодгоҳ ва русум ва одоби маъмул вобастагии шадиде доштааст. Замони ӯ низ, нишонаи наздикии ӯ бо мардуми минтақа ва гӯяндагони ведҳост. Муҳоҷирати Зардушт ё фирори ӯ низ дар ҳамин минтақа сурат гирифтааст ва аз аширае ба ашираи дигар ва рустое ба рустои дигар рух додааст.

## АДАБИЁТ


1. Койбер Осмусен. Диёнати Зардуштӣ. Маҷмӯаи мақолоти Койбор Осмусен ва Мерибойс. Тарҷумаи Фаридуни Ваҳуман. Интишороти Бунёди фарҳанги Эрон, 1348.
2. Ибни Хурдодбеҳ. Масолик-ул-мамолик. Лиден мутабайи Берил, 1963.
3. Абуалӣ Мускуя Алрозӣ. Таҷоруб-ул-умум. Таҳқиқи Абулқосими Имомӣ. –Теҳрон: Суруш. 1366.
4. Ҳамзаи Исфаҳонӣ. Таърихи паёмбарон ва шоҳон. Тарҷумаи Ҷаъфари Шуор. Бунёди фарҳанги Эрон, 1346.
5. А.Т. Уместед. Таърихи шоҳаншоҳии Ҳахоманишӣ. Тарҷумаи Муҳаммади Муқаддам. Интишороти Иқбол. Теҳрон, 1372.
6. Мери Бойс. Таърихи Кеши Зардушт. Тарҷумаи Ҳумоюни Санъатизода. Тус. Теҳрон, 1374.

7. Абурайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия. Тарҷумаи Алиакбари Доносиришт. –Теҳрон: Амри Кабир. 1363.
8. Эмил Бенвенис. Дини эронӣ бар пояи матнҳои муҳими Юнонӣ. Тарҷумаи Баҳмани Саркоротӣ. –Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон. Теҳрон, 1354.
9. Ҷалили Дустхоҳ. Авесто. Дунёи китоб. 1387.
10. Ҷеймз Дормистер. Маҷмӯаи қонунҳои Зардушт ё Вандидоти Авесто. Тарҷумаи Мӯсо Ҷавон. –Теҳрон: Дунёи китоб. 1382.
11. Дақиқӣ. Девони Дақиқӣ. Гирдоварии Муҳаммади Дабирсиёқӣ. –Теҳрон: Интишороти саҳомии Китоби Эрон. 1347.
12. Ибни Қутаибаи Диниварӣ. Ал-маориф. –Бейруд: Ал-широт, 1970.
13. Муртазо Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. Амиркабир. Теҳрон, 1375.

## РОДИНА ЗАРАТУШТРЫ

Основателем зороастризма считается легендарный пророк Заратуштра. До реформы Заратуштры религия Ирана представляла собой воинственный обрядовый культ, имевший в то же время общие черты с ведическим культом Индии. Происхождение великого пророка Заратуштры до сих пор неизвестно. Так же неизвестно время его рождения и место. Мифами и легендами обросла также и его жизнь и деятельность. В данной статье автор на основе изучения огромного исторического материала приводит различные высказывания о месте рождения и жизни Заратуштры.

**Ключевые слова:** зороастризм, Заратуштра, родина Заратуштры, жизнь и деятельность, религия, культ.

## THE BIRTHPLACE OF ZOROASTER

The founder of Zoroastrianism is considered the legendary prophet Zoroaster. Before the reforms of Zoroaster religion of Iran was a warlike ritual cult, had at the same time common features with the Vedic cult of India. The origin of the great prophet Zarathustra is still unknown. Also unknown time of birth and place. Myths and legends also overgrown and his life and work. In this article, the author based on the study of great historical material leads various statements about the place of the birth and life of Zarathustra.

**Key words**: Zoroastrianism, Zoroaster, the birthplace of Zoroaster, life and work, religion, cult.

**Сведения об авторе:** ***Маъсума Имоми*** – соискатель Таджикского национального университета

# ИНЪИКОСИ АВЗОИ ИҶТИМОИИ ЭРОН ДАР ДАВРОНИ ҚОҶОРИЯ ЗИКРШУДА ДАР «РАВЗАТ-УС-САФО»-И НОСИРИИ РИЗОҚУЛИХОНИ ҲИДОЯТ

***Муҳаммадалии Меҳдизода***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи улуми пизишкии вилояти Илом, Эрон**

Яке аз мавзӯҳои муҳимми зикршуда дар «Равзат-ус-сафо»-и Носирӣ Ризоқулихони Ҳидоят баҳси авзои иҷтимоии даврони Қоҷория аст. Бо таваҷҷуҳ ба густурдагии ин мабҳас дар таърихҳои гуногуни даврони Қоҷория ин мақола сайъ бар он намуда, муҳимтарин масоили иҷтимоии он даврон баргирифта аз «Равзат-ус-сафо»-и Носирӣ ва манобеи дигари таърихии қабл ва баъд аз навиштани «равзат-ус-сафо»-и Носирӣ зикр намояд.

Ҷомеаи Эрон дар давраи Қоҷория бо таваҷҷуҳ ба тамаддун ва фарҳанги куҳансол ва дурахшони худ як ҷомеаи тақрибан ақибмонда буд, ки таассуботи миллӣ ва мазҳабии шадид бар рӯҳ ва фикри аксарият аз ин ҷомеа ҳукмфармоӣ дошт. Афроди ин ҷомеа сахт пойбанди одоб ва суннат ва расму ойини миллии мазҳабии худ ва бидуни тардид аз ҳар гуна нуфуз ва таъсири шеваи ҷадиди зиндагӣ ва тамаддуни Ғарб бар канор монда буданд.

Барои афроде, ки ба мутолиаи мавҷудиятҳои таърихӣ алоқа доранд, бо таваҷҷуҳ ба ин ки ҷомеаи эронӣ аз воситаҳои қарни X ҳ. бо Аврупо дар иртибот буд. Қабули ин амр, ки ҷомеа таҳти таъсир ва нуфузи тамаддуни ҷадиди Аврупо нарафта, то ҳудуде душвор аст, вале дар баррасии вазъияти иҷтимоии он даврон бояд ба нукоти зер таваҷҷуҳ дошт: аввалан, иртиботи Эрон бо Аврупо дар қарни X ва XI, яъне давраи салтанати Сафавиён дар Эрон танҳо як риштаи иртиботи муваққат ва қолибан ба сурати мубодилаи намояндагоне барои барқарор кардани муносиботи бозаргонӣ Буда, тӯдаи ҷомеаи эронӣ ба таври мустақим дар масири ин иртибот қарор надоштааст. Сонияи, сиёсати ҳукумати Сафавия ва Қоҷория ин буд, ки ҷомеаи эрониро аз тамоси мустақим бо бегонагон бавижа Аврупоиён дур нигоҳ дорад. Ҳукумати Қоҷория аз роҳи тарвиҷ ва тақвияти мазҳаб ба тазоҳури шадид ба диндорӣ, таасуби мазҳабӣ, ҷомеаи Эронро ба пояе расонид, ки эронӣ на танҳо аз муошират ва зиндагӣ бо Аврупоиён дурӣ меҷӯст, балки ҷомеаи мусалмони ҳамсояи худ, яъне императории Усмониро ба ин унвон, ки пайрави тариқаи аҳли суннат ҳастанд, душмани хеш мепиндошт. Ҷомеаи Қоҷория дар марҳилаи аввал сарфи назар аз табақабандии ҳирфаӣ ду табақаи мушаххас буд ва он ду табақа иборат буданд -ҳоким ва маҳкум, ки табақаи ҳоким худ ду қишри муҳимро ташкил медод:

**1. Давлат.** Давлат бо тамоми созмонҳо ва иқтидори худ дар вуҷуди шахси шоҳ хулоса мешуд. Тамоми афрод ва унсурҳои ташкилдиҳандаи ҳукумат аз фароши ҳукуматӣ гирифта, то садри аъзами мамлакат ҳамагӣ навкарони шоҳ хонда мешуданд.

**2. Рӯҳоният.** Рӯҳоният, ки аз замонҳои пеш бар рӯҳ ва қалби мардум ҳукумат дошт. Афрод ва унсурҳои рӯҳонӣ аз масъалагӯ ва минбарӣ то муллоҳои деҳкада ва муштаҳидини тарози аввал бо як

риштаи бисёр маҳкам ва устувор ба ҳам пайваста ва бо тамоми нуфуз ва қудрати маънавӣ барои ҳифзи эътибор ва манфиатҳои табақаи худ дар роҳи ҳадафи муштарак мукӯшиданд. Байни ду гурӯҳ табақаи ҳоким, яъне давлат ва рӯҳоният бар сари қудратталабӣ ва нуфуз дар миёни мардум, яъне ҳамон табақаи маҳкум як мубориза пинҳонӣ ва мудовим, вале ором ва бидуни тазоҳур вуҷуд дошт. Вале дар ин мубориза ҳамеша пирӯзӣ бо рӯҳоният будааст.

Аз далелҳои муҳимми пирӯзии рӯҳоният ба гурӯҳи давлат метавон ба мавридҳои зиёде ишора намуд. Аз ҷумла, ин ки афроди табақаи рӯҳонияти ба ҳам фишурда ва ба ҳам пайваста ва дорои манфиатҳо ва ҳадафҳои муштарак буданд. Нуфузи ин табақа решаҳои амиқи ҳазорсола дар рӯҳ ва қалби мардум дошт ва мардум бавижа мардуми одӣ ба собиқаи таассубӣ мазҳабӣ ва ақидаҳои ҷиддии худро пайрави аҳком ва дастурҳо ва ба таври куллӣ хостаҳо ва тамоюлоти табақаи рӯҳонӣ медонистанд. Афрод ва ташкилдиҳандаи табақаи давлат бар хилофи табақаи рӯҳоният ҳеҷ гуна пайвастагии маънавӣ бо якдигар надоштанд ва ҳамагӣ аз маъмурини олирутба то кормандони одӣ дар дохили созмони табақаи худ барои ба даст овардани суди моддӣ, мақом, мансаб ва наздикӣ ба дарбор ва шоҳ бо якдигар ба таври мудовим дар ҳоли мубориза буданд ва ҳаргиз натавонистанд нерӯи мутамарказ барои мубориза бо нерӯи шигирфи рӯҳониён ба вуҷуд биоваранд.

Ғайр аз ду табақаи мазкур, яъне давлат ва рӯҳоният бақияи афроди ҷомеаи Эронро бояд табақаи маҳкум хонд. Зеро ба ҳар тақдир муборизаи табақоти ҳоким барои таҳкими асоси фармонравоии худ бар табақаи маҳкум буд ва дар ин мубориза давлат ба сарнайза ва нерӯи мусаллаҳи худ муттакӣ буд ва табақаи рӯҳонӣ, ки дар миёни мардум зиндагӣ мекард ва афроди он аз худи мардум буданд, бо силоҳи такфир ва нерӯи нуфузии маънавии хеш мутавассил ва дар ҳарду сурат ҳар гуна латма ва зиёне, ки аз он мубориза ношӣ мешуд, мустақиман мутаваҷҷеҳи афроди табақаи маҳкум мегардид.

Бо таваҷҷуҳ ба нуфузи комили ақидаҳои мазҳабӣ дар зеҳни аксарияти мардум ва низ бо таваҷҷуҳ ба ин нукта, ки суннатҳо ва одоб ва русуми миллии эронӣ ва ҳатто идҳо ва ҷашнҳои хоси Эрон аз қабили иди Наврӯз ва амсоли он ҷузъе аз шиорҳои мазҳабӣ маҳсуб мешуд. Бояд ҷомеаи асри Қоҷорро як ҷомеаи мазҳабӣ хонд. Усули зиндагии хонаводаи эронӣ бар пояи муътақидоти мазҳабӣ гузошта шуда ва доду ситод ва муомилот, уқуд ва дар кул муносибот ва робитаҳои байни афрод тобеи аҳкоми динӣ буд ва ҳаллу фасли даъвоҳои ҳуқуқӣ ва расидагӣ ба бисёре аз масоили иҷтимоӣ дар ҳитаи ихтиёрот ва иқтидори табақаи рӯҳонӣ буд. Дар ҷомеа қудрати ҳокимаи ҳақиқӣ дар асти табақае қарор мегирад, ки битавонад мушкилоти мардумро ҳал кунад ва дар ҳақиқат паноҳгоҳе барои аксарияти мардум бошад. Нуктаи муҳим дар робита бо масоили иҷтимоӣ дар даврони Қоҷория ва аҳамияти вуҷуди табақаи рӯҳониятро метавон аз вуҷуди режими истибдоди мутлақи шахсӣ ё мазҳарҳо ва ҷилваҳои зишт ва нописанде ки дошт, худ муайиди нуфузи маънавии табақаи рӯҳоният ва аз далелҳои асосии тақвияти ин табақа ва боиси безории мардум аз дастгоҳи давлат ва таваҷҷуҳи бештари онон ба дастгоҳи ҳокимаи рӯҳонӣ буд.

Таъсири ин омили муҳим дар рӯҳоният ба пояе расид, ки гузашта аз мардуми ом вазирон ва мардони бузурги кишвар низ барои масум мондан аз газанди режими ҳукумат, ки худ низ аз омилҳои он будаанд, сарсупурдагӣ ба як муштаҳид ва рӯҳонии бонуфузро интихоб мекарданд ва ба ҳамин наҳв ҷинояткорони одӣ низ барои фирор аз муҷозот дар хонаи муштаҳидин менишастанд. Дар натиҷа, нерӯи табақаи рӯҳонӣ танҳо нерӯи муқовим дар баробари режими мамлакат буд.

Яке аз муҳимтарин мавзуъҳои зикргардида дар хусуси масоили иҷтимоӣ дар «Равзат-ус-сафо»-и Носирӣ ва дигар манобеи таърихии ҳамзамони бо вай зикр кардани эътиқодоти умумии ҷомеаи даврони Қоҷория аст, ки бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти баҳс нуқоти муҳимро дар ин навиштор баён мекунем.

Тибқи баррасиҳо ва таҳқиқот аксарияти ҷомеаи Эрон, яъне наздик ба 97% мардум дар он замон бесавод буданд. Ба ғайр аз касоне ки бо улуми ҷадид ошноӣ доштанд ва ё афроде, ки бо тамаддуни Ғарб ошно буданд, бақияи босаводон низ дар ҳудуди хондан ва навиштан ва ҳисоб кардани ҷузъӣ балад буданд ва аз ҳамон оғози вуруд ба мактаб ба фаро гирифтани «Қуръон» ва шаръиё мепардохтанд ва ба таври куллӣ ҳеҷ гуна василаи парвариш ва рушди фикрӣ барои аксарияти ҷомеа вуҷуд надошт ва дар натиҷа метавон дар ин замон се эътиқоди муҳимми мардуми одии ҷомеаи он давронро бо таваҷҷуҳ ба маҳдудиятҳо зикр намуд. Аввал, эътиқоди динӣ, ки асоси ин эътиқодот бар тақво, парҳезгорӣ ва фирор аз корҳои ҳаром, ки ба таври куллӣ заминаи мусоид ва муфиде барои парвариши фазилатҳои ахлоқии ҷомеа буд. Дувум, як даста аз муътақидоти хурофотӣ ё ба ибораи дигар хурофот ва увҳом, ки мутаассифона, ранги мазҳаб ба худ гирифта ва дар миёни мардум ба шиддат русух ёфта буд ва агар касе бо ин гуна увҳом ва ақидаҳои хурофотӣ мухолифат мекард, мавриди лаънат ва нафрин ва такфир қарор мегирифт.

Монанди дуо навиштан рӯйи тухми мурғ овехтани тилисм ояи «Қуръон» бар гардани афрод ва ғайра. Севум, хурофот ва увҳоми хоси ҷомеаҳои ақибафтодаи ҷоҳил, ки дар миёни аксари ҷомеаҳои башарӣ ба анво ва ашколи мухталиф русух дошта, дар ҷомеаи эронӣ ба сурати эътиқод ба ҷин ва парӣ, ҷоду, ҷилваҳо ва мазҳарҳои гуногун роиҷ будааст. Монанди эътиқод ба ин ки гурбаи сиёҳранг ҷин аст, рӯзҳои шанбе ва чоршанбе ва аёдати мариз наравед, ҳангоми шаб нохуни по ва дастро набояд кӯтоҳ кард ва ғайра. Аз ин қабил эътиқодоти хурофотӣ миёни аксарияти мардуми он даврон ривоҷ дошт.

Яке дигар аз гурӯҳҳои иҷтимоии даврони Қоҷория ва робитаҳои байни онҳо ва дигар ақшори ҷомеа, ки дар «Равзат-ус-сафо»-и Носирии Риоқулихони Ҳидоят ба таври вижа ба он пардохта шудааст, гурӯҳи асноф ва шуғлҳои мутафовити ҷомеаи он даврон мебошад, ки бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти баҳс хулосае аз вазъияти ин гурӯҳ дар ин мақола баён медорад. Табақае, ки мо онро дар баробари табақоти ҳоким бар ҷомеаи табақаи маҳкум хондем ва аксарияти ҷомеаи эрониро шомил буд.

Дар дохили худ аз гурӯҳҳо ва аснофи муайян ташкил ва ҳар гурӯҳ аз синф бар ҳазфи шуғл ва ҳирфаи худ мушаххас гардида буд, ки бо таваҷҷуҳ ба синфбандӣ ҷомеаи он вақтро метавон ба ду гурӯҳ тақсим намуд: Гурӯҳи аввал, деҳнишинон бо ҳисоб кардани ҷамъияти илод ва ашоир дар ҳудуди 70% ҷамъияти кишварро ташкил медоданд ва дар шароит ва вазъи хосе ношӣ аз режими золимонаи арбобраиятӣ, яъне дар шароити нимабардагӣ зиндагӣ мекарданд ва ҳамаи онҳо ба кори кишоварзӣ барои арбоб ва домдорӣ буданд ва ҳеҷ гуна ихтиёре дар иртибот бо фаъолиятҳои иҷтимоӣ надоштанд ва фақат кор мекарданд, то ин ки шиками худ ва зану бачаҳояшонро сер кунанд. Дувум, ҷамъияти шаҳрнишинӣ, ки бақияи ҷамъияти ҷомеаи он вақтро ташкил медод, яъне 30% ки онҳо машғили гуногунеро ташкил медоданд, аз ҷумлаи шуғлҳои муҳимми он даврон бозаргонон, нонвоён, қассобҳо, баққол, атор, наҷҷор, ҳалабисоз, оҳангар, даббоғ ва меъмор, рангрез, қаннод ва ғайра. Аз байни синфҳо синфи бозаргон мақоми аввалро дошт ва мавриди такрим ва эҳтиром ва эътиқоди умумӣ буд ва ин синф бо таваҷҷуҳ ба сарвате, ки дошт, дар хеле аз робитаҳои иҷтимоӣ ва иттифоқоти ҷомеа бо ҳамоҳангӣ бо рӯҳоният хеле аз умуротеро ба натиҷа мерасонд.

Шароити зиндагии шаҳрӣ дорои ҷиҳатҳои муштарак буд. Масалан, раиси ҳар хонавода ба нисбати вазъияти молии худ хонаи шахсӣ дошт ва худ ва зану бачаҳояш дар он зиндагӣ мекарданд. Бачаҳо аз 7- солагӣ вориди кори падар мешуданд ва дар сини булуғ падарон саъй мекарданд, издивоҷҳои бачаҳои онҳо аз ҳамсинфони худашон бошад, ҳаёт барои фарзанди худ аз фарзандони ҳаёт зан мегирифт ва ё тамоми шуғлҳо аз ҳамшуғлҳои худ касонеро вориди зиндагнии худ мекарданд.

Табақаи муҳимми дигар аз табақоти иҷтимоӣ ки бар робитаҳои иҷтимоии он даврон нақши босазое дошт, табақаи моликони бузурги замин буд, ки аглаб дар шаҳр зиндагӣ мекарданд. Ин гурӯҳ ҳам қудрати молӣ доштанд ва ҳам султаи фармонравоӣ бар мардуми сокинини амлоки худ ва бад-ин тартиб, бо ҳадяҳо ва тӯҳфаҳо ба шоҳ ва садри аъзам ва дарбориён дар умури сиёсӣ ва идорӣ низ нуфуз ёфта буданд ва аз нерӯҳои интизомии кишвар барои ҳифзи сарват аз султаи иҷтимоии хеш истифода мекарданд. Дар ин табақа низ одоб ва маросими ақд ва издивоҷ ва рафту омаду муошират монанди гурӯҳҳои дигар маҳдуд ва махсус ба афроди ҳамин табақа буд.

Натиҷагирӣ. Аз он ҷи ки дар бораи инъикоси авзои иҷтимоӣ ва табақабандии ҷомеаи эронӣ дар «Равзат-ус-сафо»-и Носирии Ризоқулихони Ҳидоят бардошт шуд, натиҷаҳои зер фаҳмида мешавад:

1. Гурӯҳҳои иҷтимоӣ тайи қарнҳои мутамадин шакли хос ба худ гирифта ва то ҳадде ба сурати табақоти дарбаста даромада буданд ва омезиши байни гурӯҳҳои гуногун ҷуз дар мавриди гурӯҳҳои наздик ба ҳам вуҷуд надошт.

2. Шева ва равиши зиндагии қисмате аз эътиқодоти умумии гурӯҳҳои иҷтимоӣ бо якдигар мутафовит ва асли бартарӣ бар таркиби куллияи ҷомеа ҳукмфармо буд.

3. Чун шуғл, пеша, фан ва санъат дар хонаводаҳо ирсӣ буд, ҳеҷ гуна василае барои парвариши завқ ва истеъдоди фитрии атфол ва ҷавонон вуҷуд надошт.

4. Эҷоди ихтилоф байни мардум ва дур нигаҳ доштани мардум аз якдигар, аз ҷумлаи иқдомоти муҳимми давлат ва рӯҳоният дар он замон буд.

## АДАБИЁТ


1. Ризоқулихони Ҳидоят. Равзат-ус-сафои Носирӣ. / Ризоқулихони Ҳидоят. –Теҳрон: Амири Кабир, 1950.
2. Алиасғари Шамим. Эрон дар давраи салтанати Қоҷор. / Алиасғари Шамим. –Теҳрон: Беҳзод, 1967.
3. Сприс Сокер. Таърихи Эрон. / Сприс Сокер (Serpes Saiker). –Теҳрон: Амири Кабир, 1950. -Ҷ.2.
4. Алиакбари Бино. Таърихи сиёсии Эрон. / Алиакбари Бино. –Теҳрон: Интишороти Донишгоҳ, 1952. -Ҷ.1.
5. Ҷаҳонгири Мирзо. Таърихи нав. / Ҷаҳонгири Мирзо. –Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1967.


## ОТРАЖЕНИЕ СОЦИАЛЬНОГО ПОЛОЖЕНИЯ ИРАНА В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯ КАДЖАРОВ В «РАВЗАТ-УС-САФО»НОСИРА РИЗОКУЛИХОНА ХИДОЯТА


Одной из важнейших тем, которая рассматривается в произведении «Равзат-ус-сафо» Носира Ризокулихона Хидоята, социальное положение в период правления Каджаров Период правления Каджар был ознаменован важными реформами и значительными изменениями в государственном устройстве. Поначалу Каджарам удалось стабилизировать Иран после потрясений XVIII века, но в целом эпоха Каджаров была для Ирана временем упадка, военных поражений, полного государственного бессилия и превращения страны в полуколонию европейских держав. подчинилась влиянию персидской культуры и приняла персидский язык, персидские нравы и обычаи. Каджары были свергнуты в 1925 году.



**Ключевые слова:** Каджарская династия, общество, каста, группы, правители, государство, искусствоведы.


## OTRAZHENIE SOCIAL SITUATION OF IRAN DURING THE REIGN OF THE QAJARS IN "RAUZAT-US-SAPPHO"NOSIR OF RESOLULION OF HIDAYAT


One of the most important topics that is discussed in the work of Rauzat-us-Sappho" Nosir of Resolulion of Hidayat, the social situation in the period of the reign of the qajars during the reign of Qajar was marked by important reforms and significant changes in the state structure. Initially, the Qajars

were able to stabilize Iran after the upheavals of the eighteenth century, but in General the age of the qajars to Iran has been a time of decline, military defeats, the full state of powerlessness and transform the country into a semi European powers. was under the influence of Persian culture and adopted the Persian language, Persian manners and customs[4]. The qajars were overthrown in 1925.
**Key words:** the Qajar dynasty, society, caste, group, rulers, government, art.

**Сведения об авторе:** ***Мухаммадали Мехдизода*** – соискатель Таджикского национального университета, член –научно-преподавательского состава Медицинского университета города Илам, Иран

# ҲУЗУРИ ҒУЛОМОНИ ЭРОНӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА

***Фарзона Ховаринасаб***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ихтилофи мазҳабӣ ва таассуботи динӣ аслитарин баҳонаи хонигариҳои Осиёи Миёна барои ҳамла ба Эрон ва ба асорат даровардани раияти эронӣ буд, аммо ин амр бештар ба унвони абзоре барои машрӯият бахшидан ба амали бардадорӣ буд ва илали муҳимми дигаре дар густариши тиҷорати барда муассир буд, ки аз ҷумлаи ин илал камбуди нерӯи инсонӣ буд. Осиёи Миёна дар авохири садаи XI ва авоили садаи XXI шамсӣ ба далели шароити сиёсӣ ва низоми ҳоким бар минтақа гирифтори тангноҳои шадиде шуд.

Ба дунболи ҳамин ҳаводис Самарқанд ба муддати ҳафт сол тақрибан холӣ аз сакана ва ҷамъияти Бухоро маҳдуд ба ду маҳалла шуда буд[1]. Камбуди нерӯҳои инсонӣ дар шаҳрҳои Осиёи Миёна сабаб шуд, қимати бардаҳои эронӣ дар он ҷо бисёр боло бошад, ба тавре ки дар Хева қимати ҳар асири эронии мард бо таваҷҷуҳ ба ҷуссаи онҳо аз сӣ то панҷоҳ тумон буд ва хариду фурӯши он ба ваҷҳи нақд сурат мегирифт ва онҳоро бо ҷинс муовиза намекарданд.

Иллати арзиши болои асирони мард ин буд, ки дар Хева нерӯи инсонии кофӣ, ки тавони корӣ дар заминҳои зироатиро дошта бошанд, бисёр кам буд[2]. Ҳамчунин нерӯи кофӣ барои хадамоти низомӣ ва идорӣ низ дар ихтиёри амирони Осиёи Миёна набуд ва ин равия то авохири қарни XII идома дошт. Ин масъала далели равшане бар иллати искони сокинони Марв дар Бухоро тавассути умарои Бухоро ва бакоргирии бардагони эронӣ дар воҳидҳои низомӣ, идорӣ, дарборӣ ва ғайра аст[3].

Дар чунин шароите ҷон ва номуси эрониён ба далели нобасомонии дохили Эрон, бахусус дар марзҳои шимолу шарқ ва шарқ башиддат дар маърази таарруз қарор дошт. Ин ноамнӣ ба ҳадде буд, ки ақвоми Осиёи Миёна ба роҳатӣ ва бидуни музоҳимат ва мувоҷеҳ бо ҳеҷ қудрати дифоӣ дар марзҳои Эрон киллометрҳо пешравӣ мекарданд ва ҳатто то шаҳрӣ Машҳад ҳам мерасиданд ва ба қатлу ғорат ва асир намудани раияти Эрон мепардохтанд. Аз ҷумла ақвоме, ки бештарин саҳмро дар ин тиҷорат бар уҳда доштанд, туркманон буданд. Эшон, ки инак, муҷоввизи шаръӣ барои тиҷорати ҳамнавъони шиаи худ ва низ тақозои кофӣ барои харид доштанд, тиҷорати бардаро, ки аз ҳамон қуруни аввали исломӣ муҳимтарин омили иқтисодӣ дар Мовароуннаҳр ва Осиёи Марказӣ ба шумор мерафт, равнақ бахшиданд. Онҳо дар ҷангҳое, ки бо эрониён доштанд, ё бо шабехун задану ҳамла ба марзҳои Эрон, колоҳои мавриди ниёзи худро таъмин мекарданд, ба гунае ки дар асноду китобҳои таърихӣ дар канори аҷносе ҳамчун порчаҳои чити пахтаӣ ба раъияти эронӣ низ ба унвони колоҳои тиҷорӣ ишора шудааст[4].

Қудрат ва ҷасорати ин туркманони муҳоҷим ба ҳадде буд, ки гоҳ теъдоди асироне, ки аз марзҳои Эрон хориҷ мекарданд, аз теъдоди муҳоҷимин бештар буд[5]. Туркманон ба роҳатӣ вориди бандарҳои шимоли Эрон мешуданд ва баъд аз тахлияи борҳои худ колоҳои мавриди ниёзшонро таҳия мекарданд ва бидуни ҳеҷ бархӯрди ҷиддӣ аз сӯйи марздорони эронӣ теъдоде аз раоёро ҳам барои фурӯш дар бозори бардафурӯшӣ асир мекарданд[6].

Ин тиҷорати густурда илова бар ҷасорати туркманҳо ношӣ аз тарси беш аз ҳадди эрониён аз шабехунҳои туркманон буд, ба тавре ки номи он барои фирори сарбозони урдуҳои эронӣ кофӣ буд. Дар бархе аз мавориди танҳо ҳазор нафар аз туркманҳо ба урдуҳои Эрон юриш меоварданд ва ба як бор ва панҷсад нафар сарбозро, ки барои ҳифозат аз ҷону номуси мардум маъмур шуда буданд, ба асорат мебурданд[7].

Гоҳе иттифоқ меафтод, ки туркманҳо дар як шабехун тамоми сокинони як русторо ба асорат бурданд. Масалан, сарбозони Аллоҳқулихон - ҳокими Хева дар ду сол паёпай тамоми сокинони рустоҳои Рованд, Симурғоб ва Амғонро ба асорат бурданд[8].

Дар давраи ҳукумати Нодир саъй шуд, то бо канор гузоштани ихтилофоти мазҳабӣ ва бо истифода аз қудрати низомии Эрон ба ин чараён хотима дода шавад, ба ҳамин манзур, дар соли 1155 қ/ 1754 Нодиршоҳ барои мулоқоти мақомоти машҳури шиа ва суннӣ дар Наҷаф шӯрое ташкил дод, ки муаррихони ҳамзамони ӯ, аз ҷумла Муҳаммадамин, нависанда Мазорулаҳвол ва Муллоҷамоқулии Аргатӣ дар «Таърихи кумлӣ» дар як қарн баъд навиштаанд. Дар ин гирдиҳамоӣ ба ҷуз масъалаи мусолиҳа байни шиаҳо ва аҳли тасаннун мавзӯи дастгирии васеи чодарнишинони Хуросон ва фурӯши онон ҷиҳати бардагӣ дар бозорҳои Мовароуннаҳр матраҳ шудааст[9].

Аммо иқдомоти Нодир низ муассир воқеъ нашуд ва бо марги вай дар соли 1155 қ. афзоиши ноамнӣ ва нобасомонӣ дар марзҳои Эрон,[10] ҷангҳои дохилӣ миёни муддаиёни қудрат ва ҳамчунин набуди як ҳукумати марказӣ шароити вахимтар аз гузашта шуд. Дар ин замон туркманон, ки тарафдори Муҳаммадҳасанхони Қоҷор, яке аз муддаиёни сарсахти қудрат буданд, бо истифода аз шароити мавҷуд ба роҳатӣ вориди шаҳрҳо ва рустоҳои Эрон мешуданд ва мардуми одӣ ва гоҳ асироне, ки дар ҷанг бо хони Қоҷор ба асорат даромада буданд, барои фурӯш ба Осиёи Марказӣ мебурданд. Дар яке аз набардҳо, ки миёни Муҳаммадҳасанхон ба қадри дувоздаҳ ҳазор нафар аз қушуни Каримхон аз тоифаҳои мухталиф дар ҷангали бекаронаи Мозандарон асири туркмани Куклон ва Ямут гардиданд, ки эшонро даст баста ба ҷониби қубатулислом - Бухорову Самарқанд ва Урганҷу Хуҷанд ва соири билоду шаҳрҳои Туркистон бурданд ва ҳамаро бандавор фурӯхтанд[11].

Қоиммақом Фароҳонӣ ҳам дар «Муншаот»-и худ ба нақши густурдаи туркманон дар тиҷорати асирони эронӣ дар Осиёи Миёна ишора мекунад. Вай дар ин бора мегӯяд: танҳо дар як сол дувоздаҳ ҳазор асир аз Хуросон ба Бухоро ва Хоразм барда шудааст, ки ағлаби онҳоро туркманон ба асорат бурдаанд[12].

Раванди ба асорат даровардани эрониён то авохири қарни нуздаҳум идома ёфт. Ҳукумати Эрон, барои ин ки ба иғтишошоти туркманҳо поён диҳад ва онҳоро тобеи ҳукумати марказӣ созад, борҳо зидди эшон лашкаркашӣ кард, ки ағлаб номуваффақ буданд. Саранҷом, дар соли 1881 ба умеди поён додан ба ноамниҳои марзӣ қарордоди марзии Охол миёни Эрон ва Русия инъиқод ёфт, ки тибқи он туркманҳои Атрак ва Гургон раияти расмии Эрон ба шумор меомаданд. Ин қарордод низ натавонист туркманҳоро таҳти султа қарор диҳад ва онҳо ҳамчунон аз ин ба худ меболиданд, ки ҳеҷ эронӣ аз марзи қаламрави онҳо намегузарад, магар ин ки ресмоне ба гардан дошта бошад[13].

Эрониёни муқим дар Осиёи Марказӣ танҳо шомили бардагон ва асироне, ки ба дасти туркманон гирифтор шуда буданд, намешуд, балки бисёре аз эрониён ва ҳатто худи туркманҳои Ямут ва Куклон, ки раияти Эрон ба шумор меомаданд, замоне ки зидди ҳукумати марказӣ иқдом менамуданд, аз Хева ва Урганҷ ба унвони паноҳгоҳ ва маъмане барои худ истифода мекарданд. Аз ҷумла дар соли 1836, ки Муҳаммадшоҳ қасди саркӯбии туркманони ёғии Ямут ва Куклонро намуд, эшон, ки тавони муқовимат дар худ намедиданд, ба тарафи Хева ва Урганҷ ақибнишинӣ карданд[14]. Ин эрониён, ки аз ҳар гурӯҳ ва синфе ба Осиёи Миёна роҳ ёфтанд, хеле зуд бавуҷудоварандаи таҳаввулоти муҳимме дар минтақа шуданд.

**Қудратёбии эрониён дар Осиёи Миёна.** Эрониёне, ки ба иҷбор ё дар кисвати тоҷир ва пешавар ё паноҳанда дар Осиёи Миёна сокин шуданд, хеле зуд ба эҳёи тавони иқтисодӣ ва сохтори сиёсӣ дар он ҷо пардохтанд. Эрониён, ки дар тӯли таърих, бавижа дар силсилаҳое, монанди Ғазнавиён, Салҷуқиён, Чингизиён ва Темуриён ҳамвора тавониста буданд бо ҳушу иродати худ дар умури девонсолорӣ ва низомӣ ҳокимони худро мағлуб намоянд, дар ин замон низ тавонистанд арбобони худро водор намоянд, то аз вуҷуди онҳо дар муносибати калидӣ ва муҳим истифода кунанд. Онҳо чӣ дар ғолиби барда ва чӣ бо унвони асир хеле зуд тавонистанд бори дигар ғалабаи фарҳангӣ ва тавонмандии сиёсию идории худро ба ҳокимони Осиёи Марказӣ исбот кунанд ва шуғлҳои калидӣ ва муҳимро ба худ ихтисос диҳанд.

Ба ҳамин далел аст, ки дар давраи мавриди назари шоҳиди ҳузури муассир теъдоди зиёде аз эрониён дар дарбори хонҳои Осиёи Миёна ва дар самтҳои муҳимми идорӣ ва низомӣ ҳастем. Аз ҷумлаи касоне, ки тавонистанд ба мақомот даст ёбанд, метавон ба Ҳоҷиамир Бобохон, Алӣ Султон, Ҳусайнхон ҳокими Қарокӯл, Мирзо Назар, Абдусамад ва Нурмуҳаммадбой ишора кард, ки дар давраҳои мухталиф ҳар як соҳиби мансаби муҳимме дар дарборҳои Хева ва Бухоро буданд. Гуфта шуд, ки дар давраи ҷангҳои дохилии Эрон бар сари ҷонишинии Нодиршоҳ миёни Каримхони Занд ва Муҳаммадҳасанхони Қоҷор набардҳои мутааддиде дар гирифт. Тайи яке аз ин набардҳо, ки дар шаҳрҳои Астаробод ва Мозандарон рӯй дод, теъдоди зиёде аз сипоҳиёни Хони Занд ба асорати туркманон даромаданд. Яке аз ин асирон фарде ба номи Ҳоҷӣ Амирбобохон буд, ки хеле зуд тавонист уҳдадори самтҳои муҳимме дар дарбори хонҳо ва бонии биноҳо ва осори мутааддиде дар Осиёи Миёна шавад. Рустамулҳукамо дар ин бора менависад:

Яке аз он асирони мазкур Ҳоҷӣ Амирбобохон девонбегии Бухорову Самарқанду Хеваву Хуҷанд мебошад, ки дар понздаҳсолагӣ ӯро ба асорат бурданд ва ба авни Аллоҳ таоло, ки дар Урганҷи хушу Хуҷанди дилкашу Бухорои шариф ва Самарқанди латиф дар асри IV подшоҳи волоҷоҳ гардуни боргоҳи Фаридуни дастгоҳ, яъне Муҳаммадраҳимхони урганҷӣ ва Абулфайзи подшоҳ ва султон Дониёл ва Шоҳмурод муддати чиҳил сол бар маснади ҳукмронӣ барқарор ва ба ҳусни сулук бар аҳли шаҳри Бухоро ва дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр девонбегӣ ва соҳибихтиёр ва захираи нақдаш ба қадри даҳ курур сим ва зари аҳмар ва захираи ҷинсаш аз ҳадду марз афзунтар шуд ва чаҳорбоғи Бухоро, ки дар хубию марғубӣ ва хушӣ ва наҳрҳову дарахтҳову имороти олия ва оростагию перостагӣ рашки одами зотуальмод мебошад, аз биноҳои он фирдавсмакон аст[15]. Алисултони Тӯпчӣ аз ҷумлаи касоне буд, ки дар замони Туғёнсолор - писари Осифуддавла дар хидмаи ӯ буд ва пас аз шикаст вай ба Хевак гурехт ва дар тӯпхонаи Муҳаммадаминхон тӯпчӣ шуд[16].

Ҳусайнхон, ҳокими Қарокӯл, яке аз мансабҳои бисёр бузургро бар ухда дошт. Вай дар шонздаҳсолагӣ ба василаи туркманҳо асир шуд ва бо нишон додани тавоноиҳои худ ба унвони ҳокими Қарокӯл интихоб шуд, ки даромади солиёнаи он сӣ ҳазор сиккаи тилло будааст.

Абдусамади Номӣ, ки аз Эрон ба иллати доғи дарюзагӣ гурехта буд ва муддате дар Афғонистону Ҳинд зиндагӣ карда, фанни низомигарии аврупоиро омӯхта буд, ба Бухоро рафт. Ӯ тавонист дар дарбори амир Насруллоҳ ҳокими Бухоро, тӯпхонае муташаккил аз ҳазор сарбози эронӣ ташкил диҳад ва онҳоро ба шеваи аврупоӣ созмондиҳӣ кунад ва хеле зуд ба фармондеҳии сипоҳи Бухоро мансуб ва ба унвони ноиб мушарраф шавад[17]. Мирзо Назар аз мардуми Совачбулоғи Мукрӣ вазифаи мирзоии Илаҳқулихон ҳокими Хеваро бар ӯҳда дошт[18]. Нурмуҳаммадбой дар тӯли ишғол кӯтоҳмуддати Хуҷанд тавассути нерӯҳои Бухоро аз сӯйи амир Насрулло ба унвони фармондори шаҳри Туркистон дар ҷануби Қазоқистони имрӯза мансуб шуд[19].

Ҳузури эрониён дар Осиёи Миёна танҳо ба асирон маҳдуд намешуд, балки иддаи зиёде аз туҷҷор ва бозаргонон барои кори тиҷорат ва иддае аз сокинони шаҳрҳои шарқӣ ва шимоли Эрон ба хости худ ва барои касбу кор ва ба даст овардани замин ба ин сарзамин муҳоҷират мекарданд. Ба гунае ки дар даҳаҳои поёни қарни XIX бисёре аз кишоварзон ва домдорони фақири эронӣ барои ёфтани замин ва шуғл ба Осиёи Марказӣ муҳоҷират карданд ва ором-ором ба пуршумортарин эрониёни муҳоҷир табдил шуданд ва рӯз ба рӯз дар ҳоли густариш буданд. Дар ин миён бозаргонони эронӣ нақши муҳимме дар моварои Хазар ифо мекарданд. Аз поёни солҳои ҳаштоди садаи XIX дар ҳама шаҳрҳои моварои Хазар тамоми дӯконҳои бузург, ки ба хариду фурӯши баққолӣ мепардохтанд, дар дасти бозаргонон ва касабаи муҳоҷири эронӣ буд[20]. Гурӯҳи дигаре аз эрониёни муҳоҷир касоне буданд, ки дар минтақа бо ном кул шуҳрат доштанд. Ин идда бардаҳои эронии озодшудае буданд, ки дар хоннишини Хева зиндагӣ мекарданд. Дар охирҳои садаи XIX дар шаҳри Хева ва атрофи он ҳудуди се ҳазору панҷсад нафари кул сокин буд, ки нуҳ дар сади кул аҳолии хоннишини Хеваро ташкил медоданд.

Дар маҳдудаи Амударё шумори ин эрониён ба ҳазору дувист нафар ва дар воҳаи Хоразм рӯйиҳам ба беш аз панҷ ҳазору сесад нафар болиғ буд, ки ҳудуди ҳафт дарсади ҷамъияти ин воҳаро шомил мешуд. Ин ҷамоати эронӣ бештар ба кишоварзӣ ва пешаварӣ машғул буданд[21].

Раванди ҳузури эрониён дар Осиёи Миёна ҳамчунон дар нимаи дувуми қарни XIX рӯ ба густариш буд, ба гунае ки дар соли 1883 теъдоди ин муҳоҷирон дар вилояти моварои Хазар 5711 нафар буд. Дар соли 1884 ин ҷамъият ба 5148 нафар, дар соли 1885 м. ба 9411, дар соли 1887 қ. ба 1999 нафар ва дар соли 1888 ба 1121 нафар ва дар соли 1891 ба 4111 нафар афзоиш ёфт, ки 11 дарсади кулли ҷамъияти ғайрбумиро ташкил медод[22]. Густариши ҳузури эрониён сабаб шуд то русҳо, ки дар ин замон ҳокимони аслии Осиёи Миёна буданд, барои идораи эшон сиёсатҳоеро иттихоз кунанд. Дар ҳамин росто, дар соли 1890 мақомоти Русияи таззорӣ ба бозаргонони эронӣ, ки дар Ашқобод сокин буданд, тавсия кард, ки аз миёни худ як нафар аршад интихоб кунанд, ки масъули ҳифз, назм дар маҳаллаҳои эронинишини шаҳр пайгарди базеҳкорону бадкорон ва робитаи ҳукумати таззорӣ бо эрониёни сокин дар Ашқобод бошад. Нахустин касе, ки ба унвони аршади бозаргонон ва дар воқеъ, кулли ҷомеаи эронии муқим дар Ашқобод интихоб шуд, машҳадӣ Содиқ Алиқулӣ уғлӣ буд[23].

Эрониён, ки инак бахши аъзаме аз ҷамъияти ғайрибумии Туркистонро ташкил медоданд, ба таблиғоти мазҳабӣ ва фарҳанги худ низ пардохтанд ва дар шаҳрҳое, монанди Ашқобод, Хуҷанд ва Самарқанд ҳусайнияҳо (масҷидҳо) ва такоёӣ барпо карданд ва ба азодории Ҳусайнӣ мепардохтанд[24].

Густариши ҳузури табааи эронӣ дар ғолиб, тоҷир, асир ё барда, дар сарзаминҳои воқеъ дар Осиёи Миёна сабаб шуд, ки ҳукумати Қоҷор дар садад бароянд, то дар ҳимоят аз ҳуқуқи раияташ ба иқдомоте даст занад. Ҷамъияти эрониён ба далелҳои мутааддиде, ки пеш аз ин зикр шуд, рӯз ба рӯз дар ҳоли афзоиш буд. Дар соли 1892 танҳо дар Ашқобод қариб чаҳор ҳазор ва дар тамоми Охол дувоздаҳ ҳазор нафар эронӣ зиндагӣ мекард[25].

Ба ҳамин далел давлати Эрон ба манзур ҷилавгирӣ аз беадолатиҳо ва ҳуқуқи эрониён[26], ҳабс ва табъиди онҳо ба Сибир ва низ ҷилавгирӣ аз фирори ашрор ва хурӯҷи амвол аз Эрон дар садад баромад, то маъмури сиёсие дар ин минтақа қарор диҳад[27], ба ҳамин далел музокироти мутааддиде бо вазорати умури хориҷаи Русия ба амал овард. Давлати Русия ин амрро ба таҳдиди ҳудуди марзҳои шимоли шарқи Эрон ва иҷрои қарордоди Охол мувакකал кард. Машрут бар он ки давлати Эрон дар Биҷанвард, Қучон, дараи Ҷуз ва Калот маъмури русро қабул кунад. Пас аз иҷрои ин тааҳҳудот вазорати умури хориҷаи Эрон бар он шуд, то ин имтиёзро касб кунад[28], аммо вазорати умури хориҷаи Русия ба баҳонаи ин ки Ашқобод дар назорати вазорати ҷанг аст ва иҷозаи таъсиси дафтари умури хориҷа дар он ҷо дар ихтиёри вазорати хориҷа нест, аз пазириши ин амр сар боз мезад[29].

Саранҷом, дар соли 5151 қ. / 5829 м пас аз музокироти мутааддид ва пайгириҳои ҷиддӣ аз сӯйи давлатмардони Эрон давлати Русия иҷозаи таъсиси як корпардозӣ дар Ашқободро ба Эрон дод[30].

Ин корпардозӣ иҷозаи дахолат дар умури ҳеҷ як аз иморатҳои дигари Осиёи Миёнаро надошт ва дар амал раияти эронии муқим дар Бухоро ва Хева ва дигар нуқоти Туркистони Русия барои расидагӣ ба шикоёташон нисбат ба ҳокимони ин минтақаҳо роҳ ба ҷое надоштанд[31].

**АДАБИЁТ**
1. Мирзо Шамси Бухороӣ. Таърихи Бухоро, Хуқанд ва Кошғар, ба тасҳеҳи Муҳаммадакбари Ошиқ / Мирзо Шамси Бухороӣ. –Теҳрон: Мероси мактуб, 1377. -С 113.
2. Бисембоев Темур. Дидгоҳ вақоеънависони бухороӣ ва Хуҷанд дар мавриди тамосҳое миёни Мовароуннаҳр ва Эрон аз авосити қарни XVIII то қарни XIX. Ҷаҳони эрони туронӣ, ба эҳтимоми Марзия Соқиён, -Теҳрон: Маркази аснод ва таърихи дипломатии Эрон, 1381. -С 282.
3. Костенков. Шарҳи Осиёи Марказӣ; тарҷумаи Ғуломҳусейн Заргаринижод / Костенков, Довудхонов. –Теҳрон: Муассисаи таҳқиқот ва тавсеаи улум инсонӣ, 1383, -С. 266.
4. Бисембоев Темур. Дидгоҳ вақоеънависони бухороӣ ва Хуҷанд дар мавриди тамосҳое миёни Мовароуннаҳр ва Эрон аз авосити қарни XVIII то қарни XIX. Ҷаҳони эрони туронӣ, ба эҳтимоми Марзия Соқиён, -Теҳрон: Маркази аснод ва таърихи дипломатии Эрон, 1381. -С 282.
5. Костенков. Шарҳи Осиёи Марказӣ; тарҷумаи Ғуломҳусейн Заргаринижод / Костенков, Довудхонов. –Теҳрон: Муассисаи таҳқиқот ва тавсеаи улум инсонӣ, 1383, -С. 266.
6. Вомбрӣ Оорминус. Таърихи Бухоро / Вомбрӣ Оорминус. Муҳаммад рӯҳонӣ. -Теҳрон: Сурӯш, 1380. –С. 366.
7. Рӯзномаи вақоеи иттифоқ, № 55, 28 рабеуссонии 1268.
8. Чарлз Маккензӣ. Сафарномаи шимол, ба кӯшиши Мансураи Иттиҳодия / Чарлз Маккензӣ. –Теҳрон: Нашри Густура, 1359. –С. 142.
9. Се сафарномаи Ҳирот, Марв ва Машҳад, -С. 140.
10. Хоников Н. В. Сафарномаи Хоников / Н. В. Хоников –Машҳад: Остони қудси разавӣ, 1375. -С. 127-8.
11. Бисембоев Темур. Дидгоҳ вақоеънависони бухороӣ ва Хуҷанд дар мавриди тамосҳое миёни Мовароуннаҳр ва Эрон аз авосити қарни XVIII то қарни XIX. Ҷаҳони эрони туронӣ, ба эҳтимоми Марзия Соқиён, -Теҳрон: Маркази аснод ва таърихи дипломатии Эрон, 1381. -С 281.
12. Минорский. Эрон дар замони Нодиршоҳ, -Теҳрон, Дунёи китоб, 1381. -С 469.
13. Осиф Муҳаммадҳошим. Рустам-ут-таворих, тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммад Мушири / Осиф Муҳаммадҳошим. –Теҳрон: Тобон, 1380. –С. 259.
14. Фароҳонӣ. Муншаоти Қоиммақом Фароҳонӣ, ба кӯшиши Бадруддин Яғмоӣ / Фароҳонӣ. – Теҳрон: Шарқ, 1366. -С. 102-3.
15. Лугошава. Туркманҳои Эрон / Лугошаво, Бибиробиа. - Теҳрон, Шабоҳанг, 1359. -С. 1-120.
17. ЦГА Респ.Тадж. ф.9, оп.3, д.106, лл. 336-338; утверждено журналом Ревкома Таджикской АССР от 11/VIII-26г. № 90 (см. Там же д.109, л.45).
18. ЦГА Респ.Тадж., ф.12, оп.1, д.247., лл. 319-346.
19. Имамов А.И. Разработка и принятие первой конституции Таджикистана //Укрепление законности и правопорядка советского законодательства и социалистической государственности/ А.И. Имамов. - Душанбе, 1978. – С. 44-51.

20. Масов Р.М. Указанная работа/ Р.М. Масов. – С.69, 88; История Таджикской ССР: Учеб. пособие. Под общ. ред. Б.А. Антоненко. – 2-е изд., перераб. и доп.- Душанбе: Маориф, 1983.- С.223.
21. Зимина Л.И. К вопросу о конституционном развитии Таджикской ССР/ Л.И. Зимина. - Душанбе, 1966. – С.6; Раджабов С.А. Таджикская ССР – суверенное советское государство/ С.А. Раджабов. - Сталинабад, 1957. – С. 193-194.
22. Зимина Л.И. Указ. Работа/ Л.И. Зимина. – С.6-9; Раджабов С.А. В интернациональной семье советских республик С.А. Раджабов. / - Душанбе, 1974. – С.129-130.
23. Имомов А. И. Конституционное право Республики Таджикистан А. И. Имомов. / - Душанбе, 1997. – С.63; Бободжанов Н. Таджикская ССР – субъект социалистической федерации/ Н. Бободжанов. - Душанбе, 1984. – С. 54-55.
24. История советского государства и права. Кн. 2. Изд-во "Наука". М., 1968. – С.214.
25. Там же, л.1. В отдельных случаях из-за отсутствия нумерации в единицах нами приводится нумерация листов в самих документах.
26. ЦГА Респ.Тадж, ф.11, оп.3, ед. хр.57, л.227.

**РАЗВИТИЕ ИЗБИРАТЕЛЬНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В СОВЕТСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ В 1917-1931 ГГ.**

Избирательное законодательство Таджикистана было заложено не сегодня и не вчера. Многие аспекты, которые стали основой современного развития избирательного законодательства Таджикистана были заложены еще в далекие советские времена, когда республика проходила период своего становления в качестве суверенной советской республики. Именно в периоды 1917 – 1931 была сформирована нормативно-правовая база для институционализации избирательной системы советского образца. Дальнейшее законодательное развитие избирательной системы республики получило толчок именно от этого периода. Как и другие явления избирательная система того периода хотя и была советским продуктом но тем не менее оказало положительное влияние в формировании избирательной системы Советского Таджикистана.

**Ключевые слова:** законодательство, избирательная система, советский, выборы, съезды.

**DEVELOPMENT OF ELECTORAL LEGISLATION IN THE SOVIET TAJIKISTAN IN 1917-1931 YEARS**

Tajikistan`s electoral legislation was not laid today or yesterday. Many aspects, which became the basis of modern development of the electoral legislation of Tajikistan, were laid in the distant Soviet times, when the country was passing the period of sovereign Soviet republic. Namely in the periods of 1917 - 1931 was established the legal framework for the institutionalization of the electoral system by the Soviet standard. Further development of the legislative electoral system in the country received a boost from this period. Like other phenomena, electoral system of that period was a Soviet product, but nevertheless had a positive impact in the formation of the electoral system in Soviet Tajikistan.

**Key words:** legislation, electoral system, soviet, elections, congresses.

**Сведения об авторе:** ***Абдулло Косим*** - соискатель Института философии, политологии и права Академии наук Республики Таджикистан.Телефон: **917-86-87-01**

# РИШВА ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ЭРОН АЗ ОҒОЗИ ИНҚИЛОБИ МАШРУТА ТО ПОЁНИ ҲУКУМАТИ ПАҲЛАВӢ

***Арсалон Ашрофӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Дар асри Қоҷор ҳамчун пешиниён, шоҳ гоҳе бо нишастан дар «Девони мазолим» ба шикоятҳои мардум ба таври мустақим расидагӣ мекард. Носируддиншоҳ як рӯз дар ҳафтаро бо муҳокимаи умумӣ ихтисос дода буд, ки ба он бори ом мегуфтанд. Аббосмирзо низ ҳафтае як рӯз шахсан ба шикоёти мардум расидагӣ мекард ва ҳукм содир менамуд. Аммо дар замони Носируддиншоҳ ришвахорӣ то ҷойе ривоҷ пайдо кард, ки Мирзотақихони Амир Кабир садри аъзами вай ҳафзи лақабҳо ва унвонҳои дарбориён ва шоҳзодагон, мубориза бо ришвахорӣ ва фасоди иқтисодӣ ва коҳиши ҳуқуқи дарбориён, ислоҳи додгоҳи шаръӣ ва бино кардани адолатхонаро аз корҳои асосии худ қарор дод [1].

Дар ин замон додгоҳҳои шаръӣ ва урфӣ аз ҳам ҷудо буданд. Раёсати додгоҳҳои шаръӣ бо олимони динӣ буд ва подшоҳ барои ҳифзи нуфузи худ дар ин додгоҳҳо дар ҳар як аз шаҳрҳои бузурги Эрон яке аз олимони диниро бо унвони «Шайхулислом» таъйин мекард. Зулм ва ситаме, ки дар додгоҳҳои урфӣ ба мардум мешуд, фасод ва ришвахорӣ, ки дар ин додгоҳҳо вуҷуд дошт, боис шуд, ки мардум тамоили бештаре ба додгоҳҳои шаръӣ дошта бошанд ва ҳамин омилҳо ҳам боис шуд, то ҳадафи аслии машрутахоҳон дар аҳди Қоҷор дар таъсиси адолатхона қарор гирад. Ҳарчанд Музаффариддиншоҳ дар фармоне дастури таъсиси адолатхонаро дод, вале Айнулдавла садри аъзами ӯ мухолифат кард ва гирдоварии низомнома ва иҷрои дастури шоҳро мухолифи манфиатҳои мамлакат донист.

Бо вуҷуди ҳукумати қонун баъд аз пирӯзии инқилоби машрута ва ба дунболи он гирдоварии қонуни асосӣ ва такмили он дар соли 1325 қамарӣ (1286 шамсӣ) боз ҳам фасод ва ришвахорӣ идома дошт, то ҷое ки додгустариро ҳам дар бар гирифт. Дар ин даврон мутаассифона, фасод то умқи адолатхонаҳо нуфуз кард, то ҷое ки Қоронии Кирмонӣ аз шоирони он замон дар китоби маъруфи худ ба номи «Пайғамбари дуздон» дуздони маҳкамаро аз дуздони гардана қавитар медонад [2].

Дар ин замон аз забони Ҳоҷибобои Исфаҳонӣ мехонем, ки «Агар тамоми оёти Қуръон ва ҳадисҳо ва ривоятҳо додхоҳӣ кунанд, вале зар дар даст набошад, бо муддаӣ ва шоки пулдор наметавонад, тараф шавад. Кори пулдор пеш аст ва кори бепул нақше бар об» [3].

Дар соли 1388 қамарӣ (1910 м) нахустин бор идораи додситонии девони тамиз ба ташкилоти додгустарӣ изофа шуд. Аммо боз ҳам ҷилави ришвахориро нагирифт. Шайх Аҳмади Маҷдулисломи Кирмонӣ дар маснавии маъруфи худ бо унвони «Шаҳри хомӯшон», ки авзои додгустариро тавсиф мекунад, шарҳи иттифоқотеро, ки дар ҷараёни як додрасӣ бар ӯ гузашта нигориш кардааст ва ошкоро баён мекунад, ки муовини додгустарӣ аз ҳарду тараф, яъне муддаӣ ва тарафи муқобили ӯ ришва дарёфт кардааст.

Ҳамин фасоди идорӣ, молӣ ва бекифоятии бисёре аз подшоҳони қоҷорӣ боиси қатли адолатхоҳоне мисли Қоиммақоми Фароҳонӣ ва Муҳаммадтақихони Амири Кабир, фатҳи Теҳрон аз сӯйи машрутахоҳон ва воқеъ шудани инқилоби машрута ва ташкили маҷлиси шӯро, ба тӯп бастани маҷлис, канор гузоштани Муҳаммадалишоҳ аз салтанат ва ғайраҳо шуд. Ва саранҷом, бо ҳимояти давлати Англия ҳукумати Қоҷория мунқариз ва силсилаи Паҳлавӣ бар Эрон ҳоким шуд ва Ризошоҳ дар таърихи 22 озармоҳи 1304 шамсӣ бар тахти подшоҳӣ такя зад. Ин силсила 53 сол бар Эрон ҳукумат кард.

Аз он ҷо ки баъд аз машрутият раисони додгустарӣ дар амал натавонистанд ба таври дақиқ ба ҷудосозии доираи умури шаръӣ аз умури урфӣ бипардозанд, пас аз ба қудрат расидани Ризошоҳи Паҳлавӣ дахолати рӯҳониён дар умури қазоӣ бисёр маҳдуд ва дар ниҳоят, ҳазф шуд [4].

Таҷдиди ташкилоти додгустарӣ дар замони Ризошоҳ беш аз ҳар касе мадюни Алиакбари Довар -вазири додгустарии вақти ӯ буд. Довар як қозии ботаҷриба буд, ки дар синни 27 солагӣ дар Вазорати адлияи Ҳасани Вусуқ вориди хидмати қазоӣ шуд ва сипас дар Вазорати адлияи Мушируддавла додситони Теҳрон шуд. Пас аз чанд сол барои такмили таҳсилоти ҳуқуқии худ ба Шветсия рафт ва дар Донишгоҳи Нушотил ба таҳсилоти ҳуқуқ пардохт. Бинобар ин, ӯ бештар таҳти таъсири суннатҳои ҳуқуқии фаронсавӣ ва олмонӣ қарор дошт ва бо талоши бисёр таҳаввули догустариро дар Эрон тибқи улгуҳои аврупоӣ тарҳрезӣ кард [5].

Дар он замон бисёре аз қозиҳои адлия таҳсилкардаҳои динӣ буданд. Довар ғайр аз теъдоди маҳдуде аз онҳо бақияро барканор ва қозиҳои ҷадид ва таҳсилкардаҳои илми ҳуқуқро вориди додгустарӣ намуд, то дар ҷомеа ва дар байни мардум ба қазоват бипардозанд [6].

Иқдомоти суратгирифта тавассути Довар дар ҷиҳати илмӣ кардани додгустарӣ ва коҳиши фасод дар байни қозиҳои он замон, то ҳудуди зиёде муваффақ буд. Аммо бо вуҷуди қозиҳои босавод, наҷиб ва поки он замон, ки адлия ба вуҷуди онҳо ифтихор менамуд, мутаассифона теъдоди зиёде аз қозиҳои он замон фосиқ ва ришвахор буданд.

Аҳмади Касравӣ аз қозиҳои он замон дар хотироти худ олудатарин бахши адлияро девони олии кишвар медонад ва қозиҳои онро абзори дасти вазирон ва ришвагир муаррифӣ мекунад [7].

Ин фасод ва ришвахорӣ дар байни давлатмардони Паҳлавӣ, то ҷое зиёд шуд, ки давлат ба фикри мубориза бо фасод афтод. Дар муддати ҳукумати Паҳлавӣ дар Эрон ҳадди ақал дар се марҳила мубориза бо фасод дар давлат матраҳ шуд. Аввал дар давраи ҳукумати Соид ва Разморо (1328-1329) дувум дар давраи ҳукумати Аминӣ (1339-1340) севум дар давраи охири ҳукумати Ҳувайдо (1352-1356) ба унвони мисол дар ҳукумати Алии Аминӣ теъдоди зиёде аз касоне, ки муртакиби фасоди молӣ шуда буданд, дастгир шуданд. Аз ҷумла, Сипаҳбуд Киё аз фармондеҳони собиқи артиш, вале дар ҳар се давра иқдомот бенатиҷа сатҳӣ ва зудгузар буд ва натиҷае надод.

Албатта, баъзе аз давлатмардони Паҳлавӣ низ ба мубориза бо фасод маъруф буданд, аз ҷумла доктор Муҳаммади Мусаддиқ нахуствазири асри Паҳлавӣ Мусаддиқ фасоднопазир буд ва дар ҳар куҷо ки бӯйи фасод меомад, бо он мубориза мекард ва агар наметавонист, аз он канорагирӣ менамуд. Ба иллати риояти қонун ва фасоднопазирӣ наздиконаш бо ӯ душман шуданд. Ҳатто, наздиктарин ақвомаш аз газанди теғи адолати ӯ дар амон набуданд [8].

Аз назари қонунӣ қабл аз ин ки дар кишвари Эрон парлумон вуҷуд дошта, бошад Носируддиншоҳ дастури гирдоварии қонуни асосиро дод. Дар Қонуни асосии салтанати Носируддиншоҳ тибқи фақараи аввали моддаи 10 ин қонун муҷозоти хоини давлат қатл буд ва дар фақарроти баъдӣ аз ҳамин моддi қонун намунаҳои хоинони давлат зикр шуда буд, ки тибқи фақарраи 3 он «ҳар кас 100 динор ришва ё пешкаш бигирад, хоин ба давлат аст» [9].

Бинобар ин, тибқи ин қонун ришвагиранда муҷрим ва қобили муҷозот буд ва ҳар гоҳ моле, ки ба унвони ришва гирифта мешуд аз 100 динор бештар мешуд, ин ҷурм аз дараҷаи ҷиноӣ маҳсуб мешуд ва муҷозоти муътакид эъдом буд.

Баъд аз он «Қонуни ҷазои урфӣ» мусаввaби 1335 қамариро дорем, ки ба пешиниҳоди Нусратуддавла Фирӯз ба сурати тасвибномаи ҳайати вазирон ба марҳилаи иҷро даромад ва аввалин қадам дар роҳи шариатзудоӣ аз ҳуқуқи ҷазоии Эрон дар давраи машрута буд. Аммо чун пояи фиқҳӣ надошт, мардум бо он мухолифат карданд ва дар соли 1301 шамсӣ дар масҷиди ҷомеи Теҳрон барои мухолифат бо ин қонун тазоҳуроте шуд ва ба ҳамин далел лағв шуд [10].

Бинобар ин, авҷи фасод ва ришвахорӣ дар аҳди Паҳлавӣ, вазъи қонун барои мубориза бо онро зарурӣ менамуд, ки аввалин қонуни классик дар умури ҷазоӣ дар кишвари Эрон Қонуни муҷозоти умумӣ мусаввaби 1304 мебошад. Қонунгузор тайи моводи 139 то 148 аз ин қонун ба баррасии ҷурми ришва пардохта буд Муҷозоти ришвадиҳанда ва ришвагиранда ва ашхосе, ки воситаи байни ин ду

мешаванд, омилҳои муофияти ришвадиҳанда аз муҷозот, гирифтани ришва тавассути қозии додгоҳ ва ғайра тайи ин маводи қонунӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта буд. Баъд аз он дар тирмоҳи 1307 Қонуни муҷозоти ришва ба тавсиби маҷлиси шӯрои миллӣ расид ва илова бар ислоҳоти дар маводи Қонуни муҷозоти умумӣ баъзе аз маводи он, аз ҷумла моддаи 139 ва 148-ро ба таври кӯллӣ лағв намуд. Вале соири маводи қонуни муҷозоти умумӣ ба қуввати худ боқӣ монд. Дар ин замон тибқи Қонуни муҷозоти ришва мусавваби 1307 муҷозоти ришвагиранда зиндон аз 2 то 5 сол ва ради моли гирифташуда буд. Муҷозоти ришвадиҳанда ҳам тибқи моддаи 142 –и Қонуни муҷозоти умумӣ 2 моҳ то 1 сол зиндон, ё пардохти ҷарима аз 100 тумон то 1000 тумон буд.

Вазъи ин қонунҳо дар даврони ҳукумати Паҳлавӣ ва эҷоди созмонҳое барои мубориза бо фасод тавассути Паҳлавии II-вум ҳарчанд то ҳудуде аз доманаи фасод дар кишвари Эрон кост, аммо ҳеҷ кадом натиҷаи амалӣ ва чашмгиреро дар пай надошт, то ин ки мардуми Эрон бо инқилоби беназир ба роҳбарии Оятуллоҳ Ҳумайнӣ - роҳбари бузурги инқилоб, ҳукумати Паҳлавиро мунқариз намуд ва дар соли 1357 ҳиҷрии шамсӣ ҳукумати исломӣ дар Эрон шакл гирифт. Ва баъд аз он низ қонунҳои дар ҷиҳати мубориза бо фасод ба тасвиби маҷлиси шӯрои исломӣ расид.

Бо таваҷҷуҳ ба он чи гуфта шуд, натиҷагирӣ мешавад, ки фасод ва ришвахорӣ дар Эрон чи қабл аз вазъи қонун аз сӯйи парлумон ва чи баъд аз он, ҳамвора вуҷуд доштааст. Қабл аз вазъи қонун дар даврони ҳукумати Қоҷория хассосият дар ҷиҳати коҳиши фасод ба гунае будааст, ки Носируддиншоҳ дар Қонуни асосӣ, ки дастури тадвини онро дода буд, гирифтани 1000 динор ришваро хиёнат ба давлат дониста, муҷозоти маргро барои ришвагир таъйин намуда буд ва баъд аз он асоситарин хостаи машрутахоҳон барқарории адолатхона будааст. Вале аз бадии рӯзгор ҳамин адолатхона низ худ ба фасод ва ришвахорӣ гирифтор омад ва бо вуҷуди қонуни асосии машрута ва талош дар ҷиҳати рафъи ришвахорӣ идораҳои аҳди қоҷориро фасод дар бар гирифта буд, то ин ки ҳукумати Қоҷор сукут ва таърихи Эрон вориди марҳилаи ҷадиди ҳукумати Паҳлавӣ шуд. Дар аҳди Паҳлавӣ низ бо вуҷуди вазъи қонуни муҷозоти умумӣ ва қонуни мубориза бо ришвахорӣ, ришва тору пуди ҷомеаро дар бар гирифт, то ҷое ки ҳайати давлат барномаҳоеро дар се марҳила барои мубориза бо фасод ва ришвахорӣ оғоз ва иҷро намуд. Вале ҳамон тавр ки гуфта шуд, ин барномаҳо натиҷае дар пай надошт ва саранҷом садои инқилобиён таҳти роҳбарии Имом Ҳумайнӣ тору пуди ҳукумати Паҳлавиро дар ҳамнавардид ва ҳукумати исломӣ дар Эрон оғоз шуд.

**АДАБИЁТ**


1. Ҳамидризо Алиакбарӣ. Умури қазоӣ ва ҳуқуқии Эрон дар сафарномаҳо / Ҳамидризо Алиакбарӣ. Меҳдии Халилӣ. –Теҳрон: Шилок, 1387. –С.73.
2. Қоронии Кирмонӣ. Пайғамбари дуздон / Қоронии Кирмонӣ. Гирдоваранда: Муҳаммадиброҳими Бостонии Кирмонӣ. – Теҳрон: Парасту, 1345. –С.21.
3. Сайидҳасани Амин. Таърихи ҳуқуқи Эрон / Сайидҳасани Амин. – Теҳрон: Диратулмаорифи Эроншиносӣ, 1386. –С.426.
4. Сайидҳасани Амин. Ҳамон манбаъ. –С.501.
5. Боқири Оқилӣ. Довар ва адлия / Боқири Оқилӣ. – Теҳрон:, 1369. –С. 139.
6. Муҳсини Садр. Хотироти Садрулашроф / Муҳсини Садр. -Теҳрон: Ваҳид, 1364. –С. 288.
7. Аҳмади Касфарӣ. Зиндагонии ман. (10 сол дар адлия) / Аҳмади Касфарӣ. - Теҳрон: Пахши китоб, 1355. –С.289.
8. Алии Ризоқулӣ. Ҷомеашиносии нухбакушӣ / Алии Ризоқулӣ. - Теҳрон: Най, 1379. –С.214.
9. Саиди Амирарҷманд. Қонуни асосӣ / Саиди Амирарҷманд. Дарҷшуда дар китоби «Инқилоби Машрутият». Таълифи гурӯҳи нависандагон, зери назари Эҳсони Ёршотир; Тарҷумаи Паймони Матин.- Теҳрон Амири Кабир. –С.99.
10. Сайидҳасани Амин ҳамон манбаъ, -С. 513.


## КОРРУПЦИЯ В ПРАВОВОЙ СИСТЕМЕ ИРАНА В ПЕРИОД КОНСТИТУЦИОННОЙ РЕВОЛЮЦИИ И ДО СВЕРЖЕНИЯ ДИНАСТИИ ПЕХЛЕВИДОВ


В данной статье автор рассматривает развитие коррупции в Иране в период правления династии Пехлевидов, которая была характерной чертой всего времени правления Мохаммеда Реза Пехлеви. Коррупция пронизывала всю политическую систему до самого ее основания, но никакой серьезной борьбы с ней не велось.



**Ключевые слова:** коррупция, Конституционная революция в Иране, ришва, адолатхона, история уголовного права, развитие коррупции в Иране.


## CORRUPTION IN THE LEGAL SYSTEM OF IRAN DURING THE CONSTITUTIONAL REVOLUTION AND TO OVERTHROW THE DYNASTY OF PEHLEVIDZ


In this article the author examines the development of corruption in Iran during the reign of the dynasty of Pehlevidz, which was characteristic of the entire time of the reign of Mohammed Reza Pahlavi. Corruption permeated the entire political system to its Foundation, but no serious fighting with her was not conducted.



**Key words:** corruption, Constitutional revolution in Iran,history of criminal law, the development of corruption in Iran.



**Сведения об авторе:** ***Арсалон Ашрофи*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

# РОҲКОРИҲОИ ҲУҚУҚИИ МУБОРИЗА БО ИХТИЛОС БАР АСОСИ ҚОНУНИ АСОСИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

*Беҳноми Акбарӣ*
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Ихтилос дар тӯли таърихи ҳуқуқи Эрон яке аз падидаҳои номуборак ва зиште будааст, ки додгустарӣ ва андешамандони ҳуқуқ бо он даргир будаанд. Ба ҳамин хотир қонунгузории эронӣ дар Қонуни асосӣ, ки қонуни модар мебошад, роҳкориҳоеро зимни усули худ баён дошта, ки ин роҳкорҳо барои пешгирӣ аз фасод ба маънои ом ва ихтилос ба маънои хос роҳкушо мебошанд. Аз ҷумлаи ин роҳкориҳо, назорат бар вазъияти молии мустахдимини давлат ба идораҳои марбута, назорат бар вазъияти молии дастгоҳҳои давлатӣ, аз ҷумла назорати молии муҳосиботӣ гирифта, то назорати шибҳи қазоӣ ва ҳамчунин ислоҳоти қазоӣ дар даруни додгустарӣ мебошад.

Бинобар ин, бо таваҷҷуҳ ба ин ки ҷурми ихтилос дар сурати иртикоб худ заминасози бисёре аз ҷурмҳои молӣ ва иқтисодӣ, мисли ришва, ахзи имтиёзот дар қарордодҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад, пас пешгирӣ аз ин ҷурм дар шакли густардаи он боиси пешгирӣ аз соири ҷурмҳо низ мегардад, ки дар ин мақола ба он мепардозем.

Назорат ва бозрасӣ барои муқобила бо ихтилос метавонад ба ду шева анҷом гирад, яке аз тариқи эъмоли назорат нисбат ба вазъияти молии мустақим ва дигаре эъмоли назорат нисбат ба вазъияти молии идора.

Эъмоли назорат бар вазъияти молӣ ва дороии корманди давлат метавонад ба хубӣ назораткунандаи мустахдим бошад. Албатта, агар ба сурати саҳеҳ ва ба дур аз ғараз ба иҷро дарояд. Наметавон гуфт, ки эъмоли ин гуна назорат ба сурати комил ихтилосро решакан хоҳад кард. Вале метавон гуфт, ки ин гуна назорат метавонад ба андозаи зиёде аз олуда шудани онҳо ба фасоди молӣ ва ихтилос пешгирӣ кунанд. Қонунгузории Эрон барои ин гуна назорат муқарраротеро вазъ кардааст, ки бахше аз он дар ҷиҳати назорат нисбат ба вазъияти молии мақомоти олирутбаи мамлакат аст, ки ба далели аҳамияти хоси он дар қонуни асосӣ омадааст ва бахши дигар ба назорат бар вазъияти молии соири кормандон ва мустахдимини давлат марбут мешавад, ки дорои қонуни хос аст [1].

Асли 142 Қонуни асосии Ҷумҳурии Ислмоии Эрон баён мекунад: «Дороии роҳбар, Раиси Ҷумҳур, муовинони раиси Ҷумҳур, вазирон ва ҳамсар ва фарзандони онон, қабл ва баъд ва аз хизмат, тавассути қувваи қазоия расидагӣ мешавад, ки бар хилофи ҳақ, афзоиш наёфта бошад».

Дар робита бо кормандони поинтар низ метавон аз муқаррарот, (қонуни марбут ба расидагӣ ба дороии вазирон ва кормандони давлат аам аз кишварӣ, лашкарӣ, шаҳрдориҳо ва муассисаҳои вобаста бо онҳо) мусаваби соли 1337 истифода намуд. Ҳарчанд ки бархе аз нависандагон муътақиданд, ки ин қонун ба сурати амалӣ насб гардидааст ва дар амал қудрати иҷроӣ наёфтааст.

Вале дар ҳар сурат ин қонун дар навбати худ яке аз ибтикороти бисёр муҳимест, ки метавонад дар ҳалли решаи мушкилоти ихтилос ва фасоди молӣ дар идораҳои давлатӣ ва муассисаҳои умумӣ муассир бошад.

Бинобар ин, вақте қарор бошад, ки афзоиши дороӣ ва амволи ҳар як аз мустахдимин ва кормандон ба таври дақиқ ва ҷиддӣ мавриди назорат ва бозрасӣ қарор гирад, камтар мустахдим ва корманде пайдо мешавад, ки ба иртикоби ихтилос ва иқтисоди молӣ рӯй оварад. Вале мутаассифона, дар амал мебинем, ки ин эъмоли назорат анҷом намегирад ва дида мешавад, ки фалон мудир ё раис дар даврони кӯтоҳе ба бештарин чизҳое, ки мехост даст пайдо кардааст ва ҳеҷ кас ҳам аз ӯ намепурсад, ки аз куҷо овардаӣ? Албатта, дар солҳои охир қадамҳое барои мубориза бо фасоди молӣ бардошта шуда, аммо ба далели ноҳамоҳангӣ ва зобитаманд набудан ҳанӯз натиҷаҳои муассире ба дунбол надоштааст. Яке дигар аз роҳҳои назорат, барои муқобила бо фасоди ихтилос назорат бар вазъитяи молии идораҳои давлатӣ ва муассисаҳои умумист. Ба ин маънӣ дар кишвари Эрон системаҳо ва механизмҳои мухталифе пешгирӣ шудааст. Дар ин байн ду системаи ҳамагонӣ ва фарогир дар Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Эрон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, ки ин ду система иборатанд аз:

1. Системаи назорати молӣ – муҳосиботӣ, ки зери назар ва аз тариқи Маҷлиси Шӯрои исломӣ эъмол мешавад.
2. Системаи назорати шибҳи қазоӣ, ки аз тариқ ва зери назари қувваи қазоия сурат мепазирад [2].

Назорати молӣ – муҳосиботӣ нисбат ба навҳаи ҳазина кардани буҷаи идораҳои давлатӣ тавассути девони муҳосиботи кишвар анҷом мепазирад, ки мустақиман зери назари Маҷлиси Шӯрои исломӣ анҷоми вазифа мекунад. Назорати шибҳи қазоӣ нисбат ба умури идорот ва созмонҳои давлатӣ тавассути созмони бозрасии кулли кишвар эъмол мешавад. Бар асоси асли 174-и Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки баён медорад: «Бар асоси ҳаққи назорати қувваи қазоия нисбат ба ҳусни ҷараёни умур ва иҷрои саҳеҳи қонунҳо дар дастгоҳҳои идорӣ созмоне ба номи Созмони бозрасии кулли кишвар зери назари раиси қувваи қазоӣ ташкил мегардад. Ҳудуди ихтиёрот ва вазифаҳои ин созмонро қонун таъйин мекунад». Ин навъ назорат дар Эрон низ пешгирӣ шудааст.

Аҳамияти назорат ва бозрасӣ бар коркард ва фаъолияти маъмурини давлатӣ ҷузъи заруратҳои инкорнопазире барои ҳар ҷомеа ва ҳукуматест. Собиқаи амр нишон медиҳад, ки ин равиш аз равишҳои муфид ва муассир дар ҷиҳати солимсозии идораҳо аст. Он чи муҳим аст, ин эъмоли назорат бар ҳар шевае ки бошад, бояд ба сурати саҳеҳ ва усулӣ сурат гирад, то битавон аз он ба унвони нигоҳдорандаи муносибе дар муқобили фасоди ихтилос ёд кард.

Эъмоли назорат боис мешавад, ки вазъият барои иртикоби фасод ва ихтилос душвор шавад. Метавон гуфт, ки ин навъ назорат навъи пешгирии вазъист. Чаро ки назорат боис мешавад, ки шароит барои иртикоби ихтилос бисёр душвор шавад, албатта, агар ба сурати саҳеҳ анҷом гирад. Дар кишвари Амрико идораҳои кулли таҳқиқот ва бозрасӣ ба таври хос аз се ҷузъи аслӣ ташкил шудаанд: таҳқиқ, бозрасӣ ва арзёбӣ. Ин идораҳо аз як гурӯҳ (афроди савганхурда) бархурдоранд. Ихтиёр ва иқтидори судури дастуроте дар заминаи гирифтан, забт ва истифода аз мадорик, аснод ва иттилооти мавриди назар дар хусуси боздошт ва тавфиқи афродро доро ҳастанд [3].

Коркарди ҳисобрасии мундараҷ дар вазифаҳои идораҳои таҳқиқоти кул, масъулияти расидагӣ ба ҳисобрасиҳои молии зарурироро бар уҳда дорад, то аз кулоҳбардориҳо ва тақалубҳо ва сӯистифодаҳои молӣ дар органи хеш пешгирӣ ба амал оварад [4].

Ҳар кадом аз идораҳои кулли таҳқиқот ва бозрасии масъули фаъолиятҳо ва иқдомҳои созмони хоси хеш ҳастанд. Аз тарафи дигар, дар Амрико ҳокимияти қонун ин иҷозаро ба бозрасон ва ниҳодҳои мубориза бо фасод медиҳад, то дар сурати мушаххас шудани фаъолиятҳои фасодомез, ҳатто, як намояндаи конгресс, масъулияти парлумонии ӯро нақз ва дастури таъқиб ва пайгирӣ ва дар ниҳоят, ихроҷи вай аз конгрессро содир кунад. Тақсими вазифаҳо ва масъулиятҳои марбут ба бозрасӣ ва ҷустуҷӯ дар миёни шуъбаҳои мухталифи ҳукумат ин имконро фароҳам овардааст, то дар сурати тахалуф як фард ё як идораи муайян, кулли система осеб набинанд. Вуҷуди ибҳомҳо, нуқсонҳо, фиқдони шаффофияти лозим дар зобитаҳо ва муқаррарот заминаи муносиберо барои фасод, аз ҷумла ихтилос фароҳам мекунад. Ҳатто, дар бисёре аз мавридҳо дастуруламалҳо ва бахшномаҳое, ки қувваи муҷрия, муассисоти иқтисодии давлатӣ ё бонкҳо содир мекунанд, заминасози бурузи фасодҳо ба сурати ом ва ихтилос ба сурати хос аст. Аз ҳамин рӯ, бояд қонунҳои мавҷуд ислоҳ гарданд ва дар ҷиҳати шаффофият ва зудудани ибҳом аз чеҳраи ин қонунҳо қадам бардошт. Аз тарафи дигар, аз манзари қазоӣ низ иҷрои саҳеҳи қонун дар дастури кор қарор гирад [5].

Илова бар вуҷуди ибҳом ва нуқсон дар қонунҳо механизми лозим дар мавриди назорати қазоии кофӣ бар амалкарди марказҳои иқтисодии кишвар тавассути созмони бозрасии кулли кишвар ба унвони бозрасии назоратии қувваи қазоия ва олитарин ниҳоди назоратии кишвар вуҷуд надорад. Ба вуҷуд овардани механизми қонунӣ ва ҳуқуқии лозим барои ин дастгоҳ метавонад дар ҷиҳати пешгирӣ аз вуқӯи ихтилос муфид ва муассир бошад. Яке аз ислоҳоти қазоӣ, ки метавонад дар пешгирӣ аз базеҳи ихтилос муассир бошад, тармими сохтори қазоӣ ва идорӣ чи аз ҷиҳати имконот ва малзумҳои идорӣ ва чи аз ҷиҳати манобеъ ва нерӯи инсонии шуҷоъ ва мустақил ва ҳамчунин аз ҷиҳати қозиёт, кормандҳои шариф ва покдоман аст. Чаро ки яке аз муҳимтарин иллатҳои бурузи фасод, аз ҷумла ихтилос, ҳамин норасоии системаи қазоӣ дар бархӯрд бо мафосиди иқтисодӣ ба лиҳози заъфи сохтори қазоӣ аз ҷиҳатҳои гуногун аст [6]. Аз ҷумлаи мавридҳое, ки метавонад аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва қазоӣ дар пешгирӣ аз ихтилос ва фасод муассир бошад, таваҷҷуҳ ба қонунҳои таркшуда аз ҷумла марбут ба расидагӣ ба дороии вазирон ва кормандони давлат, аам аз кишварӣ ва лашкарӣ ва ғайра тасвибшудаи соли 1337 ва ҳамчунин асли 142-и Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Эрон мебошад, ки ин таваҷҷуҳ ва зинда кардани қонунҳо метавонад нақши муассире дар пешгирӣ аз мақсадҳо ва ихтилос дошта бошад.

Бархӯрди қазоии қотеъ бо муҷримҳо аз тарафи дастгоҳи қазоӣ метавонад заминасози пешгирӣ аз иртикоби муҷаддади базеҳи ихтилос бошад. Ин бархӯрди қотеъ ҳамон чизест, ки аз он таҳти унвони пешгирии кайфарӣ ёд кардем, то дастгоҳи қазоӣ бояд мубориза бо мақсадҳои идорӣ ва иқтисодиро бо қотеият ва иқтидор дунбол кунад ва дар ин роҳ азми ҷиддии масъулини дастгоҳи қазоӣ аввалин ва асоситарин марҳила аст [7]. Бо вуҷуди ибҳом дар бархе қонунҳои кайфарӣ ба назар мерасад, ки бо қонунҳои ҷазоии мавҷуд ҳам имкони бархӯрди қазоӣ ва пешгирона фароҳам аст, вале заъф дар иҷро аз тарафи бархе аз қозиёт боис мешавад, ки вуҷуди ҳамин қонунҳои мавҷуд низ зери суол биравад. Албатта, ин ба он маъно нест, ки дар бархӯрди қазоӣ асли бароат ва тафсири маҳдуд насҳои ҷазоӣ ба фаромӯшӣ супурда шавад.

Қадами дигареро, ки метавон дар пешгирӣ аз базеҳи ихтилос онро муассир донист, ташкили шуъбаҳои мустақил, муҷаззо ва тахассусӣ бо қозиҳои омӯзишдида дар заминаи мақсадҳои идорӣ ва иқтисодист. Дар ростои ин қадам мебоист қонунҳои парокандаи мавҷуд дар заминаи бархӯрд бо мақсадҳои идорӣ ва иқтисодӣ ҷамъоварӣ ва ба сурати қонунии воҳид танзим гардад, то пешгирӣ аз мафосидҳо ба сурати ом ва ихтилос ба сурати хос тасҳил гардад [8]. Он чи ки беш аз мавридҳои гуфташуда дар заминаи ислоҳоти қазоӣ бояд мадди назар бошад, полоиши қувваи қазоия аз ҳайси вуҷуди дидгоҳи ҷиноӣ дар он аст. Ба ибораи дигар, дар дастгоҳи қазо бояд аз дидгоҳи ҷиноӣ ва ҳизбӣ парҳез гардад, чаро ки амалкарди қувваи қазоия мебоист ба навъе инъикос ёбад, то дар ҷомеа муттаҳам ба сиёсикорӣ нашавад. Ин дастгоҳ бояд дар иртибот бо муфсидони идорӣ ва иқтисодӣ ба таври гузинишӣ бархӯрд накунад. Муҷозоти одилона бар муқарароти одилона мебоист ба сурати як асли

мусаллам ва фарогир барои умуми мардум матраҳ бошад, то ҳисси эътимодро тақвият ва ихтилосро коҳиш диҳад.

Бо таваҷҷуҳ ба он чи баён шуд, ихтилос ба унвони як ҷурм алайҳи амвол ва низ як ҷурм алайҳи манфиатҳои умумии ҷомеа имрӯз тору пуди ҷомеаро фаро гирифтааст. Бинобар ин, барои пешгирӣ аз ин ҷурм мебоист зимни омӯзиши қонун ба кормандони давлат мебоист назоратҳои дарунсозмонӣ ва бурунсозмониро тақвият намуд. Албатта, дар ин росто марҷаъҳои назоратӣ зиёд ҳастанд. Яъне марҷаҳое мисли девони муҳосибот, созмони бозрасии кулли кишвар ва воҳидҳои ҳиросатӣ ва ҳифозатӣ дар даруни дастгоҳҳо ва ғайраҳо, ки амалкарди ин марҷаъҳои назоратӣ баъзан боиси тадохули кори онҳо мегардад. Бинобар ин, ташкили шӯрои олии назорат, ки мавриди таъкиди роҳбари Инқилоби исломии Эрон низ мебошад, пешниҳод мегардад. Илова бар ин, ҳар гоҳ Қонуни асосӣ ба унвони қонуни модар дар вазъи қонуни мавриди назари қонунгузори мо қарор гирад ва додгоҳҳои мо бо қотеияти тамом ва бар асоси Қонуни асосӣ ва соири қонунҳои одӣ ҳукм содир намояд, дар иҷрои ин ҳукм низ суръат ва қотеиятро мавриди назар дошта бошад, ба яқин, омори иртикоби ҷурми ихтилос дар ҷомеа коҳиш меёбад.

### АДАБИЁТ


1. Сайид Муҳаммад Ҳошимӣ. Ҳуқуқи асосии Ҷумҳурии Исломии Эрон / Сайид Муҳаммад Ҳошимӣ. –Қум: Муҷтамаи омӯзиши олӣ, 1375. –С.111.
2. Аббоси Мансурободӣ. Ихтилос дар ҳуқуқи кайфарии Эрон, Миср ва Амрико/ Аббоси Мансурободӣ. //Рисолаи доктории ҳуқуқи қазо ва ҷурмшиносӣ. –Теҳрон: Донишгоҳи тарбияти мударрис, 1379. –С.96.
3. Ғуломризо Иброҳимободӣ. Созукорҳои мубориза бо фасод дар кишварҳои гурӯҳи 8 (Амрико) / Ғуломризо Иброҳимободӣ. –Теҳрон: Дафтари мутолиоти сиёсии Маркази пажӯҳишҳои Маҷлиси шӯрои исломӣ, 1384. –С.62.
4. Сайидҳамиди Худододи Ҳусейнӣ. Баррасии фасоди идорӣ ва равишҳои назорати он/ Сайидҳамиди Худододи Ҳусейнӣ. Муҳсини Фарҳодинажод. // Маҷаллаи «Мударис». –Теҳрон, 1380. -№1. -С.45.
5. Иброҳими Маъданчиён. Мубориза бо фасоди идорӣ / Иброҳими Маъданчиён. –Теҳрон: Пажӯҳишкадаи Имом Хумайнӣ, 1382. –С.92.
6. Қувваи қазоия. Дафтари мутолиот ва баррасиҳои иҷтимоӣ, иллатҳои бурузи мафосиди иқтисодӣ ва роҳкорҳои мубориза бо он. –Теҳрон: Бидуни таърих. –С.37.
7. Ҳамон ҷо. –С.65.
8. Муҳаммад Ҳусейн Қосимӣ. Омилҳои муассир бар бурузи ҷурмҳо, мафосиди идорӣ ва шеваҳои пешгирӣ аз он / Муҳаммад Ҳусейн Қосимӣ. –Теҳрон: Нашрияи додрасӣ. -№56. –С.30.


### ПРАВОВЫЕ МЕТОДЫ БОРЬБЫ С ХИЩЕНИЕМ ГОСУДАРСТВЕННЫХ СРЕДСТВ НА ОСНОВЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН


В данной статье автором рассматриваются правовые методы борьбы с хищением государственных средств на основе законодательства Исламской Республики Иран. Уголовно-правовой анализ хищений является актуальным в настоящее время. Под хищением понимается совершенное с корыстной целью противоправное безвозмездное изъятие.



**Ключевые слова:** законодательство Исламской Республики Иран, хищение, государственное имущество, государственные средства, противоправное безвозмездное изъятие.


### LEGAL METHODS OF STRUGGLE AGAINST THE THEFT OF PUBLIC FUNDS ON THE BASIS OF THE LEGISLATION OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN


In this article the author considers the legal methods of struggle against the theft of public funds on the basis of the legislation of the Islamic Republic of Iran. Criminal-legal analysis of theft is relevant in the present time. Under the theft means committed for pecuniary gain illegal uncompensated seizure.



**Key words:** law of the Islamic Republic of Iran, theft, public property, public funds, illegal uncompensated seizure.



**Сведения об авторе:** ***Бехном Акбари*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ


## ДИДГОҲИ ҲИМОЯТИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР ХУСУСИ КӮДАКОНИ БАЗЕҲКОР


***Исмоил Яхкаши Фар***

**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**


Қонунгузории эронӣ аз шурӯи қонуннависӣ бо дидгоҳи ҳимоятӣ ба кӯдаконе, ки муртакиби ҷурм мешаванд, нигоҳ кардааст. Ташкили додгоҳи кӯдакон мамнӯияти полис аз анҷоми таҳқиқот дар мавриди кӯдаконе, ки муртакиби ҷурм мешаванд ва анҷоми таҳқиқот тавассути қозии додгоҳ, мулзам будани қозии додгоҳ ва анҷоми таҳқиқот аз тифли базеҳкор бо ҳузури волидайни вай, даъват кардани тифл аз тариқи волидайнаш, маҳрамона будани додрасии кӯдакон ва имкони тахфифи муҷозоти кӯдаки базеҳкор баъд аз судури ҳукм ва ғайра ҳамагӣ аз мавридҳое аст, ки баёнгари дидгоҳи ҳимоятии қонунгузории эронӣ аз тифли базеҳкор мебошад.

Child Infaht роиҷтарин вожаҳое ҳастанд, ки дар забони англисӣ дар бораи кӯдак ба кор бурда мешавад ва манзур аз он касе аст, ки дар зери синни балоғат қарор дорад ва бавижа дар робита бо ашхоси дигаре, ки волидайни ӯ маҳсуб мегарданд [1]. Дар луғати форсӣ кӯдак ба маънои кӯчак ва

ҳамчунин фарзанде, ки ба синни балоғат нарасида бошад, чи писар бошад ва чи духтар, истеъмол мешавад [2]. Дар истилоҳи ҳуқуқӣ кӯдак ба касе гуфта мешавад, ки аз назари син ба рушди ҷисмӣ ва рӯҳии лозим барои зиндагии иҷтимоӣ нарасида бошад [3].

Ҳадаф аз нигориши қонуни додрасии кайфарӣ барқарории муқаррароте барои муҳофизати ҷомеа аз вуҷуди муҷримин ва низ муқаррароте барои ҳифзи ҳуқуқи муҷримин дар замони муҳокима ва додрасӣ мебошад, ки қонунгузории эронӣ дар ин росто ба кӯдакони базеҳкор бештар аз соири муҷримин таваҷҷуҳ доштааст. Тавзеи матлаб ин ки, дар нигоҳи ҳуқуқшиносон ду низом дар мавриди кӯдакони базеҳкор вуҷуд дорад. Яке низоми масъулияти якбораи (дафъӣ) кӯдакони базеҳкор ба ин маъно, ки кӯдак то сини хосе масъулият надорад ва як дафъа ба синни хосе ки расид, масъулият пайдо мекунад. Мисли Қонуни муҷозоти исломӣ мусаввабаи соли 1370, ки дар моддаи 54 баён мекард: «Кӯдакон дар сурати иртикоби ҷурм масъулияти кайфарӣ надоранд» ва синни кӯдак барои расидан ба балоғат тибқи Қонуни мадании Эрон 9 соли тамоми қамарӣ дар духтарон ва 15 соли тамомии қамарӣ барои писарон аст.

Дигар системаи тадриҷӣ кӯдак, ки дар Қонуни муҷозоти исломӣ мусавваби соли 1392 пазируфта шудааст ва кӯдакони базеҳкор, то 9- солагӣ ҳеҷ масъулияте надоранд ва аз синни 9 то 15-солагӣ масъулияти онон камтар аз масъулияти бузургсолон аст ва аз 15-солагӣ то 18-солагӣ масъулияти онон бештар мешавад, то ба сини 18 соли комил бирасанд, ки он гоҳ масъулияти онон комил мешавад.

Дар Эрон ба тамоми касоне, ки ба синни 18- солагӣ нарасидаанд, тибқи табсараи зайли моддаи 220-и Қонуни ойини додрасии кайфарӣ ба ҷурмҳои анҷомшуда тавассути онон дар додгоҳи кӯдакон ва атфол расидагӣ мешавад. Ҳарчанд ҷурми анҷомёфта аз ҷумлаи ҷурмҳое бошад, ки тибқи қонун мебоист дар додгоҳҳои вижа мавриди расидагӣ қарор гирад. Ба унвони мисол, тибқи моддаи 5-и Қонуни ташкили додгоҳҳои умумӣ ва инқилоб расидагӣ ба ҷурми ҳамлу нигоҳдорӣ ва хариду фурӯши маводи мухаддир дар додгоҳи инқилоби исломӣ анҷом мегирад. Вале агар як кӯдак муртакиби ин ҷурм гардад, яъне маводи мухаддир ҳамл кунад, бо вуҷуди додгоҳи ихтисосии инқилоб барои расидагӣ ба ин ҷурм ба иттиҳоми вай дар додгоҳи кӯдакон ва атфол расидагӣ мешавад.

Илова бар ин, дар низоми қазоии Эрон таҳқиқоти аввалия аз додсаро, ки додситон раиси он аст ва мутобиқ бо дастуроти вай таҳқиқот ба полис дода мешавад ва пас аз анҷоми таҳқиқот тавассути полис парванда ба додсаро баргардонда мешавад, пас аз анҷоми таҳқиқот ва комил шудани парванда дар додсаро ба муҷиби изҳори назари мақомоти додсаро парванда ба додгоҳ меравад. Аммо дар мавриди кӯдакон ва атфол бо таваҷҷуҳ ба шахсияти онон ва дар ҷиҳати талоши бештар дар мавриди ислоҳ ва тарбияти онон қонунгузор пешбинӣ карда, ки парвандаи онҳо ба таври мустақим дар додгоҳ ва бидуни дахолати мақомоти додсаро, полис ва тавассути қозии додгоҳ муҳокима, анҷом ва ҳукми лозим содир мегардад.

Қозии додгоҳ ба муҷиби қонунҳои мавҷуд ин ихтиёрро надорад, ки будуни ҳузури волидайни кӯдак аз вай таҳқиқ намояд ва мебоист дар ҳангоми таҳқиқот ва муҳокима волидайни кӯдак ё вакили вай ҳузур дошта бошад. Аз он ҷо ки кӯдак тавоноии иҷрои ҳуқуқи худро надорад, дар мавридҳое, ки қозии додгоҳ дастури нигаҳдории вайро дар қонуни ислоҳ ва тарбият содир мекунад. Бояд ба вай ҳаққи эътироз ба тасмим ва ҳукми додгоҳро бидиҳад, зеро озодии фардӣ ё озодии тан яке аз ҳуқуқи асосии инсонҳо аст [4], ки дар Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Эрон низ мавриди таъкид воқеъ шудааст. Қонуни ислоҳ ва тарбият бар хилофи зиндон муҳите аст, ки шахси муҷрим дар он ҷо эҳсос мекунад, ки низоми қазоии Эрон иродаи ислоҳи вай ва бозгардониданаш ба конуни гарми хонавода ва иҷтимоъро дорад. Дар Қонуни ислоҳи тарбият бо таваҷҷуҳ ба муқаррароти конференсияи байналмилалии Ҳуқуқи кӯдак, бавижа банди д- моддаи 37 он таъкид дорад, ки кӯдаки муҷрим мебоист дастрасӣ ба мушовири ҳуқуқӣ ва мусоидатҳои заруриро дошта бошад. Чунонҷи ба нигаҳдории худ эътироз дошта бошад, додгоҳ вазифа дорад дар сареътарин замони мумкин онро расидагӣ намояд [5].

Дар ҳуқуқи Эрон асл бар ин аст, ки тамоми додрасиҳо мебоист ба сурати ошкор баргузор гардад, вале дар ҳолатҳои истисноӣ баъзе додрасиҳо маҳрамона ва ғайриошкор аст. Аз ҷумлаи онон дар Қонуни додорасии кайфарии Эрон ва ба муҷиби моддаи 225-и ин қонун расидагӣ ба ҷурмҳои иртикобёфта тавассути кӯдакон ғайриошкоро ва маҳрамона аст [6]. Илова бар ин дар низоми ҳуқуқии Эрон «Қоидаи фароғи додрасӣ»-ро дорем, ки ба муҷиби он қозӣ баъд аз судури раъй ва имзои он ҳаққи тағйир дар онро надорад. Аммо дар мавриди кӯдакон бидуни ҳеҷ қайду шарти хосе ҳар гоҳ қозӣ ташхис диҳад, ки бо тахфифи муҷозот ислоҳ ва тарбияти кӯдак имконпазир бошад, метавонад, дар раъйи қаблии худ таҷдиди назар намояд ва онро тахфифе диҳад [7].

Мавзӯи бардоштан ва ҳазфи масъулияти кайфарӣ аз кӯдакони базеҳкор дар низоми ҳуқуқии Эрон баргирифташуда аз омӯзаҳои шаръӣ ва муқаррароти байналмилалӣ аст, зеро тибқи ҳадиси набавии рафъ, ки аз паёмбари гиромии ислом Ҳазрати Муҳаммад (с) нақл шудааст, ки масъулият дар 9 маврид аз уммати ман бардошта шудааст, ки аз ҷумлаи онҳо **кӯдакӣ** аст. Ҳамчунин чун Эрон ба муҷиби тасвиби парламон ба конвенсияи байналмилалии ҳуқуқи кӯдак пайваста аст ва бо дар назар гирифтани илзомоти ношӣ аз ин Конвенсия дар вазъи қонун ва муқаррарот нисбат ба кӯдакон онҳоро мадди назар қарор дода муқаррароти ҳоли ҳозир дар иртибот бо ҷаримаҳои иртикобӣ тавассути кӯдакон нисбат ба муқаррароти собит, пешрафти чашмгире доштааст.

Аз он чи гуфта шуд натиҷа мегирем, ки дар низоми ҳуқуқии Эрон масъулияти тадриҷии кӯдакон пазируфта шуда, қонунгузории эронӣ ҳимояти вижае аз кӯдакон дар марҳилаи иттиҳом, муҳокима ва иҷрои ҳукм нишон додааст. Аз тарафи дигар, касоне, ки ба ҳуқуқи кӯдакон таҷовуз намоянд, кайфарҳои шадиде дар мавриди онҳо пешбинӣ шуда, Қонуни ҳимоят аз кӯдакон, кӯдакозориро ҷурм ба ҳисоб оварда, натанҳо озор ва азияти ҷисмӣ ва рӯҳии кӯдакро ҷурмангорӣ кардааст, ки балки ҷилавгирӣ аз таҳсили кӯдакро ҳам ҷурм ва қобили муҷозот донистааст. Дар зимн кӯдак будани шахсе, ки мавриди ҷиноят воқеъ мешавад, аз омилҳои ташдиди муҷозоти фарди ҷинояткор аст.

Ба унвони мисол, қонунгузор пешбинӣ карда ки, агар фарде кӯдакеро бидуздад, ба ҳадди аксари муҷозоти қонуни ҷурми одамрабоӣ маҳкум мешавад. Бинобар ин, тибқи дастуроти динӣ мавозини байналмилалӣ ва назарияи ҳуқуқшиносони эронӣ мебоист муқаррароти қонуние, ки вазъ мешаванд, ҳамагӣ дар ҷиҳати ҳимоят аз кӯдакон бошанд ва фалсафаи тасвиби ин қонунҳо ин аст, ки кӯдакон ояндасозони ҷомеа ҳастанд ва агар базеҳкоре дар даврони кӯдакӣ муртакиби ҷурм шавад ва мавриди ҳимояти қонунгузор қарор нагирад, дар оянда метавонад, ба муҷриме табдил шавад, ки ҷомеаро ба фасод бикашад.

## АДАБИЁТ


1.M. Walker David "the oxfovrd Compantion of Law" , clavendon press oxford 1980.

2. Муҳаммади Муин. Фарҳанги форсӣ / Муҳаммади Муин. –Теҳрон: Амири Кабир, 1360. -Ҷ. 3. –С.317.

3. Хусрав Гетӣ. Ҳимоят аз маҳҷурину маҳлулин / Хусрав Гетӣ, Муҳаммадризои Гилдаштӣ. -Теҳрон: Интишороти маркази таҳқиқот, 1355. –С. 7-120.

4. Сайидҷалолиддини Маданӣ. Ҳуқуқи асосӣ ва ниҳодҳои сиёсии Ҷумҳурии Исломии Эрон / Сайидҷалолиддини Маданӣ. –Теҳрон: Ҳамрох, 1370. –С.76-250.

5.Зиёвуддини Паймонӣ. Тафсили қавоиди дифои машрӯъ дар ҳуқуқи ҷазоии Эрон / Зиёвуддини Паймонӣ. –Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи миллии Эрон, 1357. –С.69-150.

6. Маҳмуди Охундӣ. Ойини додрасии кайфарӣ / Маҳмуди Охундӣ. –Теҳрон: Самт, 1375. –С.18-210.

7. Носир Кутузиён. Эътибори қазияи маҳкумумбаҳдар умури маданӣ / Носир Кутузиён. - Теҳрон: Интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1354. Чопи 3. –С.2. -276.


## ПРАВОВАЯ ЗАЩИТА ДЕТЕЙ ДЕВИАНТНОГО ПОВЕДЕНИЯ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН


В данной статье автором рассматривается правовая защита детей девиантного поведения по законодательству Исламской Республики Иран. По проблеме прав и правонарушения подрастающего поколения имеется большое число работ в юриспруденции и целого ряда других наук. В современных условиях, когда социально-политическая обстановка значительно усложнила воспитательный процесс, проблемы формирования, совершенствования и развития нравственно-правового воспитания подрастающее поколение выдвигаются на одно из первых мест.



**Ключевые слова:** моральный потенциал, личность, нравственно-правовое воспитание, правовая культура, уважение к правопорядку, противоправные поступки, подрастающее поколение.


## LEGAL PROTECTION OF CHILDREN OF DEVIANT BEHAVIOR UNDER THE LAWS OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN


In this article the author examines the legal protection of children of deviant behavior under the laws of the Islamic Republic of Iran. On the issue of human rights and violations of the younger generation has a large number of papers in law and a number of other Sciences. In modern conditions, when the socio-political situation has considerably complicated the educational process, problems of formation, improvement and development of the moral and legal education of the younger generation come to one of the first places.



**Key words:** moral potential, personality, moral and legal education, legal culture, respect for the rule of law, illegal acts, the younger generation.



**Сведения об авторе:** ***Исмоил Яхкаши Фар*** - соискатель Института философии, политологии и права АН РТ


# ПЕШГИРӢ АЗ ҶУРМ АЗ ДИДГОҲИ ҚУРЪОН


***Ҳикматулло Амроӣ***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Комилан ҳувайдо ва мусаллам аст, ки падидаи ҷурм аз ҳамон ибтидои хилқати башар вуҷуд доштааст. Ё ба иборате, нахустин падидаест, ки бо таҷаммӯи афрод ба даври якдигар тазоҳур пайдо кард. Зеро гирд омадани афрод бархӯрдҳои гуногунеро ба вуҷуд овард, ки ба нафъи афрод ва иҷтимоъ набуд. Ба ночор вокуниши ҷомеа дар баробари сарпечии онон аз муқаррарот дар муҷозот ва ба дунболи он роҳҳои пешгирӣ аз ҷурм буд. Китоби муқаддаси мо мусулмонон мавориди фаровоне барои пешгирӣ аз ин падидаи шумро баён кардааст, ки метавон гуфт инҳо ҳикоят аз вуҷуди ҷурм дар қабл аз ислом ва замонҳои дур мебошад. Лафзи муҷримин дар ояи чиҳилу ҳафтуми сураи муборакаи «Қамар», ки мефармояд: «Ҳамоно имрӯз бадкорон бар аҳли имон механданд (масхара мекунанд)», нозир бар касонест, ки ба воситаи аъмолу рафтори зишту нописанди худ дар гумроҳӣ ба сар мебаранд.

Калимаи «аҷриму» дар ояи сиюми сураи муборакаи «Мутаффифин», ки мефармояд: «Инн-ал-лазина аҷриму кону мин-ал-лазина ому ну язҳакун» (албатта, бадкорони олам ба гумроҳӣ (дар дунё) ва (дар охират) дар оташи дӯзаханд) низ дар мавриди касоне ворид шудааст, ки муртакиби корҳои зишт

ва гуноҳ мешаванд. Қуръон –ин китоби осмонии мо мусулмонон аз ҳамон авоили нузул беҳтарин шеваҳоро барои пешгирӣ аз ҷурм фарорӯйи мо қарор додааст. Қуръон дар ин замина шеваҳои мутааддидеро (назири пешгирииислоҳӣ, кайфӣ ва вазъӣ) муаррифӣ кардааст.

**Дидгоҳи Қуръон ба ҷурм(дидгоҳи пешгирӣ).** Қуръон беҳтарин шеваҳоро барои пешгирӣ аз ҷароим ва мафосиди иҷтимоӣ муаррифӣ кардааст. Ҳамаи ин шеваҳо мукаммал ва ҷузъи тафкикнопазири сиёсати пешгирии комилу фарогирро ташкил медиҳад. Қуръон бар хилофи дидгоҳи бархе макотиби ҷурмшиносӣ, ки бар пешгирии ғайрикайфӣ исрор доранд ва дар садади ҳазфи муҷозот аз барномаи сиёсати ҷиноӣ ҳастанд, муҷозоти муҷримонро манзури пешгирӣ аз такрори ҷурм тавассути худи муҷрим ва ибратомӯзии дигарон боиста ва зарурӣ медонад.

Қуръон дар ростои анҷоми рисолати аслии хеш бар ислоҳ ва тарбияти ахлоқии афрод ва расонидани инсон ба мақомоти волои маънавӣ таъкиди вижае дорад. Ин амр метавонад илова бар савқ додани инсон ба сӯйи камоли ниҳоӣ ва қурби илоҳӣ аз иртикоби ҷароим ба наҳви муассире пешгирӣ намояд.

Дар баёни куллӣ, Қуръон аслу ҳадафи худро дар амри пешгирии ҷурм қарор додааст. Пешгирӣ аз ҷурм, ки муассиртарину беҳтарин роҳи мубориза бо рафтори каҷравона ва ноҳинҷориҳои иҷтимоист, ҷойгоҳи воло ва арзишманде дар сиёсати ҷиноии кишварҳо дорад. Аз дидгоҳи илмӣ ҷилавгирӣ аз бурузи ҳар муфсида ва муаззали иҷтимоиву фардӣ беҳтарин шеваи мубориза бо он аст. Ин муҳим аз назари иқтисодӣ низ босарфа аст, чаро ки нерӯ ва муддати зиёде дар масири мубориза бо он ба ҳадар намеравад. Пешгирӣ аз ҷурм тибқи таърифи «Лоиҳаи пешгирӣ» иборат аст аз «пешбинӣ, шиносоӣ ва арзёбии хатари вуқӯи ҷурм ва иттихози тадобир ва иқдомоти лозим барои аз байн бурдан ё коҳиши он». Дар тӯли қаруни мутамодӣ, иттихози чунин тадобиру иқдомот ба манзури ҳифзи ҳуқуқи фардиву иҷтимоӣ ва таъмини амнияти ҳамаҷонибаи афрод, таваҷҷуҳи донишмандони улуми мухталиф ва сиёсатмадоронро ба худ муътуф доштааст. Дидгоҳҳои мухталиф ва аҳёнан мутазоде дар ин мақула иброз гардида ва бар асоси онҳо тадобири пешгирона ва иқдомоти мутааддиде иттихоз шудааст.  Аммо ҳеҷ кадом аз ин шеваҳо ва тадобир натавонистаанд ҷилӯи рушду афзоиши ҷароимро бигиранд ва тамоми онҳо дар майдони озмуну хат бо шикасту нокомии қатъӣ мувоҷеҳ шуданд ва дар муқобил ҳар рӯз шоҳиди шуюъи афсоргусехтаи ҷароим ва ноамнӣ мебошем.

Шикасти тамоми ин роҳиҳалҳои башарӣ ин ҳақиқатро ба вузӯҳ ба исбот мерасонад, ки башар бо иттикои сирф ба ақли худ бидуни истимдод аз омӯзаҳои ваҳёнӣ наметавонад барномаи ҷомееро барои пешгирӣ тадвину бар тибқи он ноҳинҷориҳо ва каҷравиҳо мубориза кунад. Аз ин рӯ, зарураст, ки ба манзури пешгирӣ аз ҷароим ва шуюъу густариши онҳо аз омӯзаҳои қуръонӣ истифода кард.

**Пешгирии фарогир.** Аз ҷумлаи барномаҳои ҷомеи Қуръони карим роҳкориҳову омӯзаҳоест, ки барои пешгирӣ аз ҷароим ва хушкондани илал ва авомили он ва таъмини амнияти ҷомеа, фарорӯйи ҷомеаи инсонӣ қарор додааст, барномае, ки дар навъи худ беназир мебошад. Қуръони карим бо барномаи ислоҳӣ монеъ аз тасмими қатъии муҷрим ба иртикоби ҷурму вуруди ӯ ба зиндагии муҷримона мегардад. Ҳамчунин бо роҳнамоиҳои маъқулона ва зиракона ҷурмро дар марҳалаи амалиётӣ ва иқдом хунсо ва мутаваққиф месозад. Низ бо дастур ба муҷозоти муҷримон ва замонати иҷроии кайфӣ ва иръоби ношӣ аз он ба пешгирии кайфӣ аз ҷурм мепардозад. Ҳангоме як барномаи пешгирии комил фарогир ва воқеъбинона аст, ки барои тамоми мароҳилу заминаҳои иртикоби ҷурм тарроҳӣ ва иҷро шавад ва дар ҳамаи онҳо вазифаи боздорандагиро ба наҳви шоиста анҷом диҳад. Бар асоси таҳлили равоншиносона, маъмулан, афрод мароҳили зерро дар ҳангоми иртикоби ҷурм тай мекунанд: Аввалан, огоҳона ва бар асоси иродаву ихтиёр ба манзури ҷалби манфиати моддӣ ва дафъи зарар тасмим ба иртикоби ҷурм мегиранд ва мумкин аст заминасози чунин иқдоме авомили пинҳону ошкори мухталифи иҷтимоиву фарҳангӣ ва иқтисодӣ бошад. Сониян, дар ҳангоми иҷрои тасмим саъй мекунанд, ки зимни касби суд аз зарарҳои ношӣ аз иқдоми муҷримона (назири дастгирӣ, обрӯрезӣ, таҳқир ва муҷозот) низ масун бимонанд. Солисан, аҳдофу омоҷ саҳлулвусул ва бидуни ҳифозати муассирро ба унвони туъма бармегузинанд. Бинобар ин, барои ҳар фард дар ҳангоми иртикоби ҷурм ва амалӣ кардани он авомили зер таъйинкунанда аст: муҳосиба ва тазмини суд, эҳтироз аз хатарот ва аворизи манфии иртикоби ҷурм ва фиқдони монеи муассир, вуҷуди як омоҷи мустаид (базеҳи дида), аам аз инсон ва ашё. Ҳеҷ оқиле бидуни дар назар гирифтани ин авомил даст ба иртикоби ҷурм намезанад.

Қуръони карим бо тарроҳии як сиёсати фарогир бо ҳамаи ин мароҳилу авомил ба мубориза бархостааст ва бо пешгирии ислоҳӣ, таълиму тарбияти фардиву иҷтимоӣ бар асоси омӯзаҳои ваҳёнӣ ва тақвияти ҷанбаҳои маънавӣ, рафъи фақру эҷоди тааҳҳудоти мазҳабӣ, ҳалли мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар садади таъсиргузорӣ дар марҳалаи тасмимгирии афрод аст, то онон бо иттихози тасмимҳои ғалату нораво вориди дунёи ҷурму ҷиноят ва хилофкорӣ нашаванд. Дар сурате ки шеваҳои марҳилаи аввал муассир воқеъ нашаванд ва фард тасмими қотеъ ба иртикоби ҷурм бигирад, Қуръон бо роҳнамоӣ бо истифода аз пешгирии вазъӣ аз тариқи коҳиши фурсатҳо ва дастовардҳову мавқеиятҳои иртикоби ҷурму салби абзору олоти он ва афзоиши мизони хатари дастгириву ҳифозат аз омоҷи ҷурм, вуқӯи ҷурмро мумтанеъ ва хунсо менамояд, ё ҳадди ақал коҳиш медиҳад. Мутобиқи ин шева бояд вазъияте эҷод шавад, ки таҳаққуқи амали муҷримона душвор ва пурхатар, ё номумкин

гардад. Низ бо дастур ба муҷозоти муҷримон ва эҷоди раъб дар байни ҳама ононе, ки мустаиди иртикоби ҷурм ҳастанд, моро ба пешгирии кайфӣ раҳнамун кардааст. Ва инак ба се навъи пешгирии ишорашударо бар асоси оёти Қуръон ба таври хулоса мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

**Пешгирии ислоҳӣ.** Дар пешгирии ислоҳӣ саъй бар ин аст, ки бо таълиму тарбияти саҳеҳи афрод, рушду таолии фикриву фарҳангии ҷомеа, шинохти илалу заминаҳои иҷтимоии иртикоби ҷурму бартараф кардани онҳо аз шаклгирии тамоюлоти муҷримонаи афрод ҷилавгирӣ шавад. Ҳамчунин, бо анҷоми ислоҳоти фардиву иҷтимоӣ ва рафъи мушкилоти оҳоди ҷомеа (назири фақру бекорӣ) ва таъмини ниёзҳои ҳаётиву тақвияти ниҳоди иҷтимоӣ (ҳаммонанди хонавода ва мадраса) ва тарвиҷи ахлоқу арзишҳои инсонӣ монеъ аз кашида шудани афрод ба зиндагии муҷримона мегардад.

Қуръони карим, беш аз ҳама, ба ислоҳу тарбияти афрод ва савқ додани онон ба ахлоқу корҳои неку ҷилавгирии инсонҳо аз иртикоби ҷурму гуноҳ эҳтимом варзидааст, то ҷое ки рисолати аслии ин китоби осмониро ҳидоят ва ислоҳи ҷомеаи инсонӣ қаламдод кардааст. Аслитарин ва муҳимтарин омӯзаи Қуръон барои пешгирӣ аз ҷароим ва ноҳинҷориҳои иҷтимоӣ, омӯзаҳои тарбиятӣ ва ислоҳист, ба гунае ки омӯзаҳо ва шеваҳои дигар (назири пешгирии кайфарӣ ва вазъӣ) амри фаръӣ дар фароянди мубориза бо ҷурм маҳсуб мешаванд. Дар зайл ба бархе аз омӯзаҳои тарбиятӣ ва ислоҳии Қуръон ишора мешавад:

**Динбоварӣ ва парвариши рӯҳияи диндорӣ.** Омӯзаҳо ва боварҳои динӣ ва тарвиҷу тақвияти онҳо илова бар ин ки рушду таолии рӯҳию маънавии инсонро тазмин менамояд ва ӯро ба ҳадафи волое, ки барои он халқ шудааст, наздик мекунанд, нақши хориқулодае дар коҳишу пешгирӣ аз вуқӯи ҷурм ва инсирофи дарунии инсонро аз аъмоли муҷримона ва табаҳкорона дорад ва, ҳатто, афродро аз даст задан ба аъмоле, ки дар шаъну манзалати инсонии онҳост, бозмедорад. Ҳар қадар умқи ин боварҳо дар вуҷуди инсон бештар бошад, ба ҳамон андоза таъсиргузории онҳо бар рафтори инсон бештар хоҳад буд. Дар муқобил маншаи бисёре аз ҷароим ва гуноҳон фиқдон ё заъфи диндории афрод мебошад. Аз ин рӯ, мутаваллиёни фарҳангӣ ва мазҳабӣ барои тақвияти ҳарчи бештари эътиқодоту имони мазҳабию ҷилавгирӣ аз заъфу уфули онҳо бояд тадобиру иқдомотеро иттихоз намоянд. Манобеи динии мо, бахусус Қуръон, ба муаррифии ҳақоиқе пардохтаанд, ки ҳам аз бӯъди илмию яқинӣ дар ислоҳи рафтори мо таъсири асосӣ дорад ва аз инҳирофу каҷравии инсон пешгирӣ мекунад ва ҳам аз бӯъди имонию эътиқодӣ дар рафтору аъмоли мо таъсири жарфу амиқе дорад. Дар зайл ба муҳимтарини онҳо ишора мешавад.

**Илму яқин ба ҳақоиқу маориф.** Аз бӯъди илмӣ Қуръони карим ҳақоиқе назири вуҷуди Худоро бо он авсоф ва вижагиҳо, маод ва подошу кайфар тибқи аъмоли хубу бади инсон муаррифӣ кардааст, ки ҳар инсони мусулмоне мусталзам аст ба ин ҳақоиқ ва маориф бар асоси адилаи ақлии илм ба яқин пайдо кунад, сипас, нисбат ба онҳо имону бовари амиқ дошта бошад. Ин илму яқин дар ислоҳи рафтору пешгирии ӯ аз инҳирофу иртикоби гуноҳон таъсири босазое дорад, зеро яке аз авомиле, ки дар рафтори мо нақши таъйинкунанда дорад, илму огоҳии дуруст аст. Дар воқеъ ин биниши мост, ки ба гароишҳо ва рафторҳои мо ҷиҳат медиҳад. Навъи интихоби ҳар кас дар ҳар заминае вобастагии том ба мизони бинишу огоҳии ӯ дорад. Ба ҳамин далел, Қуръон дастур медиҳад, ки танҳо аз илму яқин пайравӣ кунед: «Ва ло тақаф мо лайса лака биҳи илмун» - ҳаргиз аз чизе, ки ба он илм надорӣ, пайравӣ макун» (Исроъ, 36). Ин китоби осмонӣ бар ислоҳи биништо ва нигаришҳо таъкиди фаровоне карда, ва аз инсонҳо хостааст, ки гузинишҳояшон мубтанӣ бар илму огоҳии дуруст бошад, на аз рӯйи тақлид (Азоб, 67; Анбий, 53-54), таассуб (Бақара, 170), лаҷоҷат, занну гумон (Юнус, 36; Наҷм, 28; Анъом, 116), майлҳо ва ҳавоҳои нафсонӣ. Қуръони карим гароишҳои муқаллидона, мутаассибона ва лаҷуҷонаро башиддат мавриди накӯҳиш қарор додааст.

**Эътиқод ба илми номаҳдуди илоҳӣ.** Яке аз муҳимтарин эътиқодоти боздоранда иртикоби гуноҳон ва ҷароим, илму огоҳии номаҳдуди Худованд ба ҳамаи мавҷудот ва аз ҷумла инсон ва аъмолу рафтори ӯст. Аз назари Қуръон ҳамаи мавҷудот дар маҳзари Худованд қарор доранд: «Инна-л-Лоҳа кона ало кули шайъин шаҳидо (Худованд бар ҳар чиз шоҳид ва нозир аст)»(Оли Имрон, 5). «Инна-л-Лоҳа ло яхфи алайҳи шайин фи-л-арзи ва ло фи-с-самои(Ҳеҷ чизе дар сомну замин бар Худо махфию пинҳон нест)» (Алақ, 14). «Алам яълам бинна-л-Лоҳа яро» (Худованд ҳамаи чизро мебинад ва таҳти ашрофи илмии ӯ мебошад) (Тоҳо, 7). «Оё ӯ намедонад, ки Худованд ҳамаи аъмоли ӯро мебинад? Худованд, ҳатто, аз махфитарин махфиҳо низ огоҳ аст» (Анъом, 3). Агар сухан ошкоро бигӯйӣ(ё махфӣ кунӣ), Ӯ пинҳониҳо ва, ҳатто, пинҳонтар аз онро низ медонад. Инсон низ ба унвони ҷузъе аз олами ҳастӣ таҳти назорату иҳотаи илмии Худои мутаол қарор дорад. Илова бар аъмолу рафтори зоҳирии инсон, афкор, ниёт, хутуроти қалбӣ ва ҳадиси нафсии ӯ низ барои Худованд маълум ва машҳуд аст : "Ӯст Худованд дар осмонҳо ва дар замин, пинҳону ошкори шуморо медонад ва аз он чи (анҷом медиҳед ва) ба даст меоваред, бохабар аст"(Анъом, 3). Имону эътиқод ба ин омӯзаҳо муҷиб мешавад, ки инсон ҳамеша худро таҳти иҳотаи илми бепоёну назорати дақиқи Худованди мутаол бидонад ва на танҳо дар зоҳир аз каҷравиҳо ва аъмоли нописанд худдорӣ кунад, балки дар ботин низ афкори нописанду ниёти шумро ба дил роҳ надиҳад. Аз он рӯ, ки аъмолу рафтори инсон таблури афкору

мақосиди ӯст. Табиист, ки бо назорати афкору андешаҳо, рафтори инсон низ ислоҳ ва решаи инҳирофу ноҳинҷориҳо аз ин қатъ хоҳад шуд, машрут бар ин ки имон ба ин матлаб воқеан дар дили ӯ русух карда, ба сурати як бовари қатъӣ расида бошад. Дар ҳадисе аз Паёмбари Акрам (с) мехонем: "Бартарин марҳилаи имони инсон ин аст, ки бидонад ҳар ҷо бошад, Худо бо ӯст"

**Имон ва илтизоми илмӣ ба тавҳид дар ибодат.** Аз назари ислом муъмин ва муваҳҳиди воқеӣ касест ки, илова бар эътиқоди росих ба тавҳиди зотӣ, сифотӣ ва афъолӣ, ба тавҳид дар ибодат ва итоати Худо низ мултазим ва пойбанд бошад. То инсон ҳама мароҳили тавҳидро тай накунад, муъмин ва муваҳҳиди воқеӣ маҳсуб намешавад. Мафҳуми тавҳид дар ибодат ин аст, ки инсон аввалан танҳо Худовандро мавриди парастиш, тақдис ва танзеҳ қарор диҳад, дар ғайри ин сурат аз ҷаргаи аҳли тавҳид ва ҳавзаи ислом хориҷ хоҳад буд. Ва сониян, бояд дар тамоми умури зиндагӣ мутеъ ва таслими маҳз дар муқобили Худованд бошад

Табиист, вақте инсон дар мақоми амал муваҳҳиди воқеӣ ва мутеи авомиру навоҳии илоҳӣ бошад, аз иртикоби ҷароим, ки ба шиддат бо мақоми убудияти Ӯ танофӣ дорад ва мавриди наҳйи Худост, худдорӣ мекунад ва дар майдони талошу мусобиқа ба манзури дастёбӣ ба мақоми қурби илоҳӣ, ба сӯйи некиҳо ва аъмоли писандида меравад ва ба марҳилае аз рушду таолии маънавӣ мерасад, ки ҳаргиз тамоил ба иртикоби гуноҳ ва ҷароим дар ӯ падид намеояд.

**Имон ба маод ва додгоҳи адли илоҳӣ.** Яқин ба қиёмат ва рӯзи ҷазо нақши муҳимме дар пешгирӣ ва коҳиши ҷароиму мафосид дорад, зеро инсон аз назари хости табиӣ ва фитрӣ манфиатхоҳ ва аз зарару зиёни хеш башиддат мутанаффир ва гурезон аст. Ҷалби манфиат ва дафъи зарар, новобаста аз моддӣ ва маънавӣ будан, дар тамоми адвори зиндагӣ меҳвари фаъолиятҳои ӯро ташкил медиҳад. Инсони оқил ҳеҷ гоҳ огоҳона даст ба коре намезанад, ки сад дарсад ба зарари ӯ бошад

Бар ин асос, касе ки ба вуҷуди Худо ва додгоҳи адли илоҳӣ илму имон дорад, медонад, ки иртикоби ҷароим, қонуншиканӣ, тааддӣ ба ҳуқуқи дигарон ва адами пойбандӣ ба ахлоқу арзишҳои инсонӣ ба далели азобҳо ва шиканҷаҳои тоқатфарсои ухравӣ "зарари маҳз" аст ва балки зиёну хусрони болотар аз он тасаввур намешавад. Шиддати азоб ба гунаест, ки тибқи оёти сареҳи Қуръон, гунаҳкор дӯст медорад азизтарин азизони хеш, яъне фарзандон, ҳамсар, бародар, оила ва қабилааш, ки ҳамвора аз ӯ ҳимоят мекарданд, балки тамоми касонеро, ки дар рӯйи замин ҳастанд, фидо кунад, то мояи наҷоти ӯ дар баробари азоби ҳавлнок гардад: "Азоби илоҳӣ ончунон ваҳшатнок ва ҳавлангез аст, ки золимон ҳозиранд бузургтарин ришваеро, ки метавон тасаввур кард, барои раҳоӣ аз он пардохт кунанд, аммо касе аз онҳо намепазирад." Бидуни тардид эътиқоди росих ба ин омӯзаҳо бузургтарин садро дар баробари ҳар гуна зулму тааддӣ ва таҷовуз ба ҳуқуқи дигарон эҷод мекунад. Манофеи зудгузар ва заволпазире, ки инсон аз тариқи таҷовуз ба ҳуқуқи дигарон касб мекунад, дар муқоиса бо мизони сахте ва шиддате, ки дар баробари он қарор дода шуда, ба қадре ҳақир ва ночиз аст, ки ҳеҷ инсони оқил ва дурандеше ҳозир ба чунин муомилаи зиёнборе нахоҳад шуд.

Ва аз он тараф яқин дорад, ки анҷоми кори нек ва риояти масъулияту илтизом ба ахлоқу қонун ба далели подошҳои абадии ухравӣ "суд ва фоидаи маҳз", он ҳам аз навъи волотарин ва пойдортаринашро барои ӯ ба дунбол дорад, аз ин рӯ, бо тамоми вуҷуд саъй мекунад, ки мултазим ба онҳо бошад. Қуръон низ тибқи ин асли равоншиносӣ мефармояд: "Ҳар касе амали солеҳе анҷом диҳад, нафъаш барои худи ӯст ва ҳар касе бадӣ кунад, ба хештан бадӣ карда ва Парвардигори ту ба бандагон ҳаргиз зулму ситам намекунад". Дар ҷойи дигар мефармояд: "Агар некӣ кунед, ба худ некӣ кардаед ва агар бадӣ кунед, ба худ бадӣ кардаед". Арзишҳои ахлоқие, ки нақши муассире дар пешгирӣ аз ҷароим доранд, дар зер ишора мешаванд:

**Тақво омили боздоранда аз ҷурм.** Дар оёти мутааддиди Қуръон аз тақво ба унвони муҳимтарин арзиши ахлоқӣ ёд шудааст, ки инсонро ба анҷоми вазоифи худ ва иҷтиноб аз гуноҳону ҷароим мулзам мекунад. Касе, ки муттасил ба ин сифати воло ва гаронбаҳо бошад, ҳамвора доманаш аз олудагиҳо пок хоҳад буд. Афроди покдоман бо эҳсоси эҳтимоли гуноҳ ба худ меларзанд ва ба Худо паноҳ мебаранд. Барои мисол, ҳангоме ки Ҷабраил дар хилватгоҳи ҳазрати Марям ворид шуд ва вай хаёл кард ӯ инсонест, ки ба қасди ӯ он ҷо омада, барои ин ки ӯро аз ин қасд боздорад, рӯйи ин сифати волои инсонӣ ва омили покдоманӣ ва боздоранда аз ҷурму гуноҳ ангушт гузошт; сифате, ки ҳар инсоне аз

нафйи он кароҳат дорад ва эътироф ба надоштани он барои ӯ бисёр гарон аст. "Гуфт ман аз ту ба Худои раҳмон паноҳ мебарам, агар тақво дорӣ (аз ман дур шав)" (Марям, 18).

**Тавба намудани базеҳкор.** Яке дигар аз арзишҳои ахлоқӣ, ки нақши муҳиме дар ислоҳ ва бозпарварии мучримон дорад ва ононро аз кашида шудани муҷаддад ба сӯйи ҷозибаҳои гуноҳон ва ҷароим бозмедорад, тавба аст. Тибқи ин арзиши волои ахлоқӣ роҳи ислоҳ ва бозгашт ҳамвора барои ҳамаи гуноҳкорон боз аст ва инсони хатокор дар таҳти ҳеҷ шароите набояд аз лутфу раҳмати бекарони илоҳӣ маъюс шавад. Бар асоси ривоёт, яъс аз раҳмати Худо аз гуноҳони кабира қаламдод шудааст. Қуръони карим низ мефармояд: "Аз раҳмати илоҳӣ ҳеҷ гоҳ маъюс нашавед, чаро ки танҳо кофирони беимон аз раҳмати Худо маъюс мешаванд"(Юсуф, 87). Бинобар ин, агар инсон дар тамоми умраш кӯчактарин амали мусбате дар парвандааш вуҷуд надошта бошад ва бузургтарин ҷароимро низ муртакиб шуда бошад, боз ҳам набояд аз авфу меҳрубонии Худо ноумед бошад.

**Аҳком ва муқаррароти пешгирона.** Яке дигар аз тадобири ислом барои пешгирӣ аз ҷароим аҳкоми уббодӣ ва илзомии марбут ба масоили фардиву иҷтимоист. Ин аҳком илова бар савқ додани инсон ба сӯйи камоли ниҳоӣ, нақши муҳиме дар пешгирӣ аз вуқӯи ҷароим ва инҳирофоти иҷтимоӣ дорад. Ин аҳком дар манобеи динӣ, дар қолаби воҷиботу муҳаррамот матраҳ шудааст, ки риояти онҳо зарурист ва нақзи онҳо илова бар уқубати ухравӣ муҷиби муҷозоти дунявӣ низ мешавад. Барои намуна, намоз ба унвони яке аз воҷиботи исломӣ ҳамвора инсонро ба ёди Худо ва бозгашт ба сӯйи Ӯ мутазаккир мешавад. Дар сурате ки ин тазаккур доимӣ ва мустамар, ҳамроҳ бо кулли шароит ва одоб анҷом шавад, илова бар ин ки аз фаҳшову мункарот ва ҳар гуна инҳирофоти ахлоқию рафторӣ ҷилавгирӣ мекунад, муҷиби сууд ва уруҷи инсон ба болотарин дараҷаи камол низ мешавад. Қуръон дар ин бора мефармояд: "Намоз ба по дор, ки намоз(инсонро) аз зиштиҳову гуноҳ бозмедорад ва ёди Худо бузургтар аст". Яке дигар аз аҳкоми илзомии пешгирона рӯзадорист, ки дар воқеъ навъе тамрини тасаллут ва назорат бар хостаҳо ва тамоилоти нафсонист. Инсон дар ҳангоми анҷоми ин таклифи илоҳӣ мулзам аст, ки дар соъоти муайяне аз анҷоми бисёре корҳои мубоҳ худдорӣ кунад. Барои мисол, дар муқобили шиддати аташи ташнагӣ ва тамоили шадиди гуруснагӣ муқовимат кунад, низ тан ба хостаи тамоилоти саркаши ҷинсӣ надиҳад, то тавассути ин тамрини рӯзона дар ҷиҳоди акбар дар муқобили муҳимтарин омили иртикоби ҷурму гуноҳ, ки ҳавоҳои нафсонӣ ва хостаи номашрӯи нафс бошад, фоиқ ояд ва тавоноии муқовимати ӯ афзоиш ёбад. Дар натиҷа, таъми самараи ширини ин муқовиматро, ки малакаи тақво ва парҳезгорӣ мебошад, бо тамоми вуҷуд бичашад. Қуръон дар ин замина чунин тасреҳ мекунад: "Эй афроде, ки имон овардаед, рӯза бар шумо навишта шуда, ҳамон гуна ки бар касоне, ки пеш аз шумо буданд, навишта шуд, то парҳезгор шавед".

Яке дигар аз аҳкоми иҷтимоӣ, ки нақши муассире дар пешгирӣ аз ҷароим ва инҳирофоти иҷтимоӣ дорад, асли амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст. Бар асоси ин асл афроди ҷомеа бояд нозири аъмолу рафторҳои якдигар буда, бо тамоми тавон дар тарвиҷи фазоил, арзишҳову хубиҳо ва ҷилавгирӣ аз вуқӯи ҷароим ва ҳар гуна инҳирофоти иҷтимоӣ талош кунанд. Қуръон дар ин замина мефармояд: "Мардону занони боимон валии (ёру ёвар) якдигаранд, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунанд".

**Пешгирии вазъӣ.** Дар пешгирии вазъӣ саъй бар ин аст, ки аз тариқи салб ё коҳиши фурсатҳо ва мавқеиятҳои иртикоби ҷурму назорат ва мудирияти саҳнаи он, вуқӯъ ва зуҳури ҷурм мумтанеъ ё душвор шавад. Ҳадаф аз он низ эҷоди вазъиятест, ки дар он мучрим ба рағми тасмим ба иртикоби амали мучримона аз муҳаққақ намудани қасди худ нотавон гардад. Масалан, бо ғайри қобили дастрас кардани омоҷу аҳдофи ҷурм ва иттихози тадбире барои ҳифозат аз амволу афрод дар маърази ҳамалоти эҳтимолии базеҳкорон ва эҷоди маҳдудият барои истифода аз абзори тасҳилкунандаи иртикоби ҷурму эҷоди мавонеъ дар баробари амалиёти эҳтимолии мучримон, вуқӯи ҷурмро ғайримумкин сохта, ё кӯшишу заҳамоту хатароти иртикоби он афзоиш дода шавад. Низ бо истифода аз фановарии рӯзу насби дастгоҳҳои муроқибатӣ, назири дурбинҳои махфӣ, duздгир ва ғ. мизони хатари дастгирӣ ё шинохта шудани муртакиб афзоиш ёбад ва ё дасти кам дастовардҳо ва судҳои ҳосила мавриди назари мучримон коҳиш дода шавад. Ҳамчунин, бо аз байн бурдани авомиле, ки боиси таҳрик ё ташвиқи афрод ба иртикоби ҷурм мешавад, аз вуқӯи ҷурм пешгирӣ ба амал ояд. Ин идея чизе ҷуз як дарку фаҳми сода нест, ки бинобар он афрод барои ҳифзи хонаи худ аз дастбурди

дигарон бар дарҳои он қуфлу шаббандҳои хуб насб мекунанд. Тибқи зарбулмасали маъруф "моли худро ҳифз кун, ҳамсояро муттаҳам ба дуздӣ макун", дар воқеъ бо ин равиш аз пешгирӣ вазъияте эҷод мешавад, ки таҳаққуқи амали муҷримонаро душвор ва пурхатар ё номумкин месозад, аз ин рӯ, ба ин шева "пешгирии вазъӣ" гуфта мешавад. Бинобар ин, пешгирии вазъӣ бештар бо ҳимоят аз аҳдофу омоҷи ҷурм ва низ базеҳдидагони билқувва ва аъмоли тадобири фаннӣ ба дунболи пешгирӣ аз базеҳдидагии афрод ё омоҷҳо дар баробари базеҳкорон аст. Бидуни шак яке аз муассиртарин авомили вуқӯъу шуюъи ҷурм саҳлулвуқӯъ будан ва вуҷуди шароити моддии муносиб барои иртикоби он аст. Барҳам задани ин шароит ва табдил кардани онҳо ба шароити пурхатар ва саъбулвусул барои муҷримони билқувва нақши муҳиме дар пешгирӣ аз вуқӯи ҷурм дорад. Манзур аз пешгирии кайфарӣ аз ҷанбаҳои иръобомезу ҳаросангези муҷозотҳо барои ҷилавгирӣ аз вуқӯи ҷурм аст. Бо ин баён, ки муҷозотҳо зотан ранҷовару озордиҳанда ҳастанд ва дарду нороҳатии ҷисмиву рӯҳии тоқатфарсоеро бар муҷрим таҳмил мекунанд. Ҳеҷ оқиле бо иродаву ихтиёр аз таҳаммули чунин ранҷу аламе истиқбол намекунад.

Илова бар ин, муҷозотҳо расвокунанда ва таҳқиркунанда ҳастанд, чун ҳокӣ аз ин аст, ки муҷрими амали зишту нописандеро, ки фитрати поки ҳар инсоне аз он танаффур дорад, анҷом дода, арзишҳои иҷтимоии мавриди қабули ҳамагонро лагадмол кардааст. Ҳамчунин амнияти ҷомеаро мухтал намуда, хубси ботину ҳақорату костии шахсияти хешро ба маърази намоиш гузоштааст. Аз ин рӯ, муҷозотҳо ҳайсияти фардиву иҷтимоии муҷримро аз байн мебаранд. Нангу расвоии баъзе аз муҷозотҳо ҳаммонанди қасоси тараф ва қатъи даст, то абад дар бадани муҷрим боқӣ мемонанд ва ӯро ангуштнамо мекунанд. Ба далели ҳамин ду вижагии расвогарию ранҷоварии муҷозотҳо ҳамаи афрод аз гирифтор шудан дар доми онҳо метарсанд ва муҷозот ҷанбаи раъбоваре пайдо мекунад ва аъмоли он ҳам, муҷримро аз иртикоби муҷаддади ҷурм мунсариф мекунад ва ҳам мӯҷиби ибратгирию боздорандагии соири афрод мешавад. Ба ҳар андоза, ки эҳтимоли аъмоли замонатҳои иҷроҳои кайфарӣ бештар шавад, ба ҳамон нисбат ҷурм шуюъи камтаре хоҳад дошт. Як робитаи мустақими риёзӣ байни афзоиши аръоб ва коҳиши ҷурм ҳоким аст. Бад-ин тартиб, кайфар омили пешгирикунанда аз ҷурм маҳсуб мешавад. Қуръон бо ҷурмангории бархе аз рафторҳо, ҳамчун қатл, сирқат, зарбу ҷарҳ, зино ва ғайра таъйини муҷозоти одилона барои муртакибони онҳо ҷомеаи башариро ба пешгирии кайфарӣ аз ҷурм раҳнамун кардааст. Қуръон барои ин ки кайфар нақши бештаре дар пешгирии муҷримон ва соири афроди ҷомеа аз иртикоби ҷурм ифо кунад, роҳкориҳоеро ироа додааст, аз ҷумла ин ки, муҷозот ба сурати аланӣ иҷро шавад. Агар муҷозот ба сурати махфиёна анҷом шуд, ҳарчанд дарду ранҷи ҷонкоҳеро бар муҷрим таҳмил мекунад, вале фоқиди вижагии расвокунандагӣ аст ва таъсири чандоне дар ибратомӯзӣ ва боздорандагии худи базеҳкор ва соири афроди мустаид барои иртикоби ҷурм надорад.

## АДАБИЁТ


1. Қудратуллоҳи Хусравшоҳӣ. Пешгирӣ аз ҷурм дар омӯзаҳои қуръонӣ/ Қудратуллоҳи Хусравшоҳӣ. // Басират. -№ 30-31.- С. 69-78.
2. Маҳмуд Мирхалилӣ. Пешгирии вазъӣ аз нигоҳи омӯзаҳои ислом / Маҳмуд Мирхалилӣ. // Фиқҳ ва ҳуқуқ, 1380, -№ 1.- С. 60-69.
3. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Маҷмӯаи осор / Муртазо Мутаҳҳарӣ. -Теҳрон, 1379. –Ҷ. 1.
4. Носир Макорими Шерозӣ. Тафсири намуна / Носир Макорими Шерозӣ ва ҳамкорон. Иборат аз 27 ҷилд.- Теҳрон, 1361.
5. Сайид Муҳаммад Ҳусайни Таботабоӣ. Ал-мизон фӣ тафсир ал-Қуръон / Сайид Муҳаммад Ҳусайни Таботабоӣ. Дар 20 ҷилд.- Теҳрон, 1374.


## ПРЕДУПРЕЖДЕНИЕ ПРЕСТУПЛЕНИЙ В КОРАНЕ


Коран и Сунна как универсальные источники мусульманского права имеют не мало норм, регулирующих уголовно-правовые отношения, в которых установлены виды преступности, формы и виды наказания. В данной статье автор рассматривает правовые нормы, содержащиеся в Коране и Сунне, которые имеют основополагающее значение в деле предупреждения преступлений.



**Ключевые слова:** Коран, мусульманское право, божественное право ислама, кодекс поведения, предупреждение преступлений в Коране, юридические нормы.


## PREVENTION OF CRIMES IN THE OURAN


The Quran and Sunnah as universal sources of Islamic law are not enough rules governing criminal legal relations that have the types of crime, forms and types of punishment. In this article the author examines the legal rules contained in the Quran and Sunnah, which are fundamental in preventing crimes.



**Key words:** Quran, Muslim law, the divine law of Islam, the code of conduct, prevention of crimes in the Qur'an, the legal norms.



**Сведения об авторе:** ***Хикматулло Амрои*** – соискатель Таджикского национального университета

# ПЕШГИРӢ АЗ ҶУРМ ДАР ИСЛОМ

*Фуруд Амроӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Пазириши асли бартарии пешгирӣ бар дармони сиёсатҳои қазоӣ ва кайфариро бар ин доштааст, то бо гузиниши шеваҳои коромад афродро аз иртикоби базеҳ боздоранд ва бо коҳиши нархи такрори ҷурм ҷамъияти кайфариро маҳдуд кунанд. Пешгирӣ аз ҷурм умре ба дарозии худи ҷурмро дорад. Аз рӯзе, ки дасти башар ба иртикоби нахустин ҷурм олуда шуд, таъмини амният табдил ба муҳимтарин дағдағаи инсон шуд. Дар ҷавомеи нахустин «саркӯбгарӣ» танҳо роҳкори мубориза алайҳи ҷурм талаққӣ мегардид ва шиддату қатъият дар иҷрои онро муҷиби коҳиши базеҳкорӣ медонистанд. Ва дар ин равишҳо бо ҳазфу тарди базеҳкор имкони такрори ҷурм амалан мунтафӣ мешуд.Гузашти замон нишон додааст, ки ин шева ба танҳоӣ натавониста аз бурузи базеҳ ҷилавгирӣ кунад, чаро ки дар ин андеша пешфарз ин аст, ки базеҳкор оқилона манофеу музори базеҳкориро пеш аз анҷоми базеҳ месанҷад ва бештар шудани шиддату хушунати аъмоли муҷозотҳо дар коҳиши алоқаи фард ба базеҳкорӣ иллати адами рух додани ҷурм аст, дар ҳоле ки авомили иҷтимоӣ ва муҳитӣ низ бар бурузи ҷароим муассиранд. Хамчунин имкони ҷилавгирӣ аз такрори ҷурм барои афроде, ки як бор таъми муҷозотро чашидаанд ва асар набахшидааст, ба маротиб душвортар аз пешгирии нахустин барои афроди нокардаи базеҳ аст. Бинобар ин, башар пешгирӣ аз тариқи тадобиру иқдомоти ғайрикайфариро пеш гирифт, шеваҳое, ки хеле бештар аз сӯйи макотиби илоҳӣ бо тарҳи масоиле чун худопарастӣ, эътиқодоти динӣ ва мазҳабӣ, виҷдон ва ғайра ба унвони як шеваи тарбиятӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта буд.

Дар ин миён дини мубини ислом ба унвони «акмал-ул-адён» бо ироаи дастуроти тарбиятӣ ва ахлоқӣ саъй дар эҷоди ҳифзи амният дар дар ҷомеаи исломӣ доштааст. Бинобар ин, ба масъалаи пешгирӣ ва ислоҳ эҳтимом дошта бошад ва ба ҳамин далел қабл аз ҳар чиз ба авомили бавуҷудоваранда ва заминаҳои гуноҳ ва ҷурм таваҷҷуҳ карда, барои муқобала бо онҳо бо воқеъбинии тамом чораандешӣ намудааст.

**Таърифи ҷурм.** Истилоҳоти ҳуқуқ дар таърифи ҷурм муқаррар медорад: «Ҷурм амалест, ки қонун онро аз тариқи таъйини кайфар манъ карда бошад» (1, 191). Таърихи ҳуқуқи кайфарӣ нишон медиҳад, ки бояд байни арзишҳое, ки бо иртикоби ҷурм нақз мешаванд, тафкик қоил шавад. Арзишҳое вуҷуд доранд, ки дар тӯли таърих ҳамвора ба унф баён мешаванд. Пас, мафҳуми ҷурм умдатан як мафҳуми иҷтимоист. Бинобар ин, монанди сойири мафоҳими иҷтимоӣ амре нисбист ва дар замону макон дастхуши дигаргунӣ қарор мегирад, пас мубориза алайҳи ҷурм низ бояд бо ин дигаргуниҳо, шеваҳо ва ҳадафҳои худро татбиқ диҳад.Аз дидгоҳи қонунӣ падидаи ҷиноӣ ба мафҳуми ҷурм ё базеҳ бозмегардад ва метавон онро чунин таъриф кард: «Феъле, ки ба далели ихлол дар назми иҷтимоӣ дар қонуни ҷазо тасреҳ ва муҷозоте барои он манзур шудааст».Ба таври куллӣ ҷурм аз назари қонунгузор ба унвони як мафҳуми инсонӣ ва қазоӣ дар қолаби қавонини ҷазоӣ мушаххас мешавад ва иртикоби он ба сурати замонати иҷрои мутаносиб мамнӯъ эълом мешавад.

Аммо аз назари ҷомеашиносон ва ҷурмшиносон ҷурм иборат аст аз нақзи низоми иҷтимоӣ ва рафторӣ, ки бо завобити фарҳангӣ ва иҷтимоии ҳоким бар ҷомеа муғойират дорад ва эҳсосоти умумӣ ё виҷдони ҷамъиро ҷареҳадор мекунад ва аам аз инҳироф аст. Аммо аз дидгоҳи ислом ҷурм ё гуноҳ ба маънии омми калима иборат аст аз нофармонӣ аз авомиру навоҳии содир аз мақоми рубубӣ, зеро дар шариати ислом мақоми қонунгузорӣ аз они Худованд аст ва таъйини масолеҳ ва мафосид ва қавоиди ҳаёти дунявии муъминон бо ӯст.Гуноҳ, ки мавзӯи ҳудуд ва таъзироти исломист, мафҳуме бисёр васеъ дорад. Гуноҳ на танҳо ба аъмол ё тарки афъоле итлоқ мешавад, ки аз қавоид ва заруриёти ҳифзи ҷомеаи исломист, балки нақзи таколиферо низ шомил мешавад, ки муфсидаи он мутаваҷҷеҳи худи шахс аст. Монанди тарки воҷибот ва нақзи қавоиди ахлоқӣ. Дар Қуръони карим барои гуноҳ номҳои мухталиф аз қабили суъ ва сиъа, маъсияту хатиа, асам ва фаҳшо ва занбу ҷиноҳ мазкур аст, ки бо диққати назар ихтилофоте миёни мафоҳими онҳо дида мешавад. Дар мавриди вожаи «занб» Қуръони карим ағлаб онро дар мавриди гуноҳони шарирона алайҳи Худованд ба кор мебарад. Оёти 11 ва 12 сураи муборакаи «Оли Имрон» нишон медиҳад, ки такзиб, яъне дурӯғ бастан ба Худо куфр ба шумор меравад ва куфр яке аз зунуб аст. Дар ҷойи дигар истикбор яке дигар аз зунуб шумурда шудааст. Дар бораи вожаи «асас» гуфтаанд, ки ба амали ғайримашрӯӣ итлоқ мешавад, ки аз рӯйи қасд анҷом гирифта бошад, ҳол он ки занб ба ҳар амали ғайримашрӯӣ итлоқ мегардад, хоҳ аз рӯйи қасд бошад ва хоҳ бидуни қасд. Оёти 105 ва 106 сураи «Моида» ба сифоти касоне, ки ба унвони гурӯҳи шаръӣ дар васияти марбут ба ирс ширкат меҷӯянд, ишора дорад ва гуфта мешавад ки, агар ба адолат гувоҳӣ надиҳанд, муртакиби гуноҳ шудаанд.

Мазҳабиюн дар таърифи ҷурм аз ақоиди динӣ илҳом мегиранд ва онро тавзеу муҷовиз ба ҳаққуллоҳ ва ҳаққуннос медонанд вал изо ҷурм дар шаръ шомили масоилест, ки дорои мафосиди иҷтимоӣ ва мафосиди шахсист, дар ҳоле ки масоили охир ҳамеша урфан қобили муҷозот нест.

Арзишҳое, ки дар ҳуқуқи ислом мавриди эҳтиром аст, ҷону мол, ақлу шараф ва дини афрод аст, ки таҷовуз ба ҳар як аз ин арзишҳо муставҷиби замонати ичроҳои кайфарии дунявӣ ва ухравист.

**Анвои ҷурм.** Имрӯз дар ағлаби қонунгузории ҷаҳон ҷароимро дар табақабандиҳои хос бо таваҷҷуҳ ба хиффат ва шиддати муҷозот дар назар мегиранд ва мекӯшанд, то бо диққат дар таҳаввулоти ҷомеа дар эҷоди таносуб байни ҷурм анҷом ёфта, муҷозоти муқаррар тавфиқ пайдо кунанд ва бахусус додаҳои ҷурмшиносӣ низ, бар вуҷуди ин таносуб таъкиди фаровон доранд. Ин гуна қонунгузориҳоро истилоҳан «қонунгузории урфӣ» таъбир мекунем, то аз ҷавомее, ки дар он «қонунгузории шаръӣ» вуҷуд дорад, тафкик шавад. Дар ҷомеаҳои ахир, ки қавонини шаръӣ ҳоким аст, метавон навъе дугонагӣ дар муҷозот дид. Аз сӯе бархе аз муҷозот тағйирнопазиранд ва дар ҳар шароит иҷро мешаванд ва аз сӯйи дигар, муҷозотҳое ҳастанд, ки қобилияти тағйир доранд.Дар шариати ислом ҷароим ба маҳзурои шаръӣ, ки Худованд аз онҳо ба василаи ҳад ва ё таъзир манъ кардааст, таъриф шудаанд ва маҳзурот иборатанд аз: анҷоми феъле, ки аз он наҳй шудааст ва ё тарки феъле, ки ба он амр шудааст ва тавсифи маҳзурот ба васфи шаръӣ ишора баин матлаб дорад, ки дар ҷурм воҷиб аст, ки шариат онро манъ намояд. Пас, ҷурм анҷоми амале ҳаром аст, ки шариат бар таҳриму муҷозот бар он тасреҳ кардааст.

**Илали ҷурм.** Илали ҷурм чизест, ки чизи дигар бар он мутаваққиф бошад ва аз вуҷуди он вуҷуди амри дигаре ва аз адами он амр лозим ояд, маълул дар асари адами иллат мумтанеъ мешавад, аз рафъи иллат ва адами он адами маълул лозим меояд. Ба ҳар ҳол, ҳар гоҳ миёни ду амре вобастагӣ вуҷуд дошта бошад, онро, ки муҳтоҷилайҳ аст, иллат номанд ва дигареро, ки муҳтоҷ аст, маълул гӯянд.

**Омили ҷурмзо.** Авомили ҷурмзо аносире ҳастанд, ки дар эҷоди падидаи муҷримона дахолат мекунанд. Бинобар ин, аз шохиса ва ангезаҳо мунфак мебошанд. Шохисҳо иборатанд аз: нишонаҳо ва алоиму ангезаҳо, ки моҳиятан ҷанбаи зеҳнӣ доранд. Дар миёни авомили ҷурмзо бояд авомилеро, ки ҳамчун шароит ва авзоъу аҳволи муносиб барои иртикоби ҷурм амал мекунанд, аз авомиле, ки ба сурати «иллат ё илал» бар вуқӯи ҷурм таъсир мегузоранд, ҷудо кард. Авомили навъи аввал «мавқеиятҳо» ё «муҳаррикҳои такмилӣ»-ро ба вуҷуд меоваранд. Авомили навъи дувум қабл аз маълул қарор доранд ва ҳамвора маълул ҳамроҳу дунболи онҳост. Байни авомили ҷурмзо метавон авомилеро, ки ба сурати «шароити муносиб» амал мекунанд, бозшинохт, лекин аз авомиле, ки ба сурати «иллат ё илал»-и вуқӯи ҷурм амал мекунанд, фақат метавон ба унвони фарзияи кори таҳқиқ ё ба унвони натиҷаи пажӯҳиш сухан ба миён овард. Омил маъмулан маншаи гуногуни дохилӣ(ҷисмонӣ-равонӣ) ва хориҷӣ(муҳитӣ) дорад, ки дар афзоиши ҷароим дар як ҷомеа нақши босазое дорад. Омил худ дар бурузи ҷурм ва бавуҷудовардани он дахолати мустақим надорад. Парваришдиҳандаи он дар вуҷуди муртакиби ҷурм аст. Дараҷаи таъсирпазирии афрод аз омил мутафовит аст ва мумкин аст фарде таҳти таъсири омили мушаххасе муртакиби ҷурм шавад, дар сурате ки иддаи касире дар ҳамон шароит муртакиби ҷурм нашаванд. Мисол, мудири як мадрасаи роҳнамое тасмим мегирад, ки як филми пуртаҳаррукро барои шогирдони пояи дувум намоиш диҳад, пас аз итмоми филм иддае аз онон таҳти таъсири мавзӯи филм қарор гирифта, муртакиби ҷурм мешаванд. Иллати вуҷуди ихтилоф дар авомили дохилӣ ва хориҷии онон, аз ҷумлаи гароишҳо ва истеъдодҳову шароити муҳитии васоилии онон аст, ки қудрати муқовиматро танҳо теъдоди маҳдуд салб мекунад ва ҳамин омил афродро аз якдигар салб мекунад ва ҳамин омил афродро аз якдигар мутамоиз мекунад.

Табақабандиҳои зиёде аз авомили ҷурмзо сурат гирифтааст. Роиҷтарини онҳо табақабандиест, ки авомили зистшиносӣ, равоншинохтиро аз ҳам тафкик мекунад. Ислом ба масъалаи виросат ва хусусиёти зистӣ ва таъсири он бар шахсияти афрод нигоҳи вижа доштааст ва онро заминаи бисёре аз саодатҳо ва шақоватҳо муаррифӣ кардааст. Дар рӯзгороне, ки башар иттилооти ҷандоне аз зистшиносӣ, илми генетики, таворус, чигунагии пайдоиши ҷанин ва интиқоли хусусиёти волидайн ба насли ҷадидро надошт. Маорифи ваҳёнӣ ва рубубии ислом бо лисони оёт ва ривоёт ва таобири бисёр содаву равон азъони андешамандонро ба сӯйи мавзӯоти муҳиме дар ин бора раҳнамун сохт ва соҳибони андешаро нисбат ба вуҷуди мавзӯоте аз қабили «Таврот» ва таъсири он дар хилқати инсон ва бақои насл, кӯчак ва заррабинӣ будани омили борваркунанда дар мард, интиқоли хусусиёти волидайн аз тариқи виросат, тағйири вазъи генҳо, эҷоди ҷаҳишу тағйир дар таркиби генетикии фард огоҳ сохт. Андешамандон ва муҳаққиқон дар тӯли замон батадриҷ ба ин мавзӯот таваҷҷуҳ пайдо карданд ва бо мутамарказ кардани саъйи хеш бар рӯйи он ба натоиҷи гаронбаҳо ва арзандае низ даст ёфтанд ва таҳаввулоти бузургеро бар асоси он дар ҷавомеи башарӣ эҷод кардаанд. Аммо дар айни ҳол мавзӯоти дигаре вуҷуд дорад, ки дар фароянди женетикӣ ва ба табъи он дар ташкили шахсияти фард аз ин ноҳия таъсир дорад ва ҳанӯз дар мабоҳиси илмӣ ба онҳо пардохта нашудааст. Дар ҳоле ки дар маорифи рубубӣ ва ваҳёнии ислом нисбат ба онҳо огоҳӣ ва таваҷҷуҳ дода шуда, дар қолаби аҳкоми таклифии шаръӣ (вуҷуб, ҳурмат, истеҳҷоб ва кароҳат) феъл ё тарки онҳо хоста шудааст. Барои мисол, дар манобеи ривоӣ яке аз авомил ё аносире, ки бар фароянди генетикӣ ва ташкили шахсияти фарзанди ношӣ аз он муассир шинохта шуда, омил ё унсури замон аст.

Дар натиҷа бо ҳукми таклифии истеҳбоб ё наҳйу кароҳат ба волидайн суфориши амр шуда, ки барои барқарории иртиботи ҷинсии бархе аз замонҳоро интихоб ва ё аз бархе дигар парҳез кунанд. Масалан, замонҳои аввал, васат ва охири моҳ ба истисноии аввали моҳи рамазон ё фосилаи замонии

байни тулӯи фато тулӯи хуршед ё фосилаи замонии ғуруби хуршед то аз байн рафтани сурхии он(шафақ) ё рӯзе, ки хуршед дар он гирифтааст ё шабе, ки моҳ дар он гирифтааст ё рӯзу шабе, ки заминларза шудааст, аз замонҳоест, ки тибқи ривоёт барои барқарории иртиботи ҷинсии волидайн бо якдигар муносиб нест ва баён шудааст, ки чунин иртиботе дар замонҳои мазбур осори манфие бар сохтори генетикӣ ва ҳамчунин ташкили шахсият дорад, дар натиҷаи тарки иртиботи мазкур дар ин замонҳо тарҷеҳ дорад ва аз мукаллаф хоста шудааст дар чунин замонҳое аз он бипарҳезад. Парҳезкунандагон илова бар ин ки аз манофеи моддӣ чунин ҳукме бархурдор мегарданд ва фарзандоне бо сохтори генетикии бартар хоҳад дошт, аз подоши Худованд низ баҳраманд мешаванд, ки ин низ қобили тааммул аст ва ҷойи чунин ташвиқу подоше барои афроди вазифашинос ва неккирдор дар сиёсати ҷиноӣ холӣ ба назар мерасад. Чунин иртиботе дар бархе аз замонҳо, монанди замоне ки хонумҳо дар ҳолати одати моҳиёна ҳастанд, аз назари фиқҳӣ ба шиддат мавриди наҳӣ қарор гирифта, дорои ҳукми таклифии ҳурмат аст. Бинобар ин, мухотабони ҳукми мазбур муваззафанд аз ин амал дар чунин замоне дурӣ кунанд. Гоҳе низ ин иртибот мустаҳаб ё воҷиб аст, ки аз он ҷумла аст: шаби аввали моҳи рамазон, шаби душанбе, сешанбе, панҷшанбе ва рӯзаи панҷшанбе ҳангоми заволи зӯҳр, шаби ҷумъа, бахусус баъд аз ишоо ва рӯзи ҷумъа баъд аз зӯҳр. Яке дигар аз авомиле, ки дар манобеи ривоӣ ба фарояндӣ генетик ва ташкили шахсияти фарзанди ношӣ аз он муассир шинохта шуда, омили дуост, ки бо ҳукми таклифии истеҳбоб ба волидайн супориш шудааст. Ҳангоме ки мехоҳанд бо якдигар иртибот ҷинсӣ барқарор кунанд, ибтидо дуо кунанд ва ҳатто чигунагии он омӯзиш дода шудааст. Масалан, ҳазрати Содиқ(а) фармудаанд: «Ҳар гоҳ мехоҳӣ бо ҳамсарат иртиботи ҷинсӣ барқарор кунӣ, бигӯ: Худоё, ба ман фарзанде, ки дар хилқаташ зиёдӣ ё нуқсоне набошад, рӯзӣ кун ва ӯро парҳезгору боҳуш қарор бидеҳ ва саранҷоми зиндагии ӯро нек бигардон». Ривояти фавқ ба нукоти чанде ишора дорад, аз ҷумла ин ки виросат ва авомили генетикӣ дар шахсияти ашхос, аз ҷумла базеҳкорон таъсир дорад ва дигар ин ки иддао бар рӯйи виросат ва авомили генетикӣ ва шаклгирии шахсияти онон таъсир мегузорад ва ба ин тартиб ва восита муҷиб мегардад, ки он қисмат аз шахсияти базеҳкор, ки дар асари авомили генетикӣ шакл мегирад, ба гунае ташкил шавад, ки алоқаи камтаре ба базеҳкорӣ дар фарзанд бошад.

Мутолиаи илмии падидаи базеҳкорӣ ва зистшиносии ҷиноӣ қисмати нахуст, яъне таъсири виросат ва авомили генетикӣ дар шаклгирии шахсияти базеҳкорон бо истифода аз таҷрибаи озмун ва мушоҳида дарёфтааст, аммо қисмати охир, яъне чигунагии иртиботи байни дуо, ки мавзӯе моварои табиӣ ва метофизикист ва омили хориҷӣ нисбат ба фарояндӣ генетикӣ маҳсуб мегардад, бо виросат ва генетикро чӣ гуна метавон баррасӣ кард? Оё бо истифода аз ҳамон абзорҳои мутолиаи илмӣ метавон барои мутолиаи иртиботи мазбур, ки намунаҳое аз он дар Қуръон муъҷизаи ҷовидӣ хотами Паёмбар(с) ва мадорики ривоӣ омадааст ва таҳқиқи хориҷии он айният ёфтааст, баҳра ҷуст? Ё ин ки ба абзорҳои мутолиотии дигаре илова бар инҳо монанди роҳкорҳои назарӣ, корбурдӣ ва ҳаётии нозилшуда аз сӯйи Худованди ҳаким ниёз аст? Дар таҳлили асари дуои хайри волидайн бар сохтори генетикии фарзанд ба ихтисор метавон гуфт, ки волидайн ва иртиботи ҷинсии онҳо бо якдигар ва масъалаи виросат аз умурест, ки дорои хусусияти табиӣ ва физикист ва метавон онҳоро мавриди мутолиаи таҷрибии озмуну мушоҳида қарор дод, аммо нақши дуо, яъне барқарории иртиботи як мавҷуди табиӣ ва физикӣ бо илми моварои табиӣ ва Худованд, ки иҷобаткунандаи дуо ва саргузоранда ба вуҷуди онҳо ва чигунагии асари онҳо бар мавзӯъ бо истифода аз абзорҳои мутолиотии илмии маҳз пай бурд, балки ба манбаи дигаре монанди ваҳӣ ниёз аст, то ин омилро, ки дар байни маорифи рубубӣ ҷойгоҳи пураҳамият ва рафее дорад, шинохт ва онро муаррифӣ кард. Офариниши олами ҳастӣ дар маорифи адёни илоҳӣ, аз ҷумла ислом аз як манбаи азими қудрат, яъне Худованди ягона падид омадааст. Ӯ офаридгори ҳамаи мавҷудот аст ва тавоноии ҳар амреро дорад. Виросат ва генетика дар ҳокимияти қудрати Ӯст, Ӯ дар сурати дархости волидайн ва фароҳам будани шароити иҷобати дуо бар виросат таъсир мегузорад ва онро дар самту сӯйи дуои мазбур ба пеш мебарад.

Аз сӯйи дигар, ислом ба омили муҳит низ дар шаклгирии шахсияти ашхос таваҷҷуҳи вижа доштааст. Ислом нақши хонаводаро дар ба вуҷуд омадан ё наомадани табаҳкорӣ ва инҳироф дар ҳолот ва мароҳили мутафовит бисёр муҳим дошта, тавсияҳои пешгиронаи мутааддид ва арзишмандеро ба пайравони худ ва соири афроди башарият барои баҳсҳои насл баён кардааст. Масалан, қабл аз ҳар чиз дар бораи интихоби ҳамсар ва чигунагии ташкили хонавода сухан гуфтааст ва инсонҳоро аз иртиботу омезиши номашрӯъ ва бидуни қайду банд ба далели мафосиде, ки дар он нуҳуфтааст, барҳазар медорад. Ва дар муқобил онҳоро ба суннати издивоҷ ва ташкили конуни гарми хонавода ташвиқу тарғиб менамояд. Наҳӣ аз тавсияҳои мазкур дар бораи интихоби ҳамсар, ки сиҳҳати онҳо баъдан ба василаи донишмандони амалии ҷурмшиносӣ низ собит шуд, дар пай меояд: Расули мукаррами ислом(с) дар ин бора фармуданд: «Зи Хазрои даман бипархезед»! Аз ҳазрат суол шуд: Ё Расулуллоҳ, «хазрои даман» чист? Фармуданд: Зани зебоест, ки аз хонадони бад ва палид ба вуҷуд омада бошад». Ва ё ҳазрати Содиқ(а) фармуданд: «Мардони мусулмон бо зароне, ки ошкоро ва бепарво зино медиҳанд, издивоҷ накунанд ва ҳамчунин бо занони афифу мусулмон мардонеро, ки аланан зино мекунанд, ба ҳамсарии худ ихтиёр нанамоед».

**Пешгирӣ аз ҷурм.** Аз назари решашиносӣ пешгирӣ ба маънои «пешдастӣ кардан» ва ба ҷилӯи чизе рафтан, «огоҳ кардан» ва «ҳушдор додан» аст. Вожаи «пешгирӣ» аз назари луғавӣ ба маънии ҷилавгирӣ кардан, монеъ шудан, ҷилав бастан ва низ иқдомоти эҳтиётӣ барои ҷилавгирӣ аз рӯйдодҳои баду нохоста маъно кардаанд ва аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳар гуна фаъолияти сиёсати ҷиноист, ки ҳадафи инҳисорӣ ё ҷузъии он маҳдуд сохтани имкони пешомади маҷмӯаи аъмоли ҷиноӣ аз роҳи номумкин сохтан, ё душвор намудан ва ё коҳиши вуқӯи он аст. Бинобар ин, шиносоӣ ва арзёбии хатти вуқӯи ҷурм ва иттихози тадобиру иқдомоти лозим барои аз байн бурдан, ё коҳиши он, пешгирӣ номида мешавад. Дар маънои ом пешгирӣ аз ҷурм ҳар иқдомест, ки ҷилуи иртикоби ҷурмро бигирад, ки ин иқдом (ё иқдомот) метавонад ҷанбаи кайфарӣ ё ғайрикайфарӣ дошта бошад. Ба ибораи дигар, ҳароина алайҳи ҷурм бошад ва сабаби коҳиши нархи базеҳкорӣ гардад ва дар густураи маънои ом пешгирӣ аз ҷурм қарор дорад. Дар ин нигариш сиёсати ҷиноӣ ҳама тадобири кайфарӣ ва ғайрикайфариро, ки ҳукумат бо мададҷӯйӣ аз се қувва-қонунгузорӣ, иҷроӣ ва қазоӣ бо ҳадафи маҳдуд кардан ва маҳори базеҳкорӣ ва низ пешгирӣ иттихоз мекунад, дар бар мегирад. Аммо пешгирӣ аз ҷурм дар маънои хос иборат аст аз васоилу абзорҳое, ки давлат ва ҷомеаи маданӣ ба манзури хос маҳори базеҳкорӣ аз тариқи ҳазф ё маҳдуд кардани авомили ҷурмзо ва ё мудирияти муносиб нисбат ба авомили муҳитӣ(муҳити табиӣ ё муҳити иҷтимоӣ) ба кор мегиранд.

Бархе дигар низ бар ин боваранд, ки пешгирӣ аз ҷурм дарбаргирандаи тадобиру иқдомотест, ки барои таҳаққуқи ҳадафи вижа, яъне маҳори базеҳкорӣ, коҳиши эҳтимоли вуқӯи ҷурм, коҳиши шиддати базеҳ дар мавриди илали ҷурм иттихоз мешавад. Гурӯҳе дигар низ гуфтаанд, ки пешгирӣ тадбири сиёсати ҷиноист, ки ҳадафи ниҳоии он таҳдиди ҳудуди имкони пешомади маҷмӯаи аъмоли ҷиноӣ аз роҳи ғайримумкин сохтан, душвор кардан, ё коҳиш додани эҳтимоли вуқӯи онҳост, бидуни ин ки аз таҳдиди кайфар ё иҷрои он истифода шавад. Бинобар ин, пешгирӣ аз ҷурм дар маънии хос маҷмӯаи тадобиру иқдомоти ғайрикайфарӣ бо ҳадафи муқобила бо базеҳкорӣ аз тариқи коҳиш ё аз байн бурдани илали ҷурмзо ва низ асаргузорӣ бар фурсатҳои пешҷиноӣ, ба гунае ки битавон бо истифода аз ибтикорот ва созукорҳои ғайриқаҳромез бар шахсияти афрод ва вазъияти пеш аз иртикоби ҷурм асар гузошт, то аз рӯх додани базеҳ ҷилавгирӣ шавад.

Пешгирӣ аз ҷурми мустақим бандҳои мутанаввее дорад. Тақсимбандӣ бар асоси меъёрҳое, чун син (тақсим ба пешгирӣ аз ҷароими атфол ва бузургсолон), тариқи пешгирӣ(пешгирии қазоӣ бо истифода аз системаи кайфарӣ, пешгирии вазъӣ аз тариқи коҳиши фурсатҳои иртикоби ҷурм ва пешгирӣ аз муҷримият аз тариқи коҳиши иқтидори ҷиноии афрод), умумият ва ихтисосӣ будан(пешгирии хосу ом), сутӯҳи пешгирӣ (пешгирири аввалияву сонавия ва солис), авомили муассир дар иртикоби ҷурм (пешгирии иҷтимоии назир ба авомили иҷтимоӣ ва пешгирии вазъии нозир ба авомили иҷтимоӣ ва пешгирии нозир ба авомили марбут ба муҳит) ва меъёрҳои дигар.

Дар Эрон дар Қонуни асосӣ дар ҷанд асл, аз ҷумла асли 8, асли 50, асли 156 ва асли 142 ба масъалаи пешгирӣ аз вуқӯи ҷурм ишора ва тасреҳ шудааст. Ба унвони намуна, асли 8 Қонуни асосӣ, ки бояд онро дар партави асли 56 Қонуни асосӣ тафсиру таҳлил намуд. Дар асли 56 омадааст: «Ҳокимият бар ҷаҳон ва инсон аз они Худост ва ҳам Ӯ инсонро бар сарнавишти иҷтимоии хеш ҳоким сохтааст. Ҳеҷ кас наметавонад ин ҳаққи илоҳиро аз инсон салб кунад ё дар хидмати манофеи фард ё гурӯҳи хос қарор диҳад ва миллат ин ҳаққи худододро аз тарафе, ки дар усули баъд меояд, эъмол мекунад». Ҳокимияти мардум бар сарнавишти хеш ниёзманди абзору роҳкорҳое аам аз ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодист. Асли 8 абзори ҳуқуқиву иҷтимоии ҳокимияти миллат бар сарнавишти хешро баён намудааст. Ин ки мардум якдигарро ба кори хайр даъват кунанд, ба маъруф амр кунанд ва аз мункар наҳй намоянд, яке аз рамзҳои ҳокимияти мардум бар мардум аст. Дар табйини робитаи сабабият ин амр қатъист, ки амр ба маъруфу наҳй аз мункар яке аз авомили коҳиши ҷурм буда, ё метавон онро роҳе барои пешгирӣ аз вуқӯи ҷурм донист.

Дар табйини робитаи умум ва хусуси мутлақ низ метавон гуфт, ки дуруст аст, ки наҳй ҳамон пешгирист, зеро пешгирӣ шомили ҷилавгирии забонӣ ё амалӣ аз кор аст, аммо мункар, бо баёни собиқ-мафҳуме омтар аз ҷурм дорад ва дар воқеъ байни мункар ва ҷурм робитаи мантиқии ому хос барқарор аст. Бинобар ин, наҳй аз мункар ба таври қатъӣ пешгирӣ аз ҷурмро шомил мешавад, вале пешгирӣ аз ҷурм сирфан бахше аз наҳйи мункар аст. Вале дар таҳлили дақиқтар ба натиҷае муносибтар метавон даст ёфт ва он ин ки пешгирӣ аз вуқӯи ҷурм, илова бар вазифаи ҳамагонӣ, ҳаққи ҳамагон низ мебошад.

Пазириши ҳақангории пешгирӣ аз ҷурм осори мусбате дар пай хоҳад дошт. Аз ҷумла он ки аз манзар ва равоншиносию ҷомеашиносӣ, ҳақ дар муқоиса бо вазифа, унсу улфати бештаре бо рӯҳу фитрати одамӣ дорад ва ба ҳамин далел одамӣ беш аз он ки дар пайи анҷоми вазоифи худ бошад, дар пайи дарёфти ҳуқуқи хеш аст. Дигар ин ки, ҳақангории пешгирӣ аз ҷурм мусовӣ бо ҳақангории наҳй аз мункар аст. Матлаби дигаре, ки бояд дар тафсири асли 8 Қонуни асосӣ мавриди назар дошт, ин аст ки, пешгирӣ аз вуқӯи ҷурми ҳавзаҳои мухталиф дорад: 1.Иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. 2.Сохторӣ. 3.Ҳуқуқӣ ва қазоӣ.

Ба назари фуқаҳо дар ҳукумати исломӣ он чи вазифа ё ҳаққи мардум аст, пешгирӣ аз вуқӯи ҷурм ба сурати забонист ва фаротар аз он бар уҳдаи ҳокимият аст. Зеро ин ҳокимият аст, ки қудрат ва васоили лозим барои замонати иҷрои пешгирӣ аз вуқӯи ҷурмро дар абъоди сохторӣ, қазоӣ, тақнинӣ ва

ирчої дар ихтиёр дорад. Яке дигар аз мавориде, ки бояд дар тафсири асли 8 ба он таваччуҳ дошт, нақши мардум дар эҷоди огаҳӣ аз ҳуқуқу вазоифи онон нисбат ба якдигар ва нисбат ба ҳокимият аст. Маъмулан, давлатҳо намеписанданд, ки миллатҳо нисбат ба ҳуқуқи хеш огоҳии лозимро ба даст оваранд.

Вуҷуди созмонҳои ғайридавлатӣ дар таҳаққуқи огоҳии миллат нисбат ба ҳуқуқу вазоифи хеш бисёр муассиранд. Афроди хусусӣ монанди устодони донишгоҳ, нависандагон, ҳуқуқдонон, вакилони додгустарӣ ва аимаи ҷумъа ва ҷамоат нақши волое дар расидан ба ин мақсуд доранд. Нақши мардум дар пешгирӣ аз ҷурм дар лоиҳаи пешгирӣ аз ҷурм мавриди таваҷҷуҳ воқеъ шудааст.

**Нақши дин дар пешгирӣ аз вуқӯи ҷурм.** Ахлоқмадорӣ ва охиратгароӣ ба унвони ду муаллифаи асосии диндорӣ метавонанд ба коҳиши даовии кайфарӣ бианҷомад. Ахлоқмадорӣ тақвои фардро аз тааддӣ ба ҳуқуқи дигарон бозмедорад ва ӯро фарде иҷтимоӣ ва хайрхоҳи ҷомеа мегардонад. Инсони диндор бо эътиқод ба ин ки муҷозоти воқеии гуноҳон дар охират хоҳад буд ва дар он дунё золимонро мақарре нахоҳад буд, ба ҷойи ҷазо дар қиболи ҳаққушиҳо ба оянда умедвор хоҳад буд, эътиқод ба авфу бахшиш ба ҷойи исёну интиқом низ аз омӯзаҳои дин аст, ки ба вуфур аз он сухан ба миён омадааст.

Таҳқиқоти анҷомшуда дар ҷавомеи мазҳабӣ муайяди ин матлаб аст, ки дар айёми хос назири аъёди мазҳабӣ ё муносибатҳои динӣ, чун моҳи рамазон дар дини ислом мизони ҷароим ва ҷиноёт коҳиши қобили мулоҳизае дорад. Мазҳаб, ки реша дар фитрати инсон дорад, бо таваҷҷуҳ ба тамоми тақсимоти авомили муҳитӣ раҳнамудҳое ироа додааст, ки аввалан ҷанбаи пешгирӣ доранд ва сониян ба ҳар далел аз вуқӯи ҷурм ҷилавгирӣ накарда, балки бояд ба равишҳои дармонии динӣ паноҳ бибаранд. Масалан, дар бӯъди пешгирӣ, чун хонавода нақши фавқулодае дар шаклгирии шахсияти базеҳкор ифо мекунад, ба гунае ки пажӯҳишҳои мутааддид собит кардааст, вақте фасоде муҷиби бурузи ихтилол дар амали табиии хонавода нисбат ба тифл шавад, пас аз муддате шоҳиди бурузи базеҳкорӣ хоҳем буд.

Қобили зикр аст, ки омили мазкур метавонад ба ду сурат- мустақим ва ғайримустақим дар шаклгирии шахсияти кӯдаки муҷрим таъсир бигузорад, аммо дар бештари маворид нуфузи ҷурмзоии хонавода ба наҳве ғайримустақим бар кӯдак эъмол мешавад. Аз ин рӯ, дин нақши хонаводаро дар ба вуҷуд омадан ё наомадани табаҳкорӣ ва инҳироф дар ҳолоту мароҳили мутафовит бисёр муҳим дониста, тавсияҳои пешгиронаи мутааддид ва арзишмандеро ба пайравони худ ва соири афроди башарият барои баҳсҳои насл баён кардааст.

Чунончи қабл аз ҳар чиз дар бораи интихоби ҳамсар ва вижагиҳои ӯ ва чигунагии ташкили хонавода сухан гуфтааст ва инсонҳоро аз иртиботи машрӯъ, вале номуносиб ва ҷурмофарин, омезиши номашрӯъ ва бидуни қайду банд, ба далели мафосиде, ки дар он нуҳуфтааст ва дар муқобил ононро ба суннати издивоҷ ва ташкили конуни гарми хонавода ташвиқу тарғиб менамояд. Парвариши дурусти мазҳабӣ, ки бар мабнои илмӣ устувор бошад ва доштани имони комил бузургтарин омили боздорандаи ҷиноист.

**Рӯйкарди ислом ба масъалаи пешгирӣ аз ҷурм.** Таърихи пешгирии қуръонӣ (динӣ) муқаддам бар пешгирии ҳуқуқи ҷазо ва ҷурмшиносист. Дар моҷарои қатли Қобил, ки дар оёти 27 то 31 сураи «Моида» зикр шудааст, адами қабули қурбонии қобоил аз тарафи Худованд ба хотири бетақвоии вай, кашокаш ва фитрату ғалабаи нафс бар фитрат иллати қатл эълом мешавад. Ҳобил ду иллатро барои ин ки мубодират ба қатл намекунад, матраҳ менамояд: Аввалан ин ки, аз Худо метарсад. Дуюм, чун намехоҳад бо куштани Қобил муртакиби гуноҳ ва аҳли оташ гардад, дар воқеъ аввалин рагаҳои пешгирӣ дар ибтидои хилқати башар намуд пайдо мекунад. Аз тарафи дигар, нафси саркаш омили дарунӣ ва фардии ҷурмзо, инсонеро ба ҷиноят вомедорад ва дар муқобили назорату ҳузури илоҳӣ ва тарс аз оташи ҷаҳаннам (муҷозоти ухравӣ) ҷазои ситамкорон аст, омили пешгиранда аз иртикоби қатл тавассути Ҳобил мешавад.

**Сутӯҳ ва шеваҳои пешгирӣ аз ҷурм дар Қуръон.** Қуръони карим ба унвони асораи дини ислом барои пешгирӣ аз ҷурм ва хушконидани илал ва решаҳои он муқаррароти бадеиро ироа додааст, ки шомили пешгирииислоҳии вазъӣ ва кайфарӣ мешавад. Бар ин асос танҳо бо яке аз ин шеваҳо наметавон аз вуқӯи ҷурм ва инҳирофу ноҳинҷориҳои иҷтимоӣ пешгирӣ кард, балки бояд аз ҳар се равиш дар канори ҳам барои таҳқиқи ин ҳадаф баҳра бурд. Аз он ҷо ки Қуръон китоби ҳидоят ва инсонсозист, илова бар ин ки истифода аз соири анвои пешгириро амри зарурӣ медонад, бар пешгирии ислоҳӣ ва бозсозии муҷримон таъкиди хосе дорад.

Аз ҷумлаи барномаҳои ҷомеи Қуръони карим роҳкориҳо ва омӯзаҳоест, ки барои пешгирӣ аз ҷароим ва хушконидани илал ва авомили он ва таъмини амнияти ҷомеа фарорӯйи ҷомеаи инсонӣ қарор додааст, барномае, ки дар навъи худ беназир мебошад. Қуръони карим бо барномаи ислоҳӣ монеъ аз тасмими қатъии муҷрим ба иртикоби ҷурм ва вуруди ӯ ба зиндагии муҷримона мегардад. Ҳамчунин бо роҳнамоиҳои маъқулона ва зиракона ҷурмро дар марҳалаи амалиётӣ ва иқдом хунсо ва мутавaққиф месозад. Низ бо дастур ба муҷозоти муҷримон ва замонати иҷрои кайфарӣ ва иръоби ношӣ аз он ба пешгирии кайфарӣ аз ҷурм мепардозад.

**Роҳкориҳои эътиқодӣ.** Эътиқоди мазҳабӣ дар ислом як мафҳуми чандбӯъдист, ки шомили тифи густурда ва васее аз эътиқодоту аъмоли афрод мешавад, ки бо ормонҳои онҳо ба ҳам пайвастааст. Эътиқоди мазҳабӣ дар ҳақиқат шомили ду бӯъд аст:

**1. Бӯъди назарӣ:** Эътиқоди мазҳабӣ, ки иборат аст аз эътиқоди росих ва холисонаи Худованд, анбиё, фариштагон, рӯзи ҷазо ва ғ.

**2. Бӯъди амалӣ:** Эътиқоди мазҳабӣ, яъне эътиқодоти назарии афрод дар тамоми рафтору аъмоли рӯзонаи инсони муъмин мунъакис шуда, ӯро ба анҷоми авомири илоҳӣ тарғибу аз манофӣ бозмедорад. Аз ин манзар ислом дар ҳар лаҳзаи зиндагии фарди мусулмон бояд ҳукмронӣ ва нуфуз дошта ва эътиқоди мазҳабии ӯ дар тамоми фаъолиятҳои табииаш мунъакис гардад.


АДАБИЁТ

1. Муҳаммад Ҷаъфар Ҷаъфарии Лангрӯдӣ. Терминулужии ҳуқуқ / Муҳаммад Ҷаъфар Ҷаъфарии Лангрӯдӣ. - Теҳрон: Ганҷи дониш, 1377.
2. Кайниё. Ҷурмшиносии корбурдӣ / Кайниё. -Теҳрон: Маҷд, 1377. -Ҷ.1.
3. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ / Муҳаммад Муин. -Теҳрон: Сурӯш, 1364.
4. Муширӣ Маҳшед. Фарҳанги форсӣ/ Муширӣ Маҳшед. Муширӣ Маҳшед. -Теҳрон: Сурӯш, 1364.
5. Саҷҷодӣ Сайидҷаъфар. Фарҳанги истилоҳоти фалсафӣ / Саҷҷодӣ Сайидҷаъфар.-Теҳрон,1338.
6. Хусравшоҳӣ Қудратуллоҳ. Пешгирӣ аз ҷурм дар омӯзаҳои қуръонӣ/ Хусравшоҳӣ Қудратуллоҳ. // Басират, -№ 30-31. -С.69.



**ПРЕДУПРЕЖДЕНИЕ ПРЕСТУПЛЕНИЙ В ИСЛАМЕ**

Предупрежде́ние престу́пности является системой мер, предпринимаемых государственными органами, общественными организациями, представителями власти и другими лицами, направленных на противодействие процессам развития преступности. Авторитетные мусульманские правоведы средневековья и современные исследователи разработали немало классификаций правонарушений, анализ которых помогает лучше понять специфику мусульманского уголовного права. Мусульманское традиционное уголовное право - сложное социальное явление, которое находится в тесной связи с религией ислама. Мусульманское уголовное право рассматривается как юридическое явление, которое относится к правовой системе. Мусульманское право тесно взаимодействует с религиозными и моральными нормами, с обычаями в единой системе религиозно-нормативного регулирования и является результатом божественного откровения, дарованого людям Аллахом через его пророка Мухаммада.



**Ключевые слова:** Ислам, мусульманское право, Коран, предупреждение преступлений в Исламе, юридические нормы, регулирование уголовно-правовых отношений.



**THE PREVENTION OF CRIME IN ISLAM**

Crime prevention is a system of measures undertaken by state bodies, public organizations, government officials and others, aimed at combating the development of crime. Authoritative Muslim jurists of the middle ages and modern researchers have developed a number of classifications of offences, the analysis of which helps to better understand the specifics of the Muslim criminal law. Muslim traditional criminal law is a complex social phenomenon, which is closely connected with the religion of Islam. Muslim criminal law is regarded as a legal phenomenon, which refers to the legal system. Muslim law is working closely with religious and moral norms, customs in unified religious regulation and is the result of divine revelation, a gift to the people by Allah through his prophet Muhammad.



**Key words:** Islam, Islamic law, the Quran, the prevention of crime in Islam, legal norms, regulation of criminal legal relations.



**Сведения об авторе:** ***Фуруд Амрои*** – соискатель Таджикского национального университета


# НАҚШ ВА ҶОЙГОҲИ МАРКАЗҲОИ ҒАЙРИДАВЛАТӢ ДАР ТАРКИ МАВОДИ МУХАДДИР


***Нагме Фарҳуд***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Ба рағми дастовардҳои бузурги башар дар арсаҳои мухталифи илмӣ- иқтисодӣ- иҷтимоӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳоли вориди қарни XXI шуд, ки таҳдидҳои ношӣ аз маъзалҳои иҷтимобар пешрафт ва саодати инсонҳо соя афканда ва рифоҳи онҳоро бо хатар мувоҷеҳ сохтааст. Дар ин арса эътиёд ба маводи мухаддир дар раъси таҳдидҳои иҷтимоӣ қарор гирифта ба гунае, ки ба унвони яке аз чаҳор бухрони ҷаҳонии ҳазораи сеюм талаққӣ шудааст.

Ин рӯзҳо бозори маҳсулот ва покиҷҳои гуногун тарки эътиёди доғ- доғ аст ба ҳар мағозаи атторӣ ва дорухонае, ки муроҷиат кунед, пустерҳои рангоранг ва ҷаззоби дорухои тарки хислат эътиёд чашмро менавозад. Рӯзномаҳоро ки варақ бизанед, таблиғоти тарки эътиёд, равишҳои симзудоӣ, тарки эътиёд дар 24 соат ва ба вуфур дида мешавад. Шабакаҳои моҳворай низ дар ин миён гӯё сабқат аз соири рақибонро рабудаанд, аммо ба ростӣ агар ин равишҳо он қадар, ки соҳибони онҳо муддаӣ ҳастанд, муваффақ амал мекунад, чаро бисёре аз (бовармандорн эътиқоддоштагон) муътадион муваффақ ба дармони қатъӣ эътиёд нашудаанд? Ба назар мерасад, ки мақулаи дармони эътиёд пеш аз ҳар дору ё бештар шудан дар марказҳои дармонӣ ба чизе ниёз дорад, ки даруни ҳар фард эътиёд бояд эҷод шавад ва он мубориза бо майле аст, ки ҳар фардро ба самти эътиёд кашонидааст. Агар ирода барои тарки эътиёд дар фарди муътод эҷод шавад, соири омилҳо ҳамчун масрафи дору, хонаводаи дармонӣ, рафтори дармонӣ ва ба кӯмаки ӯ меоянд. Алорағми тамоми талошҳои хонавода ва ҷомеа

қадами аввал ба самти тарки эътиёд бояд тавассути худи муътод бардошта шавад. Дар ғайри ин сурат ҳеҷ дармоне ва ҳеҷ дастгоҳе наметавонад ӯро аз чанголи эътиёд бираҳонад. Дар воқеъ, муътод мард ё зане аст, ки зиндагиашро моводи мухаддир назорат мекунад ва ин дар ҳоле аст, ки иттифоқан вай ҳаргиз худро муътод намедонад ва тасаввур мекунад, ҳар вақт бихоҳад метавонад масрафи худро барои муддате ё барои ҳамеша мутаваққуф кунад. Ангор воқеияти мавҷуд ва тавҷеҳи амалкарди худ сабаб мешавад, то рафта–рафта ҳадди ақали қобили назорат, аз назорати хориҷшуда ва ба нуқтаи поёнӣ мерасад, ҷоё ки аз марҳилаи масрафи мавқеиятомез вориди марҳилаи варшикастагии комили рӯҳонӣ ва эҳсосӣ, фикрӣ мешавад. Дарвоқеъ, эътиёд як бемории мазмун, пешраванда ва уҳдакунанда мебошад, ки дар сурати набуди дармон ва чораандешӣ, метавонад кашанда бошад ва ҳазинаҳои сангинеро ба ҷомеа, давлат ва хонавода таҳмил кунад. Афроди вобаста ба моводи мухаддир дар раванди масъудисудмандии бемории эътиёд ва адами мудохилаи бамавқеъ ва муносиб, ғолибан тавонмандиҳои худро дар сутӯҳи мухталифи коркардҳои шахсиятӣ, иҷтимоӣ, хонаводагӣ, шуғлӣ ва беҳдоштӣ аз додаҳо ва дар поёнтарин сатҳи ҳимоятӣ раҳо мешаванд ва дақиқан ба ҳамин иллат аст, ки осебҳои иҷтимоӣ ношӣ аз эътиёдро рушди фазояндае ба худ мегиранд.

Бинобар воқеиятҳои ошкор ва натоиҷи ҳосил аз пажӯҳишҳои гуногун ва таҳлили оморӣ дар эпидемологияи эътиёд, яке аз ҳалқаҳои муассир дар бозорёбии бозори арза, фарди муътод мебошад. Бинобар ин, лозим аст, таваҷҷуҳи хосе ба раванди дармон ва бозпарварии саҳеҳи муътадон, он ҳам ба шакли густурда ва ҷомеъ вуҷуд дошта бошад. Сирри табиии беморӣ вобастагӣ ба моводи мухаддир теъдоди бешуморе аз масрафкунандагонро дучори осебҳои ҷисмӣ, равоншиносӣ ва беҳдоштӣ мекунад, ки мунҷар ба аз даст додани пойгоҳҳои иҷтимоии онон мешавад. Теъдоди зиёде ба иллати иртикоби ҷурм ба зиндон, теъдоде ҳам дар қолаби муътадони мазомин ва хиёбонӣ, теъдоде бо рафторҳои пурхатар дар атроф ва акнофи шаҳрҳо бавижа майдонҳо, паркҳои умумӣ ва маконҳои серодам ва ҳошияҳои шаҳрҳо саргардон мешаванд. Набудани эҳсоси амнияти иҷтимоӣ, вазъияти нобасомони иқтисодӣ ва беҳдоштии ин афрод, гузашта аз табаоти сӯйибеҳдоштӣ, иҷтимоӣ, ки бар ҷомеа хоҳад дошт, доманаи маъзали эътиёдро низ густурдатар мекунад.

В случае, если условия договора будут заранее определены безупречно, тогда стороны могут предотвратить судебное вмешательство по возникшим в связи с непредвиденными обстоятельствами между ними споров. Наоборот, если эти условия не будут точно и ясно расписаны в договоре, тогда такое обстоятельство способствует тому, что суды в связи с незнанием обстоятельств по договору не будут в силе помогать удовлетворительному решению возникшего спора[18]. По английской системе прав Frustration эти вопросы решаются в узком понимании, поэтому вопреки принятому в 1943 году Закону «О причинах вызывающих непродуктивность договоров», вопросы положительного решения споров по непредусмотренным обстоятельствам до сих пор не нашли своего решения[19]. Лишь точное и ясное определение условий форс-мажорных обстоятельств дают сторонам договора возможность выйти за рамки внутренних законов и использовать правило Hardship. Стороны, таким образом, будут иметь в своем вооружении гибкие способы решения споров и тем самым в условиях возникновения непредусмотренных обстоятельств имеют возможность отклонить свидетельства и поступить по справедливости.

Точно и ясно определенные условия международных договоров сыграют важную роль, потому, что партнерамы по таким договорам выступают обычно граждане двух разных государств, с разными правовыми системами. Несмотря на существующие различия между действующими законами внутри этих государств, по таким делам обычно также важную роль будет иметь фактор пространства. Стороны договора при определении условий договора должны учитывать и это обстоятельство.

Огромные расстояния между местонахождением сторон договора, возникновение других препятствии как воины, вмешательства государств, инфляция и так далее, могут создавать сложности по выполнению договорных обязательств.

На международном уровне по причине существования разных правовых систем перед сторонами договора возникают также другие сложности. Другими словами, большинство сторон договоров твердо думают, что в случае возникновения проблемы непродуктивности договора, вызванные непредвиденными обстоятельствами, их споры внутри страны будут решаться согласно международным стандартам. В некоторых случаях такое представление может иметь трагический исход. Следующий надуманный пример может давать представление такому исходу[20].

Представим себе, что некая венгерская фирма по производству ядерного горючего подписывает договор с американской фирмой, продающей ядерное горючее. Срок договора 25 лет, и стоимость договора огромная. Согласно договора, возникающие по ходу выполнения договора споры должны решаться по законам Соединенных Штатов Америки.

После нескольких месяцев после подписания договора народ Венгрии в ходе референдума принимает решение о прекращении продажи атомной энергии за рубеж. В результате фирма покупатель ядерной энергии направляет фирме продавца ядерной энергии предупреждение и заявляет, что согласно правовой доктрины Wegfall der Geschaftsgrundlage (обещание является основным условием договора) наступило время непродуктивности договора, то есть, договор не выполняется[21]. Американский продавец ядерной энергии вопреки решению венгерского народа о запрещении продажи за рубеж ядерной энергии, согласно упомянутой концепции настаивает на выполнении обязательств по договору. В свою очередь американское законодательство не признает вышеупомянутой правовой концепции, а также американский суд, как и все суды других государств, имеет свои недостатки по решению подобных вопросов[22].

Результаты такого договора для венгерской фирмы будут трагическими. Потому что с самого начала стороны договора поступили ошибочно, отдав предпочтение американским законам по решению спорных вопросов. Если бы в договоре было определено, возникающие споры в ходе реализации договора будут решаться обоюдным законами государств, тогда можно было избежать наказания.

Как было сказано выше, вопросы возникновения проблем непродуктивности выполнения договора в каждой правовой системе государств решаются по-разному. Кроме того, в разных законах разных государств используются различные термины выражающие форс-мажорные обстоятельства и такая ситуация может сопровождаться многими сложностями для сторон договора. Большинство концепции не признают условия непродуктивности выполнения договора, а также его отсутствие сопровождается свертыванием договора, чего

желают стороны, особенно в тех случаях, когда договор является международным при котором проблемы и непонимание становятся больше, чем внутри страны, изменения в условиях в международном масштабе происходят быстрее. Сложная законодательная ситуация, повышение и снижение стоимости валюты, несение убытков по товарам и так далее, являются теми проблемами, которые с упором на внутренние законы нельзя решить и которые не могут обеспечить цели международных торговых соглашений.

В свою очередь, на международном уровне также не существует единых норм, отвечающих традициям и обычаям народов всех стран мира и приемлемых для всех государств. Даже международные Конвенции Вена 1980 года и Лога 1964 года не предусматривают единой формулы по решению вопроса наступления периода непродуктивности выполнения договоров. Разработчики международных документов также не соблюдали принципа нейтралитета и в конкретных случаях предусмотрели пути решения споров в свою выгоду.

Поэтому все ныне существующие в мире примерные договора имеют лишь рекомендательный характер и не могут как единый аналог заменить договора внутри государств. Стороны договора сами в силе создавая безупречные договора, охватывающие все условия Hardship и Force Majeure приступить к разрешению возникших споров по причине непредвиденных обстоятельств. Разработка таких условий, естественно, не будет основываться лишь на внутренних законах. Вероятно, разработчики таких условий воспользуются правами на свободу, определят ясную сущность этих условий и определят свои правила по отклонению свидетельств, решат спор по справедливости, завершать или решат спор по справедливости. Благодаря точным и ясным определениям вышеупомянутых правил стороны могут достигнуть удовлетворительных для себя результатов. Согласно технике создания этих правил, стороны сами могут определить пределы действия и последствия договора. Каждая сторона договора, в связи с этим, заранее будет знать свои права и обязанности по договору, кроме того, данные условия предоставляют запас времени сторонам для обдумывания своих дальнейших шагов по решению возникших проблем, возникших в результате непредвиденных обстоятельств. Эти условия по сравнению с внутренней концепцией прав будут иметь больше преимуществ и будут способствовать решению проблем внутри этих правовых концепций. Надеемся что наши предложения окажутся полезными для ученых правоведов. Эти условия являются важными и перед тем как редактировать их, надеемся стороны договора еще глубже изучат их, хотя мы не видим никаких препятствий в этом деле. Тем не менее, стороны обязаны предпринимать шаги для поиска путей справедливого решения споров.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Savrai, P., Excusable Non-Performance of Contract: International and Comparative Aspects (University of Glasgow, 1994)/
2. Langen, E., Transnational Commercial law, Leiden: A.W. Sijthoff, 1973, pp 2-12, 20-22.
3. McKendrick, E., Force Majeure and Frustration of Contract, London-New York: Lloyds of London Press Ltd, 1991, p. 27.
4. Green, N.M., Force Majeure in International Construction Contract, International Business Lawyer, 1985, p. 505.
5. Matsoukis v. Priestman and Co. |1915| 1 K.B. 681.
6. Viterbo v. Friedlander, 120 U.S. 707, 727-728 (1887).
7. Squillante and Congalton, Force Majeure, 80 Commercial Law Journal, 1974, p. 5. See also Matsoukis v. Priestman and Co., |1915|I K.B.681, at 685-6, per Bailhache, J.
8. Council of Europe, Certain Aspects of Civil Liability, 1979, Paras. 26-36. For an English approach, See Lebeaupin v. Cripin |1920| 2 K.B. 714,per McCardle, J., at 719; Zine Corporation Ltd. V. Hirsch |1916| 1 K.B. 541 (war not Forse Majeure).
9. UNCITRAL., Legal Guide on Drawing up international Contracts of industrial Works, United Nations, New York, 1988, at 235.
10. Kirkham John, S., Force Majeure-Does it Really Work? 30 Rocky Mountain Mineral Law Institute, 1984, 6-1, at 6-3.
11. See Delaume, G.R., Transnational Contract, Booklet 6, 1989, at 21 et Seq; Williams, Gregory, P., Coping with Acts of God, Strikes and Other Delights – The Use of Force Majeure Provisions in Mining Contract, 22 Rocky Mountain Law Institute, 1977, at 433.
12. See e.g., ICC Model form of Force Majeure Pub. №421, 1985, Paris, ICC Pub. S.A. 1-25; Article 34 of UNIDO Model From Turn-key Lump Sum Contract for the Construction, I June 1983; GAFTA 100 (Now renumbered GAFTA 97) Claus 23, (A c.i.f) contract issued by the Grain and Feed Trade Association, 1987; FOSFA (Federation of Oils, Seeds and Fats Association Ltd.) Forms; Standard Contract 2-A of the Cocoa Merchants Association of America Inc; Standard Form Contract of Hide and Skin Sellers Association, 1973, Clause 19.
13. Fontain, M., Les Clause de Force Majeure dans les Contract Internationaux, Droit et Pratique du Commerce International, 1979, p. 469; Delaume, G., Excuse for Non-Performance and Force Majeure in Economic Development Agreements, 10 Columbia Journal of Transnational Law, 1971; Bartel, M., Contractual Adaptation and Conflict Resolution, Vol. 8, 1985, Kluwer Law and Taxation Publisher/Deventer-Netherlands-London-Boston, at 28 et Seg.
14. |1915| 1 K.B. 681, 685.
15. Cornwell-kelly, Heather, The Community Concept of Force Majeure, New Law Journal, 1979, 245; Flybb, James, Force Majeure, Pleas in Proceeding before the European Court, 6 European Law Review, 1981, 102; Gilsdorf , P., La Force Majeure dans le Droit de la CEE a la Lumiere de la Jurispudence de la Cour de Justice, 18 Cahiers de Droit Europeen, 1982, 137; Thomson, James, E., Force Majeure, The Contextual Approach of the Court of Justice, 24 Common Market Law Review, 1987, 259; Magliveras, Konstantin, D., Force Majeure in Community Law, 15 European Law Review, 1990, 460; Parker, M., Force Majeure in EC Law (In Force Majeure and Frustration of Contract by McKedrick, Ewan, 1991, Lloyds of London, Press Ltd.) 213/
16. Westberg, John, A., Contract Excuse in International Business Transactions; Awards of the Iran-United States Claims Tribunal, ICSID Review-Foreign Investment Law Journal, 1989, 215 at 218; mote 8; Crook, Applicable Law in International Arbitration: The Iran-U.S. Claims Tribunal, Experience, 83 American Journal of International Law, 1989, 278, 293 and note 75.
17. 82 Eng. Rep. at 897.

18. David, R., Frustration of Contract in French Law, Journal of Comparative Legislation and International Law, 1946, p. 11; Denson, J., Impossibility of Performance As an Excuse in French Law; The Doctrine of Force Majeure, 45 Yale Law Journal, 1936, p. 454.
19. McKendrick, Ewan, op. cit., (The Consequences of Frustration – The Law Reform (Frustrated Contract) Act 1943).
20. Willibaid, Poch, On the Law of International Sale of Goods: An Introduction (In Survey of the International Sale of Goods), Edited by Louis Lafili, Franklin Gevurtz and Denis Camble, 1986, Kluwer, at 4.
21. Hay, P., Frustration and its Solution in German Law, The American Journal of Comparative Law. 1961, 10; at 365 et Seq; Zweigert, K., and Kotz, H., An Introduction to Comparative Law, 1977, vol. II, at Seg; Newman, Ralp, N., Equity and Law: A Comparative Study, 1961, at 195.
22. Neal-Cooper Grain Co. v. Texas Gulf Sulphur Co., 508 F. 2d 283 (7th Cir. 1974), Valero Transmission Co. v. Mitchell Energy Corp. 743 S.W. 2d 658, 663 (Tex. App. 1987); Eastern Airlines, inc. v. Gulf Oil Corp., 415 F. Supp. 429 441-42 (S.D.Fla. 1975); Missouri Pub. Serv. Co. v. Peabody Coal Co., 583 S.W. 2d 721, 725-28 (Mo. App. W.D.), Cert. denied 444 U.S. 1038 (1984). See also Wourinen , S.E., Case Comment, Northern Indiana Public Service Co. v. Carbon County Coal Co.: Risk Assumption in Claims of Impossibility, Impracticability and Frustration of Purpose, Ohio State Law Journal, 1989, 162, at 173.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ УСЛОВИЙ ФОРС-МАЖОРА В МЕЖДУНАРОДНЫХ ТОРГОВЫХ СОГЛАШЕНИЯХ

Согласно принципа обоюдного выполнения обязательств по договору, выполнение обязательств является обязательным условием договора. Вместе с тем, возможно в процессе выполнения обязательств возникнут непредсказуемые обстоятельства, препятствующие выполнению этих обязательств, или по меньшей мере, эти обстоятельства будут вызывать трудности по выполнению этих обязательств. Таким образом, выполнение обязанностей, вопреки рискам, в том числе вызываемым природными катаклизмами, законными препонами, политическими, социальными, экономическими и иными проблемами преобразования в промышленности станут невозможными и тем самым вызывают экономическую ответственность для сторон договора. Оговорки по невыполнению договора могут быть предусмотрены в условиях договора или нормами действующего законодательства.

**Ключевые слова:** условия договора, форс-мажорные обстоятельства, нормы внутренних законов страны, международные нормы права, процесс выполнения обязательств.

## THE USE OF CONDITIONS OF FORCE MAJEURE IN INTERNATIONAL TRADE AGREEMENTS

According to the principle of mutual obligations under the contract, the obligations is a prerequisite of the contract. However, it is possible in the process of implementation of the commitments will be unforeseen circumstances that prevent compliance with these obligations, or at least, these circumstances will cause difficulties in meeting these obligations. Thus, performance of duties, in spite of risks, including those caused by natural disasters, legal obstacles, political, social, economic and other problems of industrial transformation will be impossible and thereby cause economic responsibility for the parties. Reservations for noncompliance may be provided in the terms of the contract or applicable law.

**Key words:** terms of the contract, force majeure, the provisions of the domestic laws, international law, the obligation to act.

**Сведения об авторе:** ***Алиризо Мукиман*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

# ХОСТГОРӢ ДАР ҲУҚУҚИ ЭРОН

***Шопури Некандом Мустафо***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар тамоми қарордодҳо барои ба вуҷуд омадани онҳо ниёз ба пешниҳоди қабул аст ва то замоне ки қабул ба пешниҳод мулҳақ нашавад, ақд воқеъ нахоҳад шуд. Ҳамон тавре ки дар қонуни маданӣ ақд таркибе аз пешниҳод ва қабул баён шудааст, дар моддаи 183-и қонуни зикршуда баён гардидааст: «Ақд иборат аст, аз ин ки як ё чанд нафар дар муқобили як ё чанд нафари дигар тааҳҳуд бар амре намояд ва мавриди қабули онҳо бошад».

Дар моддаи 339-и ин қонун омадааст: «Пас аз тавофуқи фурушанда ва харидор дар мавриди муомила ва қимати он ақди байъ (хариду фурӯш) ба эҷоб (пешниҳод) ва қабул мешавад».

Ҳамин тавр дар моддаи 1062-и қонуни мазкур дар мавриди тааҳҳуқи ақди никоҳ мегӯяд: «Никоҳ воқеъ мешавад ба эҷоб (пешниҳод) ва қабул ба гуфтаҳое, ки ба сароҳат далолате бар қасди издивоҷ намояд». Марсум чунин аст, ки тарафайни ақд бавижа қарордодҳои муҳим қабл аз баста шудани он дар мавриди шартҳои муомила, авзову аҳволи қазия ва дар назар гирифтани ин, ки чӣ чизе бо маслиҳати онон аст, чи нуктаҳо ва мавридҳоеро дар назар бигиранд, то дучори мушкилҳои баъдӣ ношӣ аз он нагарданд, ба гуфтугӯ мепардозанд. Ба тамоми ин матлабҳо ва нуктаҳои дигаре ки қабл аз ба вуҷуд омадани эҷоб (пешниҳод) ва илҳоқи қабул ба он байни тарафайн матраҳ мешавад, музокирот (Negotiation-negociation) ё музокироти муқаддимотӣ (Preliminary-negotiation) ва ё музокироти марбут ба қарордод (Enter into negotiation) гуфта мешавад.

Бетардид, байни эҷоб ва даъват ба муомила ва ё анҷоми ақд фарқ вуҷуд дорад. Даъвати ба музокира барои бастани ақд ба ҳеҷ ваҷҳ эҷоб ба ҳисоб намеравад, то дар сурати қабули шартҳо гуфта шавад, ақд ба вуҷуд омадааст. Ин ҳамон чизе аст, ки метавон гуфт, мавриди қабули бештари ҳуқуқдонон аст. Носири Қотузиён мегӯяд: «Пеш аз анҷоми муомила расм аст, ки тарафҳо дар бораи шартҳо ва асарҳои он ва тарҳе ки барои ҳудуди тааҳҳуди худ доранд, ба гуфтугӯ мепардозанд. Ин гуфтугӯйи муқаддимотӣ агар ба тавофуқ наанҷомид, асаре дар робитаи онон надорад ва ҳеҷ касро наметавон бобати барҳам задани ин гуна музокираҳо маломат кард. Зеро ҳадафи аслии он ба вуҷуд омадани илтизом (қайдгирӣ) нест ва ду тарафи ақд бад-ин васила мехоҳанд бо огоҳ сохтани дигаре аз

пораи воқеиятҳо ва таблиғ дар бораи суди ояндаи муомила майл ба анҷоми он дар муҳотаби худ эҷод кунанд» [1].

Олими англис бо номи **Blaring Kolasa** ва **Beradine Meyer** мегӯянд: «Сирфи як изҳор ё баёни нақшаҳо ё эъломи қасд дар бораи оянда, мисли ин ки бигӯяд ман қасд дорам як китобро бо нархи 15 доллар бифурӯшам эҷоб (пешниҳод)-ро ташкил намедиҳад. Огоҳиҳо аам, аз ин ки онҳо аз тариқи рӯзнома, маҷалла, радио ё телевизион бошад, умуман маҳсуб намешаванд. Дар иваз онҳо даъват ба муомила аз ҷониби огоҳидиҳанда талаққӣ мешавад».

«A mrere statement of plans or intention about the future, such «I am going to sell this book for 15 $», does not constitute an offer, advertisements…… are generally not considered to be offers. Instead, they are invitation to do business with the advertiser».[2]

Бетардид никоҳро метавон ақде гуфт, ки ба манзури эҷоди иттиҳод байни як зан ва як мард воқеъ мешавад ва бо тавағҷуҳ ба ин ки ду тарафи он инсон мебошанд. Аз ҳар ақди дигаре муҳимтар ва асоситар ақдест, ки байни зану мард барои ҳамеша ва то поёни умр мунаққид (баста) мешавад. Ба иқтизои ҳамин аҳамият ва ҳассосият аст, ки зану мард лозим медонанд, то қабл аз ақди никоҳ дар мавриди мавзӯъ бо дар назар гирифтани куллияи ҷонибҳои амр дар мавриди ояндаи худ ва шартҳое, ки дар он қарор хоҳанд гирифт, ба музокира ва гуфтугӯ бипардозанд. Агар ба ин натиҷа расиданд, ки барои ҳам ва ташкили зиндагии муштарак муносиб ҳастанд, заминаро барои эҷоди никоҳи оянда фароҳам намоянд. Ин марҳила аз гуфтугӯ ва музокираи муқаддимотӣ ҳамон марҳилаи хостгорист, ки зану мард баъд аз он роҷеъ ба шартҳо ва вазъиятҳои худ ба он мепардозанд. Лизо, чунин ба даст меояд, ки масъалаи хостгорӣ дар ҳуқуқи хонавода аз аҳамияти фаровоне бархурдор аст, ки каму беш дар бештари кишварҳо чӣ дар қонуни худ ва чӣ дар урфу одатҳо ва расмҳо бошад, ин амр ҷараён дорад.

**Мабҳаси аввали хостгорӣ.**

**1. Таърифи хостгорӣ.** Хостгорӣ дар луғат ба маънии талаб, хост ва хоҳиш аст, ки исми фоилии он хостгор ба маънии хоҳанда, толиб аст ва дар умури хонавода ба касе гуфта мешавад, ки толиби заношӯийист ва ҳамранги калимоти назири хоза ва хозагарист, ки хостор ва хосторӣ низ ҳамон маъноро дорад [3]. Яъне ба маънии талаби арусӣ ва издивоҷ кардан мебошад [4].

Дар забони арабӣ ал-хатаб ба маънии хостгор ва номзад аст ва ҷамъи он ахтоб мебошад. Ал-хитба ҳамон хостгорӣ, номзадӣ ва номзад аст. Ал-хатиб бо ҷамъи хатибун ба ҳамон маънист ва зани хостгоришударо ал-хатибӣ гуянд. Вақте гуфта мешавад, хатуб-ал-фатоту ё ихтатбал-фатоту, яъне духтарро хостгорӣ кард [5].

Дар маънии англисии он калимоте чун «Suitor, asking for, coliciting» ба маънии хостор, хоҳон ва хостгор аст ва калимоти «Proposing, wooing, suit» ба маънии хостгорист ва касе пешниҳоди издивоҷ диҳад ва хостгорӣ кунад, гуфта мешавад: «иқдом ва амал ба унвони як хостгор», «to act as a suiter» ё ба касе, ки дар садади ба чанг овардани зане барои издивоҷ аст, гуфта мешавад: «To seek a woman's hand in marriage» ва ё «To woo a woman to make love to».

Дар забони фаронса калимоти «A spirant, pretendant, solliciteur» ба маънии хостгор ва «Demonde en, marige» ба маънии хостгорист. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ дар қонуни мадании Эрон аз хостгорӣ таърифе нашудааст ва шояд иллати он ба далели равшании маънӣ ва мафҳуми он бошад. Дар ин қонун фақат дар моддаи 1034 дар мавриди хостгорӣ сухан ба миён омадааст.

Дар ин модда гуфта шудааст: «Ҳар занеро, ки холи аз мавонеъ (мамнуиятҳо) никоҳ бошад, метавон хостгорӣ намуд». Ин модда ҳовии ду нуктаи муҳим аст, яке ин ки тибқи зоҳири модда мард аз зан хостгорӣ менамояд. Мафҳуми мухолифаш ин аст, ки зан наметавонад аз марди дилхоҳаш хостгорӣ кунад, дувум ин ки аз ҳар зане намешавад хостгорӣ намуд. Балки аз зане мешавад дархости издивоҷ кард, ки мамнӯияти чӣ доими ва чи муваққат бар сари роҳи издивоҷи ӯ бо марди хостгор набошад. Ин ки мард метавонад аз зан хостгорӣ намояд, мухтаси қонуни Эрон намебошад, балки дар бештари кишварҳо, бавижа кишварҳои исломӣ вуҷуд дорад.

Дар Афғонистон «хостгорӣ иборат аз пешниҳоди издивоҷ аст, ки аз тарафи мард нисбат ба зан ё духтаре, ки битавонад бо ӯ издивоҷ намояд, сурат мегирад. Хостгорӣ ағлаб, аз тарафи мард пешниҳод мешавад…»[6]

Дар маншури ҳуқуқи хонавода дар ислом тасвибшудаи кумитаи исломии ҳуқуқи зан ва кӯдакон дар мавриди хостгорӣ муқарраroте тадвин шудааст. Дар моддаи 64-и он омадааст: «Хостгорӣ ба маънои нишон додани тамоюли марди издивоҷ ва пазириши хостаи ӯ аз сӯйи зан ва валиаш, тавофуқи дутарафи ақди издивоҷ дар оянда аст». Дар моддаҳои 48 ва 49-и он ҳам ба сароҳат аз хостгории мард аз зан ном бурда шудааст. Бинобар ин, хостгориро дар ҳуқуқи хонаводаи Эрон чунин метавон таъриф намуд: «Хостгорӣ иборат аст, аз ин ки марде ба манзури издивоҷ ва барқарории ақди никоҳ бо зане, ки ҳеҷ гуна манъи қонунӣ ва шаръӣ бар сари роҳи издивоҷ бо вай вуҷуд надорад, дархости издивоҷ намояд ва моҳияти ҳуқуқии он сирфан музокира ва гуфтугӯйи муқаддимотии қабл аз ақд ва ҳеҷ гуна ҳуқуқу таклифе (уҳдадорӣ) барои хостгор ва хостгоршаванда эҷод наменамояд».

**2. Сарчашмаи ҳуқуқии хостгорӣ.** Байни нависандагони ҳуқуқӣ ин ихтилоф вуҷуд дорад, ки оё маншаъ ва сарчашмаи хостгорӣ ношӣ аз ҳукмҳои исломист, ё қабл аз он вуҷуд дошт. Динҳо, аз ҷумла дини ислом онро имзо ва таъйид намуд, барои он чаҳорчӯб ва қонунҳо таъйин намудааст. Иддае бар

он решаи мазҳабӣ қоиланд ва мегӯянд: «Яке аз муқаддимаҳои марсум қабл аз издивоҷ дар Эрон хостгорист, ки решаи мазҳабӣ дорад ва мавриди таваҷҷуҳи қонунгузор низ қарор гирифтааст»[7]. Ё онро муқаддимаи шаръӣ барои ақди издивоҷ медонанд ва муътақиданд, ки: «Ақди издивоҷ аз ҷумлаи муҳимтарин ва хотиртарин ақдҳо мебошад, ки қонунгузори динӣ барои он муқаддимаеро дар назар гирифтааст. Ин муқаддима хостгорист, ки дар луғати арабӣ ба он хитба гуфта мешавад» [8]. Бардошти баъзе аз нависандаҳо ин будааст, ки: «Қонунҳои марбут ба хостгорӣ ва номзадӣ қонунҳои мустақими исломӣ нест. Яъне дастури равшане аз ислом дар бештари онҳо вуҷуд надорад ва қонуни маданӣ, он чиро ки дар ин замина гуфта, тибқи бардоште аст, ки аз қоидаҳои куллии исломӣ кардааст…» [9]. Баъзе ҳам хостгориро мубтанӣ ва мутобиқ бо фитрат ва табиати инсон медонанд ва эътиқод доранд, ки дини ислом ойини фитрат аст.

Бар ин равияи фитрӣ ва табиӣ саҳеҳ ниҳодааст ва ба ояи «Қуръон»-и маҷид мисли ояи 235-и сураи Бақара, ки мефармояд: «Вало ҷуноҳа алайкум мимо арaзтум биҳӣ мин хитбатин нисоъ», яъне «бар шумо боке нест, ки ба хостгории он занон биравед» ва ҳамин тавр ба китобҳои фиқҳӣ, ки дар мавриди хостгорӣ баҳс шудааст, далел овардаанд, мисли китоби «Тазкират-ул-фуқаҳо» (ҷилди 2, саҳ. 569 ба баъди Алломаи Ҳиллӣ) [10]. Дастаи дигар ҳам хостгориро ношӣ аз расми куҳан ва расму ойин медонанд ва мегӯянд: «хостгорӣ маънии равшан дар урф дорад, ки иборат аст, аз пешниҳод ва дархости заношӯӣ аз тарафи мард ба зане, ки битавонад бо ӯ издивоҷ кунад» [11]. «Дар никоҳ марсум аст, ки пеш аз издивоҷ мард ба хостгории зан меравад…» [12].

Ҳақиқати амр ин аст, ки сарчашмаи хостгорӣ дастурҳои динӣ намебошад, балки дин бар он чиро ки марсум ва маъмул будааст, имзо ва таъйид намудааст. Илова бар ақл ва отифаи инсон ба ғариза, ки ваҷҳи муштарак байни инсон ва ҳайвон аст, муҷаҳҳаз аст ва замоне ки одам халқ шуда, майл, хостан ва гароише ба дигарон, бавижа ҷинси мухолиф дар он вуҷуд дошта ва ҷузъи фитрат ба вуҷуди ӯ будааст, ба истилоҳ дар вай аҷин гаштааст. Бинобар ин, қабл аз ин ки қонуне дар ин хусус тадвин шавад, ё ҳукми дастури динӣ муқаррар гардад, хостан бо инсон ҳамроҳ буда ва ба таъбири «Қуръон»-и карим саросари вуҷудаш ниёз ва эҳтиёҷ аст. «Ё аюҳаносу ан ту мул фуқароҳу иллалоҳ…» [13].

Яке аз ин ниёзҳо майл ба эҷоди робита ва дурӣ аз инзибо ва танҳоист. Ба унвони як қонуни табиӣ аз таваллуд то марги инсон ҳеҷ чизе ба андозаи робита дар зиндагии ӯ нақш ва аҳамият надорад. Мо инсонҳо дар робита мутаваллид мешаваем, дар робита рушд мекунем ва бузург мешавем, дар робита зиндагӣ мекунем, дар робита меомӯзем, дар робита ҳуввият ва шахсияти мо шакл мегирад, дар робита шодӣ мекунем ё дар ғаму ғусаҳои якдигар шарик мешавем. Дар робита бемор ё дармон мешавем…, саранҷом дар робита мемирем… Ба таври куллӣ халаи танҳоии инсон дар робитаҳо пур мешавад ва доруи дарди танҳои ниёзи қатъии инсон ба доштани робита ба эҳсоси тааллуқи мутақобил ва эҳсоси муҳаббати дуҷониба аст [14].

Ба назар мерасад, назари он даста аз нависандаҳое, ки майл ва гароиш ба ҷинси мухолифро амри фитрӣ даниста ва ба иқтизои табиати инсонӣ майл бар он дорад, дурусттар бошад. Он чиро ки мусаллам аст, урфу одатҳо ва расмҳои мусаллами қавмҳо ва миллатҳои мухталиф ба он шакли ниҳодина дода ва андак-андак ба сурати қонуни урфӣ пазируфта шудааст. Ҳар ҳукм ва қонуне аам аз илоҳӣ ва башарӣ дар ин чаҳорчӯб қобили тавҷеҳ ва тафсир аст.

Дар Эрон ин расми куҳан аз қадимулайём қабл аз ислом вуҷуд доштааст ва хидмати он ба садҳо сол қабл аз он бар мегардад: «Дар Эрони бостон аз лиҳози назми корҳои иҷтимоӣ ва пешгирӣ аз фасодҳои ахлоқӣ дар бораи заношӯӣ таъкиди зиёд шудааст». Зардушт дар «Авесто» барои издивоҷ ва ташкили хонавода манзалати волое қоил гардида ва мегӯяд: «Марде ки зан дорад, бар он ки чунин нест фазилат дорад». Яке аз расмҳои издивоҷ хостгорист, ки зардуштиён пас аз гузашти қарнҳо ин суннатро ҳамчунон ба ҷой меоваранд. Расмҳои хостгории эшон бад-ин гуна аст, ки модар ва хоҳари писар дар сурати тамоюли хонаводаи духтар бо чанд нафар аз бастагони наздик барои хостгории духтар мераванд.

Дар миёни эрониҳо бо ҳар гароиши фикрӣ ва ақидаӣ аам аз мусулмон, масеҳӣ, яҳудӣ, зардуштӣ ва ғайра расм ва ҷорист ва ба фарохури он чиро ки расму одат аст, онро ба ҷой меоваранд. Дар қонуни маданӣ ҳам сирфан на бар асоси пайравӣ ва табаият аз сарчашмаҳои фиқҳӣ ё динӣ, балки бар асоси он чи ки дар миёни мардум марсум ва маъмул буда, моддаи 1034-и қонуни маданӣ тадвин шудааст.

**3. Дар хостгории зан аз мард.** Яке аз масъалаҳои мавриди ихтилоф, ки аз қадим матраҳ буда ва мебошад, ин аст ки оё фақат мард метавонад аз зан хостгорӣ намояд ва зан чунин ҳақро надорад. Ҳамон тавре ки мардҳо ба занҳо дар амри заношӯӣ ва ҳатто иҷтимоӣ сарпарастӣ доранд ва дар тӯли зиндагии муштарак раёсати хонавода аз хасисаҳои шавҳар аст ва ба унвони валии қаҳрӣ бар фарзандҳои сағири худ вилоят доранд, ҳатто метавонад таҳти унвони вилояти ҷабр духтари бокираи болиғ, оқил ва рашиди худро бидуни ризояти ӯ ба ақди никоҳи дигаре даровард ва бидуни ҳеҷ гуна далел ва сабаб, ҳар вақт ки бихоҳад, метавонад занашро талоқ диҳад. Хостгорӣ ҳам монанди онҳо ҳаққи мард аст ва ин амр низ ҳамон сарпарастии мардон бар занон аст? Ё ин ки хостгори тавассути зан аз мард ҳеҷ гуна манъи шаръӣ ва қонунӣ надорад ва сирфан, хостгории мардон аз занон ношӣ аз урфу одат аст. Иддае хостаанд, таҳти унвони дифоъ аз ҳайсият, шарафи зан, ҳифз ва риояти шаъни шахсӣ ва хонаводагӣ ва иҷтимоӣ ӯ бигӯянд. Агар зан аз мард хостгорӣ кунад, ҳайсият ва эҳтироми ӯ паст

мешавад ва барои ӯ хилофи шаън аст, ки ба думболи мард бидавад. Чун табиати мард мазҳаби талаб ва ишқу тақозост ва зан мазҳари матлуб будан ва маъшуқ будан «Зан гул асту мард булбул. Ӯ шамъ аст ва мард парвона». Қаризаи мард ниёз, талаб ва қаризаи зан нозу ҷилвагарӣ, агар ба думболи мард биравад расво мешавад. Ҳатто ин робитаро бо ҳайвонҳо аз назари қаризӣ муқоиса карданд ва гуфтаанд, ба ҷинси нар ин маъмурият дода шуда, ки худро дилбохта ва ниёзманд ба ҷинси модда нишон бидиҳад. Маъмурияти ҷинси модда пардохтан ба зебоӣ ва лутф аст, бо худдорӣ ва истиқнои зарифона дили ҷинси хашингро ҳарчи бештар шикор кунад… [15].

Дастаи дигар илова бар мавридҳои зикршуда дар фавқ аз дариҷаи дигаре ба қазия нигаристаанд ва он, ин ки зан мазҳари ишқ ва маъшуқ будан, латофат ва эҳсосҳо аст ва мард мазҳари ақлоният, тааққул ва дар натиҷа оқилтар аз зан аст. Мегӯяд, бояд ин мавҷуд ҷинси мухолифи худ, яъне мардро ҷазби худ кунад ва мард, барои ин ки насли башар боқӣ бимонад, ба тарафи ӯ ва издивоҷ бо ӯ ва таҳаммули сахтиҳои хона ва хонавода ҷазб шавад.

Кори Худо хилқати занро латиф қарор дода, барои ин ки зан сахтии бачадорӣ ва ранҷи идораи манзилро таҳаммул кунад, шуури ӯро латиф ва рақиқ кард. Барои истеҳкоми зиндагӣ, анҷоми ҳуқуқ, уҳдадориҳои умумӣ ва иҷтимоӣ ислом байни зан ва мард қоил ба тафовут шудааст. Он чиро ки истеҳкомаш бо эҳсос аст, дар зан тақвият намуд ва он чиро ки истеҳкомаш бо тааққул ва ақлоният аст, дар мард таҳким намудааст. Дар натиҷа, қолаби мардон дар амри тадбир қавитаранд ва эҳсоси занон ба тааққули онон ғалаба дорад [16].

Ба назари нигоранда, он чиро ки нависандаҳо барои тавҷеҳи хостгории мард аз зан зикр кардаанд, иллати тамом ва комили қазия нест ва ин ки занро мазҳари таннозӣ, дилрабоӣ, ҷазби ҷинси музаккар, матлубият ва маъшуқият бидонем, ӯро гул ва шамъ қаламдод кунем ва ҳатто ононро бо ҳайвонот аз нуқтаи назари қаризӣ ташбеҳ кунем, дар воқеъ, иҳонат ва беэҳтиромӣ ба зан аст. Чаро ки наметавон фақат занро мазҳари ишқ, эҳсос ва ҷазби ҷинси мухолиф донист, балки ҳамин қаризаҳо ва отифаҳо дар мардон ҳам ҳаст ва усулан ақл, отифа ва қариза дар инсон вуҷуд дорад ва инсон ҳам ба зану мард итлоқ мешавад.

Ҳақиқати амр ин аст, касоне эътиқод доранд, ки ин мард аст, ки бояд аз зан хостгорӣ намояд, таҳти таъсири дидгоҳи куллӣ аз зан дар ҷомеаҳои исломӣ вуҷуд дорад. Бино ба бардоште, ки эшон бавижа донишмандони динӣ аз дин, фармонҳо ва ҳукмҳои исломӣ аз ҳуқуқи хонавода дар ислом доранд, қарор гирифтанд. Бар асоси ҳамон дидгоҳ мутобиқи қиёси авлавият натиҷа гирифтанд. Пас, мард бояд аз зан хостгорӣ намояд, на зан аз мард, яъне ҳамон дидгоҳе, ки ба далели ояи 34 аз сураи «Нисо» дар «Қуръон»-и карим вуҷуд дорад [17], мефармояд «Мардон сарпарастии занонро бар ухда доранд, барподорандаи занон мебошанд. Доманаи он на мунҳасир ва махсус ба мавриди зану шавҳар, балки аз ҷиҳатҳои иҷтимоӣ, монанди ҳукумат, қазоват, дифоъ ва ғайраро шомил мешавад».

Ин ки зан дар муқобили шавҳараш бояд дорои хузӯъ (фурӯтанӣ), қунут(эҳтиром) ва итоати доим бошад, ки агар бим ва хавфе нушуз (сарпечии) онон мешавад. Ба тартиб ононро панду андарз дод ва агар суде набахшид, аз бистари онон дурӣ гузид ва пушт ба онон намуд. Ҳамин тавр, агар фоидае набахшид, пас эшонро бизанед, то аз шумо пайравӣ кунанд ва ҳамин тавр бардоштҳои дигаре аз ислом вуҷуд дорад. Масалан, дар вилояти ҷабр (сарпарастии зӯр) падар метавонад духтари бокираи болиғи оқил ва рашиди худро ба гунае бидуни майл ва ризояти худ ба ақди никоҳи дигаре дароварад [18]. Дар омӯзаи мактаби моликӣ дар ҳуқуқ ба завҷа иҷоза медиҳад, ки бар асоси ҳурум (дар тангно ва фишор қарор гирифтани зан) дархости талоқ намояд. Дар айни ҳол ба сарпараст озодии мутлақ медиҳад, ки духтари худашро, ки ба сини рушд расидааст, шавҳар диҳад ва ризояти духтарро мутлақан лозим намедонад [19]. Ҳамин тавр, дар вилояту Ширкаҳ (иҷозаи падар ва духтар бо ҳам барои издивоҷ), валӣ бо мушорикати духтар барои вай ақди никоҳ мебандад. Дар мазҳаби шиа ин вилоят пазируфта шудааст.

Мавриди дигари сарпарастии мардҳо бар занҳо дар зиндагии муштарак раёсати мард бар хонавода аст ва ғайр аз мавридҳои истисноӣ ҳаққи талоқ бо мард аст, ки метавонад, ҳар вақт ки бихоҳад, бидуни далел занашро талоқ диҳад.[2]

Бинобар ин, вақте ки духтар натавонист худ мустақилан ақди никоҳро мунъақид намояд, пас равшан аст, ки натавонад аз марде хостгорӣ намояд. Дар кишвари Арабистон, ки маркази сиқли ислом аст ва ислом дар он ҷо зуҳур кардааст, ҷое ки хонаи Худо дар он ҷо вуҷуд дорад, он вақте ки зан натавонад ҳатто ронандагӣ намояд, ки агар дар айни ронандагӣ мушоҳида шавад, амали вай муҷримона ташхис ва таҳти таъқиб қарор мегирад[20], маълум аст, ки натавонад аз мард хостгорӣ намояд. Ин амал ва рафтор ба дастурҳои динӣ пайванд дода мешавад, ба истиноди ояи 235-и сураи «Бақара», ки мефармояд: «Вало ҷуноҳа алейкум фи мо арастум биҳӣ мин хитбати Нисо…», яъне «он чӣ дар бораи хостгории занҳо ба ишора гӯед, ё дар дили хеш ниҳон кунед, гуноҳе бар шумо нест». Ин мард аст, ки аз зан хостгорӣ мекунад ва хостгории зан аз мардро гуноҳи бузург мешуморанд.

---

[2] Ҳадисе аз паёмбари Ислом ки фармудааст «Атталоқу бияде манъахаза бил соқ», яъне талоқ дар дасти мард аст.

Дар муқобил дидгоҳи дигаре вуҷуд дорад, ки ба муҷиби он хостгории зан аз мард ҳеҷ гуна мамнуияти шаръӣ ва ақлӣ надорад. Тибқи асли ибоҳа (раво ва ҷоиз будан) ва таҳлиле, ки аз хостгорӣ ва моҳияти он мешавад, хостгории зан аз мард муҷоз ва бидуни эрод аст. Изофа бар ин «Қуръон»-и карим аз хостгории зан ё волидайни ӯ аз мард хабар медиҳад.

Намунаи он дар мавриди қиссаи ҳазари Мусо(а) мебошад, ки вақте вориди шаҳри Мадян шуд, духтарҳои ҳазрати Шуайб(а)-ро дид ки дар атрофи чоҳи обе машғули ҷамъоварии гусфандони худ ҳастанд ва ҳазрати Мусо(а) ба он ду ёрӣ расонд ва гусфандонашонро сероб намуд. Ҷавонмардии ҳазрати Мусо(а) муҷиб шуд, ки яке аз духтарон назди падараш равад ва аз вай дархост намояд, то аз Мусо(а) барояш хостгорӣ намояд ва падари духтар ҳам аз Мусо (а) хостгорӣ намуд [21].

Аз ҳадисҳо ва хабарҳо чӣ дар байни аҳли тасаннун ва ташаюъ намунаҳои фаровоне вуҷуд дорад, ки зан аз мард хостгорӣ намудааст. Аз имоми 5-уми шиаҳо Эмоммуҳаммади Боқир нақл шуда, ки зане назди паёмбари ислом омад ва гуфт: «Эй паёмбар, маро шавҳар бидеҳ, паёмбар фармуд, чи касе шавҳари ин зан мешавад? Марде аз он миён пазируфт. Паёмбар ба мард гуфт, чӣ чизе ба унвони маҳрия ба ин зан медиҳед. Мард гуфт, чизе надорам. Паёмбар фармуд, оё чизе аз «Қуръон»-ро ба хубӣ ошноӣ? Мард гуфт, «оре». Он гоҳ паёмбар фармуд, туро ба тазвиҷи ин зан дар меоварам. Бар ин ки он чӣ аз «Қуръон» медонӣ, бар ӯ биомӯзӣ» [22].

Бинобар ин, бо вуҷуди ин ки иддае хостгории зан аз мардро хилофи шаъни зан медонанд ва мегӯянд, мутобиқи фитрат ин мард аст, ки бояд ба хостгории зан биравад, хостгории зан аз мард дар ҳукмҳо ва дастурҳои динӣ дорои собиқа аст ва ин ки гуфта шуда зан мазҳари маъшуқият ва матлубият аст ва мард хотиб аст ва азн махтуба, ба назар мерасад, ин назар мутлақ набошад ва бар хилофи он ба исбот расида, ки мард низ метавонад матлуб ва маъшуқ воқеъ шавад.

Намунаи боризи он достони «Ҳазрати Юсуф»-(а) аст. Дар ояи 23-и сураи «Юсуф» омадааст: «Ва зане, ки Юсуф дар хонаи ӯ буд, аз Юсуф тариқи муровида ва мулоимат таманои комгирӣ кард, дарҳоро маҳкам баст ва гуфт барои ту омодаам». Ҳамин тавр, дар ояи 31-и он сура «занони Миср ҳам, ҳамин ки Юсуфро диданд, маҳви ҷамол ва зебоии ӯ шуданд ва дастҳои худро ба ҷойи мева буриданд». Ин амр нишон медиҳад, ки зану мард ҳарду мазҳари ишқу зебоӣ ҳастанд ва аз назари хилқат он чиро ки ба сурати физиологӣ ва ҷисмӣ байни ин ду тафовут аст, ҳеҷ гуна фарқу табъизе вуҷуд надорад. Ояи 31-и сураи «Ҳуҷарот» дар «Қуръон»-и карим мефармояд: «Мо шуморо аз марду зан офаридем… ва гиромитари шумо дар назди Худо парҳезкортарини шумо аст».

Дар ояи 195-и сураи «Оли Имронӣ» ин китоби осмонӣ мефармояд: «Шумо занон ва мардон аз ҷинси ҳамед». Ҳамон тавре ки мард метавонад худаш дар сарнавишти хеш тасмим бигирад ва мустақилан амал кунад, зан низ чунин ҳақеро дорад, бидуни хеҷ фарқу табъизе «Лиҳо мо касабат ва алайҳо мак тасабат», яъне «он чиро ки занон аз кори нек анҷом медиҳанд, ба худашон бармегардад ва он чиро ки аз бадиҳо анҷом медиҳанд, алайҳи худашон ба ҳисоб меравад».

Дар натиҷа ҳеҷ мамнуияти шаръӣ ва қонунӣ барои хостгории зан аз мард вуҷуд надорад ва ин ки дар Эрон мардон ба хостгории занон мераванд, сирфан бар асоси зуҳур ва ғалабаи урфӣ аст, ки дар ҷомеаи Эрон ва дигар кишварҳо, ҳатто кишварҳои ғайриисломӣ дар асари такрор ҷо афтодааст. Ҳамон тавр ки дар Ҳиндустон урфи қолаб ин аст, ки зан ё хонаводаи ӯ ба хостгории мард мераванд: «… пешниҳоди издивоҷ дар ҳиндуҳо усулан, аз ҷониби хонаводаи духтар матраҳ мешавад ва падару модари духтар пас аз интихоби домод ба манзили ӯ рафта ва пешниҳодро матраҳ мекунанд…», дар шаҳри Соворди Иёлоти Биҳор, дар шарқи Ҳинд писарҳо ба қимматти хубе дар як намоишгоҳ ба фурӯш мерасанд ва харидорҳои онҳо волидайни духтарҳои дами бахт ҳастанд.

Дар ин шаҳр аз 600 сол пеш то кунун писарҳо ҳамроҳ бо бузургони хонаводаи худ дар як боғи Атба ҷамъ мешаванд ва хонаводаи духтарҳои дами бахт домоди худро интихоб мекунанд. Ин кор ба хонаводаи духтар ҳаққи интихобро медиҳад… Хонаводаи духтар чанд домодро интихоб карда ва пас аз баҳси муфассал дар бораи пешинаи хонаводагӣ, собиқаҳои таҳсилӣ ва соири дороии писар ва билохира таъйини миқдори ҷиҳозия масъалаи издивоҷ ниҳоӣ мешавад.

Албатта, қимати домодҳо бар асоси шуғли онҳо фарқ мекунад. Баста ба ин ки коргари рӯз музд, посбон, корманди бонк, афсари полис ва ғайра бошанд, аммо қимати устоди донишгоҳ гаронтар аст ва баҳои домодҳое, ки устоди донишгоҳ бошанд, 15 то 30 000 доллар аст [23].

**4. Моҳияти хостгорӣ.** Пӯшида нест, ки хостгорӣ марҳилаи қабл аз ақди никоҳ аст, ба манзури ташкили зиндагии муштарак ва иттиҳоди байни зану мард аз тарафи хостгор сурат мегирад. Агар мавриди мувофиқати шахси хостгоршуда қарор гирифт, замина барои эҷоди ақди никоҳ фароҳам хоҳад шуд.

Суоле, ки матраҳ мешавад, ин аст, ки моҳияти хостгорӣ чист? Оё монади дигар ақдҳо, ки мумкин аст, тарафайн қабл аз вуқӯи эҷоб (пешниҳод) ва қабул ва таҳаққуқи ақди мавриди назар ба гуфтугӯ ва музокира бипардозанд, даъват ба эҷоб аст, ки агар мавриди қабул воқеъ шуд, ақди никоҳ мунъақид мешавад? Бештари нависандагон ва ҳуқуқдонон муътақиданд, ки хостгорӣ ҳамон музокира negotiation ё музокироти муқаддимотӣ Preliminary negotiation ва ё музокироти марбут ба қарордод inter into negotiations аст.

Тибқи муқаррароти қонуни маданӣ пас аз хостгорӣ се ҳолат мумкин аст ба вуҷуд ояд. Яке, ин ки хостгор бо ҷавоби рад рӯбарӯ шавад, ки дар ин сурат ҳеҷ робитаи ҳуқуқӣ байни хостгор ва хостгоришуда рух намедиҳад.

Дувум, ин ки мавриди қабул воқеъ шавад, аммо барои таҳаққуқи ақд тарафайн онро манут ба замони баъд намоянд. Дар ин сурат, он чиро ки воқеъ мешавад, номзадист ва номзадӣ ба таври завҷият маҳсуб намешавад, балки тибқи моддаи 1035-и қонуни мадании Эрон 1307ш. /1928. ваъдаи издивоҷ ба ҳисоб меравад. Ваъдаи издивоҷ муҷиби робитаи завҷият намешавад. Севум ин ки ду тараф фарван ақди никоҳро мебананд, ки монанди дигар ақдҳо бо эҷоб ва қабул бо лафзҳое, ки ба сароҳат далолат бар қасди издивоҷ намояд, воқеъ мешавад. Пас, хостгорӣ қатъан эҷоб барои никоҳ нест. Хостгориро метавон ба даъват бо муомила, ба гунае ки дар қарордодҳо ва ақдҳо бавижа ақдҳои молӣ ё қарордодҳои молӣ маъмул аст, тавсиф кард. Бидуни шак, байни эҷоб ва даъват ба муомила фарқ вуҷуд дорад ва ин ду яке нестанд [24]. Аммо тавре ки пеш аз анҷоми муомилаҳо марсум аст, ки тарафайн дар бораи шартҳо ва асарҳои он ва он чиро ки дар зеҳни худ тасаввур намуда (conception) ва дар бораи он тадбиру чораҷӯйӣ ва дар истилоҳ сабук сангин намуда (Deliberation), қабл аз иттихози тасмим (decision) ва зуҳури бурузи бинии он (enforcement) бо тарафи муқобил ба музокира менишинанд. Пас аз хатми музокира чунончи ду тараф барои бастани ақд ва қарордод ба тавофуқ расиданд, тоза навбат ба эҷобу қабул мерасанд.

Аз ин музокирот ва гуфтугӯҳои муқаддимотӣ метавон даъват ба эҷоб ва ё даъват ба муомила намуд, ки ба сурати мустақим ё рӯбарӯ анҷом мешавад, ё аз роҳи эъломи ғайримустақим, мисли эълон ва дарҷ дар ҷаридаҳо ва рӯзномаҳо, ки бо таваҷҷуҳи он агар ин гуфтугӯҳо ба тавофуқ наанҷомад, ҳеҷ гуна илзоме байни тарафайн ба вуҷуд нахоҳад омад.

Марҳум Абдураззоқ Синҳурӣ аз музокира ва гуфтугӯҳои муқаддимотӣ қабл аз таҳаққуқи эҷоб ва қабул аз калимаи «муфовизот» [25] истифода мекунад ва мегӯяд: «Касе, ки аз ӯ эҷоб содир мешавад, ин иҷоб барқарор ва қатъӣ намешавад. Магар баъд аз гуфтугӯҳо ва музокироте, ки маъмулан ба тӯл мекашад ва шахсе, ки мехоҳад ақдро мунъақид кунад, ба он ки маҳдуд ба аркони ақд шавад. Ин қабил музокираҳо ва гуфтугӯҳои пешқарордодӣ байни тарафайн муътабар ва марсум аст. Мисли, ин ки касе хонаашро дар маърази фурӯш (байъ) ё иҷора қарор диҳад, бе он ки дар бораи саман (қимати муомила) ва иҷорабаҳо сухане ба миён биоварад…. Пас, нашр, эълон ва баёни қимат ва нархе, ки маъмулан муомила бо онҳо анҷом мешавад… дар замоне ки шак ва тардид шавад ва оё эҷоб аст, ё даъвате ба муомила. Ба дурустӣ, даъво музокира ва тафовуз (ҳамон музокира ва гуфтугӯ) мебошад…». «…Ин намо якуну даъватан илла тафовуз…»[26]. Дар моддаи 89-и қонуни мадании Миср ҳам ақдро, ба муҷарради ин ки ду тараф иродаҳои муштараки худро мубодила кунанд, воқеъшуда медонанд.

Дар системаи ҳуқуқии Ғарбӣ ва Аврупоӣ ҳам қазия бад-ин минвол аст. Дар он ҷо ҳам байни эҷоб (offer) ва даъват ба муомила (invitation to treat) тафовут ва тамиз қоил шуданд. Лорд Бовен (bowenly) дар мавриди тафовути ин ду ва ин ки набояд инро бо парвандаи машҳури хонуми Корлайил алайҳи ширкати Carlill V. Carbolic smokeball 1993 иштибоҳ гирифт. Ӯ мегӯяд: «набояд, даъват ба муомиларо шабеҳи он парванда донист (дар он парванда огоҳӣ барои хариди дору ва ин ки ҳар кас онро бихарад ва мубтало ба онфлонзо (сармохӯрдагӣ) шавад, ки 100 пунд подош хоҳад гирифт. Эҷоб талаққӣ гардид ва хонуми Корлайил онро харид ва мубтало ба сармохӯрдагӣ шуд. Қабулкунанда ба ҳисоб омад, балки ҷое ки шумо пешниҳод мекунед, барои музокира ё огоҳӣ таблиғ менамоед. Мабнӣ бар ин ки маҷмӯи китоб барои фурӯш доред, ё хонаҳоеро барои иҷора огоҳӣ мекунед, дар ин мавридҳо ҳеҷ гуна эҷобе, ки пешниҳодкунандаро мулзам намояд ё водор кунад, ба гунае ки дар қарордодҳо вуҷуд дорад, вуҷуд надорад. Чунин таблиғҳои пешниҳод барои музокира ё гуфтугӯ дар бораи эҷобҳо аст, ки расида ё музокира барои ҷоназадан аст» [27].

«Даъват ба муомила иборат аст аз пешниҳод ба манзури баррасии эҷобҳое, ки василаи дигарон воқеъ шуда, ё ба қасди ширкат дар музокираҳо марбут ба қарордод аст… ва ду шакли роиҷ ва қолиб барои даъват ба муомила вуҷуд дорад, ки иборатанд аз: 1) ба намоиш гузоштани молҳо барои фурӯш; 2) таблиғҳо…» [28].

Дар мавриди хостгорӣ ҳамчун хостгорӣ ба манзури издивоҷ ва бастани ақди никоҳ дар оянда сурат мегирад. Зану мард, пас аз ин ки мавриди писанди якдигар қарор гиранд, дар бораи никоҳи оянда, шартҳо ва авзову аҳволе, ки бо ҳам қарор доранд, тарҳу барномаи оянда барои издивоҷ перомуни қазия ба баҳсу гуфтугӯ ба музокира мепардозанд. То агар ба тавофуқ ва натиҷаи мусбате расиданд, омодда шаванд, муқаддимаҳои барқарории ақди никоҳро фаророҳам оваранд. Пас, моҳияти хостгорӣ монанди музокира ва гуфтугӯӣ пешқарордодист, ки маъмулан дар дигар ақдҳо сурат мегирад ва аз ин ҷиҳат дорои ваҷҳи иштирок аст. Молик Ҳано нависандаи арабзабон дар мавриди хостгорӣ ва моҳияти он мегӯяд: «номзадии динӣ (тибқи дини масеҳият) ақдест, ки рӯҳонии калисо онро байни номзадҳо мунъақид мекунад, музаккар (мард ё писар) ва муаинас (зан ё духтар) барои издивоҷи оянда тавофуқ менамоянд… Возеҳ ва равшан аст, ки номзадӣ ваъда ё ҳамон қавлу қароре аз ҷониби ҳар як номзадҳо барои издивоҷ дар оянда аст ва аҳамияти номзадӣ эътибораш ба ин аст, ки марҳилаи собиқ бар издивоҷ аст…» [29].

Нависандаи арабзабони дигаре ба номи Ёқии Акрам мегӯяд: хостгорӣ дар назди тоифаҳои исломӣ иборат аз талаб ва дархости мард аз зани муайян барои издивоҷ ба он ва пешқадам шудан мабнӣ бар хостгорӣ аз зан ва ё падари ӯ. Пас хостгорӣ байни хостгор ва хостагоришуда ақд нест ва он муҷарради дархост барои издивоҷ аст. Ҳатто агар ин дархост ҳамроҳ бо додани ҳовии хондани сураи «Фотеҳа» барои маҳкам кардани ин қавлу ваъда ва ё бо додани аломат ё нишонае бошад».[30] Бинобар ин, хостгорӣ ақд нест, балки музокира ё ҳамон гуфтугӯйи пешқарордодист.

**Мабҳаси дувум. Монеаҳои хостгорӣ**. Манзур аз монеаҳои хостгорӣ [31] ҳамон монеаҳоест, ки бар сари роҳи никоҳ қарор дорад, ки аз он ба мавонеи никоҳ таъбир мешавад. Яъне бо ҳар зане, ки ба ҳукми қонун наметавон издивоҷ намуд, наметавон хостгорӣ кард. Мисли никоҳ бо зани шавҳардор, ё никоҳ бо падар ва аҷдод ва ғайра. Пас манзур аз моддаи 1034-и қонуни маданӣ 1313ш./1934 ки мегӯяд: «Ҳар занеро, ки холӣ аз монеаҳои никоҳ бошад, метавон хостгорӣ намуд». Яъне ҳар зане, ки шаръан ва қонунан битавон бо ӯ издивоҷ кард ва аз ин ҳайс ҳеҷ гуна манъ ва эроде вуҷуд надошта бошад.

Манъ, ки ҷамъи он мавонеъ мебошад, луғати арабӣ аст, ки ба маънии боздоштан ва пешигирӣ кардан аст. Маънии ҳуқуқии он аз маънии луғавии он ба дур наафтодааст. Аз издивоҷи занон ва мардоне бо якдигар мамониат ба амал меояд, ки робитаи хешовандӣ бо якдигар дорад, ё насабӣ аст ва ё сабабӣ ва ё ризоӣ аст. Барои ин ки монеаҳои хостгориро бишносем, бояд анвои робитаи хешовандӣ ва он ҳудуде, ки қонунгузор издивоҷ бо хешовандро манъ намудааст, мавриди баҳс қарор диҳем.

1. Анвои монеаҳои хостгорӣ. Анвои монеаҳои хостгорӣ бо анвои монеаҳои никоҳ ва анвои монеаҳои никоҳ бо анвои наздикон ва хешовандон шинохта мешавад. Дар қонуни маданӣ се навъ хешовандӣ вуҷуд дорад, ки иборатанд аз:

**а) Хешовандии насабӣ.** Ин хешовандӣ, ки робитаи хунӣ (relationship by blood) ҳам ном дорад, иборат аст аз робитаи хешӣ ва насабии касоне, ки дар хати судии амудӣ, нузулӣ ва атроф қарор мегирад, то ҳудуде ки дар қонуни маданӣ маънӣ шуда, издивоҷи онон бо ҳам мамнӯъ аст.

Дар моддаи 1045-и қонуни мадании Эрон 1313ш./1934м. хешовандии насабиро ба ин шарҳ овардааст: «никоҳ бо ақориб (яъне наздикон)-и насабии зайл мамнӯъ аст, агарчи қаробат ҳосил аз шубҳа ё зино бошад: 1) никоҳ бо падар ва аҷдод ва ё модар ва ҷадод, ҳар қадар ки боло равад; 2) никоҳ бо авлод ҳар қадар, ки поён биравад; 3) никоҳ бо бародару хоҳар ва авлоди онҳо, то ҳар қадар ки поён биравад; 4) никоҳ бо аммаҳо ва холаҳо, амуҳо ва дояҳои падару модар ва аҷдоду ҷадод». Ин монеаҳо, ки ба он ишора шуд, мавонеи доимӣ ҳаст, ки ба табаи он, ҳамон тавре ки издивоҷ бо эшон мамнӯъ аст, хостгорӣ ҳам ба тариқи авло аз онон мамнӯъ аст.

**б) Қаробат ё хешовандии сабабӣ.** Ин қаробат ношӣ аз ақди никоҳ ва издивоҷ аст, ки бо воситаи он зану шавҳар наметавонанд бо баъзе аз бастагон ва хешони ҳамсари худ издивоҷ намоянд, ки монеаҳои ношӣ аз ин қаробат баъзе доимӣ, баъзеи дигар ғайридоимӣ ва баъзе машрут (шарт шуда) мебошанд. Дар моддаи 1047-и қонуни мадании Эрон омадааст: «Никоҳ байни шахсҳои зайл бо воситаи мусоҳира (арусӣ) мамнӯи доимист:

- байни мард ва модар ва ҷадоди зани ӯ аз ҳар дараҷа, ки бошад аам аз насабӣ ва ризоӣ (ширдиҳӣ);
- байни марду зане, ки собиқа, зани падар ё зани яке аз аҷдод ё зани писар ё зани яке аз наваҳои ӯ будааст, ҳарчанд қаробат ризоӣ бошад;
- байни мард бо занон ё авлоди зани ӯ аз ҳар дараҷа, ки бошад, ҳатто ризоӣ бо шарти ин ки байни зану шавҳар заношӯйӣ воқеъ шуда бошад. Мавридҳои зикршуда дар ин модда аз монеаҳои доимии никоҳ ба сабаби издивоҷ мебошад.

Хоҳарзан, дар замоне ки хоҳари ӯ ҳамсари мард аст, наметавон бо ӯ издивоҷ намуд, ки бо ин ҳисоб аз вай хостгорӣ ҳам наметавон кард. Ин монеа то замоне вуҷуд дорад, ки хоҳари ӯ зани мард аст ва ба ин эътибор монеи ғайридоимӣ шумурда мешавад.

**в) Қаробат ё хешовандии ризоӣ.** Шир хӯрдани тифли занеро, ки модари ӯ нест, ризоъ гӯянд ва аз ин тариқ тибқи шартҳое, ки дар қонун омадааст, байни ӯ бо зан ва шавҳараш ва ҳамин тавр, дигар фарзандонаш ҳамон ҳурмати бо манъӣ ба вуҷуд меояд, дар қаробати насабӣ вуҷуд дорад ва бад-он ҷиҳат манъи доими бар сари роҳи никоҳи онон эҷод мегардад.

Дар моддаи 1046-и қонуни маданӣ муфассал дар мавриди ин қаробат муҷиби манъӣ никоҳ мешавад, шартҳои он оварда шудааст. Аз ҷумла, ин ки шир аз ҳамли машрӯъ ҳосил шуда бошад. Шир мустақиман аз пистон макида шуда бошад, тифл лоақал як шабонарӯз ва ё 15 дафъае мутаволӣ шири комил хурда бошад. Шир хӯрдани тиф қабл аз тамом шудани 2 сол аз таваллуди ӯ бошад ва дигар ин ки миқдори шире, ки тифл хӯрдааст аз як зан ва аз як шавҳар бошад.

**Монеаҳои хостгорӣ дар ҳуқуқи татбиқӣ**. Дар бештари кишварҳои исломӣ ва кишварҳое, ки аксарияти мардуми он мусулмонанд, вале қонунҳои онҳо ношӣ ва таҳти таъсири ҳуқуқи ғарбӣ ва ғайриисломӣ аст, монаеаҳои никоҳ дар он шабеҳ ба ҳам ҳастанд ва дар системаи ҳуқуқии кишваре мушоҳида намешавад, ки дар қонуни тадвиншудаи онон муҷиби ин мавзӯъ муқаррароте вуҷуд надошта бошад. Дар кишварҳои исломӣ ба истиноди ояҳои 22 ва 23 сураи «Нисо» дар «Қуръон»-и карим монеаҳои никоҳ ҳамон аст, ки дар он ояҳо омадааст. Дар кишварҳои ғайриисломӣ низ дар натиҷа монеаҳои никоҳ мутаассир аз китоби осмонии онон аст, ки албатта, дар баъзе аз кишварҳо,

ҳатто кишварҳои исломӣ дар канори сарчашмаҳои динӣ қонунҳои дигареро низ вазъ намудаанд, ки ба доманаи он афзуда шудааст.

Масалан, тибқи моддаи 14-и қонуни хонаводаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ақди никоҳ байни шахсҳои зер мамнӯъ аст… байни фарзандхондагон ва фарзандхондашудагон, байни шахсҳое, ки додгоҳ яке аз онҳоро ба сабаби бемории рӯҳӣ ё ноқиссулақлӣ (сустақлӣ) қодир ба бакоргирии қасду ирода нестанд. Байни афроде, ки додгоҳ яке аз онҳоро ба сабаби сӯйистифодаи машруботи спиртӣ ё моводи мухаддир дорои қобилияти маҳдуди амалӣ эҳроз намудааст.

Ҳамин тавр, чун ба муҷиби қонуни асосӣ ва қонуни одӣ (ҷазоӣ) тааддуди завҷаҳо (чандзанӣ) ҷурм аст ва мутобиқи моддаи 170-и қонуни ҷазоии Тоҷикистон муҷозот дар назар гирифта шудааст. Чунончи марде зан дошта бошад, зан доштани вай монеъ аз никоҳи муҷаддад аст ва дар натиҷа наметавонад аз зани дигаре хостгорӣ кунад [32].

Дар кишвари Русия ҳам тибқи моддаи 14-и қонуни Федератсияи Русия[33] тақрибан, он чиро ки дар моддаи 14-и қонуни хонаводаи Тоҷикистон омада, оварда шудааст. Мисли манъӣ издивоҷ бо фарзанди падар ва ё фарзандони пазируфташуда ё шахсҳое ки ҳадди ақал яке аз онҳоро додгоҳ ба унвони носолеҳ ба хотири ноҳинҷориҳои мағзӣ шиносоӣ кардааст ва ё шахсҳое, ки ҳадди ақал яке аз онҳо бо шахси дигаре издивоҷро ба сабт расонидааст, ҳамин тавр дар мавриди қаробатҳои насабӣ.

Дар бештари кишварҳои аврупоӣ монеаҳои никоҳ шабеҳ ба ҳам ҳастанд. Дар қонуни мадании Олмон моддаҳои 1036 то 1038-и он дар мавриди монеаҳои никоҳ аст. Моддаи 1037-и он никоҳ байни хешовандҳои хати мустақим ва байни бародарон ва хоҳарони абавайнӣ (бародарон ва хоҳароне, ки падар ва модар онҳо як мебошанд) ва ғайриабавайнӣ: (хоҳарон ва бародароне, ки фақат падари онон якест, ки дар ҳуқуқи Эрон ба он абӣ гуфта мешавад) хешони хуни комил ва хунии нима мамнӯъ аст.

Ҳамин тавр, тибқи банди 1-и моддаи 1038-и он қонун фарзандхондагиро монеъ аз никоҳ донистааст, ки албатта, дар банди 2-и он истисноҳое вуҷуд дорад [34].

Билохира, дар Фаронса тибқи моддаҳои 161 то 164 дар монеаҳои никоҳ чунин муқаррар шудааст:

1. Издивоҷ дар табақаи мустақим байни падарҳо, модарҳо, фарзандҳо ва бастагони ҳамон табақа мамнӯъ аст; (моддаи 161)
2. Дар хати ҷонибӣ издивоҷ байни хоҳар бо бародар мамнӯъ аст; (моддаи 162)
3. Ҳамчунин издивоҷ байни амак ва бародарзода, амма ва бародарзода мамнӯъ аст; (моддаи 163)

Дар айни ҳол раисии ҷумҳурии он кишвар метавонад бо иҷозаи худ ва дар мавридҳои хатир мамнӯияти банди аввали моддаи 161-ро барои издивоҷ байни хешовандҳои хати мустақим барои шахсе, ки ин хешовандиро ба вуҷуд оварда ва сипас фавт намуда, бартараф созад.

«Издивоҷ байни амма ва бародарзода, амак ва бародарзода, ё нопадарӣ ва фарзанд аз ҳамсари дигар фақат бо иҷозаи Раиси ҷумҳур мумкин аст ва ба унвони охирин маврид фақат дар ҷоест, ки издивоҷ ба робитаи хонаводагӣ дар асари марг поён дода бошад».

**Натиҷа ва пешниҳод.** Зобитаҳо ва муқарраротӣ хостгорӣ бештар ношӣ аз урфу ойини ҷомеа аст, ки ҳар ҷомеае расму ойини худро дорад ва тибқи он рафтор менамояд. Он чиро ки ба сурати ҳукми динӣ омада, дар воқеъ, таъйид ва имзои он ойинҳо аст ва қонун ҳам мубтанӣ бар ҳамон урф мебошад.

Қонуни роҷеъ ба хостгорӣ қонуни ихтиёрӣ мебошад ва чун илзомӣ нест, метавон бар хилофи он рафтор кард ва ба иборате ба он рафтор ва амал накард ва дар натиҷа бидуни хостгорӣ зану мард бидуни муқаддима ақди никоҳро мунъақид намояд ва ё зане аз марде бар хилофи зоҳири моддаи 1034-и қонуни маданӣ хостгорӣ намояд. Хостгорӣ ва марҳилаи баъд аз он то қабл аз вуқӯи никоҳ эҷоб нест, балки даъват ба эҷоб, гуфтугӯ ва музокираи пешқарордодӣ аст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки дар ҳар ақде тарафҳои он битавонанд қабл аз он вориди музокира ва гуфтугӯ шаванд, бо иноят ба ин ки никоҳ ҳам ақде аз ақдҳо мебошад ва аз ин ҳайс ҳеҷ фарқе бо дигар қарордодҳо надорад, зан ҳам ба унвони яке аз тарафҳои ақди оянда метавонад барои ин музокира ва гуфтугӯ пешқадам шавад. Бинобар ин, хусусияте вуҷуд надорад, то илзоман мард пешқадам шавад. Рӯйи ҳамин асл аст, ки пешниҳод мешавад, то моддаи 1034-и қонуни маданӣ ислоҳ гардад ва ба ҷойи ҳар зане дар садри он муқаррар шавад. Ҳар марду зане метавонад аз касе, ки холӣ аз монеаҳои никоҳ бошад, хостгорӣ намояд ва ё ба ҷойи он муқаррар гардад, ҳар касеро ки холӣ аз монеаҳои никоҳ бошад, метавон хостгорӣ намуд, то бад-ин васила занонеро, ки моиланд аз мардон хостгорӣ намоянд, дорои ин ҳақ шаванд, то ҳадди ақал бо шубҳаи манъӣ қонунӣ ё шаръӣ ва маломати маломатгарон мувоҷеҳ нашаванд.

Ҳамин тариқ, хостгорӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ дархост ва пешниҳоди марде аз зане барои издивоҷ аст. Тибқи қонуни мадании Эрон изҳори алоқа барои издивоҷ аз ҷониби мард сурат мепазирад ва ин амр миёни ҳуқуқдонон ва донишмандони динӣ (фақеҳон) муҷиби ихтилоф дар дидгоҳ шудааст, ки оё илзоман мебоист мард барои никоҳи дар оянда пешқадам шавад ва аз зан хостгорӣ намояд, ё ин ки зан ҳам метавонад аз марде хостгорӣ намояд. Зикри хостгорӣ ва зикри хостгорӣ аз зан дар моддаи 1034-и қонуни маданӣ сирфан бар асоси урф ва расму ойини дерина аст.

## АДАБИЁТ


1. Носири Котузиён. Ҳуқуқи маданӣ, қоидаҳои умумии қарордодҳо / Носири Котузиён. –Теҳрон: Беҳнашр, 1364. -Ч.1. -Ҷ.1. -С.287. Blaring Kolasa & Beradine Meyer. LEGAL systems prentice-hall, inc. Englewood cliffs, new jersey, 1978.- №07632, 462.
2. Муин Муҳамад. Фарҳанги форсӣ / Муин Муҳамад. –Теҳрон: Амир Кабир, 1356. -Ч.3. -Ҷ.1. -С.1448 -1449.
3. Муҳаммад Ҳусайн ибни Халифи Табрезӣ. Бурҳони қотеъ / Муҳаммад Ҳусайн ибни Халифи Табрезӣ. –Теҳрон: Амир Кабир, 1361. -Ҷ.2. -С.782-783.
4. Мунҷид-ал-тулоб. Фарҳанги ҷадиди арабӣ-форсӣ. Тарҷумаи Бандари Регӣ Муҳаммад. –Теҳрон: Исломӣ, 1362. -Ч.4. -С.135-136.
5. Саидраъно [Захираи электронӣ] http://www.moj.af/?lang=do&p=magazines&nid=667
6. Сафои Саидҳусайн. Мухтасари ҳуқуқи хонавода / Сафои Саидҳусайн. Имоми Асадулло. –Теҳрон: Мизон, 1385. -Ч.10. -С.32.
7. Содиқи Муҳаммад. Аҳволи шахсияи аҳли суннат (никоҳ) дар мазҳаби шофеӣ ва ҳанафӣ муовинати ҳуқуқӣ ва тавсеаи қазоии қувваи қазоия / Содиқи Муҳаммад. Маркази мутолиаҳои тавсеаи қазоӣ. –Теҳрон: Хурсандӣ, 1389. -Ч.1. -С.31.
8. Мутаҳҳари Муртазо. Низоми ҳуқуқии зан дар ислом / Мутаҳҳари Муртазо. –Теҳрон: Садр, 1376.-Ч.24.
9. Муҳаққиқи Домод Саидмустафо. Баррасии фиқҳии ҳуқуқи хонавода, никоҳ ва инҳилоли он / Мутаҳҳари Муртазо. –Теҳрон: Улуми исломӣ. 1365. -Ч.1. -С.27-28.
10. Ҷаъфарии Нангрудӣ Муҳаммадҷаъфар. Ҳуқуқи хонавода / Ҷаъфарии Нангрудӣ Муҳаммадҷаъфар. –Теҳрон: Ганҷи даниш, 1368. -Ч.1. -С.2.
11. Носири Котузиён. Ҳуқуқи мадании хонавода / Носири Котузиён. -Теҳрон Беҳнашр, 1368. -Ҷ.1. -С.31.
12. Қуръони карим, сураи «Фотер», ояи 17.
13. Баҳори Фаршод. Робитаҳои қабл аз хосторӣ, осебҳо ва саломатии он / Баҳори Фаршод. Ҳусайни Ашраф-ас-содот. Маҳдавии Ҳарсини Саидисмоил. [Захираи электронӣ] www.sid.ar
14. Ҳамон ҷо. -С.47-48.
15. Таботабоӣ Алома Саидмуҳаммад. Тарҷумаи тафсири Ал-мизон / Таботабоӣ Алома Саидмуҳаммад. –Қум: Дор-ул-илм. -Ҷ.4, -С.103-110-111.
16. Қуръони карим, сураи «Нисо», ояи 34 (ал риҷолу қавомуна алан нисо).
17. Шайхулисломӣ Саидасъад. Аҳволи шахсия / Шайхулисломӣ Саидасъад. Маркази нашри Донишгоҳи Теҳрон, 1370. -Ҷ.1. -Ҷ.1. -С.87-107.
18. Ломо Абӯида. Модер кардани ҳуқуқи хонаводаи мусулмон, парвандаи Миср. -С.537-540, 2004. Маркази ҳуқуқи донишгоҳи Ҷурҷтавн / Ломо Абӯида. Ба нақл аз Доират-ул-маорифи фиқҳул ислом. Маҷмӯае аз назарияҳои мазҳабҳои омма. Чопи Лола Бахтиёр, 1996. ва ба нақл аз Кулсун -С. 7. Таърихи ҳуқуқи ислом. -С.94.
19. [Захираи электронӣ] www.omidnews,ir
20. Қуръони карим, сураи «Қассас», ояҳои 22-28.
21. Миқдоди Муҳаммадмеҳдӣ. Мақолаи хосторӣ дар фиқҳ ва ҳуқуқ / Миқдоди Муҳаммадмеҳдӣ. [Захираи электронӣ] http://howzah.Net/pagezineFS/25gASP
22. Довар Паноҳ. Ошноӣ бо фарҳанги миллал / Довар Паноҳ. Таҳқиқ ва тадвини Заҳро Асадӣ ва Маҳдияи Суронӣ. Аз одобу русуми издивоҷ дар пешгоҳи Ҳинд. [Захираи электронӣ] http://cultures-nation.blogfa.com/post-aspx
23. Асанҳури Абдулраззоқ Аҳмад. Ал-васит-фи шарҳ-ил-қонун-ил ал-мадани-ал-ҷадид. Ҷ.1, Маншурот-ул-ҳалаби-ул ҳуқуқия / Асанҳури Абдулраззоқ Аҳмад. - Бейрут, Лублон. 2000. -Ч.3. -№100. -С.220-221.
24. Co Cheshire-fifoot & Fumstons-Law of contract buttr erworth Lexis Nexis fourteenth edition.p350, 1898.
25. A. Level and as level law by martin hunt London SWEE & Maxwell. p.160. 2000.
26. Молик Ҳано. Ал аҳволи шахсия ва муҳокимаҳо ли тавои фил масеҳия фи сурия ва лублон / Молик Ҳано. –Бейрут: Дорул наҳор ва лил нашр, 1991.-Ч.3. -С. 83.
27. Ҳамон ҷо. -С.81.
28. Ёқӣ ва Акрам. Қавонин ал аҳволи шахсия ладал тавофил исломия ва масеҳия / Ёқӣ ва Акрам. – Бейрут: Лублон, 2008. -Ч.2. -С.90.
29. Муин Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ. Маҷмӯаи ду ҷилда / Муин Муҳаммад. –Теҳрон: Одино, 1384.-Ҷ.2. -Ч.3. -С. 1835.
30. Principles of French law – John Bell – Sophin Boyron – Simon Whittake, Oxford university press. P.251, 1998.
31. Маҳмудов Маҳкам. Ҳуқуқи ҳамсарон дар оила / Маҳкам Маҳмудов. –Душанбе, 2003. -С.164.
32. Family code of the Russian federation (RFIC) from. p/223, 29-12 -1995. FZ.
33. Ҳуқуқи хонавода. Банди 2 аз унвони 2 моддаҳои 1306-1309 таҳти унвони Impediments to marriage: монеаҳои издивоҷ.


## СВАТОВСТВО В ИРАНСКОМ ПРАВЕ


Важность создания семьи в исламе настолько очевидна, что нет необходимости это доказывать. С точки зрения ислама семья считается столпом и основой общества и существование здорового и достойного социума без реформы семьи невозможно. В данной статье автор рассматривает обряд сватовства в правовой системе Ирана.



**Ключевые слова:** семья, создание семьи, право, сватовство, заключение брака, правовые нормы, гражданское право.


## MATCHMAKING IN IRANIAN LAW


The importance of family in Islam is so obvious that there is no need to prove it. From the point of view of Islam, the family is the pillar and Foundation of society and the existence of a healthy and decent society without reform of the family is impossible. In this article the author examines the ritual of courtship in the legal system of Iran.



**Key words:** family, family, law, matchmaking, marriage, the rule of law, civil law.



**Сведения об авторе:** ***Шопури Некандом Мустафо*** – соискатель Таджикского национального университета

# ҶУРМШИНОСӢ: ҲАДАФ, ХУСУСИЯТҲО ВА РОҲКОРИҲОИ ОН

*Асадуллоҳ Абдолӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Байни ҳуқуқ, ҷазо ва ҷурмшиносӣ робитаи танготанге вуҷуд дорад. Ҷазо илми таъйини ҷурмҳо ва таъйини муҷозот аст. Ҷурмшиносӣ илми таъйини иллати иртикоби муъзалот аст. Аммо ҷурмшиносӣ худашро ҳамеша маҳдуд ба доираи ҳуқуқи ҷазо намекунад ва бо полиси илмӣ дар иртибот аст. Муҳимтарини манбаи ҷурмшиносӣ дар Эрон қонуни муҷозоти исломӣ аст. Ҷурмшиносӣ ба дунболи иллати иртикоби ҷурм аст ва ҷурмҳо дар Қонуни асосӣ таъбир шудаанд.

Албатта, қонунҳои мутафарриқаи дигаре, мисли кулоҳбардорӣ, судури чек ва ғайра вуҷуд дорад ва ҳудудан 80 сол аз умри ҷурмшиносӣ нагузаштааст ва илми навпое аст, ки мавзӯи ҷурмшиносӣ гуноҳ аст. Дар муқобили он мавзӯи илми ҷомеашиносӣ ноҳинҷорист.

**Таърихи илми ҷурмшиносӣ:** Сезар Ламбарозо дар китоби «Инсони гунаҳкор» аввалин бор поягузори ҷурмшиносӣ қаламдод гардид.

Илми ҷурмшиносӣ аввалин бор дар соли 1885 тавассути Горев Фоло ба кор бурда шуд. Ӯ дар китобаш ҷурмшиносиро ба маънои навини он поягузорӣ намуд ва хостгоҳи илми ҷурмшиносиро кишвари Италия қаламдод намуд.

**Хусусиятҳои илми ҷурмшиносӣ:**

1. Ҷурмшиносӣ илмест, ки моҳияти ҷурм ва далели онро баррасӣ мекунад ва ҳамчунин ба баррасии наҳваи иртикоби ҷурм ва иллати он мепардозад.
2. Ҷурмшиносӣ истилоҳоту ибороти хоси худро дорад. Масалан, гунаҳкор бо исми муҷримини хатарнок (муҷримини билфитра) рақами сиёҳи гунаҳкорӣ, рақами хокистарӣ метавон ном бурд.
3. Илми ҷурмшиносӣ рисолати интиқодӣ дорад. Қонунҳоро баррасӣ мекунад ва онҳоро мавриди нақд ва баррасӣ қарор медиҳад.
4. Дар ҷурмшиносӣ буданҳо баррасӣ мешаванд ва он чи ки иттифоқ афтодааст, баррасӣ мекунад, аммо дар кайфарӣ он чи ки бояд вуҷуд дошта бошад, баррасӣ мешавад.

**Ҳадафҳои ҷурмшиносӣ:**

1. Ҷурмшиносӣ илмест, ки ба мутолиаи падидаи муҷримона, иллати анҷом додани ҷурм, чигунагии коҳиши мизони гунаҳкорӣ ва низ чигунагии гуноҳдидагӣ ва дар ниҳоят, ба худи гуноҳдидагӣ мепардозад.
2. Дарки муҷримин ба манзури дармон.
3. Беҳбуд бахшидан ба корҳои низом ва кайфарӣ.
4. Кӯмак ба таҳаввули қавонини кайфарӣ ва навъи қонунҳои самарабахш. Яке аз абзорҳои ҷурмшиносӣ омори ҷиноӣ аст, ки навъҳои омори ҷиноӣ иборатанд аз: омори воқеӣ ва омори қазоӣ.

Омори воқеӣ оморест, ки баёнгари кулли ҷурмҳои бавуҷудомада дар як замон ва макони муайян аст.

Омори қазоӣ бошад шомили тамоми аҳкоми қатъиятёфтаи додгоҳҳост, яъне аҳкоми парвандаҳое, ки ба додгоҳ дода шуда, нисбат ба онҳо раъй содир шудааст, ки қатъан омори қобили эътимод нест. Барои он ки ҳамаи ҷурмҳои иртикобёфта мунтаҳӣ ба додгоҳҳо намешаванд, мисли шӯрои ҳалли ихтилоф. Омори қазоӣ бар се навъ мебошад: 1. Омори додгоҳҳо. 2. Омори зиндонҳо.

3. Омори полисӣ.

Ду омори дигаре, ки дар ҷурмшиносӣ бо номи «Рақами сиёҳи гунаҳкорӣ» ва «Рақами хокистарӣ» мавҷуданд, дохили омори додгоҳҳо ғунҷонида намешаванд. Рақами сиёҳи гунаҳкорӣ ҷурмҳои ҳамеша маҷҳул ва номаълум ҳастанд, монанди дуздӣ дар хонаи падар ва бародар.Рақами хокистарии гунаҳкорӣ бошад, анҷом шуда ва кашф ҳам шудаанд, аммо муртакибин ҳеҷ вақт шиносоӣ намешаванд.

Чаро иллати бузурги омори сиёҳ ва хокистарӣ эҷод мешавад?

1. Ба иллати адами эътимоди мардум ба короии полис ва дастгоҳи қазоӣ.
2. Адами тавоноӣ ё адами итоат дар пайгирии моҷаро ё мавзӯъ тавассути шокӣ.
3. Бархе аз ҷурмҳо мисли ҷурмҳои ҷинсӣ пайомадҳои ногуворе барои шокиён дорад.
4. Эҳтимоли аз даст додани давлат ё қавмҳо дар асари шикоят пас аз интиқомҷӯйии тарафи муқобил.

**Омори зиндонҳо.** Ин қисмат барои ҷурмшиносӣ муҳим аст, чун маълум аст дар ин макон маҷмӯаи мушаххас ва қатъӣ аст. Омори ҷамъияти зиндонҳо аз ин ҷиҳат барои ҷурмшиносӣ муҳим аст, ки бароҳатӣ ва дурустӣ метавонад такроркунандагони ҷурмҳо, ки дорои ҳолати хатарнок ҳастанд, нигоҳ доранд. Омори полисӣ сеюмин омори қазоӣ аст, ки маъруф ба омори зоҳирӣ аст. Маҷмӯае аз ҷароим, ки анҷом шудааст тавассути нерӯи интизомӣ кашф мешавад. Гунаҳгори сиёҳ дар дили гунаҳкори воқеӣ қарор мегирад ва гунаҳкорӣ ҳеҷ вақт кашф намешавад.

**Равишҳои муассир дар кашфи рақами сиёҳи гунаҳкорӣ:**

• Равиши таҳқиқ. Дар ин равиш аз пурсишномаи беном истифода мешавад. Феҳрасте аз ҷурмҳо дар он зикр мешавад ва дар ихтиёри муҷримин ва маҳкумин қарор дода мешавад.

• Пурсишнома бо гуноҳдидагон аст, ё як бор муртакиб шуда ва ё чанд бор анҷом мегирад ва ин равиш ҳазинабар аст.

• Мусоҳиба бо маҳкумини абзори равишҳои кайфӣ иборатанд аз мутолиоти мавридӣ, равиш, мутолиаи пайгир дар замон, мушоҳида ва мутолиаи муҳтавои орои додгоҳҳо.

**Қаламрави мутолиот дар ҷурмшиносӣ, ҷомеашиносии кайфарӣ:**

- Кайфаршиносӣ.
- Иллатшиносии ҷиноӣ.
- Гуноҳдидашиносӣ.
- Ҷурмшиносӣ бар ду навъ - назарӣ ё болинӣ тақсим мешавад.

**Ҷурмшиносии назарӣ** ба баррасии назариёт ва маълумот роҷеъ ба ҷурм ва таърифҳои ҷурм ва баррасии иллати чигунагии анҷоми ҷурм мепардозад.

**Равиши болинӣ.** Дар ин равиш худи муҷрим мавриди мутолиа қарор мегирад. Дар ҷурмшиносии болинӣ муҷрим барои ҷурмшинос муҳим аст. Барои ин ба ҳолати муҷрим ва дармони он барои ҷурмшинос аҳамият дорад. Ба ҳамин хотир ташкили парвандаи шахсият дар замони муҳокима тавассути Марк Ансел - бунёдгузори мактаби дифои иҷтимоии навин, пешниҳод мешавад. Ӯ эътиқод дорад, ки дар замони расидагӣ ба иттиҳоми фард аз равоншинос ва ҷурмшинос барои шинохти шахсияти гунаҳкор истифода кунем. Додгоҳ бо ин шинохт аз ҷурм нисбат ба эъмоли муҷозоти саҳеҳ ва қонунии муносиб иқдом менамояд, ки ҳамон асли фардӣ кардани муҷозот аст, дарвоқеъ ҷурмшиносии болинӣ ҷурмшиносии ноб (нағз) аст.

Мавзӯъҳои бисёр муҳимми ҷурмшиносӣ ё омилҳои ҷурмзо кадомҳоянд?

**1. Иллат.** Иллатро дар ҷурмшиносӣ сабаб ва офарандаи ҷурм меноманд. Омилҳои мухталифе монанди бекорӣ, факр ва эътиёд сабаби ҷӯ.

**2. Омил.** Омил ин осонкунанда ва парваришдиҳандаи ҷурм аст ва дар шаклгирии ҷурм нақш дорад.

**3. Ангеза.** Ангеза мояи ҳаёти инсонӣ ва дар асл маншаи ризоияти инсон аст. Ангеза як омили дарунӣ аст. Омилҳои ҷурмзо ба омилҳои ҷурмзои фардӣ, берунӣ ва вазъӣ табдил мешаванд.

Омилҳои ҷурмзои фардӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1.Фардии зотӣ. 2.Фардии иктисобӣ.

Омилҳои фардии зотӣ аз вақти таваллуд ҳамроҳи инсон аст ва иктисобӣ аз тамос ба тамоил бо муҳит эҷод мешавад. Омилҳои ҷурмзои фардии зотӣ ё дарунӣ ба чор навъ тақсим мешаванд: хусусиятҳои ирсӣ ва генетикӣ; нажод; ҷинсият; муҳоҷират.

Аввалин касе, ки ба омилҳои ирсӣ ва генетикӣ мутаваҷҷеҳ шуд, Сезар Ламбарозо буд, ки онро таҳти унвони «Инсони гунаҳкор» матраҳ кард. Аммо бо кашфи қонуни варосат, ки ба дигарон мунтақил мешавад ва ҳосили озмоиш рӯйи гиёҳи нахудфарангӣ, таҳаввули азим дар кашфи робитаи муҷримият ва хусусиятҳои ирсӣ эҷод шуд. Ба ҳамин хотир Ламбарозо дар китоби худ ба номи «Инсони гунаҳкор» ба баҳси муҷримини модарзодӣ ё муҷримини билфитра ишора намуд.

Яке аз омилҳои ҷурмзои зотии фардӣ нажод аст. Нажод дуюмин омил аз омилҳои фардии зотӣ аст, ки хеле аз ҷурмшиносон нажодро аз омилҳои зотии муҳим медонанд. Аммо имрӯз баҳси деҳкадаи ҷаҳонӣ матраҳ аст. Дар Амрико баҳси иртикоби сиёҳпӯстон, баҳси нажодпарастона аст. Эҳсосоти нажодпарастон ҳеҷ гуна иртибот бо ҷурмшиносӣ надорад.

**Ҷинсият**. Дар ҷурмшиносӣ марди гунаҳкор мавзӯи мутолиа буда, албатта, занон омодаи иртикоби ҷурм ва меҳвари мутолиот будаанд. Ва занон дар мутолиаи зистшинохтӣ танаввӯъталабии камтаре доранд. Барои ҳамин, дар ҷурмҳои хушунатвор камтар ширкат мекунанд.

Син, шахсият, ҷинсият, муҳоҷират, факр, бекорӣ ва эътиёд дар натиҷаи ҷурм муассир аст ва ҷурмшиносӣ ба мавридҳои зер мепардозад:

1. Мутолиаи худи шахс, хонаводаи ӯ ва гузаштаи ӯ.
2. Ҳадаф дурустии дармон ва пешгирӣ аз иртикоби ҷурм аст.

Дар ҷурмшиносии болинӣ нозир бар пайгирии вуқӯи ҷурм ва ислоҳи муҷримин аст.

Банди 5 асли 156 Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Эрон, яке аз вазифаҳои қувваи қазоӣ иқдоми муносиб барои пешгирӣ аз вуқӯи ҷурм ва ислоҳи муҷримин таъйин намудааст. Қонуни иқдомоти таъминӣ ва тарбиятӣ мусавваби 1349 роҳкорҳои муносибе барои пайгирии иртикоби ҷурм ироа намудааст, ки иборатанд аз:

Нигоҳдории беҳудагардҳо ва ба кор гуморидан дар коргоҳҳои кишоварзӣ, саноатӣ ва ҳамчунин, нигоҳдории шахсони гирифтори нашъамандӣ ва истеъмолкунандагони машруботи спиртӣ дар макони муносиб ҷиҳати дармону ислоҳ ва нигоҳдории атфоли гунаҳкор дар қонуни ислоҳӣ ва тарбиятӣ. Тамоми ин роҳкорҳо ғайриҷазоӣ ҳастанд, муҷозот нестанд ва таълиму тарбиятӣ ҳастанд.

**АДАБИЁТ**
1. Шариати Боқирӣ. Салоҳияти такмилии девони кайфарии байналмилалӣ / Шариати Боқирӣ. Вазорати умури хориҷӣ. – Теҳрон, 1378.
2. Оқоиниё Ҳусейн. Ҳуқуқи кайфарии ихтисосӣ / Оқоиниё Ҳусейн. –Теҳрон: Мизон, 1386.
3. Аббоси Зироат. Ҳуқуқи ҷазои ихтисосӣ / Аббоси Зироат. –Теҳрон: Шамшод, 1385.
4. Гударзӣ. Пизишкии қонунӣ / Гударзӣ.–Теҳрон: Самт,1385.

**КРИМИНАЛИСТИКА: ЦЕЛИ, СПЕЦИФИКА И МЕТОДИКА**

Криминалистика -наука, разрабатывающая систему специальных приёмов, методов и средств собирания, исследования и оценки судебных доказательств, применяемых в уголовном процессе для предупреждения, раскрытия и расследования преступлений, а также используемых при судебном рассмотрении уголовных, а в ряде случаев и гражданских дел. В данной статье автор рассматривает цели , специфику и методику криминалистики на основе правовой системы Исламской Республики Иран.

**Ключевые слова:** криминалистика, специфика, методика, уголовный процесс, исследование и оценка судебных доказательств, техника криминалистики, раскрытие и расследование преступлений.

**FORENSIC SCIENCE: GOAL SPECIFICITY AND METHODOLOGY**

Criminalistics is the science of developing a system of special techniques, methods and means of gathering, research and evaluation of forensic evidence used in criminal proceedings for the prevention, disclosure and investigation of crimes, as well as used in the judicial review of the criminal and, in some cases, and civil cases. In this article the author examines the purposes , specificity and methods of criminology on the basis of the legal system of the Islamic Republic of Iran.

**Key words:** criminalistics, specificity, technique, criminal procedure, investigation and evaluation of forensic evidence, the technique of criminology, disclosure and investigation of crimes.

**Сведения об авторе:** ***Асадуллох Абдоли*** – соискатель Таджикского национального университета

# ҲУҚУҚ ВА ВАЗОИФИ МУТАҚОБИЛИ ТУРИЗМ ВА ДАВЛАТ ДАР БАРОБАРИ ЯКДИГАР ДАР ЭРОН

***Юсуф Ниёзӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ваҳуқуқи АИ ҶТ**

Қонунҳои ҷаҳонӣ низоми ахлоқӣ барои санъани гардишгарӣ ҷаҳорчӯбе аз манобеъро барои тавсеаи мудавом ва пурбори туризми ҷаҳонӣ танзим мекунад. Ин қонун фикрҳои бикрро аз бисёре эъломияҳо ва қовонини собити маҳдудкунандае, ки қаблан вуҷуд доштанд берун мекашад ва афкори ҷадидро, ки мунъакискунандаи ҷомеаи дар ҳоли тағйири мо (оғози қарни 21) аст ба он меафзояд. Кишварҳои пешрафта дар ин санъат бо бардоштани гомҳои фаротар аз замон ба дунболи эҷоди муносибатҳои таърихӣ ҳастанд, то бо баргузории фестивалҳои чандманзура бо иртиқои санъати туризми худ бо таърихӣ кардани имкон ва муносибатҳо, мақеияти иқтисодии беҳтаре барои худ халқ намоянд.

Кишварҳои Фаронса бо беш аз 80 миллион нафар туристи хориҷӣ, Испания 60 миллион нафар, Амрико55 миллион нафар, Чин 52 миллион нафар, Италия 26 миллион нафар бо нигоҳи тоза ба дунболи бозорҳои ҷадиди турист ва туризми навин ҳастанд. Онҳо ба хубӣ медонанд, ки ҳар турист ба манзалаи вуруд ҳадди ақал 1000 доллар ба чархаи иқтисод ва иштиғол аст. Барои мисол кишвари Туркия бо ҳифзи мероси фарҳангӣ ва муҳити зист ва бо иттако бар равзанаҳои таърихӣ ва маконҳои туристии санъат иқтисоди худро ба пеш мебарад. Яке аз ин ҷилваҳо бузургдошти 10-рӯзаи Мавлоно ва Шаби арӯс дар шаҳри Қуния аст, ки шоҳиди ҳузури панҷ ҳазор нафар дар ҳар барономаи самоъ мебошад. Ба гуфти шаҳрдори Қуния ин шаҳр барои пазироӣ аз се миллион турист дар ҳар сол худро омода мекунад ва дар солҳои гузашта ду миллиард доллар даромади туркҳо аз қабили Мавлоно будааст. Воқеият ин аст ки бисёре аз кишварҳо мисли Туркия барои туристҳои эронӣ сармоягузорӣ кардаанд ва ба ҷойи сармоягузорӣ бо омори хаёлӣ ва ахбори ғайривоқеӣ барои изҳони умумӣ ба воқеъ кор кардаанд бо як мақбари беш аз 200 ҳазор нафар метавонанд ба шакли мустақим иртизоқ кунанд дар ҳоле ки омори кулли гардишгарони хориҷӣ ва ё омори шоғилини мустақими ин санъат дар кишвар ба ин рақам намерасад ва мо ҳанӯз ба дунболи тавсеаи ҳотелдорӣ ва густариши шабакаҳову муассисоти туристӣ ҳастем. Албатта, таблиғот ба сӯйи илияи Эрон ва муаррифии Эрон ба унвони кишвари ноамн аз далели коҳиши фоҳиши омори туризми хориҷӣ ба Эрон аст.

Дар гузориши нишасти ҷаҳонии иқтисод, се кишвар - Шветсия, Австрия ва Олмон аз миёни 133 кишвари ҷаҳон фоизи пурҷозибатарин, беҳтарин фазо ва имконот барои иртиқои санъати туризм ва даромадҳои иқтисодии гардишгарӣ қарор доранд. Бар асоси охирин гузориши иҷлосияи иқтисодии ҷаҳон вижаи соли 2009 се кишвар – Шветсия, Австрия ва Олмонро ба унвони се кишваре, ки беҳтарин ва ҷаззобтарин фазоро барои тавсеаи сафар ва санъати туризм доранд, муаррифӣ шудаанд. Ин се кишвар бештарин даромадҳои иқтисодӣ аз санъати туризмро тайи солҳои 2008-2009 ҷазб кардаанд.

**Вазоифи куллии туризм.** Дар аксар кишварҳои дунё муқарраротеро дар мавриди ҷаҳонгардон вазъ кардан, ки аз ҳайси вуруд ва иқомат мушкили надошта бошанд ва осонтарин кор сурат гирад ва

ҳатто дар баъзе кишварҳо ҷаҳонгардон аз ҷиҳати арзӣ дорои имтиёзоте ҳастанд. Муқарраротиҳуқуқӣ яке аз илал ва авомили асосӣ дар тавсеаи санъати гардишгарӣ аст. Ин равия кишварҳоро водоштааст, ки бо иттихози маҳдудиятҳо ва роҳи ҳалли онҳо онро дар ҷиҳати пойдорӣ ҳидоят кунанд. Бинобар ин, тадвини қонунҳо ва муқаррароте дар ҷиҳати ҳимоят аз гардишгарон ва эҷоди амният барои онҳо амри зарурӣ аст.

1.Дурнамоии бевосита ва дастрасии шахсӣ, дастрасӣ ба кашф ва бархурдорӣ аз манобеи кураи замин ҳаққеро поягузорӣ мекунад, ки барои ҳамаи сокинони ҷаҳон ба таври мусовӣ қобили истифода аст. Мушорикати густурда ва фазоянда дар туризми миллӣ ва ҷаҳонӣ бояд ба унвони беҳтарин тарҷумон мумкини истимрори рушди вақти фароғат маҳсуб шавад ва мавонеъ набояд дар масири он қарор гиранд.

2.Ҳуқуқи чаҳонии туризм бояд натиҷаи табиии ҳаққи истироҳат кардан ва фориғ будан ба шумор ояд, ки маҳдудияти мантиқии соати кор ва таътилоти даврӣ бо ҳуқуқро шомил мешавад. Банди 24 Эъломияи ҳуқуқи башар ва банди 7д мисоқи чаҳонӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ ва фарҳангии онро тазмин мекунад.

3. Туризми иҷтимоӣ, бавижа туризми иттиҳодиявӣ, ки дастрасии густурдае ба вақти фароғат, сафар ва таътилотро осон месозад, бояд ба ҳимояти мақомоти давлатӣ тавсеа ёбад.

4.Бояд туризми ошносозӣ, ҷавонон, муҳасилин, пирон ва мардуми нотавону азкоруфтода тасҳил шавад ва мавриди ҳимоят қарор гирад. Хулоса, эҳтиром ба бегона ва вазъи муқаррароти муносибу осон аз замонҳои қадим мавриди таваҷҷуҳ будааст. Дар Рими бостон мо қонуни ақвомро суроғ дорем, ки ба танзими равобити байни шаҳрвандон ва хориҷиён мепардохт.

Риояи нукоти ҳуқуқии туризм дар қиболи ҷомеаи Эрон мавридҳои зерро дар назар дорад:

1. Эҳтиром ба усули мусалламии қавонини асосии ҷумҳурии исломӣ;
2. Риояти қонун ва муқаррароти ҷазоӣ (ки албатта, бояд таъдил шавад);
3. Риояти муқаррароти роҳнамоӣ ва ронандагӣ;
4. Адами дахолат дар умури сиёсӣ;
5. Адами сӯиният нисбат ба осори миллӣ ва мероси фарҳангӣ;
6. Эҳтиром ба одоб ва русуми миллӣ, фарҳангӣ ва диннӣ;
7. Доштани робитаи ҳасана бо итбои эронӣ дар тавли иқдомоти худаш.

**Ҳуқуқи туристон дар қонунҳои Эрон.** Ду даста ҳуқуқ барои гардишгарон манзур аст: ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи умумӣ. Муҳимтарин ҳуқуқи ҷаҳонгардонро метавон дар мавриди зайл феҳрист кард:

1. Ҳаққи тарофаи қазоӣ ва иқомаи даъвӣ, яъне як ҷаҳонгард мисли тамоми эрониён битавонад бароҳатӣ дар додгоҳҳои Эрон барои иҳқоқи ҳаққи аз даст рафта, ё ба даст овардани як ҳаққи машрӯи худаш иқомаи даъвӣ кунад ва бегона будани ӯ муҷиби маҳрумияти ӯ набошад. Ҳарчи равиши пайгирии даъвӣ аз ҷониби ҷаҳонгард бароҳатӣ ва суҳулати бештари имконпазир бошад, эътимоди онон ба низоми қазоии мо бештар хоҳад буд ва эҳсоси амният хоҳанд кард. Албатта, ин ҳақ барои бегонагон дар қавонини Ойини додрасии маданӣ ва кайфарии Эрон вуҷуд дорад, вале бо шароити вижае, ки дуруст ҳам ҳаст. Хусусан, агар тибқи рафтори кишвари мутақобил бошад.

2. Мамнӯияти боздошти бедалели ӯ. Ҷаҳонгард бояд вуҷуди амният ва осоишро дар як кишвар эҳсос намояд. Агар мақомоти эронӣ бидуни далел маҳкум ва қовонине ба дастгирии як бегона иқдом кунанд, муҷиб мешавад то дигарон ҳам ин ҳолатро барои худ тасвир намоянд ва аз вуруд ба хоки мо парҳез кунанд.

3. Ҳаққи эҳтиром ба шахсияти ӯ. Гардишгар ба унвони як инсон дорои ин ҳаққи табиӣ, набояд ба ҳеҷ ваҷҳ мавриди тарс ва ё бетаваҷҷуҳӣ қарор гирад. Ҷудо аз ин ки ӯ дорои забон, дин, нажод ва табаияте бошад. Кишвари мизбон муаззаф аст ба ин амр хуб таваҷҷуҳ кунад.

4. Ҳаққи ошоно шудан бо қавонин ва одобу русуми кишвари мизбон. Қишвари мизбон вазифа дорад, то муқаддимотеро фароҳам оварад, ки ҷаҳонгардон қабл аз вуруд ба кишвараш ба гунаи муносиб бо қавонин ва русум бисёр муҳими динӣ ва миллии ҷомеааш ошно гарданд. Ба хотири ин ки бо вуруди худ мушкилеро барои кишвари мизбон ва худашон эҷод нанамоянд. Пас, барои ин манзур бояд дар як маҷмӯаи мухтасар ва ҷомеъ ба сурати китобча, ки ҳовиии муҳимтарин муқаррарот ва суннуни ҳоким барои ҷомеа аст, мунташир намоянд ва ба ҳангоми эътои ҳаққи вуруд дар ихтиёри ҷаҳонгардон гузоранд.

5. Ҳаққи бархурдорӣ аз хадамоти бемавқеъ ва муносиб. Боз ҳам таклифи давлати мизбон аст, то имконоти хуберо ҷиҳати иҷрои ин амр фароҳам намояд. Чун агар гардишгар ба таври фуруси мосур бо мушкилоте мувоҷҷеҳ шуд, битавонад онро ба осонӣ ҳал кунад ва агар давлате дар ин заминаҳо иқдомоти шоистаеро анҷом диҳад, теъдоди меҳмонони он ҳам афзуда хоҳад шуд. Пас, барои ҳимоят аз гардишгар лозим ба назар мерасад, ки инро ба унвони ҳаққи табиӣ барояшон дар назар гирифта, ба ӯ дар шароити зарурӣ кӯмак расонида шавад.

**Имтиёзоти гардишгарон дар қавонини Эрон.** Имтиёзоти пешбинишуда дар қавонини Эрон мансуби соли 1370 барои гардишгар ва гардишгарӣ иборатанд аз:

А. Имтиёзоти шахсӣ ё мустақим;

В. Имтиёзоти ғайримустақим ва муртабит бо эҷоди заминаҳои муносиби гардишгарӣ.

Имтиёзоти дарназаргирифташуда барои шахси гардишгар ба шарҳи зер аст:
1. Вуруд ва хориҷи лавозими шахси мутаориф бо аъмоли муофиятҳои гумрукӣ;
2. Хуруҷи саонеи дастӣ ё маҳсулоти муҷози кишвар бо муроотиойинномаҳои зеррабт;
3. Хуруҷи китоб ва матбуот бо ҳифзи ҷанбаи ғайритиҷории он;
4. Истифода аз тасҳилоти вижаи гумрукӣ.

Мутобиқи ойинномаи муртабит ҳар гардишгар метавонад васоили машрӯи зерро ба ҳангоми хуруҷ аз кишвар бо худ бибиранд:

- Ҷавоҳироти шахсӣ;
- Дурбини филмбардори ғайриҳирфаӣ як адад;
- Дурбини чашмӣ як адад;
- Василаи мусиқии қобили ҳамл як дастгоҳ;
- Ховёри мамҳур ба муҳр ва ё палмупи ширкати саҳомии шилоти Эрон, 3 кило.

Ба таври куллӣ бар асоси моддаи 6 ойинномаи иҷроии қонуни тавсеаи эронгардӣ ва ҷаҳонгардӣ мусавваби (1370), ҳар ҷаҳонгард ҳангоми хуруҷ аз кишвар метавонанд илова бар лавозими шахсӣ, як қолин ё ду қолинча то ҳадди аксар 12 метри мураббаъ, саноеи дастӣ, олоти мусиқии эронӣ ва соири молҳои эрониро дар ҳадде, ки ҷанбаи тиҷорӣ надошта бошад, бибарад. Бар асоси табсираи яки ин қонун хуруҷи ашёи атиқа, маскукоти қадимӣ, осори асили фарҳангӣ, таблоҳои наққошии атиқа ва монанди онҳо муҷоз нестнад.

**Ҳуқуқи гардишгарон дар ислом**. Гардишгароне, ки вориди кишварҳои исломӣ мешаванд, ба тамоми мавориди дарҷшуда дар матни қарордод, ки мавриди тавофуқ воқеъ шудааст, пойбанд мебошанд. То замоне ки ба унвони шаҳрванд ва ё меҳмон (чи бозаргон ва ё гардишгар) дар кишвари исломӣ бар сар мебаранд ва модоме ки паймони худро нашикастаанд ва муддати қарордоди иқомати онон ба поён нарасидааст, дар ҷомеаи исломӣ ҳуқуқ доранд, риояти ҳуқуқи онҳо бар давлат ва шаҳрвандон воҷиб гардад. Аз ҷумла, ҳифз ва амнияти ҳамаҷонибаи ҷонӣ, молӣ, ҳайсиятӣ ва шуғлӣ. Ҳеҷ кас ҳаққи таъриз ва мазоҳимат ба онҳоро надорад. Агар ба онон тааруз шавад, давлати исломӣ муаззаф ба ҳифозат аз ҳуқуқу ҳимояти онон аст. Дуздидани моли онҳо ҳаром ва сабаби замонист, ки бояд ба василаи мурочеи зайл салоҳи қонунӣ, ҳақ ва амволи онҳо баргардонида шавад. Васоил ва абзорҳои кор ва маҳалли фаъолиятҳои иқтисодӣ ва таҳқиқоти онҳо, ки бар асоси қонун иҷозаи кор ва талош нагирифтаанд, бояд аз ҳар гуна таъриз дар амон бошанд.

**Баҳрамандӣ аз озодӣ дар анҷоми вазоифи мазҳабӣ ва баргузории маросими миллӣ ва динӣ.** Ҳузур дар маобид ва марокизи мазҳабӣ, ки вуҷуд ва бақои онҳо аз назари қонун расмият дорад, монанди каниса ва анҷоми фароиз ва маросими мазҳабӣ озод аст. Албатта, ба шароити ҳифзи ҳурмати ҳарими ҷомеаи исломӣ.

Озодӣ дар анҷоми аҳком ва аъмоли шахсӣ баробари ойине, ки доранд. Монанди нӯшидани шароб, хӯрдани гӯшти хук ва назири онҳо, ба шарти ин ки пинҳонӣ ва дар муҳитҳои бастаи вижаи худашон бошад, аммо агар ошкоро ба ин гуна рафторҳои ноҳинҷор даст заданд, дар ҷомеа ва ҳузури мардуми мусалмон анҷом доданд, баробари муқаррароти исломӣ бо онҳо бархурдор мешавад. Дар доду ситад бо мусалмонон ва ҳузур дар бозори тиҷорат ва касб озоданд. Ҳар гуна ғаш ва хиёнат дар муомила нисбат ба онон ҳаром ва мамнӯъ аст.

Тавҳин ба онон ва дашному носазогӯйӣ ба муқаддасоти онон мамнӯъ аст. Албатта эҳтиром ба онҳо ба гунае, ки муҷиби азият ва таҳқири мусалмонон бошад, нораво аст.

Дар ихтилофҳо, низоъҳо, кашмакашиҳо ва шикоятҳо дар маҳокими қазоии ислом, баробари адолат бо онон рафтор мешавад. Силсиламатолибе ҳам ҳаст, ки дар ҳавзаи салоҳидиди масъулияти ҳукумати исломӣ ҷой дорад. Мисли харид ва фурӯши замин ва ё сармоягузорӣ ва таъсиси ширкатҳои зироӣ ва саноатӣ ва сохтмону соз монанди инҳо, ки вобастагӣ ба салоҳдиди ҳукумати исломӣ дорад ва асли ҳоким бар ҳама гуна корҳо ва талошҳо, посдорӣ аз асли баланд ва волоиззати исломӣ ва мусолиҳати мусалмонон аст.

**Натиҷагирӣ.** Дар дунёи имрӯз гардишгарӣ ба яке аз бузургтарин ва судовартарин бахшҳои иқтисодии ҷаҳон табдил шудааст. Дарвоқеъ ин санъат ончунон ҷараёни сармоя, даромадҳо, ҳазинаҳо, тавозуни тарозпардохтӣ ва сармоягузориҳоро тахти таъсир қарор додаст, ки то чанд даҳа пеш қобили тасвир набуд ва ҳамакнун беш аз ҳар фаъолияти иқтисодӣ ва санъатӣ дар ҷаҳон муҷиби ҳаракат ва интиқоли сармоя шуда, ба рушди кишварҳое, ки аҳамияти ин санъатро дарёфтаанд, кӯмаки шоёни таваҷҷуҳе намудааст ва яке аз бузургтарин ангезаҳои байналмилалӣ барои сармоягузории бештар мешавад. Ҷаҳонгардон низ дар кишвари Эрон ҳаммонанди дигар афрод аз ҳуқуқҳо бархурдоранд ва ҳар гуна таъриз бар ҳуқуқи онон мамнӯъ аст. Табиист, ки ҳеҷ қонун ва шароите ҳама ҳуқуқеро, ки барои табаа ба расмият мешиносад, барои ҷаҳонгардон ба расмият намешиносад, чаро ки аввалан, ҷаҳонгард раҳгузаре аст, ки муддати кӯтоҳе дар кишвар иқомат дорад ва ниёзе ба он ҳуқуқ надорад.

Сонияи, эътои ҳама он ҳуқуқу вазоифиро низ ба дунбол дорад, ки вай аз уҳдаи онҳо барнамеояд. Солисан, эътои ҳама он ҳуқуқ ба ҷаҳонгардон ба маслиҳати нест ва мафосилеро ба ҳамроҳ дорад. Пас, бояд гуфт, ки ҳуқуқе, ки лозими иқомати бисёр кӯтоҳ дар кишвар аст, бояд барои ҷаҳонгардон ба

расмият шинохта шавад, ки муҳимтарини онҳо иборат аст аз ҳаққи амният, ҳаққи вуруд, иқомат ва хуруҷи озод, ҳаққи эҳтиром ва бархе ҳуқуқи дигаре, ки шарҳи онҳо гузашт.

**АДАБИЁТ**


1. [Захираи электронӣ] http://www.world-tourism.org/code_ethics/eng/global.htm
2. Сомӣ Абулфазл. Гардишгарии Эрон ва муқоиса бо дигар кишварҳо/ Сомӣ Абулфазл. 89 /1 /30/.
3. Farhoudi R. Shourche M. 2004, estimating the capacity of tourism board of anahita temple in kangavar, tourism studies quarterly, allame tabatabai university,no.7,winter(printed:winter2008,p.23).
4. Тақизода Ансори Мустафӣ. Ҳуқуқи байналмилалии умумӣ / Тақизода Ансори Мустафӣ .-Теҳрон: Қомус, 1379. -Ҷ.1.
5. Shemiri, F., 2006, A Collection of Rule and Regulations about Foreigners, Political Refugess and Political Representatives, Research Section publishers, Formulating rules and regulations, Tehran.pp.206.
6. Афзалӣ Расул. Ҷойгоҳи ҳуқуқи гардишгарони хориҷӣ аз нигоҳи ислом ва қавонини Ҷумҳурии Исломии Эрон / Афзалӣ Расул. Амин Фараҷӣ. Муҳаммад Шаъбонифард. //Пажӯҳишҳои ҷуғрофиёи инсонӣ, 1389. -№ 73.


## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ОТНОШЕНИЙ ПО ОКАЗАНИЮ ТУРИСТИЧЕСКИХ УСЛУГ В ИРАНЕ


Туристическая индустрия является межотраслевым комплексом по производству товаров и услуг для туризма. Государство Ирана уделяет внимание развитию внутреннего туризма, расширению международного туризма в этой области. Туризм, являясь сферой экономики, в полной мере воспринимает регулирующее воздействие норм различных отраслей права: административного, экологического, страхового, таможенного, защиты прав потребителей. В данной статье автор рассматривает правовое урегулирование отношений по оказанию туристических услуг в Исламской Республике Иран.



**Ключевые слова:** туризм, сфера туризма, государственное регулирование, правовое регулирование сферы туризма, развитие внутреннего туризма, международный туризм.


## LEGAL REGULATION OF RELATIONS ON THE PROVISION OF TRAVEL SERVICES IN IRAN


The tourism industry is inter-complex for the production of goods and services for tourism. The state of Iran pays attention to the development of domestic tourism, the expansion of international tourism in this area. Tourism as a sector of the economy, to fully perceive the regulatory impact of norms of different branches of law: administrative, environmental, insurance, customs, consumer protection. In this article the author examines the legal regulation of relations in the provision of travel services in the Islamic Republic of Iran.



**Key words:** tourism, tourism, government regulation, legal regulation of tourism, the development of domestic tourism, international tourism.



**Сведения об авторе:** ***Юсуф Ниёзи*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ


# МУҚАРРОТИ ШИРКАТҲОИ САБТШУДА ДАР ХОРИҶ АЗ ЭРОН ТАВАССУТИ ШИРКАТИ МИЛЛИИ НАФТИ ЭРОН


***Пайём Бадхойӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


**Сиёсатҳои иблоғи асли 22-и Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Эрон.** Тибқи ҷузъи 1 аз банди (а) аз сиёсатҳои мазбур, давлат ҳаққи фаъолияти зарурии хориҷ аз унвонҳои садри асли 22 тавассути давлат бино ба пешниҳоди ҳайати вазирони ва тасвиби Маҷлиси Шӯрои Исломӣ барои муддати муайян ҷоиз аст. Ҳамчунин, сармоягузории бахши ғайридавлатӣ дар саноати модар (аз ҷумла саноати поёндастии нафт ва газ) ва маъдани калон (ба ҷузъ нафту газ) таҷвиз шудааст. Бинобар ин, таъсиси ширкати ҷадид ба сурати ширкати фаръии ширкатҳои давлатӣ ниёзманд ва ҷоиз бошад.

**Қонуни барномаи 4-уми тавсеаи масуби 1383.** Ширкати миллии нефти Эрон малзум аст, шароит ва маҳдудиятҳои тасреҳшуда дар Қонуни барномаи 4-уми тавсеа дар робита бо завобити инъиқоди муомилот ва қарордодҳои хориҷӣ аз қабили иҷрои мунокиса, ҳифзи ҳокимият ва моликияти давлат бар сарчашмаҳои нефту газ, адами бозгашти тааҳҳудот аз сӯйи давлат, бозпардохт тариқи тахсиси бахше аз маҳсулот ё авоиди майдон, пазириши риски ғайриқтисодӣ будани майдон аз сӯйи тарафи қарордодӣ ва ғайра ва ҳамчунин сақфҳои тавлиди изофӣ барои сармоягузорӣ дар тавсеаи майдони нефту газро дар моводи 13,14 ва дигар моводи марбут риоят кунад.

Моддаи муҳим ва таъсиргузор дар ин қонун, моддаи 160 мебошад, ки сароҳатан аз ширкатҳои миллии нефти Эрон ба илова ширкатҳои тобеи вобаста ба ширкати нефт ва ширкатҳои тобеи онҳо ба унвони муассисоти машмули ин қонун ном бурдааст, ки ин шумули ширкати «Некӯ»-ро низ ба унвони яке аз ширкатҳои тобеи ширкати миллии Нефти Эрон дар бар мегирад. Ҳамчунин дар қавонини баъдӣ монанди Қонуни буҷаи соли 1386 ва ё Қонуни мудирияти хадамоти кишварӣ ба тасреҳи ҳамин модда басти 160 аз Қонуни барномаи 4-ум ба унвони малоки таъйини дастгоҳҳои иҷроии машмули қавонин зикр мешавад. Дар натиҷа, завобит ва маҳдудиятҳои муқаррар дар тамоми ин қавонин бар ширкатҳои фаръӣ ва тобеи ширкати миллии нефти Эрон аъмол мегардад.

**Қонуни мудирияти хадамоти кишварӣ мансуби соли 1385.** Саволе, ки дар робита бо фаъолиятҳое, ки бо сармояи ширкатҳои давлатӣ дар хориҷ аз кишвар ба сабт мерасанд, матраҳ мешавад ин аст, ки оё ин ширкатҳо давлатӣ маҳсуб мегарданд!? Бо таваҷҷуҳ ба таърифи ширкатҳои давлатӣ дар моддаи 4-

уми Қонуни мудирияти хадамоти кишвар мансуби 1385, ки таърифҳои қаблӣ дар қонунҳои дигар, аз ҷумла Қонуни муҳосиботи умумӣ мансубии соли 1366-ро насх кардааст: «Ҳар ширкати тиҷорӣ, ки аз тариқи сармоягузории вазоратхонаҳо, муассисоти давлатӣ ва ширкатҳои давлатӣ мунафардан ё муштаракан эҷод шуда модом, ки беш аз 50% саҳмияи онҳо мунафардан ё муштаракан мутааллиқ ба воҳидҳои созмонии фавқуззикр бошад давлатӣ аст». Дар натиҷа ба назар мерасад, ки чунин ширкатҳое дар Эрон як ширкати давлатии талаққишуда ва муқаррарҳои оморӣ марбут ба ширкатҳои давлатӣ бар ин ширкатҳо ҳам эъмол мешавад.

Асосномаи ширкати нефтии миллии Эрон мансуби соли 1356. Бар асоси моддаи 2 Асосномаи ширкати миллии нефти Эрон мансуби соли 1356, ширкати миллии нефти Эрон метавонад шуъба ё намояндагиҳое барои иҷрои амалиёти муқаррар дар асосномаи худ дар дохил ва хориҷи кишвар таъсис намояд. Ҳамчунин банди (з)-и моддаи 4 Асоснома мавзӯи фаъолиятҳои ширкати миллии нефтро баён медорад, ки тибқи он, мубодирот ба ҳар гуна фаъолияти саноатӣ ва ё бозаргонӣ дигар бо тасвиби маҷмӯи умумӣ, аз ҷумла мафрӯзоти фаъолияти ширкати миллии нефт мебошад, ки бар ин мабно, иқдоми ин ширкат барои сабти ширкат ва ё мушорикат дар фаъолиятҳои саноатӣ ва бозаргонӣ дар бахши нефт монеъ мебошад. Бар тибқи банди (а)-и моддаи 5-и Асосонома, аз ҳуқуқ ва ихтиёроти ширкати миллии нефти Эрон эҷоди ширкатҳои фаръӣ ва ширкатҳои вобаста ва шуъбаи намояндагиҳо дар Эрон ва хориҷ аз Эрон ё инҳилоли онҳо мебошад. Манзур аз ширкати фаръӣ ширкате аст, ки куллияи саҳмияҳои он мутааллиқ ба ширкатҳои нефти Эрон бошад.

Манзур аз ширкати вобаста ҳар ширкате аст, ки қисме аз саҳмияҳои онҳо мутааллиқ ба ширкатҳои нефти Эрон ё ширкатҳои фаръии он бошад. Дар натиҷа, ташкили ширкат ва сабти ширкат дар хориҷ як иқдоми ҷоиз ва қонунӣ ва дар ҳавзаи ихтиёроти ширкати миллии нефти Эрон мебошад.

Банди (б)-и моддаи 5-уми Асоснома тасреҳ мекунад, ки: «Қарордодҳое, ки ба манзури тавлид ва бахш ва… ва судудру фурӯши офаридаҳои газӣ ва петрохимиявӣ байни яке аз ширкатҳои фаръии ширкат бо ашхос ва муассисоти эронӣ ё хориҷӣ мунаққид мешавад, пас аз тасвиби маҷмаи умумии ширкати фаръӣ марбут ва бо риояти муқаррароти қонун ҷалб ва ҳимояти сармояҳои хориҷӣ қобили иҷро хоҳад буд.

Тибқи банди (и)-и моддаи 35 яке аз ихтиёроти ҳайати мудира ахзи тасмим нисбат ба ташкил ва ё инҳилоли ширкатҳои фаръӣ ва мушорикат бо ашхоси муассисот дар дохил ё хориҷ аз Эрон мебошад, ки бар асоси ин ихтиёри ташкили ширкати «Некӯ» мутобиқ бо завобити муқарраротӣ қонунӣ мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин банд, банди (к)- моддаи 35-и Асосономаи ҳайати мудираи ширкати миллии нефти Эрон маҷмаи умумии ширкатҳои фаръӣ низ мебошад ва ё ба баёни дигар, аъзои маҷомеи умумии тобеъ, ки ниҳоди тасмимгиранда дар ширкатҳои фавқ мебошанд. Ҳайати мудираи ширкати миллии нефт мебошанд, ки ин имконро фароҳам мекунад, ки куллияи фаъолиятҳои ширкатҳои фаръӣ ба лиҳози таллуқи сармояи онҳо ба ширкати миллии нафти Эрон аз тариқи мансуботи маҷмаи умумии ширкати мазкур мавриди баррасӣ ва назорат қарор гирад.

Ширкатҳои хориҷӣ. Ширкатҳои хориҷӣ, ширкатҳое ҳастанд, ки дар мамолики хориҷ ташкил ва ба василаи таъсиси шуъба дар Эрон ба амри тиҷорат машғулият доранд. Моддаи 1-уми қонун сабти ширкатҳои мансуби 1310 муқаррар дорад: «Ҳар ширкате, ки дар Эрон ташкил ва маркази аслии он дар Эрон бошад ширкати эронӣ маҳсуб аст». Мафҳуми зидди ин қоида ин аст, чунончи ширкат дар хориҷ аз кишвар ташкил шавад ва маркази аслии он (маркази муҳимми кор ё ҳамон маҳалли идораи бино бар назари аксарият) дар Эрон набошад, ширкати эронӣ маҳсуб нагардида, тобеи қонун ва муқарраротӣ Эрон дар заминаи кори бозаргонӣ худ намебошад, балки бар асоси Асоснома ва тасмимоти маҷмаи умумӣ худ ва албатта, қавонини муртабити кишвари маҳалли иқомати худ ба фаъолият мепардозад.

**Иқоматгоҳ.** Шахси ҳуқуқӣ бояд маҳалли иқомати муайян дошта бошад. Аҳамияти маҳал иқомат бештар аз лиҳози усули муҳокимот аз қабили эҳзор ва иблоғи аҳком ва ҳамчунин дар ширкатҳои тиҷоратӣ, барои корҳои марбут ба варшикастагӣ ва таъйини ҳайати назорат ва ғайра мебошад. Тибқи моддаи 590-и Қонуни тиҷорат иқоматгоҳи шахси ҳуқуқӣ маҳалест, ки идораи шахси ҳуқуқӣ дар он ҷо аст ва тибқи қисмати охири моддаи 1002-и Қонуни маданӣ иқоматгоҳи ашхоси ҳуқуқӣ маркази амалиёти онҳо хоҳад буд. Албатта, дар бораи ширкатҳои тиҷоратӣ ва дигар ашхоси ҳуқуқӣ, ки маҳалли идора ва маркази амалиёти онҳо дар як нуқта аст, ҳеҷ нахоҳад буд, вале аглаб иттифоқ меафтад, ки дар мавриди ашхоси ҳуқуқӣ ва махсусан ширкатҳои маркази идораи онҳо ғайр аз маркази амалиёт таорузе байни ду қонуни мазбур вуҷуд дорад. Назарияпардозони ҳуқуқи тиҷорат ба ду даста тақсим шудаанд: ҷамъе ақида доранд, ки маҳалли иқомати ширкат, маркази ҳайати мудира ва он ҷое аст ки, маҷомеи умумӣ ташкил мешавад ва далели онҳо ҳам ин аст ки иттифоқоте, ки эҳтиёҷ ба расидагӣ дорад бояд дар маҳале бошад, ки тасмимгирандагон муқими онҷо бошанд, вале дастаи дигар муътақиданд, ки сарфи ахзи тасмим кофӣ нест, балки маҳале ки амалиёти умдаи ширкат дар он ҷо аст, иқоматгоҳ маҳсуб мешавад, зеро куллияи даъвоҳо ва дигар корҳо, мутаффареъ ва мубтанӣ бар амалиёти ашхоси ҳуқуқӣ дар маҳалли амалиёти онҳо аст. Дар қонуни Эрон, агарчи бо мурочеа ба таърихи тасвиби моддаи 1006-и Қонуни маданӣ мулоҳиза мешавад, ки ду сол пас аз тасвиби Қонуни

тиҷорат мебошад, аммо аз диди ҳуқуқӣ бояд гуфт, ки аз он ҷо ки Қонуни тиҷорат ба нисбати Қонуни маданӣ як қонуни хос мебошад ва тибқи усули ҳуқуқии қонуни хос агарчи собиқ, қонуни омми лоҳақро тахсис мезанад, дар натиҷа барои ин маврид бояд гуфт, ки малоки Қонуни тиҷорат муқаддам мебошад ва иқоматгоҳи як ширкати тиҷорӣ маҳалле аст, ки идораи шахси ҳуқуқӣ дар он маҳал воқеъ шудааст.

Тобеият. Дар мавриди малок таъйини тобеият барои ашхоси ҳуқуқӣ назариёти гуногуне ироа шудааст. Назариёти мубтанӣ бар табоати ширкат аз идораи муассисини он ширкат ва ё аз тобеияти шарикони он ширкат дар амал коромад набуданд. Тобеияти ашхоси ҳуқуқӣ ба ҳеҷ мулоҳиза бо тобеияти ташкилдиҳандагони он надорад. Масалан, агар чанд нафар табааи мамолики хориҷа дар Эрон ширкат ё муассисае ташкил диҳанд, ширкат ё муассисаи мазбур тобеияти Эронро хоҳад дошт.

Тибқи моддаи 591-и Қонуни тиҷорат ашхоси ҳуқуқӣ тобеияти мамлакатеро доранд, ки иқоматгоҳи онҳо дар он мамлакат аст, бинобар тобеияти ашхоси ҳуқуқӣ манут ба иқоматгоҳи онҳо хоҳад буд ва ғайр аз ин ҳам алоиқе нест. Зеро бо қабули ин мавзӯъ, ки шахсияти ҳуқуқии як ширкат ё шахси ҳуқуқӣ, иртиботе бо шахсияти ташкилдиҳандагони он надорад ва шахси ҳуқуқӣ метавонад иқоматгоҳе ғайр аз маҳалли иқомати ташкилдиҳандагон дошта бошад, ба назар мерасад, ки қоидаи фавқ метавонад мантиқӣ бошад. Ҳамчунин тибқи моддаи 590-и Қонуни тиҷорат иқоматгоҳи шахси ҳуқуқӣ маҳалест, ки идораи шахси ҳуқуқӣ дар он ҷо аст. Моддаи 1-и Қонуни сабти ширкатҳо мансуби 1310 муқаррар медорад: «Ҳар ширкате, ки дар Эрон ташкил ва маркази аслии он дар Эрон бошад, ширкати эронӣ маҳсуб аст». Дар натиҷа дар мавриди тобеияти ширкатҳои сабтшуда дар хориҷ бояд гуфт, ки аз он ҷое ки иқоматгоҳи ин ширкат ва маҳалли сабти онҳо дар хориҷ аз Эрон мебошад, дар натиҷа тибқи мувозини Эрон, ширкатҳои мазкур як ширкати хориҷӣ маҳсуб мегарданд, ки тибқи асли сарзаминӣ будани қонунҳо, тобеи қавонини кишвари маҳалли сабти худ мебошад.

Бар асоси асли куллии ҳуқуқӣ асли сарзаминӣ будани қавонин, ширкатҳои фаръӣ ширкати миллии нефти Эрон, ки дар хориҷ аз Эрон ба сабт расидаанд, сарфи назар аз ин ки сармояи онҳо мутааллиқ ба Ширкати миллии нефти Эрон мебошад, ширкати хориҷӣ маҳсуб мешаванд, ки усулан тобеи қавонин ва муқаррароти кишвари маҳал сабт буда вазифаҳои худро мутобиқи муқаррароти Асосномаи ширкат ва мансуботи маҷмаи умумӣ анҷом медиҳанд. Албатта, куллияи фаъолиятҳои мазкур ба ҷиҳати таааллуқи сармояи он ба Ширкати миллии нефти Эрон аз тариқи мансуботи маҷмаи умумии ширкати мазкур мавриди баррасӣ ва назорат қарор мегирад.

Қобили зикр аст, ки ҳатто чунончи ширкате, ки хориҷ аз кишвар ташкил шавад ва маркази аслии он дар Эрон набошад, наметавонад ба иттакои хориҷӣ будан аз шумули қавонин ва муқаррароти омира ва назми умумии Эрон, ки марбут ба ҳавзаи ҳокимиятӣ ва ҳуқуқи умумӣ мебошанд, истикоф кунад. Дар мавридҳое, ки чун ширкатҳои давлатӣ сабт шуда дар хориҷ аз кишвар, ки дар хориҷ аз Эрон сабт шуда ҳастанд метавон қоил ба тафкик шуд:

Дар мавриде чун сармоягузорӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва рақобат дар саҳнаи равобити тиҷории байналмилалӣ метавон гуфт, ки ин ширкатҳо, ба масобаи ширкати байналмилалӣ мебошад ва дар натиҷаи тобеи Асоснома ва тасмимоти маҷмаи умумӣ ва қавонини маҳалли сабти худ мебошад.

Ҳамчунин бо таваҷҷуҳ ба таърифи ширкатҳои давлатӣ дар моддаи 4 Қонуни мудирияти хадамоти кишвар мансуби 1385: «Ҳар ширкати тиҷорӣ, ки аз тариқи сармоягузории вазоратхонаҳо, муассисоти давлатӣ ва ширкатҳои давлатии мунфард ё муштарак эҷодшуда мудом, ки беш аз 50% саҳмияи онҳо мунфардан ё муштаракан мутааллиқ ба воҳидҳои созмонии фавқуззикр бошад ширкати давлатӣ аст». Бояд гуфт, ки ширкатҳои сабтшуда дар хориҷ аз кишвар, ки саҳмияҳои онҳо мутааллиқ ба Ширкати миллии нефти Эрон мебошад, як ширкати давлатӣ талаққӣ шуда, муқаррароти марбут ба ширкатҳои давлатии эронӣ бар ин ширкат ҳам аъмол мешавад.

Дар воқеъ метавон гуфт, ки ин ширкатҳо аз як назар, як ширкати хориҷӣ буда, ки тобеи Асоснома ва тасмимоти маҷмаи умумии худ мебошанд, аз сӯйи дигар, як ширкати давлатии эронӣ буда, ки бояд муқаррарот ва маҳудудиятҳои қавонини Эрон дар мавриди наҳваи фаъолияти ширкатҳои давлатиро риоят намояд.

### АДАБИЁТ


1. Моддаи 24 Қонуни ташвиқ ва ҳимоят аз сармоягузории хориҷӣ мансуби 1380. Қонуни ҷалб ва ҳимояти сармояҳои хориҷӣ мансуби 1334.


## КОНТРАКТНЫЕ СОГЛАШЕНИЯ ЗАРУБЕЖНЫХ НЕФТЯНЫХ КОМПАНИЙ ЗАРЕГИСТРИРОВАННЫХ В НАЦИОНАЛЬНОЙ НЕФТЕГАЗОВОЙ КОМПАНИИ ИРАНА


Иран обладает крупнейшей в Западной Азии и в исламском мире экономикой и является одним из наиболее технологически развитых государств региона с развитой нефтяной промышленностью. Иран входит в число пяти ведущих «нефтяных» держав мира и по запасам нефти занимает третье место в мире. Практически весь нефтяной сектор экономики Ирана полностью контролируется государственной Национальной иранской нефтяной компанией (Sharkat Malli Naft Iran; National Iranian Oil Company, NIOC). В данной статье автор рассматривает правовую сторону деятельности зарубежных нефтяных компаний зарегистрированных в Национальной иранской нефтяной компании.



**Ключевые слова:** развитая нефтяная промышленность, нефтяной сектор экономики Ирана, зарубежные нефтяные компании, контрактные соглашения.

**CONTRACTUAL AGREEMENTS FOREIGN OIL COMPANIES REGISTERED WITH THE NATIONAL OIL COMPANY OF IRAN**

Iran has the largest in Western Asia and in the Islamic world economy and is one of the most technologically advanced countries in the region with developed oil industry. Iran is among the five leading oil countries in the world and oil ranks third in the world. Almost all of the oil sector of Iran's economy is completely controlled by the state-owned National Iranian oil company (Sharkat Malli Naft Iran; the National Iranian Oil Company, NIOC). In this article the author examines the legal side the activities of foreign oil companies registered with the National Iranian oil company.

**Key words:** well-developed oil industry, the oil sector of Iran's economy, foreign oil companies, contractual agreements.

**Сведения об авторе:** ***Пайём Бадхойи*** – соискатель Таджикского национального университета

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ФИНАНСОВО-ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ БАНКОВСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Джафари Марям Раджабали***
**Таджикский национальный университет**

Социально-экономические реформы, затронувшие разнообразные стороны государственной и общественной жизни, существенно повлияли на такую важную для государства область, как банковская деятельность. Это закономерно, поскольку с отказом государства от монопольного права на осуществление банковской деятельности началось построение ее новой концепции, основанной на правилах рынка и конкуренции.

Вопросы финансово-правового регулирования банковской деятельности в Республике Таджикистан в настоящий момент имеют особую актуальность, так как от их эффективного решения зависит не только состояние банковского сектора, его способность выполнять присущие ему уникальные функции, но и устойчивость и безопасность финансовой системы страны в целом. Банковская система — один из важнейших организационных механизмов финансовой системы Республики Таджикистан, оказывающих огромное влияние на функционирование всех процессов финансовой политики и развитие общества. Первостепенное значение банковской системы, как для хозяйственной деятельности экономических субъектов, так и для финансовой деятельности государства в целом заключается в том, что через нее происходит непосредственное обеспечение государственных и муниципальных потребностей, программ и мероприятий.

На основе проведенного нами исследования можно сформулировать ряд положений и выводов, а также обобщить внесенные предложения, направленные на совершенствование финансово-правового регулирования банковской деятельности в Республике Таджикистан.

Финансово-правовое регулирование банковской деятельности в Республике Таджикистан осуществляется на основе Конституции РТ, законов «О банках и банковской деятельности» и «О Национальном банке Республики Таджикистан», других законов и нормативных актов Банка Таджикистана . В них устанавливается правовой статус Банка Республики Таджикистан, порядок осуществления его деятельности, принципы выполнения кредитными организациями своего функционального назначения. Особую роль играют нормативные правовые акты Национального банка Республики Таджикистан, обеспечивающие реализацию своих задач и функций в банковской системе и на территории Республики Таджикистан.

Бинобар ин, дифоъ аз нобаробариҳо ё нафъи онҳо мавзӯи аслии баҳси адолат аст. Бад-ин сон адолат дар ҳавзаи фалсафию сиёсӣ масъалаест, ки дар сатҳи ниҳодҳои иҷтимоӣ матраҳ шудааст. Ҳарчанд ки решаҳои аслии ин баҳс ҳамчунон дар ҳавзаи фалсафаи ахлоқ ба маънои густурдаи он нуҳуфтааст, аз назари ҳуқуқӣ низ адолат дар тасмимгириҳои одилона ҷустуҷӯ мешавад. Тасмими одилона ин аст, ки бар тибқи қонун бошад, аммо аз ҳайси мабҳаси асоситари фалсафаи ахлоқ билфосила масъалаи одилона будани худи қонун пеш меояд. Пурсиш ин аст, ки қонуни одилона чист ва чӣ гуна ба даст меояд? Дар сатҳи васеътар бояд пурсид, ки оё ниҳодҳо ва сохторҳои ҷомеа одилонаанд ё на? Аз дидгоҳи фалсафию сиёсӣ аъмоли одилона аъмоли иқтидоромезанд ва ниҳодҳову сохторҳои иҷтимоӣ масъули чунин аъмоле ҳастанд. Манзур аз одилона будани ниҳодҳо ва сохторҳои иҷтимоӣ он аст, ки ҳуқуқ ва масъулиятҳо қудрат ва ихтиёрот, мазиятҳо ва фурсатҳои марбут ба худро одилона тавзеъ кунанд, аммо боз масъалаи асосӣ боқӣ мемонад. Ва он ин аст, ки одилона будан дар чист? Ба ин пурсиши асосӣ дар фалсафаи сиёсат ва ахлоқ ду посухи аслӣ дода шудааст:

1. Адолат ба маънои касби манофеи мутақобил бар асоси тавофуқ ва қарордод, ки дар он ангезаи амали одилона таъмини манфиати дарозмуддати фард аст.
2. Адолат ба манзалаи бетарафӣ ба ин маъно, ки битавонем аз рафтори худамон бидуни мурочиат ба манофеамон дифоъ кунем.

Аммо дар фалсафаи Юнони бостон ҳар фазилате бояд барои дорандааш судманд ва муфид бошад. Зоҳиран адолат фазилатест, ки ба суди дигарон тамом мешавад ва на ба нафъи омили он.

Дар андешаи юнонӣ ба таври куллӣ адолат ба манзалаи созиш ва қарордод нафӣ мешуд ва аз адолат ба мафҳуми таодул сухан мерафт. Ҷомеаи мутаодил ҷомеаест силсиламаротибӣ, ҳамонанди фарде, ки дар қувваи нафсонии худ таодул дорад. Ба ҳар ҳол, ин бардошт аз адолат дар таърихи андешаи сиёсӣ ақиб монд ва дар мабоҳиси умдаи адолат дар садаҳои баъд бозтоб наёфт.

Таърихи пурфарозу нишеб ва печидаи тафаккур дар бораи мафҳуми адолат маъмулан ба ду бардошти куллӣ аз адолат мунҷар мешавад. Яке бардошти моқабли модерн ё классик (Суқрот, Афлотун, Арасту), дигаре даврони ҷадид ё асри таҷдиди классик (баъд аз қуруни вусто-оғози асри рӯшангарӣ то ба ҳол), ки дар ин мақола бар онем ки фалсафаи адолатро мухтасар аз дидгоҳи фалсафаи бузурги классик ва моқабли модерни Юнон, яъне Суқрот ва Афлотун мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Гарчи заминаҳои баҳс дар ҳавзаи фалсафии адолатро метавон дар тамаддунҳо ва фарҳангҳо ва мазоҳиби мухталиф ёфт, аммо решаҳо ва пурсишҳои марбут ба мабоҳиси мунсаҷимтар аз адолат ба Юнони бостон бозмегардад, ки маҳди сиёсату ахлоқ ва ҳуқуқ буд. Табъан мафҳуми рафтор ва амал ва ё зиндагии одилона дар ҳамаи фарҳангҳо ва тамаддунҳо ёфт мешуд. Аммо тафаккури имтизоӣ дар боби нақши мафҳуми адолат ва амали дуруст лозимаи таквини фалсафаи ахлоқ ва сиёсат будааст. Бо ин ҳол дар Юнони бостон ангезаи аслӣ ва аввалияе, ки муҷиб ба тарҳ ва пайгирии масъалаи адолат аз ҷониби фалсафаи муҳим ва машҳури он Суқрот ва Афлотун сомон гардид, аз мавозеи суфастоиён бармехост, ки худ ба як маъно мактаби зиддифалсафӣ буданд. Мавзӯи онон муодилотеро барангехт, ки муҷиби танзими мавозеи назарӣ ва фалсафӣ дар хусуси адолат аз ҷониби фалсафаи он сомон шуд.

Мавзӯи аслии адолат аз назари суфистоиён дар хусуси ин буд, ки он чи маъмулан одилона ва ё ноодилона шумурда мешавад, мунъакискунанда ва ё баёнгари ҳеҷ амри воқеъ ё воқеияти айнии хориҷӣ ва табиӣ нест, балки бозтоб ва натиҷаи мисоқҳо ва расмҳои иҷтимоӣ аст. Бад-ин сон мавозеи суфистоиён ҳар гуна мелок ва меъёри айнӣ ва мутлақ барои тамиз ва ташхиси аъмоли одилона аз ғайриодилонаро тахриб мекард. Дар вокуниш ба чунин мавозеъ буд, ки фалсафаи бузурги Юнон, бахусус, Суқрот, Афлотун ва Арасту ба арзаи назариёти дар мавриди амали одилона ва дуруст пардохтанд, ки мабонии фалсафаи ахлоқ ва сиёсат ва ҳуқуқро дар боби адолат ташкил медод, ки дар ибтидо дар ин баҳс, ки баррасии кӯтоҳ ва иҷмолии дидгоҳи Суқрот дар мавриди адолат хоҳем пардохт ва он гоҳ фалсафаи адолати Афлотунро баррасӣ мекунем.

Баҳси асосӣ аз мафҳуми адолат ба унвони қонуни фалсафаи ахлоқ бо Суқрот оғоз шуд. Бо ин ҳол ҳадафи аслии Суқрот бармало кардани норасоӣ аз бардоштҳои роиҷ аз адолат буд. Масалан, дар муқобили таърифи адолат ба унвони вафоӣ ба аҳду паймон ва адои дайн мисоли касеро меоварад, ки аз дӯсте силоҳе ба амонат гирифта бошад. Ва дуруст пас аз он дучори ҷунун шуда бошад, дар ин ҳол таърифи марсуми адолат роҳкушо нахоҳад буд.

Мавзӯи аслии Суқрот дар баҳси адолат ба унвони фазилати асосӣ ин буд, ки бархилофи тасаввури суфастоиёни нисбигаро метавон қадри мутлақи фазилат ва адолатро шинохт ва инсони бофазилат ва одил касест, ки фазилат ва адолатро бишносад. Бо ин ҳол Суқрот ҳеҷ гоҳ ба рӯшанӣ маълум накард, ки таърифи адолат аз назари ӯ чист?

Суқрот дар ҳақиқат миёни адолат ва манфиат тамизе намедод ва муътақид буд, ки касе ки хайр ва фазилат ва адолатро бишиносад, некӯ ва одил хоҳад буд. Дар ҳоле ки мумкин аст, касе таърифи фазилат ва адолатро бидонад ва амали одилонаро аз амали ноодилона бозшиносад, вале бад-он амал накунад ва ба дунболи манфиати худ биравад. Шояд далели ин эътиқоди Суқрот он буд, ки дар Юнони бостон ҳанӯз тамоюзи рӯшанӣ байни нафъи фард ва ҷамъ пайдо нашуда буд ва ба таври куллитар дар ҷавомеи суннатӣ чунин тамоюзи рӯшане вуҷуд надошт.

Суқрот ба тафаккур дар бораи табиат алоқа дошт ва на ба тафаккури риёзӣ ва ё метафизикӣ (мобаъдутабиӣ). Таваҷҷуҳ ва алоқаи ӯ ба илми ахлоқ буд, ки ба ҳақ ӯро бунёдгузори он медонанд. Ва ба баҳси мавзӯоти чун хайр, зебоӣ, зиштӣ, шарофат, хирадмандӣ, адолат, шуҷоат, дӯстӣ ва мадинаи шарҳвандӣ мепардохт, то маъно ва аҳамияти ақлонии онҳоро дарёбад. Аз ин рӯ, ӯро ба ҳақ бунёдгузори илми ахлоқ медонанд.

Вай ақида дошт, ки барои он ки мардум бофазилат шаванд, ба маърифат ниёз доранд, ки дарвоқеъ маърифат ҳамон фазилат мебошад. Ба ибораи дигар, маърифат болотарин хайр ва танҳо ғояти ҷаҳон аст ва ҷустуҷӯйи он танҳо манбаи саодат ва адолати пойдор мебошад. Ва болотарин марҳилаи адолат хостани он барои бегонагон ва ғайрихудиҳост. Ва ҳар гуна беадолатиеро дар ҳаққи дигарон ба ҳамон андоза ранҷишовар, муҳим ва таъйинкунанда медонад, ки беадолатӣ дар ҳаққи худ ва фарзандони худро. Ӯ беадолатиро наметавонад бипазирад, ҳатто агар қурбони он шавад. Тавре ки Афлотун дар диалоги Краетон ёд мекунад, Суқрот улгуи чунин рафторе мебошад. Ва ӯ бо пойбандӣ ба ин асли ахлоқе, ки «ранҷ бурдан аз беадолатӣ беҳтар аз анҷоми амали ноодилона аст», ӯ бо ахлоқи ашрофияти Юнони бостон дар ситез афтод, чаро ки дар он даврон дар рафтор бо бардагон усулан адолат мавзӯияте надошт. Афлотун дар китоби «Сиёсат» ақидаи яке аз донишмандони суфист ба номи Тиросимохусро бозгӯ мекунад, ки вазъи адолатхоҳонро бадтар аз ситамкорон ва ноодилҳо медонанд, чаро ки марди одил аз доштани қудрат ва сарват маҳрум аст ва ҳатто ба расмият ҳам шинохта

намешавад. Суқрот чунин дидеро мардуд мешуморад. Ба назари ӯ адолат на танҳо ба дигарон, ки дар хидмати фарди одил низ ҳаст ва онҳо метавонанд дар сулҳу сафо зиндагӣ бикунанд, аммо инсонҳои бедодгар дар кашмакашии доимӣ бо худ ва дигарон ба сар бурда, мавҷудоти нагунбахте беш нестанд. Суқрот таъкид мекунад, ки зиндагии арзишманд аз они афроди одил ва адолатхоҳ аст. Дар ҳамон ҳол ахлоқи шахсӣ ҳам мақом ва ҷойгоҳи баланди худро меёбад.

Ба таври хулоса, Суқрот бар хилофи суфастоиён, ки асоси метафизикии ахлоқро соз карда буданд, дар пайи он буд, ки мабонии ахлоқ ва адолатро аз нав бар асоси табиат устувор кунад. Ба ибораи дигар, бе имкони вуҷуди ахлоқ ва адолат бидуни эътиқод ба моварои табиие меандешид. Ба назари ӯ, хайр ва фазилат на ба ин далел хуб аст, ки худоён онро таъйин ва таъриф кардаанд, балки чун зотан хуб аст худоён онро писандида ва тавсиф намудаанд. Мисоли хайр ва фазилат ба назари ӯ аз мазҳаб мустақил ва дар табиат нуҳуфта буд ва ҷавҳари онро судмандӣ ташкил медод.

Суқрот аз сиёсатмадорони одил, ки бо озод гузоштани тӯдаи мардум ва фаромӯш кардани чизҳои ба адолат ва миёнравӣ таaллуқ доранд, дар ҷустуҷӯйи маҳбубият ҳастанд, интиқод кард ва онҳоро ҷӯпонҳои дурӯғин номид, ки хуб ҳарф мезананд, аммо ҳарфи хуб намезананд. Ва аз адолату ростӣ ба дур ҳастанд. Ӯ ҳамчунин эълон кард, ки оммаи мардум аз дониши воқеӣ ба дуранд ва назарияи баробарии инсонҳоро, ки аз усули демократӣ буд ва аз тариқи раъйгирӣ ба даст меомад, рад кард. Эълон намуд, ки давлат бояд дар ҳокимияти аристократӣ ҳушмандон ва нухбагон бошад, то битавонанд адолатро барпо доранд, зеро аксарияти оммаи мардум аз сиёсат беиттилоанд, тарвиҷдиҳанда ва бозичаи андешаи сиёсатмадорони фурсатталаб мешаванд.

Суқрот бо равиши пурсишу посух бо номи диалектика ё ҷадал, ки равиши истидлолӣ ва қиёсӣ буд, ҷузъи ҳақоиқ ва истидлоли қавӣ мубтанӣ бар ҳақоиқ ба чизи дигаре аҳамият намедод ва муътақид буд, ки нахуст бояд фарзияи шахсиро санҷид. Масалан, он таърифи қарордодӣ аз шуҷоат ва адолатро бо кӯмаки мисолҳое аз зиндагии воқеӣ собит хоҳад кард, ки оё он фарзия ноқис аст ё дар он таноқузгӯйӣ вуҷуд дорад, ки ин раванд мунҷар ба фарзияи дигаре хоҳад шуд. Ин равиши манфӣ ё мубтанӣ бар нафъ мебошад, аммо ҳадафи он бисёр мусбат. Ӯ бо маҳсул кардан, таъна задан ва бо ҳаяҷон ва тафаккури бисёр тунд дарвоқеъ мекӯшид дарёбад, ки шуҷоат ва адолат чист ва чӣ гуна мешавад, бад-он даст ёфт. Ӯ эътиқод дошт, ки беҳтарин роҳи пайдо кардани ҳақиқат ва расидан ба адолат он аст, ки нахуст бояд тазодҳои дар фикр мавҷудро пайдо кард ва пас аз бархӯрди тазодҳо бо якдигар битавон ҳақиқатро пайдо кард ва ба адолат расид. Ин ҳамон равиши диалектикӣ ё ҷадалии тафаккур аст, ки ҷанбаи мусбати фалсафаи бостон дониста мешавад.

Ба таври куллӣ, Суқрот на танҳо муҳофизи кор, балки метавон ӯро як радикал ва тағйирталаби бузург номид. Ӯ иқтидори замони худро, ки бар пояи демократӣ аксарияте, ки аз назари ӯ бар беадолатӣ устувор гардида буд, маҳкум карда ба он ҳамла намуд ва ба ҷойи он аз ҳокимияти ақл ва хирад ҷонибдорӣ намуд. Вазъияти раъйгирӣ дар Иклазиё (маҷлиси он замон)- ро мавриди интиқод қарор дод ва ҷавононро алайҳи иқтисоди сиёсӣ ва ахлоқии ҳукумат омодаи шӯриш кард. Ва бо ин андешаҳои инқилобӣ дар бунёдҳои ҳукумати Отин ларза андохт Ва аз ин рӯ, ӯро ба бединӣ, ки парастиши Худои ягона ва худдорӣ аз парастиши худоёне, ки давлат мепарастид, ки натиҷааш фосид кардани ҷавонон ва таблиғи дини ҷадид буд, муттаҳам ва ба марг маҳкум карданд. Суқрот муқовиматро дар баробари ҳукми марг ноодилона медонад, он ҳам аз сӯйи ниҳоди масъули ҷомеае, ки фард ҷузъе аз он аст, то кунун дар он зиндагӣ мекардааст. Суқрот дар охири лаҳзаҳои зиндагӣ мегуфт, ки дағдаға ба худ роҳ надиҳед ва ба худ бигӯед, ки фақат ҷисмамро бар хок хоҳед гузошт ва он гоҳ ҷоми «шавкарон»-ро ба лаб гузошт ва тамоми онро ба хушӣ сар кашид. Бад-ин сон посдорони суннатҳо вуҷуди Суқротро тоб наёварданд ва ба ҳалокаташ расонданд. Афлотун охирин лаҳазоти зиндагии Суқротро чунин баён мекунад: «Чунин буд поёни кори дӯсти мо, дӯсте, ки ба ҳақиқат метавонам ӯро беҳтарин ва хирадмандтарин ва дурусттарин инсоне бидонам, ки то кунун шинохтаам».

Нахустин бор дар Юнон адолат ба майдони баҳсҳои фалсафӣ ворид шуд. Авомиле, ки таъсири зиёде дар пайдоиши адолат дар Юнони он замон доштанд, ин буд, ки адолат дар мақоми арзиши собит ва пазируфташуда бояд ахлоқи ашрофиятро ба чолиш металабид. Ва бо боварҳои онон, ки бар ифтихороти ашрофият таъкид доштанд, рақобат мекард. Дар он замон бар хилофи даврони баъдӣ дар Рум додгоҳҳо ва ниҳоди додгустарӣ вуҷуд надошт ва аз ин рӯ, онҳо мебоист нигориши фалсафии хешро нисбат ба ҷаҳон дар арсаи адолат ва ҳуқуқ баст медоданд.

Нахустин нуктаи авҷи дарки фалсафӣ аз адолат дар Бохтарзамин дар диалоги ҳукумат дар асари Афлотун ба чашм мехӯрад. Ӯ ҳарчанд гоҳ вуҷуди адолатро амри худоӣ тавсиф мекунад, вале онро ҳаргиз бо бардоштҳои мазҳабӣ иртибот намедиҳад. Барои ӯ унсури метафизикӣ ҷойгузини сарчашмаи эзидии адолат мешавад, унсуре, ки дар охири таҳлил чизе нест, ҷуз иддае хуб ва хубиҳо. Ӯ ба назму тартиби силсиламаротибии Миср эътиқод дошт ва муътақид буд, ки ҳамчунон побарҷо мемонад. Вале дар нӯги он ҳарам дигар намоянда ва сояи Худо ба рӯйи замин дида намешавад. Ва мавҷуди инсонӣ - ки ҳар касе метавонад бошад - ба танҳоӣ масъулияти комили иҷро ва ҳифозат аз адолатро бар уҳда мегирад.

Дар ҷойгоҳи подшоҳ ва паёмбар ва ё ҳар фарди муқаддасе, ки робитаи мардум бо Худо бошад, хирадманде қарор дорад, ки ҳам подшоҳ аст ва ҳам файласуф. Чунин фард худаш одил аст. Дар ин

низом ду гуна силсиламаротиб вуҷуд дорад: иҷтимоӣ ва рӯҳонӣ. Адолат масъули назмбахше ба ҳардуи ин бахшҳост. Афлотун, ки нерӯи поеро барои рӯҳ дар назар мегирад, камоли ба даст овардани чизе, қудрати амал ва ақл дар иртибот бо ҳар кадом хислатеро барҷаста медонад: Барои тамоюл нигоҳ доштани ҳад, барои қудрати амал шуҷоат, барои ақл хирад ва диди ҳакимона. Албатта, барои коркарди беишколи ин нерӯҳои поӣ, ба хислати чоруме ҳам ниёз ҳаст. Адолат бар асоси истидлоли Афлотун ҳамвора аз хасоили аслӣ ва ҳатто муҳимтарини онҳо ба шумор меравад. Барои Афлотун адолат на танҳо барои ҷомеа, балки барои рӯҳ ҳам назмбахш аст. Адолат масъули коркарди дақиқ ва дурусти аҷзои рӯҳ аст ва баёнгари «ҳар кас ба андозаи саҳми ӯст», ки манзур аз саҳм дар ин ҷо бештар анҷоми вазифа ва таклифи фард мебошад.

Барои Афлотун рӯшан аст, ки дар ҳар як аз он се нерӯи поӣ, ҳунаре касб кардан, шуҷоат, майл ба доштан дастбакоранд ва худро дар кунишҳои мо нишон медиҳанд. Инсон он ҳангом ки умури худро ба пайравӣ аз он хислатҳои барҷаста анҷом дод, одил аст. Он фарде, ки дар ӯ нерӯи тамоюл ба касб чира аст ва хислати қонеъ буданро дорост, санъатгар, кишоварз ва ё бозаргони хубе хоҳад шуд. Касе, ки аз қудрати амал ва дар пайи он аз хислати шуҷоат баҳрае бештар мебарад, барои сарбозӣ ва нигаҳбонӣ муносиб аст. Танҳо он ки дар хирадварзӣ барҷаста аст, метавонад ва бояд файласуф ва ё роҳбар шавад. Дар ин ҷо ҳам адолат барои тартиб ва назмдиҳӣ истифода мешавад. Афлотун барои адолати ҷамъӣ, пешшарти адолати фардиро қоил нест. Ӯ дар ҳамон ҳол, ки танҳо як ниҳод ва ё қонуни одилонаро фароҳамсози адолати фардӣ намедонад, ақида дорад, ки ҳар гоҳ ҳамаи афрод адолатро риоя кунанд, адолати ҷамъӣ таҳаққуқ меёбад. Албатта, набояд ҳатман ҳамаи шаҳрвандон одил бошанд. Вале ин фазилати одил будан барои роҳбарон иҷборист. Ҳамон гуна ки як фард бо барҷаста будани хислати хирадварзӣ ва адолатхоҳӣ ба мартабаи одилона будан мерасад, як ҷамъ ҳам бо роҳбарии огоҳ ва одил аст, ки некбахт мешавад ва аз ин рӯст, ки ӯ бар роҳбарии файласуфҳо ва хирадмандҳо борҳо таъкид мекунад, одилтарин ва хушбахттарин инсон касест, ки бештарин подшоҳиро бар хештани хеш дорост.

Афлотун ҳам монанди устоди худ Суқрот ҳам айният ва итлоқи меъёри адолат ва фазилатро мепазирад, ҳам робитаи миёни маърифат ва адолатро. Ӯ одилона зистанро қабул дошт. Вай дар рисолаи «Ҷумҳурият»-и худ баҳси адолатро бо ин пурсиш оғоз мекунад ки, агар касе ба фарз ангуштарии устуравии машҳуре ба даст оварад, ки одамиро номаръӣ месозад, оё чунон касе боз ҳам одилона амал хоҳад кард? Афлотун дар истидлоли худ шарти амали одилонаро шинохти мисол ё сурати куллии адолатро дар варои ҳамаи аъмоли одилона ҷузъе медонад, ки ҳамагӣ дар он мисоли кулли муштараканд. Пас бояд мисол ё сурати куллии адолатро шинохт. Ин мисол ё сурат ҳам айнӣ ва мавҷуд аст, ҳам шинохти он имкон дорад. Мисоли аслии адолат дар фалсафаи Афлотун аз эътидол гирифта шудааст, бо ин ҳол сирфи касби шинохти нисбат ба мафҳуми айнии адолат далели амал ба он намешавад, бахусус агар амали хилофи он муфиди манфиате барои омил бошад.

Посухи Афлотун ба ин қазия он аст, ки чун адолатро бояд дар эътидол ё таодули миёни се қувваи рӯҳи инсон, яъне ақл, эҳсос ва шуҳрат ёфт, пас инсони ноодил дар вазъу ҳоли нобасомонӣ ва адами таодул ба сар мебарад, дар муқобил инсони одили таҳти сайтараи ақл дар ҳолати таодули рӯҳонӣ ба сар мебарад. Бад-ин сон аз дидгоҳи Афлотун шодии рӯҳонӣ зомини амали одилона пас аз касби шинохт нисбат ба мисоли куллии адолат хоҳад буд. Шодии рӯҳони ношӣ аз амали одилона, хурсандкунандатар аз шодии ҷисмонӣ, ношӣ аз амали ғайриодилона аст.

Ба ибораи дигар, амал ба адолат абзори касби лаззати рӯҳонӣ ва ваҳдати дарунӣ ва ё ба сухани имрӯз таъмини манфиати воқеӣ ва ростини фард аст. Амал ба адолат ҳам ба нафъи куллии ҷомеа ва ҳам ба нафъи фард ба ин маъност. Имкони бархӯрди асосӣ миёни манофеи фард ва ҷамъ нодида гирифта мешавад. Аз дидгоҳи Афлотун амали одилона ҳам ба нафъи омил ва ҳам ба нафъи дигарон аст, миёни манофеи мухталиф эҷоди таодул мекунад.

Аз нигоҳи дигар, адолат аз дидгоҳи ӯ истеъдодҳои ҳамгун, усули муътақидоти ахлоқӣ, фазилатӣ, инсонӣ ва амали пайванди давлатҳост. Ӯ мегӯяд: «Қудрат ва маҳорат аз адолат нақши муҳимтаре бар уҳда дорад ва он чи ҳаст, ин аст, ки бояд ҳусни маҷмӯъро дар назар гирифт ва адолат ҳукм мекунад, файласуф шоҳӣ бикунад ва ҳар табақае набояд ба ҳукмрон бирасад». Дар андешаи Афлотун адолат бо назми иҷтимоӣ рабти маҳкам дорад, мардум бояд битавонанд ниҳоди иҷтимоиро таҳаввул бахшанд, ки зиндагии басомон ва хуб танзим шуда, сулҳи маданӣ ва дохилиро эҷод кунад.

Афлотун ибтидо адолатро амри фардӣ ё хусусӣ талаққӣ мекунад. Сипас бо ироаи нақзҳои илму тафаккур назариёти суфистӣ ироа мешавад, ки адолат ҳамон хости ақвиёст. Афлотун ба таърифи суфистӣ эрод дорад, чун онро таърифи ғоятгаронаи ҳукумат медонад. Ӯ адолатро бо истифода аз иртиботи ҷомеа (пулис) ва фард таъриф мекунад ва дар ҳақиқат баҳсро ба анвои ҳукуматҳо мекашонад. Адолати иҷтимоӣ аз дидгоҳи ӯ ин аст, ки орган вазоифашро дар некшаҳр дар ҳамоҳангии комил бо дигарон анҷом диҳанд. Аз ин ҷост, ки метавон дарёфт, ки адолат барои Афлотун ҳолати меҳварӣ дорад ва бо мафоҳими чун ҳукумати хуб, фазилат, хештандорӣ, хирад ва шуҷоат дар иртибот аст. Илова бар он Афлотун бо сохтори табақотӣ ва тахассусӣ иртиботи хос дошт. Адолати Афлотун вақте беҳтар ва осонтар фаҳмида мешавад, ки бипазирӣ, ки аз назари ӯ адолат натиҷаи тақсими табақотӣ ва тахассусии кори вижаҳост.

Афлотун дар ҷое адолатро чунин таъриф кард: «Додани ҳаққи ҳар кас ба худаш». Таърифи адолат дар чунин маъное номаъмул аст ва ҳеҷ ҷанбаи ҳуқуқӣ надорад, ба ҳуқуқи фард дар баробари давлат ҳам иртиботе надорад, ба равияи қазоӣ ҳам марбут нест, балки дар ин маъно адолат рушди ҳамоҳангии дарунӣ ҳам дар фард ва ҳам дар давлатро нишон медиҳанд ва ин ҳамоҳангиро танҳо вақте метавон ба даст овард, ки шароити хориҷӣ низ ба дурустӣ сомон ёфта бошад ва давлате, ки дар посух ба хости мардум дар мубодилаи хадамот ин ниёзро бароварда кунад, беҳтарин ва комилтарин давлат ба шумор меравад. Ба таври хулоса, давлате, ки корҳоро чунон тартиб диҳад, ки ҳар кас (фармонраво, сарбоз, посдор, санъатгар) кореро анҷом диҳад, ки бояд анҷом диҳад, давлати бартар ва олист.

Таърифи Афлотун аз давлат ду маъно дорад: 1. Адолат дар давлат. 2 Адолат дар фард.

Ҳамон тавре ки тавзеъ дода шуд, фазилатҳои давлати ҷумҳур ё Ормоншаҳр иборатанд аз: ақл, шуҷоат ва хештандорӣ. Ақл ва хирад вижаи табақаи фармонравоии Филсуфшоҳ аст, шуҷоатро сарбоз-посдор дорад, хештандориро ҳам сарбоз-посдор ва ҳам санъатгарон. Адолат дар давлат аз ин воқеият бармеояд, ки ҳамаи дигар фазилатҳои давлат, яъне ақл, шуҷоат ва хештандорӣ мумкин шуда бошанд. Давлат аст, ки ба онҳо имконият медиҳад, ки воҳидҳои ташкилдиҳандаи он, тавре ки мебояд, амал кунанд.

Адолат барои фард аз эътидол ва миёнаравӣ бармеояд, агар ҳар касе зери султаи яке аз се ангеза ва нерӯи аслӣ – иштиҳо, рӯҳия ва ақл – бошад, адолат барқарор мешавад бо ин шарт, ки ӯ навъе зиндагӣ кунад, ки дар он ангезаи аввалияи ӯ дар хидмати мардум ва иҷтимоъ бошад ва ду ангезаи дигар ба таври дақиқ маҳдуд шавад, зеро озод гузоштани онҳо давлатро фурӯ мепошад. Ба далели он ки адолат дар давлат аз тавозуни ҳамоҳангии фазилатҳои чоргона баромада, аз тахассус ба даст биёяд, адолат дар фард низ вақте ҳосил мешавад, ки ҳар касе нақшеро уҳдадор бошад, ки шароити онро дорад. Вақте давлат хуб таркибёфта бошад, ҳамоҳангии нуфузи афрод ва олитарин шакли ҳамоҳангие миёни мардумро нишон медиҳад ва он ҳангомест, ки иштиҳо ва рӯҳия таҳти тасаллути ақл даромада бошанд.

Ба таври куллӣ Афлотун дар ҷустуҷӯйи адолат буд ва онро дар чаҳорчӯби давлати навъи юнонӣ медонист ва барои эҷоди адолат дарвоқеъ ӯ фалсафаи ахлоқро бо фалсафаи сиёсӣ даромехт. Дар фалсафаи илми ахлоқ ӯ мегуфт, ки нафс зотан ақлонӣ ва ғайрирфонист ва сарчашмаи тамоми хайр, олами ҳақиқӣ ё олами мусул аст ва тан моддӣ ва заминаи тамоми шар аст. Нуқтаи раҳоӣ аз тан ва тафаккур ва тааммул дар бораи мусул ҳадафи ниҳоии зиндагонист ва нафси мутаҷассим. Агар ақл бар ҳамаи ангезаҳои он ҳукумат кунад, хирадманд аст. Ва шуҷоъ ва далер аст, агар ҷузъи иродиаш ба ҷузъи ақлӣ кӯмак ва аз ӯ итоат кунад, миёнрав ва хештандор аст, агар ҳам ирода ва ҳам шаҳват аз ақл пайравӣ кунанд ва дар ниҳоят касе одил аст, агар тамоми се ҷузъи вазоифи марбут ба худро бо тавофуқ ва ҳамоҳангӣ иҷро кунад. Камоли матлуби ин зиндагонӣ вақте ба даст меояд, ки одамӣ хирадманд, шуҷоъ, миёнарав ва одил бошад. Болотарин хайри зиндагӣ ҳамоҳангӣ ва таодули нафс аст, ки ба василаи ба кор бастани ҳар чор фазилатӣ ҳикмат, шуҷоат ва миёнаравӣ ва адолат таҳти роҳнамоӣ ва ҳидояти ақл ҳосил шавад.

Ба таври хулоса, ба назари Афлотун адолат дар асл вижагии нафси фардӣ буд, ки дар миқиёси васеътар дар ҷомеа инъикос меёфт. Ба назари ӯ фазилат се бахши нафс, яъне майл, ирода ва фикр дар эътидол, шуҷоат ва тааққул нуҳуфтааст ва маҳсули кулли ин эътидол ҳамон адолат аст. Ҷомеа низ се ниёзи аслӣ дорад: яке бақо, дувум дифоъ ва севум роҳбарӣ. Ва эҷоди таодул миёни ин се дар мадинаи фозила ба маънои адолати иҷтимоист. Пас, метавон натиҷа гирифт, ки ба таври куллӣ адолат фазилати аъло дар ҳамаи ҳавзаҳост.

Дар ҳавзаи фалсафаи адолат заминаҳои баҳси адолатро метавон дар тамаддунҳо, фарҳангҳо ва мазоҳиби мухталиф ёфт. Аммо решаҳо ва пурсишҳои марбут ба мабоҳиси мунсаҷимтар аз адолат ба Юнони Бостон бозмегардад, ки маҳди фалсафа, сиёсат, ахлоқ ва ҳуқуқ буд. Тавъан мафҳуми рафтор ё амал ё зиндагии одилона дар ҳамаи тамаддунҳо ва фарҳангҳо ёфт мешавад. Аммо Юнони бостон ангезаҳои аслӣ ва аввалияи, ки тарҳ ва пайгирии масъалаи адолат аз ҷониби файласуфони машҳури он замон, - Суқрот, Афлотун ва дигаронмаҳсуб меёбад.


**АДАБИЁТ**

1. Афлотун. Ҷумҳурӣ / Афлотун; тарҷумаи Муҳаммад Ҳасани Лутфӣ.– Теҳрон: Ширкати саҳомии интишороти Фирманд, 1349. - Ҷ.4.
2. Афлотун. Қавонин / Афлотун; тарҷумаи Муҳаммад Ҳасани Лутфӣ.. – Теҳрон: Интишороти Хоразмӣ, 1357. –Ҷ.7.
3. Баширия Ҳусейн. Ақл дар сиёсат / Баширия Ҳусейн. – Теҳрон: Нигоҳи муосир, 1382.
4. Олам Абдурраҳмон. Таърихи фалсафаи сиёсии Ғарб аз оғоз то садаҳои миёна / Олам Абдурраҳмон. – Теҳрон: Вазорати умури хориҷӣ, 1376.
5. Фостер Майкл Б. Худовандони андешаи сиёсӣ / Б. Фостер Майкл Қисмати аввал. Афлотун ва Арасту; тарҷумаи Ҷавводи Шайхулисломӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1358.


**СПРАВЕДЛИВОСТЬ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ СОКРАТА И АРИСТОТЕЛЯ**


Данная статья посвящена изучением одно из важных тем социальной философии, политологии и права, проблеме справедливости. В нём автор приводит высказывания мыслителей древней Греции – Аристотеля и Платона о понятии «справедливости».



**Ключевые слова:** Древняя Греция, Аристотель, справедливость, полис, утопия, аристократия, философия Запада.

**JUSTICE FROM THE POINT OF VIEW OF SOCRATES AND ARISTOTLE**

This article is devoted to the study one of the important themes of social philosophy, political science and law, the issue of fairness. In it the author cites thinkers of ancient Greece, Plato and Aristotle about the concept of "justice".

**Key words:** Ancient Greece, Aristotle, justice, policy, utopia, the aristocracy, the philosophy of the West..

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Вали Ахмад Бунакдор*** – соискатель Таджикского национального университета

# ТАЪРИФ ВА АБЪОДИ ҲУВВИЯТИ МИЛЛӢ

***Амини Доизода Ҷилодор***

**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Ҳуввияти миллӣ мавзӯест бисёр печида ва чандваҷҳӣ. Падидае, ки баромада аз таърих аст ва ҳам аз нишонаҳои замони ҳол, реша дар гузаштаҳои дур дорад. Аммо коркард ва таъсироти он дар зиндагии феълист. Ҳамчун ҳалқаест, ки гузашта, имрӯз ва ояндаро ба ҳам пайванд мезанад. Бинобар ин, ба таври мустамар ва мудавом зинда ва таъсиргузор мебошад. Кадомин ақвом, кишвар ва ҷомеаест, ки ба навъе ба мавзӯи ҳуввияти миллӣ даргир набошад.

**Мафҳуми ҳуввияти миллӣ.** Гузашта аз сатҳи фардӣ, ҳуввият дар сутӯҳи болотар ва омтар дар ваҷҳи ҳуввияти иҷтимоӣ ва ё ҳуввиятӣ ҷамъӣ низ қобили мулоҳиза аст. Манзур аз он ҳавзае аз ҳаёти иҷтимоӣ, ки фард худро бо замири «Мо» мутааллиқ ва мумтасиб ба он медонад ва дар баробари он эҳсоси тааҳҳуд ва таклиф мекунад. Ин ҳуввиятҳои ҷамъиро метавон дар сутӯҳе мураттаб аз хурд ва калон, оммо чун хешовандӣ, ҳамтоифагӣ, ҳаммаҳалӣ, ҳамрустоӣ, ҳамзабонӣ, ҳамшаҳрӣ, ҳамватан, ҳаммазҳаб ва ҳамнавъ тақсимбандӣ кард [1].

Муҳимтарин навъ аз анвои ҳуввият, ҳуввияти миллист. Зеро нақши таъйинкунанда дар ҳавзаи фарҳанг, иҷтимоъ, сиёсат ва ҳатто, иқтисод дорад. Ба ибораи дигар, ҳуввияти миллӣ фарогиртарин ва дар айни ҳол машруътарин сатҳи ҳуввият дар тамоми низомҳои иҷтимоӣ, ҷудо аз гароишҳои идеологӣ мебошад.

Костелз зуҳури ҳуввияти миллиро маълули таомули таърихии чаҳор даста аз авомил донистааст:

1. Авомили нахустин мисли қавмият, хат ва забон.
2. Авомили таквинӣ, мисли тавсеаи иртиботот ва технология, шаклгирии шаҳрҳо, зуҳури артишҳои модерн ва ҳукуматҳои подшоҳии мутамарказ.
3. Авомили илқоӣ, мисли тадвини забон дар қолиби дастури забони расмӣ, рушди девонсолорӣ ва истиқрори низоми омӯзишии миллӣ[6].
4. Авомили вокунишӣ ба маънои дифоъ аз ҳуввиятҳои таҳти ситам ва манофеъ ва инқиёдшуда аз сӯйи гурӯҳи иҷтимоии ҳоким, ки муҳаррики ҷустуҷӯ барои ҳуввиятҳои ҷойгузин дар ҳофизаи ҷамъист.

Бар асоси баррасиҳои мухталиф абъоди ҳуввияти миллиро метавон мутобиқ бо зайл баршуморид[6]:

1. **Буъди иҷтимоии ҳуввияти миллӣ.** Ҳар шахсе аз тариқи муҳити иҷтимоӣ, ки ба он таллуқ дорад ё ба он руҷуъ мекунад, ҳуввияти худро месозад ва тавсеа медиҳад.

Аз дидгоҳи Эриксон шароити иҷтимоӣ севумин омил дар шакл додан ва сомон додан ба шахсияти афрод мебошад. Бӯъди иҷтимоии ҳуввияти миллӣ, дар иртибот бо кайфияти равобити иҷтимоии фард бо низоми калони иҷтимоист.

Дар сурати тақвияти муносибот ва равобити фард бо ҷомеа ҳуввияти ҷамъии фард дар сатҳи миллӣ шакл мегирад [5].

2. **Бӯъди таърихии ҳуввияти миллӣ.** Таҳаввулот ва фароендҳои дарозмуддати таърихӣ дар шакл додани эҳсоси аниқи дилбастагӣ ва таллуқ ба кишвар муассир аст. Хотирот, рӯйдодҳо, ҳаводис, шахсиятҳо ва фарозу нишебиҳои таърихӣ дар шакл додан ба ангораҳои ҷамъӣ бисёр муассир ҳастанд. Ба ин тартиб, бӯъди таърихии ҳуввияти миллӣ иборат аст аз огоҳии муштараки афроди як ҷомеа аз гузаштаи таърихӣ ва эҳсоси дилбастагӣ ба он ва эҳсоси таърихӣ ё ба таври дигар «ҳамтаърихпиндорӣ», ки пайванддиҳандаи наслҳои мухталиф ба якдигар шуда, монеи ҷудо шудани як насл аз таърихаш мешавад. Зеро ҳар ҷомеае бо ҳуввияти таърихии худ, таъриф ва тарсим мешавад [3].

3. **Бӯъди ҷуғрофиёии ҳуввияти миллӣ.** Миллер мӯхтақид аст, ки ҳар миллате бояд як сарзамини модарӣ дошта бошад. Аз назари Смит низ унсури аслии эҳсосӣ ҳуввияти миллӣ сарзамини муштарак аст. Сарзамини муштарак боис мешавад, ки аъзои як миллат бо сарзамини муштарак, дар фарҳанги омма, хотироти таърихӣ, афсонаҳо ва устураҳо саҳим ва шарик шаванд. Усулан ҳуввияти миллӣ дар дараҷаи нахуст зодаи муҳити ҷуғрофиёии мутааллиқ ба ҳар миллат аст [6].

4. **Буъди сиёсии ҳувияти миллӣ:** Таллуқ ба як воҳиди сиёсӣ ба унвони як бӯъди миллӣ, мусталзами таллуқ ба давлат, низоми сиёсӣ ва арзишҳои машруиятбахши ҳукумат дар ҳуввияти миллист [7].

5. Имрӯза давлати миллӣ бузургтарин ва роиҷтарин навъи шаклбандии ҷомеаи башарӣ маҳсуб мешавад. Нишонаҳо ва муаллифҳои умдаи ин бӯъдро метавон чунин баршумурд:

1. Дониши сиёсӣ.
2. Мушорикат ва назора.
3. Алоқа ба миллат.
4. Тамоюл ба анҷоми фаъолияти сиёсӣ.
5. Эътимод ва итминон ба низоми сиёсӣ.
6. Пазириши машрӯият ва каромадии ҳукумат.
7. Вафодорӣ ба ниҳодҳои сиёсӣ [5].

6. **Бӯъди динии ҳуввияти миллӣ.** Бо вуҷуди афзоиш ва шиддат ёфтани фароядҳои тавсеа ва ҷадид шудан, мазҳаб ҳамчунон дар тамоми абъоди худ ба унвони манбаи муҳимме барои ҳуввият дар ҷаҳони имрӯз ба шумор меравад [2].

Нишонаҳои муҳимми ин сутӯҳ мутобиқи зайл аст:

1. Пойбандӣ ба ҷавҳари дин ва арзишҳои бунёдини динӣ ва фарогир будани ин арзишҳо.
2. Дилбастагии ҷамъӣ ва умумӣ ба шиор, маносик ва ниҳодҳои динӣ.
3. Мушорикат ва тамоюли амалӣ ба завоҳир ва ойинҳои мазҳабӣ ва динӣ [6].

7. **Бӯъди фарҳангии (мероси фарҳангӣ) ҳуввияти миллӣ.** Шояд битавон мероси фарҳангии муштарак, густарда ва фарогирро дар байни шаҳрвандони як кишвар аз муҳимтарин аҷзои ҳуввияти миллӣ донист, ки сабаби тавофуқи фарҳангӣ мешавад.

Дар таърифи густарда, куллияи абъоди фарҳангӣ ҳар низоми иҷтимоиро дар бар мегирад, ки ба нахви худогоҳу нохудогоҳ моро таҳти таъсир қарор медиҳад. Дар ин маъно мероси фарҳангии як миллат куллияти зинда ва пӯёи ахлоқиёти инсон аст [11]. Нишонаҳои муҳимми ин бӯъд чунин аст:

1. Ойинҳо ва суннатҳои ом.
2. Ҷашнҳо, аъёд ва фарҳангӣ омма.
3. Арзишҳои суннатӣ.
4. Либос ва тарзи пӯшиш.
5. Меъмории биноҳо ва маконҳо.
6. Русум.
7. Урф.
8. Ҳунарҳои миллӣ ва бумӣ.

8. **Бӯъди забонӣ ва адабии ҳуввияти миллӣ.** Забон ва осори адабӣ буъди муҳимме аз мероси мактубии ҳар миллат аст. Забон на танҳо ба унвони як маҳсули иҷтимоӣ абзор ва василаи иртибототи ба шумор меравад, балки худ ба унвони бахше аз матни равобити иҷтимоӣ маҳсуб мешавад, ки дар тавлид ва бозсозии фарҳанг ва ҳуввияти мутааллиқ ба ҳар ҷомеа нақши муҳимме дорад.

Аркони умдаи ин бӯъдро метавон чунин баршуморид: 1. Адабиёти илмӣ, фалсафаи сиёсӣ ва ғайра; 2. Осори манзуми адабӣ ва достонӣ ва шахсиятҳои муҳимми онҳо; 3. Адабиёти омиёна; 4. Забони роиҷ; 5. Мусиқии миллӣ; 6. Достонҳо;
7. Адабиёти кӯдакон [6].

## АДАБИЁТ


1. Абдуллоӣ Муҳаммад. Ҳуввияти ҷамъӣ / Абдуллоӣ Муҳаммад. Номаи анҷумани ҷомеашиносии Эрон, 1372. -С.63-80.
2. Костелз Мануэл. (тарҷумаи Аҳади Алиқулиён ва ҳамкор). Асри иттилоот,1380.
3. Раҳматулло Меъмор. Санҷиши гироиш ба ҳуввияти таърихӣ / Раҳматулло Меъмор. –Теҳрон,1378.-С.95.
4. Ҳоҷиёнӣ Иброҳим. Таҳлили ҷомеашинохтии ҳуввияти миллӣ дар Эрон.
5. Ҳоҷиёнӣ Иброҳим. Таҳлили ҷомеашинохтии ҳуввияти миллӣ дар Эрон / Ҳоҷиёнӣ Иброҳим. //Фаслномаи мутолиоти миллӣ, 1379. -№ 5.-С.193-228.
6. Шамшерӣ Бобак. Даромад бар ҳуввияти миллӣ / Шамшерӣ Бобак. - 1387.-С.48-49.
7. Шайховандӣ Довар. Мизгарди иҷмоиҳ иҷтимоӣ / Шайховандӣ Довар. // Фаслномаи мутолиоти миллӣ, 1378. -№1.-С.73-95.


## ОПРЕДЕЛЕНИЕ И ОБЩЕСТВЕННЫЕ ПАРАМЕТРЫ НАЦИОНАЛЬНОГО МЕНТАЛИТЕТА


Эта статья посвящена изучению и обследованию определения и общественных параметров, исторического, географического, политического, культурного (культурное наследие), литературного и языка национального менталитета.



**Ключевые слова**: социальный, история, география, политика,


## DEFINITIONS AND FORMWORKS NATIONAL IDENTITY


This article will be survey about definitions and formworks of social, historical, geographical, political, relicense, cultural (cultural heritage), literary and languages national identity.



**Key words:** social, historical, geographical, political, relicense, cultural



**Сведения об авторе:** ***Амини Доизода Джилавдор***– соискатель Института философии, политологии и права им. А. Богоуддинова АН РТ

# НАТО ВА АМНИЯТИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

*Алии Шуҷоифард*
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Пас аз поён ёфтани ҷанги сард ва фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ фаъолиятҳои ҷадиди НАТО ба таври умда дар муҳити амният пиромуни Эрон ба вуқӯъ пайваста аст. Неруҳои НАТО дар ҳавзаи Қафқози Афғонистон ва Ироқ ҳузур пайдо карданд. Ҳамсоягии НАТО бо Эрон, ки кишварҳои шарқӣ ва ғарбии Эронро низ дар бар мегирад, бо амнияти миллии Эрон нисбати ҷиддӣ пайдо хоҳад кард.

Густариши НАТО ба Шарқ ба таври мустақим ё ғайри мустақим бар амнияти миллии Ҷумҳурии Исломии Эрон таъсиргузор аст. Эрон бо понздаҳ кишвар аз тариқи об ва хушкӣ дорои марзи муштарак аст ва ин кишварҳо дар сутӯҳи мухталиф ба паймони Атлантикаи Шимолӣ ҳамкорӣ доранд. Гарчӣ сутӯҳи ҳамкориҳо яксон набуда аз узвияти комил дар паймон то ҳамкорӣ дар барномаи мушорикат барои сулҳ (PFP)-ро дар бар мегирад, аммо наҳваи ҳамкориҳо ба гунае аст, ки ба самтгирии НАТО ба Шарқ кӯмак мекунад. Амнияте бар ҳасби авомиле, ки дар афзоиш ё коҳиши он таъсиргузоранд, баррасӣ мешавад. Бадеҳӣ аст, ки Эрон идомаи вазъияти кунуниро ба манзалаи таҳдид билқувва барои амнияти худ талафӣ кунад.

***Густариши НАТО ба Шарқ ва таҳдид алайҳи Эрон.*** Масъалаи амният барои ҳама кишварҳо дар шароити кунунии ҷаҳон аз амният ба вижае бархӯрдор аст. Эрон низ аз ин амр мустаснӣ нест, бахусус, ки дар маркази ин таҳаввулот аст ва дар муҳосираи нерӯҳои НАТО ва мавриди таҳдиди мустақими Амрико ва таҳрими Созмони Милал қарор дорад. Аз тариқи Эрон барои касби ҷойгоҳи аввал қудрати минтақа ниёзманди малзумоти касб ҷойгоҳ ва тадобири пешгиранда аз таҳдидот аст. Махсусан ба унвони як кишвари мухолифи Амрико ва рақиби низоми фикрӣ ва ҳукумати минтақа шинохта шуд. Пайваста тавонист бо гурез аз ҳалқаи назорати таҳдид ва фишору таҳрим аз як сӯ ва фурсатёбӣ аз равзанаҳои ихтилоф миёни кишварҳо аз сӯйи дигар аҳдофи худро дунбол намуда, нақшаи худро идома диҳад. Ба назар мерасад, ки марҳиллаи ҷадиди густариши НАТО пас аз Балкан ҳавзаи Қафқоз ва пас аз он ҳавзаи Осиёи Марказиро дар бар гирад. Ин амр метавонад хушдорӣ барои кишварҳои назири Руссия, Чин ва Эрон бошад ва мӯҷиби шаклгирии тавозуни қавоӣ бар хилофи манофеъи ин се кишвар бошад.

Аз дидгоҳи НАТО, манофеи фаровони энергетикӣ ва аҳамияти рӯ ба тазоиди он, мубориза алайҳи терроризм, қочоқи маводи мухаддир ва лузуми барқарории амният ва авомиле ҳастанд, ки ҳузури НАТО-ро тавҷеҳпазир мекунад.

Бо густариши НАТО ба Шарқ Ҷумҳурии Исломии Эрон бо ду чолиши (задухӯрд) ҷиддӣ мувоҷеҳ мегардад. Ин ду чолиш ҳам дар баъди низомӣ ва ҳам дар баъди ғайри низомии нотаи фарҳангӣ мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба сохтори НАТО, ки як ниҳоди ҳамгирои низомӣ мебошад, зарур то ҳамгироии сиёсиро дар пой хоҳад дошт. Пас, ҳамгироии сиёсӣ мутобиқи назарияи вобастагии мутақобил аз як мавзӯъ ба мавзӯи дигар шароит фароҳам меорад ва ҳамкории низомӣю сиёсӣ дар ниҳоят мунҷир ба ҳамкории тиҷорӣ ва иқтисодӣ мегардад. Дар ҳоли ҳозир НАТО дар ҳоли тағйири коркард ва тағйири мавзӯъ нисбат ба соли 1949 мебошад. Дар ибтидо НАТО ҷиҳати ҳифзи амният дар марзҳои аврупоӣ таъсис гардид ва коркарди ин ниҳод коркарди амниятӣ буд. Аммо бо тағйир ва таҳаввулоти қарни гузашта аз таъсиси ин ниҳоди низомӣ шоҳиди тағйири кор кард. Вуруди НАТО ба минтақа асосан ба Шарқ ва бисёре аз кишварҳо, мисли Эронро бо чолишҳои ҷиддӣ мувоҷеҳ хоҳад кард. Ин чолишҳо ҳам дар баъди низомӣ ва ҳам дар баъди ғайри низомӣ хоҳад буд. Аз сӯйи дигар дар шимоли Эрон кишварҳое вуҷуд доранд, ки тамоилоти зиёде барои ҳузур дар НАТО доранд. Чунонки, ҳамакнун бисёре ин кишварҳо пойгоҳҳои худро дар ихтиёри Иёлоти Муттаҳида қарор додаанд. Дар ғарби Эрон ва Ироқ Амрико ҳузури низомии худро дошта Туркия низ қадимаи НАТО аст. Ҳарчанд ба рӯйкор омадани ҳизби «Эътидол» ва тавсианигарониҳои камтаре интизор меравад, вале набояд фаромӯш кард, ки ҳамвора Туркия муттаҳиди аслӣ ва стратегии Исроил дар минтақа маҳсуб мегардад. Дар Шарқ хусусан Афғонистон чӣ дар замони Толибон дар ин кишвар ҳукмронӣ мекарданд ва ҳамвора хатари терроризм дар ин минтақа мавҷ мезад ва чӣ баъд аз суқути Толибон, ки нерӯҳои НАТО дар ин марз ҳузур дошта, амалан иҳотаи комил ба Шарқ, марзҳои ҷумҳурии исломӣ дорад.

Ниҳоят, ҳузури мустамари нерӯҳои амрикоӣ, дар Халиҷи Форс Кувайт ва Қатар, вуҷуди пойгоҳҳои Амрико ҳамвора мӯҷиби нигарониҳои амнияти ҷумҳурии исломӣ мегардад. Ихтилофи марзии Эрон бо Аморати Муттаҳидаи Араб ба сари ҷазоири сегонаи густохи кишварҳои арабӣ, ҳавзаи Халиҷи Форс ҳамвора мӯҷиботи таҳдиди амнияти миллии мо мегардад.

Ба таври мушаххас метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Исломии Эрон акнун дар чанд ҷабҳа бо созмони Атлантикаи Шимолӣ ба сурати ду далел ҳамсаф шудааст. Ба таври куллӣ аз авомили ҳузури ошкор ва пинҳон НАТО дар марзҳои Эрон метавон ба маводи зайл ишора кард:

1. Узвияти Туркия дар НАТО, ки дар ҳама амалиёти НАТО солҳои 1990 пойгоҳҳои хешро ба таври комил дар ихтиёри ҳампаймононаш қарор дода аст;

2. Ҳузури нерӯҳои низомии Амрико ва Англия дар Ироқ. Ҳузури низомии тамоми аъзои дараҷаи аввали НАТО дар Халиҷи Форс ва дарёи Уммон паймонҳои дифоъии муттаадиди онон бо ҳамсоягони ҷануби Эрон ва оғози ҳамкориҳои наздик дар ҳоли тавсиъаи НАТО бо кишварҳои мустақили муштаракулманофеъ дар шимоли Эрон, бавижа равобити рӯ ба густариши НАТО бо Ҷумҳурии Озарбойҷон ва Гурҷистон;

3. Ниҳоят, густариши НАТО ба Шарқ на танҳо барои амнияти миллии Эрон, балки барои амнияти кишварҳои Чин ва Руссия низ як таҳдид аст, магар он, ки вазъияти ҷадиде мубтанӣ бар ҳамкорӣ барои амният ба вуҷуд ояд. Меҳвари аслии он ҳифзи манофеи ин кишвар аз ҷумла, Ҷумҳурии Исломии Эрон буда метавонад. НАТО наметавонад, мавқеияти барҷастаи геополитикии ҷамъият ва тавоноиҳои минтақавии ҳар як аз кишвари мазкурро нодида бигирад.

***Мафҳуми навини стратегия ва масоили Эрону НАТО.*** Рӯйкарди амнияти НАТО дар қаболи масири минтақавӣ ва байналмилалӣ таи солҳои охир ба тадриҷ дучори таҳаввулот шуда, ки намуд ва ҷиҳатгирии мушаххаси онро метавон дар мафҳуми навини стратегии эъломшуда дар аҷлоси Лисабон мушоҳида кард. Табиист, ки бархе аз мавзӯоти матраҳ дар санади ҷадид бо мулоҳизоти амнияти Ҷумҳурии Исломии Эрон рабт ва сайқ дошта бошаду масоили муттаадид бо онро таҳти таъсир қарор диҳад. Пурсиши аслии таҳқиқи пешрӯ ин аст, ки ба мӯҷиби мафҳуми навини рӯйкарди НАТО чӣ гуна тағйир хоҳад кард ва чӣ пайомадҳое барои амнияти миллии Эрон хоҳад дошт? Ҳамчунин саволоти фаръие низ қобили тарҳ аст, ки то чӣ ҳад мумкин аст Эрон масдоқи тарҳшуда дар мафҳуми навин қарор гирад, оё асосан аҷмоъи ҳавли меҳвари Эрон назди аъзои НАТО мумкин ва шуданӣ аст ва НАТО метавонад ҳазинаҳои оламро муттаҳамил шавад?

Тибқи фарзияи таҳқиқ мафҳуми навини стратегияи мабонӣ ҳуввиятёбии НАТО ва таърифи худ ин онро фароҳам оварда аст. Дар мавориди Ҷумҳурии Исломии Эрон матавон мусобеҳи дигари НАТО дар арсае чун сипар дифои мушаки боздорандагии ҳастаии Афғонистон ва ғайра таъриф шавад. Аммо иҷмоъ бар сари таҳдид доштани Эрон дар байни аъзои НАТО амри бисёр душвор аст ва то ҳадди зиёде ба наҳваи амалкарди Эрон ва чигунагии ифои нақш дар арсаҳои мавриди ишора бастагӣ хоҳад дошт.

***Масоили матраҳ дар мафҳуми навин, роҳбурдӣ ва пайомадҳои он барои Эрон.*** Ба таври куллӣ ҳузури НАТО фориғ аз мафҳуми навини стратегӣ дар муҳити пиромуни Эрон мизони ҳамкорӣ ва ҳамроҳӣ бо Амрико дар мубоҳисае чун дифои мушакӣ ва парвандаи ҳастаӣ ҳузур ё мушорикат дар таркиботи амнияти минтақае, ки ба нафъи режими Исроил бошад, барои Эрон таҳдидофарин аст. Аз сӯйи дигар, басти ҳавзаи амалиётӣ ва ҷуғрофии НАТО дар мафҳуми навин метавонад ба ин маъно мебошад, ки НАТО талош хоҳад кард, то ҳар навъ таҳдидро барои марзҳои худ маҳор ва хунасӣ созад. Бар ин асос пешдастона ва пешгирона, ки дар инояти худ муътанӣ бар зеҳнхонӣ аст, матраҳ мешавад. Ҳарчанд ин нукот дар санад зикр нашуда, аммо аз ҷиҳати куллӣ ончунон бардоштҳое истинбод мешавад. Албатта, тавоноии маҳдуди НАТО барои пӯшиш додан ба тамоми таҳдидҳои мавриди ишора ва маҳдудиятҳо маъзилоти фарорӯйии он дар оянда ба лиҳози низомии молӣ ва ҳайати худ далели муҳиме бар ин мудаъост, ки ҷумла пешдастона ва пешгирона дар ростои коҳиши ҳазинаҳо ва мудирияти пайомадҳо ба шакли ҷиддӣ матраҳ аст. Ин навъ нагариш ва рӯйкард бо таваҷҷӯҳ ва чолишҳои муттаъадид байни Эрон ва Амрико амалан барои Эрон таҳдидсоз хоҳад буд. Дар миёни мавориди матраҳшуда дар мафҳуми навини стратегӣ масоили зер дар кӯтоҳ ва миёнмуддат барҷастатар ва дорои пайомадҳои мулмастар барои Эрон хоҳад шуд.

***НАТО, чолишҳои пешрав ва амнияти ҶИЭ.*** Равобит миёни ҷавомеи муттаҳид дар давраҳои гуногун фароз ва нишебиҳои бисёреро пушти сар гузоштааст. Ин дигаргуниҳо доманаи густурдае аз сари инзоталабӣ то давраи иттиҳодҳоро дар бар мегирад ва куллияти раванди такомули он ба сӯйи ҳамкории бештари ин ҷавомеъ майл дошта аст. Гарчи, тамаддунҳо дар гузашта дар инзавоӣ аз якдигар умр ба сар бурданд, аммо бо мурури замон ҳамкорӣ дар арсаҳои мухталиф ҳини воҳидҳо гутариш ёфт.

Дар арсаи ҷадид барои касби ҳифз ва афзоиши қудрат, таъмини манофеъ ва амнияти миллии худи давлатҳо ба шакли конфронс ва таъсиси созмонҳо иттиҳодҳои низомӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва монанди он рӯй оваранд. Дар ин миён густариши васоили иртиботӣ ҳамроҳ бо пешрафти технологии ҷавомеъи мухталиф муҷиби афзоиши шинохти ин ҷавомеъ аз якдигар аст. Ин аср низ ба огаҳ аз манобеи муштарак мавҷуд ва сипас шаклгирии иттиҳодҳо ва эътилофҳо анҷомид. Бинобар ин аз сӯйи дигар, метавон зуҳури созмонҳои байналмилалиро маҳсули асри густариши иртибот донист. Ин созмонҳо бар мабнои се унсур ташкил шудаанд: Нахуст паймоне, ки миёни аъзо мунъақид мешавад ва аз нигоҳи сиёсӣ маъруфи идораи сиёсӣ барои ҳамкорӣ дар заминаҳои мушаххас аст. Дувум, сохтори ташкилоте, ки истимрор ва суботро дар анҷом вазифаи созмон тасмин мекунад. Савум, абзорҳо, ки шомили вазоифи ихтиёрот ва ҳавзаи салоҳият буда, мизони мушаххас аз истиқлоли амалро барои созмон ва дар иртибот бо аъзо таъриф карда мешавад.

Метавон фарз кард, ки вуҷуди манофеи миёни воҳидҳои бойгар нахустин гом барои эҷод ва ё пайвастан ба як созмони байналмилалӣ маҳсуб мешавад. Г. Аснайдр дар баҳси марбут ба наҳваи шаклгирии иттиҳодияҳо ва илали пайвастани кишварҳо ба онҳо манофеи кишварҳоро ба ду даста – ом ва хос тақсим мекунад. Мутобиқи назари вай манофеи ом, ки ношӣ аз сохтори низоми байналмилал ва

мавқеъияти ҷуғрофии як кишвар аст, дар тӯли таърих ҳуввияти кишварҳо ба сӯйи эҷоди иттиҳодҳо ва эътилофҳо дар баробари таҳдидоти муштарак нақши чашмгире ифо карда аст, ки кишварҳо бар хилофи муттаҳид шудан ба якдигар дар айни ҳол даруни чорчӯби паймон муънақид шуда, дар муқобили дигарӣ, ҳамчунон рақобат бо якдигарро низ идома медиҳанд. Онҳо ба дунболи таъмини он даста аз манофеи худ ҳастанд, ки дар ин ҷо аз онҳо ба унвони манофеъи онҳо ёд шудааст. Ҳамчунин ин имкон низ вуҷуд дорад, ки воҳидҳои сиёсӣ барои таъмини ин манофеъи хос ба эҷоди эътилофҳои ҷадид даст бизананд.

***Таҳаввул дар рӯйкардҳо ва стратегияҳои НАТО ва Эрон.*** Дар фазои баъд аз ҷанги сард то кунун НАТО ва Эрон дучори таҳаввулоте шудаанд. Ҷиҳати дарки ҷойгоҳи Эрон дар рӯйкарди фароминтақаи НАТО умдатарин таҳаввулот дар рӯйкардҳо ва стратегияҳои НАТО ва Эрон баъд аз ҷанги сард ба шарҳи зер мебошад:

А) Таҳаввул дар рӯйкарди фароминтақаи НАТО. Талоши НАТО ҷиҳати ҷаҳонӣ кардани худ, таҳввулот дар моҳият, аҳдоф, амалиёт ва рӯйкарди фароминтақае аз умдатарин таҳаввулоти НАТО дар ин фазо будааст. Аз умдатарин таҳаввулоти махфии аҳдофи НАТО метавон ба таҳвил дар моҳияти вуҷуди ин созмон бар мабнои аснод ва аҳдофи стратегии ин созмон баъд аз ҷанги сард то кунун ишора кард. Рӯйкарди фароминтақаи НАТО низ фароҳӯри ин таҳаввул дар моҳияти НАТО аз поёнии ҷанги сард то кунун таҳаввулоти зиёдеро пушти сар гузошта аст.

Рӯйкарди фароминтақаи НАТО дар меъмории ҷадиди байналмилалӣ иртиботи танготанг бо шароити ҷадиди стратегӣ, амниятӣ, иқтисодӣ ва иттилоотӣ, таъомулот ва ниёзҳои қудратҳо дар ҳоле зуҳур дорад чун қутб – коммунизм ва либерализм таъйинкунандаи равобит миёни бозигарони байналмилал аз ҷумла, амалиёт ва моҳияти вуҷуди НАТО дошт. Дар фазои ҷадиди байналмилалӣ баъд аз поёнии ҷанги сард махсусан, дар пайомадҳои ҳаводиси 11 уми сентябр тартибот, илзомот ва сенорҳои ҷадиде пешрӯйи ин созмони байналмилалӣ қарор гирифт. Яке сӯйи ин илзомот марбут ба тағйир дар маркази сиқали қудрати низоми ҷаҳонӣ баъд аз поёни ҷанги сард ба сурати марҳилае аз ҳавзаи аврупоии Атлантика, ҳавзаи Евразия ва Осиё посфик будааст.

Ин тағйири сиқали марокизӣ боис гардид, ки бозигарони муҳиме ҳамчун Амрико манофеи гегемонистии худро дар хатар дида, сайъ намоянд, аз куллиятсозӣ ва корҳои мавҷуди худ аз ҷумла, НАТО ҷиҳати истифодаи ҳадди аксар дар масири амоили стратегии амният ва сиёсати худ ниҳоят баҳрабардориро дошта бошад. Махсусан, густурда шудани ҳавзаи амалиёт ва маъмуриятҳои фароминтақаи НАТО дар ҳавзаҳои шарқии Эрон дар қолаби барнмаҳои мушорикат барои сулҳи PFP ва ё тарҳи айдаи НАТО-и ҷаҳонӣ ва амалиёти НАТО дар Афғонистонро бояд аз ин манзар мавриди таваҷҷуҳ қарор дод. Нуқтаи калидии мундариҷ дар амалиёт ва канишгарии НАТО дар ин ҳавза мубтанӣ бар муҳори бозигароне чун Эрон, Руссия, Ҳинд, Чин ва дигар бозигарони навзуҳур дар масири амалиёти геополитики фароатлантик аст, ки намунаи комили он созмони ҳамкории Шанхай аст.

Б) Таҳаввул дар рӯйкарди фароминтақаи Эрон. Аз сӯйи дигар Эрон низ дар ин фазо дучори тағйироте дар моҳияти сиёсӣ, сиёсати хориҷӣ, стратегияҳо ва амалиёт, аҳдофу қарори минтақаашро мубтанӣ бар мулоҳизоти мухталифи миллӣ ва исломӣ дар қолаби стратегӣ ва техникӣ амалиёт намояд. Махсусан, тағироти шаклгирифта дар ҳавзаи сиёсати хориҷӣ ва стратегияҳо ва рӯйкарҳои фаросарзамини Эрон, ки дар ин росто бояд мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор гиранд. Баъд аз ҷанги сард ва бо рӯйи кор омадани нахбагони ҷадид дар ҳавзаи таҳаввулоти дохили Эрон, ҳавзаи маъмуриятҳо ва амалкарди сиёсати хориҷии Эрон батадриҷ дучори таҳаввулот шуд.

Таниши зудоӣ дар арсаи сиёсати хориҷии Эрон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт ва тавҷеҳ ба бозигарони матраҳҳои мухталифи сиёсати хориҷии Эрон қарор гирифт. Ин рӯйкарди сиёсати хориҷии Эрон ҳамзамон бо ҳодисаи 11-уми сентябр пайгир шуд ва Эрон ҳамкории муштаракро бо ҷомеаи байналмилалӣ дар фазои баъд аз ҳодисаи 11-уми сентябр бо бозигарони аслии низоми байналмилалӣ дар ҷанг бо терроризм дар Афғонистон ва Ироқ дошт. Бо таваҷҷуҳ бо нодида гирифтани рӯйкарди муштарак ва созанда Эрон қуболи таҳаввулоти фавқи бозигарони матраҳи байналмилалӣ рӯйкарди ғайри мунзифона ва табъизиомиз дар муқобили Эрон дар пеш гирифтанд. Лизо, Эрон ҳамзамон бо таҳаввулот дар арсаи дохилиаш солҳои баъд аз ҳодисаи 11- уми сентябр ба тадриҷ таваҷҷуҳ ба бозигарони осиёӣ ва ҳамкориҳои Ҷануб ҷанубро дар дастури кори сиёсати хориҷии худ қарор дод.

Ҷойгоҳи Эрон дар рӯйкарди фароминтақаи амниятии НАТО бо таваҷҷуҳ бо ин фазо дорои абъод ва пайомадҳое аст. Дар фазои мавҷуд на Эрон ва на НАТО дар муқобили якдигар ҳеҷ стратегияи мансаҷабе надоранд. Бо ин вуҷуд дар тарсими аҳамияти Эрон дар ҷойгоҳи НАТО ба се муаллифии равобити Эрон ва Амрико, мавзӯи фаъолиятҳои ҳастаии сулҳомези Эрон ва мафҳуми ҷадиди стратегияи НАТО таваҷҷуҳи ҷиддӣ дошт. Ин масъала боис шуд, ки ду бозигари фавқ аз манзари сиёсӣ, стратегӣ, иқтисодӣ, энергетикӣ, фарҳангӣ ва ҳатто экологӣ ба якдигар бештар таваҷҷуҳ намоянд. Зимни ин, мазоёи нисбӣ ва аҳамияти геополитикии стратегияи Эрон низ боис шуд, ки ин ду бозигар нисбат ба кунишгарии якдигар дар ҳавза манофеи тавҷеҳи ҷиддӣ дошта бошанд.

Пайомадҳои абъоди таваҷҷуҳи ин ду бозигар ба якдигар низ бояд ба утфи таваҷҷуҳ вижа, ба рӯйкарди дугонаи НАТО дар қиболи Эрон бинори далоили муттаъадӣ, рӯйкарди дугона, талош барои

ҳамроҳсозӣ ва кӯбидан дар табли душманӣ бо ин кишварро дар пеш гирифта аст. Ин масъала боис шуда, ки Эрон дар муқобили чаҳорроҳӣ аз гузанаҳо ҳамонанд, ки ҳамкорӣ, муқобатаи абҳом ва ё амалгароӣ дар таъмил ё тақобил бо ин созмон қарор гирад. Ба ҳар ҳол низоми навини осиёӣ, аҳдофи сиёсати хориҷӣ ва тафаккури исломӣ, минтақаи ёрон боис шуд, ки ин кишвар дар маҷмӯъ рӯйкарди таҳдиднигарро дар муқобили НАТО дар вазияти мавҷуд иттихоз намояд ва аҳдофу амалиёти ин созмонро махсусан дар муҳити пиромунияш ба унвони манбаи ноамнӣ дар назар бигирад.

Дар нуктаи муқобил ҳам бояд ишора дошт, ки мадли мудохилагароёна мубтанӣ бар низомигарӣ ва пайомадҳои даҳшатноки фармондеҳӣ амалиёти нерӯҳои ISAF тавассути НАТО дар Афғонистон ва муҳим будани ҷойгоҳи кунишгарӣ созанда ва мавсари Эронро дар қолаби сохтори НАТО ва ё аз тариқи равобит аз кунишгарии хос бо кишварҳои узви ин созмон дар пеш гирад. Ба ростӣ, бо таваҷҷуҳ ба ин абъоди пайомадҳо чӣ гуна метавон дар иртибот бо ояндаи равобити Эрон ва НАТО баъд аз аҷлоси Лисибун (19-20 уми ноябри соли 2010) таърифи сӯҳбат ба миён овард?

Дар посух ба саволи фавқ бояд ду муттағири шабоҳатҳо ва тафовутҳои манофеи ин ду бозигарро, махсусан, дар фазои баъд аз иҷлоси Лисабон мавриди мулоҳизаи ҷиддӣ қарор дод.

***Ояндаи равобити Эрон ва НАТО: сенарияҳо ва гумонзаниҳо.*** Бо таваҷҷуҳ ба маҷмӯи ин мавзӯот ва таҳлили рафтору гуфтумони ин ду бозигар ба муқобили якдигар дар оянда равобити ин ду бозигар маҷмӯан, дар қолаби ду сенарияҳо - хушбинона ва бадбинона ба шарҳи зайл қобили тавсиф, аст:

- сенарияҳои хушбаёна (шомили сулҳи нисбӣ, таъомули созанда, даргирсозӣ, мушорикати стратегӣ, муомилаи бузург, мадли амниятсозӣ);

- сенарияҳои бадбинона (шомили гузинаи низоми душмансозӣ, изулатсозӣ ва дипломитияи иҷборӣ, амниятсозии фароянда ва боздорандагӣ).

Ба назар мерасад, ки мадди сулҳи нисбии амниятсозӣ ва бордорандагӣ ҷиҳати тавзеҳи даврнамоии равобити ин ду бозигар бо воқеят наздиктар аст. Ба ҳар ҳол таҳқиқи амалии ҳар кадом аз аз сенарияҳои фавқ дар равобитиояндаи ин ду бозигар бастагӣ ва таҳқиқи бисёре аз муҳосиботи стратегӣ мавҷуд ва муттағирҳои зиёд ва аз ҷумла мавзӯи фаъолиятҳои ҳастаии сулҳомези Эрон ва навъи таъомулоти Эрон ва Иёлоти Муттаҳида дошт.

Тавсияҳои зер мавориде ҳастанд, ки дар фазои мавҷуд метавонад, таъминкунандаи манофеи миллии Эрон дар бистари мавҷуди равобити Эрон ва НАТО бошад. Бадеҳист, ки тавсияҳои зер танҳо бар асоси нигариш ба бозигарӣ вокунишгарии Эрон (на НАТО) дар ин заминаҳо қобилияти тарҳ доранд. Ин тавсияҳо ба шарҳи зер мебошанд:

1). Поиши ҳадафманди таҳаввулот ҷиҳати дастёбӣ ба як ҳадафгузории мушаххас дар ин ҳавза бо як рӯйкарди ҳалулмасоилнигар ва аҷмоъи гуна дар миёни нахбагони эронии ин ҳавзаи сиёсати хориҷӣ; 2) Боз таърифи бархе аз ҷанбаҳои таъомули Эрон бо НАТО дар фазои баъд аз иҷлоси Лисабон, мадди назар қарор додани ҷанбаи маъмуриятҳои ин созмон дар қарни ХХ; 3) Таомули бештар ва маътуф ба ҳадафи Эрон бо кишварҳои таъсиргузортари узви НАТО ҳамонанд. Туркия ва наздикии бештари Эрон ба кишварҳои муњъатифтар дар сохтори НАТО ҷиҳати таъдили рафторҳои тахасусии эҳтимолии НАТО дар ин ҳавза бар алайҳи Эрон; 4) Тақвияти дипломатӣ ва ҷилавгирӣ аз талфиқ шудани мавзӯот ва маъзалоти сиёсати хориҷии Эрон дар сохторҳои ниҳодии НАТО дар фазое, ки низоми байналмилалӣ саъй дорад, гузинаи таҳрим ва ташдиди таҳримро ба сурати ғайримунзифона ва ғайриодилона бар алайҳи Эрон пеш бигирад; 5) Таваҷҷуҳи амиқтар, дугона ва муттавозинии коргарони сиёсати хориҷии Эрон дар ҳавзаи масоили НАТО ба сенарияҳо муҳтамали хушбинона ва бадбинона дар равобити байни ин ду бозигар ва ҳадди аксари мусолиҳагароии Эрон бо ин ниҳоди байналмилалӣ мубтанӣ бар усули ҳукумат, иззат ва мусолиҳат дар масири ҳадафи таърифшуда таъомули созанда дар санади чашмандози бистсолаи кишвар.

***Таъсири густариши НАТО бар асоси амнияти миллии Эрон.*** Бо хотимаи ҷанги сард ва фурӯпошии душмани аслии НАТО интибоқи ин созмон ва ба сохторҳои амниятии Аврупо бо авзои ҷадиди байналмилалӣ ба машғалаи авзои он табдил шуд. Дар чунин авзое, таи чанд соли охир, қудратҳои ғарбӣ дар пайи он буданд, ки то аз тариқи густариши НАТО кишварҳоеро, ки мумкин аст, рӯзе дар оянда ба узвияти маҷдиди блоки Россия дар оянда беш аз беш аз мадори Маскав давр ва адғоми онҳоро дар блоки худ тасмин кунанд.

Чунончӣ, НАТО ба манзури ба иҷро гузоштани тарҳи тавсиаи ҳавзаи амниятии худ тарҳӣ мушорикат барои сулҳи НАТО-ро, ки дар бардорандаи кишварҳои Аврупои марказӣ, шарқӣ ва ҷумҳуриҳои Осиёи марказӣ ва Қафқоз низ буд, ба иҷро даровард, шавоҳиди гӯёи он аст, ки Амрико мехоҳад таъсири худро барои Осиёи марказӣ ва Қафқоз аз тариқи НАТО густариш дода, аз он тариқ манофеи сиёсии Россия, Чин ва Эронро дар минтақа тахъиф кунад. Истиқрори НАТО дар минтақаи ҳасос ва стратегии Осиёи марказӣ ва Қафқоз метавонад мавқеияти муносиберо барои фишор бар Ҷумҳурии исломии Эрон ва танг кардани ҳалқаи муҳосирае, ки бахусус аз замони ишғоли ду кишвар чун Афғонистон ва Ироқ ба дасти нерӯҳои амрикоӣ ва муттаҳидонаш ба вуҷуд омадааст, эҷод кунад.

***Таҳдиди низоми сиёсии Эрон.*** Ҳангоме ки барои нахустин бор сӯҳбат аз густариши НАТО ба Шарқ матраҳ шуд, давлатмандони кишварҳои умдаи НАТО ва дар рости онҳо амрикоиҳо ба вазъ эҳдом доштанд, ки барои узвият дар НАТО шароите вуҷуд дорад. Ба маънои дигар онҳо

наметавонанд ҳар кишвареро, ки ба хоҳони узвият дар НАТО бошад, дар мақоми узви ҷадид бипазиранд. Онҳо ба таври шафоф баён намуданд, ки кишварҳое метавонанд узви НАТО шаванд, ки демократияро пазируфта ва асоси онро ба иҷро дароварда бошанд. Аз дидгоҳи Созмони паймони Атлантикаи Шимолии НАТО ҳадафи аслӣ ва вуҷудии ин маҷмӯа дар маҳор ва нобуд кардани тамоми монеаи билқувва ва билфеъл дар роҳи тавсиаи сармоядории лейбиралистӣ мебошад. (Тайиб С., 1378, с.68-69).

Бинобар ин кишварҳои мустақил дар Қафқоз ва Осиёи Марказӣ бихоҳанд ба узвияти НАТО дар оянда бояд низомҳои демократӣ, ғайримазҳабиро тақвият ва ҳатто, тасбит карда бошанд. Ин дар ҳолест, ки низоми сиёсии мустақил дар Эрон бар ду поя – ислом ва ҷумҳурият устувор гаштааст. Навъи таҷрибаи ҷадид, ки баъди дини он таъораз бо ҳукуматҳои ғайримазҳабии секулори минтақа ва фишорҳои музоифро барои тағйиру таъдили низоми сиёсии Эрон дар пай дошта бошад.

Ироаи ин баҳс аз ин ҷиҳат аҳамият дорад, ки ба ин нукта таваҷҷӯҳ шавад. Баъд аз поёни ҷанги сард, ба аъзои НАТО, барои тавҷеҳи фалсафаи вуҷудии ин паймон дар вазоифи маъмуриятҳо ва вазоифи ҷадиде барои он дар назар гирифтанд. Аз ҷумла, вазоиф ва маъмуриятҳои ҷадид, мудирияти бӯҳрон ва мушорикат дар амалиёти сулҳ аст. Осебпазирии Эрон дар ин мақола ҳангоме ошкор мешавад, ки ба ин масъалаи сиёсӣ таваҷҷӯҳ шавад, ки бо густариши НАТО дар марзҳои Эрон баҳрабардории сиёсӣ тавассути НАТО бавижа Амрико барои афзоиши фишор бар Эрон ба баҳонаҳои мухталиф ҳамчун нақзи ҳуқуқи башар ё нақзи ҳуқуқи ақаллиятҳои қавмӣ вуҷуд дорад. Раванди густариши НАТО ба манотиқ перомуни Эрон таҳққиқ ёбад. Метавон гуфт, ки ҳокимияти ҶИЭ бо ситезаҷӯйӣ ва таҳдидоте мувоҷеҳ хоҳад шуд, ки метавонад ба шакли таҳдидоти амнияти миллӣ ҷилвагар шавад.

Мусаллам аст, ки ҳузури НАТО, ки Амрико муҳимтарин узви он маҳсуб мешавад ва нақши аслиро дар он бозӣ мекунад, дар манути перомуни Эрон таҳдидотеро ба дунбол дорад. Бинобар ин лозим аст ҶИЭ кишваре, ки аз ҷойгоҳи ҳасос дар минтақаи Ховари Миёна бархӯрдор аст, ба таҳаввулоти ҷорӣ ва ҳассос буда, мулоҳизотеро дар тадвини сиёсати хориҷӣ ва стратегии амниятӣ дар назар бигирад. Ҳеҷ гоҳ мисли имрӯз сиёсати хориҷӣ чунин пӯё ва мунтаҷ аз таомили се сатҳи бисёр мутаҳаввул аз зиндагии иҷтимоӣ набудааст: Сатҳи дохилӣ, сатҳи минтақавӣ ва сатҳи байналмиллалӣ. Он чи дар сиёсати дохилии як кишвар анҷом мегирад, робитаи пӯё ва мутақобил бо муҳити берунӣ дорад ва наметавон онро аз муҳити берунӣ ва феълу интиқолоти марбут ба он ҷудо кард. Муҳити берунӣ низ дар узви мутаасир аз таҳаввулоти дохилӣ аст:

- дар сатҳи дохилии миллӣ муҳимтарин таҳдиде, ки густариши НАТО метавонад мутаваҷеҳи амнияти миллии Эрон кунад, баҳрабардории ин созмон аз ноҳияи қавмиятҳо ва тафриқаафканӣ дар байни онҳост. Муҳимтарин абзор барои дармони ин осебпазирӣ воқеиятҳои гуногуни фарҳангӣ ва қавмӣ дар ҷомеаи эронӣ аст. Дар ин имтидод таксиргароии фарҳангӣ пешниҳод мешавад, ки бо ин сиёсат ва коҳиши табъиз байни ақвом ва пазириш нисбати фарҳангӣ заминаҳои нуфуз коҳиш пайдо мекунад. Дар заминаи сиёсӣ низ ҷиддӣ гирифтани тавсиаи сиёсӣ тавассути ҳокимият ва пойбанд будан ба лавозими он метавонад ҶИЭ-ро дар муқобили анвои таҳдидҳо бима кунад. Чаро ки бо муҳаё кардани заминаи мушорикати сиёсии мардум, машруияти низом афзоиш пайдо мекунад ва кишвар хоҳад тавонист таҳдидҳоро ба фурсат табдил кунад. Чунончи, дар соли 1376 бо мушорикати бештарин ройдиҳанда дар интихоботи раиси ҷумҳурӣ таҳдидоти ҷиддии Амрико ва кишварҳои аврупоӣ аз байн рафт ва низоми ҶИЭ тасбият гардид.

- дар сатҳи минтақавӣ маъмулан, кишварҳо барои муқобила бо таҳдидоти хориҷӣ роҳбурди иттилофро бармегузинанд, вале мутаассифона, ин роҳбурд дар хусуси Эрон қобили иҷро нест, чаро ки умуман кишварҳои ҳамсояи Эрон ба шиддат вобастагии сиёсӣ ва амниятӣ доранд.

- дар сатҳи фароминтақавӣ равобити дифоӣ-амниятии Эрон бо кишварҳое ҳамчун Руссия, Чин, Ҳинд ва аврупоиҳо стратегия арзёбӣ намегардад. Он чи мушаххас аст, ин кишварҳо дар мувоҷеҳ бо авзоъ ва рӯйдодҳои мухталиф бо дар назар гирифтани манофеи миллии худ амал мекунанд. Бинобар ин сӯроххои мавҷӯд миёни ин кишварҳо бо Амрико – узви дараҷаи аввал ва мутанаффузи НАТО, дар кӯтоҳтарин муддат наметавонад посухгӯ бошад. Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки ихтилофоти Аврупо бо Амрико моҳавӣ набуда, балки матуф ба манофеъ ва ҷойгоҳи Аврупо ва адми тамоили Иттиҳодияи Аврупо ба нодида ангошта шудан дар низоми оянда аст.

ҶИЭ-ро боисти ба муқтазои манофеъ ва амнияти миллии хеш зарфияти ҳамкорӣ бо ҳамаи кишварҳо ва созмонҳои минтақавӣ ва фароминтақавиро дошта бошад. Моҳияти геополитикии Эрон ба гунаест, ки бидуни қоидамандӣ иртиботаш бо марокизи қудрати ҷаҳонӣ наметавонад ба ихтилофҳои минтақавӣ дар ҳавзаҳои мухталиф даст ёфт. Чунончи, Эрон битавонад дар барномаҳои НАТО назири мушорикат барои сулҳ ширкат кунад, хоҳад тавонист аз шиддати таҳдидот бикоҳад. Албатта, дар ҳоли ҳозир дар назар гирифтани назорати НАТО ба дасти Амрико ва рақобатҳои Эрону Амрико наметавон зиёд баояндаи ҳамкории Эрону НАТО умедвор буд. Ҳарчанд ки ҳамкориҳои маҳдуд ва ба сурати таҷрибавӣ дар уфуқи эҳтимолот ба чашм мехӯрад, музокирот бидуни натиҷаи ниҳоӣ бар сари ҳамкории Эрон ва НАТО бидуни имтиёз нест ва метавонад ба эҷоди эътимод кӯмак кунад ва муқаддимае барои музокироти баъдӣ бошад.

**АДАБИЁТ**
1. Карпенко Е.А . Военная стратегия стран ССАГПЗ и проблемы безопасности зоны Персидского залива// Социально-гуманитарное и политологическое образование, 2003. – С.54.
2. Крупнов Ю. США переформатируют свою «бензоколонку» - Большой Ближний Восток. 24.02.2011 г. http://www.bibliofond.ru/view.aspx?id=6357.
3. О долговременной стратегии США в Каспийском регионе и практических шагах по ее реализации. Аналитический доклад.// Евразийский вестник.-2003.- № 22.

## НАТО И БЕЗОПАСНОСТЬ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН

Исламская Республика Иран является развивающимся государством и более известен натянутыми отношениями с Западом, своей ядерной программой, шиитской идеологией и нарастающими международными санкциями. Иран США пытается любой ценой взять под свою опеку. Американо-иранские отношения в последные годы являются одной из самых популярных тем международной политики. В данной статье автор рассматривает проблемы безопасности Исламской Республики Иран и еее отношения с США.

**Ключевые слова:** Иран, США, НАТО, смягчение санкций, сокращение объема санкций, сотрудничество с международным сообществом, угроза существованию человечества.

## NATO AND THE SECURITY OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN

The Islamic Republic of Iran is a developing country and more famous strained relations with the West, its nuclear program, the Shiite ideology and the growing international sanctions. Iran tries at all costs to take under his wing. U.S.-Iranian relations in the last years is one of the most popular topics of international politics. In this article the author examines the security issues of the Islamic Republic of Iran and the Eee relations with the United States.

**Key words:** Iran, the U.S., NATO, an easing of sanctions, a reduction in sanctions, cooperation with the international community, the threat to the existence of mankind.

**Сведения об авторе:** ***Али Шуджоифард*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

# МОҲИЯТИ ВАҲЙ ВА ХИРАД ДАР АНДЕШАИ ИБНИ СИНО

***Тақиқони Сайёда Зуҳро***
**Пажўҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Масъалаи ваҳй аз масоили асосии ҳавзаи диншиносӣ маҳсуб мешавад ва яке аз фусули муҳимми каломи чадид ва фалсафаи динро ба худ ихтисос дода, таҳти унвони таҷрибаи динӣ тафсир ва таҳлил мешавад. Файласуфон, мутакаллимон ва муфасирони мусалмон низ ин мавзуъро аз чанбаҳои гуногун мавриди баҳс қарор додаанд ва ин навиштро дар пайи табйини Насуруллоҳ яке аз бузургтарин файласуфони мусулмон, яъне Ибни Синост ва назари ӯ дар ин хусус меҳвари ҳамаи тафсирҳои файласуфони мусулмон ва мутакаллимони ақлгаро дар ҷаҳони ислом маҳсуб мешавад. Ибни Сино падидаи ваҳйро мутаносиб бо низоми фалсафии худ аз ҳайси равишӣ ва сохторӣ мавриди баҳс ва таҳлил қарор додаст ва Руҳулқудус ё фариштаи ваҳӣ дар назари ӯ ҳамон хиради замон аст, ки маҳзани илмҳо ва маориф ва файз аст. Гирандаи вай бештар бӯъди ақлонии наб, яъне мартабаи ақли қудсии ӯст, ки дар партави истеъдоди зотӣ ва такомули вуҷудӣ ба мақоми иттисоли хосе бо ақли фаъол ноил гаштааст. Бар пояи ин дидгоҳ нақши набӣ бар мартабаи ақли қудсӣ бо ақли фаъол муртабит мегардад ва хаёли такомулёфтаи ӯ ба шикори маҳсули ин иртибот мепардозад ва онро ба сурати шабеҳи хаёлидорӣ миқдор ва абъод дармеоварад. Сипас, ин сувари хаёли ба ҳисси муштарак сарозер мешавадва аз он ҷо дар ҳавоси набӣ зоҳир мешаванд [1].

Ҳастӣ назди Ибни Сино ба ҳавзаи воҷиби таолӣ ва мумкинот тақсим мешавадва робитаи ин ду ҳавзаи ҳастӣ бо ҳамдигар бар асоси асли иллият ва лавозими он шакл мегирад. Ба гунае ки аз воҷиб-ул-вуҷуди басит танг мавҷуд ба номи ақли нахустинсодир мешавадва аз ақли нахустин бо таваҷҷуҳ ба ҷиҳоти сегонаи он се мавҷуди дигар, яъне ақли дуюм, фалаки аввал ва нафси фалакӣ эҷод мешавад. Аз ақли дуюм низ ақли сеюм, фалаки дуюм ва нафси он фалак ба вуҷуд меояд. Наҳваи хилқат ба ҳамин сурат идома меёбад ва теъдоди ақлҳо дар ақли ваҳм мутаваққиф мешавад ва аз ақли ваҳм низ олами таҳти курраи Қамар, яъне модда ва сурат эъҷод мешавад ва дар партави аъдод ва заминасозии ҳаракатҳои дури афлок ва файзбахшии ақли фаъол қавн ва фасод ҷорӣ дар он ба ҳодисаҳои рӯзона шакл мегирад [2].

Мабонии хастишиносии хирад дар андешаи Ибни Сино. Нуктаи қобили таамул дар хусуси низоми ҳастишиносии Ибни Сино марзбандии олами мумкинот дар назари ӯ мебошад. Ба таври куллӣ дар як тақсимбандии дигаре низоми ҳасӣ дар назари вай ба ду сохти мутафовит, аммо муртабит бо ҳамдигар тақсим мешавад. Масоҳати муҷаррадоти соҳоти мавчудоти моддӣ соҳоти мавчудоти

мачаррад аз содири аввал оғоз шуда, дар вучуди хиради фаъол ба итиҳо мерасад. Ин даста аз мавчудот орӣ аз модда ва сифати моддианд ва Айни таақкул мебошад ва ба ҳамин чиҳат ба уқул мавсум гаштаанд. Масоҳати маълулҳои моддӣ низ ду дастаанд, ё маъмулҳои комилан моддианд, мисли чомедот ё нуфуз мутааллиқ ба моддаанд, мисли нуфузи фалакӣ ва инсонӣ. Бинобар ин , мусалам ин аст, ки низоми ҳастӣ дар назари Ибни Сино мухтас ба олами моддӣ нест, балки барои ин олами маҳсус низ олами фарох ва фаъоле аст, ки ин олами машҳуд ва махсус дар муқоиса бо он бисёр паст ва беарзиш аст.

**Мабонии инсоншиносӣ ва масъалаи хирад дар андешаи Ибни Сино.** Инсон дар назари Ибни Сино мавчуди муташаккил аз ду бӯъд- рӯҳонӣ ва чисмонӣ аст. Бӯди чисмонии маҳсус бениёз аз исбот аст, аммо бӯди рӯҳонии ӯ мучаррад ва ғайримоддӣ аст ва тачарруди он аз тариқи бурҳон исбот мешавад [3].

Нақши одамӣ аз назари Ибни Сино ҳодис ба ҳудуси замонист. Ба гунае ки пас аз таквини бадан ва эътидоли он таввасути ақли фаъол мешавад ва ба тадбири бадан мепардозад. Бинобар, ин нафс дар ҳангоми ҳусуди бадани муносиб чиҳати хизмат ба он ҳодис мегардад ва ин баъдан мамлакат ва абзори он қаламдод мешавад. Дар воқеъ ин нафсдар бадви пайдоиш мавчуди муччарадест,ки чиҳати идораи кишварибадан ба во воситаи хиради фаъол ъчод мешавад ва робитаи он бо бадан пас аз эчод низ, як робитаи тадбирӣ ва иштиғол мебошад.

Нуқтаи қобили тааммул дар иборахои Ибни Сино он аст, ки нафси одамӣ ба назари ӯ зотан собит аст ва маориф ва аъмоли ӯ дар тӯли ҳаёташ танҳо аворизи он ба шумор меравад ва нақш дар такомул ва таҳаввул чавҳараи он надорад. Ин матлаб мавлуди номубораки инкори ҳаракати чавҳарӣ ва иттиҳоди омил ва маъкул тавассути Ибни Сино аст. Нафс мутаалиқ ба бадани чисмонии дорои қувваҳои идрокии мухталифест. Ин қувваҳо дар як таксимбандии куллӣ ба ду дастаи зоҳирӣ ва ботинӣ тақсим мешаванд. Қувваҳои зоҳирӣ ҳамон ҳавоси панчгона бо шохаҳои мухталифаш ҳастанд. Ин ҳавос панчараҳо ва чосусҳои нафс барои шткори додаҳои мухталифаш хастанд. Ин хавос панчараҳо ва чосусҳои нафс барои шикори додаҳои ҳиссӣ ҳастанд ва сувари ҳиссӣ аз тариқи ин панчараҳо ба дастгоҳи идрокӣ рох ёфта, батадрич аз модда ва лавоҳақи он уриён гашта, ҳолати моликият ва тачаррудба худ мегирад.

Ҳавоси зоҳирӣ дар андешаи машои бо таваччуҳ ба дидгоҳи хоси онхо дар мавриди идрок аз чойгоҳи Хосе бархурдор ҳастанд. Қувваҳои идрокии ботинии нафс, ки ба идроки умури чузъӣ мепардозанд, иборатанд аз: ҳисси муштарак, хаёл, ҳофизаву мутахайила, ҳиссӣ муштараки нахустин аз ботини нафс аст. Ин қувва махзане аст, ки додаҳои ҳиссӣ аз равзнhвҳои ҳавос ба он чо сарозер шуданд ва дар он нақш мебанданд. Қувваи хаёл дувумин ҳисҳои аз ботинии нафс аст. Ин кувва хазинаест, ки сувари нақшбаста дар ҳиссӣ муштарак пас аз ғайбати махсусот дар он чо бойгонӣ мешаванд ва вазифаи ин қувва ҳифзи додаҳои ҳиссӣ аст.

Қувваи дигари нафс қувваи ваҳм аст. Ин қувва сеюмин қувва аз қуввахои ботинии нафс аст ва вазифаи он идроки маони чузъият мутааллиқ ба маҳсулот аст.

Қувваи ҳофиза яке аз дигар аз қувваҳои ботинии нафс аст. Ин қувва махзан ва ҳофизаи маонии чузъият аст ва нисбати он ба қувваи ваҳм ҳамчун нисбати хаёл ба ҳиссӣ муштарак аст.

Қувваи мутахайила ҳам яке аз қувваҳои ботинии нафс маҳсуб мешавад ва аз чойгоҳи Хосе бархурдор аст. Вазифаи ин қувва таркиб ва таҳлилии сувари хаёлӣ ва ваҳмӣ аст.

Ибни Сино дар ҳавзаи хиради назарӣ ба мартабае болотар аз ақл дар бархе аз инсонҳо мутақид аст ва ӯ ин мартабаро қувва ё хирад қудсӣ меномад. Тавзеҳи матлаб ин аст, ки инсонҳо ба таври маъмул барои ҳалли як мушкил ва кашфи як мачҳкл марҳилаҳои гуногунеро тай мекунанд. Ба гунае ки пас аз мувочеҳа бо мушкил ба маълумоти ҳозира дар зеҳн мунтақил шуда, ба чустучӯ дар миёни онҳо мепардозад. Сипас, маълумоти мутаносиб бо масъалаи мавриди назарро мушаххас ва таркиб намуда ва дар ниҳоят ба дастёбӣ ба ҳадди васат ба кашфи мачҳул ноил мегарданд. Дар китобҳои мантиқӣ ин навъ амалкарди зеҳнро фикр мегӯянд, ки гоҳе ба натича мерасад ва гоҳе дар ҳамон марҳилаи чустучӯ миёни маълумоти зеҳнӣ мутаваққиф мешавад. Лекин мавридҳое вучуд доранд, ки бархе одамиён ба маҳзи мувочеҳа бо мушкил ва мачҳул ба таври ногаҳонӣ ба ҳадди васат даст меёбад ва ба кашфи мачҳул ноил мешаванд. Бидуни ин ки ҳаракатҳои зеҳнии мазкурро анчом диҳад.

Ибни Сино ин амалкарди зеҳниро ҳадс меномад. Бинобар ин, ҳадс дар назари ӯ иборат аз ин аст, ки ҳадди васат ба таври ногаҳонӣ дар зеҳн тамассул меёбад, бидуни ин ки ҳаракате сурат гирад, хоҳ ин тамасул ба дунболи ҷаҳдва шавқ боша два хоҳ бидуни иштиёқ дар ҷараёни ҳадс ҳамроҳи ҳадди васат натиҷа ё он чи дар ҳукми он аст низ тамасул меёбад.


**АДАБИЁТ**

1. Имонпур Мансур. Моҳияти ваҳй дар андешаи Ибни Сино.1386.
2. Ал-мабдаъ-ул-маод. Муассисаи мутолиоти донишгоҳи мактаҳил бо ҳамкории Донишгоҳи Теҳрон. Аш-шафо (илоҳиёт), муқаддима ва таҳқиқи Ироҳими Мадкур.-Теҳрон: Интишороти Носири Хусрав.-1363.Ҷ.1.
3. Ибни Сино. 1375.-С.295-302.
4. Ибни Сино Ҳусайн ибни Абдуллоҳ. Ишорот ва танбеҳот. Бо шарҳи Насриддини Тусӣ ва шарҳи Қутбиддини Розӣ. – Қум: Наҷҳ-ул-балоға.- 1375. Ҷ.2, 3.
5. Ал- мабдаъ-ул-мавод. Муассисаи мутолиоти исломии Донишгоҳ. Таҳлил бо ҳамкории Донишгоҳи Теҳрон .-1363.
6. Тамликот.Бо таҳқиқ ва муқаддимаи Абдураҳмони Бадавӣ. –Қум: Интишороти созмони таблиғоти исломӣ, 1404.



**СУЩНОСТЬ БОЖЕСТВЕННЫХ ОТКРОВЕНИЙ И РАЗУМА В РАЗМЫШЛЕНИЯХ ИБН СИНЫ**

Научное наследие Ибн Сины охватывает различные области знания. В учении Ибн Сины присутствует физический и метафизический подход в описании мира. Ибн Сина интересовался разумом. В своих трудах он пытался согласовывать свои идеи с исламским вероучением, во многих аспектах своего учения В религиозной философии Авиценны особого интереса заслуживает его учение о пророчестве.

В данной статье автор рассматривает сущность божественных откровений и разума в размышлениях Ибн Сины.



**Ключевые слова:** Ибн Сина, исламское вероучение, философская теория, Коран, разум и откровение, размышления Сины.



**THE ESSENCE OF THE DIVINE REVELATION AND REASON IN THE THOUGHT OF IBN SINA**

Scientific heritage of Ibn Sina covers various areas of knowledge. In the doctrine of Ibn Sina's present physical and metaphysical approach to the description of the world. Ibn Sina was interested in the mind. In his writings he tried to reconcile their ideas with the Islamic creed, in many aspects of his teachings In the religious philosophy of Avicenna special interest deserves his teaching on prophecy. In this article the author examines the nature of divine revelation and reason in the thought of Ibn Sina.



**Key words:** Ibn Sina, Islamic doctrine, philosophical theory, the Quran, reason and revelation, reflection Sina.



**Сведения об авторе:** ***Такихони Сайёда Зухро*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ


# РӮҲ АЗ ДИДГОҲИ ФАЙЛАСУФОНИ ИСЛОМӢ ВА ОРИФОН


***Ҳусайн Наттоқи Наҷафӣ***

**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**


Медонем, ки шинохти абъоди печидаи башар ба содагӣ муяссар нест ва аз асрори печидаи хилофат аст. Башари аввалия, аз замоне ки зиндагонии иҷтимоии худро оғоз кард ва тавонист ба илми мухтасаре даст ёбад, ки тавассути он илм битавонад осореро аз худ бар ҷой гузорад, то насли оянда битавонад аз онҳо ба нафъи башарият истифода кунад, дар мавриди вуҷуди рӯҳ осореро аз худ бар ҷой гузоштааст. Осори ин муаммои печидаи рӯҳи башар аз қадимтарин осоре аст, ки наслҳои қабл аз худ ба ҷой гузоштаанд. Мутаассифона, ба сабаби тавсеаи тамаддуну фарҳанг, технология ва васоили иртиботи ҷамъӣ дар ҷаҳони пурҷанҷол, башари имрӯзӣ моҳияти рӯҳро ба дурустӣ намешиносад.

**Рӯҳ аз назари фалсафаи исломӣ: Рӯҳ аз назари Форобӣ.** Форобӣ дар бораи ҷисм ва рӯҳ ҳамон тавре ки баён шуд, ҷисмро марг аз ҳаюло ва сурат мепиндорад ва мегӯяд: «Пайдоиши нафс ҷисмонӣ ва пойдориаш рӯҳонист». Биҳишт ва дӯзахро вобаста ба нафс меангорад ва мегӯяд, ки баъзе муътақиданд, ки рӯҳи инсонӣ аз тане ба тани дигаре мегузарад. Ин назария низ ботил аст.

Нафси нотиқа (рӯҳ), ки аз ақли фаъол мадад мегирад, ҳақиқати вуҷуди одамӣ аст ва баъд аз фанои ҷисм боқӣ мемонад. Нафси закия баъд аз фанои ҷисм ба ақли фаъол муттасил мегардад ва ин иттисол ба ақли фаъол танҳо дар натиҷаи риёзати нафсонӣ муяссар аст ва муқаддимаи вусул ба ин камол, таҳзиби ахлоқ ва рӯҳ аст. Форобӣ ҷовидонӣ будан ва бозгашти нафсро натиҷаи рӯҳонӣ будани он медонад, чун мегӯяд: «Мояи қабули фасод дар нафс нест, бинобар ин, нафс пас аз марг ҷасади ҷовидон мемонад». Низ муътақид аст, ки «фақат нафси олима ҷовидон аст. Нафси олима ё фозил аст, ё фосиқ. Нафси фозила сурати нафсонии зебое ба худ мегирад ва пас аз марг, ба зоти худ менигарад ва касби лаззат ва саодат мекунад. Он гоҳ ба нафсҳои фозилаи дигаре менигарад ва аз мушоҳидаи онҳо саодатманд мегардад».

**Назари Ибни Сино дар мавриди рӯҳ**. Аз назари Абӯалӣ ибни Сино инсон дорои чанд нафс аст: нафси наботӣ, нафси ҳайвонӣ ва нафси ақлонӣ. Ду нафс - ақли наботӣ ва нафси ҳайвонӣ суратҳое ҳастанд, ки дар бадан манқушанд ва бо аз байн рафтани бадан аз миён меравананд, вале нафси ақлонӣ (рӯҳ) аз миён намеравад.

Ибни Сино муътақид аст, ки инсон таркибе аз бадан ва нафс аст. Ӯ миёни бадан ва нафс пайванди ҷавҳаре баст, ҳамчуноне ки ҳамаи аҷсом ба василаи кавокиб аз ихтилолоти аносир офарида шуда, вале нафс аз таркиби аносире ба вуҷуд наомадааст ва сурати зарурӣ барои бадан нест, балки бар ӯ ораз шудааст ва ҳар пайкар, нафси (рӯҳ) махсусе дорад, ки салоҳияте ҷуз ӯ (бадан) рад надорад ва аз воҳибулсувар, ки ақли фаъол аст, бар ӯ (пайкар) изофа мекунад.

Нафс пас аз ҷудоӣ аз бадан дар олами маъқулот барои худ қудрат ва мақоме ба даст меоварад, ки аз нерӯи ӯ дар замин ба маротиб болотар аст ва ба кӯмаки малакаи худ ба ақли фаъол мепайвандад.

Нафс сурати ҷавҳари ҷисм аст ва то замоне ки нафс муттасил ба ҷисм бошад, мумкин нест худро ақлан идрок кунад, магар ба воситаи аъмоли худ.

**Офариниши нафси инсон аз назари Ибни Сино**. Ба назари Ибни Сино асли ҳақиқати рӯҳ аз олами таҷрид буда, Худованд рӯҳро аз олами боло поин овард ва дар қолаби бадан маскан дода, рӯҳ олот ва аъзои баданро ба унвони абзори кор истихдом кардааст ва дар мавқеи марг монанди санъатгаре аст, ки олот ва абзори кори худро тарк мекунад.

**Рӯҳ ва Имом Фахри Розӣ**. Фахри Розӣ дар таърифи рӯҳ назари зерро, ки ақидаи ҳамаи мутакаллимон ва фуқаҳо аст, пешниҳод менамояд: рӯҳи ҷисми нуронӣ, зинда ва мутаҳаррик аст, ки аз ҷаҳон бартар аст ва сараш бо ин пайкари моддӣ маҳсус мухолиф аст ва робитаи он ҷисм монанди робитаи об бо гил, равған бо зайтун ва оташ бо ҳезум аст ва табдил ва тафриқу таҷзия ва инқисомро намепазирад ва то замоне ки ҷисми салоҳиятпазираш онро доштa бошад, ба ҷисм ҳаёт ва пайомадҳои онро мебахшад, вагарна марг пеш меояд.

**Назари Мулло Садро**. Мулло Садро муътақид аст, ки рӯзи растохез рӯҳи инсон ба ҳамон ҳастии аслӣ ва ҷавҳари собит, ки моддаи ҷисм аст (на ба сурати ҷисм, ки маҳсус аст ва дар муддати ҳаёт дастхуши тағйирот ва таҳаввулот), мепайвандад. Зеро колбади маънавӣ ва ҳақиқии рӯҳ ҳадди фосил байни модда ва моварои он аст. Мулло Садро мегӯяд: «Нафс (рӯҳ) ва бадан бар табақи ҳаракати ҷавҳария як мартабаи такомули худро мепаймоянд, то ин ки бадан ба сурати ҷисм мисоле дароояд ва рӯҳ ба марҳилаи ақл билмустафод бирасад». Ба назари Мулло Садро асли таквин нафси нотиқаи ҷисмонӣ буда, дар асари ҳаракати ҷавҳария ва тайи мадорих ва махориҷи камол рӯҳонӣ шуда, ба сурати мавҷуди муҷаррад даромадааст. Вай бар ин мабнӣ ҳуввият ва мавҷудияти нафсро бино ниҳода, поягузорӣ кардааст ва гуфтааст, ки : «ан-Нафси ҷисмония-ал-ҳудус ва рӯҳони-ял-бақо». Эшон нафсро дар маротиб ва дараҷоти истикмолаш ба маротиб ва дараҷоти ҳароратӣ, ки дар зуғол пайдо мешавад, ташбеҳ кардааст. Агар зуғол дар муҷоварати оташ қарор гирад, аввал гарм мешавад ва дар мартабаи дувум қирмиз мегардад ва дар мартабаи сеюм шуълавар мешавад ва дар мартабаи чаҳорум равшан мешавад ва нур медиҳад. Бар ҳамини асос Аттори Нишопурӣ гуфтааст:

*Тан зи ҷон набувад ҷудо, унсуре аз ӯст,*
*Ҷон аз гил набуд ҷудо, ҷузве аз ӯст.*

Мулло Садро муътақид аст, ки рӯҳи улвӣ-самовӣ аз осмон амр аст ва маҳалли рӯҳи улвӣ ва рӯҳи ҳайвонӣ ҷисм буда, ҳомили он қавои ҳис ва ҳаракат аст.

**Рӯҳ аз дидгоҳи тасаввуф ва орифон**. Рӯҳ аз дидгоҳи тасаввуф атоест илоҳӣ, ки аз олами улвӣ ба бадан ворид шудааст ва зиндагии инсон вобаста ба он аст. Ҳуҷвирӣ мегӯяд: «Дар ҳастии рӯҳ шаке нест, валекин дар чигунагии он ихтилоф аст ва «қолалрӯҳ минан мар Раббӣ» (сураи Исро 85).

Гурӯҳе гӯянд: «Рӯҳ ҳаётӣ аст, ки бадан, бад-он зинда шавад» ва гурӯҳи дигар гӯянд, ки ғайр аз ҳаёт аст ва ҳаёт бо он ёфт шавад ва Ҳазрати Расул (а) фармудаанд: «Халақал арвоҳу қаблал аҷсод» Офариниши арвоҳ пеш аз баданҳо аст (Кашф-ул-маҷҳуб, 335).

Баъзе гӯянд, рӯҳ дар ҷасад монанди нор аст дар ҳатаб. Рӯҳро аз он ҷиҳат гӯянд, ки маншаи зиндагӣ ва манбаи файзи ҳаёт аст бар ҷамеи қавои нафсонӣ. Рӯҳ ҷавҳари номаръӣ, номаҳсус, басит, мудаббир ва заволнопазир аст ва рӯҳ бар чанд навъ аст: рӯҳи ҳайвонӣ, инсонӣ ва наботӣ.

Дар шарҳи «Гулшани роз» гуфта шудааст, ки рӯҳро аз он ҷиҳат рӯҳ гӯянд, ки ба зоти худ зинда аст ва дар «Инсони комил» омадааст: «Бидон, ки одамиён дар ин олами сифлӣ мусофиранд аз ҷиҳати он ки рӯҳи одамиро, ки ҷавҳари малоикаи самовӣ аст аз олами улвӣ бо ин олами сифлӣ ба талаби камол фиристодаанд, то камоли худро ҳифз кунад».

**Рӯҳ ва париспарӣ**. Инсон маҷмӯест аз бадан, рӯҳ, шабаҳ (париспарӣ). Рӯҳ унсурест, ғайримоддӣ ва робитаи он бо тан, робитаи фармондеҳ ва фармонпазир мебошад. Доктор Алӣ Муқаддам дар китоби «Инсоншинохти дубораи шабеҳ» мегӯяд: «Ин ҷони рӯшан, ки ба номҳои ҷисми мисолӣ ё ҳури қалиёӣ «париспарӣ» ё маркуби нафси нотиқа низ номида шуда, дар ҳақиқат сурат ва мисоли бадан аст. Ҳамин ҷисми мисолӣ аст, ки дар маҷолиси эҳтизори арвоҳи нафси мурдагон монанди ишбоҳ ё абрпора бисёр латиф дида мешавад ва гоҳе ба ҳоли таҷассуд даромада, он қадар намоён мешавад, ки аз он метавон филмбардорӣ кард».

Париспарӣ, ки ҳаммонандии бисёр бо колбади моддӣ дорад, пас аз марг ин колбад ба ҳаёти худ идома медиҳад. Ӯст, ки гоҳе ба сурати шабаҳ ба зиндагон таҷаллӣ мeёбад, ё дар хобҳои ростин бар хуфтагон падидор мешавад. «Париспарӣ» номе аст, ки рӯҳшиноси пуровазаи франсавӣ Алан Кордак, падари «маърифати рӯҳ» бар ин колбади латиф ниҳодааст, ҳиндувон онро «лингошорир» мехондаанд. Мисриён бошанд, «ко», юнониён «ашимо» ва иброниён «нафшат» ва ниҳондонон «колбади ахтарин»

ба он ном ниҳодаанд. Дар Эрон дар ойини зардуштӣ низ шинохта будааст ва онро «фуруҳар» ё «фарвашӣ» мегуфтаанд. Эрониён бар ин ақида будаанд, ки дар рӯзҳои нахустини фарвардинмоҳ «фуруҳар»-ҳои мурдагон барои дидори бозмондагони худ фурӯ меоянд.

**Шабеҳи рӯҳ.** Шабеҳ қолаби мисолӣ, пайкаре аст бартар аз бадани моддӣ ва мураккаб қолабе барои рӯҳ аст, ба гунае ки рӯҳ ба ҳангоми хориҷ шудан аз бадан, аз он истифода мекунад ва қолаби мисолӣ низ робита миёни рӯҳ ва бадан аст. Он чи ки моро бештар ба вуҷуди «шабаҳ» муътақид месозад, заҳмати тоқатфарсои донишмандоне аст, ки ағлаб дар оғоз аз мухолифони сарсахти эътиқод ба вуҷуди арвоҳ буда, пас аз таҳқиқоти таҷрибӣ ва амалӣ аз тарафдорон ва мудофеони машҳур иртиботи рӯҳӣ шудаанд.

**Таҳқиқоти донишмандон дар бораи қолаби мисолӣ ё шабаҳи рӯҳ.** Шабаҳи рӯҳ пӯшише ғайримоддӣ ва бино ба назарияе ҳадди фосила байни модда ва моварои модда аст, ки барои мадюнҳо, аҳли ирфон ва касоне, ки истеъдоди идроки масоили рӯҳиро доранд, дар шароите хосе қобили диданӣ аст. Ҳамчунон ки рӯҳ дар бадан дида намешавад ва ин ки дар маҷомеи рӯҳӣ ва ирфон иттилои рӯҳшиносӣ ва эҳзор – иртиботи рӯҳ ба кор меравад, ба маънии иртибот бо париспарӣ (шабаҳ) ва ташхиси наҳваи ҳаёти барзахӣ он аст ва тамоми таҳқиқот ва осори гаронбаҳои донишмандони рӯҳ бар ин мавзӯъ далолат доранд. Шакли шабеҳ ба шакли ҳамин қолаби бадан аст бо ин тафовут, ки монанди маҳ ё дуди хаёлии рақиқ аст: мисли ҳавосат, каме аз ҳаво ғализтар аст. Дар ин модда итмаҳои фавқулодаи кӯчак ва нуронӣ вуҷуд дорад. Донишмандон дар бораи рӯҳ назариёти фаровоне доранд, ки мо ба чанд намунаи он иктифо мекунем:

1. Рӯҳ ҷисми нуронӣ, зинда ва мутаҳаррик аст, ки аз ҷаҳон бартар (ғайримоддӣ) аст ва сиришташ бо ин пайкари моддии маҳсус мухолиф мебошад ва робитаи он бо ҷисм монанди робитаи об бо гил ва равған бо зайтун ва оташ бо ҳезум аст ва табдил ва тафриқ ва таҷзия ва инқисомро намепазирад ва то замоне ки ҷисми салоҳиятпазиращро дошта бошад, ба ҷисм ҳаёт ва пайомадҳои онро мебахшад, вагарна марг пеш меояд.
2. Назарияи Ғаззолӣ ва Роғиби Исфаҳонӣ. Рӯҳ на ҷисм аст ва на вижагиҳои онро дорад ва ба бадан мутааллиқ ва вобаста аст. Таълиқе аз навъи тадбир, дахл ва тасарруф дар ҷисми рӯҳи ҳайвонӣ аз ҷаҳони халқ ва офариниш аст, ки қалбу нафс номида мешавад ва дар ҳамаи аъзои бадан ҷараён дорад ва маҳалли таъйини он мағз аст.
3. Баъзе рӯҳро нафси нотиқа меноманд ва он дуро мутародиф гирифтаанд.
4. Бархе дигар мегӯянд, ки рӯҳ маҳалли авсофи ҳамида аст ва нафс маҳалли авсофи разила.
5. Дигарон бар ин ақидаанд, ки рӯҳ иборат аз Ҷабраил аст, чуноне ки нақл аз Маъсум шудааст, ки фармудааст: «ал-рӯҳ малак мина малоикаллоҳ».
6. Баъзе дигар рӯҳ ва ҳаётро яке медонанд.

**Оё рӯҳ ва нафс аз ҳам ҷудо ҳастанд ё ҳарду чизи воҳид мебошанд?** Ибни Зиёд аз аксар донишмандон нақл мекунад, ки ҳарду як чизанд ва як маъно доранд. Ба кор бурдани ҳар як ба ҷойи дигар аст. Ибни Ҳабиб мегӯяд, ки онҳо ду чизанд. Рӯҳ, ҷорӣ дар инсон ва нафс ғайри он аст, ки ду даст ва ду по ва як сар ду чашм дорад ва лаззат мебарад ва муталлиму шоду ғамгин мегардад ва дар хоб мемирад ва аз бадан берун меравад, гардиш мекунад ва хоб мебинад ва бадани бе он бо рӯҳ боқӣ мемонад. Эҳсоси лаззат ва шодӣ менамояд, то ба бадан баргардад.

Дар ин баҳс аз назари илми рӯҳӣ ба ин натиҷа даст мeёбем, ки ҳарду зиндаанд, яке дар ҳоли гузаронидани зиндагии моддии худ аст ва ҳанӯз вобастагии шадиде ба ҳеҷ унвон қодир нест аз он даст бардорад ва ба хотири ба даст овардани манобеи бештари он, гоҳе иттифоқ меафтад, ки аз ҳеҷ гуна аъмоли хилоф ва нодурусте фурӯгузор нахоҳад кард. Вале арвоҳ аз кулли ниёзҳои моддагарой халос шуда, дар оламӣ волои рӯҳӣ дар ҳоли зиндагӣ ва гузаронидани ҳаёти башарӣ ва такомули рӯҳи хеш ҳастанд ва натиҷаи дувум он аст, ки кулли арвоҳ дар гузаштагон бар хилофи тасаввури касоне, ки онҳоро барои ҳамеша аз байн рафта медонанд дар гузаштагон ҳаргиз намурда ва ақл ва дарки худро аз даст надодаанд, балки башар ба далели заъфи нерӯи ташхис ва дидор онҳоро азбайнрафта медонанд, дар сурате ки онҳо зинда ва воқеӣ ҳастанд.

## АДАБИЁТ


1. Фаридун Сипарӣ. Пажӯҳишҳо дар бораи рӯҳ ва шабеҳ аз дидгоҳи адюн, уламои фалсафа, урафо, шуаро ва донишмандони рӯҳӣ / Фаридун Сипарӣ. Нашри Эҳсон, 1377.
2. Оштиёнӣ Саидҷалолиддин. Шарҳи муқаддимаи Қайсарӣ дар ирфони исломӣ / Оштиёнӣ Саидҷалолиддин. Маркази интишороти таблиғоти исломӣ, 1365.
3. Комил Фломорюн Пизишкпур. Асрори марг ва зиндагӣ / Комил Фломорюн Пизишкпур. –Теҳрон: Шаҳриёр,1353.
4. Муҳаммад Маҳдӣ Алихоҳ. Тазоҳир ва таҷассуди арвоҳ / Муҳаммад Маҳдӣ Алихоҳ. Интишороти Маҳдӣ, 1369.
5. Алан Кордак. Китоби арвоҳ / Алан Кордак. Тарҷумаи Муҳсин Фаршод. Нашри Афросиёб, 1380.
6. Иброҳим Байвақӣ. Китоб дар бораи фалсафаи исломӣ, равиш ва татбиқи он / Иброҳим Байвақӣ. Тарҷумаи Абдулмаҷид Оятӣ. – 1361.
7. Баронд Россел. Таърихи фалсафаи Ғарб / Баронд Россел.-Теҳрон: Сухан, 1340.
8. Қосим Ғанӣ. Таърихи тасаввуф дар ислом / Қосим Ғанӣ. –Теҳрон: Завор.
9. Абдурозиқ Кошонӣ. Истилоҳоти сӯфия / Абдурозиқ Кошонӣ.-Теҳрон, 1305.

## ДУША С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИСЛАМСКИХ ФИЛОСОФОВ И МЫСЛИТЕЛЕЙ

Возникновение ислама внесло в жизнь народов Ближнего и Среднего Востока серьезные изменения. Исламская философия представляет собой творение мыслителей, принадлежащих к религиозной общности,

Проблема души является одной из важных в философской науке. В данной статье автор рассматривает феномен души с точки зрения исламских философов и мыслителей.

**Ключевые слова:** , религия, ислам, философия, личность, душа, проблемы души, изучение души.

## OUL FROM THE POINT OF VIEW OF THE ISLAMIC PHILOSOPHERS AND THINKERS

The emergence of Islam has made to the life of the peoples of the Middle East major changes. Islamic philosophy is the work of thinkers belonging to a religious community,

The problem of the soul is one of the most important in philosophical science. In this article the author examines the phenomenon of the soul from the point of view of the Islamic philosophers and thinkers.

**Key words:** religion, Islam, philosophy, personality, problems of the soul, the study of the soul.

**Сведения об авторе:** ***Хусайн Натток Наджафи*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

# ШИНОХТИ ШАХСИЯТ ВА РАВИШИ ФАЛСАФИИ МУЛЛО САДРО

***Асадулло Муртазоӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар таърихи фалсафа ва фарҳанги исломӣ мутафаккирони зиёде зиндагиву эҷод карданд, ки ҳар кадом дар замони худ ва баъд ба ҳайси чароғи равшанкунандаи роҳи ҷӯяндагони илм хизмат намуданд. Яке аз чунин мутафаккирони сермаҳсули аҳди Сафавия ва намояндаи маъруфи мактаби фалсафии Исфаҳон Садруддин Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Яҳёи Шерозӣ, маъруф ба Садрулмутааллиҳин ва Мулло Садро мебошад. Ӯ соли 979ҳ. (1561м) дар Шероз дида ба ҷаҳон кушодааст. Падараш Хоҷа Иброҳим ибни Яҳё марди парҳезкор, диндор ва дӯстдору ҳомии донишу маърифат буд. Ба қавле, Иброҳим ибни Яҳё мансаби вазириро ба ӯҳда дошт, вале маълум нест, ки дар кадом дарбор ва кадом давлат. Мулло Садро дар таҳсили улум истеъдоди фавқулода дошт ва аз даврони ҷавонӣ ба омӯзиши ҷиддии улуми замонаш камари ҳиммат баста буд. Ӯ нахуст бо Шайх Баҳоӣ ошноӣ пайдо намуда, илмҳои нақлиро назди ӯ омӯхт. Улуми ақлиро бошад аз Сайид Амир Муҳаммад Боқир ибни Шамсуддин машҳур ба Мирдомод фаро гирифт. Садрулмутааллиҳин баъд аз касби улум муддате узлат ихтиёр кардааст. Вай дар муқаддимаи китоби «Асфор» далели нафрати худро аз ҷоҳилони фарзонанамои замони худ ва узлату тасаввуфи хешро баён доштааст. Пас аз бозгашт ба зодгоҳаш Мулло Садро ба таълифи асарҳову таълими шогирдон машғул гардид. Шӯҳрати ӯ, ки ҳанӯз дар давраи Исфаҳон буданаш интишор ёфта буд, аз ҳар гӯшаву канори Эрон толибилмонро ба Шероз барои ширкат ба дарсҳои ӯ ҷалб менамуд. Вале афкори пешқадами мутафккир ба завқи аҳли тақво хуш наомад ва дере нагузашта ӯ мавриди таҳқиру таъқиб қарор гирифт. Садрулмутааллиҳин маҷбур шуд, ки Шерозро тарк кунд ва чанд муддат дар Қум ва гушаҳои он кунҷи узлат ихтиёр намояд. Шояд гушанишинӣ ва таъсири Мирдомоду Ибни Арабӣ сабаб шуд, ки ба ирфону завқиёт рӯй овард ва ба тафаккуроти фалсафӣ машғул шуд. Мутафаккир сабаби кунҷи узлат ихтиёр карданашро дар он мебинад, ки аз солҳои ҷавонӣ ба илоҳиёт шуғл варзида, бо асарҳои донишмандони пешин ошноӣ пайдо карда дар радифи онҳо китобҳое иншо карданӣ шуда буд, вале аҳли таккаббур ва шӯрангезон ӯро ором нагузоштанд.

Пас аз чанд соли гушанишинӣ Мулло Садро дубора бо даъвати Аллоҳбердихон ба Шероз баргашта, дар мадрасаи нав аз ҳикмату илоҳиёт дарс мегӯяд. Ӯ дар тӯли умри худ ҳафт маротиба ба зиёрати Каъба мушшараф мегардад ва ниҳояд ҳангоми бозгашт аз сафари ҳафтуми Макка соли 1050 дар Басра вафот мекунад ва турбаташро дар ҳамон ҷо ба хок месупоранд.

Зиндагӣ ва рӯзгори Мулло Садроро метавон дар се марҳала мавриди мутолиа қарор дод:

1.Марҳилаи шогирдӣ ва таҳсил. Дар ин давра ӯ ба мутолиаи осори файласуфону мутакаллимони пешину ҳамасри худ машғул буд.

2.Марҳилаи узлат ва ибодату риёзат. Дар ин давра ба гуфтаи баъзеҳо 15- сол дар рустои Каҳаки Қум машғули тазкия ва риёзати нафс ва ҳамзамон саргарми таълиф буд. Ба таъбири худи ӯ «Рамузе бар ман кашф шуд, ки бо бурҳон натавонистӣ шуд, балки аз он чи пеш аз он бо бурҳон фаро гирифта будам, бо завоиди бештаре аз роҳи шуҳуд ва билаён дидам»[1]

3.Марҳилаи мударрисӣ ва таълифи асарҳо. Дар ин давра Мулло Садро ҳам шогирдони зиёдеро ба тадрис фаро гирифта буд ва ҳам осори пурмӯҳтавоеро иншо намуд.

Дар маҷмӯъ, рӯзгори Садруддини Шерозиро метавон хеле рӯзгори бобаракат ва пурбор арзёбӣ кард. Зеро дар давоми умри бобаракати хеш тавонист осори зиёдеро рӯи кор оварад, ки бо арзиши илмии худ то рӯзгори мо омада расидаанд. Маҳсули қалами мутафаккир ба риштаҳои гуногуни илмии замонаш бахшида шудаанд. Аксари муҳаққиқон шумораи асарҳои ӯро аз 51 то 53 адад ба қалам

додаанд. Аммо осоре, ки шӯҳрати Мулло Садро бештар ба онҳо марбут аст, таълифотҳои зерин мебошанд:

1. Ал-асфор-ул-ақлий-ил-арбаа
2. Ал-мабдаъ вал маод
3. Аш-шавоҳид-ур-рубубия фи манохич-ис-сулукия
4. Асрор-ул-оёт ва анвор-ул-баёнот
5. Ал-машоир
6. Ал-ҳикмат-ул-аршия
7. Мафотиҳ-ул-ғайб
8. Рисолат- ул- худус
9. Рисолату инсоф фил моҳияту бил вучуд
10. Рисолатун фил қазо вал қадар
11. Рисолату иксир-ил-орифин
12. Рисолату ҳашр ил-аввалин
13. Рисолату халқ-ил-аъмол
14. Баъз-ул-масоил ил-авиза
15. Рисолат-ут-тасаввур ват-тасдиқ
16. Каср-ул-асном-ул-чоҳилия
17. Ачвибату масоил-ул-чоҳилия
18. Рисолатун фи ҳаракат ил-чавҳария
19. Ал-мизоч
20. Ал-чабр ват-тавфиз
21. Ал-мазоҳир-ул-икоҳия

Мулло Садро аз зумраи он донишмандоне аст, ки худ бевосита ба маъхазҳое, ки аз онҳо истифода кардааст ва ё аз онҳо мутаасир гаштааст, ишора менамояд.

Дар илми калом манбаъҳои истифодаи ӯ асарҳои «Шарҳ- ул- мақосид»-и Тафтозонӣ, «Ал-мавоқиф»-и Азузиддини Ичӣ, китобҳои каломии Фахриддини Розӣ, асарҳои Муҳаммади Ғазолӣ ва ғайра. Дар фалсафа аз осори мутафаккирони бостон хусусан, Суқрот, Афлотун, Арасту ва Флутин васеъ истифода кардааст. Масъалаи ҳаракати чавҳариро аз осори мутафаккирони Юнони бостон ва назарияи ваҳдати вучудро аз орои ҳукамои Эрони бостон касб намудааст.

Манбаи дигари муҳими афкори Мулло Садро дар масоили ваҳдати вучуд, тачарруди хаёл, маоди чисмонӣ, тачассуми аъмол ақоиди орифони бузург ва машоихи суфия, хосатан Ибни Арабӣ, Шаҳобиддини Сӯҳравардӣ, Айнулкузоти Ҳамадонӣ ва ғайра мебошанд.

Равиши фалсафии Мулло Садро равиши хосса ва мувофиқ ба худи ӯст. Нубуғи хоси ӯ ин буд, ки се роҳеро, ки ба ҳақиқат мерасанд, яъне ваҳй, бурҳони ақлӣ ва таҳзиби нафс бо якдигар таркиб кард ва ба сурати ягона даровард. Ба ҳамин далел, осори Мулло Садро таркибе аз қазоёи мантиқӣ, шуҳуди ирфонӣ ва оёти Қуръониву аҳодис аст. Вай муваффақ шуд ба ҳадафе, ки Форобиву Сино ва файласуфони мутакаллим дар таи асрҳо дунболаш буданд. Он тавфиқи байни дин, бурҳон ва ирфон аст, ки Мулло Садро онро амалӣ сохт. Мутафаккир чаҳор роҳеро интихоб кард ва онҳоро ба ҳамдигар омехта сохт, ки ин роҳҳои чаҳоргона машшоъ, ишроқ, ирфон ва калом мебошанд.

Ҳамин тавр, Садруддини Шерозӣ аз талфиқи қисмати машшову ишроқ ва баъзе андешаҳои каломӣ, аз як тараф ва бахшидани суръати мантиқӣ ба кашфу шуҳуди орифону суфиёни бузург, махсусан Ибни Арабӣ ва шарҳу тафсири фалсафӣ- ирфонии таълимоти имомони шиа, аз тарафи дигар, мактаби наве дар ҳикмат таъсис дод, ки то рӯзгори мо мавриди таҳқиқу тадрис қарор дорад. Худи Мулло Садро фалсафаашро «ҳикмати мутаолия» номидааст.

Бартарии мактаби ӯ аз он иборат буд, ки ба осонӣ тавонист байни ду мактаби зид ва мухолиф, яъне фалсафаи машшоӣ ва ишроқ ошноӣ диҳад ва он дуро ба ваҳдат бирасонад. Ӯ ин бартариро бо калимаи «муталоия» нишон медод. Дар низоми комили мактаби мутаолия ҳама бахшҳо ва фаслҳои муҳими фалсафаро метавон ёфт, ки як низоми системанокро ташкил медиҳад. Вучудшиносӣ ва мабоҳиси мовароуттабиа беш аз ҳама аст ва ба тартиб мабоҳиси нафсшиносӣ, илоҳиёт, маодшиносӣ, шинохтшиносӣ, ахлоқ, зебоишиносӣ ва мантиқ дар он илова ва аксарият дорад. Ин фаслҳо агарчи ба ҳам омехта ҳастанд, вале ҳамон гуна, ки шарт як низоми фалсафии комил аст, ҳама баҳсҳои он ба тартиб аз баҳси вучудшиносӣ ба ҳайси поя барои исботи дигар матолиб ва мавзӯот истифода мешавад. Моҳияти асосии ин мактаб аз он иборат аст, ки далелу бурҳон барои тасдиқи ҳама назару андеша ва таълимотҳо васеъ истифода мешуд. Мутафаккир ҳаргиз бе далелу бурҳон сухан намегуфт. Қавли мазкурро ӯ дар «Асфор» меоварад, ки аз одати суфиён аст, ки дар аҳком танҳо ба завқу вичдон иктифо меварзанд, лекин мо ба он чи бурҳон надошта бошад, эътимод надорем.[2]

Ин чо бояд як нуқтаро хотирнишин сохт, ки дар низоми ақоиди Садруддини Шерозӣ чанбаҳои машшоӣ бештар мушоҳида мешаванд. Унсурҳои завқиву ишроқӣ дар таълимоти ӯ бештар дар масъалаҳои нафс, умуман назарияи маърифат ва унсурҳои машшоиву мантиқӣ дар масъалаҳои умури

омма, вуҷуд, вуҷуди зеҳнӣ ва ғайра ба назар мерасанд. Дар низоми фалсафии Мулло Садро масъалаи вуҷудшиносӣ мавқеи хосса дорад. Масъалаи асолати вуҷуд яке аз кашфиётҳои муҳими мутафаккир мебошад. Ин аз масъалаҳои асосии ихтилофи байни мутафаккирон ва мутакаллимони исломӣ аст, ки вуҷуд асил мебошад ё моҳият. Машшоиёну суфиён ба асолати вуҷуд, яъне ба воқеияти айнӣ ва хориҷӣ доштани вуҷуди мустақил қоил буданд ва моҳиятро чизе ҷуз аъроз намедонистанд. Мулло Садро дар ибтидои фаъолияти хеш дар пайравии устодаш Мирдомод қоил ба асолати моҳият буд, вале тадриҷан аз ин ақидааш даст кашида, назарияи асолати вуҷудро эътироф намуд. Аммо назарияи асолати вуҷуди ӯ аз назарияи машшоиён фарқ мекунад. Тибқи таълимоти машшоияи шарқӣ вуҷуди ҳар чиз зотан мутафовит ва мутамойиз аз вуҷудҳои дигар аст, ҳарчанд нисбат ба моҳияти худ асолат дорад. Вале аз нигоҳи Садруддини Шерозӣ, вуҷуд дар тамоми қаламрави ҳастӣ ҷуз як чиз нест, ҳақиқати ягонаест, ки дорои силсилаи маротиб, шиддат ва заъф мебошад. Маслан, вуҷуди офаридгор, инсон, дарахт ва ғайра ҳама як вуҷуд ва як воқеияти хориҷианд, вале дараҷаҳои заъфу шиддати зуҳури онҳо, аз якдигар фарқ мекунанд. Садруддини Шерозӣ мӯътақид аст, ки вуҷуд зотан тақсимнопазир, вале мантиқан тақсимпазир аст. Ӯ вуҷудро ба вуҷуди иртиботӣ ва вуҷуди нафсӣ ҷудо мекунад. Вуҷуди иртиботӣ вуҷудест, ки мавзӯъро ба маҳмул пайваст месозад. Вуҷуди нафсӣ бошад, мустақил ва қоил ба зот. Вуҷуди нафсӣ дар навбати худ ба се навъ ҷудо мешаванд:

1.Навъе, ки дар олами хориҷ сифати чизи дигар намебошад ва он ҷавҳар номида мешавад;

2.Навъе, ки сифати чизи дигар аст ва он аъроз номида мешавад;

3.Навъе, ки ба ҷуз худ иллате надорад ва он вуҷуди офаридгор аст.

Дар низоми фалсафии мутафаккир тақсимоти вуҷуд дар услуби машшоӣ низ ба назар мерасад. Мулло Садро вуҷудро аз ин лиҳоз ба воҷиб, мумкин ва мумтанеъ қисмат намуда, ҳар якеро таъриф медиҳад, ки шабеҳи таърифҳои пайравони машшоъ аст.

Масъалаи дигаре, ки дар таълимоти Мулло Садро мавқеи хос дорад ва низоми ақоиди ӯ дар ин замина асос ёфтааст, масъалаи ҳаракати ҷавҳарӣ мебошад. Ҳаракт ин хуруҷи шайъ аст аз қувва ба феъл ба таври тадриҷ. Агар ин амр ба таври дафъӣ анҷом пазирад, онро таҷаддуд ё ҳудус мегӯянд на ҳаракат. Аз назари Мулло Садро ҷавҳар аз ҷавҳарият ҳаракат мекунад, то ки комилтар гардад. Ӯ имкони тағйири дафъии як ҷавҳар ба ҷавҳари дигарро, ки машшоиён бо тағйири таҷридӣ эътироф доштанд, рад мекунанд. Мутафаккир ҳама гуна тағийротро шаклҳои ҳаракат медонад ва ҷаҳонро мисли дарё мепиндошт, ки ҳамеша дар ҳаракату дигарунӣ аст. Ҳамчунин, ҳаракатро таҷдиду таҷаддуди доимӣ дар ҳар лаҳза медонад. На танҳо аразҳо, балки худи ҷавҳари олам низ дар ҳаракат ва навофаринӣ мебошад. Аразҳо барои вуҷуди худ ба ҷавҳар ниёз доранд.

Дигар, ин ки ҳамаи мавҷудоди олам дар ташаккулу такомуланд. Моддаи ҳар мавҷуд ҳар лаҳза бидуни берун кардани либоси кӯҳна либоси тозае ба бар мекунад ва ин амр ба сурати тез амалӣ мегардад, ки чашму ҳисси инсон қобили дарки он нест. Ин тағйиру навшавӣ давомияту ҳувияти ҳар мавҷудро дар сайри доимии ҳаракати ҷавҳарии он ҳифз менамояд.

Садруддини Шрозӣ дар заминаи назарияи ҳаракати ҷавҳарӣ як қатор масъалаҳои муҳими фалсафӣ, аз қобили ҳудуси замонии олам, ҷисмонӣ будани рӯҳ ҳангоми офариниш ва рӯҳонӣ гардидани он дар анҷоми кор, робитаи миёни суботу тағйир, маоди ҷисмонӣ ва ғайраро ҳаллу фасл намуд. Воқеан, назарияи ҳаракати ҷавҳарӣ яке аз бозёфтҳои муҳими мутафаккир мебошад.

Мавзӯи дигар, ки Мулло Садро вобоста ба ҳаракати ҷавҳарӣ мавриди таҳқиқ қарор додаст, ин мавзӯи ҷисмонияти нафс (рӯҳ) дар оғоз ва рӯҳонияти он дар анҷом мебошад. Яъне ӯ нафсро «ҷисмоният-ул- ҳудус ва рӯҳоният-ул-бақо»[3] медонад.

Мулло Садро ба таснифоти улум низ даст задааст. Дар таълимоти ӯ таснифи илм ду навъ аст. Яке дар пайравӣ ва услуби машшоиён, ки он дар китоби «Асфор» ба хубӣ мушоҳида мешавад. Мутафаккир дар ин асар илмҳоро ба назарӣ: мантиқ, риёзиёт, табииёт, илоҳиёт ва амалӣ: ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудун ҷудо мекунад. Аммо дар рисолаи «Иксир- ул-орифин» бошад, услуби дигареро пеш гирифта, илмҳоро ба дунявӣ ва ухравӣ тақсим менамояд. Ӯ илмҳои дунявиро дар навбати худ боз ба се гурӯҳ: илми ақвол, илми аъмол ва илми аҳвол ҷудо мекунад.

Илми ақвол иборат аст аз: алифбо, сарфу наҳв, арӯз маонӣ, баён ва илми ҳад.

Илми аъмол бошад, иборат аст аз илмҳое, ки ба ашёи гуногуни моддӣ марбутанд. Аз онҳо санъатҳои бофандагӣ, кишоварзӣ ва меъморӣ ба вуҷуд меоянд. Мартабаи болотари онҳо санъати китобат, илми ҳиял ва кимиё мебошанд. Қисмате аз он илмҳо барои ҳаёти фард ва ҷомеа заруранд, ба мисли илми хонавода, ҳуқуқ, сиёсат ва шариат. Ниҳоят ба ин гурӯҳ илми касби фазилату ахлоқ ва илми тариқат, яъне тасаввуф низ дохил мешаванд.

Илми аҳвол ва ё афкор иборат аст аз: илми бӯрҳон, илми риёзӣ, ҳандаса, ки шомили илми нуҷум, улуми табиёт, ки шомили илми пизишкӣ ва илмҳои дигар, ки ба таҳқиқи маъдан, наботот ва ҳайвонот машғул мебошанд. Илмҳои ухравӣ аз назари мутафаккир он илмҳое мебошанд, ки дастраси ақлҳои оддӣ нестанд ва онҳо иборатанд аз: фаришташиносӣ, шинохти ҷавҳарҳои ғайримоддӣ, шинохти қалами аъло, яъне шинохти олами амр ва нахустин тааюн ё таҷаллии зотӣ Илоҳӣ, ки мутафаккир дар пайравӣ ба аҳли тасаввуф онро «Ҳикмати Муҳаммадия» меномад.

Ба ақидаи Мулло Садро дар ин олам ҳеҷ коре волотар аз машғул шудан ба ҳикмат нест ва дар байни шохаҳои ҳикмат муҳимтару асоситарин фалсафаи уло ё илм ба мабдаи нахустин мебошад.

Ниҳоят, аз тадқиқи зиндагинома ва осору равиши фалсафии Мулло Садро метавон чанд нуктаеро ба ҳайси хулоса иброз намуд:

Аввалан, бояд гуфт, ки Садруддини Шерозӣ соҳиби мактаби хоссаи фалсафӣ буда, дар ташаккули ҷаҳонбинии мутафаккирони асрҳои миёна саҳми арзанда гузоштааст.

Сониян, хизмати бузурги Мулло Садро дар он аст, ки барои дарёфти ҳақиқат роҳеро интихоб намуд, ки дар он ваҳй, бурҳони ақлӣ ва таҳзиби нафс ба ҳам муттаҳид гаштаанд. Фалсафаи ӯ таркиби қазоёи мантиқӣ, шуҳуди ирфонӣ ва оётии қуръониву аҳодиси набавӣ мебошад. Ӯ баъзе масоили фалсафиро аз мактабҳои машшоъ ва ишроқ гирифта, бо баъзе назарияҳои мутасаввифа, хусусан назарияи ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ бори нахуст дар қолаби фалсафӣ ва баёни мантиқӣ ба фалсафа ворид намуд.

Солисан, бояд гуфт, ки дар таърихи фалсафаи исломӣ Мулло Садроро муассису поягузори мактаби тозае аз ҳикмат мешуморанд, ки бо номи ҳикмати «Мутаолия» маъруф буда, аз ҳикматҳои машшоиву ишроқӣ фарқ мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Садруддини Шерозӣ. Ал-асфор-ул-ақлий-ил-арбаа.-дар нӯҳ ҷилд.-Интишороти «Доиратулмаорифи исломия».ч.1.- саҳ.13
2. Садруддини Шерозӣ. Ал-асфор-ул-ақлий-ил-арбаа.-дар нӯҳ ҷилд.-Интишороти «Доиратулмаорифи исломия». Ҷ.1.-саҳ.21

3. Баррасиҳо аз таърихи фалсафаи тоҷику форс –Душанбе, 2002,-саҳ 140.

4. Алӣ Асғари Ҳалабӣ. Таърихи фалсафаи эронӣ аз оғоз то имрӯз.-Теҳрон, 1373.

5. Исҳоқ Хусайни Кӯҳсоӣ. Таърихи фалсафаи исломӣ.- Теҳрон, 1382.

6. Сайид Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Шарҳи ҳол ва орои фалсафии Мулло Садро.- Машҳад, 1371.

7. Сайид Ҳусайни Наср. Маорифи исломӣ.- Теҳрон, 1347.

8. Ғулом Ҳусайни Оштиёнӣ. Тарҷума ва тавзеҳи «Маошир»-и Мулло Садро.-Теҳрон, 1340.


**ПОЗНАНИЕ ЛИЧНОСТИ И ФИЛОСОСКОЕ УЧЕНИЕ МУЛЛО САДРО**


В статье исследуется философское учение Мулло Садро. Принята попытка показать личность философа на основе первоисточников. Автор научно обосновывает самобытность учения Мулло Садро.



**Ключевые слова:** Мулло Садро, самобытность учения Мулло Садро, познание, теология, бытие, душа, желание, чувство.


**COGNITION PERSONALITY AND PHILOSOPHICAL DOCTRINE MULLO ZADRO**


The paper issues philosophic teaching Mullo Sadro. Author show-s philosophical individuality of thinker in the base of sources. There is also argument the originality of philosophic doctrine of Mullo Sadro.



**Key words:** Mullo Sadro, identity teachings Mullo Sadro, knowledge, theology, life, soul, desire, feeling.



**Сведения об авторе:** ***Асадулло Муртазои*** - соискатель Таджикского национального университета


# РӮЙКАРДИ ҲЕРМОНОТИКӢ БА ҲУНАР АЗ МАНЗАРИ ИСЛОМ


***Муҳаммадҳасан Раҳимии Каҳмилӣ***

**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**


Мутафаккирони қарнҳои нахусти ҳиҷрӣ бидуни қоил шудан ба табиати ҳермонтикӣ барои ҳунар наметавонистанд дар баробари мухолифати шариаатгароён, машрӯияте касб кунанд. Ба назар меояд, ки дин ва ҳунар дорои унсурҳои муштараке мебошанд, ки ба фаҳм ва баёни ҷаҳони воқеият мепардозанд ва ба сиратҳо ё шуҳудҳои ҳунарӣ ва динӣ фаҳми мустақим ва ғайримафҳумӣ аз ҷаҳони воқеӣ ба даст медиҳанд. Ва муътакиби илҳом ва нубуғ ё дигар истеъдодҳои илоҳианд. Мавзӯъотеро мавриди баҳс қарор медиҳанд, ки баёнгари шуҳудҳои хос аз воқеиятанд, ки ба таври қолиб, аммо на ҳамвора, ғайриистидлолианд [1].

Ислом дар мақоми динӣ ва ваҳёнӣ, дорои худошиносии хосе аст, ки нахуст мебояд бо таваҷҷуҳ ба асли тавҳид аз ҳар воқеияти дигаре салби асолат кунад ва тамоми таваҷҷуҳи худро ба асли сарчашма ва сароғозе барои ҳар мавҷуди махсус қарор диҳад. Ҳамин амр исломро бар он медорад, ки сахтгирона одатҳои зеҳни инсони бадавиро дар таваҷҷуҳ ба ҷаҳони махсус инкор кунад ва ба ӯ биомӯзад, ки онҳоро фақат, «ояҳо» ё нишонаҳои воқеияти бузургтар ва пойдортар бубинанд, то битавонанд, ба дарке аз кулли олам ва равобити ҳоким бар он даст ёбанд. Дар таҷрибаи таърихии ислом, аҳли шариат ва аҳли ҳунар ва шуҳуд бардошти яксоне аз ин худошиносии қуръонӣ надоранд. Аҳли шариат, аҳли зоҳир мекӯшанд, ки ҳар гуна таваҷҷуҳи калбии инсон ба умури моддӣ ва маҳсусро нафй ва аз ин тариқ ӯро ба ситоиши Худои ягона во доранд. Худои аҳли шариат дар назди поктарини онон ба мафҳумии яксара интизоӣ табдил мешавад. Аммо аҳли ботин мекӯшанд, то аз роҳи мушоҳидае рубубият ва ҳақиқатро дарёбанд ва Худоро на ба сурати мафҳуми интизоӣ ва ғоиб ва барканора аз ҷаҳон, балки ба сурати мавҷуди ҳозир дар ҷаҳон ва ошкор дар он бубинанд. Рамзҳо, ошкоркунандаи ӯ низ ҳастанд ва инсон ба фаҳми Худованд намерасад, магар аз раҳгузари фаҳме нишонаҳо ва рамзҳои ӯ.

Аз ҳамин рӯ, дидгоҳҳои ботинӣ дар ислом машрӯияти «зебоӣ» ҷисмонӣ ва моддиро ба манзалаи роҳе ба сӯйи Худо таъвил мекунанд. Барои шарҳи мустанади раванди ҳермонотикӣ дар таҷрибаи таърихии шаклгирии мафҳуми ҳунар дар ҷаҳони ислом, тафаккури ду тан аз назарияпардозони барҷастаи муосири ҳунари исломӣ Титус Буркхардт ва Сайидҳасани Наср аҳамияти вижае доранд. Дар ин ду рӯйкард таваҷҷуҳе ба маънои асосан динии ҳунари исломӣ ва бозтоби усули эътиқодӣ ба таърифе аз ислом ва ҳунар қоиланд, ки таркиби ҳунари исломиро маънодор мекунад.

Ва дигар, таваҷҷуҳ мекунем ба рӯйкарде, ки ба тақосуми машҳури ҳунар ва дин дар ҷомеаи исломӣ мепардозад ва нишон медиҳад, ки чӣ гуна рафъи тахосум ва бахшидани машруият ба ҳунарҳои сколерӣ дар ҷомеаи динӣ мумкин шудааст. Ҷомеае, ки бар он аҳкоми шаръ ва ҳалолу ҳаром дар он роиҷ бошад, ҳунар наметавонад вуҷуд ёбад. Магар ин ки битавонад, аз дунявитарин таъбирҳое, ки ҷомеаи динӣ накуҳида мешавад, накутарин таъвили мумкинро ба даст диҳад. Дар ташреҳи ҳунари исломӣ ва рӯйкардҳои ҳермонотикии муассир ба он метавон гуфт, ки ҳунари исломиро ҳунаршиносон ва муаррихони аврупоӣ барои табақабандӣ ва тамоюзи осори ҳунарии бавуҷудомада дар тамаддуни исломӣ, аз дигар осори бавуҷудомада дар тамаддунҳои дигар ном ниҳодаанд. Ҳамчун бисёре аз шохаҳои дигари дин, тамаддун, фарҳанг ва таърихи кишварҳои исломӣ ва низ адён ва фарҳангҳои дигар аз қарни 19 мелодӣ мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони ховаршиноси аврупоӣ қарор гирифт ва дар даҳаҳои охир бо рушди наҳзатҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ дар ҷаҳони ислом барои худи мусалмонон низ ба мавзӯи дархур, барои касби худогоҳии фарҳангӣ ва динӣ, сипас тасбити ҳуввияти миллӣ ва динӣ табдил шуд. Дар чаро ва чигунагии таваҷҷуҳи аврупоиён ба тамаддуну фарҳанг, таърих, дин ва ҳунари ҷомеаи дигар, табақабандӣ ва тавсиф ва назарияпардозиҳою таҳқиқ дар меросҳои онҳо сухан бисёр гуфта шудааст. Назарияҳои марбут ба дин, ҳунар, зебоишиносӣ ва ҳермонотик дар мақоми риштаҳои мустақил ва ҷудо аз якдигар ва тобеи қоидаҳои илми скулярӣ, ба қарни 18-уми мелодӣ бармегардем, марҳуми зуҳури рӯшангарии аврупоӣ аст ва идомаи суннат, инсонгароии аврупоист, ки ба асри ренесанс бозмегардад. Илм марзҳои динӣ ва қавмиву забониро ба расмият намешиносад ва ба арзишҳои ҷаҳонӣ ва кулли башарӣ бовар дорад. Бинобар ин, таваҷҷуҳ ба таҳқиқотҳо дар бораи ҳунари исломӣ, ҳунари динӣ ё муқаддаси дигаре, сарфи назар аз ин ки ин таҳқиқот чӣ манзур ва мақсадеро метавонад дар пай дошта бошад, реша дар мабонии инсонгароёна асри ҷадид дорад. Ҳар гуна нигоҳи мо ба гузашта чи бозсозона ва чи восозона бе ҳеҷ тардиде вобаста бар ёфтаҳо ва бар сохтаҳои назарияпардозиҳои ҷадиди аврупоӣ аст.

Аз ҷумла нуктаҳое, ки мавриди таваҷҷуҳи бархе аз муҳаққиқон қарор гирифтааст, ҷанбаҳои фикрӣ, намодгароёна ва маънавии ҳунари исломӣ аст, ки дар жарфковиҳо маънои амиқе дар худ нуҳуфта доштааст. Бинобар ин, кушидаанд, то ба табйин ё шарҳи маъноҳои рамзӣ ва намодгароёнаи ҳунар ва ирфони ислом бипардозанд. Титус Буркхардт ва Сайидҳасани Насрро метавон намудори он даста аз рӯйкардҳои ҳермонотикии ҷадиди вай ба ҳунари исломӣ донист, ки барои ҳунари исломӣ зоти мушаххас ва собит пешниҳод мекунанд ва муътақиданд, ки ҳунари исломи пайванди танготанг бо ислом дар мақоми дини ваҳёнӣ дорад. Ва ин ҳунарро наметавон бидуни мабонии маънавияш чунон ки бояд, фаҳмид ва қадр кард. Агар ин назар мутлақ пиндошта шавад, ба сурате ки Оливер Лимен дар баромаде зебоишиносии исломиро онро васф мекунад ва мегӯяд, ки яке аз 11 хатои муштараке аст, ки дар бораи ҳунари ислом вуҷуд дорад. Наср дар китоби худ «Илм ва тамаддун дар ислом» мегӯяд, ки намудори тамаддуни исломӣ рӯди ҷорӣ нест, балки мукааби Каъба аст, ки салобат ва устувории он намудори хислати пойдор ва тағйири ислом аст[2].

Буркхардт дар мавриди ҳунари исломӣ бо баёни Сайидҳусейни Наср ҳамрайъ аст, ки Қаъба ҷойгоҳи меҳварӣ дар ҷаҳонбинии исломӣ дорад ва бар ин бовар аст, ки ин хона гарчи асари ҳунарӣ нест, аммо ҳузури он дар тамоми ҳаёти мусалмонон ошкор аст[3]. Аз ҳамин рӯ мегӯяд ки, агар касе ки ногузир шуда ба пурсиши ин ки ислом чист, посух гӯяд, ба яке аз шоҳкориҳои ҳунари исломӣ монанди масҷиди Ғуртабеъ ё масҷиди ибни Туллум дар Қоҳира, ё яке аз мадрасаҳои Самарқанд ва ё ҳатто Тоҷмаҳал ишора кунад. Зеро ки ҳунари исломӣ худ намудори ҳамон мафҳуме аст, ки аз номаш бармеояд, бе ҳеҷ ибҳоме. Ба назари ӯ чунин татобуқе миёни осори ҳунарии ҷаҳони ислом дар қадим ва рӯҳи ислом вуҷуд дорад, ки душвор метавон дар ҷойи дигар чунин муқоисае ёфт. Ва албатта, ин рӯҳ ба назари ӯ беш аз ҳар ҷо дар меъмории ҷаҳони ислом ҷилвагар аст[4]. Вай робитаи зебои мутлақи илоҳӣ ва зебоии муқаиди табииро бад-ин гуна шарҳ медиҳад, ки чун ҷавҳари ҳунар зебоӣ аст ва дар мусалмон зебоӣ сифати илоҳӣ аст, пас зебоӣ дорои ду ҷанба аст: Яке дар табиат, ки ҳамчун ҷомаи зебо бар ҳамаи мавҷудот ва ашё зебо пӯшонда шудааст ва дигар дар вуҷуди Худо, ё дар зоти ҳастӣ, ки ҷамоли мутлақ ва холис аст ва аз миёни ҳамаи сифоти илоҳӣ, ки дар ин ҷаҳон мутаҷаллӣ шудааст, беш аз ҳама ёдовар ҳастем, мутлақ ҳаст. Барои Буркхардт муаммои Худои нодиданӣ ба вуҷуди Каъба фақат дар зоҳир аст, ки носозгор ба назар меояд. Шояд ба назар ояд, ки Каъба бо назари ислом Худоро мутаолӣ ва дастнаёфтанӣ мешуморад созгор нест. Худо дар конуни дастнаёфтании ҷаҳон ҷойгузин аст, ҳамчунин ки дар дарунитарин конуни ҷони одамӣ низ ҷойгузин мегардад. Бар ин қиёс Букорт посухе мёёбад барои ин ки чаро дар ислом шамоилнигорӣ тавсеа наёфт. Ба гуфтаи ӯ, агар Қаъбаро ба манзалаи дил дар инсон дар назар бигирем, бутҳое, ки дар онанд, намудори шаҳватҳое ҳастанд, ки дилро машғул ва

тасхир мекунанд ва онро аз ёди Худо ғофил медоранд. Бинобар ин, нобуд кардани бутҳо ва ба таъбири густурдатар, ба канор ниҳодани ҳар тасвире, ки эҳтимолан бут шавад, ҳамоно равшантарин таъбири мумкин аз ин моҷарои ислом аст ва он пок сохтани дил аст аз ҳамаи чиз барои ҷой додани тавҳид дар он ва шаҳодат бар ин ки худое нест, ҷуз Худои воҳид.

Пас аз ин рӯйдод даст бурдан ба поягузории шамоилнигории исломӣ амре буд, сабук ва сатҳӣ, ки ин моҷароро аз мафҳуми хеш маҳрум месохт. Бинобар ин, дин гуна буд, ки дар ислом шамоилҳо ҷойи худро ба навиштаҳои муқаддас дод. Буркхардт мӯътақид аст, ки хушнависӣ дар ҷаҳони ислом ҷойгузини шамоилнигорӣ шуда бошад. Чаро ки Худои нодидани ва воҳид бо каломи малфуз ва мактуби худ бар зеҳни мусалмонон таъсир мегузошт ва ислом мехост бо он адёне бошад, ки илоҳиҳо, авлиё, анбиё, аҳбоб ва роҳибонро ба мақоми алваҳият ва шафоаткунандагон ё воситаҳое миёни Худо ва халқ бирасонанд. Бинобар ин, рӯҳи ислом ҳамроҳ бо ҳунари ислом дар ҷаҳоне падидор шуд ва созмон ёфт, ки бо машоихи аҳди атиқа пайванди бештаре дошт.

Сайидҳусейни Наср аз дигар назарияпардозоне ба шумор меравад, ки ифротитарин мутафаккир дар ҳавзаи иртиботи ҳунари исломӣ ва маънавёяти исломӣ аст. Ва таъвили эшон аз ҳунари исломӣ ба ҳунари қудсӣ, ки иртиботе амиқ бо ҷаҳонбинии исломӣ дорад. Ӯ дар маҷмӯаи мақолаҳои худ ва дар китобе бо унвони «Ҳунар ва маънавияти исломӣ» кӯшидааст усули ваҳдатбахширо ба даст оварад, ки ҳамаи осори ҳунарии ҷаҳони исломро дар ҷуғрофиёи бузурги таърихияш аз худ баҳраманд сохтааст. Бо эътиқод бар ин ки таҳқиқи таърихӣ метавонад, тамоми иқтибосҳои фаннӣ ва фикрии ҳунари исломиро аз ҳунарҳои роиҷ дар тамаддунҳои дигар исбот кунад, ба унвон мекунад, ки ҳунари исломӣ ҳамтои ҳар ҳунари қудсии дигар, сирфан дар мавод ва масолеҳе, ки ба кор гирифта шудааст, хулоса намешавад [5].

Ва барои қазоват дар хусуси он, бояд дид ки ин ҷомеаи динии хос чӣ гуна аз ин мавод ва масолеҳ истифода карда, онҳоро шакл додааст. Бад-ин тариқ, ӯ сарчашмаи асли хунари исломиро ба ҷаҳонбинии исломӣ ва ваҳй муртабит мекунад. Ва муддаӣ мешавад, ки миёни ваҳй ва ҳунари исломӣ робитаи илӣ (иллат) вуҷуд дорад, ки тавонистааст аз уҳдаи анҷоми вазифаи маънавии худ барояд ва дар исботи гуфтаи худ, ҳатто, бо ҳамдинони худ низ ба чолиш бармехезад. Вай муътақид аст, ки бархе мумкин аст ба вуҷуди чунин робитае изъон дошта бошанд, аммо маншаи ҳунари илзомиро дар шароити иҷтимоӣ, сиёсӣ ношӣ аз зуҳури ислом ҷустуҷӯ кунад. Ин дидгоҳ, агар мақбули гурӯҳе аз мусалмонон ҳам бошад, боз дидгоҳи комилан мутаҷадид ва ғайриисломӣ аст, чунки маншаи амри ботиниро дар зоҳир медонад ва ҳунари қудсӣ ва нерӯи ҷозиба ва ҳозимаи хоси онро ба шароити берунӣ ва иҷтимоии маҳз ё ҳамчун муаррихони марксист ба омилҳои иқтисодии сирф тақлил медиҳанд.

Ин дидгоҳро метавон аз манзари мобаъдуттабиа ва илоҳиёти исломӣ, ки Худоро маншаи тамоми суратҳо медонад, ба содагӣ рад кард, чароки зоти ҳамаи ашё ҳақиқати худро маъдани ҳикмати илоҳӣ медонад.

Тафаккури исломӣ таназзули аъло ба асфал, яъне ақлонӣ ва ҷисмонӣ ё қудсӣ ба ин ҷаҳониро раво намедонад. Аммо аз дидгоҳи ғайриисломӣ ҳам сирфи сиришти ҳунарҳо ва улуми исломӣ ва дарки маънавӣ, ки аз лавозими халқи он осор аст, ҳар нозири бетараферо, ки асири идеологияҳои мухталифе набошад, ки имрӯз дар мақоми ҷаҳонбиниҳои фарогир ҷойи динҳои қадимро гирифтаанд, ба ин натиҷа хоҳад расонд, ки сарфи назар аз ҳар гуна пайванд миёни ҳунар ва илҳоми исломӣ, маншаи судури ин осор наметавонад, таҳаввулоти сиёсӣ-иҷтимоии ношӣ аз зуҳури ислом бошад.

Дарвоқеъ посухро бояд дар худи дини ислом пайдо кард. Шеваи ҷадалӣ ва моҳиятгароёнаи ин гуфтор ба гунаи ғайриилмӣ, ҳеҷ ҷойе барои мухолифат бо назари худро боқӣ намегузорад. Аммо баёни наср дар ин ҷо ҳарчанд метавонад, шабоҳатҳои чашмгир ё одатҳои мушобеҳ бо гуфторҳои шариатгароён ва муддаиёни исломи муҳаммадӣ, ё ба таъбири имрӯзаи аврупоиён бунёдгароён дошта бошад, бисёр зуд равшан мекунад, ки Наср исломро бо шариат ё аҳкоми ҳуқуқии ислом яке намедонад. Ӯ бинобар тақсими сетоии қадим шариат, тариқат, ҳақиқат ва исломро дорои се ваҷҳ мешуморад, ки ваҷҳи аслии он ҳақиқат, яъне мушоҳидаи рубубият аст ва ҳамин ваҷҳ аст, ки сарманшаи шариат ва тариқат низ маҳсуб мешавад.

Ӯ пас аз баррасии ҳамаи улум, аз ҷумла фиқҳ, калом ва фалсафа, натиҷа мегирад, ки сарчашмаи ҳунари исломӣ дар ҳеҷ кадом аз ин улум наметавонад вуҷуд дошта бошад. Бинобар ин, танҳо сарчашмаи муҳтаммил барои ҳунари исломиро китоб ва суннат медонад, ки худи исломро ба вуҷуд овардааст. Ҳунари ислом фақат аз он рӯ исломӣ нест, ки мусалмонон бавуҷудоварандаи он буданд. Балки ин ҳунар ҳамчун шариат ва тариқат аз тариқи илҳоми исломӣ сарчашма мегирад. Ин ҳунар ҳақиқатҳои дарунии инҳоми исломиро дар ҷаҳони шаклҳо шукуфо мекунад. Чун аз шакли ботинии ислом ношӣ мешавад, инсонро ба хилвати дарунии илҳоми илоҳӣ ҳидоят мекунад. Ҳунари исломӣ аз назари пайдоиш, самараи маънавияти исломӣ ва аз назари шинохти маъда ё бозгашт ба он мукаммил ва ҳомии ҳаёти маънавӣ аст[6].

Вай барои ҳунари исломии мавриди назари худ хусусиёте меёбад. Аввал, таҷаллии ваҳдат дар касрат, яъне ҳокимияти асли воҳиди илоҳӣ бар ҷаҳон ва вабастагии ҳама чиз ба Худои ягона. Дувум, ошкор кардани ҳақиқатҳои мисолӣ дар қолиби низоми моддӣ, ки ҳавоси инсон, бевосита қодир ба

дарки он аст. Омода сохтани рӯҳ барои суде ба олами ғайб. Севум, ҳунари исломӣ мубтанӣ бар маърифате аст, ки худ сиришти маънавӣ дорад. Маърифате, ки устодони қадими ҳунари исломӣ онро ҳикмат номидаанд ва ин ҳикмат худ чизе ҷуз ҷанбаи хирадмандонаи маънавияти исломӣ нест. Чаҳорум, шаклгирии рӯҳи мусалмонон бо анҷоми ибодат, муносиб ва шиорҳои динӣ. Панҷум, ҳимояте, ки аз ин ҳунар дар тамоми сутӯҳи ҷомеа вуҷуд доштааст.

Рӯйкардҳои ҳермонотикии суннатгароёни ба ҳунар ва фарҳанги ҷомеаи исломӣ бо интиқоди бисёр ҷиддӣ рӯбарӯст. Парҳези онон аз мутолиаи таърихӣ, истифода аз баёнҳои хитобӣ, нафъи улуми скулярӣ, қоим ба зот донистани мавзӯоти таҳқиқ, гузинишҳо ва таърифҳои тақлилгароёна, ҷилва додан ба гузашта аз ҷумлаи эродҳое аст, ки бар тон ворид аст. Аммо беэтинод роҳи худ идома медиҳад.

Оливер Лимен, 11 иштибоҳи мутадовилро дар таъвил ва тафсири ҳунари исломӣ бармешуморад:

Аз манзари моҳиятгароӣ исломро метавон таъриф кард; зебоишиносии исломӣ вуҷуд надорад; ҳунари исломӣ асосан суфиёна аст; Суратҳои ҳунарие вуҷуд дорад, ки ба таври таъкидӣ исломӣ аст; Ҳунари исломӣ моҳияти динӣ дорад; наққошии исломӣ бисёр мутафовит бо суратҳои дигари наққошӣ аст; ҳунари исломӣ он дигаре аст; Ғаззоли наққошии исломиро кушт; ҳунари исломӣ моҳияти хурд дорад; ҳунари исломӣ атунгароёна аст; хушнависӣ бартарин ҳунари исломӣ аст.

Вай дар китоби худ баҳси дигареро бо унвони дин сабк, ҳунар матраҳ мекунад, ки дар зебоишиносии исломӣ мунoқишаҳое вуҷуд дорад, ки ҳар аз гоҳ аз сар гирифта мешавад ва се истидлоли қавӣ алайҳи истифода аз ҳунар дар фарҳанги исломиро матраҳ мекунад.

Аввал, тасвирсозии халлоқ ба ғалабаи шаҳват бар ақл меанҷомад. Дувум, тамаркуз бар ҷанбаҳои моръии ашё, монеъ аз фаҳми ашё, чунонки ҳастанд мешавад. Севум, Паёмбар (с) бутпарастиро накӯҳидааст. Лимон ба унвони ин мавзӯе бо унвони «Нақди ибни Ваҳҳоб аз ҳунар» мепардозад ва эътиқодҳоеро зикр мекунад, ки аҳли суннат ва муташаръӣ он аз аҳли тасаввуф кардаанд ва забони онoнро аз суханоне дар васфи шароб ё мастӣ, накӯҳида. Бешак ҳар рӯйкарди ҳермонотикӣ ба ҳунари исломӣ наметавонад, аз ин баҳс ғафлат кунад, ки чӣ гуна мумкин аст дар ҷомеаи исломӣ адабиёте ба вуҷуд ояд, ки аз вожагони ғайришаръӣ, эҳсосҳои бехештанӣ лабрез бошад. Афрод дар ба забон овардани ин калимот чунон аз худ беҳуд мешаванд, ки гӯё таҷрибаи воқеӣ аз шароби сармастӣ доштаанд. Барои хонандаи форсизабон, забон лабрез аз истиораҳои ошиқона ва сархушонаи шоирон чизе нест, ки ниёз ба ёдоварӣ дошта бошад. Аммо талоши нависандагон бешак саҳми бисёр дар ишоаи ин забон ва машрӯият бахшидан ба он доштааст.

Ричард Этингхаузен дар таҳқиқи худ, дар боби зебоӣ аз назари Ғаззолӣ бо илҳом бо сухани Онондо Куморо Сувами, нишон дод, ки метавонем дар эҳёи улуми дин ва кимиёи саодати Ғаззолӣ назарияи эронӣ дар боби зебоӣ ва лаззати зебоишинохтӣ биёбем [7]. Ғаззолӣ ба далели назари ҷасуронааш дар мавриди самоъ ва рақс машҳур будааст. Имрӯз низ дар ҳар баҳсе дар ин мавриду ҳамчунон марҷаи муътабар аст[8].

Баррасии ҳермонотикии Ғаззолӣ ба ҳунар ва таъйини машрӯияти он бар асоси таъвил ва тафсире аст, ки як фақеҳ метавонад, аз ҳунар дошта бошад. Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, фақеҳ, сӯфӣ, мутакаллим ва файласуфи нохоста буд. Ӯ бинобар вазифаи шаръии худ иттилое аз аҳволи сӯфиён дошт, ва мебояд равшан мекард, ки чаро метавон бар хилофи назари аҳли зоҳир барои мусиқӣ, рақс ва шеъри ошиқона ба таври хос ва ҳунар ба таври ом рухсат қоил шуд ва дар боби одоби самоъ дар фасли ҷудогона аз кимиё, қабл аз амр ба маъруф ва амр аз нукар омадааст. Аз ин рӯ, ҳунари исломӣ бар асоси мобаъдуттабиае шакл гирифта, ки ҷамоли илоҳӣ дар он намуд ёфта, дидгоҳҳои зоҳирбинона дар таҷрибаи таърихии ҷаҳони ислом, сӯфия бар хилофи фақеҳон ба таҷрибае рӯ оварданд, ки ҷамоли илоҳиро дар оилаи табиат мунакис мебинад. Ва бо иттико ба андешаи ҳермонотикии ҳунар даст ёзиданд, ки реша дар юнони бостон ва фалсафаи афлотунӣ дошт. Аммо аз он ҷо ки дар хориҷ аз ҳалқаҳои расмии фалсафа ва намояндагони он ба вуҷуд омад ва тақлиде огоҳона набуд, барои ҷараёни баъдии шукуфоии адабӣ ва ҳунарии ҷаҳони ислом дастоварде фархунда дошт.

**АДАБИЁТ**


1. Martin James Alfred Jr. (1987) "Aesthetics" in Encyclopaedia of Religion, ed by Mircea Eliade, Vol.1.pp 39.
2. Leaman O. (2004) Islamis Aestherting An introduction Edinburg University Press.
3. Буркхардт Титус. Ҳунари исломӣ: Забон ва баён. / Буркҳорд Титус; Тарҷумаи Масъуди Раҷабниё. -Теҳрон: Суруш. 1365.
4. Ҳамон ҷо, саҳ 16.
5. Наср Сайидҳусейн. Ҳунар ва маънавияти исломӣ / Наср Сайидҳусейн; Тарҷумаи Раҳими Қосимиён. -Теҳрон: Дафтари мутолиоти динӣ, 1375. -С. 10.
6. Ҳамон ҷо, с. 13.
7. Ричард Этингхаузен. Зебоӣ аз назари Ғаззолӣ / Ричард Этингҳоузен Ричард Этингҳоузен; Тарҷумаи Муҳаммадсаиди Ҳанноии Кошонӣ. -Теҳрон: Муовинати ҳунарии вазорати иршод, 1373. -№ 27. -С. 27-34
8. Gribetz Artur, 2008. The Sama contrvesy: Sufi vs. legalist, in Sufisem Ed. By lioyd Ridgeon New York Routledge, vol. 3 pp. 1-17.


## ГЕРМЕНЕВТИЧЕСКОЕ ТОЛКОВАНИЕ ИСЛАМСКОГО ИСКУССТВА


Адекватное понимание различных текстов и их интерпретация является одной из труднейших задач. Герменевтика это искусство истолкования и понимания. В данной статье автор рассматривает исламское искусство на основе изучения произведения «Исламское

искусство» Титуса Буркхардта, который проводит читателя через основные аспекты исламского искусства и участие этого искусства в литургии к поляризации кочевых и оседлых народов, к великим синтезам исламского искусства и архитектуры и, наконец, к исламскому городу. Исследование исламского или любого другого сакрального искусства может способствовать более или менее глубокому пониманию духовных истин, лежащих в основе всего космического и человеческого мира.

**Ключевые слова:** искусство, исламское искусство, герменевтика, развитие искусства и религии, искусство и интерпретация, Буркхардт, Наср и Газзали.

**HERMENEUTIC INTERPRETATION OF ISLAMIC ART**

Adequate understanding of various texts and their interpretation is one of the most difficult tasks. Hermeneutics is the art of interpretation and understanding. In this article the author examines Islamic art based on the study of the works of "Islamic art" Titus Burckhardt which conducts the reader through the basic aspects of Islamic art and part of this art in the Liturgy to the polarization of the nomadic and sedentary peoples of the great syntheses of Islamic art and architecture and, finally, the Islamic city. The study of the Islamic or any other sacred art can contribute to a more or less deep understanding of the spiritual truths that underlie all cosmic and human world.

**Key words:** art, Islamic art, hermeneutics, the art and religion, art and interpretation, BURKHARDT, Nasr and Ghazzali.

**Сведения об авторе:** ***Мухаммадхасан Рахими Кахмили*** - соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

## БАРРАСИИ БУРҲОНИ ИБНИ СИНО БАРОИ ИСБОТИ ВУҶУДИ ХУДО

***Парвиз Раҳмонӣ, Ғуломризо Раҳмонӣ***
**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Токистон, Эрон**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бурҳони сиддиқин нахустин бор тавассути Ибни Сино оғоз шуд. Аз дидгоҳи Ибни Сино бурҳони сиддиқин авло ва ашраф аз дигар бурҳонҳое аст, ки барои исботи вуҷуди Худо иқома шудаанд, зеро дар бурҳонҳое монанди ҳаракат, вуҷуд ва имкон, ҳудус аз афъол ва сифоти Худованд бар зоти ӯ истидлол мешавад. Аммо дар бурҳони сиддиқин аз зоти ӯ, бар зоти ӯ истишҳод мегардад. Истидлол аз афъол ва сифоти ӯ бар зоти ӯ агарчи худ далеле бар ҳастии айнӣ ва вуҷуди хориҷии воҷибулвуҷуд биззот аст, аммо андозаи бурҳони сиддиқини ашраф, аҳкам ва атқан нестанд.

Бурҳони сиддиқин бурҳоне аст сирфан ақлӣ ва дар он аз ҳеҷ як аз мабодии табиӣ истифода нашудааст ва ҳамин тавр чун дар он аз махлуқот ва ё аз авсофашон истимдод нашудааст бурҳони иннӣ нест ва низ ба далели он, ки зоти воҷибулвуҷуд биззот маълули чизе нест, балки худ иллатулмаълул аст бурҳони лимми низ нест. Зеро дар бурҳони мазбур аз иллат пай ба вуҷуди маълул бурда мешавад ва ҳол он ки Худованд дорои иллат нест. Чун собит шуд, ки бурҳони сиддиқин ба инни аст на лимми, пас чӣ навъ бурҳоне аст? Посухи суоли мазбур он аст, ки бурҳони мазбур ба далели шабоҳат ба далели лимми бурҳони шабеҳи лимми номида мешавад.

**Усули бурҳони сиддиқин.** Бурҳони сиддиқин бар асоси тақрири Ибни Сино мубтанӣ бар чаҳор асли ақлӣ ва фалсафӣ аст. Усули чаҳоргонае, ки дар бурҳони мазбур ба кор рафтаанд, дар умури омма мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифта, ба унвони асли куллӣ ва ақлӣ пазируфта шудаанд. Усул ва муқаддамоте, ки дар бурҳони сиддиқин ба кор меравад ба шарҳи зайл аст:

**Баёни асли аввал.** Яке аз усуле, ки Ибни Сино дар тақрири бурҳони сиддиқин ба кор мебарад нафси вуҷуд ва асли воқеият аст. Пазируфтани нафси вуҷуд ва асли воқеият марз байни сафсата ва фалсафа аст ба ин маъно, ки пазириши воқеият фалсафа аст ва инкори он сафсата мебошад. Аз нигоҳи суфистоӣ ҳеҷ чизе вуҷуд надорад, аммо файласуф аввалин асле, ки бо он фалсафаро оғоз мекунад, асли воқеият доштани ашё ва умур аст, зеро бо инкор ва нафйи воқеият дигар ҳеҷ баҳсе дар бораи хусусиёт ва авсофи он боқӣ намемонад, аммо бо қабули воқеият масоили фалсафӣ яке пас аз дигаре матраҳ хоҳад шуд.

Ибни Сино қабули асли воқеиятро аввалӣ талаққӣ намудааст, зеро он асл на қобили салб ва инкор аст ва на пазирои бурҳон ва исбот. Ба ибораи дигар, мутлақи воқеият бурҳоннопазир аст, зеро касе ки мудаии инкор ва салби воқеият аст, бо баёни қазияи «воқеият нест», воқеиятҳое монанди нафс, зеҳн, қиёс ва муқаддамот ва натиҷаи онро пазируфтааст, зеро умури мазбур худ бахше аз воқеиятест, ки мункири воқеият пазируфтааст. Пас инкори воқеият мусталзами пазириши он аст ва ҳамин тавр, қабули воқеият низ бурҳоннопазир аст. Бинобар ин, воқеият ба далели он ки на қобили инкор аст ва на қобили исбот, бояд аввалӣ, балки аввалулавоил бошад.

Ибни Сино муқаддимаи аввали бурҳони сиддиқинро чунин баён мекунад: «Ло шакка анна ҳуно вуҷудан», яъне бидуни шак дар олами хориҷ вуҷуде ҳаст, зеро ловуҷуд адам аст ва адаму ловуҷуд мавриди қабули суфистоиён аст, аз ин рӯ, Ибни Сино ҳақиқатеро бидуни таъйини хусусиёти он мепазирад, зеро агар хусусияте барои ҳастӣ мушаххас гардад, иқомаи бурҳони таҳсил ҳосил хоҳад буд. Пас барои иқомаи бурҳони сиддиқин нафси вуҷуд бояд маҳраз гардад на мафрӯз, зеро бо фарзи вуҷуд, воҷибулвуҷуд фарзӣ исбот мешавад, на воқеӣ ва аммо ин ки ин вуҷуди маҳраз ва мусаллам дорои чи

хусусиётест, ҳаргиз дар муқаддимаи аввал мушаххас намегардад, балки дар он танҳо гуфта мешавад, ки мавҷуд мойи ҳаст[1].

**Баёни асли дувум.** Асли дувум он аст ки воқеият ва мавҷуде, ки қабули он аввалӣ аст ва ҳеҷ шакке дар вуҷуди айнии он нест ба ҳасри ақли мунҳасир дар воҷиб ва мумкин аст. Ибни Сино муқаддимаи мазбурро ба ин сурат баён намудааст: «Ва куллу вуҷудин фаиммо воҷибун ва иммо мумкинун», яъне ва ҳар вуҷуде ё воҷиб аст, ё мумкин» [2]. Пас, мавҷуди хориҷӣ ё вуҷуд барояш зарурӣ аст ва ё зарурӣ нест. Мавҷуде, ки вуҷуд барояш зарурӣ бошад, воҷибулвуҷуд ва мавҷуде, ки вуҷуд барояш зарурӣ набошад мумкинулвуҷуд номида мешавад. Мумкинулвуҷуде, ки дар хориҷ таҳаққуқ дорад ва воҷибулвуҷуд билғайр аст на мумкинулвуҷуд биззоте, ки танҳо дар олами зеҳн ба сурати мутасови юннисба байни вуҷуд ва адам тасаввур мешавад.

Бинобар ин, тақсими Ибни Сино аз воқеият ҳаргиз зеҳнӣ нест. Гарчи амалиёти тақсим дар даруни зеҳни одамӣ анҷом мешавад, вале мафоҳими вуҷуд ва мумкин ҳокӣ ва мироти воқеияти хориҷӣ ҳастанд. Пас, агар мурод аз мумкинулвуҷуд тасовӣ байни вуҷуд ва адам бошад, он наметавонад ба унвони муқаддимаи бурҳони сиддиқин қарор гирад, зеро дар он сурат воқеияти хориҷӣ мунҳасир дар воҷибулвуҷуд мешавад ва иқомаи бурҳон бар исботи вуҷуди он таҳсили ҳосил аст.

Ибни Сино мақсади воҷиб ва мумкинро худи воқеият ва нафси вуҷуд талаққӣ намудааст, аммо ин амр ба он маъно нест, ки вай ақсомро низ монанди мақсад мусаллам ва маҳраз талаққӣ карда бошад, балки аз тақсими вай бармеояд, ки нафси вуҷуд мураддад байни воҷиб ва мумкин аст ба ин маъно, ки вуҷуди воқеият дар хориҷ яқин ҳаст. Аммо ин ки он воқеият дорои чӣ хусусиёте аст шак ва тардид вуҷуд дорад ва ҳамин шакку тардид дар хусусияти вуҷуд бурҳони сиддиқинро аз дигар бурҳонҳо мутамоиз мегардонад, зеро дар соири бурҳонҳо хусусияти вуҷуд монанди нафси он маҳраз ва яқин пиндошта мешавад ва ба ҳамин далел монанди бурҳони сиддиқин авсақ ва ашраф нестанд.

**Баёни асли савум.** Асли савум эҳтиёҷи мумкинулвуҷуд биззот ба марҷаи хориҷ аз зот аст, зеро ҳар гоҳ зарурат барои нафси вуҷуд мавриди тардид қарор гирифт, аз тариқи эҳтиёҷ мумкинулвуҷуд биззот ба марҷаи хориҷ аз зот, зоти воҷибулвуҷуд биззотро исбот намуд, зеро дар бурҳони мазбур на зарурат ва вуҷуд барои нафси воқеияти хориҷи таъйиншуда ва на имкон, балки ҳарду хусусият барои он фарз шудааст, ба тавре ки воқеияти хориҷӣ мураддад байни ҳарду бошад.

Мумкинулвуҷуд биззот ба зоти худ на иқтизои вуҷуд дорад ва иқтизоӣ адам, балки биззотиҳи лоиқтизоӣ маҳз аст. Дуруст ҳамон тавре, ки ду кафаи тарозу, ки дар он ҳеҷ як каффаҳо бар дигаре тарҷеҳ надоранд, балки ба таври баробар то абад хоҳанд монд, магар он ки мураҷҷеҳи хориҷи он яке аз тарафайни ду кафа бар тарафи дигар тарҷеҳ диҳад, зеро тарҷеҳ било мураҷҷеҳи мустаҳил аст. Ҳамин тавр ҳам мумкинулвуҷуди биззот, агар биззотиҳи зарурат вуҷуд дошта бошад, дигар мумкинулвуҷуд биззот нест, балки воҷибулвуҷуд биззот мешавад ва агар биззотиҳи зарурати адамро дошта бошад, низ мумкинулвуҷуд биззот нахоҳад буд, балки мумтанеъулвуҷуд биззот мегардад. Бинобар ин, мумкинулвуҷуд биззот бидуни лиҳози ғайри мутасови-ан-нисба байни вуҷуд ва адам аст ва ин хосият ҳаргиз аз он мунфасил ва зоил намегардад на дар ҳолате ки маъдум аст, яъне мумтанеъулвуҷуд билғайр аст ва на ҳангоме ки мавҷуд аст, яъне воҷибулвуҷуд билғайр аст. Пас имкони моҳуӣ ҳаргиз аз зоти моҳиёти мумкина зоил нахоҳад шуд, зеро имкон зоти онҳост ва амри зотӣ ҳаргиз мутахалиф ва мухталиф намегардад.

Аз дидгоҳи Ибни Сино моҳиёти мумкина барои хуруҷ аз ҳадди тасовии байни вуҷуд ва адам муҳтоҷ ва муфтақир ба мураҷҷеҳи хориҷ аз худ мебошанд, зеро тарҷеҳ било мураҷҷеҳ мустаҳил аст. Ба ин маъно, ки вуҷуди мумкинулвуҷуд биззот ба воситаи мураҷҷеҳе ба ҳадди вуҷуд ва зарурат мерасад ва ҳар гоҳ ба марҳилаи вуҷуд бирасад, мавҷуд мегардад, вале агар ба ҳадди вуҷуд нарасад, ҳаргиз аз ҳолати истиво хориҷ намегардад. Бинобар ин, ҳар мумкинулвуҷуде барои хуруҷ аз ҳолати тасовӣ ба мураҷҷеҳи хориҷ аз зоти худ муқтазӣ мебошад.

Албатта, назарияи мазбур назари ибтидоии Ибни Сино ва ба хотири мумошот бо машшоиён аст. Назарияи дақиқ ва ниҳоии вай он аст, ки эҳтиёҷи мумкинулвуҷуд мансуб ба моҳияти он нест, балки марбут ба- вуҷуди онҳост бар ҳамин асос мавҷуди хориҷи ба ду қисм ғанӣ ва фақир тақсим мешавад. Мавҷуди фақир он аст, ки фақр айни вуҷуди заиф, таъаллуқи ва зиллии он аст ва мавҷуди ғанӣ он аст, ки ғано айни вуҷуди қавӣ, мустақил ва нури он аст. Бинобар ин, хоҳ эҳтиёҷ ва ифтиқор ба моҳияти мумкинулвуҷуд иснод дода шавад ва хоҳ ба вуҷуди он муҳтоҷ ба ғайр аст ва ин амр мустағнӣ аз иқомаи бурҳон аст.

Бинобар ин, назари дақиқ ва ниҳоии Ибни Сино дар мавриди малоки эҳтиёҷи мумкинулвуҷуд биззот ба иллати имкони фақрӣ аст, яъне эҳтиёҷ ва фақр мансуб ба моҳияти мумкина нест, балки марбут ба вуҷуди заиф, таъаллуқӣ, рабтӣ ва мустафод аз ғайр аст. Бар асоси имкони фақрӣ мавҷуд ё фақир аст ва ё ғанӣ, вуҷуд ҳам дар мавҷуди фақир ва ҳам дар мавҷуди ғанӣ айни зоти он аст на хориҷ аз зот, аз ин рӯ, ҳаргиз табдил намегардад. Вуҷуди фақир вуҷуде мустафод аз ғайр аст, вале вуҷуди ғанӣ бизотиҳи аст. Вуҷуди фақир айни рабт ва таъаллуқ ба ғайр аст, вале вуҷуди ғанӣ айни истиқлол ва истиғност. На фақр аз вуҷуд фақиру маъҷулу зоил мегардад ва на ғано аз вуҷуд ғанӣ ва мустақил, балки дар ҳарду айни зоти онҳост.

Ба ин тартиб, заиф ба ғанӣ, робит ба мустақил, зилл ба нур ва мустафод ба муфид муҳтоҷ ва мустақар аст ва эҳтиёҷ ва ифтиқор дар ҳама мавориди зарурӣ, бадеҳӣ ва ҳатто аввалӣ аст ва ниёзе ба бурҳон ва далели ақлӣ надорад ва агар касе онро тасдиқ накунад ба хафои тасаввуроти атрофи он, яъне мавзӯъ ва маҳмулу марбут мешавад, ва агар мавзӯъ ва маҳмули қазияи мазбур хуб табйин гардад, тасдиқи он зарурӣ хоҳад буд. Пас аз баёни ифтиқори мумкинулвуҷуд биззот ба мураҷҷеҳи хориҷ аз зоти ин суол, ки малоки ифтиқор ва ё иллати эҳтиёҷи мумкинулвуҷуди биззот ба иллат ва мураҷҷеҳ чист?

Назари ибтидоии Ибни Сино он аст, ки малок ва иллати эҳтиёҷи имкони моҳувӣ аст, яъне мумкинулвуҷуд биззот барои хуруҷ аз ҳадди тасовӣ муҳтоҷ ва муфтақар ба мураҷҷеҳе хориҷ аз зоти худ аст. Пас, агар мумкинулвуҷуд биззот дар ҳадди истиво байни вуҷуд ва адам намебуд, яъне ё воҷибулвуҷуд биззот мебуд, ё мумтанеулвуҷуд биззот ҳаргиз муҳтоҷ ва муфтақар ба иллате, ки онро аз ҳади тасовӣ хориҷ созад намебуд ва чун имкон лозимаи моҳият аст. Пас моҳиёти мумкина чи дар ҳоли ҳудус ва чи дар ҳоли бақо муҳтоҷ ва муфтақар ба иллате ҳастанд, то онҳоро аз ҳадди истивои байни вуҷуд ва адам хориҷ созад.

Пас малок ва иллати ифтиқор ва эҳтиёҷи моҳиёти мумкина ба мураҷҷеҳ ва иллате хориҷ аз зоти имкони моҳувӣ мебошад [3]. Аммо Ибни Сино аз имкони моҳувӣ мегузарад ва имкон ва эҳтиёҷро ба вуҷуди мумкинулвуҷуди биззот, яъне имкони фақрӣ истинод медиҳад. Албатта, Ибни Сино сареҳан ба имкони фақр изъон намекунад, балки аз маҷмӯи баёноти вай дар таъликот бармеояд, ки назари ниҳоии ӯ дар бораи малоки эҳтиёҷи мумкин ба иллати ҳамон имкони фақрӣ ё фақри вуҷудӣ аст.

Ибни Сино дар назари ибтидоӣ мавҷудро ба воҷибулвуҷуди биззот ва мумкинулвуҷуди биззот тақсим мекунад, он гоҳ иллати ҳоҷат ба иллатро имкони моҳувӣ талаққӣ мекунад [4], Аммо дар назари ниҳоӣ ва дақиқи худ вуҷудро ба мустафод аз ғайр ва мустақил аз ғайр тақсим мекунад. Вуҷуди мустафод вуҷуде таъаллуқӣ, зиллӣ ва айни фақр ва рабт ба ҷоил ва муфизи вуҷуд аст, вале вуҷуди мустақил вуҷуде нурӣ ва айни ғано ва истиқлол аз ғайр аст.

Бинобар ин, вуҷуд дар назари дақиқ ва ниҳоии Ибни Сино ба робит ва мустақил тақсим мешавад ва рабт ва истиқлол муқаввими зоти онҳост ва ҳаргиз вуҷуди робит мустақил намешавад ва вуҷуди мустақил робит намегардад, зеро инқилоб зоти мустаҳил аст. Пас он чи малоки эҳтиёҷ ба ғайр аст ҳамон вуҷуд фақир, заиф ва таъаллуқи мумкинулвуҷуд биззот аст ва он чи малоки истиғно аз ғайр аст, ҳамон вуҷуд ғанӣ, қавӣ, мустақил ва воҷибулвуҷуд биззот аст. Фақр дар мумкинулвуҷуд биззот айни вуҷуди фақирии он ва айни рабт ба воҷибулвуҷуд биззот аст ва ғано дар воҷибулвуҷуд биззот айни вуҷуди ғании он ва айни истиқлол аз ғайри худ мебошад.

**Баёни асли чаҳорум.** Асли чаҳорум истиҳолаи давр ва тасалсул аст. Давр дар иллат ва маълул ба ин маъност, ки чизе ки иллат нест, иллат бошад ва чизе ки маълул нест, маълул бошад. Ба ибораи дигар, давр иборат аст аз таваққуфи иллат ва маълул бар якдигар. Давр мусталзами таволии фосидае монанди тақаввум бар худ ва таваққуф бар худ ва иллият нисбат ба худ мебошад ва тасалсул дар илал ва маолил ба ин маъност ки шайъе, ки иллати модуна аст, маълули иллати мофавқи худ бошад ва иллати мофавқ низ, ки иллати модуна аст, маълули иллати мофавқ бошад. Масалан, агар «алиф» ба унвони маълули охир лиҳоз гардад ва «бе» ба унвони иллати он ва ҳамин тавр «бе», ки иллати «алиф» аст, маълули «ҷим» ва «ҷим», ки иллати «бе» аст, маълули «дол» то беохир силсилае аз илал ва маълул падид меояд, ки дар он ҳар иллате ҳам иллати модуна аст ва ҳам маълули мофавқ, ба ҷуз маълули ахир, ки фақат маълул аст ва иллат нест. Тасалсул монанди давр ботил мебошад.

**Тақрири бурҳон.** Ибни Сино дар тақрири бурҳони сиддиқин мегӯяд: «Ло шакка ин ҳунно вуҷудан ва куллу вуҷудин фаиммо воҷибун ва иммо мумкинун. Фа ин кона воҷибан саҳа вуҷуд-улвоҷиб ва ҳува-ал-матлубу. Ва ин кона мумкинан фаинно назиҳа аннал мумкину янтаҳо вуҷудуҳу ило воҷиб-ил-вуҷуд» (Яъне бидуни шак вуҷуде дар хориҷ аз зеҳн таҳаққуқ дорад, ва ҳар вуҷуде ё воҷиб аст ва ё мумкин, пас агар воҷиб, бошад вуҷуди воҷиб саҳеҳ аст ва он матлуб аст. Ва аммо агар мумкин бошад, пас ошкор аст, ки вуҷуди мумкин бояд ба воҷиб-ул-вуҷуд биззот мунтаҳо гардад. Пас вуҷуд хоҳ воҷиб ва хоҳ мумкин нафси вуҷуд шоҳид бар зоти воҷиб-ул-вуҷуд биззот аст) [5].

Бинобар ин, дар олами хориҷ аз зеҳни одамӣ мавҷуде ҳаст ва он мавҷуд ё воҷиб аст ва ё мумкин, агар воҷиб бошад матлуб, яъне вуҷуди зоти воҷибулвуҷуд биззот исбот мешавад ва аммо агар мумкин бошад ба воҷибулвуҷуд биззот мунтаҳо мегардад. Пас дар ҳар ду ҳолат нафси ҳастӣ шоҳид бар зоти воҷибулвуҷуд биззот аст ва ба ҳамин далел Ибни Сино муътақид аст ки бурҳони сиддиқин истидлол аз нафси ҳастӣ бар ҳастии воҷиб аст, на аз ғайри нафси ҳастӣ бар ӯ, агарчи ғайри нафси ҳастӣ, яъне афъол ва осор ва авсофашон далел бар ҳастии ӯст, аммо бурҳон аз нафси ҳастӣ бар зоти ӯ авсақ ва ашраф аз ғайри нафси ҳастӣ бар зоти ӯст.

**Тақрири Муллю Садро.** Мулло Садрои Шерозӣ тақрири Ибни Синоро бурҳони сиддиқин қаламдод намекунад, балки бар он аст, ки тақрири вай бурҳони вуҷуд ва имкон аст на бурҳони сиддиқин ва ба ҳамин далел аст, ки худ бар асоси мабонии ҳикмати мутаолия тақрире нав аз бурҳони мазбур ироа медиҳад. Тақрири Сарулмутаалиҳин мутазаммини се муқаддима бар шарҳи зайл аст:

**Муқаддимаи аввал:** Муқаддимаи аввал он аст, ки вуҷуд асил аст ба ин маъно, ки вуҷуд ҳақиқатест, хориҷият айни зоти он аст.

**Муқаддимаи дувум:** Муқаддимаи дувум он аст, ки вуҷуд ҳақиқате басит аст ба ин маъно, ки мушавваб ба адам ва мураккаб аз ҳеҷ чизе нест.

**Муқаддимаи савум:** Муқаддимаи савум он аст, ки вуҷуд мушаккил аст ба ин маъно ки вуҷуд ҳақиқати воҳидае аст, ки воҷиди маротиби камол, накс, шиддат ва заъф аст.

Мулло Садро пас аз баёни муқаддамоти сегонаи бурҳони сиддиқин тақрири хоси худ аз бурҳони мазбурро ба шарҳи зайл ироа медиҳад: «Вуҷуд ё мустағнӣ аз ғайр аст ва ё муфтақир ба ғайри вуҷуде, ки мустағнӣ аз ғайр аст, воҷибулвуҷуд биззот аст ва вуҷуде, ки муфтақир ба ғайр аст, афъол ва осори ӯ мебошад» [6]


**АДАБИЁТ**

1. Абӯалӣ Ибни Сино. Китоб-ун-наҷот фил ҳикмати мантиқия ва табиия вал улуҳия. / Абӯалӣ Ибни Сино. –Бейрут, 1406ҳ. -С. 271.
2. Ҳамон ҷо
3. Абӯалӣ Ибни Сино. Китоб-ун-наҷот фил ҳикмати мантиқия ва табиия вал улуҳия. / Абӯалӣ Ибни Сино. –Бейрут, 1406ҳ. -С.249-250.
4. Сулаймон Дунё. Ал-ишорот ва танбеҳот ли Абиали Ибн Сино маъа. Шарҳи Насруддини Тӯсӣ. / Сулаймон Дунё. -Бейрут, -1992. -Ҷ.3., С-.19.
5. Китоб-ун-наҷот. саҳ.271., Ишорот ва танбиҳот маъа шарҳи Насруддини Тусӣ. Ҷ.3., -С.19., Мабдаъ ва маъод.-С.22., Хирадномаи Садро. –Теҳрон, 1979. -С.43-44.
6. Садриддин Муҳаммади Шерозӣ. Ал-ҳикмат-ул-мутаолия фил асфорил ақлият-ул-арбаа./ Садриддин Муҳаммади Шерозӣ – Бейрут, 1981. -С.63.
7. Сайин Ҳусайе Шамс. Тавҳиди ноб. Сайин Ҳусайе Шамс –Қум, 1379.
8. Муҳаммад Ҳусайнзода. Фалсафаи дин. / Муҳаммад Ҳусайнзода –Қум, 1376.
9. Абдуллоҳ Ҷавводи Омилӣ. Табйини бароҳини исботи вуҷуди Худо таоло шаънуҳу. / Абдуллоҳ Ҷавводи Омилӣ. –Қум, 1374.
10. Абдуррасули Убудият. Исботи вуҷуди Худо ба равиши аслии мавзӯъ. / Абдуррасули Убудият. -Қум 1382.
11. Муҳаммад Ҳусайн Таботабоӣ. Бидоят-ул-ҳикма./ Муҳаммад Ҳусайн Таботабоӣ.-Қум, 1364.
12. Муҳаммад Ҳусайн Таботабоӣ. Ниҳоят-ул-ҳикма./ Муҳаммад Ҳусайн Таботабоӣ -Қум, 1362.
13. Сулаймон Дунё. Ал-ишорот ва танбеҳот ли Абиали Ибн Сино маъа. Шарҳи Насруддини Тӯсӣ. / Сулаймон Дунё. –Бейрут, 1992.
14. Садриддин Муҳаммади Шерозӣ. Ал-ҳикмат-ул-мутаолия фил асфорил ақлият-ул-арбаъа. / Садриддин Муҳаммади Шерозӣ. –Бейрут, 1981.
15. Сайид Муҳаммад Хоманаӣ. Хирадномаи Садро. Фаслномаи таҳлилӣ, илмӣ ва пажӯҳишӣ. / Сайид Муҳаммад Хоманаӣ. –Теҳрон, 1998.
16. Омилӣ Абдуллоҳи Ҷавводӣ. Шарҳи ҳикмати мутаолияи асфори арбаа. / Омилӣ Абдуллоҳи Ҷавводӣ. –Теҳрон, 1368


**ИССЛЕДОВАНИЕ ДОВОДОВ ИБН СИНЫ ОТНОСИТЕЛЬНО ДОКАЗАТЕЛЬСТВА БЫТИЯ БОГА**


Данная статья посвящена изучению и исследованию доказательства бытия Бога с точки зрения Ибн Сины.



**Ключевые слова:** бытие, необходимый, возможность, вероятность, сущность, подлинность, действительность, имущий, неимущий, бедный, могучий, слабый, немощный


**THE STUDY OF THE ARGUMENTS OF IBN SINA REGARDING PROOF OF GOD'S EXISTENCE**


This article devoted to studying and analysing of the God existance's proof from Ibn Sina point of view.



**Key words:** existance, importance, possibility, probability, essence, wealthy, poor man, weak man, strong man



**Сведения об авторах:** ***Парвиз Рахмони*** доцент Свободного исламского университета города Токистан, Иран

***Гуломризо Рахмони –*** соискатель Таджикского национального университета


# ДАВЛАТИ КОРОМАД ДАР АНДЕШАИ ХОҶА НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ


***Шуҷоӣ Ғуломҳусейн***

**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**


Давлати матлуби Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ин қобилиятро дорад, ки мардумро дар қонуни асосии ҳукумат қарор диҳад ва эътибори ҳукуматро мутаваққиф бар таъмини ниёзмандиҳо ва хостаҳои инсон дар ду бӯъд-моддӣ ва маънавӣ қарор диҳад. Агарчи дар асри эшон мавзӯи мардум ва мардумсолорӣ як масъалаи фикрӣ ва дилмашғулии зеҳнии замона набудааст, назди Хоҷа Насируддини Тӯсӣ таҷрибаи муваффақ дар мудирияти сиёсӣ муваллиди нерӯи қавӣ, мудирияти ҳукумати матлуб ва давлати коромад эҷод мекунад ва муҷиб мешавад, ки низоми сиёсӣ ҳамеша пӯёии худро ҳифз намояд. Чунончи, агар аз таҷрибаҳои ғайрикоромад истифода шавад, ҷомеа дучори мараз ва осеби ҷиддӣ мешавад ва ниёзманди муолиҷаи ҳакимон мегардад.

**Давлати коромад дар андешаи Хоҷа Насируддини Тӯсӣ**

1. **Маншаи давлат** Асосан, дар дидгоҳи Хоҷа мардум нақши муҳим ва таъйинкунандае дар ҳифз ва бақои давлат доранд. Ӯ дар китоби «Ахлоқи Носирӣ» фаслеро ба вазифаҳои мардум нисбат ба

ҳукумат ихтисос дода, нишон дода аст, ки ҳукумат чанд поя дорад, ки як пояи он мардум мебошад. Дар сурате ҳукумат метавонад муваффақ ва коромад бошад, ки мардум дар он ҳузури чиддӣ ва фаъолона ва ба баёни имрӯзӣ «мушорикати сиёсӣ» дошта бошанд. Иттифоқҳо бояд бар асоси усули ҳисобшуда ва хуб бошанд. Агар давлате бо фиреб ва ҳила бихоҳад барои худ раъйе касб намояд, табиатан он иттифоқ писандида набуда, дар натича давлати ҳақ нест. Дар муқобил давлате, ки бо мавозини усулӣ ва ҳисобшуда бидуни истифода аз ҳар гуна ҳила ва найранг битавонад орои мардумро ба худ чалб кунад, табиатан давлати ҳақ хоҳад буд [1].

Дар ин чо ба манзури баррасии нақши мардум дар давлати мавриди назари Хоча Насируддини Тӯсӣ анвои сиёсат аз дидгоҳи ӯро аз назар мегузаронем.

**2.Сиёсати давлат.** Сиёсати давлат ва ҳоким метавонад, ба ду гуна сурат пазирад: сиёсати фозила, сиёсати ноқис. Сиёсатмадорон дар ҳар як аз ду навъ сиёсат корҳои хосе анчом медиҳанд. Дар сиёсати фозила сиёсатмадор: 1) ба адалот тамассуқ мечӯяд; 2) мардумро ба чойи дӯстони хеш қарор медиҳад; 3) чомеаро аз хайроти омма пур мекунад; 4) молики шаҳавоти хеш аст. Чунин ҳукумате бар мардум ҳукм меронад, ки саъй ва талоши онҳо расидан ба фазилатҳои инсонӣ, нафсонӣ ва маорифи ҳақиқӣ аст [2]. Аммо дар сиёсати ноқиса, сиёсатмадор: 1) ба зулм тамассук мечӯяд; 2) мардумро ба манзалаи хадама ва бандаи хеш дар назар мегирад; 3)чомеаро аз шарури омма пур мекунад; 4) бандаи шаҳавоти хеш аст.

Хайроти омма дар назари Хоча иборатанд аз амният, субот, дӯстӣ бо якдигар, адолат, иффат, лутф ва муҳаббат ба зердастон, вафодорӣ ва монанди он.

Бадиҳои омма низ иборатанд аз тарс ва ваҳшат, истифроб, ихтилоф, зулм, ҳирс, хушунат, хиёнат ва аҳдшиканӣ, тамасхур, ғайбат ва монанди он. Аз диди Хоча мардум дар ҳар ду сурат комилан мунфаил ҳастанд ва ба хеш нигоҳ ва иқтидо мекунад. Агар ҳоким битавонад сиёсати фозиларо дар чомеа авч диҳад, мардум аз он пайравӣ мекунанд ва агар бихоҳад сиёсати ноқисаро тачвиз кунад, мардум аз он пайравӣ мекунанд. «Мардумон дар ҳар ду ҳол назар бар мулук дошта бошанд ва иқтидо ба сирати эшон кунанд ва аз ин чо гуфтаанд, ки: Анносу аладдин мулукуҳум анносу ба замонаҳу ашбаҳу минҳум ва обоуҳум».

Манзури Хоча чист? Ба назар мерасад, ки дар назари Хоча аз он чо ки амри сиёсат печида ва қобили фаҳм барои мардуми одӣ нест, дар натича мардуме, ки аз савод ва дониши кофӣ бархурдор нестанд ва қувваи ташхиси умурро надоранд, ки ин аксарияти чомеа ҳастанд, таъкид мекунад ва танҳо аз ҳокимони хеш пайравӣ мекунанд. Хоча Насируддини Тӯсӣ низ монанди Форобӣ баҳсҳои марбут ба фард ва хонаводаро дар соири иқтидори ҳукумат медонад [3]. Аммо ҳамон гуна ки равшан аст, ин амр барои замонҳои ҳамчун замон Хоча комилан дуруст ва мутобиқ бо воқеият аст. Аммо наметавон аз ин масъала қоидаи куллӣ барои ҳамаи замонҳо ва маконҳо ироа дод. Метавон гуфт, ки аз он чо, ки давлатҳо дорои қудрати болотаре мебошанд ва ҳама чиз, ҳатто иттилоот ва ахборро таҳти ихтиёри хеш доранд, табиист, ки метавонанд, мардумро ғофили хеш созанд. Аммо дар чомеае, ки манбаъҳои иттилоърасонӣ ба шеваи озод ва то ҳадде ғайридавлатӣ бошанд, аз сӯйи дигар, мардуми он чомеа аз лиҳози биниш ва דониш дар ҳадди болое бошанд, камтар метавон шоҳиди ин буд, ки мардум чашмбаста ба ҳокимони хеш танҳо аз он чиҳат, ки ҳокими чомеа мебошад, иқтидо кунад. Шояд далелҳои дигаре битавонад ин гуна афродро қонеъ созад, то озодона аз давлатҳои хеш пайравӣ кунанд. Аммо ин масъала бо он чи Хоча мадди назар дорад, мутафовит аст.

Хоча дар тавсифи сиёсати фозила ба нуктаи муҳимми дигаре низ ишора мекунад. Вай мегӯяд: «Аз он чо ки дар сиёсат ба се масъалаи муҳими - қонун, ҳоким ва сарват ниёз аст, агар ин се масъала бо гунае бо ҳам омехта шаванд, ки битавонанд, афроди чомеаро ба самти камол пеш бибаранд, он сиёсат сиёсати илоҳӣ аст. Дар сиёсат ба номус ва ҳоким ва динор эҳтиёч бошад, пас, агар тадбир бар вафқи вучуб ва қоидаи ҳикмате иттифоқ уфтад, муддаӣ бувад ва камоле, ки дар навъ ва ашхос ба қувват аст, онро сиёсати илоҳӣ хонанд» [1].

**3.Сифот ва вижагиҳои ҳоким**. Шахсе, ки мустаҳақи ҳукумат бояд бошад, дорои ду сифати муҳим аст: аввал он ки, бояд дорои таъйиди илоҳӣ буда, аз дигарон мумтоз шуда бошад. Дувум, тахассуси лозимро дар амри ҳукумат доро бошад. Хоча далели онро, ки ҳоким бояд ба илҳоми илоҳӣ аз дигарон мумтоз бошад, инқиёди мардум зикр мекунад. Вай муътақид аст ки, агар воқеан аз ноҳияи Худованд мавриди таъйид бошад, мардум ба роҳатӣ аз ӯ итоат намуда, дар натича ҳам ҳоким ва ҳам мардум хоҳанд тавонист чомеаи матлубе барои худ эчод намоянд. Аммо танҳо ин сифат кофӣ нест, балки бояд тахассуси лозим дар ҳукуматдориро низ доро бошанд. Ҳамон гуна ки як пизишк, агар аз фанни пизишкӣ тахассуси лозим дошта бошад, ба хубӣ хоҳад тавонист дар ҳифз ва бақои чисми инсон ва бартараф намудани бемориҳои бадан муваффақ бошад.

Дар фанни кишвардорӣ низ, агар соҳиби ин фан тахассус ва маҳорати лозим дошта бошад, ба хубӣ хоҳад тавонист инҳирофотро аз чомеа дур кунад ва чомеаро дар ҳолати эътидол нигоҳ дорад. Чунин шахсе табиатан қодир хоҳад буд, ки хайроти оммаро дар чомеа ривоч дода, шарури оммаро ба андозаи тавонаш аз чомеаи инсонӣ дур созад. Хоча дар боби хисоли малик чунин нигоштааст: бояд ва ороста ба шарофати насаб, улум ва ҳиммат, матонати раъй, азимати тамом, сабр бар шадоид, ясор ва ёрони сода ва сарват бошад [5].

Хоча дар арзёбии вижагиҳои фавқ ба мизони вуҷуди ҳар як муътақид аст, ки шарти шарофати насаб, агарчи таъсири фаровоне дар ҳукумат дорад, аммо зарурӣ нест. Ҳамчунин, шартҳои сарват ва дӯстон ва ёрони солеҳ бо дастёбӣ нисбат ба хислатҳои ҳиммати баланд, матонати раъй, тасмимгирӣ ва сабр ҳосил мешавад.

**4.Вазифаҳои ҳоким.** Ду даста вазифаҳо барои ҳоким вуҷуд дорад. Дастаи аввал вазифаҳоест, ки ҳоким ба сурати куллӣ ва ҳамаҷониба бояд дар қиболи мардум анҷом бидиҳад. Дастаи дувум, вазифаҳоест, ки ҳоким ба сурати ҷузъӣ ва хурд нисбат ба мардум дорад.

**Вазифаҳои куллии ҳоким.** Ҳоким дар қиболи мардум дорои се фазифаи куллӣ аст:

**1. Адолат**. Шарти барқарории адолат дар ҷомеа иборат аст аз:

**- баробарӣ**: ҳоким бояд ақшори мардумро бо якдигар баробар ва мукаммали ҳам бидонад, манзур аз баробарӣ он аст, ки ҳамаи аснофи муттакофӣ ба мукаммали ҳамдигар ҳастанд, ба гунае ки бидуни вуҷуди ҳар як аз асноф ҷомеа дучори мушкил хоҳад шуд;

**- таъдил**: шарти дигар дар барқарории адолат дар ҷомеа он аст, ки ҳоким бояд бо мутолиаи дақиқи ҳолот, рафтор ва амалкардҳои тамоми афроди ҷомеа шаън ва манзалати ҳар якро ба андозаи истеҳқоқ ва истеъдодашон муайян созад;

**- тасовиҳ**: шарти севуми барқарории адолат дар ҷомеа тасовӣ аст. Ҳоким мувazзаф аст, ки дар тақсими хайроти муштарак байни ҳаммаи афроди ҷомеа тасовиро риоят кунад ва бар асоси истеҳқоқ ва истеъдоди ҳар яке аз афрод онҳоро тақсим намояд. Хайроти муштарак иборатанд аз: саломат, амвол ва каромот. Ҳар як аз афроди ҷомеа дар ин мавридҳо саҳме доранд, ба гунае ки тафриқ дар эътои он муҷиби хориҷ шудан аз доираи эътидол гашта, дар натиҷа ҷомеа ба бесуботӣ мувоҷеҳ хоҳад шуд. Агар хайроти муштарак ба шахсе кам бирасад ба он шахс зулм ва ситам шудааст. Агар ба шахсе зиёд бирасад ба ҷомеа ва шаҳрвандон ситам шудааст. Агар ба ҳаққи дигаре таҷовуз кард ва ҳуқуқи дигаронро поймол намуд. Ҳоким вазифа дорад ивази онро ба зиёндида бирасонад ва «иваз» ҳам набояд аз ҳаққе, ки аз даст рафтааст камтар бошад, балки ба гунае бошад, ки ҳам барои он шахс ва ҳам барои ҷомеа муфид бошад [1].

**2.Эҳсон.** Дувумин вазифаи куллии ҳоким дар ҷомеа некӯкорӣ аст. Бар назари Хоҷа пас аз адолат ҳеҷ фазилате болотар аз эҳсон ва накӯкорӣ нест. Манзур аз эҳсон он аст, ки ҳоким бо таваҷҷуҳ ва истеҳқоқи афроди ҷомеа илова бар мизоне, ки барои он муқаррар гардидааст, ба онҳо кӯмакҳо ва ҳадяҳое бидиҳад.

**3. Илтизом ва қонунҳо.** Севумин вазифаи куллии ҳоким дар ҷомеа илтизом ба қонунҳо аст. Хоҷа муътақид аст, ки ҳамчунон ки қавоми бадан ба табиат ва қавоми табиат ба нафс ва қавоми нафс ба ақл аст, қавом ва суботи кишвар ба ҳоким ва қавоми ҳоким ба сиёсат ва қавоми сиёсат ба ҳукумат аст. Ҳамаи ин умур танҳо дар сурате муҳаққақ хоҳанд шуд, ки дар ҷомеа қонунҳо ба таври комил ҳам аз ноҳияи мардум ва ҳам аз ноҳияи ҳокимон пайравӣ шавад. Мардум дар сурате тан ба қонунҳо ва иҷрои он медиҳанд, ки ҳокимони худ дар ин роҳ пешқадам бошанд. Ба гунае, ки ҳеҷ масъул ва соҳибмақоме дар ҷомеа ба нақзи қонунҳо даст назанад [1].

**Вазифаҳои ҷузъии ҳоким**. таваҷҷуҳ ба фақирон ва мустамандон, диққат дар ахбор ва гузоришоти расида, ташвиқ ва танбеҳи коргузорон ва мардум, барқарории амният, муоширaт ва машовара бо фозилон ва донишмандон, чашмпӯшӣ аз лазовизи шаҳвонӣ, чашмпӯшӣ аз ҷоҳталабӣ, истимрор дар тадбири умур (доиман дар фикри тадбири умури ҷомеа будан), костан аз корҳои шахсӣ, ҳатто, корҳои зурурӣ ҳамчун: хӯрдан, ошомидан, хобидан, муоширaт бо аҳли хона барои хидмати бештар ба мардум ва иттихози тадобири иттилоотӣ ва амниятӣ.

**5. Сиёсатгузориҳо (тадбирҳо).** Дар заминаи сиёсатгузориҳо Хоҷа бар се бахши муҳим таъкиди ғофил дорад: қазоӣ, амниятӣ ва низомӣ, умуре, ки давлат бояд нисбат ба ҳар яке аз онҳо вазифаи хурд ва ҷузъӣ дошта бошад.

Фазилатсолорӣ ва шоистасолорӣ масъалаест, ки Хоҷа ба он мутаъқид буда, танҳо омили коромадиии давлатро эъмоли фазилатсолорӣ ва шоистасолорӣ дар ҷомеа медонад. Дар назари Хоҷа, гарчи созгориҳо муҳим ва зарурӣ ҳастанд, аммо ин ки ин созкорҳо дар дасти чӣ касоне бошад, аз аҳамият ва эътибори бештаре бархурдор аст. Дар ин дидгоҳ давлат дар хизмати мардум аст, аммо ин ба ин маъно нест, ки қонунҳо аз мардум баромада бошад: ҳоким хостаҳои мардумро бо умури воқеӣ ва ҳақиқӣ татбиқ дода, пас аз арзёбӣ ва санҷиш дар бораи онҳо тасмимгирӣ мекунад.

Бар ин асос, муаллифаҳои давлати коромад дар андешаи сиёсии Хоҷа Насируддини Тӯсиро метавон дар мавридҳои зер баршумурд: 1) таваҷҷуҳ ва аҳамият ба нақш ва ҷойгоҳи мардум; 2) доштани ҳокими илоҳӣ ва мутахассис дар ҳукуматдорӣ; 3) доштани сиёсати илоҳӣ ва фозила; 4) барқарори робитаи муҳаббатомез миёни давлат ва миллат; 5) баҳрабардорӣ аз тадобир ва сиёсатгузориҳои дақиқ ва ҳисобшуда; 6) доштани мудирони мутахассис ва беъэътино ба дунё; 7) вуҷуди ваҳдат ва ҳамдилӣ миёни тамоми масъулони низом.

## АДАБИЁТ

1. Хоҷа Насириддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ / Х. Тӯсӣ - Теҳрон: Хоразмӣ, 1364. –С. 609.

2. Муҳсини Муҳоҷирниё. Андешаи сиёсии мутафаккирони исломӣ / Хоҷа Насириддини Тӯсӣ. -Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва андешаи исломӣ, -1388. –С.504.
3. Мирмуҳаммад Шариф. Таърихи фалсафа дар ислом. / Мирмуҳаммад Шариф. -Теҳрон: маркази нашри донишгоҳӣ, 1362. -Ҷ.1. –С.825.
4. Тақӣ Озоди Аҳромакӣ. Таърихи тафаккури иҷтимоӣ дар ислом (аз оғоз то давраи муосир) / Тақӣ Озоди Аҳромакӣ.–Теҳрон: Илм, 1386. –С.486.
5. Устоди башар (маҷмӯаи мақолоти мунтахаби ҳамоиши гиромидошти Хоҷанасир). –Теҳрон: Нашри ҷиҳоди донишгоҳӣ, 1392. –С.218.

**ПРИЕМЛЕМОЕ УПРАВЛЕНИЕ ГОСУДАРСТВОМ В РАССУЖДЕНИЯХ ХОДЖА НАСИРУДДИНА ТУСИ**

Автор, в своей статье аналиризует политические идеи Ходжа Насируддин Туси. который по праву считается одним из выдающихся ученых своего времени. В данной статье автор рассматривает идеи Туси о государстве, государственности и приемлемом управлении государством.

**Ключевые слова**: государство, государственность, управление государством, власть, политика, Ходжа Насируддин Туси, правильная политика в управлении государством, споведливость, укрепление власти.

**ACCEPTABLE GOVERNMENT IN REASONING KHOJA NASIRUDDIN TUSI**

The author, in his article will analysiswe political ideas Hodge Nasiruddin Tusi. which is considered one of the great scholars of his time. In this article the author examines ideas Tusi about the state, statehood and acceptable government.

**Key words:** state, sovereignty, government, power, politics, Khwaja Nasiruddin Tusi, the right policies in government, Spravedlivost, consolidation of power.

**Сведения об авторе:** ***ШуджоиЃуломхусейн*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

# БАРРАСИИ АСБОБИ НОПОЙДОРӢ ВА ТАҲКИМИ ҲУКУМАТ АЗ ДИДГОҲИ ҲОҶА НИЗОМУЛМУЛК

***Абдурризо Шуҷоӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Аз асоситарин мафҳумҳо ва мавзӯот дар соҳаи сиёсат баҳси қудрат ва посдорӣ аз он аст. Ҳифзу давоми қудрати сиёсӣ аз асрҳои гузашта мавриди таваҷҷуҳи мутафаккирони сиёсӣ қарор доштааст. Яке аз ҳавзаҳои муҳим дар баррасиҳои андешаҳои сиёсӣ бахши сиёсатшиносӣ будааст. Сиёсатноманависон кӯшиш мекарданд, бо такя бар таҷрибаҳои шахсӣ дар сиёсат ва ёдоварии шавоҳиди таърихӣ ва бо таваҷҷуҳ ба нуқтаҳои заиф ва қудрати подшоҳони гузашта, шеваҳои таҳкими қудрати сиёсиро бо фармонравоён нишон диҳанд ва вайро аз хатарҳое, ки нобудкорона ё таъзифкунандаи ҳукумат аст, огоҳ созанд. Бинобар ин, баҳси аслӣ дар сиёсатномаҳо ҳифзи қудрати сиёсӣ ва посдорӣ аз он ва дур сохтани сабабҳои хатарнок аст.

Аз ҷумлаи сиёсатноманависон Ҳоҷа Низомулмулки Тусӣ мебошад, ки муддати 30 сол мақоми Вазорати ҳукумати Салҷуқиёнро бар ухда дошт ва аз наздик бо шеваҳои касби қудрат ва равишҳои посдорӣ аз он ва сабабҳои хатарсоз ошно буд.

Низомулмулк ҷойгоҳи волое дар андешаи сиёсии Эрон дорад. Дар ҳақиқат ӯ нахустин намояндаи бузурги сиёсатноманависӣ дар даврони баъд аз ислом дар Эрон аст. Китоби «Сиёсатнома»-и Низомулмулк машҳуртарин ва барҷастатарин китоб дар боби кишоварзӣ ва давлатдорӣ мебошад. Ҳадафи вай аз навиштани он пеш аз ҳама ҳифз ва давоми қудрати ҳукумат будааст. Дар ин мақола кӯшиш шудааст он чи ки аз назари Низомулмулк қудрати сиёсиро ба хотир меандозад ва роҳҳои ҳифз ва давоми ҳукумат мавриди шиносоӣ қарор гирад. Хоҷа сабабҳое чун зулм, ғафлат, чандкора ва вазифаҳои гуногун доштан, ба вуҷуд омадани бадбинон ва хавориҷ, ҳамнажод будани лашкариён ва ғайраро боиси заъф ва сукути ҳукумат дониста, адолат, ҳушёрӣ, интихоби коргузорони шоиста ва ғайраро боиси давоми қудрати сиёсӣ медонад.

Собит нигоҳ доштани қудрати сиёсӣ ва барқарории амният, яке аз муҳимтарин ташвишҳои Низомулмулк дар даврони сисолаи вазораташ будааст. Вай дар китоби машҳури худ «Сиёсатнома», ки дар ҳақиқат метавон онро маншур ва нақши роҳи ҳукумат донист, супоришот ва роҳнамудҳоеро ба фармонраво ҷиҳати ҳифзу таҳкими қудрат пешниҳод менамояд. Хоҷа кӯшиш карда, то қонунҳоеро барои давоми ҳукумат ва ҷилавгирӣ аз сукути он судманд аст, биёяд.

**1.Таваҷҷуҳ ба адолату додгустарӣ ва парҳез аз зулму ситам.** Низомулмулк дар мақоми осебшиносии ҷомеа беадолатиро омили буҳрон меёбад. Ин буҳрон метавонад, натиҷаи бададолатии зимомдор ва ё ғафтали мардумон бошад, ки беназмии иҷтимоиро дар пай бурд. Аз ин рӯ, адолат ба таври ҷиддӣ дар андешаи сиёсии ӯ қарор дорад. Ӯ дарвоқеъ ба аркони интизом ва суботи иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар ҷомеа меандешад [1]. Хоҷа бунёди кишвардориро бар адлу додгустарӣ устувор медонад ва муътақид аст, ки назму суботу осоиш, то замоне барқарор аст, ки подшоҳе додгустар бар кишвар ҳукумат мекунад. Вале бо аз миён рафтани чунин подшоҳе суботу назми ҷомеа дастхуши дигаргунӣ мешавад, фитнаҳо бармехезад ва бахтбаргаштагӣ ҳам ба гунаҳкорон ва ҳам ба бегонагон рӯй мекунад

[2]. Вай муътақид аст, ки мардум то замоне бақои давлатро хоҳонанд, ки дар амнияту адл бархурдор бошанд [3]. Хоҷа аз подшоҳ мехоҳад, ки ҷиҳати додгарӣ ба мазолим бинишинад ва мегӯяд: «Чора набошад подшоҳро аз он, ки дар ҳафта ду рӯз ба мазолим бинишинад ва дод аз бедодгар биситонад ва инсоф бидиҳад ва …»[4]. Дар идома дар аҳамияти адл ва таъсири он бар устуворӣ ва таҳкими ҳукумат мегӯяд: «Ва ба ҳамаи рӯзгор аз гоҳи Одам (а) то кунун бар ҳар муомилоте ва дар ҳар мулке адл варзанд ва инсоф бидонад ва инсоф бистудаанд ва ба ростӣ кӯшидаанд, то мулк дар хонадони эшон солҳои бисёр бимондааст» [5].

Дар канори таваҷҷуҳ ба адолати иҷтимоӣ, Низомулмулк риояти адолат нисбат ба коргузорони ҳукуматро низ ба подшоҳ гӯшзад мекунад. Ӯ аҳамияти таваҷҷуҳ ба омилон ва иқдомоти онҳоро, ки кадом як бар роҳи адлу инсоф ва кадом як даст ба кӯтоҳию зулм задаанд, дар радифи додхоҳӣ аз мардум медонанд. Вай расидагии подшоҳ ба кори маъмурон, омилон ва ташвиқи хидматкорони дурусткор ва ҷазои коргузорони фосидро аз сабабҳои судманд дар ташвиқи дигарон ба хидматкорӣ муаррифӣ мекунад ва ин иқдомро аз далелҳои таҳкими асосу бунёди ҳукумат ба ҳисоб меоварад.

Низомулмулк дар бахши зиёде аз китоби худ ҳикоятҳоеро нақл мекунад, ки дар он фармонравоёро мутаваҷҷеҳи адолат мекунад. Аҳамияти адолат хоҷаро ба ин андеша муътақид месозад, ки «як ҳукумат агар ба куфр боқӣ бимонад, ҳаргиз бо зулм давоме нахоҳад дошт» [6].

**2.Иттилоъ ва ё ғафлати фармонраво аз вазъи кишвар ва мардум.** Хоҷа бар ин бовар аст, ки иттилои подшоҳ аз вазъи давлату мардум аз омилҳои таҳкими пояҳои қудрат маҳсуб мешавад. Вай ёдовар мешавад, ки ғафлати подшоҳ аз аҳволи раъият, лашкар ва амалкарди коргузорон боиси сукути вай дар афкор ва анзори мардум мегардад, ки ба ҳеҷ рӯ ба маслиҳати подшоҳ ва зебандаи қудрати вай нест [7].

Низомулмулк дар ин замина мегӯяд: «Воҷиб аст подшоҳро аз аҳволи раъият, лашкар ва дуру наздики хеш пурсидан ва андаку бисёри он чи равад, донистан ва агар на чунин кунад, айб бошад ва бар ғафлату ситамкорӣ ҳамл ниҳад ва гӯянд васодӣ ва дароздастӣ, ки дар мамлакат меравад ё подшоҳ медонад ва онро тадорук ва манъ намекунад, он аст, ки ҳамчун эшон лозим аст ва ба зулм ризо додаст ва агар намедонад, пас ғофил асту камдон ва ин ҳар ду маънӣ на нек аст» [8].

**3.Пайвастагии дину сиёсат.** Омили дин ба андозаи подшоҳӣ дар эҷоди амният ё ноамнӣ нақш дорад. Ба ақидаи Низомулмулк муҳимтарин чизе, ки подшоҳро лозим аст, дини дуруст аст. Зеро халал дар дин, халал дар мулкро ба ҳамроҳ дорад ва ҳар гоҳ дар кори давлат халалу нуқсе ба пеш ояд, дар дин низ халал ба вуҷуд меояд ва фасод эҷод мешавад. Дар ин замина Низомулмулк мегӯяд: «Ва некӯтарин чизе, ки подшоҳро бояд, дини дуруст аст, зеро ки подшоҳӣ ва дин ҳамчун ду бародаранд. Ҳар гоҳ ки дар мамлакат изтиробе падид ояд, дар дин низ халал ояд, баддинон ва муфсидон падид ояд ва ҳаргаҳ, ки кори дин бо халал бошад, мамлакат шурида бувад ва муфсидон қувват гиранд ва подшоҳро бешукӯҳ ва ранҷа дил доранд ва бидъат ошкоро шавад ва хавориҷ зур оранд» [9].

Ба ҳамин хотир Хоҷа подшоҳро ба пажӯҳиши доимӣ дар дин даъват мекунад ва онро бар ӯ воҷиб мешуморад. Зеро ин кор боис мешавад, ки бадмазҳабон натавонанд ӯро аз роҳ бубаранд. Ба ин тартиб қудрат гирифтани фармонраво ба маънои солим мондан ва ҳифзи дин низ мебошад, покӣ ва саломатии дин низ аз буруз ва зуҳури хавориҷ, баддинон ва душманон ҷилавгирӣ мекунанд, дар натиҷа дар мамлакат ошӯб намешавад ва ҳукумат давом меёбад.

**4.Зарурати тағйиру таъвизи коргузорони ҳукумат ва шуғл фармудани бекорон.** Низомулмулк бо супориш ба кӯтоҳ будани давраи хидмати соҳибмансабон ва мақомоти ҳукуматӣ, тағйиру таъвизи коргузорони ҳукуматиро дар ҷилавгирӣ аз хатари онон дар таҳдиди қудрати сиёсӣ муассир медонад ва мегӯяд: «Ҳар ду-се соле умол ва мақтаъонро бадал бояд кард, то эшон пой сахт накунанд ва ҳисне (қалъае) насозанд ва дилмашғулӣ наниҳанд ва раъоё некӯ равад ва вилоят ободон бимонад» [10].

Хоҷа тавсия мекунад, касоне ки дар давлат бо шуғлҳои бузург ва амалҳои сангин ва корҳои муҳим карда бошанд ва маъруфу машҳур бошанд ва ҳаққи хидмат дошта бошанд, набояд маъруфу машҳур бошанд ва ҳаққи хидмат дошта бошанд, набояд маҳруму бенасиб бимонанд. Зеро ин кор на аз ҷиҳати мурувват ва на ба маслиҳати ҳукумат бошад, балки эшонро бояд амал фармуд ва ё ин, ки маишате ба қадри кифоф ба эшон арзонӣ бидоранд, то ҳам ҳаққи эшон гузорда бошанд ва ҳам аз давлат бенасиб набошанд. Чун маҳрум монанд ва аз давлат бенасиб гарданд, умед аз давлат бардоранд ва ба душманони ҳукумат рӯй оранд ва ин кор сабаб мешавад, то мамлакат ошуфта шавад ва асоси ҳукумат нопойдор гардад.

**5. Ҷилавгирӣ аз бисёрии кору шуғл ва истифода аз афроди кордон ва болаёқат дар идоракунӣ.** Хоҷа Низомулмулк бисёрии машғулиятҳои коргузоронро сабаби парешонии корҳо ва ба анҷом нарасидани онҳо ба шакли матлубу муносиб ва вогузор кардани як кор ба ду нафарро сабаби вайронӣ ва нобасомонии он кор медонад ва мегӯяд: «Подшоҳони бедор ва вазирони ҳушёр ба ҳамаи рӯзгор ҳаргиз ду шуғл як мардро нафармуданӣ» [11]. Бинобар ин, ӯ ақида дорад, ки набояд як шуғлро ба ду нафар супурд ва ё ин, ки барои як нафар ду шуғл дар назар гирифт. Зеро дар ҳолати аввал кор ба табоҳӣ мерасад ва имкони назорату баррасӣ нисбат ба кӯтоҳии афрод вуҷуд нахоҳад дошт. Дар ҳолати дуюм низ фард тавони расидагии дақиқ ба ҳар ду кор нахоҳад дошт ва дар ниҳоят ба ҳеҷ аз вазоифи худ ба шакли тамому комил нахоҳад расид. Дар натиҷа умури мамлакат нобасомон мешаванд.

Низомулмулк дар китоби «Сиёсатнома» мегӯяд: «Ҳар вақт, ки маҷҳулон ва беаслону бефазлонро амал фармояд ва асилонро муътал гузоранд ва як касро шаш амал фармояд, далел бар нодонии вазир бошад… пас, агар вазир оқилу доно бошад, аломат он бошад, ки корҳо бар мардуми аҳл тафвиз кунанд, то мамлакат завол наёбад» [12].

Вай ҳамчунон муъталу бекор монанди кормандон ва афроди болаёқатро барои қудрати сиёсӣ матлубу хуб намедонад ва муътақид аст, ки барои пешбурди ҳадафҳои ҳукумат ва таҳкими қудрат бояд аз тамоми афроди босалоҳият баҳра ҷуст. Ин андеша, ки ҷомеаи сиёсӣ бояд тавассути шоистатарин афроди он идора шавад, аз гузаштаҳои дур вуҷуд доштааст [12].

Хоҷа дар идомаи матлаб аз забони Бузургмеҳр иллати фурӯпошии ҳукумати Сосониёнро дар ду чиз медонад: «Яке он ки Оли Сомон бар корҳои бузург кордонони хурду нодон гумоштанд ва дигар он, ки донишро ва аҳли донишро душман доштанд» [13].

**6. Хатари ҳамнажод будани лашкар барои қудрати сиёсӣ.** Яке аз роҳҳое, ки Низомулмулк ҷиҳати муқобила бо шуриш ва сарпечии лашкариён ва афзоиши онҳо ба наъфи подшоҳ пешбинӣ ва тавсия намояд, он аст, ки лашкар аз қавмҳо ва нажодҳои мухталиф ташкил шавад, то қудрати шоҳ бештар аз тарси мухолифон афзоиш ёбад. Хоҷа дар ин замина мегӯяд: «Чун лашкар ҳама аз як ҷинс бошад, аз он хатарҳо хезад ва сахткӯш набошад …бояд, ки аз ҳар ҷинс лашкар буд… ҳама лашкарҳои атрофи ин подшоҳ битарсанд ва тоатдор шавад ва ҳеҷ кас андешаи мухолифат наёрад, дошт» [14].

**7. Падид омадани баддинон ва хавориҷ сабаби таҳдиди ҳукумат.** Низомулмулк ба нуқтаи бисёр ҳассосу муҳиме ишора мекунад, ки нишондиҳандаи ҳушу заковати ӯ мебошад. Дар ин замина мегӯяд: «Агар ба рӯзгори баъзе аз хулафо андар мулк басте ва вусъате будааст, ба ҳеҷ вақт аз дилмашғулӣ ва хуруҷи хавориҷ холӣ набудааст» [15].

Маънои ин сухан он аст, ки асоси мулку ҳукумат дар ҳушёрӣ аст, вай кӯшиш мекунад, ҳатто замоне, ки оромиш дар кишвар ҳукумфармост, вуҷуди хатарро гӯшзад кунад. Зеро наздикии хатар мардумонро бар он медорад, ки он чи дар маърази таҳдиду хатар қарор дорад, ҳифзу посдорӣ аз амнияти кишвар ва ҳифзи ҳукумат нигаронтару ҳушёртар мекунад. Ҳифзу давоми қудрати сиёсӣ аз замонҳои қадим мавриди таваҷҷуҳи андешамандон ва мутафаккирони сиёсӣ будааст. Бинобар ин, кашфи асбоби фурӯпошӣ ва давоми ҳукумат аз ҷойгоҳи вижае дар андешаи сиёсӣ бархурдор аст. Аз ҷумла, сиёсатмадороне, ки ба ин мавзӯъ пардохтаанд, Хоҷа Низомулмулк аст, ки худ муддати 30 сол мақоми вазоратро бар уҳда доштааст. Вай талош карда, то қонунҳое барои давоми қудрати сиёсӣ ва ҷилавгирӣ аз фурӯпошии он пайдо кунад. Хоҷа ба маҷмӯе аз омилҳо барои бақову давоми ҳукумат бовар дорад ва муътақид аст, ки дар сурати бетаваҷҷуҳӣ ба ин омилҳо ҳукумат дучори фурӯпошӣ мешавад. Низомулмулк тавсия мекунад, ки подшоҳ аз зулму ситам дурӣ кунад ва адолатро зомини давоми низоми сиёсӣ ва рукни аслии устуворӣ ва пойдории ҳукумат донад ва бовар дорад, ки иттилои фармонраво аз вазъи кишвар ва мардум боиси таҳкими ҳукумат мешавад.

Пайвастагии дину сиёсат ва нақши он дар таҳкиму давоми ҳукумат низ мавриди таваҷҷуҳи Хоҷа мебошад ва бар он таъкид мекунад… Ҳамчунин супориш мекунад, ки замон ва давраи хидмат ва кори ҳукуматҳо бояд кӯтоҳ бошад, то қудрати сиёсӣ таҳдид нашавад. Аз ҷумлаи тавсияи дигаре, ки Низомулмулк баён мекунад, ки зарурати истифода аз афроди шоиста ва болаёқат аст ва таъкид мекунад, ки ба афрод беш аз як кор вогузор нашавад ва ё чанд нафар ба як кор машғул нашавад. Ҳамчунин ақида дорад, ки бекорӣ сабаби маҳрумият аст ва маҳрумият боис мешавад, ки иддае аз фармонраво ноумед шаванд ва асбоби ошуфтагии мамлакатро ба вуҷуд биёварад.

Хоҷа дар амали лашкардорӣ тавсия мекунад, ки сипоҳиён набояд ба таври як дасту як порча ва аз миёни як қавми ягона бошанд, зеро дар ин ҳолат аз кайфияту корoӣ ва тавони онҳо коста шуда ва хатарсоз хоҳанд буд. Нуктаи дигар, ки Низомулмулк бо зираки ва ҳушёрӣ бар он таъкид дорад, наздик ҷилва додани вуҷуди хатар аст, то ба ин васила битавонад, ҳам ваҳдатро эҷод кунад ва ҳам афроди миллатро барои муқобила бо хатар ҳушёру омода созад. Бинобар ин, маҷмӯи супоришоти Низомулмулк метавонад барои фармонравоён сармашқ бошад ва то битавонад, қудрати сиёсиро ҳифз кунад ва аз фурӯпошии он ҷилавгирӣ кунад.

## АДАБИЁТ


1. Озод Армаки Тақӣ. Таърихи тафаккури иҷтимоӣ дар ислом / Озод Армаки Тақӣ. –Теҳрон: Нашри илм, 1386. 486 с.
2. Таботабоӣ Саидҷавод. Даромади фалсафӣ бар таърихи сиёсии Эрон / Таботабоӣ Саидҷавод. –Теҳрон: Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ, 1367. 251 с.
3. Тусӣ Хоҷа Низомулмулк. Сиёсатнома / Тусӣ Хоҷа Низомулмулк; бо кушиши Ҷаъфари Шоир. _Теҳрон: Амири Кабир, 1380. 383 с.
4. Аҳмадии Таботабоӣ Саидмуҳаммадризо. Ахлоқ ва сиёсат / Аҳмадии Таботабоӣ Саидмуҳаммадризо. –Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи имом содиқ, 1387. 392. с.
5. Қозӣ Абулфазл. Боястаҳои ҳуқуқи асосӣ. –Теҳрон: Додгустар, 1375. 349 с.
6. Асғандӣ Алиризо. Даромаде бар ҷомеашиносии сиёсии Эрон / Асғандӣ Алиризо. –Теҳрон: Қумис: 1384. 265 с.
7. Ахавон Козимӣ Баҳром. Адолат дар андешаҳои сиёсии ислом. –Қум: Бустони китоб, 1382. 392 с.
8. Аҳмади Таботабоӣ Саидмуҳаммадризо. Ахлоқ ва сиёсат / Аҳмади Таботабоӣ Саидмуҳаммадризо. –Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи имом Содиқ, 1387. 392 с.
9. Раҷоӣ Фарҳанг. Таҳаввули андешаи сиёсӣ дар шарқи бостон / Раҷоӣ Фарҳанг. –Теҳрон: Қумис, 1375. 220 с.

10. Тусӣ Хоҷа Низомулмулк. Сиёсатнома / Тусӣ Хоҷа Низомулмулк; Бо кӯшиши Ҷаъфари Шоир. -Теҳрон: Амири Кабир, 1380. 383 с.
11. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома / Фирдавсӣ Абулқосим. –Теҳрон: Китоби обон, 1384. 1875 с.
12. Эдди Самуил. Ойини шаҳриёрӣ дар Шарқ / Эдди Самуил; Тарҷумаи Фаридуни Бадраӣ. –Теҳрон: Бунгоҳи китоб, 1374. 640 с.

**ПРИЧИНЫ СЛАБОСТИ И УСЛОВИЯ УКРЕПЛЕНИЯ ВЛАСТИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ХОДЖЫ НИЗАМУЛМУЛКА**

Автор, в своей статье аналиризует политические идеи Ходжа Низомулмулка, видного исламского ученого и государственного деятеля о причинах которые могут привести как к ослаблению уставов государств, так и их укреплению. Согласно учения Низомулмулка, неспредливость, жестокость, приобретение успокоения могут стать источниками слабости правителства, но спроведливость, бдителность, правильный подбор кадров являются условиями укрепления власти.

**Ключевые слова:** власть, политика, справедливость, гнёт, длителность, религия, слабость, и устройства провителства.

**THE REASONS OF WEAKNESS AND STRENGTHS OF GOVERNMENT FROM KHOJANIZAMULMUK,S POIBT OF VIEW**

The author, inis article analyes Khoja Nizamulmulk,s ideas,prominent Islamic scholar and politician, about the reasons that can bring to the weakness, as well as about the reasons that cam strengthen the government. According to Nizamulmulk injustice, cruelty, unawareness, having different business of military people and being from one races are can be the sources of the weakness of the government, but justice, being goog with people, awareness and others can strengthen the government in the country.

**Key worgs:** power, politics, people, weakness of govepnment, strength of government.

**Сведения об авторе:** ***Шуджои Абдолреза Сахраб*** – соискатель Института илософии, политологии иправа АН РТ

# ЗАМИНАИ ҶУНБИШҲОИ ИҶТИМОӢ ВА СИЁСӢ ДАР ШАРҚ

***Фотима Радон***
**Ҷумҳурии Исломии Эрон**

Бо таърифе аз ҷунбиш ин баҳсро оғоз мекунем: «Ҷунбиши иҷтимоӣ вақте падид меояд, ки гурӯҳе аз афрод ба гунае созмон ёфта, дар сад тағйир ё ҳифзи бархе аз аносири ҷомеа бароянд» (Куин, 1370, с. 315). Ҷунбишҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, дар ду қарни охир дар ҷомеаи Шарқ, барои муқобила бо истеъмори аврупоиён ва раҳоӣ аз ҳуҷуми фарҳангу тамаддуни Ғарб шакл гирифтаанд. Аз ин рӯ, ошноӣ бо заминаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва муҳитии ин манотиқ барои таҳлили мавзӯъ таҳқиқи зарурист.

Садаҳои VII то XIII ва XIV -и мелодӣ, даврони рушду шукуфоии тамаддуни исломӣ дар бештари манотиқи Шарқ аз нимаи шимоли Африқо, то тамоми Осиё ва ҷануби Аврупо ба шумор меравад. Тиҷорат, санъат, дониш ва ислом табиӣ буд. Зеро дини муштарак ва ваҳдати тақрибӣ тамаддун, фарҳангу забон ва набудани марзҳои маҳдуди ҷуғрофӣ ва муқаррароти маҳдудкунандаи он ва дастрасӣ ба роҳҳои иртиботии муҳим назири масирҳои Бағдод, Эрон, Чин, Басра, Ҳинд, Кӯфа, Арабистони Шимолӣ, Африқои Шарқӣ, Шом, Миср, Шимоли Африқо бо эҳё ва густариши кишоварзӣ, саноат ва тавсеаи тавлидоти дохилӣ, равнақи иқтисодӣ ва молии чашмгире ба даст омад ва ин равнақ дар қарни даҳум, яъне мавқее, ки Аврупо ба ниҳоят сукут ва фалокат афтода буд, ба авҷи худ расид. (Вил Дивронат, с. 267-268).

Аз назри фарҳангӣ ва илмӣ низ мусулмонон, таҳти таъсири омӯзишҳои динӣ рӯ ба пешрафту тараққӣ будаанд, ки авҷи он дар фосилаи асри IX мелодӣ то XI мелодӣ ва ҳаддиаксар то қарни XIII мелодӣ (одами мутаз) тамаддуни исломии қарни X-уми милодиро давраи «Ренесонси исломӣ» мехонанд. Тамадуне, ки алорағми баҳрагирӣ аз осори илмӣ ва тамаддунҳои гузаштаи Эрон, Юнон дорои асосу бунёди назарии мустақиле, бар мабнои фарҳанг ва таолими исломӣ буд. Ҳамчунон ки дар бисёре аз мавридҳо, афзудаҳои илмӣ ва ибтикорони онон дар ҳадди бунёдгузории шохаҳои мухталифи илмӣ ва ихтирооти ношӣ аз он буд. Чаҳор қарни нахустини таърихи исломро бояд асри нодонии ҷаҳони масеҳӣ нисбат ба ислом донист (Ҳоирӣ,с. 14) ва футуҳоти мусулмонон ва ҷангҳои салибӣ, заминаи бархӯрди бештари Ғарб бо мусулмононро фароҳам кард. Яке аз рӯъдодҳои муҳими дигари Машриқзамин, ҷангҳои салибӣ миёни масеҳиёни аврупоӣ ва мусулмонон буд, ки ҳудуди 200 сол ба тӯл анҷомид. Ғайр аз ҷанги аввал дар боқӣ ҷангҳо масеҳиён аз мусулмонон шикаст хӯрданд. Осори тахрибии ношӣ аз ин ҷангҳо вайронӣ ва хисороти зиёде бар сарзамини мусулмонон ворид кард (Қулизода, 1387). Ин ҷангҳо, агарчи бо пирӯзии сиёсӣ ва низомии мусулмонон ба поён расид ва мусулмонон натавонистанд сарзаминҳои худро ҳифз кунанд, аммо аврупоиён низ аз он баҳраҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва тамаддунии фаровоне бурданд. Зеро ҷангҳои салибӣ муҷиби ошноии аврупоиён бо Машриқзамин ва тамаддуни исломӣ шуд. Онон аз тамаддуну дониши мусулмонон баҳраҳои бисёр бурданд. Ҳамин амр дар таҳаввулоте, ки баъдҳо мунҷар ба пешрафти Аврупо шуд, нақши муассире дошт ва заминаҳои мусоиде барои давраи ренесонс фароҳам гардид.

Фарҳангпажӯҳӣ аз тариқи тамоси мусулмонон ва ғайримусулмон дар Испания ба Аврупои ғарбӣ ва аз тариқи тамоси онҳо дар Ситсилия ба Итолиё ва аз тариқи таъсири як фарҳанги мутаолитар, ки салибиён дар Сурия ва Осиёи Сағир дарёфт карда буданд, ба саросари Аврупо густариш ёфт

(Шариф, 1370). Танҳо дар давраи ҷангҳои салибӣ, ислом ва масеҳиёт тамос барқарор карданд ва ислом дар айни ҳол ҳам душмани бузурги масеҳиёти Ғарбӣ буд ва ҳам манбаи азими фарҳанги маънавӣ ва моддӣ бартару волотар аст (Вот, 1359).

Аз таҳаввулоти бисёр муҳими ҷаҳони ислом, рӯйи кор омадани сипоҳи нерӯманди усмонӣ аз қарни XIV -и мелодӣ буд, ки ба таърих ба сурати бузургтарин қудрати мусулмонони муҳоҷим алайҳи Ғарб ва салибиёни ҷадиди аврупоӣ даромад. Истамбул (Қустантанияи собиқ) маркази нерӯманди хилофат ва роҳбарии ҷомеаи исломӣ шуд (Луис, 1365). Ин ҳодиса аз назари равобити Ғарб ва ҷаҳони масеҳиёт бо мусулмонон, мақтаи ҳасосу бисёр муҳиме буд ва ба дунболи он «боз дар Аврупо рӯёҳо ва тасаввуроти даврони ҷангҳои салибӣ ҷон гирифт» (Ҳинтас, 1361,с. 43). Чаро ки ба таъбири Бернорд Луис: «Охирин пойгоҳи масеҳиёт дар ҷанубу шарқи Аврупо сукут карда буд ва бо қудрати тоза барқарор шуда буд» (Луис, 1365,15).

Ҳуҷуми хориҷии дигаре, ки дар инҳитоти дохилии муслимин нақши бисёр таъйинкунандае дошт, ҳуҷуми муғулҳо ба ҷаҳони ислом буд. Ҷонишинони Чингиз низ бо пешравии бештар дар Эрон, ба ташкили давлати Элхонӣ иқдом карданд. Ин таҳоҷумот илова бар Осиёи Миёна, Эрон ва Байнаннаҳрайн манотиқи дигаре назири Чин, Туркистон, Қафқоз, Русия ва Аврупои шарқиро низ дар бар гирифт.

То замоне ки ҳуҷуми муғулҳо мутаваҷҷеҳи мусулмонон ва саркӯби давлатҳои онон буд, аврупоиён ба ин қудрати ҷадид барои носозиҳои қудрати мусулмонон, тамоюли зиёде нишон доданд, чаро ки худ дар ҷангҳои салибӣ аз анҷоми он оҷиз монда буданд. Аз дидгоҳи масеҳиён ин пешравиҳои муғул, ки бо нобудии маркази қудрати мусулмонон ҳамроҳ буд, худ як ҷанги салибӣ буд, аммо бо пешравии муғулҳо ба самти Аврупо тайи солҳои пурмоҷарои (1237-1242 мелодӣ), саросар Аврупои Ховарӣ дар ваҳшату тарс аз ҳамалоти муғул фурӯ рафт. Чароки ба таъбири Сондарз: «Муғулон бо ваҳшигарӣ тамоми мусулмонону масеҳиён, ҳар дуро яксон дарҳам кӯбида буданд». Пас аз таваққуфи ин пешравиҳо дар Аврупо (1241 мелодӣ), яъне ҳамон замоне, ки муғулҳо дар фикри тасбият ва таҳкими муваффақияти худ дар шарқи Эрон буданд, масеҳиёни аврупоӣ ва салибиён муҷаддадан савдои иттиҳод бо муғулон алайҳи мусулмононро дар сар парвариданд ва дар андешаи масеҳӣ кардани муғулҳо ва ҷалби ҳимояти онҳо буданд. Ба таври куллӣ кишваркушоиҳои муғул ва тасаллути онҳо бар Осиё амният ва оромишро, барои Аврупо дар Шарқ ба дунбол дошт, ки тайи он аврупоиён бо ангезаҳои мазҳабӣ ва тиҷоратӣ тавоимон, аз роҳи хушкӣ ва дарё мутаваҷҷеҳи Ховари Дур шуданд. Алорағми ҳузури туркҳои усмонӣ итеъморгарон бо давр задании Африқо, вориди Ҳинд ва ба таври куллӣ вориди Шарқ шуданд (Сондарз, 1384, с. 169-180).

Ба таври куллӣ Шарқи исломӣ чи қабл ва чи баъд аз ҳамлаи муғул, бар асари як силсила илал ва омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ натавонист, масири пешрафту таолӣ ва тамаддуни гузаштаи худро идома диҳад. Вил Дивронат зимни ишора ба осори ҳамлаи муғул, ба порае аз он авомил ишора кардааст: «Вақте мавҷи хунини муғул бозпас рафт, он чи бар ҷой монд, иборат буд аз иқтисоди башиддат ошуфта, қанотҳои вайрон ё кӯр, мадрасаҳо ва китобхонаҳои сӯхта, давлатҳои чунон фақиру заиф ва аз ҳам гусехта, ки қудрати идораи кишварро надоштанд ва нуфузе, ки ба ним таҳлил ёфта ва рӯҳияи бохта буданд. Аммо беш аз ҳар чиз ҳамлаи хориҷӣ лаззатталабӣ, хастагии ҷисми ва рӯҳӣ, буздилӣ ва белаёқатии ҷангӣ, фирқагароӣ ва ҷоҳталабии мазҳабӣ, фасоду ҳараҷу мараҷи сиёсӣ, давлатро ба измаҳлол кашонда буд. Ин авомил фақру фалокат ва вайрониро ҷойгузини роҳбари ҷаҳони Осиёи Бохтарӣ кард. Даҳҳо шаҳрҳои ободи ва муътабари Шом, Байнаннаҳрайн, Эрон, Қафқоз, Мовароуннаҳрро ба фақр бемориӣ ва ақибмондагии кунунӣ дучор сохт» (Вил Дивронат, 1366. с. 431-432).

Рӯйи кор омадани се қудрати бузурги мусалмон дар қуруни XV ва XVI мелодӣ дар бахшҳои васеи аз қаламрави исломӣ, аз ҳаводиси бисёр муҳими таърихӣ аст. Туркони усмонӣ дар Қустантания, Сафия дар Эрон ва императори Гуркониён дар Ҳинд иқтидори сиёсии мусалмонон, қудратҳои сиёсии мутамарказ ва васеияти қаламрав, бо пешравӣ ва қудратнамоии Усмониён дар Ғарб ва мухолифати онон бо давлатҳои аврупоӣ дар Африқо ва Ховари Миёна чеҳраи сиёсӣ низомии ҷаҳони исломро дар қарни XVI мелодӣ қудратмандтар аз ҳамеша нишон дод ва мусалмонон дар ин қарн ба авҷи қудрати сиёсии худ расиданд. (Ҳоирӣ, с. 14-15).

Кант Вил Смит дар тарсими чеҳраи ин қарн менависад: «Императори усмонӣ дар авҷи қудрат буд ва сарзаминҳои Аврупо зери юриши хушуни туркон меларзид, дар Эрони суфия қудрати императорӣ бо зарофатҳои ҳунарии таркибшуда буд, дар Ҳинд муғулон аз таркиби қудрат ва сарвати бузургтарини ҳукумат шабеҳи қораро ба вуҷуд оварда буданд» (Вил Смит, 1356, с. 35).

Дар қарни XVII мелодӣ ин се императорӣ батадриҷ рӯ ба завол рафтанд. Бахше аз илал инҳитои ин се қудрат ба сохторҳои равобити ҳоким бар ҷавомеъ тахти назорати онҳо дар он мақтаъ ва бахши дигар, ба авомили марбут ба равобити муқобили ин қудратҳо бо якдигар ва бахши сеюм ба авомили хориҷӣ, бахусус дар Ғарб ва Аврупо бармегардад.

Истеъмогарони аврупоӣ дар идомаи сафарҳои иктишофӣ ва тиҷоратӣ, гузашта аз кашфи Амрико бо давр задании Африқо ва убур аз димоғаи Умед ба Ҳиндустон расиданд. Дар «Гаво» аввалин пойгоҳи истеъмориро эҷод карданд, Португалия ва Ҳоланд бо хутути ҷадиди дарёӣ,

мамолики исломиро муҳосира карданд. Португалия дар аввали асри 16-и мелодӣ бо ҳуҷум ба ҷазираи Ҳурмуз тавонист аз тариқи Халиҷи Форс, баҳрабардории бозоргонӣ ва иқтисодиро ба нафъи худ дунбол кунад. Кори истеъмогарони Ҳиндро, ширкат Ҳиндӣ-Шарқӣ, барои Англия анҷом медод. Ин ширкат дар соли 1600-и мелодӣ таъсис шуд. Дар он ҳангом рақиби англисҳо дар Ҳинд истисмогарони португалӣ буданд. Португалиҳо, ки дар соли 1498 милодӣ ба фармондеҳии Васкудугомо ба Ҳинд расида буданд аз соли 1510 медодӣ, бо тасарруфи бандари Гаво тиҷорат бо Ҳиндро оғоз карданд. Онҳо то муддатҳо бидуни рақибии ҷиддӣ ба кори худ машғул буданд (Бринтун, 1338, с. 509-511). Иқтидори давлати муғулони кабир бахусус, дар давраи Ҷалолиддин Муҳаммади Акбар (1556-1605-и мелодӣ) аз як сӯ, нишонаи қудрати фосиқаи ҷомеаи мусулмонони Ҳинд ва аз сӯйи дигар, монеъ аз истиқрори нуфузи аврупоиён буд (Ф.Давлофус 1316,с.127). Аммо заифу заволи тадриҷии давлати муғулони кабир, ки пас аз акбар рӯх дод, фурсати муносибе ба истисмогарони аврупоӣ дод, то бар домана нуфузи худ бияфзоянд. Ду чеҳраи аслии истисмогарӣ дар Ҳинди қарни XVII –ум Англия ва Франсия буданд, ки дар худ тавони таҳаммули якдигарро намедиданд ва пас аз муддатҳои зӯрозмоӣ бо якдигар фурсат барои фармондеҳии англисҳо фароҳам омад ва онон тавонистанд, ба пирӯзии қатъӣ ба франсавиён ноил шаванд (Неҳру, 1361, с. 628). Ба ин тартиб, дар соли 1763-и мелодӣ , ки поёни ҷангҳои ҳафтсола буд, Англия худро пирӯзи берақиби арсаи истеъмори Ҳиндустон ёфт. Англия ин муфваффақияти мумтозро то соли 1947-и мелодӣ барои худ ҳифз кард.

Англия дар қадами аввал тӯдаҳои мардуми ом аз мусулмонон ва ҳиндро, дучори фақри шадиде кард. Заминдорони бузург барои пардохти молиёти худ асосан мутако ба товони тавлиди раоёи хеш буданд ва чун чеҳраи карияи фақир дар раоё худро нишон дод, навбати фурӯ афтодани моликони бузург расид (Онтунаво, Бунгор Далвен, К.Г.Катовский, 1361, с. 58). Қадами аввали ин сукут низ аз даст додани артишҳои маҳаллии моликони бузург буд. Фурупошии артишҳои маҳаллӣ, кӯмаки бисёр хубе ба тавсеа ва нуфузи истеъмор буд. Бо шурӯъ рақибҳои истеъморӣ қарни 19 дар Британия, бештар мутаваҷҷеҳи марзҳои шимолу ғарбии Ҳинд, яъне Эрон шуд (Д.К.С.Ф. Давлофус, 1316. с. 285-286).

Талоши Англия аз даҳаи соли 1830-и мелодӣ барои равнақи фарҳанги ғарбӣ, бо таъсиси мадорис ва таълимоти ҷадид, гурӯҳҳое аз мусулмонон ва ҳиндуҳоро норозӣ карда буд ва ба ин далел, ҳокимияти фарҳанги исломӣ, забони форсӣ ва арабӣ ҳар гуна таҳаммули фарҳангӣ таориз, ба мероси фарҳангии мусулмонон қаламдод мешуд.

Мардум дар шӯриши соли 1857-и мелодӣ дар Деҳлӣ Баҳодуршоҳи дувум подшоҳи мусулмонон аз силсилаи Темуриёнро, ки аз салтанат ҷуз номе надошт, ба салтанат баргузиданд ва ӯро пешвои худ шинохтанд. Иддаи зиёде аз англисҳо дар ин қиём кушта шуданд. Ҷанд моҳ пас аз қиёми пирӯзмандона англисҳо фурсат ёфтанд, то муваффақияти худро эҳё кунанд. Онон бо истифода аз адами ваҳдати шӯришиён, парокандагии онон низ баҳрагирӣ аз нерӯҳои вафодор ба англис монанди сайкҳо тавонистанд, ҳолати таъризӣ ба худ бигиранд. Дар нахустин таъриз чун Деҳлӣ сукут кард, шуришиён сахт заиф шуданд ва зарфи чанд моҳ бори дигар англисҳо муҷаддадан қудрат ёфта, зимоми умурро дар даст гирифтанд. Иддае аз роҳбарони қиём эъдом шуданд ва Баҳодуршоҳ табъид шуд ва барои ҳамеша силсилаи Гуркониён поён ёфт (Пайҳордӣ, 1369, с. 93).

Шикасти қиёми бузурги соли 1857-и мелодӣ ба Англия фурсат дод, то бо диққат ва ҳушёрии бештаре ба истеъмори Ҳинд бипардозад. Кампанияи Ҳиндӣ-Шарқӣ минҳал эълон гардид ва идораи Ҳинд ба давлати Англия маҳул шуд ва аз он пас таҳаввулоти фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаи Ҳинд таҳти таъсири манофеи мустеъмороти Британия шитоби бештаре ёфт. Ба таври куллӣ равобити давлатҳои аврупоӣ бо ҷаҳони ислом дар асрҳои XVI ва XVII -и мелодӣ бештар равобити фарҳангӣ, мазҳабӣ, тиҷоратӣ ва иқтисодӣ буд. Маҷмӯае аз илал ва авомили дарунию берунӣ боис шуд, ки ҷаҳони ислом аз ҳамон асри XVI -и мелодӣ, ки аз назари фикрӣ, илмӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва низомӣ дар авҷи қудрату тавоноӣ буд, дучори инҳитот шуд ва дар ҷаҳлу нодонӣ, рукуд ва ғафлату нобасомониҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ фуру равад.

Дар фосилаи оғози асри XVI -и мелодӣ то ибтидои асри 19-и мелодӣ ва бо зуҳури марксизм, ки низоми иқтисодии ин давра буд, давлатҳои бузурги аврупоӣ бо рақобатҳои фаровону бедодгарии тамом дар саҳнаи байналмилалӣ ба басту тавсеаи бозоргонии худ пардохтанд. Ин қарн қарни бедории мусулмонон ва таҷдиди ҳаёти ислом низ буд, чунки шиддат ва васеияти он ишғолгариҳо мусулмононро ба вокуниш водор сохт.

Бархе аз ин вокунишҳо пайравӣ аз тамаддуни Ғарбу бархи дигаре, ислоҳталабии диниро дунбол мекарданд. Ҳадафи аслии ҷараёни ислоҳталабии динӣ дар қарни XIX, вокуниш дар баробари хатари фарҳангӣ ва сиёсии Аврупо, рафъи султаи нуфузи истеъмори Ғарбӣ ва бозгардонидани сиёдати гузаштаи ислом ва қудрати сиёсии мусулмонон буд, вале пешрафти ин ҳадаф эҷод ва бособзии тафаккури динӣ аз назари дохилӣ буд (Мусиқӣ, 1386, с. 45).

### АДАБИЁТ

1. Онтунаво К., ва дигарон. Таърихи навини Ҳинд. –Теҳрон: Нашри Байналмилал, 1361.
2. Бозургон Маҳди. Озодии Ҳинд. –Теҳрон: Умед, 1366.
3. Ҳоирӣ Абдулҳодӣ. Дебочае бар пешинаи таърихи ҷунбишҳои панисломизм. Маҷаллаи донишгоҳи Машҳад, 1384. -№ 1 ва 2.

4. Шарифмиён Муҳаммад. Таърихи фалсафа дар ислом. –Теҳрон: 1370, ҷилди чорум.
5. Қулизода Сиёмак. Таърихангории таъсири ҷангҳои салибӣ дар дунёи ислом. –Теҳрон: 1387.
6. Куйин Барус. Даромаде ба ҷомеашиносӣ. Тарҷумаи Муҳсини Салосӣ. –Теҳрон: 1370.
7. Луис Бернард. Истамбул ва тамаддуни императории усмонӣ. Тарҷумаи Моҳмалики Баҳор -Теҳрон, 1365.
8. Мусиқӣ Сайидаҳамад. Ҷунбишҳои исломии муосир. -Теҳрон, 1386.
9. Неҳру Ҷавоҳирлол. Нигоҳе ба таърихи ҷаҳон. –Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, ҷилди 2. 1361.

## ПРЕДПОСЫЛКИ СОЦИАЛЬНЫХ И ПОЛИТИЧЕСКИХ ДВИЖЕНИЙ НА ВОСТОКЕ

В данной статье автор рассматривает предпосылки социальных и политически движений на Востоке. В мусульманских странах, ислам составляет систему ценностей людей, принимающих решения, касающиеся международных отношений. Религиозные воззрения играют определенную роль как во внутриполитической жизни стран, так и в развитии межгосударственных связей. Религиозный фактор становится важной составляющей международной жизни.

**Ключевые слова:** Восток, общественно-политическая жизнь, идеология, активизация течений и движений,государство, мусульманское население, политика, политические и социальные движения.,

## BACKGROUND SOCIAL AND POLITICAL MOVEMENTS IN THE EAST

In this article the author examines the background of social and political movements in the East. In Muslim countries, Islam is the system of values of decision-makers concerning international relations. Religious beliefs play a role in the political life of the countries and in the development of bilateral relations. The religious factor becomes an important part of international life.

**Keywords:** East, social and political life, ideology, activation currents and movements,the state, the Muslim population, policy, political and social movements.,

**Сведения об авторе:** ***Фотима Радон*** - доцент ,член научно-преподавательского состава университета, ИРИ
E-mail: **RadanFatemeh@yahoo.com**

# ФАЛСАФАИ СИЁСӢ ДАР ЭРОНИ БОСТОН

***Зиё Хазоӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Масъалае, ки дар ин мақола матраҳ хоҳад шуд, аз он иборат аст, ки вуҷуди низоми коинот ва нисбати он дар сиёсати Эрони аҳди бостонро аз назари фалсафӣ чи гуна метавон арзёбӣ кард ва оё ҳакимон бо муносибати оқилона ва тааммули фалсафӣ метавонанд аз тариқи силсилаи маротиби вуҷуд ба назму низоми ҷаҳони хокӣ пай мебаранд? Ин масъалаест, ки моҳияти ташаккули фалсафаи сиёсӣ дар Эрони бостонро нишон медиҳад ва маҳз ҳамин матлаб минбаъд инкишоф ёфта, дар асрҳои миёна ба як таълимоти томи фалсафии «сиёсати мудун» сабзида расид.

Нуктаи асосӣ дар ин ҷо аз он иборат аст, ки дар сарзамини Эрони бузург дар аҳди бостон фалсафаи сиёсӣ, ки унсурҳои асосии он тоза ташаккул меёфт, тобеи дидгоҳи фалсафӣ (боварҳои ташаккулёфтаи динӣ ва таълимоти ҳастишиносӣ)-и он давру замон буд.

Вақте ҳаёти шаҳрӣ дар тамаддунҳои гуногуни аҳди бостон, аз ҷумла дар тамаддунҳои ориёӣ ташаккул ва инкишоф меёфт, муносибати шаҳриёр (шоҳ, раиси шаҳру кишвар) нисбат ба раияташ монанди муносибати Офаридгор ба офаридааш (олам) дониста мешуд.

Ба ибораи дигар, дар асоси боварҳои динӣ (маздоӣ, меҳрпарастӣ, зурвония ва зардуштия) дар аҳди бостон назарияи ҳастишиносии дорои силсилаи маротиби вуҷуде ба унвони таълимоти космологӣ созмон дода шуд, ки ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа (ки баъдтар дар асрҳои миёна истилоҳи «сиёсати мудун»-ро ба худ касб кард) аз ҳамин таълимоти ҳастишиносӣ ибтидо мегирифт. Дар ин бора олимон ақидаҳои гуногунеро баён намудаанд, вале қадри мусаллам он аст, ки мутафаккирони юнонӣ ҳар яке ба мисли Ҳомер ва Афлотун дар шинохти моҳияти ҳастӣ ба таври ҷудогона амал намудаанд. Яке ҳамчун шоир аз назари хаёлпардозиҳои шоирона ба умқи тасвири устура рафтааст ва дигаре ҳамчун мутафаккир ақоиди иҷтимоию сиёсии худро тавре баён кардааст, ки бидуни фаҳми маънии «мусул»-и афлотунӣ дарёфтани моҳияти он амри муҳол аст.

Бинобар он муҳаққиқи муосири эронӣ Саидҷавод Таботабоӣ зимни баррасии масъалаи мазкур таъкид намудааст, ки назари Афлотун дар бораи шаҳр танҳо бо таваҷҷуҳ ба бунёди таълимоти фалсафии ӯ дарк намудан мумкин аст, зеро фалсафаи сиёсии ӯ бар мабнои таълимоти куллии фалсафиаш бино ёфта, сиёсати мудуни ӯ бидуни назардошти мантиқи таълимоти мусул (ғоя) қобили дарк нахоҳад буд [1]. Аз нуктаи боло чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки мутафаккирон дар ҳалли бахши фалсафаи сиёсӣ (сиёсати мудун) сахт таҳти таъсири таълимоти фалсафии худ нисбат ба низоми офариниши олам мебошанд. Ҳамин гуна муносибат дар афкори фалсафии ниёгони ориёии мо дар аҳди қадим роиҷ будааст. Ҳарчанд ба ин масъала то ба имрӯз камтар аҳамият дода шуда, вале аз

мазмуни ҳамон тадқиқоти нодире, ки то ба имрӯз анҷом ёфтаанд, чунин бармеояд, ки беҳтарин ҳукумат дар ҷомеаи камоли матлуб (беҳтарин сиёсат) ҳукумате хоҳад буд, ки бо низоми офариниши вуҷуди он давр созгор аст. Масалан, маъною мафҳуми адолат дар фалсафаи сиёсии аҳди қадим «ба низоме таваҷҷуҳ дорад, ки дар маҷмӯъ шомили офариниши вуҷуд мебошад ва бинобар ин, агар адолате, ки дар низоми офариниш вуҷуд дорад, тавассути раиси мадина дарк ва ё дар мадина ба он иқтидо шавад, метавон гуфт, ки адолат риоят шудааст»[2].

Мутаассифона, на ҳамаи муҳаққиқон бо чунин нукта таваҷҷуҳ намудаанд ва баъзе аз онҳо бештар ба шарҳу баёни масъала пардохта, воқифи асли матлаб нашудаанд. Саволе дар ин ҷо ба миён меояд, ки оё эрониҳои аҳди бостон дорои тафаккури фалсафӣ буданд ва гузашта аз ин, фалсафаи сиёсӣ ҳамчун қисми таркибии таълимоти фалсафии онҳо дар он давру замон вуҷуд дошт? Далелу бурҳонҳои мавҷуда ба он шаҳодат медиҳанд, ки мардуми эронитабор дар канори дигар халқҳои мутамаддини рӯзгори аҳди қадим (ошуриёну мисриён ва бобулиён) аз қудрату тааммул ва тафаккури фалсафӣ бархурдор буданд ва ба ҳамин сабаб дар тамаддуну фарҳанги дунёи қадим мушорикат доштанд[3].

Силсилаи адёни ибтидоии аҳди қадим ва ҳикмати хусравонию ҷаҳонбинии паҳлавиён дар Эрони аҳди бостон ташаккул ёфта буданд, низоми хилқат дар дини маздоӣ (маздаясно) аз комилтарин маротиби вуҷуд (ба мисли муҳаррики аввали Арасту) шурӯъ мешуд ва то поёнтарин мартабаи олами кавну фасод дар низоми офариниш идома пайдо мекард.

Дар ҷаҳоншиносии арастуӣ Офаридгор ба унвони муҳаррики аввалмасдари ҳаракат аст, вале худ ҳаракат надорад. Ӯ нерӯи баҳаракаторандаи худро нахуст ба ҳастии муҷарради воқеъ дар олитарин афлок мунтақил месозад ва он бо тай кардани дараҷаҳо (мартабаҳо, зинаҳо) бо олами таҳтулқамари кавну фасод омада мерасад. Чунон ки мулоҳиза мешавад, маротиби ин ҳаракат дар олами улвӣ аз назари мо дур мемонад. Дар ин ҷо миёни ҷаҳони улвию сифлӣ аз бисёр ҷиҳат тафовут дида мешавад ва асли муҳим дар мавриди мо аз он иборат аст, ки аз назари Арасту ва хусусан, Афлотун силсилаи маротибе дар ҷаҳони ҳастӣ вуҷуд дорад, ки аз он тарзи идораи ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ бо назми табиию низоми табақотӣ сар мезанад. Нигориши ҳастишиносии мутафаккирони Эрони бостон ва масъалаи силсилаи маротиби вуҷудро, ки дар боло ба онҳо ишора шуд, муҳаққиқон ба таври гуногун мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд. Масалан, муҳаққиқи эронӣ Фарҳанги Риҷоӣ бинои фарҳанги ориёиҳои эрониро аз қавну маконе иборат медонад, ки дорои назму низом аст ва ин низомро Ашо ва ё Арта мехонанд. Ҳама чиз ва ҳамаи абъоди зиндагиро дар бар мегирад ва олами вуҷуду зиндагӣ дар олами сифлӣ ба воситаи онҳо маънӣ пайдо мекунад. Аз ин рӯ, ӯ менависад: “ин ду истилоҳ, ки имрӯз муодили тарҷимаи худро надоранд, дар назари ориёиёни Эрону Ҳинд ба маънои назму низоми ойинӣ мебошад, ки саросари олами ҳастиро ба ҳам мепайвандад, ба ҳамаи умури куллию ҷузъӣ ва хурду бузург ҳокиманд ва низоми кулли ҷаҳон дар олами кабиру олами сағир, низоми табиӣ, низоми иҷтимоӣ, низоми ахлоқӣ ва низоми ойинҳои динӣ ҳамагӣ ҷилваҳои онҳо дар оламҳои мухталиф ба шумор омадаанд” [4].

Дар воқеъ, Ашо ва Арта аз ҷумлаи қонунҳои тағйирнопазире мебошанд, ки на танҳо зиндагии башар, балки тамоми коинотро ба сӯйи мақсади асосӣ сафарбар намуда, рушду инкишофи мавҷудот ва сайри таквинии онҳоро мувофиқи қонуни ашоӣ ба сӯйи камолот ҳидоят мекунад. Маънои Ашо ва Арта дар адабиёти авестоӣ ба таври гуногун таъбиру таъвил шудааст.

Мэри Бойс дар асараш паҳлӯҳои гуногуни Ашоро шарҳ дода, ҳамвора таъкид намудааст, ки тарҷимаи он ба забони англисӣ ниҳоят мушкил аст, вале муҳаққиқи тоҷик Ҳ. Муъминҷонов онро аз рӯйи мазмуну матнҳои “Авесто” қонуни муштараки илоҳию табиие ба қалам додаст, ки «мазмуну моҳияти ҳастӣ, танзиму ҳамоҳангкунандаи кайҳон, мизони андешаву гуфтору кирдори одамиро ифода мекунад. Ашоӣ роҳест, барои расидан ба Худованд, ки бояд онро ба мисли Зардушт тай кард[5]. Ба ҳамин сабаб ба номи пайғамбари ойини зардуштӣ Ашоро изофа намуда, ӯро Ашузардушт меномиданд.

Ин масъала таклифи ҳама чиз дар ҳар ду оламро аз ду лиҳоз равшан сохта буд: аввалан, олами дорои маротиби вуҷудро таъйид мекард, ки аз назари вуҷудӣ ва кайҳоншиносӣ қонуниятҳои худро дошт; сониян, ба олами модии аз он сарзананда ишора мекард, ки ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ дар он дар ҳудуди чаҳорчӯби муайяни кишвардории муқаддас анҷом мешуд. Ҳатто шоҳ аз ин қоида истисно набуд ва Ашо як зиндагии муназзамеро талқин мекард, ки ҳадафаш шарти расидан ба адолат буд, зеро «эҷоду дастёбӣ ба адолат (дар олами модӣ) ва ҳақиқат (дар олами улвӣ) ҳадафи ғоявии таҳаввули ҷаҳон ба шумор меравад. Агар адолат дар назди юнониён аз дороию нодории мардум дар ҷомеа таъриф

шавад, дар назди эрониёни бостон ба ҷуз матлаби мазкур, маънои ҳар чизро дар ҷойи худ қарор додан ва ҳар кас ба кори худ машғул шуданро дорад"[6].

Табиист, ки чунин бардоште аз адолат аз нигоҳи фалсафӣ ба силсилаи маротиби вуҷуд ва олами ҳастӣ маънӣ медиҳад. Вале ақвому миллате, ки аз чунин дидгоҳи фалсафӣ ориенд, аз адолат бардошти дигаре доранд, онро дар тамоми касбу шуғлҳо муътабар медонанд ва шахси ростгӯю амонатпеша ва дур аз гуноҳу риёро мазҳари адолат ба қалам медиҳанд. Ҳол он ки адолат аз нигоҳи эрониён дорои дидгоҳи амиқи фалсафист, ки дар он мувофиқату иртиботи силсилаи маротиби вуҷуд ба олами модӣ ба модди аввал мебароянд. Ба ибораи дигар, ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа бояд тобеи фалсафаи вуҷудшиносии ниёгон бошад. Мувофиқи ин андеша эрониёни аҳди бостон шоҳи ормонӣ (одил)-ро шоҳи баргузидаи Худованд ва дорандаи «фарри каёнӣ» медонанд, ки фалсафаи сиёсӣ ё худ сиёсати мудун дар ҷомеаро тибқи таълимоти вуҷудшиносӣ ба амал барорад.

Фарри каёнӣ мақому манзалати маънавии аҳуроие мебошад, ки ба шоҳ нозил шуда, ӯро водор ба риояти чаҳорчӯбаи шаръиву ахлоқӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва маънавӣ месозад ва дар сурати риоят нашудани ин мақулаҳои иҷтимоию сиёсӣ машруияти илоҳӣ ба шоҳ аз миён меравад ва боиси дур шудани мардум аз шаҳриёр мегардад.

Дидгоҳи мардуми сарзамини Шарқ ба шаҳриёр он аз тобеияти назари онҳо ба Худованд ва низоми коинот иборат аст. Аз ин нуқтаи назар, аз дидгоҳи инсони шарқӣ шоҳ ё шаҳриёр намудори заминии Худои бузург аст. Аз ин рӯ, яке аз муҳаққиқони Ғарб С. Кеннедӣ шоҳи воҳид дар рӯйи заминро инъикоси эътиқод ба Худои воҳид ба қалам дода, аз ҷумла нигошта буд: "ҳар касе ҷуз он фарде, ки баргузидаи Худо буд, бо ҳар сабабе ба боргоҳи шоҳии Аҳуромаздо менишаст, муртакиби зиён шуда ва мукофоташ марг буд... Ба ин тариқ, шоҳи эронӣ дар воқеъ ноибуссалтанати Аҳуромаздо бар рӯйи замин аст"[7]. Бо назардошти нукоти фавқ С. Кеннеди суханашро давом дода, менависад, ки шоҳи Эрон он мавҷуди шӯришгари майхорае нест, ки нависандагони Юнони қадимӣ васф карда буданд, балки мавҷуде буд, ки зиндагиаш дар чаҳорчӯби мазҳабӣ сахт маҳдуд буд. Қоидаҳои эронӣ қоидаҳои шоҳӣ буданд ва ин қоидаву қонунҳо ба шоҳ танҳо аз назари иҷрои онҳо зарурӣ буд. Иҷрои қонун далел ба дурусткирдорӣ ва ростии подшоҳ ба шумор мерафт ва саркашӣ аз иҷро далели нодурустӣ ва табоҳкории ӯ маҳсуб мешуд. Шоҳи ормонӣ ҳамчун намояндаи Аҳуромаздо миёни дини зардуштӣ ва низоми иҷтимоӣ робитае барқарор карда буд, ки тибқи он шоҳ тобеи ақвому авомири таълимоти динию фалсафӣ буд.

Муҳаққиқи эронӣ Ҳамиди Иноят ҳамин мавзӯъро мавриди таҳқиқ қарор дода, аз ҷумла чунин нигоштааст, ки дар Эрони аҳди бостон миёни таълимоти ҷаҳоншиносии дини зардуштӣ ва низоми иҷтимоию сиёсии ҷомеа робитаи наздике вуҷуд дорад. Чун боварҳои динӣ завол намепазиранд ва давлату қудрати шаҳриёрӣ фасодпазиранд, шаҳриёр бояд ба пайравӣ аз таълимоти динӣ ва афкори фалсафӣ худро аз гумроҳӣ нигоҳ дорад ва вазифаи шаҳриёрии худро, ки додгустарӣ ба мардум ва ҳимоят аз эшон аст, маҳфуз нигоҳ дорад[8]. Аз ин нукта чунин бармеояд, ки шоҳ (шаҳриёр) набояд ба мақсаду хостаҳои дигарон пайравӣ намояд, балки хостаҳои онҳоро тобеи хостаҳои хеш ва охириро тобеи хираду ҳикмат намояд ва он ҳам хираду ҳикмате, ки бар мабнои боварҳои ойинӣ фалсафаи вуҷудшиносии зимаротиби худро бунёд намудааст.

Бояд дар ин ҷо чунин нуктаеро ёдовар шуд, ки режимҳои истибдодии ниёгони мо дар аҳди қадим бар асоси иродаву хостаҳо ва низомҳои худкомагӣ низ амал мекарданд, ҳанӯз иродаи инсон ба расмият шинохта нашуда буд ва ӯ дар зиндагӣ тобеи қоидаву муқаррароте буд, ки аз берун таъйин ва ба ӯ таҳмил мешуд. Дар ягона демократитарин шаҳр давлати дунёи қадим Афина низ чунин ҳолат ба назар мерасид. Вале ин ҳоло муҳим нест, ки демократияро юнониён чи гуна ба роҳ монда буданд. Муҳим он аст, ки шоҳ аз назари ниёгони ориёии мо фарди худхоҳу худнамо буда наметавонист, ки рафтору кирдораш дар ҳеҷ чаҳорчӯбае нағунҷад. Баръакс, шоҳ иҷрокунандаи қонуну иродаи илоҳӣ буд. Дар андешаи ниёгони мо шоҳи ормонӣ (хаёлии одил) дорандаи "фарри каёнӣ" ё ба маънои ҷавҳари тобандаи Хуршед мебошад, ки мисли ҳоула (аура) гирди сари подшоҳон медурахшид [9].

Ба ҳамин сабаб дар осори аҳди Сосониён дар ҳар ҷое ки ба "фарри каёнӣ" ишора мешавад, дар он навъи иртиботе бо хуршед, оташ ва равшаноӣ дида мешавад. Хусрави II нахустин шоҳи сосонӣ буд, ки дар сиккаҳои зарбшудаи худ "Фарри Хусрав афзуда бод"-ро ҳаккокӣ намуда буд [10]. Роҷеъ ба ин масъала достони Ҷамшедро низ дар ин ҷо мисол овардан мумкин аст. Вақте ӯ ҳамчун шаҳриёр соҳиби фарр буд, зиндагии муқиминишиниро дар таърихи ниёгони мо ба вуҷуд овард ва вақте ӯ ба худкомагӣ

дода шуда, ба дурӯғгӯйӣ ва лофзанӣ пардохт, фарр ӯро дар шакли мурғе тарк намуд ва оқибат ӯ салтанаташро аз даст дод.

Ба ҳамин сабаб муҳаққиқон таъкид намудаанд, ки пешшарти фармонравоӣ дар Эронзамин фарр будааст[11] ва ҳеҷ фармонравои аниронӣ ба он даст пайдо карда наметавонистааст. Ироаи чунин иттилоъ низ аз аҳамият холӣ нахоҳад буд, ки нерӯи ҳомии шаҳриёрӣ ба мисли фарр дар дигар тамаддунҳои аҳди бостон ҳам вуҷуд доштанд ва онҳо дар Байнаннаҳрайн, Киден (Kiden), дар тамаддуни ошуриҳо – Меламу (Melamu) ва шояд, дар эътиқоди иброниён Шахина номида мешуданд.

Саидҷавод Таботабоӣ роҷеъ ба масъалаи мавриди баҳс таваққуф намуда, аз ҷумла таъкид мекунад, ки ниёгони мо пайравони сарсахти ростиву додгарӣ будаанд ва барои эрониён қонуни ахлоқии ростгӯйӣ болотарину волотарин мақомро дошт. Муҳаққиқи дигари эронӣ Фатҳуллои Муҷтабоӣ дар тақвияти фикри С. Таботабоӣ изҳор дошта, ки дини ориёиҳо чунин тарбият медод, ки ҳеҷ шаҳриёре набояд дар андешаи худ саргарми суханони нодурусти дигарон шавад, зеро дар назари эрониён шоҳи ормонӣ худ ба як эътибор соҳиби шариат ва ҳатто айни шариат аст ва он вақте таҳаққуқ пайдо хоҳад кард, ки қудрати ҳукумат бо адлу дину ҳикмат тавъам бошад" [12].

Аз гуфтаҳои боло ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки назари эрониёни бостон ба шаҳриёр як нигоҳи ҳакимона ва хирадгароёна будааст. Аз ин рӯ, онҳо муътақид ба як силсила усулу меъёрҳое буданд, ки ба воситаи онҳо шаҳриёронро мавриди нақду интиқод қарор медоданд ва ба ҳамин сабаб дар андешаи ниёгони мо шоҳи ормонӣ ба ҳеҷ ваҷҳ баёнкунандаи вазъи мавҷуд ва сиёсати асосёфта бар тақаллубу султагароӣ набудааст. Ин масъаларо дар гузашта муҳаққиқони зиёде қайд намудаанд. Масалан, Артур Кристенсен қудрати шоҳ дар Эрони бостонро маҳдуд арзёбӣ карда, чунин маҳдудиятро ба сабабҳои динӣ ва ахлоқии салтанат вобаста медонад. Ба фикри ӯ "шоҳ бояд адлу доди бисёреро фароҳам оварад, зеро онҳо мояи ҳамаи хушбахтиҳо ва монеи заволу парокандагии мулканд ва нахустин осори заволи мулк ин аст, ки адлу дод дар ҷомеа боқӣ намонад" [13].

Аз Ардашери Сосонӣ нақлеро овардаанд, ки дар он гуфта шуда: "Мулк ҳосил нашавад, магар бо лашкар, лашкар фароҳам нагардад, магар ба зар, зар ба даст наояд, магар ба зироат ва ободиву зироат бидуни адлу дод сурат нахоҳад гирифт".[14] Вақте сухан аз адолат ба миён меояд, бояд дарк кард, ки дар Эрони аҳди бостон он ба ду маънӣ истифода шудааст. Маънии аввали он ҳамон қарор додани ҳар чиз ё фард дар маҳаллу ҷойгоҳи худ аст, ки мафҳуми қадимӣ ва фалсафии адолат ба маънии ҳифзи ҳамоҳангиҳои мавҷуд дар табиат ва ҷомеа аст. Хароб шудани чунин ҳамоҳангӣ боиси сар задани беадолатӣ ва ҳараҷу мараҷ дар ҷомеа хоҳад шуд. Маънии дуюми он иҷрои бе қайду шарти қонуну муқарраротӣ мавҷуд тавассути ҳамаи афроди ҷомеа мебошад.

Ба фикри Баҳор шоҳ дар суннати қадим касе набуд, ки танҳо ҳукумат кунад, балки ӯ сунбули ҳаёти ҷомеа ва мазҳари рӯҳоният, адлу қонун, ҳукумат ва мазҳари ҳаёти наботию ҳайвонӣ низ будааст.[15] Зеҳнер А. зимни мутолиаи таълимоти зардуштӣ бардошти фалсафие аз мақому ҷойгоҳи шоҳ дар Эрон медиҳад, ки мувофиқи он шаҳриёри хуб "намоде аз ҳокимияти илоҳӣ бар рӯйи замин аст ва подшоҳи хабису хоин намоде аз Аҳриман ба ҳисоб меравад. Агар шоҳ қарор аст, ки тасвири муътақид ба Худованд бошад, дар ваҳлаи аввал бояд доно бошад ва хирад роҳбару роҳнамои ӯ бошад" [16].

Андешаи мардуми эронитабор роҷеъ ба шоҳи ормонӣ таъсири муҳимме дар зиндагии ҷомеа ва ҳаёти сиёсии он гузошт. Аввалан, он имкон дод, ки аз мавқеъ ва мавзеи баёншуда заминаро барои интиқоди вазъи мавҷуда фароҳам оварад, сонияи барои ташаккули беҳтарин ниҳоди сиёсӣ дар ҳудуди Осиёи Миёнаву Эрони бостон, ки ҳамон ниҳоди шаҳриёрист, мусоидат кард.

Чун суҳбат дар ин ҷо роҷеъ ба ниҳод шуд, метавон назари яке аз ҷомеашиносони амрикоӣ Т. Парсонсро дар ин бора мисол овард. Ӯ муътақид аст, ки ниҳодҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеа аз чанд унсури асосӣ фароҳам хоҳад омад: 1) дар арзишҳое, ки роҳнамои амали инсонҳо ба шумор раванд ва аз ин рӯ, дар олитарин сатҳи таъйинкунанда қарор доранд; 2) қоидаву қонунҳое, ки ба унвони муқаррарот иҷро намудани онҳо зарур аст. Онҳо аз низоми арзиши ҷомеа сарчашма мегиранд ва ба иҷро расонда мешаванд; 3) нақшҳо ва вазифаҳое, ки дар чаҳорчӯби қоидаву қонунҳо ташаккул меёбанд ва вазифаи ҳар фардро дар ҷомеа муайян мекунанд; 4) ниҳодест, ки аз маҷмӯи ин унсурҳо ташаккул меёбад ва аз маҷмӯи ин ниҳодҳо ҷомеа ба вуҷуд меояд.[17]

Дидгоҳи арзишии ҷомеаи Эрони бостон ба шоҳ боис мешуд, ки аз умқи ин арзишҳо қонуну қоидаҳое ба вуҷуд оварда шавад ва дар чаҳорчӯби онҳо вазифаи шоҳ таъйин гардида, аз маҷмӯи ин унсурҳо ниҳодҳои шоҳӣ дар Эрони бостон созмон дода шаванд. Бар ҳамин мабно низомҳои сиёсии

Эрони бостон ба вуҷуд омада буданд, ки ҳар яке чандин аср салтанати шоҳиро ба уҳда доштанд. Масалан, дар аҳди Сосониён тибқи суннате, ки аз фарри каёнӣ бармеомад, касе ҷуръат намекард, ки иддаои салтанат бар Эронзаминро бикунад. Шӯришҳое, ки дар аввали салтанати ин дудмони шоҳӣ ба вуҷуд омада буданд, қасди сарнагун кардани низоми сиёсиро надоштанд ва агар шоҳро сарнагун мекарданд, каси дигар аз хонаводаи ӯро ба шаҳриёрӣ интихоб менамуданд.

Вале вақте дар охирҳои силсилаи шоҳии Сосониён ифротгароӣ, худкомагӣ ва зери по гузоштани қонуну муқаррарот ва адолату додгустарӣ пеш омад, машруияти ниҳоди шоҳӣ аз даст рафт ва роҳбарони шӯришҳо ба монанди Баҳроми Чӯбина иддаои шоҳӣ бар Эронзаминро матраҳ карданд.

Абдулҳусайни Зарринкӯб дар ин бора хеле хуб тазаккур дода, ки "Баҳроми Чӯбина дар муддати фармонравоии кӯтоҳи худ на дар байни бузургону мубадон ҳаводоре ёфт ва на дар миёни оммаи мардум" [18]. Агар мо ин қазияро дунбол кунем, ба ҳодисаи дигаре низ бархӯрд хоҳем кард, ки баъди 40 соли Баҳроми Чӯбина рух дода буд. Бори дигар сардоре бо куштани Ардашери III – охирин фарзанди мустақими фармонравоёни сосонӣ бо номи Шаҳрбароз ба тахти шоҳӣ нишаст, ки аз хонадони шоҳӣ набуд. Табиист, ки нигариши фалсафии эрониҳо нисбат ба ниҳоди салтанат, ки суннати дерин дошт. Аз ин рӯ, ӯ бо дасисаҳои зиёди бузургону мубадон бераҳмона кушта шуд. Ба қавли Балъамӣ баъди куштани ӯ мунодӣ бонг бароварда буд, ки "ҳар ки на аз хонадони мулук бошад ва даъвои подшоҳӣ кунад, ҷазои вай ин бошад".[19]

Мавҷудияти ниҳодҳои сиёсӣ дар аҳди Сосонён, ки дар раъси онҳо шоҳ қарор дошт ва он ништотгирифта аз арзишҳои мардум нисбат ба шоҳи ормонӣ дар андешаи мардуми эронитабор буд, муқобили ақидаи муҳаққиқоне чун Ҳумоюни Котузиён мебошад, ки бидуни назардошти вижагиҳои ҷомеаи эронӣ масоили ниҳодҳои ҷомеаро матраҳ кардаанд. Масалан, Ҳумоюни Котузиён дар ин бора менависад: "Дар мавриди Эрон дороию ҷойгоҳи иҷтимоӣ умри кӯтоҳе дошт, дақиқан, аз он рӯ ки ҳуқуқи иҷтимоии зотӣ ва ғайри қобили накс ба шумор намерафт, балки ҷузъи имтиёзоти шахсӣ қаламдод мешуд. Ҳатто ҷойгоҳ ва мавқеияти худи шоҳ ҳам аз ин қоида мустасно набуд..."[20]

Дар ин маврид салтанати Шопури II-ро, ки ба муддати 70 сол тӯл кашид, мисол овардан кофист, ки агар онро бо императорони Рум муқоиса кунем, дар ин фосилаи замонӣ 10 нафар императорон зимомдори қудрати Рум шуда буданд. Бо назардошти нукоти фавқ таҳлили хусусиятҳои фалсафии сиёсии Эрони бостон бо меъёру низомҳои демократии дунёи имрӯз ҳеҷ ҷойгоҳе надорад. Эрони бузурги он рӯзгор ба сурати як империяи бузург бар мабнои маслиҳати умумӣ идора мешуд ва ҳамин ҷиҳати он ба фалсафаи сиёсӣ хусусияти демократӣ мебахшид. Бо мурури замон ҷойгоҳи низоми шоҳӣ дар Эрони бостон суст шуд ва дар замони ҳукмронии Ҳурмузи чаҳорум худкомагӣ ба авҷи аъло расид ва дастури қатли ҳазорон нафар ашрофону бузургон содир шуд. Ин наҳваи ҳукумати ӯ ҳеҷ нисбате бо ҷойгоҳи шоҳи ормонӣ дар зеҳни мардуми Эрон надошт ва батадриҷ ин гуна рафторҳои хилофи арзишҳои андешаи эронии мақоми шоҳӣ бештар шуданд ва дидгоҳи фалсафии мардуми эронитаборро чунон беэътибор намуданд, ки афроди берун аз хонадони шоҳӣ низ иддаои шоҳӣ бар Эронзаминро намуданд.

**АДАБИЁТ**


1. Таботабоӣ Саидҷавод. Ибни Халдун ва улуми иҷтимоӣ / Таботабоӣ Саидҷавод. -Теҳрон, 1369. С. - 136.
2. Таботабоӣ Саидҷавод. Даромади фалсафӣ ба таърихи андешаи сиёсӣ дар Эрон / Таботабоӣ Саидҷавод. -Теҳрон, 1383. – С. 19.
3. Ҳамон ҷо. – С. 20.
Саид Алӣ Хоманаӣ талош мекард то мардумон ба озодии ҳақиқӣ (озодӣ аз ғайри Худо) даст ёбанд ва ба ҳақиқати истиқлол (вобастагӣ ба Худо ва гусастагӣ аз ғайри Худо) бирасанд, то дигар асир ва ҳақир ва муздур набошанд. Ӯ дар ин бора менависад: “Бидон, ки инсон, агар маққур дар тахти султаи шаҳват ва ҳавоҳои нафсонӣ гардад, рақият ва убудият ва зиллат дар ӯ ба қадри маққурияташ дар таҳти султаи онҳо зиёд шавад. Ва маънии убудият аз касест, ки итоат аз ӯст. Ва инсони мутеи шаҳват ва фармонбардори нафс, ишораи бандаи фармонбари онҳост ва ҳарчи онҳо амр кунанд, бо кашоли ҳузӯъ итоат кунад ва дар пешгоҳи онҳо абди хозиъ ва бандаи мутеъ гардад, то кор ба ҷое расад, ки итоати онҳоро муқаддам дорад бар итоати Холиқи сатавати вал арз ва бандагӣ онҳоро баргузинад, бар бандагии моликии мулуки ҳақиқӣ ва дар ин ҳол изат ва ҳуррият ва озодмардӣ аз қалбаш рахт бандад ва ғубори зиллат ва фақр ва убудият бар чеҳраи қалбаш бинишинад ва хозии аҳли дунё гардад ва қалбаш дар пеши аҳли дунё ва соҳибони хусумат саҷда кунад ва аз барои ба даст овардани муштаҳиёталнафсонияти худ, аз ҳамнавъи худ зиллат ва миннатҳо кашид ва хавориҳоро дар роҳи таъмири батн ва фарз бурд ва то асири бандаи шаҳват ва нафс аст, аз ҳеҷ гуна хилофи шаръӣ ва хутуват ва ҳарияте мазоиф накунанд ва сар ба зери бори итоати ҳар кас ва нокас даровард ва аз ҳар ночиз миннат кашад ба муҷарради эҳтимол ҳусули матлуб лафи ӯ, гарчӣ он шахс аз соири халқ беарзиштар ва пасттар бошад ва эҳтимоли муҳит бошад. Ва гӯянд: “ва ҳама дар боби тамаъ ҳуҷҷат аст”. Онҳое, ки бандаи дунё ва шаҳвати хешанд ва тавқи бандагии ҳавои нафсро дар гардан ниҳоданд, бандагӣ аз ҳар касе, ки дунёро пеши ӯ суроғ доранд ё эҳтимол медиҳанд, мекунанд ва хозеи ӯ мешаванд. Агар дар зоҳири забон миннат ва иффати нафс кушоянд, бадбахтии маҳз аст ва аъмоли онҳо ва ақвоми онҳо ин каломро тақзиб кунанд ва ин асорат ва рақиб аз роҳи бад аст, ки инсонро ҳамеша дар заҳмат ва зиллат ва ранҷ ва табъ дорад. Ва инсони бошараф ва иззату нафс бояд бо ҳар васила ва зидият худро пок ва покиза кунад”.

Саид Алӣ Хоманаӣ талош мекард то “инсон” тарбиятдида бошад, ки агар одам рӯ ба ҳақиқати худ кунад ва инсон шавад, маншаи ҳама хайрот аст ва агар инсон нашавад, маншаи ҳама зулмот аст. Ба баёни Саид Алӣ Хоманаӣ: “Мавзӯи баҳсӣ ва мавзӯи илмии анбиё ва талошҳои эшон ҳамоно инсон аст. Омадаанд инсонро тарбият кунанд, омадаанд ин мавҷуди табииро аз мартабаи тобеаят ба мартабаи олӣ мувофиқи табъи мо фавқулҷабарут бирасонанд. Тамоми баҳси анбиё дар инсон аст.

Анбиё омаданд, ки моро ҳушёр кунанд, тарбият кунанд. Анбиё омаданд ва барои инсонсозӣ омаданд. Кутуби анбиё кутубаи инсонсозӣ аст, Қуръони карим китоби инсон аст, мавзӯи илми анбиё инсон аст, ҳар чӣ ҳаст ҳарф бо инсон аст”.

Саид Алӣ Хоманаӣ ҳама чизро барои инсон ва тарбияти инсон мехост ва андешаи сиёсии ӯ бар асоси низоми басомон ва ҳадафдор дар ҳамин ҷиҳат аст.

Бояд қайд кард, ки андешаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Саид Алӣ Хоманаӣ аз чанд ҷиҳат ҷолиби диққат аст.

Аввал ин ки, ӯ худ як андешаманди мусалмон, пайрави мактаби ҳазрати Алӣ ва фарзандони маъсуми ӯ мебошад.

Дувум ин ки, Саид Алӣ Хоманаӣ дар ҳавзаи сиёсат ва умури сиёсии ҷомеа дорои оро ва дидгоҳи ҳоизи аҳамияте аст. Оро ва дидгоҳое, ки шинохт, таҳлил ва барраси онҳо метавонад роҳкушои бисёре аз масоили ҷомеаи имрӯзаи мо бошад.

Савум ин ки, Саид Алӣ Хоманаӣ пайрави роҳбари як инқилоби бузург аст: Инқилобе, ки тавонист яке аз режимҳои истибдод ва дастнишондаро сарнагун созад ва низоме ба номи ҷумҳурии исломӣ ба вуҷуд биоварад. Ба таври муслим, роҳбари ҳар инқилобе дорои иддаҳо ва дидгоҳои асосӣ ва таъминкунанда дар боби он инқилоб ва низоми мубтанӣ бар он инқилоб аст. Бар ҳамин асос, барои шинохти ҳар инқилобе низом ва огоҳӣ бар он, яке аз муҳимтарин ва муассиртарин роҳҳои шинохти андешаҳои роҳбари он инқилоб ва пайравони он мебошад.

Чаҳорум, Саид Алӣ Хоманаӣ на танҳо пайравӣ аз роҳбари як инқилоби бузурги мардумӣ менамояд, ки бунёдгузор, муассис ва мудири як низоми сиёсӣ маҳсуб мешавад, балки дар тақвият

бахшидани низоми ҷумҳурии исломӣ бо ҳамроҳӣ ва талоши мардум дар Эрон саҳми азим дорад. Дарки таҷрибаҳои назарӣ ва амалҳои ӯ дар хилоли ин муддат нисбати тӯлонӣ дар бисёр маврид барои пешбурди умури ҷомеа метавонад роҳкушо бошад. Пас, андеша ва амали ӯ бо ҳам мартабит ҳастанд ва аз сӯйи дигар, ӯ худ метавонад мубини андешаҳо ва дидгоҳҳояш бошад. Дар таҳқими дарёфтҳои назарии ӯ нақши асосӣ дошта бошад ва ё дар шакли андешаи сиёсӣ, дар низоми ҷумҳурии исломӣ нақши бунёдӣ ифо намояд.

Панҷум ин ки, Саид Алӣ Хоманаӣ як инсони мубориз ва фарди адо ва зулмситеза будааст ва адолатхоҳӣ ва ситамситезӣ дар оғози барномаҳои амалӣ ва сиёсии вай ҷой дорад. Ин дар ҳоле аст, ки афроди мубориз ва адолатхоҳ, маъмулан, дорои андешаҳои аҳамиятнок дар боби раҳоии одамиён аз зулм, ситам ва истибдод мебошанд ва аз ин мавқеъ низ пардохтан ба афкор ва иддаҳои ӯ барои мо дорои аҳамияти ҷиддие аст. Ба таври куллӣ, бояд тазаккур дод, ки афкори Саид Алӣ Хоманаӣ ва орои дидгоҳи ӯ бо таваҷҷуҳ ба масоил мутаҳаввили ҷомеа метавонад барои насли ҷавон роҳкушо бошад.

### АДАБИЁТ


1. Азизаллах Баят. Полная история Ирана в сравнениях / Азизаллах Баят. –Тегеран, 1998. – С. 89.
2. Школьников Б.А. Иран в конце 50-х начале 60-х годов XX века: Социально-экономические и политические предпосылки «белой революции» / Б.А. Школьников. -М.,1985. – С. 67.
3. Стамболцян А.Г. Внутренняя политика правительства национальной буржуазии / А.Г. Стамболцян. -М., 1984. – С. 127.
4. Успехи исламской революции в Иране за 20 лет: Аналитический взгляд на достижения Исламской Республики Иран в политической, культурной и социально-экономических сферах //Сборник статей. -М., 2000. – С. 188.
5. Хатами С.М. Традиции и мысль во власти авторитаризма / С.М. Хатами. - М.,2001. – С. 85.


### СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИЕ УЧЕНИЯ САИД АЛИ ХОМЕЙНИ


В данной статье автор рассматривает философские аспекты социально-политического учения Саида Али Хомейни и анализирует ее специфические особенности. Кроме этого, автор старается раскрыть и интерпретировать мистическую философию политического поведения Аятоллы Хомейни, и определить цель его политической деятельности как духовного лидера страны.



**Ключевые слова:** международное отношение, исламская цивилизация, исламская мистика, мусульманское поведение, политическая справедливость, правильные политики, духовный лидер, политическая истина, политический опыт, правление общество, общественная эволюция.


### SOCIO-POLITICAL DOCTRINES SAYID ALI KHAMENEI


***Alirizo Iftikhor Umroni***

**Applicant Institute of Anthropology of Science Aakademii RT**



On this article the author examines the philosophical aspects of social and political teachings of Sayid Ali Khamenei and analyzing its specific features. In addition, the author will try to interpret the revealed and mystical philosophy of the political behavior of the Ayatollah Khomeini, and determine the purpose of his political activities as the spiritual leader of the country.



**Key words:** international relations, Islamic civilization, Islamic mysticism, Islamic behavior, political justice, the right policies, the spiritual leader of the political truth, political experience, the board of the society, the social evolution.



**Сведения об авторе:** ***Алиризо Ифтихор Умрони*** – соискатель Института антропологии АН РТ


## МАНОФЕЪ ВА АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН


***Эҳсон Амиршеърдӯст***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Баҳампайвастагии дину миллат фарҳанги миллии моро ба вуҷуд овардааст, ки сиёсат, иқтисод ва умури иҷтимоиро хатту ҷиҳат медиҳад. Таърифи манофеи миллӣ бар се асл устувор аст: яке амнияти миллӣ, дигаре рифоҳи миллӣ ва севумӣ, шахсияти миллӣ. Мафҳуми амният миллӣ бад-ин маъност, ки ба як кишвар имкон медиҳад, то бо дастёбӣ ба шароити вижа, таҳдидҳои билқувва ё билфеъли дохилӣ ва хориҷиро бо имконоти худ дафъ кунад ва аз нуфузи сиёсӣ ва иқтисодии бегонаи кишвар худро дар амон нигоҳ дорад.

Ҳадафи ниҳоӣ дар сиёсатҳои дохиливу хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон низ таъмини амнияти миллӣ аст. Сиёсатҳои амниятии Ҷумҳурии Исломии Эрон баъд аз инқилоби исломӣ ба се давра «густариш меҳвар», «ҳифзи меҳвар», «рушди меҳвар» тақсимбандӣ шудааст.

Метавон ҳар се гуфтумони фавқро дар қолаби идеологиягароӣ қарор дод, ки албатта, таҳаввул яке аз гуфтумонҳои мазкур ба гуфтумони дигар, таҳаввуле амиқ ва усулӣ ба шумор намеояд. Манзур аз идеологиягароӣ дар сиёсатҳои амниятӣ таъкид бар ин нукта аст, ки ин сиёсатҳо дорои мушаххасҳоест, ки бо амалгироӣ ва воқеъбинӣ дар тазод аст. Гуфтумонии навин аз амният таърифи ҳамасӯнигар дошта ва бо рӯйкарде нармафзорӣ ба амнияти миллӣ, сиёсат ва қудрат, хоҳони тавсеа додани матни ҷомеа ва бориктар кардани ҳошияи он аст. Ин гуфтумон бо ироаи таъриф ва боз таъриф аз худӣ ва

дигаре ва машрӯияти низом бар мабнои эҷоди эътимоди дубора, хоҳони афзудан бар доираи худиҳо ва костан аз мизони дигарҳост. Дар ин гуфтумон лузуман ормонҳо фаромӯш намешаванд, балки байни ормону воқеият пуле зада мешавад ва ормонхоҳии тадриҷгаро ҷойгузини ормонгароии дафъигироии ғайримиллӣ мешавад.

**Манофеи миллӣ.** Вожаҳои манофеи миллӣ ва амнияти миллӣ калимоте ҳастанд, ки дар арсаи сиёсатбор маънои муҳим ва хоси худро доранд. Аммо ба ростӣ, мафҳуми аслии ин вожаҳо чист? Чӣ абъодеро дар бар мегирад? Густурдаи маънои он дар арсаи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ то куҷост? Таъйинкунандагони сиёсати миллӣ чӣ касоне ҳастанд? Мардум дар ин миён чӣ нақше доранд? Ҷиҳати таҳаққуқи манофеи миллӣ чӣ усул ва арзишҳоеро бояд дар назар гирифт, то дар муносиботи байналмилалӣ бо шинохти дуруст аз манофеи миллии кишвар битавон дифоъ кард?

Манофеи миллӣ мафҳуме аст мураккаб аз «манофеъ», ки ҷамъи манфиат ва ба маънои фоида аст ва «миллӣ», ки мансуб ба миллат аст, яъне манфиатҳое, ки дар як маҳдудаи ҷуғрофиёӣ «сарзамине» марбут ба миллат (мардум) мешавад ва метавонад абъоди васееро дар бар гирад. Барои манофеи миллӣ то кунун таърифҳои гуногуне аз сӯйи коршиносони сиёсӣ ва байналмилалӣ ироа шудааст, ки ҳар як аз таъриф бо дар назар гирифтани шеваи нигариш ва муҳтаво ва арзишҳои дар назаргирифташуда ба абъоди мухталифе аз манофеи миллӣ ишора шудааст; аз миёни таърифи мавҷуд дар як таърифи ом метавон гуфт, манофеи миллӣ ба маънии «ҳадафҳои ом ва мондагорӣ аст, ки як миллат барои дастёбӣ ба онҳо талош мекунад" [1]

Ин ҳадафҳо метавонад шомили роҳҳои барномарезишуда барои дастёбӣ ба энергӣ, манобеъ ва маводи хом, фановарии ҷадид, тавсеа ва рифоҳи иқтисодӣ, минтақа, нуфуз ва дифоъ аз марзҳои як кишвар ва дифоъ аз шаҳрвандони худ дар хориҷ аз марзҳоро низ дар худ ҷой диҳад. Бо ин таъриф мушаххас мешавад, ки иртиботи наздике миёни сиёсати хориҷӣ ва сиёсати дохилии як кишвар вуҷуд дорад, ки ба таври мустақим бо арзишҳо, боварҳо ва эътиқодот ва фарҳанги миллӣ ва динии як кишвар иртибот дорад. Дар кишвари мо бо ҳокимияти густурдаи фарҳанги диннӣ ва омӯзаҳои он дар сатҳи ҷомеа метавон гуфт, ки миёни манофеи динӣ ва миллӣ пайванди наздик вуҷуд дорад, ки аз ҳам қобили ҷудокунӣ нест.

Дар ҳақиқат, баҳампайвастагии дин ва миллият фарҳанги миллии моро ба вуҷуд овардааст, ки сиёсат, иқтисод ва умури иҷтимоиро хат ва ҷиҳат медиҳад ва аз ҳамин рӯ аст, ки имом Ҳумайнӣ бо таваҷҷуҳ ба фарҳанги динии ҷомеа фармуданд: «Як миллат эҳтиёҷ ба фарҳанг дорад, миллат бо фарҳангаш зиндагонии сиёсӣ метавонад бикунад»[2]. Дар ҷомеае, ки фарҳанг, арзишҳо ва боварҳои иҷтимоиро шакл медиҳад, масъулон бояд раванди сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеаи худро бо он ҳамоҳанг кунанд ва дар чорчӯби расидан ба ҳадафҳо ва манофеи миллӣ аз ин фарҳанги азими миллӣ баҳра бибаранд, то ба муваффақият даст ёбанд.

Аз ин рӯ тасмимгирандагон ва таъйинкунандагони манофеи миллии кишвар (ки умуман, раисони дастгоҳҳои иҷроӣ ва қонунгузорӣ ва мудирони калон дар сатҳи ҷомеа ҳастанд) бо таваҷҷуҳ ба омӯзаҳои динӣ бояд тасмимоти сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоиро дар сатҳи дохилӣ ва хориҷӣ иттихоз кунанд, то истиқлоли сиёсиро дар буъди дохилӣ ва арсаи низоми байналмилал маҳфуз аз осеб нигоҳ доранд ва ба субот иқтидори низомро бифзоянд.

Дар ин росто ҳар қадар манофеи миллӣ барои кишварҳо равшан ва шаффоф бошад ва дар чорчӯби усул ва арзишҳои миллӣ шакл гирифта бошад ва ҷалби ризояти мардум ва ҳимоятҳои онҳоро ба думбол дошта бошад, боис мешавад, ки иззату иқтидор ва қудрати низом дар муомилоту муодилоти сиёсию иқтисодӣ дар дохил ва хориҷ аз кишвар бештар шавад ва низоми мавҷудро барои дастёбӣ ва расидан ба ҳадафҳои тавсеа ва муҳаққиқ сохтани мутолиоти миллӣ муваффақтар созад.

Дар таърифи манофеи миллӣ унсурҳои гуногуне дар назар гирифта мешавад, ки метавон гуфт «таърифи манофеи миллӣ бар се асл устувор аст: яке амнияти миллӣ, дигаре рифоҳи миллӣ ва севумӣ, ирқ ё шахсияти миллӣ. Ин таъриф дар ҳама ҷойи дунё пазируфта шудааст. Мулоҳиза мекунед, ки фақат барометрҳои моддӣ дар таърифи манофеи миллӣ ба кор нарафтааст. Ирқи миллӣ ҳам ҷузъи манофеи миллӣ аст ва манзур аз он идеология ё афкору андешаҳое аст, ки боиси ваҳдати як миллат мешавад ва ба онҳо ҳуввият ва шахсияти миллӣ мебахшад. Боз ҳам дар ҳама кишварҳои дунё ин тавр аст, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ҳозир нестанд бар сар ин мавзӯи севум муомила бикунанд" [3].

Зеро ин амр иртиботи мустақиме бо идеология ва арзишҳои як миллат дорад, ки ҳуввияти миллатҳоро месозад ва ба онҳо иқтидор ва қудрат медиҳад то битавонанд дар арсаи низоми байналмилал бо ҳифзи ҳуввият ва шахсияти миллии худ ҳузур ёбанд. Аз ин рӯй аст, ки мулоҳиза мешавад, манофеи миллӣ бо умури иҷтимоӣ дар ҷомеа иртиботи мустақим дорад.

**Амнияти миллӣ.** Байни манофеи миллӣ ва «амнияти миллӣ» робитаи мустақиме вуҷуд дорад. Агарчи амнияти миллӣ яке дигар аз анвои манофеи миллӣ ба шумор меояд, ки бештар мафҳуми таҳдидоти низомӣ ва муҳофизат аз кишварро ба зеҳн меояд (ки бероҳа нест) «дар баҳсҳои мудирияти стратегӣ баҳсе вуҷуд дорад ба номи «бозсозии ҳадафҳои миллӣ», ки оқибати он «баҳси манофеи миллӣ» дида мешавад ва ин асос ҳар ҳукумат ва давлате ба ҳисоб меояд, ки қаламрави онро мушаххас карда ва бисёре аз феълу инфиолоташро тавҷеҳ мекунад ва оқибати ин «манофеи миллӣ» баҳси

«ҳадафҳои амнияти миллӣ»-ро дорем, ки дар қаламрави низомӣ, амниятӣ, иқтисодӣ, арзишӣ шакл мегирад. Масалан, Америка ҳузурашро дар нуқоти мухталифи дунё дар қаламрави арзиш ҳадафҳои амнияти миллӣ бо шиори «эҷоди демократия» тавҷеҳ мекунад".

Бар ин асос агар бихоҳем «амнияти миллӣ»-ро дар як таърифи ом баён кунем, метавон гуфт, амнияти миллӣ иборат аст аз «тавоноии кишвар дар дафъи таҳдидҳои хориҷӣ алайҳи ҳаёти сиёсӣ ё манофеи миллии худ»[4], ки бештар бар ҷанбаи низомӣ ва ҳолати дифоии он таъкид шудааст. Ба ибораи дигар, мафҳуми амнияти миллӣ бад-ин маъност, ки ба як кишвар имкон медиҳад, то бо дастёбӣ ба шароити вижа, таҳдидҳои билқувва ё билфеъли дохилӣ ва хориҷиро бо имконоти худ дафъ кунад ва аз нуфузи сиёсӣ ва иқтисодии бегона кишвари худро дар амон нигоҳ дорад.

Дар ин миён, ҳар кишваре, ки аз суботи сиёсӣ, тавсеаи иқтисодӣ ва рифоҳи умумӣ бархурдор бошад, дар муқобили таҳдидоти билқувва бо такя ба ваҳдати миллӣ беҳтар метавонад муқовимат ва истодагӣ кунад. Ҳамчунонки имом Ҳумайнӣ борҳо бо унвони ваҳдат калима ёд карданд ва фармуданд, ки ваҳдат калимаи монеи таҳаққуқи тавтеаҳои душман алайҳи низоми муқаддаси ҷумҳурии исломӣ мешавад ва ин хосияте буд, ки инқилоби исломӣ дар зоти худ онро ба вуҷуд овард ва бад-он таҳаққуқ бахшид, то бо ваҳдати мардум ва масъулони ҳаракат ба сӯйи ҳадафҳо ва манофеи миллӣ ва масолеҳи умумии ҷомеа сурат гирад. Имом фармуданд: «ин хосияте, ки дар ин инқилоб ҳаст, исломӣ ва миллист. Ин хосият сабаб шудааст, ки ҳамаи шумо оқоён [масъулони низом]-ро водор ба кор [барои мардум ва хидмат ба онҳо] кунад". [5]

Ба фармудаи мақоми муаззами раҳбарӣ: «амният ба назари ман дар дараҷаи аввал ҳуқуқи мардум аст, эҳсоси худи мардум ҳам ҳамин аст, яъне агар муҳит ноамн бошад, ҳеҷ хоста ва хушӣ барои мардум боқӣ намемонад. Бинобар, шумо дидаед, ки гоҳе дар баъзе аз давраҳои таърих мардум тан ба ранҷҳо ва сахтиҳояш додаанд, барои ин ки амниятро дар ихтиёри онҳо бигузорад. Пас, амният ин қадар муҳим аст. Амният як мавзуи аст ҳам комилан воқеӣ ва ҳам бисёр густурда" [6].

Амният дар буъди марзӣ ва шаҳрвандӣ қобилӣ баён аст, ки ҳар як дар ҷойгоҳи худ ҳоизи аҳамият аст. Дар буъди манофеи миллӣ амнияти миллӣ ҳифзи субот ва иқтидори низом аст, ки ҳар қадар кишваре аз тавоноиҳо ва имконоти лозим барои дифоъ бархурдор бошад ва омода бошад беҳтар метавонад дар ҳифзи усул ва арзишҳо ва манофеи миллати хеш дар арсаи низоми байналмилал қадам бардорад. Чунонки ислом низ дар усул ва муҳтавои хеш ба ин нукта ишора кардааст ва дар Қуръон дар сураи «Инфол» омадааст: барои мубориза бо куффор озуқа ва таслиҳот ва адавоти ҷангӣ фароҳам оваред ва имконоти лозимро барои рӯёрӯйӣ дошта бошед.

Зеро омодагии дифоӣ мақулаи бисёр муҳимми амният аст, ки пешниёзи асоси ҳар гуна пешрафти илмӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ аст ва сипоҳу артиш, басиҷ ва нерӯи интизомӣ ба таносуби вазоифи худ дар таъмини ин ниёзи фавқулодда муҳимми миллат ва кишвар нақше беназир бар ухда доранд.

Дар як низоми сиёсии демократӣ вазифаи давлат таъмини амнияти миллӣ аст. Дар воқеъ, бароянди тамоми вазоиф ва коркардҳои давлат дар як низоми демократӣ таъмини амнияти миллӣ ба мафҳуми амнияти тамоми афроди ҷомеа аст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки давлат корхонае аст, ки маҳсули он амният аст ва ҳама абзорҳо, ихтиёрот ва қудрате, ки дар ихтиёри ниҳоди давлат қарор дорад, ба манзури ҳосили ин ҳадафи аслӣ аст. Давлатҳои мухталиф барои таъмини амнияти миллӣ бар асоси бардошт ва таърифе, ки аз он доранд, сиёсатҳо ва роҳбурдҳои хосеро тадвин мекунанд.

Бинобар ин, иттихози як сиёсати амниятӣ мубтанӣ бар пешфарзҳо ва интизороте аст, ки нухбагони сиёсии як кишвар дар мавриди амнияти миллӣ ва мавзӯъ он доранд. Ин ҷост, ки аҳамияти навъи низоми сиёсӣ дар таъйини мавзӯъ амнияти миллӣ мушаххас мешавад. Ба таври куллӣ, сохти низоми сиёсии ҳоким муҳимтарин нақшро дар таъйини сиёсати амниятӣ ва таърифи амният ва тафсири таҳдидҳо ифо мекунад.

Бар ҳамин асос, чи басо мумкин аст, таърифи як низоми сиёсӣ аз амнияти миллӣ, заминасоз, бурузи таҳдидҳои мухталифе нисбат ба амнияти умумии афроди ҷомеа аз сӯйи давлат бошад. Аз лиҳози таърихӣ низомҳо ва сохтҳои сиёсии мухталифе ҳоким будааст, ки бахши умдаи ин низомҳои сиёсӣ, на танҳо таъминкунандаи амнияти миллӣ набудаанд, балки худ аз таҳдидоти ҷиддии амниятӣ будаанд. Ба назар мерасад, сохти сиёсии демократия танҳо сохти сиёсӣ дар ҷомеаи мухталиф будааст, ки дар муқоиса бо соири низомҳои сиёсӣ то ҳадди зиёде дар таъмин амнияти миллӣ (амнияти умумӣ) тавфиқ пайдо кардааст, чун таърифи он аз амният таърифи ҷомеъ, ҳамаҷониба ва нармафзор мебошад. Илова бар ин, муқтазоти муҳити ҳоким бар як низом ҳам аз дохилӣ ва ҳам аз хориҷ шомили масоили иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва арзишӣ таъсири қотее бар таъйини авлавиятҳои амниятӣ ва таърифи таҳдидҳо мегузорад. Ба таври куллӣ дар тадвини роҳбурди амниятӣ, авомили гуногуне дохил ҳастанд, ки онҳоро метавон бад-ин тартиб зикр кард:

1. Андеша ва идроки зеҳнии нухбагон ва тасмимгирандагони сиёсӣ.
2. Шароити сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳоким бар ҷомеа.
3. Низоми байналмилал ва таҳмилоти ношӣ аз он.
4. Мавқеияти геополитикии кишвар.
5. Ҳадафҳои миллии кӯтоҳмуддат ва баландмуддат.

Албатта, мизони дахолати ҳар кадом аз мутағайирҳои фавқ дар кишварҳои мухталиф мутафовит аст. Дар бархе аз ҷомеаҳо, ки дорои қудрати шахсӣ ҳастанд, танҳо андешаҳои раҳбарон таъйинкунандаи хатти машиҳои он мебошад, вале дар кишварҳое, ки қудрат ва ҳадафҳои миллӣ ниҳодина шудаанд, афкор ва дидгоҳҳои шахсии раҳбарон таъсири каме бар сиёсатҳои амниятӣ мегузорад. Бо вуҷуди ин, идроки зеҳнии нухбагон аз амният ҳоизи аҳамияти зиёде аст. Нухбагони сиёсӣ, ҳамон гуна ки амниятро дарк мекунанд, дар бораи он тасмим мегиранд ва бар асоси он сиёсатҳои амниятиро тадвин мекунанд. Ба ҳамин далел дарки онҳо аз амният ва манобеи иттилооти таҳлили онҳо аз ин мафҳум аҳамияти бисёре дорад. Албатта, боз ҳам таъкид мешавад, ки ин амр дар ҷомеае, ки ба таъбири «шикоф» дар шумори кишварҳои ақибмонда буда ва дорои ҷомеае баста ва фарҳнагии расухнопазир ҳастанд, намуди бештаре дорад [7].

Дар кишварҳое, ки дорои ҳукуматҳои демократӣ ҳастанд, бинишу маниши раҳбарон таъсири камтаре бар сиёсатгузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ мегузорад. Нуктае, ки дар ин ҷо аҳамият дорад, мизони интибоқ муҳити равоншиносӣ ва муҳити амалиётӣ аст. Ҳарчи мизони созгори таърифи ғолиб аз амнияти миллӣ бо воқеият амри бештар бошад, имкони тавфиқи сиёсатҳои амниятӣ мубтанӣ бар он таъриф бештар хоҳад буд.

**Сиёсатҳои амниятии Ҷумҳурии Исломии Эрон.** Бар асоси матолиби фавқ муҳимтарин ҳадафи ҳар кишваре таъмини амнияти миллӣ аст, ки барои расидан бад-он ба иқдомоти мухталифе мутавассил мешаванд.

Ҳадафи ниҳоӣ дар сиёсатҳои дохиливу хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон низ таъмини амнияти миллӣ аст. Бидуни тардид дар шаклгирии саёсатҳои амнияти дохилӣ ва хориҷии Эрон ҳам мутағайирҳои мухталиф муассир буда, ки то ҳади зиёде мутаасир аз пирӯзии инқилоби исломӣ аст. Савол ин аст, ки сиёсатҳои амнияти Ҷумҳурии исломии Эронро чи гуна метавон баррасӣ кард ва таҳаввулоти онро дарёфт? Яке аз муҳимтарин назароте, ки дар баррасии таҳаввулоти сиёсатҳои амниятии Ҷумҳурии Исломии Эрон арза шуда, ин сиёсатҳоро баъд аз инқилоби исломӣ ба се давра «ҳифзи меҳвар», «рушди меҳвар» тақсимбандӣ кардааст.

Ин тафаккур аввалин бор ба сурати назарӣ тавассути Саид Ҳиҷориён ва Муҳаммадризо Тоҷик дар семинари тавсеа ва Муҳаммадҷаводи Лориҷонӣ ҳам дар ин замина матолиберо матраҳ кардааст[8]. Бар асоси ин назария Ҷумҳурии Исломии Эрон аз оғоз пирӯзии инқилоби исломӣ дар сиёсати хориҷии худ се марҳаларо пушти сар гузоштааст. Дар марҳалаи аввал гуфтумони басти меҳвар бар ҷиҳатгириҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон ғолиб шуд, ки дар он ҳифзи Ҷумҳурии исломии Эрон дар гарави басти он талаққӣ шуда ва амният мафҳуми муҳофизакорона талаққӣ гардид.

Бар асоси ин назария дар давраи басти меҳварӣ усулан наметавон аз амнияти миллӣ баҳс кард, балки авлавияти аслӣ амнияти ҷаҳони ислом аст. Бо оғози ҷанги таҳмилӣ ин гуфтумон ҷой худро ба гуфтумони ҳифзи меҳвар дод, ки бар асоси он ҳифзи низом аз аҳамият ва авлавияти аслӣ бархурдор шуд. Ин назария ҳифзи Ҷумҳурии Исломии Эронро ба хотири ҳифзи масолеҳи ҷаҳони ислом зарурӣ медонад.

Ин гуфтумон то поёни ҷанг ҳамчунон бар зеҳнияти нухбагони сиёсии Ҷумҳурии Исломии Эрон ғолиб буда ва мабнои тасмимгирии низом аст. Бар асоси ин гуфтумон басти низом дар гарави ҳифз низом аст. Бо поёни ҷанг батадриҷ гуфтумони ҷадиде шакл мегирад, ки авлавияти аслии он дар тавсеаи иқтисодӣ аст ва амнияти миллӣ бар асоси мутағайири тавсеа таъриф мешавад. Бар асоси ин гуфтумон улгуи муваффақ «тавсеаи миллӣ», улгуи муваффақ стратегияи амнияти миллӣ ҳам хоҳад буд ва бистари муносиб барои пешбурди амри тавсеа чизе ҷуз амният нест. Бинобар ин, амният мабнои тавсеа ва тавсеа ҳам мабнои амният хоҳад буд. Аз дидгоҳи ин назария дар гуфтумон рушди меҳвар таъкидоти амниятӣ ҷанбаи дохилӣ пайдо карда ва бояд аз дарун ба думболи тавсеа бошем.

Ин назария бо вуҷуди ин ки метавонад таҳаввулоти сиёсатҳои амниятии Ҷумҳурии Исломии Эронро бар асоси тақсимбандии фавқ намояд, вале аз рӯҳ асли ҳоким бар хатти машиҳои низоми ҷумҳурии исломӣ ғафлат мекунад. Ба назар мерасад, ки тайи се даҳаи гузашта ҳамвора бар сиёсатҳои амниятии Ҷумҳурии Исломии Эрон алоқаҳои идеологӣ ҳоким будааст.

Ин амр бад-ин маъност, ки бо вуҷуди ин таҳаввулот наметавон аз таҳаввули асосӣ дар сиёсатҳои амниятии кишвар дар тайи солҳои гузашта сухан гуфт, балки воқеияти амр ва таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки тайи солҳои мутамодӣ пас аз пирӯзии инқилоби исломӣ ва дар ҳар се давраи мазкур нигариши куллии ҳоким бар сиёсатҳои амниятии Эрон алорағми таҳаввулот мақтаӣ ва ғайриасосӣ бетағйир боқӣ мондааст.

Бинобар ин, метавон ҳар се гуфтумони фавқро дар қолаби идеологиягароӣ қарор дод, ки албатта, таҳаввул аз яке аз гуфтумонҳои мазкур ба гуфтумони дигар таҳаввуле амиқ ва усулӣ ба шумор намеояд ва дар воқеъ, таҳаввул гуфтумоне маҳсуб намешавад, балки таҳаввуле аст, ки аз заруратҳои сиёсӣ ношӣ мешавад. Ба ибораи дигар, меҳвари аслӣ дар тадвини сиёсатҳои амниятии кишвар идеологиягароӣ аст, вале заруратҳои сиёсӣ гуфтумонҳои фавқро таҳмил мекунад. Ин масъала, ки таҳаввулоти фавқро наметавон таҳаввули гуфтумонӣ хонд, аҳамияти зиёде дорад. Қабл аз ин ки ин баҳс тафсил дода шавад, бояд манзур аз идеологиягароӣ тавзеҳ дода шавад.

Ба таври хулоса, манзур аз идеологиягароӣ дар сиёсатҳои амниятӣ таъкид бар ин нукта аст, ки ин сиёсатҳо дорои мушаххасҳоест, ки бо амалгароӣ ва воқеъбинӣ дар тазод аст. Аз лиҳози таърихӣ ғолибан кишварҳое, ки низоми сиёсии онҳо натиҷаи як инқилоби сиёсӣ-иҷтимоӣ аст, дар ниҳоят дучори идеалгароӣ мешаванд.

Бинобар ин, дар ин чорчӯб идеологиягароӣ лузуман ношӣ аз омӯзаҳои динӣ нест, балки бархоста аз эҳсосот ва шӯри инқилоб аст, ки мехоҳад ҳама чизро дарҳам шиканад ва дар ҳама абъод (дар дохил ва хориҷ) тарҳе нав дарафканад. Он ҳам ба таври дафъи зиёде ба ҳамин далел ҳама низомҳои инқилобӣ (ҳам аз динӣ ва ё ғайридинӣ) дучори сиёсатҳои идеологӣ шуда ва аз ин ҷиҳат, байни як низоми модигиро ва як низоми дини вуҷуҳи муштараки зиёде вуҷуд дорад.

Бар асоси ин модели таҳлилӣ сиёсатҳои идеологӣ дорои мушаххасаҳое ҳастанд, ки иборатанд аз:

1. Тафаккури фаромиллӣ ба ҷойи тафаккури миллӣ.
2. Рӯёрӯйӣ бо низоми байналмилал.
3. Адами воқеъбинӣ ва дарки воқеиятҳои айнӣ.
4. нармишнопазирӣ дар сиёсати хориҷӣ.
5. Ифрот дар истиқлолхоҳӣ.
6. Бардошти сахтафзор аз амнияти миллӣ.
7. Бетаваҷҷуҳӣ ба аҳамияти авомили иқтисодӣ.
8. Адами истифода аз рақобатҳои байналмилалӣ ба нафъи амнияти миллӣ.
9. Ормонгароии дафъигиро (ба ҷойи ормонхоҳии тадриҷгаро).
10. Адами таносуби ҳадафҳои миллии бақудрати миллӣ.
11. Тафсири умури айнӣ бар асос боварҳои зеҳнӣ.

Ба ҳар ҳол сиёсатҳои амниятӣ, ки дорои мушаххасаҳои фавқ бошад, тафсири хоссе аз амнияти миллӣ ва манофеи миллӣ дорад ва бар асоси он тафсири хос аст, ки чунин сиёсати хориҷӣ ва дохилиро тадвин мекунад. Сарфи назар аз мусбат ва ё манфӣ будани мушаххасаҳои фавқ дар як сиёсати амниятӣ ин амр то ҳадди зиёде натиҷаи табиии ҳар инқилобе аст.

Инқилобот умуман, бо назарияҳои бузурге ба майдон меоянд ва ҳамин амр боиси ғалабаи тафаккури идеологӣ бар зеҳни раҳбарон ва нухбагони он мешавад ва ин ҳадафҳои идеологӣ дар зеҳнияти нухбагон ва мардум чунон тақаддусӣ пайдо мекунад, ки онҳоро бар ҳар ҳадафи дигаре авлавият медиҳанд.

Чунонки мулоҳиза мешавад, ҳеҷ кадом аз онҳо лузуман мабнои диннӣ надорад, як инқилоби диннӣ мумкин аст, дучори сиёсатҳои идеологӣ шавад, вале лузуман наметавон мушаххасаҳои фавқулзикрро натиҷаи омӯзаҳои динии як сиёсати хориҷӣ ва ё дохилӣ донист.

Бар асоси таҳлили фавқ метавон сиёсатҳои амниятии Ҷумҳурии Исломии Эронро ба ду давраи куллӣ тақсимбандӣ кард, ки иборатанд аз:

Давраи аввал: идеологиягароии ифротӣ;

Давраи дувум: идеологиягароии таъдилшуда.

Бар мабнои тақсимбандии фавқ давраи аввал аз оғози пирӯзии инқилоби исломӣ то поёни ҷанги таҳмилиро шомил мешавад, ки дар воқеъ, шароити дохилӣ ва байналмилалӣ, таҳмилкунандаи сиёсатҳои идеологӣ буд. Давраи дувум, бо поёни ҷанг ва оғози даврони созандагӣ шурӯъ мешавад. Дар ин даврон шоҳиди камранг шудани сиёсатҳои идеологӣ ҳастем, ки моро ба амалгароӣ наздик мекунад, вале ин бад-ин маъно нест, ки вориди амалгароӣ шуда бошем. Бадеҳӣ аст, ки манзур аз амалгароӣ сиёсатҳои ғайридиннӣ нест, балки сиёсатҳои ғайриидеологӣ аст. Бар асоси амалгароӣ ҳадафҳои динӣ дар дохил ва хориҷ бар асоси воқеъбинӣ ва дарки ниёзҳои воқеӣ ва айнӣ таъқиб мешавад. Бинобар ин, амалгароӣ мутазаммини тадриҷгароӣ дар расидан ба усул ва ҳадафҳои диннӣ ва маънавӣ аст, дар ҳоле ки идеологиягароӣ ба маънои талош барои расидани дафъӣ ва фаврӣ ба он усул ва ҳадафҳоест, бидуни ин ки муқаддамоти лозим барои он вуҷуд дошта бошад.

**Гуфтумонҳои амният миллӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон.** Усулан, яке аз мушаххасаҳои аслии масоили амниятии Ҷумҳурии исломии Эрон фуқдони иҷмои умумӣ дар байни нухбагон дар мавриди мафҳуми амнияти миллӣ, сиёсатҳои амниятӣ, таҳдидҳо ва осебпазириҳост. Ба ҳамин далел, раҳёфтҳои мутааддид ва мутазодде дар бораи амният, таҳдидҳо, арзишҳову ҳадафҳо вуҷуд дорад, ки авомили мухталифе бар ин шикофи гуфтумонӣ таъсир мегузоранд, тайи се даҳа гузашта ва бавижа даҳаи аввал авомили мухталифе муҷиби ваҳдати нисбии нерӯҳо шуда ва гурӯҳҳо ва нерӯҳои сиёсӣ ва ҷараёнҳои фикрии мухталиф маҷоли зуҳур пайдо накарданд.* Авомиле, монанди тафаккури идеологӣ, таҳдидот берунӣ ва дарунӣ дар ин замина таъсиргузор будаанд. Авомили фикрӣ, сиёсӣ ва иқтисодии мухталифе низ дар пайдоиши фазои ҷадид муассир будааст. Аз лиҳози фикрӣ, ҳамчунин назароти ҷадиде матраҳ

---

* Дар ин замина мисолҳои зиёде вуҷуд дорад, ки ба ҷудокунӣ миёни сиёсати хориҷӣ идеология ва сиёсати хориҷӣ омузаҳои динӣ аст дар ҳоле, ки робита бо кишвар хоссеро, мунофи бо истиқлол донистан, ноши аз дидгоҳ идеологӣ аост. Мисоли дигар, ҳимояти Ҷумҳурии Исломии Эрон аз мусулмонон ва кишварҳои фақир бар мабнои дидгоҳи динӣ аст, вале таъкид бар зарурати ғалабаи мустазъафон бар мустакбирони олам ношӣ аз дидгоҳи идеологӣ аст. Дар ин замина мисолҳои дигаре ҳам метавон зад.

шуд, ки бо биниши ҳоким дар солҳои гузашта дар тазод аст. Аз лиҳози сиёсӣ ҳам, коҳиши нисбии таҳдидоти хориҷӣ нисбат ба амнияти миллии Ҷумҳури исломӣ ва тамаркузи бештар бар масоили дохилӣ таваҷҷуҳи гурӯҳҳои сиёсӣ ба нуқоти ихтилофи худ муҷиби зуҳури назароти мухталиф дар заминаи масоили амниятӣ шудааст. Ҳамон тавр ки Мишел Даш таъкид мекунад, вуҷуди таҳдиди хориҷӣ ҳамвора омили муҳим ва муассире дар ваҳдати дохилӣ дар абъоди сиёсӣ, фикрӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ будааст ва бо рафъи ин таҳдид ихтилофоти дарунӣ дар ҷомеа шиддат пайдо мекунад. Мишел Даш ба нақл аз Амил Дӯркем ин фарояндро ин гуна табйин мекунад:

«Ошубҳои иҷтимоӣ ва ҷангҳои тӯдаии бузург эҳсосоти ҷамъеро афзоиш медиҳанд, рӯҳи размандагиро таҳрик мекунанд ва дар ин миён меҳанпарастӣ, имони сиёсӣ ва миллӣ ва мисли он ва фаъолияти мутамарказ барои расидан ба ҳадафи воҳид, ҳадди ақал дар кӯтоҳмуддат боиси ҳамгироии шадиди як ҷомеа мегардад... Ҳарчи онҳо бар мардум барои наздик кардани пайвандҳо ва мувоҷеҳа бо хатари муштарак фишор меоваранд, фард камтар ба худ ва бештар барои умум меандешад" [8].

Ҷумҳурии Исломии Эрон низ дар се даҳаи гузашта ба далели вуҷуди таҳдидҳои хориҷии ҷиддӣ, ҷанги таҳмилӣ ва таҷрибаи як инқилоби бузург аз инсиҷоми зиёде бархурдор буд ва усулан, дар он давра фурсате барои таваҷҷуҳ ба масоили дохилӣ ва бурузи ихтилофи назар дар бораи масоили мухталиф вуҷуд надошт. Аммо поёни ҷанг ва коҳиши таҳдидҳои хориҷӣ бори дигар ихтилофотро шиддат бахшида ва назароти мухталифро вориди фазои фикрӣ ва сиёсии ҷомеа кардааст. Бурузи саре ва амиқи чунин ихтилофот нишонгари ин аст, ки ваҳдати нисбии солҳои гузашта ношӣ аз ҳамоҳангии фикрӣ ва манофеи муштарак набудааст, балки бештар ваҳдати эҳсосӣ ва мубтанӣ бар эҳсосоти инқилобӣ ва тарс аз таҳдиди хориҷӣ будааст, ки табиӣ аст бо рафъи онҳо ва гузор аз ҷомеаи эҳсосӣ ба сӯйи ҷомеаи ақлонӣ, ки эътилофҳо ва ихтилофҳо бар сари манофеъ аст, ҷомеа дуҷори проблемаи фикрӣ ва сиёсӣ шавад. Аз ҳамин рӯ, дар ҳоли ҳозир дар заминаи масоили амниятӣ бо назарот ва гуфтумонҳои мухталифе рӯбарӯ ҳастем, ки бахши мухталиф ва мутанавеъ аз дидгоҳҳоро шомил мешавад.

**1.Гуфтумони суннатии амнияти миллии Ҷумҳурии Исломии Эрон .** Гуфтумони суннатии амнияти миллии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шароити таърихии хоссе шакл гирифтааст. Ин гуфтумон аз як сӯ, зодаи шароити инқилобии ҷомеа ва аз сӯйи дигар, ношӣ аз вазъияти ҷангӣ буд. Гуфтумони суннатӣ пас аз таҳаввуле жарф дар сохти сиёсӣ ва фарҳангии кишвар шакл гирифт ва ҳудуди ду даҳа бо таҳаввулоти мақтаӣ ва ғайриасосӣ ба унвони танҳо гуфтумони амниятии кишвар амал кард. Инқилоб дар дарун ва берун ҳадафҳои бузургеро таъқиб мекард. Дар дарун инқилоб ба дунболи ҷомеаи ормонии якрангу яксадо буд, ки ҳама мардум муҷрӣ ва мубаллиғи арзишҳои динӣ ва ахлоқ бошанд ва ҳама таҳти ливои шиори воҳиде ҳадафи ягонаеро дунбол кунанд. Оғози ҷанг ба ин гуфтумон ҷиҳат ва масири хосе бахшид ва дар воқеъ, роҳро барои даъвогарони ҷаҳонгароёна воқеъгароёнаи он фароҳам кард. Аз сӯйи дигар, муқовимат дар баробари таҷовуз ва таҳдиди хориҷӣ ва талош барои дафъи таҳдиди нерӯҳои бар андози дохилӣ ва зиддиинқилоб батадриҷ унсуреро вориди фарҳанги сиёсии нухбагон ва мардум кард, ки метавон онро душмани меҳварӣ номид, ки бар асоси он ҳама чиз дар робита бо душман (чӣ дарунӣ ва чӣ берунӣ) таъриф шуд ва тамоми сиёсатҳои амниятӣ бар асоси таҳдидҳо ва тавтеаҳои душман тадвин ва иҷро мешуд. Ба ҳар ҳол, гуфтумон суннатии амниятро метавон гуфтумони идеологӣ низ номид ки тайи ду даҳаи аввал пас аз пирӯзии инқилоби исломӣ гуфтумони ғолиб ва соири гуфтумонҳои даруну беруни низомро дар ҳошия қарор дод.

Ин гуфтумон ҳанӯз бар суннати идеологии инқилоби исломӣ таъкид намуда ва усули куллии онро ба унвони мабнои амал дар оянда дар назар мегирад ва оянда Эронро дар гарави идома роҳи гузаштаи он медонад. Бар ин асос, ҳамон тавр ки қаблан ҳам гуфта шуд, давраҳои «басти меҳвар», «ҳифзи меҳвар» ва «рушди меҳвар» ҳар се дар даруни ин гуфтумон қарор мегиранд.

**2. Гуфтумони навини амнияти миллии Ҷумҳурии Исломии Эрон.** Бо интихоби оқои Ҳотамӣ ба раёсати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соли 1376 шароит барои шаклгирии гуфтумони навине дар бораи амнияти миллӣ фароҳам шуд. Гуфтумони суннатӣ маҷмӯае аз гуфтумонҳои басти меҳвар, ҳифзи меҳвар ва рушди меҳвар буд ва гуфта шуд, ки ҳар се ин мароҳил дар даруни гуфтумони суннатӣ қобили баррасӣ ҳастанд. Ҳамон тавр ки гуфтумони суннатӣ ва мароҳили мухталифи он шароити фикрӣ, сиёсӣ, иқтисоди ҳоким бар ҷомеа буданд, гуфтумони навин низ мавлуди шароити ҷадиде мебошад, ки дар ҷомеа эҷод шудааст. Ин гуфтумон на ҳифзи меҳвар, на басти меҳвар ва на рушди меҳвар аст, балки метавон онро гуфтумони тавсеа номид, ки илова бар доро будани вижагиҳои гуфтумонҳои сегонаи мазкур (бо тафсири ҷадид) бар унсур ва мутағайирҳои дигаре низ таъкид мекунад.

Гуфтумони навин ба дунболи таҳаввули шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ, дохилӣ ва байналмилалӣ шакл гирифт ва ба дунболи тағйир ва нигариши мо аз худ ва дигарон аст ва талаққиҳои ҷадидеро аз худ ва дигарон расм мекунад, ки бо гуфтумони суннатӣ дар тазод аст. Авомили мухталифе дар шаклгирии гуфтумони навин (тавсеа) нақш дошта ва шаклгирии он осоре бар ҷомеа гузоштааст, ки аз сӯйи ҷараёнҳои мухталифи сиёсии дохилӣ ва хориҷӣ бо вокунишҳои мутафовите мувоҷеҳ шудааст.

Гуфтумонҳои амниятии суннатӣ ва навин ҳар кадом бар гуфтумони сиёсӣ ва фикрии калонтаре устувор ҳастанд, ки дар ҳоли ҳозир дар даруни ҷомеа вуҷуд доранд. Муҳимтарин вижагии гуфтумони

навини амнияти миллӣ ин аст, ки дар даруни низом ва аз мабонии фикрии инқилоби исломӣ тағзия намуда ва ҳомилини он ҳам умдатан аз нерӯҳои инқилобӣ ва таҳсилкарда ҳастанд.

Гуфтумони навин аз амният таърифи ҳамасӯнигар дошта ва бо рӯйкарди нармафзорӣ ба амнияти миллӣ, сиёсат ва қудрат хоҳони тавсеа додани матни ҷомеа ва бориктар кардани ҳошияи он аст. Ин гуфтумон бо ироаи таъриф ва бозтаъриф аз худӣ ва дигаре ва машрӯият низоме бар мабнои эҷоди эътимоди дубора, хоҳони афзудан бар доираи худиҳо ва костан аз мизони дигарҳост.* Бинобар ин, ҳадафи гуфтумони навин, бориктарӣ кардан рӯзафзӯни ҳошия ва фарохтар кардани матни он аст. Ин гуфтумон дар пайи пул задан байни ормонҳо ва воқеиятҳост ва расидан ба ормонҳоро бидуни воқеъбинӣ ва тадриҷгароӣ ғайримумкин медонад. Бар ин асос, ба бозтаърифт арзишҳо дар ҷомеа пардохта ва хоҳони татбиқи арзишҳои инқилоб бо фазои ҷадиди ҷомеа аст. Ба ҳамин далел, аз арзишҳо таърифи дигаре ироа намуда ва амниятро болотарин арзиши ҷомеа муаррифӣ мекунад. Ҳамон тавр ки гуфта шуд, гуфтумони суннатӣ, бардошти ахлоқӣ аз вазоифи давлат дошт, вале гуфтумони навин дарунитарин ва муҳимтарин вазифаи ҳукуматро амният медонад.

Дар робита бо навиштаҳои боло метавон чунин хулосагирӣ кард:

1. Таъкид бар дарунгароии динӣ: бар асоси гуфтумони навини амнияти миллӣ Ҷумҳурим Исломии Эрон, то замоне ки бар мабнои арзишҳои мавриди иддаои худ натавонад ҷомеа ва низоми сиёсиро созмондеҳӣ кунад, ҳаргиз наметавонд маблағи хубе барои арзишҳои динӣ дар дунё бошад. Дар воқеъ, беҳтарин таблиғ амал аст ва бадтарин таблиғ амалкарди хилофи иддаост, ки ҳам ҷомеаро аз лиҳози дарунӣ дучори бӯҳрони ҳуввият мекунад ва ҳам низоми сиёсиро бо бӯҳрони машруият рӯбарӯ месозад. Бинобар ин, зарур аст, ки бар асоси арзишҳои динӣ дар Ҷумҳурии исломии Эрон тамаддунсозӣ шавад, то худ ба худ арзишҳои динӣ ба дунё муаррифӣ шаванд. Ин гуфтмон дар айни ҳол аз арзишҳо ҳам тафсири ҷадиде ироа мекунад, ки бо таҳаввули низоми арзиши ҷомеа ҳамоҳанг аст.

2. Нақди нигариши сахтафзорӣ ба амнияти миллӣ: гуфтумони навини амниятӣ ифрот дар заминаи таҳдиди хориҷӣ, тамаркузи беш аз ҳад бар душманони хориҷӣ ва таъкид бар таҳдидҳои низомиро мавриди нақд қарор медиҳад. Дар ин гуфтумон бар бистарҳои дарунии таҳдидоти хориҷӣ аҳамияти бештаре дода мешавад ва ифрот дар душмангароӣ, ки дар ҳоли ҳозир бар зеҳнияти нухбагони сиёсии кишвар ҳоким аст, ғайривоқеӣ талаққӣ мешавад. Бар асоси ин нигариш таҳдидҳои хориҷӣ дар муқоиса бо таҳдидҳои дохилӣ камаҳамияттар қаламдод мегарданд.

Ғалабаи тафаккури сахтафзорӣ мумкин аст боиси ғалабаи тафаккури низоме бар зеҳнияти нухбагон шавад ва ҳатто онҳоро дар заминаи масоили амниятии дохил ворид намояд ва заминаи вуруди низомён ба арсаи сиёсатро фароҳамоварда ва ё тасмимоти сиёсиро таҳтушшуои мулоҳизоти низомӣ қарор диҳад, ки бисёр хатарнок аст.

3. Таъкид бар абъоди дохилии амнияти миллӣ: дар гуфтумони навини амниятӣ авомили таҳдиди дохилии ом аз бӯҳрони машруияти сиёсӣ, бӯҳрони ҳуввият ва нокоромадии идорӣ ва иқтисодӣ аз муҳимтарин таҳдидҳои амниятӣ ба шумор меоянд ва албатта, ҳалли онҳо мусталзими тамаркуз бар умури дохилӣ ва костан аз дағдағаҳои хориҷӣ аст, ки бар асоси он низом тавони худро сарфи умури дохилӣ карда ва дар воқеъ, ба бозсозии худ машғул мешавад. Аз ин ҷиҳат, бузургтарин таҳдиди низом дар ҳар буъд аз амалкарди заиф ва манфии он ношӣ мешавад. Бинобар ин, бидуни таваҷҷуҳ ба ин нуктаи муҳим, арзёбии сиёсатҳои гузашта, ислоҳи амалкардҳои собиқ ғайримумкин хоҳад буд.

Коромад намудани дастгоҳи сиёсӣ ва костан аз мизони густурдагии давлат муҷиби коҳиши асосӣ дар мизони таҳдидҳо хоҳад шуд. Бар асоси ин таҳлил, таҷрибаи таърихии Эрон дастикам дар тӯли дусад соли гузашта нишон медиҳад, ки ҳукуматҳо аз лиҳози дохилӣ ба иллати дурӣ аз мардум ва фуқдон машрӯияти сиёсӣ дучори заъф ва ноамнӣ шудаанд ва таҳдидҳои хориҷӣ танҳо дар чунин заминае тавфиқ пайдо кардаанд. Ин маворид ҳама қонунмандиҳои таърихӣ аст, ки бар асоси он амалкардҳои мушобеҳ, натоиҷ ва паёмадҳои яксоне хоҳад дошт ва дар суннатҳои илоҳӣ ҳеҷ гуна тағйир ва табдил роҳ надорад.

4. Амнияти мардум – амнияти ҳокимият: дар гуфтумони навини амнияти мардум мабнои аслӣ амнияти ҳокимият аст ва бидуни амнияти мардум амнияти низоми сиёсӣ ва бақои он ғайримумкин аст. Бинобар ин, амнияти мардум ва амнияти ҳокимият ду рӯйи як сикка ҳастанд ва ғафлат аз ҳар як аз ин ду ҷузъ амнияти миллиро дучори нуқсон мекунад. Маъмулан, дар ҳукуматҳои иқтидоргаро ва ғайридемократия байни амнияти ҳукумат ва амнияти мардум тазод ва таоруз пайдо мешавад ва ҳукумат мухолифати мардуми худро саркӯб мекунад. Таҷрибаи таърихии Эрон нишон медиҳад, ки сиёсат ва ҳукумат дар ин кишвар фароянде аз даргирӣ ва кашмакашиҳои байни мардум ва ҳукумат будааст, ки ба ҷойи қаҳромезии доимии ҳукуматҳо анҷомидааст, ҳарчанд инқилоби исломӣ метавонад инқитое бар ин суннати номаймуни таърихӣ бошад. Бинобар ин, пойбандӣ ба равишҳои демократия

---

* Шиори «Эрон барои ҳамаи эрониён» дар интихоботи давраи шашуми Маҷлиси шӯрои исломӣ бо истиқбол ва муваффақияти чашмгире рӯ ба рӯ шуд. Ин шиор ошкоро марзҳои таърифшудаи худӣ ва дигареро дар ҳам мерезад ва бо рӯйкарди ҷадид ба бозтаърифи худӣ ва дигарӣ мепардозад.

дар ҳукумати исломӣ низ муҳимтарин зомини ҳифзи эътимоди мардум ба ҳукумат буда, аз пайдоиши таоруз миёни амнияти мардум ва амнияти ҳукумат пешгирӣ хоҳад кард.

5. Амалгароӣ дар сиёсати хориҷӣ: дар гуфтумони навин амнияти миллӣ дар назари сиёсати хориҷӣ, амалгароӣ ҷойгузини манофеи миллӣ ва маслиҳати Ҷумҳурии Исломии Эрон роҳнамои иқдом дар арсаи равобити байналмилалӣ мебошад. Ин амр аз рӯйкарди воқеъгароёна нисбат ба низоми байналмилалӣ ношӣ мешавад, ки дар он воҳидҳои миллӣ дар сохтор мубтанӣ бар қудрати низоми байналмилалӣ мебошад. Барои афзоиши қудрати миллӣ ва таъмини ҳадаф ва манофеи миллии худ ба рақобат ва кашмакаш мепардозанд.

Бинобар ин, ҳадафи аввалияи Ҷумҳурии Исломии Эрон бояд афзоиши қудрати миллӣ аз тариқи ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ бо тамоми кишварҳо бошад, ки албатта, пазириши он низ зарурӣ аст. Бар ин асос равобити мусолиматомез бо дунёи хориҷ аз ду ҷанбаи куллӣ бар тавсеаи иқтисоди кишвар таъсир мегузорад. Дар навбати аввал, Ҷумҳурии Исломии Эрон бо ин иқдом метавонад зимни ҷалби эътимоди кишварҳои дигар, ба ҷазби сармоягузории хориҷӣ ва воридоти технологияи пешрафта иқдом кунад. Аз сӯйи дигар, таъкид бар ҳамкории байналмилалӣ ба мафҳум, оғози даврони ҷадид дар сиёсати хориҷии Эрон аст, ки кишварҳои мухталифро ба ҳамкорӣ бо Эрон дар куллияи заминаҳо фаро мехонад.

Дар ин гуфтумон лузуман ормонҳо фаромӯш намешаванд, балки байни ормон ва воқеият пуле зада мешавад ва ормонхоҳии тадриҷгаро ҷойгузини ормонгароӣ дафъигароии ғайриамалӣ шуда ва дар воқеъ, тафсири идеологӣ (на динӣ) аз ормонҳо канор гузошта мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Ҷалил Равшандил. Амнияти миллӣ ва низоми байналмилалӣ / Ҷалил Равшандил. - Теҳрон, Самт, 1374, -С. 33
2. Имом Ҳумайнӣ. Саҳифаи нур / Имом Ҳумайнӣ. –Теҳрон: Вазорати Иршоди исломӣ, 1364. Ҷ. 4. -С. 124.
3. Рӯзномаи кайҳон, 10/4/1382.
4. Ғуломризо Алибобоӣ. Фарҳанги сиёсӣ / Ғуломризо Алибобоӣ. -Теҳрон, 1369. Ҷ. 1-2, -С 340
5. Рӯзномаи кайҳон, 10/4/1382.
6. Баёноти мақоми муаззами раҳбарӣ дар 26/11/1379.
7. Саидҳусайни Сайфзода. Моҳияти сиёсатгузорӣ дар сиёсати хориҷӣ / Саидҳусайни Сайфзода. - Теҳрон, Нашри Қавм, 1374.
8. Саид Ҳиҷориён. Таҳаввули мафҳуми амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ва низ Муҳаммадризо Тоҷик / Саид Ҳиҷориён // Тавсеа ва амнияти умумӣ. Муовинати амниятӣ ва интизоми вазорати кишвар, исфанди 1375. Ҷ.1-2.
9. Мишел Даш. Ҷанг ва давлатҳои қавӣ, сулҳ ва давлатҳои заиф (тарҷумаи Мақсуди Ранҷбар), фаслномаи мутолиоти роҳбурдӣ / Мишел Даш. -1378. -№ 5-6.
10. Сураи Инфиол, ояи 60.
11. Муҳаммадҷаводи Лориҷонӣ. Мақолаи мадхалӣ бар мафоҳим ва докторинаҳои амнияти миллӣ, чолишҳои инқилоб дар сиёсати хориҷӣ / Муҳаммадҷаводи Лориҷонӣ. -Теҳрон, Китоби субҳ, 1375.
12. Мишел Даш. Ҷанг ва давлатҳои қавӣ, сулҳ ва давлатҳои заиф (тарҷумаи Мақсуди Ранҷбар), фаслномаи мутолиоти роҳбурдӣ / Мишел Даш, -1378. -№ 5-6.


## ИНТЕРЕСЫ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН


Итоговой целью внутренней и внешней политики Исламской Республики Ирана является обеспечение национальной безопасности. Политика безопасности Исламской Республики Иран после революции разделилась на три периода: «расширение», «сохранение», «рост». Каждый из трех вышеназванных периода может выступать в роли идеологической ориентации, однако трансформация одного явления в другое не считается значительной и принципиальной эволюцией.



**Ключевые слова:** политика безопасности, определение безопасности, национальная безопасность, религиозные законы, принцип национальной безопасности, внутренние и внешние угрозы,


## THE NATIONAL SECURITY INTERESTS OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN


***Ehsan Amir Sardust***



The overall aim of the internal and foreign policy of the Islamic Republic of Iran is national security. Security policy of the Islamic Republic of Iran after the revolution was divided into three periods: "extension", "conservation", "growth". Each of the three preceding period can act as ideological orientation, but the transformation of one phenomenon to another is not considered a significant and fundamental evolution.



**Key words:** security policy, the definition of security, national security, religious laws, the principle of national security, internal and external threats,



**Сведения об авторе:** ***Эхсан Амир Шердуст*** – соискатель Таджикского национального университета

# РАВОБИТИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***Исмат Доробӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Фурӯпоши Иттиҳоди Шӯравӣ аз як сӯ мавқеияти ҷуғрофиёӣ ва геополитикии минтақаро дигаргун кард ва аз сӯйи дигар, сохторҳои навине дар Осиёи Марказӣ бино ниҳод. Дар ҳоли ҳозир ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ даргири тазодҳои фаровоне ҳастанд. Чолишҳои сиёсӣ дар канори таҳдидҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ба мисли қочоқи маводи мухаддир, фақр, бекорӣ, фасод ва ғ. ба ҳамроҳ рақобати тазодомези қудратҳои бузург Осиёи Марказиро дар шароити хоссе қарор додааст.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ бо мушкилоти иқтисодии азиме даст ба гиребон шуданд. Тайи солҳои истилои ҳукумати коммунистӣ бар минтақаи Осиёи Марказӣ тамоми мазоҳири суннатӣ ва фарҳангӣ, ки бо ҳуввияти сотсиалистӣ ва коммунистӣ ҳамоҳангӣ надошт, саркӯб ва аз зиндагии рӯзмарраи мардум зудуда мешуд. Бо ин ҳол мардуми ин минтақа ба роҳҳои мухталиф - фарҳанг, тамаддун, забон, одобу русум ва ойинҳои мазҳабии худро ҳифз карданд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ ба унвони ҳамсоягон Эрон ва ҳамчунин кишварҳои мусулмон дар авлавият нахуст робитаи наздик бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба таҳкими амнияти миллӣ ва тавсеаи иқтисодии Эрон низ мусоидатҳои фаровоне мекард. Агарчи то кунун равобити хубе миёни Эрон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ барқарор будааст, бо ин ҳол бо таваҷҷуҳ ба алоқаҳои фаровон миёни мардуми минтақа ва зарфиятҳои билқувваи Эрон барои ҳузур дар Осиёи Марказӣ сатҳи равобит бояд беш аз пеш густариш ёбад.

Мутаоқиби фурӯпошии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ ва дар натиҷа, фурӯпошии низоми дуқутбӣ бархе аз таҳлилгарон бо таъкид бар аҳамияти асосии унсури ҳамсоягии Эрон ва Шӯравӣ дар таъйини ҷойгоҳи геополитики Эрон дар саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ чунин пешбинӣ менамуданд, ки Эрон ба зуддӣ мавқеияти мумтози нисбӣ ва қудрати ҷоназаниаш ба мизони қобили таваҷҷуҳе таназзул хоҳад ёфт. Аммо дере напоид, ки ба думболи густариши доманаи таорузоти собиқ дар ҷавори марзҳои Эрон идомаи ҳузури пурранг ва фаъоли Русия дар Осиёи Марказӣ, Қафқоз ва муҳимтар аз ҳама, ошкор шудани аҳамият ва вусъати манобеи табиии манотиқи ҳавзаи ҷануби Шӯравӣ, бахусус захоири азими нафт ва газ адами сиҳати натиҷагирии мазкурро намоён сохт.

Дар воқеъ, зуҳури Осиёи Марказӣ ва Қафқоз ба унвони як ҳавзаи геополитикӣ бисёр муҳим, ки саршор аз манобеи азими нафт ва газ аст, сабаб гардид, то мавқеияти ҳассос ва барҷастаи Эрон як бори дигар, аммо ин бор бо як гузаштаи қавии геоиқтисодӣ дидаҳоро ба суйи худ нигоҳ намояд. Эрон бо қарор гирифтан байни ду минтақаи бисёр муҳимми Халиҷи Форс ва Осиёи Марказӣ ва Қафқоз ва бо бархурдорӣ аз ду жарфои геополитикӣ дар ҷануб ва шимол мавқеияти мунҳасир ба фард ва беҳамторо дар арсаи муодилоти минтақавӣ ва байналмилалӣ доро мебошад

**Шинохти ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ: а) вазъияти сиёсӣ:** Фурӯпошии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ ҳадди ақал аз ду назар боис ба вуҷуд омадани тағйироти сиёсӣ ва муодилоти сиёсӣ гардид. Нобуди иттиҳоди коммунистӣ аз як сӯ мавқеияти ҷуғрофиёӣ ва геополитикии минтақаро дигаргун кард ва аз сӯйи дигар, сохторҳои навине дар Осиёи Марказӣ бино ниҳод.

Дар хусуси мавқеияти геополитикӣ ва геостратегӣ бояд таваҷҷуҳ дошт, ки фурӯпошии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ боис шуд, ки минтақаи Осиёи Марказӣ як бори дигар аз лиҳози ҷуғрофиёӣ барҷаста гардад. Дар воқеъ, Осиёи Марказӣ на танҳо ба унвони як минтақаи мустақил шинохта шуд, балки ҳар як аз кишварҳои ҳозир дар он низ бо вижагиҳои мунҳасир ба фарди худ мавриди шиносоӣ қарор гирифтанд.

Дар ҳоли ҳозир ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ даргири таорузҳо ва тазодҳои фаровоне ҳастанд. Чолишҳои сиёсӣ дар канори таҳдидҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ мисли қочоқи маводи мухаддир, фақр, бекорӣ, фасод ва ғ. ба ҳамроҳи рақобати тазодомези қудратҳои бузург Осиёи Марказиро дар шароити хосе қарор додааст. Ин масъала амнияти минтақаро низ таҳтушшуои худ қарор додааст. Ба наҳве ки метавон амнияти минтақа Осиёи Марказиро ба ҳавзаи тавсеаи сиёсати дохилӣ нисбат дод. Аз ин рӯ, бояд ба таҳаввулоти иқтисодӣ ва сиёсӣ ва навсозии кишварҳои минтақа таваҷҷуҳи вижае кард. Зеро натиҷаи таҳаввулоти иқтисодӣ ва сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ маҷмӯае аз тағйироти сохторӣ аст, ки на танҳо мабоҳиси давлат – миллатсозиро дар минтақа таҳтушшуои худ қарор дода, балки масоили муртабит бо амнияти минтақавиро низ дастхуши дигаргунӣ кардааст. Аз сӯйи дигар, набояд нақши қудратҳои хориҷӣ дар таҳаввулоти минтақаро низ нодида гирифт. Чунонки намунаҳои ҷанги дохилии Тоҷикистон ва ё инқилоби рангии Қирғизистон нишон медиҳанд, қудратҳои минтақавӣ ва фароминтақавӣ ҳамвора талош намудаанд нуфузи худро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ густариш диҳанд.

Алорағми барқарории робитаи муносиб ва шоиста бо кишварҳое, ки бо манофеи қудратҳои бузурги минтақавӣ ва фароминтақавӣ низ гиреҳ хӯрдаанд, бо мушкилоти хоси худ ҳамроҳ аст. Бо ин ҳол Ҷумҳурии Исломии Эрон аз замони истиқлоли кишварҳои минтақа ҳамвора барқарории робитаи

сиёсиро дар барномаҳои худ гунҷондааст. Барои кишварҳои минтақа аҳамияти басазое қоил аст. Ба наҳве ки Ҷумҳурии Исломии Эрон дар зумраи нахустин кишварҳое буд, ки истиқлоли кишварҳои Осиёи Марказиро мавриди шиносоӣ қарор дод ва басуръат бо доир намудани сафоратхона дар кишварҳои фавқ саъйи вофире дар ростои густариш ва тавсеаи равобити сиёсӣ намуд.

**б) вазъияти иқтисодӣ:** Кишварҳои Осиёи Марказӣ пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ бо мушкилоти иқтисодии азиме даст ба гиребон шуданд, ки умдатан, аз сохторҳои номуносиби иқтисодӣ дар даврони ҳокимияти шӯроҳо ношӣ мешуд. Бар ин асос минтақаи Осиёи Марказӣ дар ҳоле ба унвони қонуни бозии бузурги қарни XXI матраҳ шуда, ки кишварҳои ҳозир дар он илова бар сохторҳои номуносиби сиёсӣ–иқтисодӣ ва амниятӣ аз чолишҳое дар иртибот бо барқарории низоми ҳамкории минтақавӣ бархурдор мебошанд. Бо вуҷуди он ки муваффақияти иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ то ҳадди зиёде ба тасмимҳои дохилии давлатҳои минтақа вобастааст, бо ин ҳол наметавон ба содагӣ аз ин воқеият гузашт, ки ҳеҷ як аз кишварҳои Иттиҳоди ҷамоҳири Шӯравии собиқ фишурдатар аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ба якдигар пайванд нахурдаанд.

Ба таври куллӣ, давлатҳои заиф нуқсони буҷа, набудан системаҳои муносиби бонкӣ, заъфи бахши хусусӣ ва иқтидори иқтисодии давлатҳо, маҳдудиятҳои мубодилоти пулӣ ва қарзӣ, фасод ва ришва, вуҷуди системаҳои норасоии молиётӣ ва гумрукӣ, тафриқа ва хушунатҳои қавмӣ ва қочоқи моводи мухаддир муҷиби фуқдони рушди идомадор ва пойдории иқтисодӣ дар минтақа шудааст.

**в) вазъияти фарҳангӣ:** Аз дер боз то кунун Осиёи Марказӣ маҳалли бархӯрди тамаддунҳо ва фарҳангҳои бузург будааст ва ба наҳве, ки метавон роҳи тамаддун ва фарҳанги эронӣ–порсӣ, чинӣ, славянӣ ва исломиро дар ин ҳавза мушоҳида намуд. Бо ин ҳол, дар шароите ки дар қарни XIX, сайтараи пурраи Русияи подшоҳӣ иртиботи Осиёи Марказӣ бо соири ҳавзаҳои тамаддуниро ба каналҳои бисёр маҳдуд мунҳасир карда буд, ҳокимияти низоми коммунистӣ аз даҳаи 1920 ба баъд ҳамон иртиботи андакро низ ба таври пурра қатъ намуд.

Дар воқеъ, тайи солҳои истилои ҳукумати коммунистӣ бар минтақаи Осиёи Марказӣ тамоми мазоҳири суннатӣ ва фарҳангӣ, ки бо ҳуввияти сотсиалистӣ ва коммунистӣ ҳамоҳангӣ надошт, саркӯб ва аз зиндагии рӯзмарраи мардум зудуда мешуд. Бо ин ҳол мардуми ин минтақа ба роҳҳои мухталиф, фарҳанг, тамаддун, забон, одоб ва русум ва ойинҳои мазҳабии худро ҳифз карданд.

Мутолиоти қабл ва пас аз фурӯпошии Шӯравӣ нишон медиҳад, ки болшевикҳо натавонистанд исломро аз зиндагии мусулмонони Осиёи Марказӣ ҳазф намоянд ва фарҳанги исломӣ ба сурати ҷиддӣ нақши худро дар зиндагии мардуми ин манотиқ ифо менамуд. Дар ҳоле ки дар давраи ҳукумати подшоҳӣ озодии адён вуҷуд доштааст, давлати коммунистии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ ба исломзудоӣ дар Осиёи Марказӣ ва пешрафти фарҳанги русӣ дар ин манотиқ даст зад.

Дар ҳоле ки қонунҳои асоси ҷумҳуриҳо бар асли тафкики дин ва давлат таъкид менамояд, аммо раҳбарони Осиёи Марказӣ бавижа дар солҳои аввалия пас аз истиқлол ба ошкоро аз омӯзишҳои диннӣ ва густариши огоҳӣ аз ислом ҳимоят кардаанд.

Ба ин тартиб, раисони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ талош мекунанд, бо ҳимоят аз он чи ки аз диди онҳо "исломи хуб" маҳсуб мешавад, (дар воқеъ, ҳамон исломи расмӣ, ки мухолифате бо сиёсатҳои куллии ин давлатҳо низ надошта бошад) ба назорати гароишҳои тундравона низ даст бизананд. Дар солҳои поёни даҳаи 90-ум дар аксари ин ҷумҳуриҳо қонунҳое барои назорат бар фаъолиятҳои диннӣ бавижа фаъолияти муассиссот хориҷӣ тадвин гардид. Дар ҳар панҷ ҷумҳурии Осиёи Марказӣ бар асоси ин қонунҳо, қонунҳои мазҳабӣ бояд барои фаъолият аз мақомоти зеррабти давлатӣ иҷозат бигиранд[1].

Ба ҳар ҳол, дар шароите, ки ҳанӯз марзбандии дақиқе миёни исломи суннатӣ ва бунёдгароии исломӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ баён нагардидааст, тундравии исломӣ, ки умуман, бо номи "ваҳҳобият" шинохта мешавад, ба унвони яке аз таҳдидҳои умда бавижа аз ҷониби мақомоти давлатӣ тарҳ шудааст. Ин истилоҳ, бештар аз он ки дорои маънои диннӣ бошад, ишора ба афрод ва гурӯҳҳое дорад, ки аз вогароӣ нисбат ба давлатҳои марказӣ ва идороти давлатии диннӣ бархурдоранд ва ҳозир ба иқдомоти хушунатомез барои расидан ба ҳадафҳои хеш ҳастанд.

Имрӯз дар минтақа, қувваи барқ ва интиқоли он, транзити мол, ниёзҳои мутақобили иқтисодӣ, тундравии исломи, интиқол ва фурӯши моводи мухаддир, бухрони ҳуввиятӣ ва фарҳангӣ дар раванди ҷаҳонисозӣ ва ҳамчунин, барқарории иртибот миёни арзишҳои суннатӣ ва қавмӣ бо равандҳои демократӣ дар қолаби сохторҳои сиёсӣ аз ҷумлаи масоили умда барои кишварҳои ин минтақа аст, ки феҳристе аз заруратҳои мавҷуд барои ҳамкориҳои минтақавиро фароҳам менамояд.

Эрон низ кишваре қудратманд аст, ки дар ҳамсоягии Осиёи Марказӣ қарор дорад, аз сӯе ба вобастагӣ ва пайвастагии фарҳангӣ ва иқтисодӣ лозим бо ин минтақа бархурдор аст ва аз сӯйи дигар, бо доро будани мавқеияти геополитикии вижа метавонад барои кишварҳои минтақа як масири транзити муносиб бошад, ки аз тариқи хатҳои лӯла ва шоҳроҳҳояш нафт, газ ва молҳои Осиёи Марказиро аз тариқи кӯтоҳтарин, амнтарин ва иқтисодитарин роҳ ба дарё бирасонад.

**Равобити Эрон бо кишварҳои Осиёи Миёна:**

**1. Барномаҳои сиёсии Эрон.** Бо вуқӯи инқилоби исломӣ ҷилваҳое, ки аз оянданигарӣ ва назарияпардозии стратегӣ дар омӯзаҳои он вуҷуд дошт, муҷиби тағйири нигариши суннатии ғарб ба Эрон аз як кишвари дастнишонда ба кишваре мустақил бо тавони билқувва барои қудрати минтақавӣ ва фароминтақавӣ шуд ва заминаҳои тағйири мавқеияти ҷуғрофиёӣ, фарҳанги Эрон аз як кишвар таҳти султа ба як кишвари мустақилро фароҳам намуд. Илова бар ин, инқилоби исломӣ аз ҳадафҳои фаромиллӣ низ бархурдор буд ва дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонихоҳон шаклгирии як назми ҷадиди байналмилалӣ буд, ки дар он уммати исломӣ аз ҷойгоҳи шоиста бархурдор шавад.

Ҳадафҳои калони сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки реша дар мероси сиёсӣ, фарҳангӣ ва идеологии инқилоби исломӣ дорад, шомили мавориди зер мешавад:

1. Рушд ва тавсеаи иқтисодӣ, ҳифзи тамомияти арзӣ ва ҳокимияти миллӣ.
2. Дифоъ аз мусулмонон ва наҳзатҳои озодибахш ва таоруз бо режими сиҳунистӣ ва ғарб (бахусус, Америка).
3. Истиқрори як ҷомеаи исломӣ бар асоси мабонии шайъӣ[2].

Бинобар ин, қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Эрон ба равшании аввлавиятҳо сиёсати хориҷиро мушаххас намудааст. Дар ин аввлавиятбандӣ ҳамсоягони Эрон, кишварҳои мусулмон, кишварҳои ҷаҳони севум ва кишварҳое, ки ба навъе яке аз ниёзҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ё низоми Эронро бартараф созанд, қарор гирифтаанд. Дар натиҷа, кишварҳои Осиёи Марказӣ ба унвони ҳамсоягони Эрон ва ҳамчунин кишварҳои мусулмон дар авлавият нахуст, робитаи мунсаҷим ва наздик бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба таҳкими амнияти миллӣ ва тавсеаи иқтисодии Эрон низ мусоидатҳои фаровоне мекард ва аз ин рӯ, кишварҳои минтақа пас аз истиқлол бояд дар авлавияти сиёсати хориҷии Эрон қарор мегирифтанд.

Зимни он ки ҳузури Эрон метавонист ба назорати тундрави исломӣ дар минтақа ва табодули таҷрибиёт дар ин замина мунҷар шавад. Ба хусус, ки исломи эронӣ ва иртиботи он бо минтақа дар ду даҳаи гузашта собит намудааст, ки ба думболи равишҳои созанда барои ҷомеа ва усули созгор бо тавсеаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аст[3]. Бар ин асос, фурӯпошии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ фурсати хубе барои тавсеаи ҳамкориҳои минтақавӣ ба Эрон дод, то аз ин тариқ бо миллатҳои Осиёи Марказӣ иртиботи шоистае барқарор созад ва давлатҳои минтақаро ба худ наздик созад.

Ба ҳар ҳол набояд аз ёд бурд, ки пас аз 11 сентябри 2001 сиёсати Эрон дар Осиёи Марказӣ ҳамвора бо дар назар гирифтани ҳузури низомии Америка дар минтақа иҷро шудааст. Дар ин росто, зарурати афзоиши ҳамкории Эрон бо Русия, Чин ва Ҳинд ҳамвора мадди назар будааст. Бахусус, ки мавзеъҳои онҳо дар мавриди густариши номатлуби нуфузи Америка дар ин ноҳия ҳарчанд ба мизони мутафовит, аммо наздик ё шабеҳи мавзеи Эрон будааст. Ба ҳамин сабаб, бархе эътиқод доранд, Эрон бо дарк ва фаҳми нуфузи Америка масъалаи раҳбарии Русия дар минтақаро пазируфта ва қабул дорад, ки фақат Русияи қудратманд метавонад зомини таодул дар таъмини манофеи кишварҳои мухталифи минтақа бошад[4].

**2. Барномаҳои иқтисодии Эрон.** Мушаххасан, асли иқтисоди Эрон дар ним қарни гузашта вобастагии шадид ба даромадҳои нафтӣ барои ҳазинаҳои ҷории сохтмонии кишвар будааст ва ин амр то ҳадди зиёде наҳваи тиҷорати Эрон бо ҷаҳони хориҷро таҳти таъсир қарор додааст.

Пас аз пирӯзии инқилоби исломӣ ба далели нигарониҳо барои поёнпазирии захираҳои нафтӣ ва ниёз ба ҳифзи ин сарвати миллӣ барои наслҳои оянда баҳси афзоиши содироти ғайринафтӣ ва зарурати коҳиши вобастагӣ ба даромадҳои нафтӣ барои таъмини ҳазинаҳои ҷории кишвар мавриди таваҷҷуҳи масъулони низоми Ҷумҳурии Исломии Эрон қарор гирифт.

Дар ин байн ҳамҷаворории Эрон бо Осиёи Марказӣ ва вижагиҳои геополитикӣ ва геостратегии ин минтақа ҷойгоҳи хос дар мулоҳизоти иқтисодии Теҳрон эҷод кардааст. Минтақаи Осиёи Марказӣ ба унвони минтақаи бархурдор аз имконоти билқувваи иқтисодӣ ва манобеи саршори зеризаминӣ, ҷойгоҳи роҳбурдӣ ва шароити ҷуғрофиёӣ ба далели воқеъ шудан дар масири иртиботии ғарб ба шарқ ва муҷоворат бо Чин, Эрон ва Русия мавриди таваҷҷуҳи қудратҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, дар шароите ки нақши кишварҳои минтақа дар раванди ҷаҳонӣ шудани иқтисод рақам хӯрда ва аз аҳамияти шоёне бархурдор аст ва ҳатто бархе Осиёи Марказиро қалби ҷаҳон дар қарни оянда меноманд ва тасаллут бар ин минтақаро ба манзалаи бартарӣ дар қудрати ҷаҳонӣ медонанд[5], таваҷҷуҳи Ҷумҳурии Исломии Эрон низ ба ин минтақа афзоиши чашмгире ёфтааст. Зеро рақобатҳои байналмилалӣ Эронро таҳти таъсир қарор дода ва Эронро мулзам ба сиёсати густариши равобит дар минтақа намудааст.

Вуҷуди марзҳои муштараки обӣ ва зеризаминӣ, иштирокоти фарҳангӣ ва мазҳабӣ, манобеи муштарак, дастёбӣ ба бозорҳои минтақа ва мавқеияти мунҳасир ба фарди транзити Эрон аз ҷумлаи мавориде ҳастанд, ки ҳамкорӣ ва ҳамгироии бештари минтақавиро эҷод менамоянд.

Барқарории иртиботи осон бо кишварҳои минтақа ва тасҳили алоқаҳо шаҳрвандони ду тараф, эҷоди бистарҳо ва пояҳои ҳуқуқии муносиботи тиҷорӣ аз тариқи ақди мувофиқат номаҳо ва эҷоди пайвандҳои органикии созмонӣ, эҷод ва баҳрабардорӣ аз созу корҳои мутаърифи тиҷорӣ, аз ҷумла таъсиси бонк дар кишварҳои минтақа, сиёсатҳои ҳимоятӣ аз ҳамкории бахши хусусии ду тараф бо

ҳадафи тез шудан дар раванди озодсозии иқтисодӣ ва тақвияти раванди хусусисозӣ мисол аз иқдомоти муассири Эрон дар густариши равобит бо Осиёи Марказӣ будааст.

**3. Барномаҳои фарҳангии Эрон.** Таҳаввулоти даҳаҳои ахир дар ҳавзаи равобити байналмилал ҳикоят дорад, аз аҳамияти мавзӯи фарҳанг дар дастёбӣ ба ҳадафҳо ва беҳбудии равобит миёни давлатҳо. Ба наҳве, ки имрӯз шоҳиди зуҳур ва ташкили иттиҳодияҳои фарҳангӣ дар арсаи ҷаҳонӣ буда, то аз ин тариқ заминаи набардҳо ва чолишҳои байналмилалӣ бартараф ва муҷиби ҳамгироии давлатҳо ва миллатҳо гардад. Равобити фарҳангӣ заминасоз ва ҳомии равобити расмӣ миёни давлатҳо ҳастанд. Забони фарҳанг забони мулоимӣ аст, ки метавонад равобити расмиро ҳамроҳ бо тафоҳум ҳамчунон зинда нигаҳ дорад. Равобит миён кишварҳо, чунончи ба арсаҳои фарҳангӣ кашида шавад, на танҳо дар сатҳи расмӣ боқӣ мемонд, балки пайвандҳои густурдатареро миёни миллатҳо эҷод мекунад[6].

Бар ин асос ва дар ростои иҷрои ҳадафҳои фарҳангӣ ва усули сиёсати фарҳангӣ низоми ҷумҳурии исломӣ[7] аз ҷумла рушд ва густариши паём ва фарҳанги инқилоби исломӣ дар ҷомеа ва ҷаҳон, иртиботи фаъол бо кишварҳо ва миллатҳо ва таҳкими пайванди мувадддат ва тақвияти ҳамбастагӣ бо мусулмонон ва милали дигари ҷаҳон ва дар ниҳоят, эҳтимом ба амри забон ва адабиёти форсӣ ва тақвияту тарвиҷ он, ҳатти маши фарҳанги хоссе танзим шуда, ки нишондиҳанда "авлавиятҳо ва сиёсатҳои куллӣ ", "сиёсатҳои иҷроӣ" ва ҳамчунин таъйинкунандаи "марокизи назорат, иҷро ва ҳамоҳангӣ" мебошад.

Ҳар як аз кишварҳои Осиёи Марказӣ дорои мавқеияти мунҳасир ба фард мебошанд. Ҳамчунин, ҳангоме ки ҳама инҳоро дар як маҷмӯа ва дар канори ҳам қарор диҳем, маҷмӯае гаронбаҳо аз сарзаминҳои сарватманд бо манобеи дастнахурда ба чашм меояд, ки ҳеҷ қудрати минтақавӣ ва фароминтақавӣ тавони чашмпӯшӣ аз онро надорад, ба наҳве ки ҳамвора тайи солҳои гузашта рақобат, мунозиа ва кашмакашии сахт барои нуфуз ва ҳузур дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз сӯйи қудратҳои минтақавӣ ва фароминтақавӣ вуҷуд доштааст.

Дар ин байн кишвари Эрон аз дербоз то кунун робитаи амиқ бо минтақаи Осиёи Марказӣ доштааст, ба наҳве ки ҳатто дар тӯлонимуддате минтақаи Осиёи Марказӣ таҳти тасаллути ҳукумати марказии Эрон будааст. Аз ин рӯ, пайвандҳои таърихӣ, фарҳангӣ, тамаддунӣ, адабӣ, забонӣ, қавмӣ ва ғ. Эрон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ аз чунон қувват ва аҳамияте бархурдор аст, ки ҳеҷ кишвари дигареро наметавон мисол зад, ки аз чунин пайвандҳо ва иштирокоте бархурдор бошад. Илова бар ин, мавқеияти геополтикӣ ва геоиқтисодии Эрон ва Осиёи Марказӣ низ ба наҳве аст, ки амалан тарафайнро беш аз пеш ба якдигар наздик мекунад. Бар ин асос, маҳсур будани кишварҳои Осиёи Миёна аз як сӯ ва мавқеияти мунҳасир ба фарди Эрон дар дастёбӣ ба обҳои гарми Халиҷи Форс аз сӯйи дигар, метавонад ба унвони омили муассир дар ҷиҳат рушди муносиботи ду ё чандҷониба амал намояд.

Дар маҷмӯъ, агарчи то кунун равобити хубе миёни Эрон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ барқарор будааст, бо ин ҳол бо таваҷҷуҳ ба алоқаҳои фаровоне миёни мардуми минтақа ва зарфиятҳои билқувваи Эрон барои ҳузур дар Осиёи Марказӣ сатҳи равобит бояд беш аз пеш густариш ёбад. Лизо, шоистааст, ки нигоҳи муҷаддид ба авлавиятбандии сиёсати хориҷии Эрон сурат гирад ва бар асоси он минтақаи Осиёи Марказӣ ба яке аз авлавиятҳои Эрон бадал гардад. Ҳамчунин Ҷумҳурии Исломии Эрон набояд таваҷҷуҳи худро ба як ё чанд кишвари минтақа маътуф созад. Бар ин асос, сиёсати хориҷии Эрон бояд ба наҳви ҷомеънигаронаи ҷойгоҳ ва авлавияти ҳар як аз кишварҳои минтақаро мушаххас созад. Дар воқеъ, нодида гирифтани як кишвар ва ё таваҷҷуҳи бештар ба як кишвари дигар метавонад ҷойгоҳи Эронро дар минтақа хадшадор созад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Исломии Эрон бояд бо тафаккури сиёсати чандҷонибагироӣ ба тамоми кишварҳои минтақа таваҷҷуҳи лозим ироа намояд.

Ҳамчунин Ҷумҳурии Исломии Эрон метавонад бо иттихози як дипломатияи воқеъбинона, пӯё, ҳамаҷониба ва созгор бо воқеиятҳои минтақа, дар миёни анбӯҳе аз қудратҳои минтақавӣ ва фароминтақавӣ саҳми муносибе аз зарфиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Осиёи Марказиро дар ихтиёр бигирад ва дар ростои таъмини ҳарчи бештари манофеи миллӣ, густариш ва таъмиқи равобит миёни тарафайн ва расидан ба ҷойгоҳи аввали иқтисодӣ, илмӣ ва фанноварӣ қадам бардорад.

## АДАБИЁТ


1. Саноӣ Маҳдӣ. Равобити Эрон ва Осиёи Марказӣ, равандҳо ва чашмандозҳо / Саноӣ Маҳдӣ // Вазорати умури хориҷа, -Теҳрон, 1390, -С. 76.
2. Сареулқалам Маҳмуд. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон: бозбинии назарӣ ва породиғоми эътилоф / Сареулқалам Маҳмуд. Интишороти маркази таҳқиқоти стратегӣ-5, маҷмаъи ташхиси маслиҳати низом, -Теҳрон, 1379, -С. 49.
3. Саноӣ Маҳдӣ. Заруратҳои ҳамкорӣ дар Осиёи Марказӣ / Саноӣ Маҳдӣ. Гоҳномаи таҳаввулоти Русия, Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, -1385. -№11 -С. 2.
4. Меҳди Саноӣ. Отношения Ирана с центральноазиатскими странами СНГ, социально-политические и экономические аспекты / Меҳди Саноӣ. - М.: 2002. -С.128
5. Фав Гугвон. Нақши манобеъ дар тавсеаи иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ. Фаслномаи мутолиоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз / Фав Гугвон. – Теҳрон: Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалии вазорати умури хориҷа, 1373. № 8. -С.194.

6. Салими Ҳусайн. Фарҳангтароӣ, ҷаҳонӣ шудан ва ҳуқуқи башар, дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалии вазорати умури хориҷа / Салими Ҳусайн. -Теҳрон, 1379, -С. 69.
7. Усули сиёсати фарҳанги Ҷумҳурии Исломии Эрон, мусавваби шӯрои олии инқилоби фарҳангӣ, дабирхонаи шӯрои инқилоби фарҳангӣ, 20.5.1371.
8. Шуайби Баҳман. Фароянди ҷаҳонӣ шудани иқтисод дар Осиёи Марказӣ / Шуайби Баҳман. -С. 11.
9. Тақвоасли Саидато. Геополитики ҷадиди Эрон / Тақвоасли Саидато. Нашрияи мутолиоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, 1379.- № 32. -С. 293 – 298.

## ОТНОШЕНИЯ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН СО СРЕДНЕЙ АЗИЕЙ

*Эсмэт Дараби*

В настоящее время страны Центральной Азии обладают наличием серии конфликтов и противоречий. Политические проблемы, и вместе с тем, социально-экономические угрозы, из числа которых, незаконный оборот наркотиков, нищета, безработица, коррупция, а также конкуренция с крупными державами, подвергают Среднюю Азию в специфические условия. Страны Центральной Азии, как соседи Ирана, а также как мусульманские страны, своими первоначальными приоритетами считает создание последовательного и близкого отношения со странами Центральной Азии для укрепления национальной безопасности и экономического развития в Иране. Если бы до сих пор между Ираном и странами Средней Азии были установлены положительные отношения, то, учитывая интересы людей и потенциал Ирана для присутствия в Средней Азии, мирные отношения должны развиваться более, чем ранее.

**Ключевые слова:** геополитика, геостратегический, приоритеты, связи, региональные силы.

## RELATIONS OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN CENTRAL ASIA

*Asmat Darabi*

Currently, the countries of Central Asia have the presence of a series of conflicts and contradictions. Political problems, however, socio-economic threats, from which, drug trafficking, poverty, unemployment, corruption, and competition with the major powers, is subjected to Central Asia in specific conditions. Central Asian countries, as Iran's neighbors, as well as a Muslim country, its initial priorities considers the establishment of consistent and close relationship with the countries of Central Asia to strengthen national security and economic development in Iran. If still between Iran and the countries of Central Asia were established positive relationships, the interests of people and the potential of Iran's presence in Central Asia, peaceful relations should develop more than previously.

**Key words:** geopolitics, geostrategic, priorities, communications, regional forces.

**Сведения об авторе:** *Эсмэт Дараби* – соискатель Таджикского национального университета

# ТАЪСИРИ МАҲСУЛОТИ НАФТӢ БАР ТАҲАВВУЛОТИ КИШВАРҲОИ ИМРӮЗАИ ХАЛИҶИ ФОРС

***Саид Ҳошимӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Нефти хом аз назари ҳаҷм ва арзиш бузургтарин мол дар тиҷорати байналмилалӣ маҳсуб мегардад, ки нақши бисёр муҳимми он дар амнияти иқтисодӣ ва, ҳатто, амнияти миллии кишварҳои тавлидкунанда ва кишварҳои масрафкунандаи нефти хом равшан аст. Суботи сиёсӣ ва ҳаёти иқтисодии ҳарду гурӯҳи кишварҳо ба таври куллӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ то ҳудуди зиёде вобастагӣ ба мавҷудият ва дар дастрас будани ин маҳсулоти байналмилалӣ дорад.

Ин амр нишон медиҳад, ки ошуфтагӣ дар бозори нефт бидуни шак бар дигар бозорҳо низ таъсир гузошта, қиматҳо ва соири шохисҳои иқтисодиро таҳти таъсир қарор медиҳад. Ҳамчунин, баррасии таърихи нефти хом ҳокӣ аз он аст, ки тавлид ва масрафи ин модда ҳамвора рушд дошта, ин афзоиш ба рағми пешрафти технология ва талоши кишварҳои масрафкунанда барои густариши энергияҳои ҷойгузин ва ба дунболи он коҳиши вобастагии худ ба нефт сурат гирифтааст. Ба таври ки тавлиди ҷаҳонии нефт дар соли 1970, 47 млн бушка дар рӯз буд, аммо ин рақам дар соли 1980 ба 60 млн. ва дар соли 1998 ба 72 млн бушка дар рӯз расид. Пешбинӣ мешавад, ки тавлид ва дар муқобили он тақозои ҷаҳонии нефт дар соли 2030 ба ҳудуди 121 млн. бушка дар рӯз бирасад, яъне рушди муодили 5,1% дар сол [1].

Бо таваҷҷуҳ ба рушди мудовими тавлид ва масрафи нефт аз ибтидо то кунун ҳадди ақал то ду даҳаи оянда (2030) натанҳо аз аҳамияти ин модда ва минтақаи Халиҷи Форс коста на хоҳад шуд, балки ба далели итмоми бархе захираҳои нефт дар дигар нуқтаҳои ҷаҳон бар аҳамияти ин маҳсулотҳои ҷаҳонӣ ва минтақаи Халиҷи Форс афзуда хоҳад шуд. Ҳамчунин ба рағми талош кишварҳои масрафкунандаи нефт барои ёфтани энергияҳои ҷойгузин, вобастагии онҳо ба ин модда то соли 2030 тағйири чандоне нахоҳад дошт.

**Нақши нефт дар аҳамияти стратегии халиҷу Форс.** Таҳлилгарони саросари ҷаҳон бар ин боваранд, ки дар минтақаи Халиҷи Форс аз назари стратегӣ минтақаи бисёр муҳим тоояндаи номушаххас хоҳад буд. Нашрияи (нефт ва газ) дар соли 2000 саҳми ҳар як аз минтақаҳои ҷаҳон аз захираҳои нефтро бад-ин шарҳ эълом кард: Ховари Миёна-66,4%, Амрикои Шимолӣ-5,4%, Амрикои Ҷанубӣ-8,8%, Аврупои Ғарбӣ-1,8%, Африко-7,4%, Аврупои Шарқӣ, Россия ва кишварҳои Шӯравии собиқ -5,8% ва Осиё ва укёнуси Ором-4,3%. Саҳми минтақаи Халиҷи Форс аз тавлиди ҷаҳонии нефт дар соли 1976, 37% буд, ки дар соли 1985 ба 17% ва дар соли 1996 ба 27% расид [2].

Дар ҳоле ки нефт дар соли 1972 49% кулли масрафи энергияи Ғарбро таъмин мекард, ин рақам дар соли 1990 ба 40% коҳиш ёфт ва ин ба маънои тамоюли кишварҳо ба самти манобеи энергӣ ба ғайр аз нефт (монанди зуғоли санг, гази табиӣ ва энергияи атомӣ) буд. Аз сӯйи дигар, дар ҳоле ки дар соли 2000 нефт 38% кулли масрафи энергияи Иёлоти Муттаҳидаро таъмин мекард, пешбинӣ мешавад, ин рақам дар соли 2002 ба 37% бирасад ва ин амр нишонгари он аст, ки Амрико дар заминаи манобеи ҷойгузин барои нефт бисёр ақибтар аз кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Ҷопон аст [3].

Вуҷуди захираҳои азими нефт ва газ дар минтақаи Халиҷи Форсро наметавон сирфан як маззият барои ин минтақа талаққӣ кард, зеро ҳадди ақал аз замони кашфи ин модда дар кишварҳои ҳавзаи Халиҷи Форс, ин кишварҳо мавриди таваҷҷуҳи қудратҳои бузурги дунё қарор гирифта ва заминаи дахолат ва, ҳатто, ҳузури онҳо дар минтақа фароҳам шудааст. Ин амро метавон яке аз зарраҳои вуҷуди манобеи азими энергӣ дар минтақа донист. Яке дигар аз ҷанбаҳои манфии вуҷуди нефт дар Халиҷи Форс, вобастагии бисёр шадиди кишварҳои минтақа даромадҳои ҳосил аз содироти он аст. Иқтисоди ин кишварҳо ба далели даромадҳои осон ҳосил аз фурӯши нефт ба шиддат давлатӣ мебошад.

Ағлаб кишварҳои ҳавзаи Халиҷи Форс фоизи болое аз даромадҳои нефти худро дар бахшҳои ҳамчун меҳмонхона, замин, корхонаҷот ва дигар ҷанбаҳо дар Амрико, Аврупо, Ҷопон ва соири нуқот сармоягузорӣ кардаанд. Дар натиҷа, рушди даромади кишварҳои содиркунандаи нефт бо афзоиши сармоягузорӣ дар кишварҳои саноатӣ эътиқоди мустақим доранд [4].

Иқтисоди тамоми кишварҳои Халиҷи Форс такмаҳсулӣ буда ва дар воқеъ, нефт сутуни куллии он маҳсуб мешавад. Арабистони Саудӣ бо доро будани 25% захираҳои исботшудаи нефти ҷаҳон ғанитарин кишвар дар ин замина ба шумор меравад. Пас аз Арабистон кишварҳои Ироқ, Эрон ва Қувайт қарор доранд. Арабистон танҳо кишваре аст, ки дар муддати замони кӯтоҳе метавонад тавлиди худро бо 2 млн бушка дар рӯз афзоиш диҳад. Замоне ки саноеи нефти Венесуелла дар соли 2004 бо буҳрон мувоҷеҳ шуд, Арабистон танҳо кишваре буд, ки тавонист ин камбудиро ҷуброн кунад [5].

**ОПЕК ва бозори ҷаҳонии нефт.** Созмони ОПЕК дар сентябри 1960 дар нишасти вазирони нефти кишварҳои Эрон, Арабистони Саудӣ, Ироқ, Қувайт ва Ванусуелла дар Бағдод таъсис шуд. Дар воқеъ, ин панҷ кишвар аъзои аслии ОПЕК маҳсуб мешаванд ва баъдҳо кишварҳои Қатар дар соли 1961, Индонезия ва Ливия дар соли 1962, Аморати Муттаҳидаи Араб дар соли 1967, Ал-Ҷазоир ва Гобун дар соли 1969 ба он пайвастанд [6].

Мантиқи вуҷудии ОПЕК ба унвони як созмони байни давлатҳо дар даст доштани қимат будааст. Дар воқеъ, ин созмон ба думболи танзими қиматҳо аз тариқи назорат бар рӯйи арзаи нефт аст. Ин шеваи амалкард муҷиб шуда то бархе тасаввур кунанд, ки ОПЕК мазҳари як кортели нефтӣ мебошад ва дар саҳнаи сиёсати энергии байналмилалӣ дорои як мафҳуми манфӣ будааст. Дар ҳамин росто, кӯшишҳои бисёре алайҳи ОПЕК бавижа, аз сӯйи Амрико, ки аз чаҳор як ҳиссаи воридотии худро аз ОПЕК таъмин мекунад. Ҷиҳати маҷбур сохтани ин созмон ва кишварҳои узви он бар таълиқи назорати равияҳои мудириятӣ дар арза ва қиматгузории нефти хом сурат гирифтааст. Ҳатто бархе муътақиданд, ки аз байн бурдани ОПЕК яке аз ҳадафҳои муҳимми ишғоли Ироқ тавассути Амрико ва Англия будааст. Ин ду кишвар қасд доранд, бо тарғиби давлати Ироқ барои хуруҷ аз созмони ОПЕК ва афзоиши тавлиди ин кишвар аз қудрати нисбатан инҳисории ОПЕК заминаи назорати арза ва қимати нефтро бикоҳонанд.

Ба гузориши Оҷонсии байналмилалии энергӣ созмони ОПЕК то соли 2030 таъмини нисфе аз ниёзҳои нефти ҷаҳонро ба уҳда хоҳад дошт ва дар ин миён ба далели коҳиши захираҳои бархе аз аъзои ин созмон то он замон кишварҳои ҳавзаи Халиҷи Форс нақши пуррангтареро ифо хоҳанд намуд.

Пас аз коҳиши шадиди қимати нефти хом дар соли 1998 ва расидани он ба ҳудуди 9 доллар барои ҳар бушка иқтисоди тамоми кишварҳои узви ОПЕК, бавижа кишварҳои ҳавзаи Халиҷи Форс, ки ба шиддат вобаста ба даромадҳои нефтӣ ҳастанд, бо буҳрон мувоҷеҳ шуд. Дар натиҷа, ин кишварҳо дар нишасти марти 2000 вазирони нефти худ, ҳадди ақал қимати сабади нефти ОПЕК-ро 22 доллар ва ҳадди аксари онро 28 доллар эълон карданд [7].

Албатта, ин иқдоми ОПЕК бад-ин маъно нест, ки аъзои он бо афзоиши қимати нефт мухолиф ҳастанд, балки дар воқеъ, муҳимтарин ҳадафи онҳо талош барои пешгирӣ аз коҳиши беш аз андозаи қимати нефт аст. Ҳарчанд бисёре аз коршиносони иқтисодии Ғарбӣ дар ин бováранд, ки сиёсати ОПЕК дар боло нигоҳ доштани қимати нефт мумкин аст, дар муддати баланд натиҷаи акс дошта бошад. Зеро афзоиши беш аз ҳадди қимат дар муддати баланд аз як сӯ, муҷиби тарғиби кишварҳои масрафкунанда барои коҳиши вобастагӣ ба нефт ва талош дар ҷиҳати энергияҳо ҷойгузин шуда ва аз сӯйи дигар, муҷиби коҳиши рушди иқтисодии ҷаҳонӣ мешавад [8].

**Вобастагии кишварҳои саноатии нефти Халиҷи Форс.** Кишварҳои саноатии ҷаҳон ба як мизон ба нефти минтақаи Халиҷи Форс вобаста нестанд. Дар ин миён, Ҷопонро метавон вобастатарин кишвари саноатӣ ба нефти ин минтақа қаламдод кард, чаро ки ҳудуди 75% воридоти нефти Ҷопон аз Халиҷи Форс таъмин мешавад. Чин ва Ҳинд низ ба нефти Халиҷи Форс бисёр вобаста ҳастанд. Кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ё созмони тавсеа ва ҳамкориҳои иқтисодии Аврупо танҳо ҳудуди аз чаҳор як ҳиссаи нефти воридотии худро аз Халиҷи Форс ворид мекунанд. Дар воқеъ, Аврупо ва Амрикои Шимолӣ ба таври рӯзафзун ба нефти дарёи Шимол ва Амрико вобаста шудаанд. Дар ҳоле ки Осиё ба шиддат ба

нефти Халиҷи Форс муттакӣ аст [9]. Ҷопон дар соли 2003 рӯзона ҳудуди 4,2 млн бушка нефти Халиҷи Форс ворид менамуд, ки аз ин миқдор 30% тавассути Арабистон, 29,% тавассути Аморат, 17% тавассути Қувайт, 12% тавассути Эрон, 11% тавассути Қатар ва 1% он тавассути Аврупои Ғарбӣ таъмин мекарданд. Амрико низ дар соли 2003 рӯзона 2,5 млн бушка нефт аз Халиҷи Форс ворид мекард, ки бахши умдае аз ин миқдор (яъне 71%) тавассути Арабистон ва бақияи он кишварҳои Ироқ (19%), Қувайт 9%, Қатар ва Аморат камтар аз 1% таъмин мекарданд [10].

Ба илова Чин ва Ҳинд низ аз кишварҳое ҳастанд, ки дар солҳои охир ба далели доштани рушди иқтисодии боло, масрафи нефташон ба шиддат афзоиш ёфтааст. Коршиносон муътақиданд, кишварҳои нисбатан тавсеаёфтаи Осиё (монанди Чину Ҳинд) масъули бахши аъзами афзоиши кунунии тақозои ҷаҳонии нефт ҳастанд ва аз он ҷо метавон ба ин амр пай бурд, ки масрафи ҷаҳонии нефти хом дар соли 2003 танҳо 2,1% афзоиш ёфт. Дар ҳоле ки рушди масрафи нефти Чин дар солҳои охир ба рақами байни 15 то 20% расидааст [11].

Пешбинӣ мешавад, ки дар ду даҳаи оянда масрафи нефти Чин солона 7,5% ва Ҳинд 5,5% рушд хоҳад дошт. Чин сареътарин рушди иқтисодиро дар ҷаҳон дорад ва барои ба ҳаракат даровардани чархаи рушди иқтисодии густурдаи худ ниёз ба нефт дорад. Ниёзи Чин ба нефт тайи даҳаи гузашта ду баробар шуда ва дар натиҷа, ҷустуҷӯйи нефт ҷузъи усули аслии сиёсати хориҷии Пикен қарор гирифтааст. Ниёзи шадиди Чин ба нефт эҷод мекунад, то Пикен ба ҳар кишваре ки нефт дошта бошад, ворид муомила ва музокира шавад. Ниёзи Чин ба нефт он чунон афзоиш ёфта ва ҳаётӣ шуд, ки дар сентябри 2004 бо пешниҳоди Амрико мабнӣ бар ирҷои парвандаи Судон ба Шӯрои амнияти созмони Милал ва эъмоли таҳримҳо мухолифат кард, зеро Судон 7% воридоти нефти Чинро таъмин мекунад ва Пикен бузургтарин сармоягузори хутути нефти Судон аст [12].

Пас аз ҳодисаҳои 11 сентябр бисёре аз андешамандон пешниҳод карданд, ки Русия метавонад ОПЕК-ро канор зада ва ба дигаргунии арзаи нефти ҷаҳон аз Халиҷи Форс кӯмак кунад. Аммо ин иддао бисёр сареъ ранг бохт, зеро Русия аз назари захираҳои нефтӣ дар радифи ҳафтум аст ва танҳо 5% нефти ҷаҳонро дар ихтиёр дорад. Ин амр бад-ин маъност, ки агар Русия ба ҳамин мизон нефт тавлид кунад (яъне 9 млн бушка дар рӯз), то соли 2020 аз даври кишварҳои содиркунандаи нефт хориҷ хоҳад шуд. Африқо низ танҳо 7% захираҳои нефти ҷаҳонро дар ихтиёр дорад. Нигерия то поёни ҳамин даҳа ва кулли Африқо то соли 2025 аз даври кишварҳои содиркунандаи нефт хориҷ хоҳад шуд. Дар ниҳоят, бояд гуфт, ки агар тавлиди нефти ҷаҳон ба ҳамин мизони кунунӣ идома ёбад, зарфи камтар аз ду даҳа бузургтарин тавлидкунандаи нефт (ба ғайри аз минтақаи Халиҷи Форс), монанди Русия, Амрико, Мексика, Норвегия, Чин ва Бразилия ба бозигарони вобаста дар бозори нефт табдил хоҳанд шуд [13].

## АДАБИЁТ


1. Sarah Yizreali. "How Important is Saudi Oil?" Middle East Quarterly, (March,2000). It Available at. http://www.meforum.org/article/42
2. http://www.eia. Doe. Gov/emeu/cabs/pgulf.html.
3. Sarah Yizreali. Op.cit.
4. Mamoun Fandy. U.S.Oli policy in the Middle East. Foreign policy in Focus, Vol.2, No.4, Jan 1997.
5. Steve Kretzman. Oil, Secuity War. Multinational Monitor Magazine, Jan/Feb,2003.
6. [Электронный ресурс] http://www.taz/clearance EMEUEnergy Markets/cabs/opec.html.
7. Antoine Halff. Instability in the Gulf and the Treat to Oil Stability. Jerusalem Issue Brief, Vol.4.No.6, Oct,20,2004.
8. Рӯзномаи шарқ. 30-09-1383.
9. Sarah Yizreali. Op.cit.
10. Anthony H. Cordesman. US And Dependence on Middle Eastern Energy Exports: 2004-2030. CSIS, Nov 23, 2004.
11. Рӯзномаи шарқ. 30-09-1383.
12. Ray Ta keyh.
13. Michael D. Tusiani. Is Gas a Danger to the Future of Oil? 3rdDoha Conference on Natural Gas. Doha Qatar. It is Availableat http://www.iags.org/futureofoil.html. March 16, 1999.


## ВЛИЯНИЕ НЕФТЕПРОДУКТОВ НА ПРЕОБРАЗОВАНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ ГОСУДАРСТВАХ ПЕРСИДСКОГО ЗАЛИВА


Автор в данной статье анализирует стратегические аспекты нефтепродуктов с точки зрения обеспечения безопасности и показывает их влияние на изменение государств Персидского Залива. Также, автор подчеркивает особенности производства и экспорта нефтепродуктов Персидского Залива и указывает его региональное значение. Кроме того, в данной статье анализируется стратегическая деятельность стран-экспортёров нефтепродуктов и союз этих стран в рамках одной организации.



**Ключевые слова:** Персидский Залив, нефтепродукты, производство нефти, страны-экспортёры нефти, мировой рынок нефти, энергетические ресурсы, запасы нефти.


## EFFECTS OF OIL ON CHANGE OF MODERN PERSIAN GULF STATES


***Said Hoshimi***



The author in this article analyzes the strategic aspects of petroleum products from the standpoint of security and shows their impact on the change of the Persian Gulf. And also, the author emphasizes the features of the production and export of oil and the Gulf indicates its regional importance. Moreover, in this article analyzes the strategic activities of oil-exporting countries and the union of these countries within the same organization.



**Key words:** Persian Gulf, oil, oil production, oil-exporting countries, the global oil market, energy resources, oil reserves.



**Сведения об авторе:** ***Саид Хошими Попи*** **– аспирант философского факультета ТНУ**

# БАРРАСИИ СТРАТЕГИЯИ СИЁСӢ-НИЗОМИИ НАТО ДАР ХОВАРИ МИЁНА

***Носир Искандарӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Дар ин мақола муаллиф кӯшиш дорад, то ба баррасии стратегии сиёсӣ-низомии НАТО дар Ховари Миёна пардохта, нишон диҳад, ки чӣ гуна НАТО талош дорад, то ин аҳдофи сиёсӣ ва низомиро муҳаққақ кунад. Бо густариши ҳиттаи ҷуғрофӣ, агарчи мафҳуми стратегии ҷадиди НАТО таҳти унвони дифои дастаҷамъӣ рақам хӯрда, аммо ин таъриф дастовези густариши фаъолиятҳои низомии созмони мазкурро дар рӯйкарди бисёр таҳоҷиме, он ҳам на дар Аврупо, балки дар дигар ҳавзаҳои геостратегии ҷаҳон, монанди Ховари Миёна дунбол мекунад. Дар чунин чорчӯба НАТО аз як созмони амнияти аврупоӣ ба як созмони низомии аврупоӣ табдил шуда, ки барои худ маъмуриятҳои байналмилалӣ қоил аст.

Мустандот ҳокӣ аз густариши раванди таҳоҷуми НАТО дар Ховари Миёна ва шимоли Африқо аст. НАТО намунаи боризе аз иттиҳоди доимӣ ва баландмуддат дар ҳавзаи амнияти дастаҷамъист, ки дар он кишварҳо бо меъёрҳои мушаххаси низомӣ, амниятӣ ва сиёсӣ ба узвият пазируфта мешаванд. Аз тарафи дигар, лузуми тадовими ҳаёти НАТО дар қолаби ҳавзаи ҷуғрофии он ба як зарурат барои НАТО мубаддал шудааст. Таваҷҷуҳ ба Ховари Миёна ба далели мавқеияти мумтоз ва барҷастаи ин минтақа барои маҷмӯи Ғарб, яке аз роҳбурдҳои ояндаи НАТО дар нигоҳи фарои Атлантикии ин созмон аст. Бо ин ҳол, дар солҳои охир, НАТО нишон дода, ки алоқаманд ба мушорикат дар фаъолиятҳои дар хориҷ аз ҳавзаи суннатии фаъолиятҳои худ, яъне Аврупо аст. Ҳузури нерӯҳои НАТО дар Афғонистон ва фаъолиятҳои густурдаи ин созмон дар минтақаи Ховари Миёна, Осиёи Марказӣ ва Қафқоз нишондиҳандаи аҳдофи ҷадиди НАТО барои густариши ҳарчи бештар аст.

Яке аз охирин асноде, ки стратегияи НАТО то соли 2020-ро таъйин мекунад, мафҳуми стратегияи НАТО мебошад, ки дар иҷлосияи сарони НАТО дар Лиссабон, моҳи ноябри соли 2010 ба тасвиб расида буд. Ин санад аҳдоф, моҳият ва вазоифи асосии НАТО-ро таъриф ва табйин мекунад. Ин санад ҳамчунин вижагиҳои муҳити амнияти ҷадиди байналмилалиро шиносоӣ ва роҳбурди НАТО дар хусуси наҳваи мувоҷеҳ бо таҳдидоти амниятӣ алайҳи созмонро ташреҳ мекунад. Бар ҳамин асос, корбурд ва маъмуриятҳои навини НАТО дар муҳити амниятии ҷадид дар чорчӯби тавсияҳо ва тамҳидоти мафҳуми стратегияи НАТО қобили пешбинӣ ва таҳлил хоҳад буд.

Дар ин санад бавижа, НАТО бо таърифи таҳдидоти ҷадид назири таслиҳоти ҳастаӣ, мушакҳои балестикӣ, терроризм, таҳдидоти соирӣ, таслиҳоти лазерӣ, амнияти энергетикӣ, манобеи об ва тағйироти иқлимӣ барномаҳои ҷадидеро дар стратегияи аз 10 то 15 солаи худ ғунҷонидааст. Дар мафҳуми стратегияи ҷадиди НАТО бо таваҷҷуҳ ба шароити тағйирёфтаи ҷаҳон, сохтори дифоӣ-амниятии гузаштаи ин созмон ба сохтори таҳоҷумӣ-низомӣ тағйир ёфтааст. Дар рӯйкарди навин ин созмон фаъолиятҳои низомии худро дар тифи васее аз вазоиф таҳти унвони дифои дастаҷамъӣ то анҷоми амалиётҳои ҳифзи сулҳ табақабандӣ кардааст ва тамоми кишварҳои узв аам аз ширкаткунанда ва ё дар амалиёти низомӣ таъмини молии ин иқдомотро бар уҳда доранд [1].

*Стратегияи сиёсии НАТО дар Ховари Миёна.* Ба таври куллӣ, стратегияи сиёсии НАТО дар Ховари Миёнаро метавон шомили ибтикори иҷлосияи Истанбул, ҳамкориҳо бо Баҳрайн, ҳузур дар Ироқ, пайванд бо Исроил ва ҳамкорӣ бо Юнифил(қувваҳои мусаллаҳи НАТО дар Лубнон) дар Лубнон донист.

Дар иҷлосияи Истанбул аз миёни кишварҳои Шӯрои ҳамкории Халиҷи Форс аз ҷумла, Баҳрайн, Кувайт, Аморати Муттаҳидаи Араб ва Қатар бо НАТО тавофуқномаҳое ба имзо расониданд [2]. Сарони НАТО аз ин тавофуқномаҳо ду ҳадафро дунбол мекарданд: аввал, санҷидани узвияти ин кишварҳо дар НАТО ва дигаре, заминасозӣ барои ҳамкории бештар бо Шӯрои ҳамкории Халиҷи Форс, ҳамкорие, ки дар камтар аз ду моҳ ба як нишасти муҳим мунҷар шуд ва дар ин нишасти тарафайн бар ҳамкориҳои амниятӣ барои барқарории амният дар Ховари Миёна паймонҳое муъъақид карданд.

Дар ибтикори иҷлосияи Истанбул ҳадафи НАТО ироаи як дастури кори ғанӣ барои омӯзишу ҳамкорӣ дар заминаҳое дар маҳдудаи муқобила бо терроризм то шаффофият бештар дар буҷети дифоӣ ва тасмимсозӣ будааст. Пружаи мушорикати ҷадид дарвоқеъ намунае аз пружаи мушорикат барои сулҳ аст, ки барои аъзои собиқи паймони Варшава дар даҳаи 1990 ба иҷро даромад. Мушорикат барои сулҳ таҷрибаи муваффақ барои НАТО маҳсуб мешавад. Кишварҳои ширкаткунанда дар ин тарҳ, илова бар қабули тааҳҳудҳои (уҳдадории ҳарбӣ) сиёсӣ ва аз ҷумла, илтизом ба эҷоди сохторҳои демократӣ ба шаффофият дар барномарезии дифои миллӣ ва таъйини буҷет барои тааҳҳудоти хос пардохтанд, ки ба мулоҳизоти суннатии НАТО бисёр наздик буд.

*Ҳамкориҳо бо Баҳрайн.* Бахши густариши ҷуғрофии НАТО ва аз тарафи аҳамияти масоили марбут ба Ховари Миёна ва болохиси Халиҷи Форс, аъзои НАТО ва махсусан, Амрикоро мутақоид карда, то бо баргузории нишастҳои муштарак байни ин ниҳод ва Шӯрои ҳамкории Халиҷи Форс ва ҳатто ироаи пешниҳоди узвияти кишварҳои минтақаи Халиҷи Форс дар НАТО, дар тартиботи

амниятии минтақа ворид шаванд. Дар ин робита иҷлосияи муштараки НАТО ва Баҳрайн дар 24 апрели соли 2008-ро бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор дод. Ин иҷлосия, ки тайи он тавофуқҳо барои мубодилаи иттилоот ва ҳамкориҳои амниятӣ матраҳ шуд, аз ҷумла иқдомоти аъзои НАТО ва бавижа, аъзои аврупоии НАТО барои барқарории пайвандҳои низомии наздиктар бо кишварҳои арабии ҳавзаи Халиҷи Форс талаққӣ мешавад. Шайх Холид ибни Аҳмад оли Халифа, Вазири умури хориҷии Баҳрайн дар ин иҷлос таъкид кард: «Итминон дорем, ки мушорикат дар чорчӯби тарҳи ҳамкории Истанбул моро қодир хоҳад сохт, то аҳрамҳои тозаеро барои муқобила бо ин чолишҳо фароҳам оварем ва ҳамзамон моро қодир хоҳад кард, то амният ва субот дар минтақа ва ҷаҳонро тақвият кунем» [3].

Яке аз бузургтарин ширкатҳои тарафи қарордод барои иҷрои ин пружаҳо ширкати **Contrack International** аст. Ин ширкат ҳамин авохир мутааҳҳид ба сохти 2 маҷмӯа чандтабақа барои нерӯи дарёии артиши Амрико муҷаҳаз ба таҷҳизоти мухобиротии иртиботи пешрафта дар савоҳили Баҳрайн шуд. Ин ширкат дар моҳи сентябри соли 2009 барандаи мунокисаи 29 миллион доллар барои аҳдоси таъсисоти обӣ-хокӣ ба супориши маркази пуштибонии дарёӣ, нерӯи дарёии артиши Амрико дар савоҳили Баҳрайн шуд.

Тавофуқҳои НАТО бо Баҳрайн ва тамоили аъзои НАТО барои густариши муносибати НАТО бо кишварҳои Шӯрои ҳамкории Халиҷи Форсро метавон ношӣ аз ду омил талаққӣ намуд; нокомиҳои НАТО дар арсаи Афғонистон ва тамоили Иттиҳодияи Аврупо барои афзоиши тиҷорат ва таомул бо кишварҳои ҳошияи ҷанубии Халиҷи Форс ба вижа, баъд аз афзоиши ҷаҳонии қимати нафт. Ҳамчунин мақомҳои НАТО бо бузургнамоии хатари Эрон дар талошанд, то омили муштараки муҳимеро барои идомаи тақвияти ҳамкориҳои НАТО ва кишварҳои узви Шӯрои ҳамкории Халиҷи Форс матраҳ кунанд.

*Ҳузур дар Ироқ.* Илова бар кишварҳои арабии ҳавзаи Халиҷи Форс, фаъолиятҳои НАТО дар Ироқ низ қобили мулоҳиза аст. Ҳарчанд ки аъзои аврупоии НАТО аз ибтидо мухолифи ҳар гуна пазириши нақшавии низомӣ барои НАТО дар Ироқ буданд, аммо нерӯҳои НАТО бар асоси тавофуқи анҷомшуда,вазифаи омӯзиши нерӯҳои ироқиро дар дохил ва хориҷи ин кишвар ба уҳда гирифтанд. Бар ин асос, дар сентябри соли 2004 бо унвони «Шӯрои иҷроӣ ва омӯзиши НАТО» шакл гирифт, ки фаъолиятҳои умдатан, омӯзишии нерӯҳои НАТО дар Ироқро созмондеҳӣ намуд.

Аз соли 2005 то соли 2007 фаъолиятҳои НАТО дар Ироқ дар қолаби ифтитоҳи марокизи омӯзишӣ ва донишкадаҳои низомӣ идома пайдо кард ва дар ҳоли ҳозир, илова бар омӯзиши ниҳодҳои зери назари НАТО, дар Ироқ ниҳодҳои машваратӣ барои давлати Ироқ низ маҳсуб мешаванд. Аз замони оғози фаъолияти НАТО дар Ироқ, ин созмон беш аз ҳафт ҳазор афсари амниятии ироқиро омӯзиш дод ва таҷҳизоти низомӣ ба арзиши 113 миллион евро дар ихтиёри давлати Ироқ қарор дод. Ҳамчунин тамоми 26 узви НАТО чи дар дохили Ироқ ва чи дар хориҷ, дар омӯзиши ин нерӯҳо ширкат доштанд. Акнун бархе аз аъзои НАТО, шомили 70 нафар мураббӣ аз Италия, Маҷористон, Норвегия, Канада ба омӯзиши персоналии артиш ва полиси Ироқ дар хориҷ аз хоки он кишвар, яъне дар Урдун ва Қувайт машғул мебошанд. НАТО дар назар дорад ба эъзоми 250 мураббии дигар ба Ироқ мубодират варзад [4].

НАТО дар посух ба ин тақозо як тими омӯзишӣ дар Италия ташкил дод. Аммо авзои амниятӣ дар Ироқ муҷиб шуд то ибтидо ширкати омӯзишӣ хориҷ аз Бағдод барпо шавад ва мутаъофи марокизи омӯзишӣ хориҷ аз кишвари Ироқ, воқеъ дар кишварҳои ҳамсоя аз ҷумла, Қувайт ва Урдун ва низ Норвегия барпо гардид [5]. Дабири кулли НАТО эълом кард, ки эъзоми мураббиёни омӯзишии НАТО ба Ироқ дар чорчӯбаи қатъномаи соли 1546 Шӯрои амният роҷеъ ба омӯзиши нерӯҳои амниятии Ироқ сурат мегирад. Мақомоти давлати муваққат дар Ироқ тайи дархостҳои мукаррар аз НАТО бар эҷоди ин хоста исрор доштанд.

Мухолифатҳои пай дар пайи Фаронса ва Олмон монеъ аз ҳузури фаъолияти амиқи НАТО дар Ироқ шуда буд. Ин ду кишвар хостори омӯзиши нерӯҳои ироқӣ тавассути НАТО дар хориҷ аз хоки Ироқ ҳастанд [6]. НАТО ва Амрико дар стратегияи пайкор бо терроризм ба якдигар тафоҳум доранд. Ин тафоҳум дар муносибати стратегияи дусӯи Атлантик дунбол мешавад. Намоди айнии ин тафоҳум дар Афғонистон дида мешавад. Дар моддаи 5 Асосномаи НАТО он созмонро барои ҳимоят аз аъзо дар чаҳорчӯби дифои ҷамъӣ мулзам месозад. НАТО пас аз 11 сентябр ҳимояти дифои ҷамъии худро аз Амрико эълом кард. Аммо барои ҳузур дар Ироқ, мушобеҳи модели Афғонистон ба мухолифати ҷиддии бархе аз аъзои қудратманд аз ҷумла, Фаронса ва Олмон рӯ ба рӯ шуд [7].

Ҳарчанд ки бархе аз аъзои Аврупои ҷадид аз ҷумла, Румыния, Лаҳистон, Маҷористон ва Чехия мувофиқи ҳузури бештар дар Ироқ буданд, Амрико дар иҷлосияи 2003 барномаи ҳузури НАТО дар Ироқро ҷонибдорӣ кард, вале аъзои қудратманд, чун Фаронса ва Олмон бар зарурати тасвиби қатъномаи Шӯрои амният мабнӣ бар ҳифзи сулҳ ва амнияти байналмилалӣ дар иртибот бо амният ва суботи Ироқ мушобеҳ ба модели Афғонистон таъкид карданд. Онҳо мутазаккир шуданд, ки НАТО метавонад ба унвони бозӯи низомӣ эҷоди қатънома бо литсензияи байналмилалӣ вориди арсаи Ироқ шавад. Дар ғайри ин сурат, сирфан ба омӯзишу таҷҳизи нерӯҳои ироқӣ он ҳам дар хориҷи Ироқ

мубодират хоҳад кард. Ихтилофоти сиёсии Амрико ба бархе аз аъзои аврупоии НАТО он равандро мутаваққуф кард [8].

*Пайвандҳои Исроил ва НАТО.* Ҳамзамон бо инъикоси тарҳи Абдуллоҳ, подшоҳи Арабистони Саудӣ дар ҳузури тарҳи сулҳи Ховари Миёна, истифода аз нерӯҳои зарбати минтақавӣ матраҳ гардид [9]. Вуруди НАТО ба масоили Ховари Миёна бидуни таваҷҷуҳ ба Исроил, ки дар бахши марказии роҳрави вурудӣ қарор дорад, имконпазир нест. Исроил аз аъзои диологи баҳри Миёназамин мебошад, ки ҳамроҳ бо НАТО мушорикат барои сулҳу амниятро ба пеш мебарад.

Исроил, Амрико ва Туркия моневрҳои (тағйири самти ҳаракат) муштараки низомӣ дар шарқи баҳри Миёназамин баргузор мекунанд. Амрико ва НАТО аз аъзои НАТО ҳастанд. Алоиқ ва манофеи Исроил дар пайванд бо НАТО бисёр амиқ аст. Исроил дар канори равобити стратегӣ бо Амрико ва муносиботи амиқ бо муттаҳидини Вашингтон барои барқарории тавозуни стратегӣ дар минтақа аз иттисол ба НАТО барои таъмини амнияти худ истиқбол мекунад. Бешак, узвияти Исроил дар НАТО метавонад муҷиби даргир шудани НАТО дар фароянди сулҳи Ховари Миёна шавад. Аъзои аврупоӣ ва Амрико дар НАТО аз роҳи ҳалли ду давлат дар як сарзамин ба шарти тазмини амнияти сарзаминҳои исроилӣ дифоъ мекунанд.

Аз манзари мақомоти исроилии НАТО метавонад ин тазмини амниятиро барои Исроил ба унвони узви ҷадиди созмон фароҳам оварад. Аз сӯйи дигар, мақомоти сиёсии он кишвар дар назар доранд бо узвият дар он созмон, НАТО битавонад чатри амнияти ҳастаиро барои Исроил дар сурати эҷоди минтақаи орӣ аз силоҳҳои ҳастаӣ дар минтақа фароҳам созад. Исроил собит кардааст, ки ба қатъномаҳои Созмони Милал пойбанд нест ва фақат тазмини қудратҳои бузургро меписандад. Акнун НАТО метавонад ин тазмини ҷамъиро ба вуҷуд оварад. Албатта, бархе аз аъзои аврупоии НАТО дар масоили Ховари Миёна фаъолтар ҳастанд.

Бахше аз воҳидҳои эъзомии Юнефил ба Лубнон аз фармондеҳии дарёии НАТО дар Непал таъмин шудааст. Созмони НАТО илова бар давоир ва созмонҳои сиёсӣ дар саросари Аврупо, дастгоҳи тасмимгирии сиёсӣ ва порлумонӣ дар Брусел дорои фармондеҳиҳое, шомили ситоди фармондеҳии заминӣ дар Испания ва Португалия, ситоди фармондеҳии ҳавоӣ дар Инҷарлеки Туркия аст. Исроил, Лубнон, Сурия ва дигар кишварҳои Ховари Наздик ва низ Шимоли Африқо бо кишварҳои Ҷануби Аврупо диалоги баҳри Миёназамин ташкил медиҳанд. НАТО ва диалоги баҳри Миёназамин тарҳи мушорикат барои сулҳ ва амниятро ба пеш мебаранд. Исроил дар маневрҳои (тағйири самти ҳаракат) муштараки диалоги Баҳри Миёназамин ва НАТО низ дар омодасозии аъзои НАТО дар Аврупои Шарқӣ ва Марказӣ, аз ҷумла дар Руминия ва Украина ширкат доштааст. Исроил аз ҳузури НАТО дар марзҳои муштараки Лубнон ва он кишвар истиқбол мекунад ва онро навъе тазмини амнияти марзӣ медонад. Бешак, давлати Лубнон низ аз ҳузури ин бахш аз НАТО дар нерӯҳои Юнефил истиқбол мекунад. Таҷҳиз ва модернизатсия кардани артиши Лубнон дақиқан, дар ростои маъмурияти амниятсозӣ, артишсозӣ ва бозсозии он созмон дар Лубнон аст. Воҳидҳои гашти дарёии НАТО аз кишварҳои Фаронса ва Олмон таъмин шудаанд. Фармондеҳии давраҳои Юнефил дар ҳоли ҳозир бар уҳдаи Италия мебошад [10].

*Стратегияи низомии НАТО дар Ховари Миёна.* Истиқрори сипари дифои мушакӣ, аз ҷумлаи барномаҳои пешини Амрико буд, ки барои муқобила бо таҳдидоти мушакҳои балистикӣ аз тарафи кишварҳои назири Россия ва Эрон дар хоки Лаҳистон ва Чехсловакия дар назар гирифта шуда буд. Тарҳи Амрико ба далели мухолифатҳои сареҳи Россия ва адами ҳимояти муассири аврупоиҳо дар он замон амалӣ нашуд. Аз ин рӯ, Амрико дар иҷлосияи сарони НАТО дар соли 2010 ва дар Лиссабон бо истифода аз зарфиятҳои НАТО ва бо саҳим кардани аврупоиҳо дар ин барнома, талош дорад. Дар ин миён аъзои НАТО саъй доранд, то масъулияти аслиро дар ин замина бар дӯши Ҷумҳурии Туркия бигзоранд. Туркия, ки дар айни ҳол перомуни таҳдидоти таслиҳоти атомӣ дар минтақа ва терроризм ибрози нигаронӣ мекунад, аз ибтидо бо қабули беқайд ва шарти ин масъулият мухолифат кард. Сиёсатмадорони турк бар ин боваранд, ки мулоҳизот, марбут ба манофеи миллии Туркия дар ин робита, бояд мадди назар қарор гирад. Умдатарини ин мулоҳизот ин аст, ки истиқрори сипари дифои мушакӣ ҳамзамон бо Туркия бояд дар хоки соири аъзои НАТО низ мадди назар гирад. Аз дидгоҳи Туркия ин барнома набояд кишвари хосеро мадди назар қарор диҳад. Дар ин замина аъзои НАТО бо ҷалби мувофиқат ва ҳамкории Россия, ҳадафи аслиро Эрон таъйин карда буданд.

Бар ин асос, Никола Саркози, президенти Фаронса дар иҷлосияи Лиссабон хостори ном бурдан аз таҳдиди Эрон дар санади стратегияи баландмуддати НАТО буд, ки бо мухолифати шадиди Абдулло Гул, президенти Туркия қарор гирифт. Ҷумҳурии Туркия бо ишора ба манофеи дуҷонибаи Эрон ва Туркия ба унвони ду ҳамсоя, илқои таҳдид аз ҷониби Эрон тавассути бархе аъзои НАТО-ро нодуруст унвон кард. Мақомоти турк дар тавҷеҳи пешниҳодашон барои ном набурдан аз ҳеҷ кишваре ба унвони таҳдид алайҳи НАТО ин истидлолро матраҳ мекунанд, ки дар оянда шароити кишварҳо тағйир мекунанд ва мумкин аст соҳибони қорапаймо дар оянда ин таслиҳотро дар ихтиёр надошта бошанд ва баръакс, кишварҳои ҷадид молики ин таслиҳот шаванд [11]. Он корҳо ҳамчунин ба дунболи ин аст, ки радарҳои ин система дар як минтақаи хос мустақар нашавад, балки дар саросари хоки Туркия истиқрор ёбад. Дар ин сурат, Туркия аз як сӯ, нисбат ба ин мавзӯъ кам хоҳад кард ва давлати

Урдун аз фишори афкори умумии кишвар хоҳад кост. Аз сӯйи дигар, дар эъзои баҳрамандии Амрико ва Аврупо аз имкони радёбии таҳдидоти мушакӣ аз ҷониби Эрон, Туркия низ имкони радёбӣ ва муқобила бо таҳдидоти мушакӣ соири кишварҳои ҳамҷавораш аз ҷумла, Исроилро ба даст хоҳад овард.

Дар соли 2010 Созмони НАТО бо таърифи таҳдидоти ҷадиди назири таслиҳоти ҳастаӣ, мушакҳои балистикӣ, терроризм таҳдидоти соирӣ, таслиҳоти лазерӣ, амнияти энергетикӣ, манобеи об ва тағйироти иқлимӣ, барномаҳои ҷадидеро дар стратегияи аз 10 то 15 солаи худ ғунҷонад. Дар мафҳуми стратегияи ҷадиди НАТО бо таваҷҷуҳ ба шароити тағйирёфтаи ҷаҳонӣ, сохтори дифоӣ-амниятии гузаштаи ин созмон ба сохтори таҳоҷумӣ-низомӣ тағйир ёфтааст. Дар рӯйкарди навин, ин созмон фаъолиятҳои низомии худро дар тифи васее аз вазоиф таҳти ановини дифои дастаҷамъӣ то анҷоми амалиётҳои ҳифзи сулҳ табақабандӣ кардааст ва тамоми кишварҳои узв, аам аз ширкаткунанда ва ё дар амалиёти низомии таъмини молӣ ин иқдомотро бар уҳда доранд. Аз ин рӯ, дастёбӣ ба ин аҳдоф мусталзами тағйири стратегии НАТО буд.

Ҳамин тавр, дар чунин чаҳорчӯба НАТО мебоист аз як созмони амнияти аврупоӣ ба як созмони низомии фароаврупоӣ табдил гардад ва барои худ маъмуриятҳои байналмилалии ҷадидеро таъриф кунад. Яке аз ин манотиқи неостратегӣ, минтақаи Ховари Миёна ва Шимоли Африқо аст, ки НАТО дар пешина ва ҳозираи худ таваҷҷуҳи фаровоне ба он доштааст, ки аз ҷумлаи он мудохила ба Афғонистон, Ироқ, Покистон ва Лубнон аст. Мустандот ҳокӣ аз густариши раванди таҳоҷуми НАТО дар Ховари Миёна ва Шимоли Африқо аст.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. NATO 2020: Assured Security; Dynamic Engagement Analysis And Recommendations Of The Group Of Experts On A New Strategic Concept For NATO, 17 MAY 2010, http://www.nato.int/strategic-concept/expertsreport.pdf
2. http://www.nato.int/ici/home.htm
3. http://english.bna.bh/?ID=79091
4. "Education and Training", Updated NATO, July 2, 2007, p. 1, "Education and Training NATO–Led Operations", www.nato.int, 2007/7/30, p. 1
5. Daniel Speckhard, "Helping Stabilize Iraq", Iran Review, Issue 3, 2004, pp. 1-2, "Slow Pace in Iraq Surprise NATO Commander", www.boston.com
6. Paul Ames, "Iraq Appeals for Urgent NATO Help to Improve Security", www.signonsandiego.com, and; "Jaap de Hoop Scheffer Says, NATO Announces Proposal to Train Iraqi Security Forces", www.usinfo.sate.gov
7. Daniel Pipes, "NATO Fights the Jihadis", New York Sun, Oct. 3, 2006, pp. 1-2
8. Strobe Talbott, "from Prague to Baghdad: NATO at Risk", Foreign Affairs, Nov.-Dec, 2003, pp. 1-6.
9. Heba Negm, "NATO and the ME Peace Process: Scenarios of Possibilities and Risks", NATO Defence College, No. 20, June 2005, pp. 2-3.
10. Analysis of UN Security Council Resolution 1701", Intelligence and Terrorism Information Center, Aug. 13, 2006, pp. 1-7
11. Носир С. О. Иљлоси сарони НАТО дар Лиссабон./ С. О. Носир А. Афсона. – Тењрон, 1389


## ИССЛЕДОВАНИЕ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СТРАТЕГИИ НАТО НА СРЕДНЕМ ВОСТОКЕ


В данной статье автором рассматривается политическая стратегия НАТО на Среднем Востоке. США и их партнеры по НАТО продолжают проявлять неослабевающий интерес к Ближнему и Среднему Востоку . Важность интереса НАТО в ее геополитической стратегии обусловливается, прежде всего, непосредственной близостью к богатейшей в мире кладовой нефти и газа. Деятельность стран НАТО на Среднем Востоке особенно активизируется в военно-экономической и военно-политической сфере. Этот процесс, важен, прежде всего, для США с геополитической точки зрения, в том числе в интересах сохранения своего доминирующего положения в в данном регионе.



**Ключевые слова:** НАТО, Средний Восток, политика, стратегия, политическая структура, международные отношения.


## A STUDY OF THE POLITICAL STRATEGY OF NATO IN THE MIDDLE EAST


In this article the author examines the political strategy of NATO in the Middle East. The U.S. and its NATO partners continue to show a continuing interest in the Middle East . The importance of the interest of NATO in its geopolitical strategy is determined, first of all, proximity to the richest in the world, a storehouse of oil and gas. The activities of the NATO countries in the Middle East especially activated in the military-economic and military-political sphere. This process is important, especially for US from a geopolitical point of view, including in the interests of preserving its dominant position in the region.



**Key words:** NATO, Middle East, politics, strategy, political structure, international relations.



**Сведения об авторе:** ***Носир Искандари*** – соискатель Института философии политологии и права АН РТ

# ЁЗДАҲУМИ СЕНТЯБР ВА ПАЙОМАДҲОИ ОН ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

*Фотима Раҷабӣ*
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

**Дар робита бо амалиёти ҳодисаи 11 сентябр се назария матраҳ аст:** Якум, ривояти расмии давлат ба ҳайати ҳокими амрикоист, ки ҷузъе аз зеҳнияти мардуми Амрико шудааст. Дар ин ривоят 19 араб амалиётро анҷом додаанд. Онҳо 4 ҳавопаймои мусофиркашии бузургро ҳамзамон бо барномарезии қаблӣ рабудаанд ва ба маркази ҳассоси молӣ ва низомӣ ҳамла карданд. Ин 19 нафар ҷузъи шабакаи терористии ал-Қоида буданд.

Назарияи дуюм он аст, ки ин кор бетардид тавассути гурӯҳи хашмгини сиёсии Амрико дар натиҷаи аз ҷон гузаштан, бо сабаби таҳсил ва барномаи дақиқ анҷом шудааст.

Назарияи сеюм он аст, ки аз забони бархе аҳвоми муттаҳамон аз кишвари Миср ва Арабистони Саудӣ шунида мешавад, ки усулан муҳол аст фарзандонашон даст ба чунин коре бизананд ва тамоми иддаои давлати Амрико дурӯғи бузург аст. Ин кори дастгоҳҳои ҷосусии Амрикост.

Пас аз ҳодисаҳои 11 сентябр ангушти итҳом сареҳан ва сиръан ба сӯйи ал-Қоида гирифта шуд ва ҳуввияти терористҳо «араб будан ва мусалмон будан»-ашонро эълом кард. Дар ин раванд президенти Амрико аз «ҷанги салибӣ» ном бурд, ки ба унвони муҷозоти терористҳо такрор мешуд ва ҷаҳони ислом буд, ки бояд муҷозот мешуд. Вале батадриҷ пас аз фурукаш кардани ҳаяҷоноти ношӣ аз инфиҷор таҳлилгарон ва соҳибназарон ва пажӯҳишгарон бар он шуданд, ки моҷароро пайгирӣ намоянд. Онҳо изҳорот, мустанадот ва истидлолҳои масъулини расонаҳои амрикоиро, ки мусалмононро омили амалиёти 11 сентябр муаррифӣ мекарданд, сареҳан рад карданд. Аз ҷумла, Терри Мейсон китоби «11 сентябр ва ҳазору як дурӯғи бузург»-ро дар ин бора мунташир кард. Ӯ дар муқаддимаи китоби дигараш бо номи «Пентагон, 11 сентябр» навишт: «Ҳадафи китоби «Дурӯғи бузург» ин буд, ки беасос будани ривояти расмии ҳамлаи 11 сентябри 2001-ро таҷзия ва таҳлил намуда, дидгоҳи мутафовутеро аз ин ҳаводис ироа намоем. «Дурӯғи бузург» рӯшан мекунад, ки аз лиҳози физикӣ бархӯрди ҳавопаймои Боинг 757 ба Пентагон тавҷеҳ ва табиини дақиқи ҳамла, ғайримумкин аст. Китоби «Пентагон, 11 сентябр» мутолиаи такмили ҳамла ба Пентагон ва баррасии шевае аст, ки вазорати дифоъ аз он тариқ бо интишори баённомаҳояш моро гумроҳ кардааст.

**Пайомадҳои ҳодисаи 11 сентябр.** Пайомади ин амалиёти терористӣ аз буъди сиёсӣ Ғарбро бартарӣ дод. Ҳадаф ва ҳаҷмунии бартарии Амрикоро ҷомаи амал пӯшонид. Ба гуфти Амир Тоҳирӣ - коршиносони масоили сиёсӣ ба сурати қатъӣ ҳамлаи 11 сентябр эҳсосоти меҳанпарастиро дар бисёре аз амрикоиҳо тақвият дод. Асари матлуби 11 сентябр бар сиёсати Амрико сабаб шуд, то Ҷорҷ Буш ба сурати ҳақ ба ҷониби мардуми Амрико қавл диҳад, ки дар набарди зудтерорист, ки онро ҷанги қарни 21 номид, Амрико роҳбарии ҷаҳонро то пирӯзӣ бар терроризм уҳдадор шуд. Аз тарфи дигар ҳадафи бузургтари Ғарб низ дар ин амалиёт ба пирӯзӣ наздик шуд. Ин ҳадаф иборат аз ҳокимияти арзишҳои либералӣ дар нуқоти мухталифи ҷаҳон аст. Ҳарчанд масъалаи мазкур фарҳангӣ ба назар мерасад, вале чунин султае аз замонҳои дур бидуни кӯмаки нерӯи низомӣ муваффақияти комил надоштааст. Дар даврони нав ба назар мерасад, султаи фарҳангӣ бо таваҷҷуҳ ба навъ ва густураи иртибототи фарҳангӣ аз имдоди нерӯи низомӣ бениёз бошад, вале ҳаводис ва эълони мавозеъ ва вокунишҳои муртабит ба 11 сентябр сурати ҷадиде доштанд. Бо дар канори ҳам қарор додани ин санад ва гуфтаи Буш ҳамла ба Афғонистонро барои таъқибу муҷозоти авомили 11 сенятбр бо таъбири «оғози ҷангҳои салибӣ» эълон кард. Ба таври куллӣ расидани якбораи Амрико ба «ҳаҷмунии бартар» ҳатто дар вокунишҳо ва мавзӯъгирии сиёсӣ хеле наздик шуд. Аз ҳайси дохилӣ низ Буш дар ҷойгоҳи олӣ қарор гирифт. Ба тавре ки воқеиёти 11 сентябр боиси афзоиши бесобиқаи маҳбубияти Буш шуд. Ба ин маъно, ки баёноти ӯ дар мавриди аз байн бурдани террористҳо дар ҳар нуқтаи замин боис шуд, ки 86% амрикоиҳо аз маши ӯ ҳимоят кунанд.

Бидуни шак, пеш аз вақоеи 11 сентябри соли 2001 амнияти бештар дар қолаби қудрат маъно меёфт. Ҳақиқатан, амнияти таърифшуда барои шаҳрванди амрикоӣ ба пуштувонаи қудрати Амрико бо амнияти шаҳрвандони кишварҳои камтавсеа вазъияти қобили муқоиса набуд. Имрӯза муаллифаи дигаре таҳти унвони осебпазирӣ вориди арсаи таҳлили гуфтумони иҷтимоии башар дар сатҳи миллӣ ва ҷаҳонӣ аст. Ба ин маъно, ки қудрати як воҳиди сиёсӣ на танҳо илзоман мутазамини амнияти бештар нест, балки қудрати бештар осебпазири хоҳад дошт.

**Пайомадҳои иқтисодии инфиҷори бурҷҳои тиҷорати ҷаҳонӣ.** Аз ҳайси иқтисодӣ инфиҷори бурҷҳои тиҷорати ҷаҳонӣ осебпазир буд. Ин осеб бино ба тахмини зер чунин буд: фазои идорӣ тахриб ё таҳлия шуда, бар асари ҳамлаи инфиҷорӣ болиғ ба 3 млн. 300 ҳазор метри мураббаъ аст. Даҳ ширкати бузурги ҳавопаймоии Амрико ба далели ҳамла дар ҳамон айём муддати як моҳ 16,5 млрд. доллар уфт доштанд, ки маҷбур ба гирифтани воми бузург аз конгресси Амрико шудаанд. Ширкати «Кока-Кола» тахмин зада, тавлидаш 2 млрд.700000 млн. коҳиш меёбад.

Бузургтарин хисорот ба ширкатҳои бима ворид шуд ва мизони он аз 30-40 то 70 млрд. доллар бароварда шудааст. Танҳо бурҷҳои вайроншуда 3,2 млрд. доллар бима буданд. Аммо як пажӯҳишгари

фаронсавӣ дар рӯзномаи «Лямонд» чанд сол баъд фош сохт, ки як ҳафта қабл аз ҳодиса маблағи ҳаққи бимаи ҳаводис бар бурҷҳои тиҷоратии Нью-Йорк ба 3 баробар афзоиш дода шуда буд.

Ба ҳар ҳол, дар як натиҷагирӣ Гуруяндали америкоӣ ба ин масъала даст ёфта, ки барои бисёре аз муборизон ва фаъолони ҳуқуқи маданӣ рӯшан аст, ки воқеаи 11 сентябр на танҳо зарбаи хурдкунанда барои маншури озодиҳои маданӣ дар Амрико буд, балки низоми ҳукумати моро низ дучори дигаргунӣ ва тағйирот (заъфу ихтилол) кард. Навом Чомсакӣ фоҷиаи 11 сентябрро барои фаластиниҳо зарбаи сахт дониста, онро фурсате барои Исроил таҳлил карда, билофосила бо танкҳо шаҳрҳои Рамаллаҳро дар ҳам кӯбид ва даҳҳо кушта барҷо монд.

Он чи ба унвони вокуниши қатъӣ ва сареҳи Амрико дар таърих сабт шуд, ҳамла ба Афғонистон ва ишғоли он кишвар буд. Ин вокуниш бо истинод ба ҳузури Бини Лодан сарвари шабакаи ал-Қоида дар ин кишвар анҷом гирифт ва манзур аз он муҷозоти ин созмони террористӣ эълон шуд. Аммо шабакаи Эй – Би - Си Амрико фош сохт, ки тарҳи ҷангии Амрико бар зидди ал-Қоида дар Афғонистон танҳо ду рӯз қабл аз ҳодисаҳои 11 сентябр ба Буш ироа шуда буд. Бисёре аз пажӯҳишгарон, бавижа пажӯҳишгарону коршиносон ва соҳибназарони мухолифи ҷанги Афғонистон бо ифшои моҳияти ал-Қоида ин созмонро ҳадди ақал то пеш аз 11сентябр вобаста ба Амрико муаррифӣ карданд. Гузашта аз ин, нерӯҳои ҷиҳодии Афғонистон ва нерӯҳои эъзомӣ аз Покистон ба ин кишвар ва аъзои ал-Қоида бо ҳимоятҳои молӣ ва низомии Амрико ҳамроҳ будаанд, то ҷанги зидди Шӯравиро идома диҳанд. Санади бисёре дар ин замина ироа шуда, дар мавриди амалиёти 11сентябр матолиби нисбатан зиёде вуҷуд дорад.

**Пайомадҳои ҳамлаи Амрико ба Афғонистон.** Ба ҳар ҳал на танҳо ҳамла ба Афғонистон ва ҳузури низомии Амрико ва НАТО ба муддати тӯлонӣ натавонист аз терроризми ал-Қоида пешгирӣ кунад, балки ибҳомоти пайравони 11сентябрро ҳам бартараф накард. Зиндони Гуантанамо бо зиндониёни бешумори арабу афғон ва ғайра, тахти таъқиб қарор додани садҳо мусалмонон ҳам парвандаи пурибҳоми 11сентябрро шаффофият надод. Нуктаи муҳим ва асосӣ дар ин парванда, ки ба эътирози гурӯҳҳои бешумори мусалмонону интиқоди онҳо ва ҳатто эътирози соҳибназарон ва коршиносони ғарбӣ ва ғайриғарбӣ анҷомид, он буд, ки 11сентябр муҷиби ҷанги Ғарб бар зидди ислом шуд. Ба ин тартиб, беш ва пеш ҷанги низомӣ, ҷанги фарҳангӣ бар зидди ислом ба унвони «душмани идеологии Ғарб» оғоз гардида кор ба ҷойе расид, ки як пажӯҳишгар онро хуб изҳор менамояд: «Бархӯрди фарҳанги Амрико бо дунёи пеш аз 11сентябр масхара ва намоиш ёфт. Акнун монанди як намоиши ҳаҷвии сатҳи поёнии ҷаҳонӣ амал мекунанд. Ин масъала заминаро барои ҳамлаҳо бар зидди мусалмонони муқими Амрико ва Аврупо фароҳам кард. Шиддати масъала сабаб шуд, ки бархе масъулони америкоӣ эълон кунанд, ки масъалаи террористҳо аз мусалмонон ва ислом ҷудост. Аммо ин эълон ба танҳоӣ кофӣ набуд, зеро ибҳомоти матраҳшуда дар мавриди 11сентябр ва ҳуввияти террористҳо ва наҳваи амали онҳо бидуни посух аст. Пас аз гузаштани солҳо бино ба гузориши хабаргузории Туркия кӯшиши америкоӣ бо номи Дерк Фико - раиси парлумони ҷаҳонии дар зиёфати адвори бунёдгаро дар Чикаго изҳор кардааст: «Ҳодисаи 11сентябр он тавр ки иддао мешавад, ҳамлаи исломӣ ё иқдоме аз тарафи мусалмонон будааст. Амир Тоҳирӣ ба тарҳи ин масъала аз дидгоҳи бисёре чунин мешуморанд, ки шояд ҳамлаҳои 11сентябр бештар «найчае» ба назар бирасад. Пас аз гузашти 10 сол аз ҳодисаи террористии 11сентябр мардум ҳанӯз роҷеъ ба ҳамалоти идеологӣ сабҳат мекунанд ва аз дидгоҳи касоне, ки одат кардаанд исломро масъули ҳар гуна иштибоҳ ва хато қаламдод кунанд, фоҷиаи 11сентябр самараи бечуну чарои ақидаи тарроҳони ин ҳамалот ба шумор меравад.

Дар натиҷа бино ба таҳлилҳо монанди таҳлили Искандаров мусулмонон аз ин ки гуноҳи амалиёти террористии 11сентябр фақат ба дӯши онҳо қарор гирифта, зиёдатар аз он америкоиҳо аз шиори мубориза бо терроризм барои пешбурди иқдомоти низомии худ дар Ховари Наздик ва Миёна бахра мебаранд, хашмгин мешаванд. Афғонистони ранҷур аз ишғоли Шӯравӣ ва ҷангҳои дохилӣ пас аз он дар ишғоли низомии Амрико ва НАТО гирифтор аст. Бин Лодан кушта шуд, аммо ҳамчунон ал-Қоида дар ҳаракат аст. Терроризми байналмилалӣ дар Ироқ, Эрон, Афғонистон ва Покистон мустамар аст. Дар ҳаводиси манотиқи ҷаҳони ислом аз Либиё то Миср ва Яману Сурия ҳузури ал-Қоида ба гӯш мерасад ва илова бар он хабар аз гароишгарон, мусулмонон ҳатто Канада ва Амрико дар ин шабака мунташир мешавад. Аз тарафи дигар, ислом ва муқаддасоти мусулмонон дар Ғарб бар хилофи қоидаҳои адюни илоҳӣ ва ахлоқ мавриди ҳамла таҳқир ва тахриб аст. Оташ задании «Қуръон» дар Амрико тавассути як кӯшиш анҷом мегирад ва филмҳо, карикатураҳою навиштаҳои ҳарими муқаддасоти исломиро мешиканад. Мусулмонон дар кишварҳои Аврупо бо мавонеҳ ва маҳдудиятҳои қонун рӯ ба рӯ ҳастанд, аммо ҳамчунон муқовимат мекунанд. Онҳо дар чашми ғарбиён террорист мебошанд ва ҳаққи дифоъ на ба василаи қонуни навишта, балки дар ҷанги нарм аз онҳо гирифта шудааст. Ба ибораи дигар, дар ғавғои расонаҳои империалистӣ садои мусулмонон хеле заиф ба гӯш мерасад.

Натиҷагирӣ. Натиҷаи 11сентябр амалӣ кардани ҷанги тамаддунӣ буд, ки барои мусулмонон ва кишварҳои исломӣ зиёновар арзёбӣ гардид, ки ба ин бартари Амрико ва Ғарб кӯмак расонд. Аз ҳамин ҷиҳат шубҳаҳои мавҷуд дар ин парванда илова бар таҳлилгарони ғарбӣ мусулмононро низ ба худ машғул доштааст. Барои ҳалли ин мушкилот зарур аст сиёсатҳои калон дар Ғарб ва ҷаҳони ислом ба 2

амри муҳим ҳиммат гуморанд. Дар Ғарб бахусус, аз кушта шудани Бини Лодан мубориза бо терроризм шумулияти худро аз муслимин, ислом ва ҷаҳони ислом ҷамъ карда, анвои террор ва хушунатро дар бар гирад. Дар ин сурат нерӯҳои муҳоҷим ба Афғонистон ва Ироқ ва миллати дигар бино ба тавзеҳи ҳуқуқи башар ба мухотира афкандани амнияту оромиши мардумон мавриди суол ва бархӯрди воқеӣ хоҳад шуд. Ба ибораи дигар таҷовуз ба ҳуқуқи миллатҳо ба баҳонаи мубориза бо терроризм тавассути Созмони Милал ва ҷомеаи ҷаҳонӣ номашрӯъ талаққӣ гардида, башиддат бо он муқобила шавад. Ҳамчунин парвандаҳои амалиёти террористии ал-Қоида пеш аз 11сентябр ба гунаи қонунӣ ва шаффоф баррасӣ шуд ва ибҳомоти он барои ҷаҳониён рафъ гардид. Шубҳаҳои мавҷуд дар Амрико монанди вобастагии ал-Қоида ба он, иттилоъ аз амалиёти террористии 11сентябр адами таваҷҷуҳ ба гузоришот ва иттилооти амалиёти террористии ал-Қоида ва ғайра ба сурати воқеӣ матраҳ ва пайгирӣ шавад.

Зиёни Амрико ба ин маъқула нафъи башариятро дар пай дорад. Илова бар ин пас аз Бини Лодан роҳи тавҷеҳ ва фирор ҳам барои Амрико боз аст. Ҷаҳони ислом давлат ва миллатҳоро бо шаффофсозии мавозеи сиёсӣ, фарҳангӣ ва низомии худ, сулҳу дӯстӣ, дурӣ аз хушунат, эҳтиром ба ҳуқуқи миллатҳо, кишварҳо ва давлатҳоро амалан ба исбот расонанд. Созмони Миллал бо заминасозӣ барои давлатҳои исломӣ дар эълони назари худ масъулияти бузург дорад. Қабули тамаддуни исломӣ амри табиӣ аст. Ғарб дар даврони нав ва пас аз шикасти пружаҳои террористӣ ба баҳонаи 11сентябр бояд ба он таваҷҷуҳи амиқ ва амалӣ кунад. Амрико ва Ғарб бояд аз ҳажмунии бартар ба далели нокоромадии дуринамуда, таомул бо ҷаҳонро на аз роҳи ҷангу хушунат ва терроризми фарҳангӣ, балки аз роҳи ақлонӣ ва дипломатӣ дунбол кунанд.


**АДАБИЁТ**

1. Муҳаммади Манучехр. Стратегияи низомии Амрико баъд аз 11 сентябр / Муҳаммади Манучехр. –Теҳрон: Суруш.
2. Терри Мейсон. Пентогон-11сентябр / Терри Мейсон; Мутарҷим Фаридун Навбаҳор. –Теҳрон, 1381.
3. Тоҳири Амир. Пас аз сипарӣ шудани 10 сол/ Тоҳири Амир. //Ал-Шарқ вал-васат, 2011.9.90.
4. Ҳақиқӣ Ризо. Таҳвили мафҳуми амният дар давлати модерн / Ҳақиқӣ Ризо. // Фаслномаи Сиёсати хориҷӣ, 1388.
5. Ҳамтӣ Муҳсин. Шояд сароғози ҷанги савум / Ҳамтӣ Муҳсин. –Теҳрон, 1380.
6. Асадӣ Сӯҳроб. Ҷинояте дар пардаи ибҳоми 11сентябр / Асадӣ Сӯҳроб. –Теҳрон: Роҳи зафар, 1382.
7. Навом Чомсакӣ. 11 сентябр ва ҳамла ба Ироқ / Навом Чомсакӣ; Мутарҷим Беҳрӯз Ҷандақӣ. -Қум: Асри расона, 1381.
8. Тавади Эмануил. Марсияе барои императории Амрико / Тавади Эмануил. –Теҳрон: Субҳидам, 1383.
9. //Партави сухан. Эрон, 1389.6.31.
10. // Кайҳон. –Теҳрон, 1381.8.6.



**ОДИННАДЦАТОЕ СЕНТЯБРЯ И ЕГО ПОСЛЕДСТВИЯ НА МЕЖДУНАРОДНОЙ АРЕНЕ**

В данной статье автор рассматривает трагические события 11 сентября 2001 года, которые потрясли Америку и стали поворотным моментом в истории США. Под влиянием событий 11 сентября произошли серьезные изменения во внутреннй и внешней политике США, которые коснулись и других стран.



**Ключевые слова:** трагические события 11 сентября 2001 года, США, международная арена, международные отношения, последствия терактов.



**THE ELEVENTH OF SEPTEMBER AND ITS CONSEOUENCES IN THE INTERNATIONAL ARENA**

In this article the author examines the tragic events of 11 September 2001, which shook America and became a turning point in U.S. history. Under the influence of the events of 11 September have been major changes overlook and U.S. foreign policy, which also affected other countries.



**Key words:** tragic events of 11 September 2001, the U.S. international arena, international relations, the consequences of terrorist attacks.



**Сведения об авторе:** ***Фотима Раджаби*** – соискатель Института философии политологии и права АН РТ


# БАРРАСИИ АНДЕШАҲОИ РУССО, ГОББС ВА ЛОК ДАР МАКТАБИ ҚАРОРДОДИ ИҶТИМОӢ ВА УСУЛИ РИЗОИЯТ


***Хушбахт Маҷидӣ***

**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**


Дар иртибот бо назариёти мухталиф дар хусуси авомил ва маншаи эҷоди давлат, лозим аст, ки гузаре ба дидгоҳи абзории давлат дошта бошем. Дар дидгоҳи абзорӣ давлат ба унвони як маҳсули иродӣ, ки тавассути инсон ба вуҷуд омадааст, пардохта мешавад. Дар ин дидгоҳ давлат абзоре аст, ки инсонҳо барои расидан барои аҳдофи хосе онро падид овардаанд. Дар ин ҷо давлат натиҷаи як қарордоди иҷтимоӣ аст, ки дорои ин хусусият аст: 1) таҷзияпазир аст; 2) байни аҷзои давлат таъсири мутақобила вучуд дорад; 3) аҷзои давлат куллӣ ва рушднопазир ҳастанд ва аз дарун тавоноии баст ва густариш надоранд. Ба ибораи дигар, давлат таъмикунандаи чизе аст, ки табиат онро барои инсонҳо дар вазъи табиӣ фароҳам накардааст ва он иборат аст аз амният ва озодӣ. Аз ин рӯ, давлат барои инсон вуҷуд дорад, на инсон барои давлат.

**Баррасии андешаҳои Руссо, Гоббс ва Лок дар мактаби қарордоди иҷтимоӣ ва усули ризоият**. Томас Гоббс дар соли 1588 дар Англия, дар замони кашмакашии ҷанги Армада байни Испания ва Англия ба дунё омад [1]. Метавон гуфт, ки омӯзаи мавриди алоқаи Гоббс мутлақгароӣ аст ва он низ вуҷуди ҳукумати мустабид аст. Илали иттихози чунин фаласафаеро метавон дар ду нукта ҷустуҷӯ намуд. Аввал, муҳити иҷтимоӣ ва адами эҳсоси амнияти фардӣ ва дувум, дидгоҳи хоси вай нисбат ба инсон [2], ба ин сурат, ки ғаризаи роҳатталабӣ ва ҳайвониро муҳаррики инсон медонист ва муътақид буд, ки барои маҳори ғаризаи роҳатталабии афрод ва эҷоди амният дар ҷомеа, лозим аст ҳукумате вуҷуд дошта бошад, ки дар ниҳояти истибдод ва зӯр ва диктаторӣ субот ва амниятро дар ҷомеа мустақар намояд.

Гоббс вазъияти пеш аз қарордоди иҷтимоӣ ва барпойии як ҳукуматро, ки ҳамон вазъи табиӣ аст, бисёр **дадманишона** талаққӣ мекунад. Вазъи табиӣ вазъи «ҷанги ҳама алайҳи ҳама» аст. Табиати инсон вайро ба як танозуи пойдор мутамоил месозад, чун ҳама дар вазъияти табиӣ дар истеъдодҳо мусовианд ва ҳар кас суди худро меҷӯяд ва дар ин вазъият худхоҳӣ султаи мутлақ дорад, дар ин вазъ, ки ҳар фард душмани дигарон аст, инсон дар иртибот бо бақия монанди гург аст [3], вале ҳамон рағбатҳо ва нафратҳое, ки инсонро ба душманӣ бо ҳамнавъашон бармеангезад, ӯро ба ин орзу меандозад, ки барои имтиёзҳое, ки як муҳити сулҳомез барои ӯ ба бор меоварад, дар канори ҳамнавъони хеш дар ниҳояти сулҳ ва ҳамоҳангӣ бирасад. Ҳамин майли инсонҳо ба сулҳ ва амният эшонро вомедорад, ки ба таъсиси як қудрати ҳоким иқдом кунанд.

Аммо аз назари Лок вазъи табиӣ вазъи пеш аз иҷтимоӣ шудани беқонунӣ набуд. Вазъе набуд, ки дар он инсонҳо дар душманиии мутақобила зиндагӣ кунанд, балки дар он сулҳ ва хирадмандӣ барқарор буд ва қонуни табиат бар рафтори инсон дар ҷомеа ҳоким буд. Қонуни табиӣ на танҳо ҳуқуқ, балки вазоифи инсонро низ мушаххас мекард. Бо ин ҳол, ба ақидаи Лок дар вазъи табиӣ навъе носозгорӣ вуҷуд дошт, бо вуҷуди он ки ҷанги ҳама алайҳи ҳама набуд, аммо вазъе буд, ки дар он сулҳ низ пойдор набуд [4].

Ба ақидаи Ҷон Лок инсонҳо ҳеҷ як аз ҳуқуқи табиии худро, ки дар вазъи табиӣ доштанд, вогузор накарданд ва танҳо як ҷанбае аз ҳуқуқи онҳо вогузор шуд, яъне ҳаққи тафсир ва иҷрои қонуни табиӣ ё таъйини ҳудуди ҳуқуқи табиӣ. Лок ва Гоббс эътиқод доштанд, ки давлат ба манзури хориҷ шудани инсон аз вазъи табиӣ таъсис шудааст, дар ҳоле ки Жан-Жак Руссо таъсиси давлатро иқдоме дар ҷиҳати наздик кардан ва балки бозгардонидани зиндагии инсон ба шароити идеалии вазъи табиӣ медонад [5].

Аз назари Руссо вазъи табиӣ дар асл вазъи сулҳ ва саодат буд, аммо ду омил - рушди ҷамъият ва ниҳоди моликият, саодати инсонҳоро дар вазъи табиӣ нобуд кард ва пас аз ин инсон дарвоқеъ ба вазъи табиии Гоббс таназзул кард [6]. Вай дар китоби худ таҳти унвони «Қарордоди иҷтимоӣ», ки дар соли 1762 мунташир шуд, мегӯяд: «Инсон зотан аз назари ахлоқӣ ва аз лиҳози илмӣ мустаид аст ва ин аст, ки ӯро ба сӯйи бадӣ савқ додааст, лизо, бозгашт ба ҳаёти нахустин ҳам лозим ва шӯрангез аст» [7].

Инсоншиносии Гоббс низ мутаассир аз ҳамон нигоҳи табиатгароёна аст, ки дар маърифатшиносии ӯ намудор аст. Инсон ҳайвоне аст, ки тамоми корҳо ва ҷунбиши ӯ фақат ва фақат ба ду ангеза анҷом мешавад: тарс ва суди шахсӣ. Ва ангезаҳои дигар ба ин ду омили аслӣ фурӯкоста мешаванд. Гоббс зотан инсонро шӯрвар, худхоҳ, бадсиришт ва монанди соир ҳайвонот хашин ва даррандахӯй талаққӣ мекунад. Албатта, ба назари Гоббс инсон дар айни шӯрвар будан, дар вазъи табиӣ дорои абзоре ба номи ақл низ ҳастанд [8]. Танҳо сифате, ки муҷиби мутамоиз сохтани инсон аз дигар мавҷудот мешавад, истеъдоди ӯ дар тафаккури ақлӣ аст. Вале доштани ақл амре ҳарчанд муҳим аст, дарвоқеъ тағйире дар тасвири Гоббс аз инсон намедиҳад, зеро ӯ ақлро сирфан васила медонад. Гоббс дар фасли ҳафтодуми асараш «Левиафан» дар боби илали эҷод ва таърифи давлат мегӯяд: «Ҳадаф, ғоят ва ё хости ниҳоии одамиён (ки табиатан дӯстдори озодӣ ва султа бар дигаронанд) эҷоди маҳдудият бар худашон (ки ҳамон зиндагӣ кардан дар даруни давлат аст) дурандешӣ дар бораи ҳифз ва ҳаросати хештан ва ба табъи он таъмини зиндагии ризоятбахштаре аст, яъне ин ки ҳадафи онҳо раҳонидани хештан аз ҳамон вазъи ҷанги меҳнатборе аст, ки пайомади зарурии амёли табиии одамиён дар замоне аст, ки қудрати мушаххас ва машҳуд вуҷуд надошта бошад, то эшонро дар ҳолати тарсу бим нигоҳ дорад ва ба муҷиби тарс аз муҷозот, нисбат ба иҷрои паймонҳои хеш ва риояти қаонини табиӣ, ки дар фасли чаҳордаҳум ва понздаҳум зикр шуд, мулзам ва мутааҳҳид кунад» [9].

Бинобар ақидаи Гоббс вазифаи давлат ҳифзи амният аст ва роҳкориҳои ҳифзи амният ҳам дар дасти худи давлат аст, пас машрӯияти давлат дар ҳифзи амният аст ва давлати машрӯъ ҳам ҳамон давлати истибдодӣ аст, зеро хӯйи саркаш, палид ва шӯрвари инсонҳоро фақат аз тариқи зӯр метавон назорат намояд [10]. Назарияи сиёсии Гоббс яке аз корбурдҳои ҳамаҷониба ва мутакомили табиатгароии сареҳ ва рушанбаёнонаи сиёсат аст.

Гоббс дар оғози «Левиафан» мегӯяд: «Табиат ҳамчун чизҳои дигар мавриди тақлиди саноати инсон қарор мегирад, бинобар ин, одамӣ метавонад як ҳайвони маснӯӣ (давлат)-ро ба вуҷуд оварад. Зеро зиндагӣ чун дар он бингарем, чизе ҷуз ҳаракати андомҳо нест ва маншаи он дар асли даруниии одамӣ аст, зеро натавонем гуфт, ки ҳама дастгоҳҳои худкор ҳаёти маснӯӣ доранд, зеро қалб чист, ҷуз фанаре ва аъсоб, ҷуз симҳое ва мафосил ҷуз чархҳое, ки сонеъ хостааст саросари «баданро» ба ҳаракат дармеоварад? Ин саноат аз ин фаротар меравад ва аз он асари хирадмандона ва бисёр арҷманд, яъне

инсон тақлид мекунад, зеро аз баракати ин саноат аст, ки он Левиафани бузург ба номи сиёсӣ ё давлат офарида мешавад, ки чизе ҷуз як инсони маснӯӣ нест. Ва ҳарчанд қад ва қомат ва нерӯи бештар аз инсони табиӣ дорад, ғариз аз он ҳифозат ва дифоъ аз ӯст» [11].

Назарияи сиёсии Лок ва Руссо низ ҳаммонанди назарияи сиёсии Гоббс бар маърифатшиносӣ ва бардошти эшон аз табиати башар устувор аст. Баръакси Гоббс, Лок ва Руссо ба инсон нигоҳи хушбинона доранд ва инсонро зотан нексиришт медонанд. Ҳамин навъ нигоҳ ба инсон Лок ва Руссоро дар назарияи сиёсиашон низ ба чизе мутафовут аз «Левиафан»-и Гоббс мерасонад.

Лок тасвири Гоббс аз инсонро низ яксара мардуд мешуморад. Назарияи равоншинохтии Лок дар мавриди инсон моҳияти гуманистӣ дорад, яъне ақидааш бар ин аст, ки инсон ҳайвони ахлоқӣ ва иҷтимоӣ аст. Лок баёнкунандаи ин фикр аст, ки одамиён аз як эҳсоси иҷтимоӣ бархурдоранд, ки табиатан ононро ба гирди ҳам меоварад ва лозим нест барои ҷилавгирӣ аз пайкор доиман миёни онҳо ба қавои қаҳрия тамассук ҷуст. Аз он ҷо ки Лок инсонро тобеи як низоми ахлоқӣ медонад, аз дидгоҳи равоншинохтӣ инсони ӯро аз инсони Гоббс мутамоиз месозад, зеро инсони Гоббс танҳо аъмоли худро ба ангезаи лаззати ҷисмонӣ ва ҳайвонии бартариҷӯӣ анҷом медиҳад, инсони Лок нидои вазоиферо мешунавад ва лоақал гоҳ-гоҳе ба он эътино меварзад, дар ҳоле ки инсони Гоббс ҳамеша мавҷуди яксар худпараст аст. Инсони Лок гоҳ мавҷуде воқеан навъдӯст мегардад, зеро дар ин вазъ қонуни табиат қонуне аст ахлоқӣ ва мунтабиқ бо ақл бар касони ҳокими фаромост [12].

Дар мақоми муқоисаи андешаҳои Лок ва Гоббс метавон гуфт, ки яке аз ваҷҳи иштироки ин ду мафҳум инсон аст. Яъне, ҳарду барои шурӯи баҳси сиёсат аз инсон шурӯъ мекунанд. Ба ин наҳв ки Гоббс инсонро муртакиб аз ду сифат – иктисобӣ ва фитрӣ медонад ва барои расидан ба ҳукумати матлуб аз фитрати инсони табиӣ, ки дар вазъи табиӣ қарор гирифтааст, баҳс мекунад ва истидлол мекунад, ки инсони табиӣ мавҷуде шӯрвар, палид ва озодихоҳ аст. Лок ҳам аз вазъияти табиии инсон шурӯъ мекунад ва ба муҳимтарин масъалаи андешаи сиёсӣ дар он замон ки иборат аз ёфтани роҳбарони солеҳ буд, мепардозад. Зеро ба унвони як асли куллӣ байни андешамандон пазируфта шуда буд ки, агар роҳбар ё зимомдори хуб бошад, ҳукумат ва ҷомеаи хуб ба вуҷуд меояд ва дар ғайри ин сурат, ҳукумат ҳам бад хоҳад буд. Ҷон Лок бо ду равиш ба ин асл пардохтааст, ибтидо бо равиши истидлолӣ ва дувум, бо равиши таҷрибӣ [13].

Нуктаи дигари иштироки Гоббс ва Лок, дар мафҳуми ризоият нуҳуфтааст. Ба ин маъно ки Гоббс муътақид аст, ки ба воситаи вазъи табиӣ барои инсон, ки дар он аз ҳадди ақали амният ва ҳадди аксари озодӣ бархурдор аст, инсонҳо бо ризоияти худ аз мизони озодӣ мекоҳанд ва бо эҷоди давлат миёни амният ва озодӣ таодул барқарор мекунанд. Лекин аз ин марҳила ба баъд мафҳуми ризоият назди Гоббс ва Лок мутафовут мегардад, зеро Лок муътақид аст, ки ҳеҷ давлате бидуни ризоияти аъзои ҷомеа ҳаққи ҳукумат надорад, вале Гоббс муътақид аст, ки ба воситаи ин ки вуҷуд дорад, ҳақ дорад ва ҳар гуна бихоҳад, метавонад амал намояд, то амниятро барқарор созад. Ин дар ҳолест, ки бино бар ақидаи Лок машрӯияти ҳар давлат дар сурате муҳаққақ аст, ки ҳуқуқи афроди матбӯъро шиносоӣ ва аз он пуштибонӣ намояд.

Метавон гуфт, ки ҷавҳари андешаи ризоият ин аст, ки ҳеҷ кас маҷбур нест аз қудрати сиёсӣ ҳимоят ва ё итоат кунад, магар ин ки ӯ шахсан ба омирияти он ризоият дода бошад [14]. Вай робитаи байни давлат ва афродро дар зери унвони қарордод намеоварад ва барои он унвони дигареро ба кор мебарад, ки аз ҳуқуқи хусусии Англия гирифта шудааст ва он унвони амонат ва амонатдорӣ аст [15]. Ҳамчунин, дар баҳси ҷилавгирӣ аз истибдод, Лок муътақид аст, ки ба ҳар ҳол афрод, зери унвони қарордодӣ, ки аз тариқи намояндагии соҳибиқтидор мешунавад, мумкин аст ба наҳве аз қудрат ва иқтидори худ сӯйистифода намояд ва ё ҳоким ба амонате, ки мардум дар ихтиёри онон қарор додаанд, хиёнат намоянд ва ҳукуматро дар ҷиҳати ибҳом ва адами субот ва истибдоди мутлақ пеш баранд. Дар ин сурат мардум ҳақ доранд алайҳи ҳоким даст ба шӯриш бардоранд, зеро саҳеҳ аст, ки ҳоким қудрат дорад, вале қудрат мавҷуди ҳақ нест. Бинобар ин, то замоне ки маҳкумин розӣ ба ҳукумати ҳоким нестанд, ҳукумати вай машрӯъ нахоҳад буд. Мардум ҳақ доранд дар сурати адами таҳаввул ба ҳангоми қудрат аз сӯйи ҳоким ба зӯр онро аз ғосибон пас бигиранд. Ин меросе буд, ки Лок барои Англия ва ҷаҳониён ба ёдгор гузошт, лекин асари андешаи Лок ба фаросавиён аз ин ҳад ҳам бештар буд. Ба тавре ки дар Фаронса на танҳо тахте аз мафҳуми ризоият тавассути ҳоким, ононро аз ҳукумат халъ мекарданд, балки аз ин фаротар, ҳатто, қонуни асосиро таъвиз ё дар он таҷдиди назар мекарданд.

Жан-Жак Руссо файласуфи фаронсавӣ аз мудофеони бузурги озодии фардӣ, ҳокимияти мардумӣ ва демократияи мустақим ба шумор меравад. Руссо низ бар хилофи Гоббс ба хубии зоти инсон бовар дошт ва дар қарордоди иҷтимоӣ истидлол мекард, ки инсон табиатан покниҳод аст, аммо ҷомеа ӯро фосид мекунад. Омӯзиш ва парвариш бояд ӯро аз мафосиди ҷомеа дур нигаҳ доранд. Ҳеҷ гуна шароити табиӣ дар қалби инсон нест. Шарорат ва ташхиси нодуруст, ки бо сохтори инсон бегона аст, аз хориҷ вориди ин сохтор мешавад ва онро дар ҷиҳати табоҳӣ дигаргун мекунад. Вай аз маъдудаи мутафаккирон ва файласуфоне аст, ки дар поя ва асоси фикри худ бар ду асли асосӣ такя дошта, тавонистааст бар мутафаккирони зиёде таъсиргузор бошад. Ин ду асл иборатанд аз нексириштии инсон, ки тавассути ҷомеа ба нобаробарӣ кашида мешавад ва ин ки ҷавомеи кӯчак ва давлат - шаҳрҳо аз он ҷо ки ба табиати содаи инсонҳо наздиктаранд, арзиши бештаре доранд [16].

Қарордоди иҷтимоии Руссо қарордоде нест, ки бар асоси он нахустин ҷомеа ва давлат дар таърих ба вуҷуд омада бошад, балки қарордоде аст, ки ба муҷиби он ҷомеа ва давлати ормонӣ ва демократӣ дар оянда ба вуҷуд хоҳад омад [17]. Руссо бар асоси ақоид ба нексириштии инсон ба ҷойи «Левиафан»-и Гоббс дар назарияи сиёсиаш ба давлати қонунӣ ва ҳокимияти иродаи умумӣ мерасад ва адолат ва озодиро маҳюни қонун медонад ва интизоми ҳама умур (инсонҳо, моликият, омӯзиш ва парвариш, мазҳаб ва ғ.)-ро дар гарави қонун медонад.

Дар ниҳоят лозим ба тавзеҳ аст, ки дар баробари назариёте, ки маншаи дарунӣ ё дохилӣ барои пайдоиш ва таквини давлат қоиланд, бархе аз назарияҳо вуҷуд доранд, ки барои давлат маншаи хориҷӣ ва берунӣ қоиланд. Бар асоси ин дидгоҳҳо ва назариёт, давлат падидае аст, ки тавассути гурӯҳҳои дохилии як кишвар ё ҷамъият ва ё миллати мавҷуд дар як маҳдудаи хоси ҷуғрофиёӣ, ки ҳамон кишвар бошад, шакл намегирад, балки давлат гоҳ дар натиҷаи иҷбор ва бавижа аз ноҳияи хориҷ бар мардум ва сарзамини хосе таҳмил мегардад ва феъл ва инфиолот ва мароҳили лозим барои таквини давлат, тай намешавад. Ин вазъиятро давлатсозӣ бар асоси зӯр низ номидаанд. Бар хилофи назарияҳое, ки бар таквини давлат бо маншаи дарунӣ такя доранд ва бештар тавассути андешамандон ироа шудааст ва ҷанбаи академикии он қобили таваҷҷуҳ аст, давлатсозӣ бо маншаи берунӣ, ки як лоиҳаи таҳмилӣ мебошад, ки бештар тавассути сиёсатмадорон ва сарони қудратҳои бузург матраҳ шудааст.

Бо таваҷҷуҳ ба назарияҳои матраҳшуда дар мавриди авомили дарунии эҷоди давлат, метавон гуфт, ки аз назари илмӣ мушкил битавон зиндагӣ бидуни давлатро тасвир кард. Вуҷуди давлат на танҳо мубайяни вуҷуди маҷмӯае аз ниҳодҳост, балки ҳокӣ аз вуҷуди нигаришҳо ва шеваҳои аъмол ва рафторе аст, ки ба ихтисори маданият хонда мешаванд ва ба ҳаққи чизе аз тамаддун ба шумор меоянд. Албатта, бархе мавозеи фикрии гуногун нисбат ба зарурати вуҷуди давлат шакку тардид кардаанд, анархистҳо андешаҳое дар хусуси ҷомеаи бедавлат арза намудаанд. Лекин дар сатҳи умури рӯзмарраи давлат ба сурати зарифе дар қисмати умдаи зиндагии мо даруни чаҳорчӯбаи давлат оғоз ва поён меёбад. Ҳамин тавр, давлат илова бар он ки мафҳуми печида аст, воқеиятест, ки наметавон онро нодида гирифт. Бинобар ин, бо таваҷҷуҳ ба назарияҳои матраҳшуда дар хусуси давлат метавон гуфт, ки давлатсозӣ гоҳ дар натиҷаи феъл ва инфиолоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва низоми дохилӣ сурат мегирад. Ин шакл аз давлатсозӣ, ки умуман ҷанбаи дарунӣ дорад, ба унвони як лоиҳа қаламдод мегардад ва аз он ба унвони лоиҳаи давлатсозӣ ёд мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Гоббс Т. Левиафан / Т.Гоббс; тарҷумаи Баширия Ҳусейн. –Теҳрон: Нашри Най, 1387. –С. 18.
2. Аҳмад Бахшоиши Ардастонӣ. Сайри таърихии андешаҳои сиёсӣ дар Ғарб / Аҳмад Бахшоиши Ардастонӣ. –Теҳрон: Овои нур, 1383. –С.99.
3. Маҳмуд Саноӣ. Озодии фард ва қудрати давлат / Маҳмуд Саноӣ. –Теҳрон: Ҳурмуз, 1384. –С. 10.
4. http://ravaq.net
5. http://w w w .bashgah. net
6. http://ravaq.net
7. Ҳасан Ализода. Фарҳанги хоси улуми сиёсӣ / Ҳасан Ализода. –Теҳрон: Равзана, 1377. –С. 28.
8. Аҳмад Бахшоиши Ардастонӣ. Сайри таърихии андешаҳои сиёсӣ дар Ғарб / Аҳмад Бахшоиши Ардастонӣ. –Теҳрон: Овои нур, 1383. –С. 100.
9. Гоббс Т. Левиафан / Т.Гоббс; тарҷумаи Баширия Ҳусейн. –Теҳрон: Нашри Най, 1387. –С. 18.
10. Аҳмад Бахшоиши Ардастонӣ. Сайри таърихии андешаҳои сиёсӣ дар Ғарб / Аҳмад Бахшоиши Ардастонӣ. –Теҳрон: Овои нур, 1383. –С102.
11. Эндрю Венсент. Назарияҳои давлат / Эндрю Венсент; тарҷумаи Ҳусейн Баширия. –Теҳрон: Нашри Най, 1387. –С. 99.
12. Маҳмуд Саноӣ. Озодии фард ва қудрати давлат. –Теҳрон: Ҳурмуз, 1384. –С. 76.
13. Аҳмад Бахшоиши Ардастонӣ. Сайри таърихии андешаҳои сиёсӣ дар Ғарб / Аҳмад Бахшоиши Ардастонӣ. –Теҳрон: Овои нур, 1383. –С107.
14. Simmons, A.J.1979: Maral Principles and Political Obligations. Prinston, NJ: Prinston University Press.p. 462.
15. Маҳмуд Саноӣ. Озодии фард ва қудрати давлат / Маҳмуд Саноӣ. –Теҳрон: Ҳурмуз, 1384. –С. 93.
16. Аҳмад Бахшоиши Ардастонӣ. Сайри таърихии андешаҳои сиёсӣ дар Ғарб / Аҳмад Бахшоиши Ардастонӣ. –Теҳрон: Овои нур, 1383. –С. 125.
17. Ҳусейн Баширия. Омӯзиши дониши сиёсӣ / Ҳусейн Баширия. –Теҳрон: Нигоҳи муосир, 1386. –С.277.


## ИССЛЕДОВАНИЕ РАЗМЫШЛЕНИЙ РУССО, ГОББСА И ЛОКА ОТНОСИТЕЛЬНО ТЕОРИИ ОБЩЕСТВЕННОГО ДОГОВОРА И МЕТОДА ЕДИНОГЛАСИЯ


Теория общественного договора была основным орудием критики традиционной власти в преддверии появления новых наций-государств, а также попыткой найти теоретическое и рациональное основание для этих государств. Именно эта теория послужит фундаментом для новых демократий, которые основаны на единогласном мнении жить в едином политическом обществе (государстве). Джон Локк, Томас Гоббс и Жан Жак Русо являются важнейшими теоретиками этого подхода в западной общественно-политической мысли



**Ключевые слова:** общественный договор, теория общественного договора, концепции общественного договора, Джон Лок, Гоббс, Руссо, формирование государства, условия человеческого существования, гражданские права, достижение результатов.

**RESEARCH REFLECTIONS ROUSSEAU, HOBBES AND LOCKE ON THE THEORY OF THE SOCIAL CONTRACT AND THE METHOD OF UNANIMITY**

*Majidi Khoshbakht*
**Department of political science college of Humanities Islamic Azad University Ahvaz branch, Ahvaz, Iran**

The theory of the social contract was the main instrument of criticism of traditional authorities in anticipation of the emergence of new nation-States, as well as attempt to find theoretical and rational basis for these States. This theory will serve as a Foundation for new democracies, which are based on the unanimous opinion to live in a single political society (the state). John Locke, Thomas Hobbes and Jean Jacques Rus are the most important theorists of this approach in Western social and political thought

**Key words:** social contract theory social contract conception of the social contract John Locke, Hobbes, Rousseau, state formation, conditions of human existence, civil rights, achieving results.

**Сведения об авторе:** ***Хушбахт Маджиди*** – соискатель Института философии политологии и права АН РТ

# ТАҚОБУЛИ АРЗИШҲОИ СИЁСИИ ИСЛОМ ВА СЕКУЛЯРИЗМ ДАР СОХТОРИ ҲУКУМАТ

***Ҳусайни Асгарӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Барои ворид шудан ба баҳси тақобули арзишҳои сиёсии ислом ва секуляризм аввал, бояд ба унсурҳои ташкилдиҳандаи сохтори ҳукумат дар Ҷумҳурии Исломии Эрон бипардозем. Сипас, бо равшан шудани омилҳои ташкилдиҳандаи сохтори ҳукумат ва тавофутҳое, ки байни сохтори ҳукумати Эрон баъд аз инқилоб бо сохтори низомҳои секуларизм дар ҷаҳон вуҷуд дорад, ба тафовутҳо ва созгориҳои ин ду низом пай хоҳем бурд ва натиҷа хоҳем гирифт, ки оё арзишҳои сиёсии ислом бо арзишҳои сиёсии секуларизм ҳамоҳангӣ доранд, ё ин ки байни инҳо муқобилат ва зиддият вуҷуд дорад? Дар ин қисмат ба 4 рукн аз аркони аслии сохтори низоми сиёсии ҷумҳурии исломӣ, ки иборатанд аз: вилояти фақеҳ, демократия, мардумсолории диннӣ, машруиият, хоҳем пардохт.

**1.** Аввалин вижагии сохтори Ҷумҳурии Исломии Эрон вилояти фақеҳ мебошад. Бо пирӯзии инқилоб дар Эрон бо роҳбарии Имом Ҳумайнӣ бори аввалин ҳукумати динӣ бо райъҳои аксарияти мардум дар Эрон барқарор гардид ва дар болои он валии фақеҳ қарор мегирифт, ки ин навъ аз ҳукумат дар шакли худ дар ҷаҳон беназир буд. Дар бораи мабнои машруияти валии фақеҳ ихтилофи назари асосӣ вуҷуд дорад. Бархе муътақиданд, ки ҳокимияти мутлақ аз ҷониби Худованд мебошанд ва Худованд, барои ин ки битавонад барномаҳое дар замин пиёда кунад, Паёмбарро (с) бо унвони халифа ва ҷонишин худ дар рӯйи худ қарор дода ва аз назари шиа пас аз он имомони масъум, ки ҳазрати Алӣ (а) ва 11 тан аз фарзандони ба воситаи ӯ ба унвони ҷонишин интихоб шуданд. Пас аз он, уламои дин, ки дорои шароити хос барои роҳбарии ҷомеаи исломӣ ҳастанд, ба унвони валии фақеҳ интихоб мешаванд. Аз назари инҳо (вилояти фақеҳ) машруияти худро аз тарафи Худованд гирифта ва мансуб аз ҷониби Худованд мебошад. Имом Ҳумайнӣ ва Оятулло Ҳумайнӣ ва бисёр аз ёрон ба шогирдони вай, ки дар даруни инқилоб буданд, мӯътақид ба ин назария мебошанд[1]. Бархе дигар машрӯияти вилояти фақеҳро аз ҷониби интихоби мардум медонанд, ки ба вилояти интихобии фақеҳ маъруф аст. Оятулло мунтазирӣ баъдан тарафдори ин назария мебошад. [2]

Дар муқобили вилояти фақеҳ назария (ваколати фақеҳ) қарор дорад, ки инҳо қоиланд мардум метавонанд, олами диниро ба унвони вакил барои идораи умури кишвар интихоб намоянд, ки ба ҷиҳати ихтисор ба ҳамин андоза қаноат мекунем[3].

Ҳоло бо таваҷҷуҳ ба матолиби боло бояд гуфт, ки дар Эрон мардум то кунун ба ду шева валии фақеҳро таъин карданд. Таъйини имом Ҳумайнӣ ба унвони роҳбар ва валии фақеҳ замоне буд, ки қонуни асосӣ вуҷуд надошт. Мардум инқилоб карданд ва имомро ба унвони роҳбар ва валии фақеҳ интихоб намуданд. Шеваи дувум, ин ки мардум иддае аз уламои боломартаба барои маҷлиси олимон интихоб мекунанд ва ин гурӯҳ валии фақеҳро删 бармегузинанд. Ин шева дар даврони роҳбарии Оятулло Ҳумайнӣ сурат гирифт. Яъне мардум ба восита дар таъини роҳбарӣ ва валии фақеҳ нақш доранд.

**2. Демократия.** Дувумин вижагии сохтори Ҷумҳурии Исломии Эрон асли демократия мебошад. Демократия дар таърихи мухтасар иборат аст аз «ҳукумати мардум бар мардум ба василаи мардум ва бо райъи мардум аст»[4]. Дар ин навъ низомҳо мардум ба навъи дар шаклгирӣ ва идораи умури ҷомеа дахолат доранд. Мардум касеро барои мутасадии умумии ҳукумат ҳамчун вазъи қонун ва иҷрои он интихоб мекунанд ва онҳо аз тарафи мардум ба унвони қонунгузорон ва иҷрокунандагон ба ҳисоб меравaнд. Дар воқеъ, онҳо аз тарафи мардум ва ба воситаи мардум ҳукумат мекунанд. Ҳоло мумкин аст, низоми демократӣ дорои усули мухталиф бошад. Мо ба баъзе аз усули муҳимми он ишора хоҳем кард:

**Озодӣ.** Яке аз усули муҳимми демократия озодӣ аст ва манзур аз озодӣ дар ин ҷо озодии сиёсӣ мебошад, ки шомили ҳуқуқи фард барои иштирок дар таъини ҳукумат аз тариқи интихобот ва аз роҳи ба даст овардани мансаби ҳукуматӣ аст. Дар низомҳои демократӣ аввалан, бояд замина барои

интихоботи озод омода бошад ба монанди он ки ҳеҷ кас тарс ва иҷбор дар раъй додан надошта бошанд. Сониян, рақобат байни интихобшавандагон фароҳам бошад. Озодӣ аз дидгоҳи ислом яке аз усули муҳимми дар низоми сиёсии ислом ба ҳисоб меравад. Усулан яке аз аҳдофи ба сатҳи паёмбарон, додани озодии иҷтимоӣ ба афроди ҷомеа мебошад ва набуди озодӣ муҷиб мешавад, ки дин заиф гардад. Гирифтани озодии афрод дар ҷомеа сабаб мегардад, ки истибдод дар он ҷомеа сар баровард. Дар воқеъ, низоми сиёсӣ барои ҷилавгирӣ аз ривоҷи истибдод бояд ба ҳуқуқ ва озодии афрод эҳтиром бигузорад[5].

**Баробарӣ.** Дувумин асли демократия баробарист. Баробарии сиёсӣ дар ҷоест, ки ҳамаи шаҳрвандон ё ҳади ақал тамоми шаҳрвандон саҳми баробар дар идораи умури ҷомеа ва ба даст овардани ҳар мансаб, ки қасд доранд ба даст оваранд. Албатта, баробарӣ ба ин маъно аст, ки ҳеҷ шарте вуҷуд надошта бошад. Дар низомҳои демократӣ баробарии тамоми шаҳрвандон ҷиҳати ҳуқуқи интихоботӣ вуҷуд дорад. Асли баробарӣ дар дини ислом яке аз усули асосӣ мебошад, ки мавриди таъйиди дин қарор гирифтааст. Мусулмонони ҷаҳон аз ҳар нажод ва қавму қабила зери парчами воҳиде ҷамъ мешаванд.

**Ҳокимияти мардум.** Дар низоми демократӣ ҳокимият аз они аксарият мардуме аст, ки бар онҳо ҳукумат мешавад, вале дар низоми исломӣ ҳокимият илоҳӣ мебошад. Зеро асли аввалӣ дар низоми исломӣ ин аст, ки инсон наметавонад ҳоким бар инсон бошад ва ҳокимият фақат аз тарафи худованд аст[6]. Яъне ҳар гуна фармон дар олами офариниш ба дасти худост ва барои ин ки фармони Худо дар замин пиёда шавад, намояндае мефиристад. Паёмбарон ва имомон ҷонишинони ӯ мебошанд. Бинобар ин, ҳокимият дар ҳукумати динӣ аз тарафи Худованд аст ва агар бар мардум ҳукумат сурат бигирад, бояд бо иҷозаи Худованд бошад.

**Мушорикат.** Дар низомҳои демократӣ мардум бо иштироки худ дар таъйини сарнавишти худ ва интихоби навъи ҳукумат саҳм доранд. Ин амр сабаб мешавад, ҳоким худсарона амал накунад ва дар сурати мушоҳидаи ҳокимияти диктаторӣ мардум метавонанд бо хос ва иродаи худ онро аз қудрат канор бигузоранд. Дар дини ислом ин мушорикати мардумӣ таъкид шуда, мардум дар умури куллии ҷомеа, мудирияти низоми сиёсӣ нақши мустақим ва фаъол доранд.

**3.** Севумин вижагӣ дар сохтори ҳукумат дар Эрон «мардумсолории динӣ» мебошад. «Мардумсолорӣ» аввалин бор тавассути Имом Ҳумайнӣ ба кор бурда шудааст. Аммо «мардумсолории диннӣ» аввалин бор тавассути роҳбари кунунии Эрон Оятулло Ҳумайнӣ ба кор бурда шуд, ки аз лиҳози мафҳум бо ҳам фарқ дорад. Ин ду вожа фақат дар решаи сиёсии ислом корбурд доранд. Зеро дар ислом бо ҳифзи ҳуқуқи мардум дар ҳавзаи сиёсат ва идораи умури ҷомеа ва парҳез аз модели ҳукумати истибдодӣ риояти усул ва решаҳои арзишӣ мавриди назар қарор мегирад ва бад ин сурат низоми исломӣ аз улгуи ҳукуматҳои секулари ғарбӣ ҷудо мешавад. Имом Ҳумайнӣ дар мавриди мардумсолорӣ мегӯяд, ки «шакли низом ҷумҳурӣ аст, ки бо такя бар раъйҳои умумии мардум ба даст хоҳад омад. Аммо муҳтавои он қавонини илоҳӣ аст».

**4.** Чорумин вижагии сохтори ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон машруият мебошад. Машруият он қудрати пинҳонӣ дар ҷомеа аст, ки мардумро бидуни иҷбор водор ба фармонбарӣ мекунад. Дар воқеъ, ҳокимон замоне аз машруият бархурдоранд, ки мардум бидуни иҷбор аз қудрати онҳо итоат кунанд[7]. Дар низомҳои демократӣ меҳвари машруият «пазириши мардумӣ» мебошад. Дар ин гуна низомҳо байни машруият ва мақбулият фарқ вуҷуд надорад. Зеро бо интихоби мардум, низом ё давлат қонунӣ ва воқеӣ мешавад. Аммо меҳвари мушруият дар низоми исломӣ фақат пазириши мардумӣ намебошад. Аз назари ислом мардум нақше дар мушруияти низоми сиёсӣ надоранд, балки мақбулият ва пазириши мардум дар коркарди низоми сиёсӣ нақши асосӣ иҷро мекунад[8].

Пас метавон гуфт, ки машруият дар ҳар ду низом вуҷуд дорад, дар низоми демократӣ фақат раъйҳои мардум машруиятовар аст. Вале дар низомҳои динӣ машруият илоҳӣ-мардумӣ мебошад. Яъне ҳам ҳокимият аз тарафи Худованд мебошад ва ҳам мардум дар он нақш доранд.

Ислом ба ташкили ҳукумати исломӣ барои идораи умури ҷомеа таъкид мекунад ва ҳадаф аз ташкили ҳукумат дар ислом ба саодат расонидани инсонҳо дар дунё ва охират мебошад ва ин ҳадаф бо пиёда шудани аҳкоми диннӣ дар ҷомеа амалӣ мешавад. Барои амалӣ шудани аҳкоми динӣ дар ҷомеа оё шакли хосе аз ҳукумат мадди назари ислом мебошад? Бояд гуфт, ки ислом ба куллиёти шакли ҳукумат таъкид дорад вале ба ҷузъёт, шакл ва сохтори ҳукумат таъкид намекунад. Мо дар ин таҳқиқ талош мекунем, баён кунем, ки ислом ба шакли ҳукумат таъкид надорад, балки таъкиди ислом ба муҳтавои ҳукумат мебошад.

Аз он ҷо ки низоми Ҷумҳурии Исломии Эрон низоме, бар асоси ҳукумати диннӣ мебошад сохтори ҳукумат дар Эрон бо баъзе аз аркони сохтори низомҳои демократӣ, ки моҳияти ҳукумати онҳо дунявӣ мебошад, муштарак мебошад. Натиҷа, ин ки аз ҳайси сохторӣ дар баъзе аз вижагиҳои низомҳои дунявӣ ва низоми исломӣ созгорӣ ва ҳамоҳангӣ вуҷуд дорад. Вале ба лиҳози муҳтавои ҳукумат ҳеҷ ҳамоҳангӣ байни ҳукумат вуҷуд надорад. Балки дар муҳтаво байни ин ду навъи ҳукумат (ислом ва секуляризм) муқобилият ва зиддият вуҷуд дорад. Зеро муҳтаво ва ҳадафи ин навъ ҳукуматҳо

аз ҳам фарқ доранд. Ҳадафи ҳукуматҳои секулярӣ ба саодат расонидани инсонҳо фақат дар дунё мебошад ва ҳадафи ҳукумати динӣ ба саодат расонидани инсонҳо дар дунё ва охират мебошад.


**АДАБИЁТ**

1. Ёрон ва шогирдони маъруфи Имом Ҳумайнӣ Муртазо Мутаҳарӣ, Саидмуҳаммади Биҳиштӣ, Абдулло Ҷаводи Омуллӣ, Муҳаммадтақии Мисбоҳи Яздӣ ва Муҳаммадбоқири Садр дар Ироқ аз ҷумлаи касоне буданд, ки қоил ба назарияи вилояти мансуби аз ҷониби Худованд буданд.
2. Ҳусайн Алии Мунтазирӣ. Мабонии фиқҳии ҳукумати исломӣ / Ҳусайн Алии Мунтазирӣ. Тарҷума ва таҳрир: Маҳмуди Салавотӣ ва Абулфазли Шакурӣ. –Теҳрон: Саробӣ, 1379. Ҷ. 3-С. 99-100
3. Меҳдии Ҳоирӣ. Ҳикмат ва ҳукумат / Меҳдии Ҳоирӣ. –Лондон: Шодӣ, 1995. -С. 73-74.
4. Симор Липест Мартин. Доират-ул-маорифи демократия / Симор Липест Мартин. -Теҳрон: Нашри Вазорати умури хориҷа. 1385. Ҷ. 2.
5. Муртазо Мутаххарӣ. Перомуни инқилоби исломӣ / Муртазо Мутаххарӣ. -Қум: Ҷомеаи муддарисӣ, 1361. -С.67.
6. Ҳасани Мамдуҳӣ. Ҳикмат ва ҳукумат фақеҳ / Ҳасани Мамдуҳӣ. - Қум: Бӯстони китоб, 1385. Ч.1. -С.87.
7. Морис Дувержу. Боистҳои ҷомеашиносии сиёсӣ / Морис Дувержу. Тарҷумаи Абулфазли Қозии Шариатпаноҳӣ. -Теҳрон: Додгустар, 1377. Ч. 1. -С. 113.
8. Муҳаммадтақии Мисбоҳи Яздӣ. Назарияи сиёсии ислом / Муҳаммадтақии Мисбоҳи Яздӣ. –Қум: Муассисаи омӯзишӣ ва пажӯҳишии Имом Ҳумайнӣ. 1384. Ҷ. 2. -С. 43.


## ПРОТИВОПОСТАВЛЕНИЕ ПОЛИТИЧЕСКИХ ЦЕННОСТЕЙ ИСЛАМА И СЕКУЛЯРИЗМА В СТРУКТУРЕ ПРАВИТЕЛЬСТВА


Идея светской модели управления государством зародилась в Европе и европейские секулярные тенденции стали постепенно переходить и на исламский мир, во многих регионах которого также наметилось стремление к секуляризации и заимствованию европейского опыта по замене теократической модели власти на светскую. В особенности такие тенденции были сильны в тех регионах исламского мира, которые непосредственно контактировали с европейскими странами, либо же в силу тех или иных обстоятельств попали под колониальную зависимость от них. Светское мировоззрение не признает официальным ни одно из религиозных вероисповеданий. Для него все религии равны. Государственные и религиозные институты действуют отдельно и не вмешиваются в дела друг друга. Но, в то же время, существуя в государстве, религия не может стать полностью независимой от него. Поэтому, в действительности, она имеет автономный статус. Статья посвящена изучению данной темы.



**Ключевые слова:** светская модель управления государством, исламский мир, секуляризация и заимствование европейского опыта, религия, светское мировоззрение.


## THE JUXTAPOSITION OF POLITICAL ISLAM AND SECULARISM IN THE STRUCTURE OF GOVERNMENT


The idea of a secular model of governance originated in Europe and European secular trends began to gradually move and the Islamic world, in many regions, which also showed a commitment to secularism and the adoption of European experience replacing theocratic model of the secular authorities. In particular, these trends were strongest in those regions of the Islamic world, which were in direct contact with the European countries, or because of certain circumstances came under colonial dependence. The secular worldview is not recognized by the official none of the religious faiths. For him, all religions are equal. The state and religious institutions operate separately and do not interfere in each other's Affairs. But, at the same time, existing in the state, religion cannot become fully independent from it. So, in reality, it has an Autonomous status. The article is devoted to the study of this topic.



**Key words:** secular model of government, the Islamic world, secularization, and the borrowing of European experience, religion, secular worldview.



***Сведения об авторе: Хусайн Асгари*** -– соискатель Института философии, политологии и права АН РТ


# ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ МУҲОҶИРАТ


***Ҳумоюн Фарзом***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Муҳоҷират ҳамеша дар таърихи башарият вуҷуд дошт ва айни замон низ ба яке аз масъалаҳои муҳим ва дархӯри таваҷҷуҳ дар соҳаҳои ҷомеашиносӣ, фарҳанг, тамаддун ва равобити байналмилал мубаддал шудааст. Муҳоҷират дар замонҳои қадим ба сурати як раванди давомдор ва одӣ зоҳир нашуда, балки инсонҳо дар замонҳои мухталиф ба далелҳои хос, монанди ҷангҳо ва ҷобаҷоииҳои қудратҳо, қаҳтӣ, балоҳои табиӣ иқдом ба муҳоҷират мекарданд. Аммо баъд аз инқилоби саноатӣ муҳоҷират далелҳои мутафовити дигар пайдо кард. Имрӯзҳо масъалаи муҳоҷират ба сурати як падидаи ҷаҳонӣ ва фарогир табдил шудааст, ки инсонҳое зиёде ба далелҳои гуногун ва аз ҷумла, барои дастёбӣ ба имконоти бештар ба он рӯ овардаанд.

Имрӯзҳо муҳоҷирати фардӣ ва умумӣ бо ҳар далеле ва ангезае, ки сурат гирад, аз муҳимтарин пешдаромадҳои ошноии миллатҳо бо якдигар аст. Ин ошноӣ низ ба навбати худ пешдаромади лозим барои ҳаракати фарҳангӣ аст ва ҳаракати фарҳангӣ дар навбати худ боиси шаклгирии тамаддунҳо мегардад. Муҳоҷирати инсонҳо ҷомеаро ба ҳам пайванд медиҳанд, муҳоҷират унсурҳо ва ниҳодҳо, дастовардҳои фикрӣ, хунарӣ, фарҳангӣ ва сиёсии як миллату фарҳангро густариш медиҳад ва заминаи ҳифзи онро фароҳам месозад. Ба ибораи дигар, қолаби муҳоҷират аст, ки инсонҳои замони муосир андешаи худро ба ҷаҳон густариш додаанд. Танҳо нафароне, ки аз таърих беиттилоъ ҳастанд, муҳоҷиратро ҳамчун нуқсони ҷомеа медонанд. Ин афрод дар замон ва макони худ зиндагӣ мекунанд

ва аз оянда метарсанд, ҳол он ки дар тӯли таърих ҷо ба ҷойии инсонҳо заминаҳои табодул ва рушди фарҳангҳои гуногунро ба вуҷуд овардааст.

Муҳоҷират ва паноҳҷӯӣ ба сурати яке аз хусусиятҳои муҳимми рафтори шахсии ҳаёти байналмиллалӣ ҳаст. Муҳоҷирин ва паноҳҷӯён яке аз нахустин мавзӯоти мавриди таваҷҷӯҳи ҷомеаи миллал будааст. Як гуруҳ инсонҳо бо сабабҳои гуногун сарзамини аслии худро тарк намуда, дар ҷустуҷӯйи зиндагии беҳтар ба сарзаминҳои дигар сафар менамоянд.

Муҳоҷират ҳаракати ҷамъиятӣ байни қаламравҳо мебошад, ки боиси тағйири макони сукунат мешаванд. Мафҳуми муҳоҷират дар «Фарҳанги Муин» ба маънои «аз сарзамини худ ба ҷойи дигар интиқол кардан» омадааст. Дар луғатномаи Деҳхудо ба маънии «тарки диёр гуфтан ва дар макони дигар иқомат кардан» омадааст. Дар «Фарҳанги Амид»бошад, муҳоҷират ба маънои аз ҷое ба ҷойи дигар рафтан ва дар он ҷо манзил кардан, дурӣ кардан аз шахр ва диёри худ омадааст [1].

Илмҳои мухталиф муҳоҷиратро ба таносуби ниёзи худ шарҳ додааст. Дар илми ҷомеашиносӣ инсонҳо бо таваҷҷуҳ ба нигаришҳо ва дидгоҳҳои худ ба баёни ин калима пардохтаанд. Дар ҷомеашиносӣ ба таври умумӣ муҳоҷират иборат аст аз тағйири маҳалли иқомати фард ва ҳаракат намудан аз як нуқта ба нуқтаи дигар [2].

Муҳоҷират дар китоби луғатномаи ҷамъиятшиносии Созмони Милали Муттаҳид ин гуна таъриф шудааст: «Шакле аз ҳаракати ҷуғрофиёӣ ё тарки макони аст, ки байни ду воҳиди ҷуғрофиёӣ сурат мегирад. Ин ҳаракати ҷуғрофиёӣ тағйири иқоматгоҳ аз макони ибтидоӣ ё маҳалли ҳаракат ба мақсад ё маҳалли вуруд мебошад. Ин гуна муҳоҷиратҳоро муҳоҷирати доим гӯянд ва онро аз шаклҳои дигари ҳаракати ҷамъиятӣ фарқ бояд кард» [3].

Муҳоҷират ба маънои умумӣ, иборат аст аз тарки сарзамини аслӣ ва сокин шудан дар сарзамини дигар ба таври доим ё муваққат, вале ба маънои хоси калима, ки муҳимтарин навъи ҳаракати ҷамъиятӣ мебошад, иборат аст аз ҷобаҷойии дастаҷамъӣ ё инфиродии инсонҳо ба таври доим ва бидуни қасди бозгашт ба иқоматгоҳи пештара мебошад.

Мутаассифона, иттифоқи назари куллӣ дар мафҳуми муҳоҷират байни соҳибназарон вуҷуд надорад, вале ба таври куллӣ шояд битавон муҳоҷиратро аз дидгоҳи ҷуғрофиёии ҷамъият чунин таъриф кард, ки муҳоҷират иборат аст аз ҷобаҷойии байни ду воҳиди ҷуғрофиёӣ ва ба ибораи дигар, тарки як сарзамин ва сукунат дар сарзамини дигар ба таври доим ё муваққат.

Дар истилоҳ низ муҳоҷират ба рафтан аз маҳалле ба маҳалли дигар барои муддати нисбатан тӯлонӣ (хоҳ маҳдуд бошад ва хоҳ номаҳдуд) баррасӣ мешавад. Аз ҷиҳати тарки як маҳал ба маншаи муҳоҷират эмигратсия (emigration) ва аз ҳайси вуруд ба маҳалли муайян ва мақсади муҳоҷират иммигратсия (immigration) номида шудааст. Бо ин таъриф доманаи дурустии муҳоҷират, ҳатто, аз одамиён низ фаротар рафта, кӯчи паррандагон аз ҷое ба ҷойи дигарро низ шомил мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба ақидаҳо, муҳоҷирати инсонҳо бисёр гуногунҷабҳа аст ва ба як маъно аз мусофирати деҳаҳо гирифта, то сафарҳои сайёҳӣ, илмӣ ва шуғлиро дар бар мегирад.

Ҳаракатҳои маконии ҷомеа бо пешрафтҳои технологӣ ва тараққиёти иқтисодии ҷомеа нисбат ба замони гузашта афзоиш ёфтааст. Васоили механизмҳои ҳамлу нақл дар ҷобаҷойии инсонҳо нақши бузург дошта, бахусус суръат ва осоиш дар воситаҳои нақлия ба ҷобаҷойии инсон шитоби бештар додааст ва ҳаракати фазоянда барои инсон фароҳам овардааст. Муҳоҷират ё ба ибораи дигар, ҳаракат дар фазои зистӣ танҳо хоси инсон нест ва ҳатто, бархе аз ҳайвонот низ иқдом бар муҳоҷират менамоянд [4].

Дар воқеъ муҳоҷират барои инсонҳое матраҳ мешавад, ки дар ҷое макони зист ихтиёр мекунанд ва барои муддати нисбатан тӯлонӣ дар маконе сокин буда, эҳтимолан дар ин муддат тасмими қотеъона барои муҳоҷират надоштаанд. Дар ибтидои замонӣ ангезаи ҳам иқтисодию иҷтимоӣ ва ё сиёсии онҳоро ба тарки сарзамини аслӣ ва иқомат дар сарзамини дигар во медорад, ки маъмулан қасди бозгашт дар он матраҳ нест. Бинобар ин, кӯчнишинҳо, даврагардон (гардишгарон), куллиҳо (тоифаи биёбонгард), туристҳо, афроде, ки барои кор, дарс, муолиҷа ва ғ. ба сарзаминҳои дигар мусофират менамоянд, муҳоҷир набуда, наметавон онҳоро дар зумраи муҳоҷирон ба ҳисоб овард. Дар ин сурат истилоҳи муҳоҷирати фаслӣ, муваққат ва ғайра аз дидгоҳи ҷуғрофиёии ҷомеа мавриди қабул нест. Истилоҳи дигаре, ки битавонад ҳаракатҳои бешумори фазоии ҷомеаҳоро дар бар гирад низ вуҷуд надорад ва баъзан истилоҳи муҳоҷират барои ҷобаҷойи инсонҳо ва ё ҳайвонот дар ҳар шакле, ки бошад ба кор бурда мешавад [5].

Наметавон муҳоҷиратро ҳамвора иқдоми интихобӣ маҳсуб донист ва ин вазъият дар бораи муҳоҷиратҳои фавқулода бар асари авомиле рух медиҳад, ки хориҷ аз хост ва иродаи фард буда, бар вай таҳмил мешавад. Аз ин рӯ, дар аксар мавридҳо метавон муҳоҷиратро навъе интихоб аз тарафи муҳоҷири аслӣ донист. Дар ин ҷо фарқи байни муҳоҷири аслӣ ва афроде, ки ҳамвора аз маҳалли иқомати худ ба маҳалли ҷадид азимат мекунад, зарур аст ва дар мавриди байни хос ва интихоби ин ду гурӯҳ ҳамсонии комил вуҷуд надошта бошад. Афроде, ки худ тасмимгири аслии муҳоҷират набошанд ва ба дунболи муҳоҷири аслӣ ё бар асари муҳоҷирати вай иқтидом ба муҳоҷират мекунанд, муҳоҷири табиӣ номида мешаванд. Теъдоди муҳоҷирони табиӣ, маъмулан, бештар аз муҳоҷирони аслӣ аст [6].

Пиеларвӣ дар китоби «Истеъмор» муҳоҷиратро як иқдоми иҷтимоӣ -иқтисодӣ мутобиқ бо фитрат ва ниёзҳои табиии инсон медонад ва мутафаккири дигаре онро пазириши муваққат ё доимии як кишвар, як иқлим ё як ноҳия ба шумор меоварад, ки хоси инсон ҳам нест.

Рулон Парсо,ҷомеашиноси фаронсавӣ дар таҳлили ҳаракатҳои муҳоҷиратӣ ба се нукта таваҷҷуҳ мекунад: 1) доимӣ ё тӯлонӣ будани муддати иқомат дар маҳалли ҷомеа; 2) вуҷуди фосилаи маконӣ байни ду маҳалл; 3) вуҷуди фосилаи замонӣ ва замони анҷоми муҳоҷират. Ӯ бо таваҷҷуҳ ба доимӣ ё тӯлонӣ будани муддати иқомат дар маҳалли ҷадид фарқи байни муҳоҷират ва ҳаракати маконӣ қоил мешавад ва онро аз ҳаракатҳое чун кӯч бастан ва мусофират ҷудо мекунад. Фосилаи маконӣ дар муҳоҷират бо убур аз тақсимоти сиёсӣ мушаххас мешавад, ки убур аз он ба муҳоҷиратҳои байналмилалӣ ва муҳоҷиратҳои хориҷӣ тақсим мешавад. Муҳоҷирати байналмилалӣ байни ду кишвари мустақил анҷом мешавад. Муҳоҷирати хориҷӣ бошад, байни ду сарзамин анҷом мешавад, ки ҳадди ақал яке аз онҳо кишвари мустақил нест. Дар муҳоҷирати дохилӣ ҳам фард маҳалли иқомати худро дохили як кишвар тағйир медиҳад. Дар ҳоли ҳозир ҳам дар ҳеҷ яке аз навъҳои муҳоҷират аз муҳоҷиратҳои дохилӣ, навъҳои он ва муҳоҷиратҳои хориҷӣ, фосилаи макони тайшуда байни мабдаи муҳоҷиратҳо ва мақсади муҳоҷират таъйинкунанда набуда, убур аз марзҳои ҷудокунандаи марказҳои ҷамъиятӣ ва мудириятӣ аст. Ҳатто, дар азимат аз рустое ба рустои дигар, ки дар наздикии ҳам қарор доранд низ муҳоҷират маҳсуб мешавад, аммо ҷобаҷоии қабила ва тоифа муҳоҷират маҳсуб намешавад.

Замони анҷоми муҳоҷират, маъмулан, дар давоми сол мушоҳида мешавад. Муҳоҷироне, ки маҳалли таваллуд ва маҳалли иқомати маъмулии онҳо яксон нест, муҳоҷири тӯли умр маҳсуб мешаванд. Онҳо ҳадди ақал як бор дар умри худ муҳоҷират кардаанд. Муҳоҷирон дар тӯли муддати муҳоҷират табақабандӣ мешаванд. Афроде, ки аз як замон то ба замони дигар муҳоҷират карда бошанд, муҳоҷирони он давра гуфта мешаванд. Баъзе донишмандон ба касе муҳоҷир гӯянд, ки ҳадди ақал як сол дар маҳалли ҷадид иқомат дошта бошанд. Аммо баъзе, ҳатто, як рӯзро ба унвони муҳоҷират мепазиранд. Бархе аз муҳаққиқон шаклҳои тарбиявии хосро василаи ташхиси муҳоҷир ва ғайримуҳоҷир қарор додаанд. Масалан, Блан дар таърифи муҳоҷирон афродеро, ки беш аз ними аз даврони аслии омӯзиш ва шаклгирии зербиноҳои фикрӣ ва фарҳангии худро дар ҷойи дигар гузаронидаанд, муҳоҷир маҳсуб донистааст [7].

Бисёре аз омилҳои таъйинкунандаи муҳоҷиратҳои байналмилалӣ, аз ҷумлаи муҳоҷиратҳои дохилӣ сабабҳои иқтисодӣ доранд. Таҳлили солонаи нишондодҳои муҳоҷиратӣ миёни Аврупо ва Амрикои Шимолӣ дар қарни XIX вуҷуди ҳамбастагиҳоеро бо вазъияти тавлиди маҳсулот ва бо давраҳои афзоиши шуғлҳо ва шитоби рушди иқтисодиро дар кишварҳои мабдаъ ва мақсад нишон медиҳанд. Агарчи намудҳо ва изҳороте, ки то кунун перомуни ҳаракати иқтисодии муҳоҷиратҳои унвоншуда баъзан собит мондаанд, вале метавон ихтилофи сатҳи зиндагӣ миёни кишварҳои муҳоҷирпазир ва муҳоҷирфирист аз ҳаракатҳои муҳимми иқтисодӣ донист, ки сабаби ҳаракати ҷараёнҳои муҳоҷиратӣ будааст. Кишварҳои бо сатҳи зиндагии бисёр поин баъзан метавонанд маншаи ҷазби муҳоҷирин шаванд, аммо мавқеиятҳои иқтисодӣ метавонанд сабаби ҷалби муҳоҷирин аз кишварҳои сарватманд ба кишварҳои фақир гарданд.

Сабабҳои ҷамъиятӣ омилҳои аслии таъйинкунандаи муҳоҷиратҳои байналмилалӣ ҳастанд. Қисмати муҳими муҳоҷиратҳои байналмилалӣ пур аз фишорҳои ҷамъиятӣ аст, ки ин омил дар қарни XIX ангезаи муҳоҷират аз Ирландия маҳсуб мешудааст. Омилҳои ҷамъиятӣ, хусусан, ба сиёсатҳои муҳоҷират таъсир мегузоранд. Ба тавре ки асари он бар муҳоҷиратҳои хориҷӣ бештар аз муҳоҷиратҳои дохилӣ аст. Сиёсати интихоби муҳоҷир ба василаи кишварҳои муҳоҷирпазир дар ибтидои қарни XX роиҷ шуд. Ин кишварҳои муҳоҷирпазир вуруди бархе аз гурӯҳҳои қавмиро, ки номатлуб ташхис медоданд, маҳдуд сохта буданд. Ҳамакнун сиёсати муҳоҷирати интихобӣ дар кишварҳои муҳоҷирпазир бо шиддати бештаре нисбат ба гузашта иҷро мешавад.

Дар таҳқиқи муҳоҷират ва навъҳои он соҳибназарони ҷамъиятӣ ба гунаҳои ишоракарда ва табақабандиҳое даст задаанд. Иддае дар баррасиҳои худ аз муҳоҷиратҳои табиӣ ё одӣ ва беравияи назоратнашуда сухан ба миён меоваранд. Манзури онҳо аз ин таҳқиқҳо аз як сӯ он аст, ки оё муҳоҷирати афрод барномарезишуда ва муназзам аст ё бебарнома ва ғайримуназзам. Аз сӯйи дигар, муҳоҷират ба унвони як падидаи одӣ ва беҳинҷор матраҳ аст, ё ба сурати масъалаи марзӣ ё нобаҳинҷор.

Шакли дигари табақабандии муҳоҷиратро Виллиям Питерсон пешниҳод намудааст, ки дар ин маврид панҷ навъ аз муҳоҷирати аслиро нишон медиҳад: ибтидоӣ, иҷборӣ, ғайриихтиёрӣ, ихтиёрӣ ва ҷамъӣ. Муҳоҷирати ибтидоӣ кӯчи саргардон, монанди шикоргарон, гирдоварандагони хӯрок ва шабкорагонро дар бар мегирад. Муҳоҷирати иҷборӣ ба интиқол ё ҷобаҷоии мардум ба василаи давлат ишора дорад. Дар муҳоҷирати ғайриихтиёрӣ, муҳоҷирон қудрати тасмим доранд, вале бо сабабе водор ба муҳоҷират мешаванд. Муҳоҷирати ихтиёрӣ, маъмулан, ба ҳаракати афроде, ки ангезаи ёфтани чизҳои тоза, ҳодисаҷӯйӣ ва беҳбуди зиндагианд алоқаманд карда мешавад. Муҳоҷирати ҷамъӣ замоне сурат мегирад, ки ба шакли як шева ва намунаи гурӯҳӣ бошад [8].

Тасаввури умумӣ бар ин аст, ки таҳқиқи муҳоҷират ба таври ногаҳонӣ ва якбора иттифоқ меафтад. Аз назари Кунз, ҷомеашиноси австралиягӣ, ки бештар таҳқиқоташро сарфи баррасии назарияи омми ҷобаҷойии муҳоҷирин намудаанд, ин зеҳният ба ин иллат аст, ки умуман решаҳои муҳоҷирати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таҳлил мешавад, зимни ин ки ин иллатҳо ба таври воқеӣ дар робита бо бисёре аз муҳоҷирин вуҷуд дорад. Вале дар мавриди муҳоҷирони сиёсӣ чунин муносибат мувофиқат менамояд, зеро таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки ин афрод тайи як раванди мушаххаси фардӣ ва сиёсӣ ночор ба тарки ватани худ шудаанд. Кунз муътақид аст, ки муҳоҷират нохоста бар хилофи тасаввури роиҷ аз як нуқтаи мабдаъ ба як мақсади мушаххас, дар як марҳала анҷом намешавад, балки ин амр дар замонҳо ва фазаҳои гуногун шакл мегирад, ки ҳар як аз ин марҳилаҳо дорои ангезаҳои мутафовит аз маҳалҳо ва минтақаҳои кишварҳои гуногун убур мекунанд.

Муҳоҷират илова бар мушкилоти ҳуқуқие, ки дар заминаи тобеияти фарзандони муҳоҷирон ба вуҷуд меоваранд, мушкилоти дигар низ ба дунбол дорад, ки ба дугонагии фарҳангии афрод меанҷомад. Ба унвони мисол, теъдоде аз муҳоҷир бо дастовези фарҳангии кишвари худ рахт ба диёри бегона кашидаанд. Бар асари ихтилофи фарҳангҳо ва бархӯрди ногузири онҳо бо якдигар ба ночор ба ҳошияи ҷомеаи мизбон хона карда, рӯзгор мегузаронанд ва ё пас аз гузаронидани солиёни чанд дар ғурбат ва фосила гирифтан аз расмҳои ниёкон ва напазируфтани бечунучарои русуми мардуми кишварҳои бегона, аз ин ҷо ронда ва аз он ҷо монда шудаанд ва агар ба меҳан бозгаштаанд, бар асари ҷудоӣ аз меъёрҳои пешин, ҳошиянишин боқӣ мондаанд ва дар бозгашти дубора ба ғурбат ҳамчунон саргардон ба сар мебаранд [9].

Муҳоҷират дар таърихи муосири Афғонистон низ мушоҳида мешавад ва мавқеи махсусро ишғол менамояд.

Шояд таърихи дақиқе барои паноҳҷӯйӣ ва муҳоҷирати фардӣ ё гурӯҳию қавмии мардуми Афғонистон чун дигар кишварҳо натавон ба даст овард, зеро муҳоҷират ва оворагӣ таърихи қадимтар дорад, вале барои баррасии мавзӯи муҳоҷирати афғонҳо дар ин мақола танҳо ба баррасии муҳоҷират дар таърихи муосири муҳоҷирати Афғонистон пардохта мешавад. Ба гуфтаи доктор Табибӣ бархе аз мардумони Афғонистон аз як қарн пеш роҳи муҳоҷират ба хориҷро дар пеш гирифтаанд. Аз қарори маълум, нахустин муҳоҷирати дастаҷамъии афғонҳо дар соли 1860 аз Афғонистон ба Австралия сурат гирифтааст. Дар ин муҳоҷират, ки бо хости давлати Англия анҷом гирифта буд, дар ҳудуди зиёдтар аз 70 оила аз афғонҳои навоҳии Ғазнин ва Кобул ба Австралия бурда шуданд. Ҳадаф ин буд, афғонҳо, ки мардумони сарсахт ва муқовим мебошанд, аз даштҳои сӯзони Гипсон ва Симсон дар соҳилҳои ғарбии Австралия, ки ба укёнуси Ҳинд васл аст, то шарқ, ки бо укёнуси Ором анҷом мёебад, шинохт пайдо кунанд. Бинобар ин, бо хостҳои қудрати истеъмории Англия аввалин ҳастаи ҷамъиятии афғонҳо дар Австралия бунёд гузошта шуд.

Албатта, муҳоҷирини афғонӣ муқими Австралия аввалин гурӯҳи муҳоҷирони афғонӣ набуданд, зеро солҳо қабл аз он таърих афғонҳо ба Осиёи Миёна, Ҳинд, Эрон ва Ироқ рафта, барои ҳамеша муқими он ҷоҳо шудаанд. Аз ҷумла муҳоҷироне, ки дар даврони Шоҳ Маҳмуд, писари Темуршоҳ, ки Афғонистонро барои ҳамеша тарк гуфта, сокини қаламрави Эрон шуданд, аз тоифаҳои аймоқи Ироқ ва Бодғис буданд. Аммо муҳоҷирати се даҳаи охири мардуми Афғонистон дар се даҳаи охир ва дар як қарни гузашта бисёр мутафовит аст, зеро ки фирори се даҳаи ахири афғонҳо аз кишвар на танҳо муҷиби фаромӯшии онҳо нагардид, ки заминаи шиносоии онҳоро низ фароҳам сохта, фоҷеаҳои иттифоқафтода дар кишварро ба гӯши ҷаҳониён расонидааст.

Ин рекорди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ яке аз дастовардҳои муҳим ва қобили таваҷҷуҳи даврони муҳоҷират ба ҳисоб меояд. Дар ҳоле ки оворагии афғонҳо дар як қарн қабл пас аз қатли ом ва бардагӣ назар ба шароити мантиқии ҷаҳон комилан бо сукут мувоҷеҳ гардид. Билохира се даҳа ҷанг ва бародаркушӣ дар Афғонистон ва баҳонаҳои мухталиф чи дар қолаби ҳалли низоъҳои дохилӣ ва чи бар асари таҷовузи нерӯҳои бегона, чандин миллион кушта ва маҷрӯҳ, тақрибан як сеюми аз кулли ҷамъияти ин кишвар ба муҳоҷират ба гӯшаву канори ҷаҳон маҷбур гардид.

Ҳамакнун миллионҳо овора ва муҳоҷири афғонӣ дар кишварҳои дунё саргардонанд ва ҳар рӯз теъдоди онҳо афзуда мешавад. Дар ҳоле ки ҳар рӯз қатъномаҳои тозае дар ҳимоят аз ҳуқуқи паноҳандагон ва муҳоҷирон дар ҷаҳон тасвиб мешаванд, аммо тасвири андуҳбор ва ҳолноки зиндагии оворагони афғонӣ қалби инсонро ба ларза дармеоварад. Муҳоҷирин ва паноҳандагони афғонӣ дар вазъияти кунунӣ баъзан он ҳурмат ва эҳтироми шоистаи як паноҳанда ва як муҳоҷирро на дар диёри худ ва на дар диёри дигар доранд. Сарзаминашон ғасб мешавад, кишварашон ишғол мегардад, ишғолгарон ҳама гуна таҳқир, иҳонат ва ситам алайҳи ин мардумро бо ангезаҳои интиқом, таассуб ва ё беҳурматӣ ба муқаддасот ва бетаваҷҷуҳӣ ба вуҷудашон раво медонанд.

Дар солҳои охир давлати Афғонистон бо Созмони Милали Муттаҳид ва баъзе кишварҳое, ки дар он ҷо муҳоҷири афғонӣ ба сар мебаранд, қарордодҳоеро ба хотири дубора баргаштани муҳоҷири афғонӣ имзо намудааст. Албатта, гуфта мешавад, ки дар ин қарордодҳо таъкид бар бозгашти довталабона шудааст. Дар ҳар сурат чи довталабона ва чи иҷборӣ дар амал фарқи чандоне надоштааст ва аксари кишварҳо кӯшидаанд, ки ба муҳоҷирин фишор ворид кунанд ва онҳоро барои рафтан маҷбур созанд, ки намунаи равшани он дар кишвари Эрон аст, ки бисёр бо ҷиддият ва

ғайриинсонӣ ва намунаи мулоимтари он дар баъзе кишварҳои аврупоӣ монанди Данмарк, Англия, Олмон, Австрия, Ҳоланд ва ғайраҳо аст, ки унвони довталабона ҳукми иҷбориро ба худ гирифтааст ва дар ҳеҷ як аз ин кишварҳо асли довталабона будани бозгашт ба ватан риоя нашудааст.


**АДАБИЁТ**

1. Ҳасан Амид. Фарҳанги форсии Амид / Ҳасан Амид. -Теҳрон: Амири Кабир, 2009. -С.1136.
2. Муҳаммадтақӣ Шайхӣ. Мабонӣ ва мафоҳими ҷамъияшиносӣ / Муҳаммадтақӣ Шайхӣ. -Теҳрон: Интишор, 2002. -С.110.
3. Неъматулло Тақавӣ. Мабонии ҷамъияшиносӣ / Неъматулло Тақавӣ -Табрез: Дониёл, 2000. -С. 128.
4. Кларк Ҷ. Усул ва мабонии ҷуғрофияи ҷомеа / Ҷ. Кларк. -Теҳрон, 2011. -С. 86.
5. Ҳамон ҷо.
6. Ҳабибулло Занҷонӣ. Муҳоҷират / Ҳабибулло Занҷонӣ. -Теҳрон: Самт, 2002. -С. 156.
7. Ҳабибулло Занҷонӣ. Муҳоҷират / Ҳабибулло Занҷонӣ. -Теҳрон: Самт, 2002. -С. 182.
8. Ронг Дэнис. Ҷамъият ва ҷомеа / Ронг Дэнис; Тарҷумаи Асадулло Муизӣ. Шероз: Интишороти Донишгоҳи Паҳлавӣ, 1971. -С.97.
9. Абдулмаъбуд Ансорӣ. Эрониён муҳоҷир дар Иёлоти Муттаҳида / Абдулмаъбуд Ансорӣ. -Теҳрон: Огоҳ, 1992. -С.5.


**СПЕЦИФИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ МИГРАЦИИ**


Автор на данной статье рассматривает проблем миграции и анализирует ее различные аспекты. А также автор, анализируя научные литературы, определяет специфические особенности этой проблемы. Следовательно, на статье показаны специфические особенности миграции Афганистана.



**Ключевые слова:** внутреняя миграция, естественяя миграция, международная миграция, переселение, покидание родины, богатые страны, конец миграции, период местожительство, основная страна, чужбина.


**THE SPECIFIC CHARACTERISTICS OF MIGRATION**


***Humayon Farzam***



The author on this paper considers the problems of migration and examines its various aspects. And also by analyzing the scientific literature, identifies the specific features of the problem. Consequently, the article shows the specific features of migration in Afghanistan.



**Key words:** internal migration, natural migration, international migration, relocation, leaving the country, the rich countries, the end of the migration period of residence, the main country, foreign land.



**Сведения об авторе:** ***Хумоюн Фарзам*** – аспирант Таджикского национального университета


# МАВҚЕИ РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН


***Алиризо Муҳаммадӣ***

**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**


Дар давраи пас аз "ҷанги сард" бо пайдо шудани як минтақаи нави геополитикӣ дар бахши сиёсат ва амнияти байналхалқӣ, ҳам бесуботиҳои вобаста ба озод шудани нерӯҳои марказгурез ва ҳамчунин ворид шудани рақибони нав ба ин фазои холии сиёсӣ, таҳдидҳоеро барои амнияти миллии Ҷумҳурии Исломии Эрон эҷод сохт ва таваҷҷуҳи сиёсатмадорони мамлакатро ба ин мавзӯъ ҷалб намуд. Мусаллам буд, ки танҳо бо пеш гирифтани сиёсати дӯстию ҳамкорӣ бо давлатҳои ҳамсӯ метавон аз пайдо шудани як ҷабҳаи нав бар зидди Эрон пешгирӣ намуд. Бинобар ин, илова ба баррасии масъалаҳои сиёсати хориҷии мамлакат тавассути робитаҳои ду ва ё чандтарафа бо мамлакатҳои минтақа, зарурати истифода намудан аз ҳамкории муштарак бо Федератсияи Россия низ барои назорати баъзе аз масъалаҳои матраҳшуда ва корҳои муштарак ба миён омад.

Таҳлилгароне, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эронро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Қафқоз таҳқиқ мекунанд, аз ибораҳои монанди «сиёсати дастагул», «сиёсати ҳам шимолӣ ва ҳам ҷанубӣ», «бозингари майл», «сиёсати амалгаро» ва «гуфтумони геополитикӣ» истифода мекунанд. Он чи пайвандгари муштараки ҳамаи ин ибораҳо мебошад, таъкид бар истифода накардани мафҳуми «идеология дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар бахши шимолӣ мебошад. Аз ин нигоҳ, ҶИЭ дар давраи созандагӣ ва пас аз он, чи дар дохили мамлакат ва чи дар сатҳи минтақаи Осиёи Марказӣ ва Қафқоз кӯшидааст, ки ба хотири ҳифзи вазъи мавҷудаи ҳамкорӣ бо ҳукуматҳои минтақа ва дар чаҳорчӯбаи робита бо Россия дар ҳалли масъалаҳои минтақа ширкат намояд. Бо ин мақсад корҳои аъзо будани мамлакатҳои минтақа дар Созмони ҳамкории иқтисодӣ (ЭКО) таъкид бар ташкили Созмони ҳамкории мамлакатҳои соҳили дарёи Хазар, миёнаравӣ дар буҳрони Қарабоғ, кӯшиш барои сулҳ дар Тоҷикистон, густариш додани ҳамкориҳои иқтисодии дуҷониба, ба вуҷуд овардани даҳлези Шимол-Ҷануб, кӯшиш барои интиқол додани барқи мамлакатҳои минтақа аз роҳи Эрон ва ба вуҷуд овардани роҳи Абрешим (аз роҳи оҳани Сарахс-Таҷан) то Чин анҷом дода шудааст. Бо ибораи дигар, ҶИЭ мунтазам барои нигоҳ доштани робитаи фарҳангӣ ва тиҷоратӣ, ҳамкорӣ ва ҳамоҳангӣ бо минтақа пардохтааст. Ин сиёсат бо вуҷуди дигаргуниҳои дохилӣ дар давраҳои созандагӣ,ислоҳот ва усулгароӣ ҳамчунон пойдор мондааст.

Саволи аслие, ки дар ин мақола мавриди баррасӣ қарор мегирад, ин аст, ки Россия ва Тоҷикистон чӣ нақш ва ҷойгоҳе дар сиёсати хориҷии ҶИЭ доранд?

Ба он нигоҳ накарда, ки Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон дорои мулоҳизаҳо ва манфиатҳои муштарак ҳастанд, дар баъзеи онҳо ихтилофот оид ба бахшҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ ҷой дорад. Пас, суоле ба миён меояд, ки умумияти манфиатҳо ва ихтилофи мавқеи ин се давлат аз чӣ маншаъ мегирад?

1. Россия ва Эрон дар бисёр бахшҳо аз имкониятҳои зиёди ҳамкории дуҷониба ва минтақавӣ бархурдор мебошанд, ки муҳимтарини онҳо ҳамкориҳои амниятӣ мебошанд. Масъалае, ки барои Россия бисёр аҳамият дорад ва Россия наметавонад имкониятҳои Эронро барои нигоҳ доштан ва ба вуҷуд овардани амният дар минтақа нодида гирад, ин мубориза бо терроризм ва ҷиноятҳои муташаккили байналхалқӣ, пешгирӣ намудани ҷиноятҳое монанди қочоқи моводи мухаддир, силоҳи гарм, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва қочоқи инсон мебошад. Дар ин ҷода ҳамкории ду мамлакат зарур мебошад. Бо кӯмак ва талоши ҳамарӯзаи қудратҳои ғарбӣ барои нуфуз дар мамлакатҳои минтақа, махсусан дар Афғонистон ва Қафқоз мефаҳмем, ки Эрон барои Россия ҳамчун садди муҳиму мустаҳкам ва арзишманд дар ҷануби Россия ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин Россия аз нуфузи Эрон дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, ки ба гуфтае ҳаёти хилвати Россия ҳисоб мешавад, низ ба хубӣ огоҳ мебошад. Мамлакатҳои ин минтақа ҳарчанд ки худашон боқимондаи Шӯравӣ ва фармонбардори марказ буданд, пас аз гирифтани истиқлол, хостаҳои ғарбигароёна аз худашон нишон доданд, ки дар натиҷа дар давоми ин солҳо раванди ғарбгароӣ дар онҳо қувват гирифт. Ин равандест, ки дар сурати давом намудан, манфиатҳои Россияро ба шиддат ба хатар хоҳанд андохт. Бинобар ин, бо таваҷҷуҳ ба муштаракоти ин мамлакатҳо бо Эрон (дин, забон, фарҳанг), Ҷумҳурии Исломии Эрон метавонад нақши муҳиме дар пешгирӣ аз мушкилоти пешомада ва ҳуввиятсозиҳои ғарбӣ дар ин мамлакатҳо иҷро намояд.

Ҳамчунин Россия мушкилиҳои дохилии бисёре низ дорад. Ба тавре ки бисёре аз соҳибназарон ва, ҳатто, шахсиятҳое монанди Михаил Горбачёв - охирин раҳбари Шӯравӣ, нисбат ба такрори фурӯпошӣ дар ин мамлакатҳо хабар додааст. Ин тамоюл, махсусан пас аз ҳодисаҳои охири Ховари Миёна ва шӯришҳои мардумӣ дар ҷаҳони Араб шиддати бештаре ёфтааст.

Бар касе пӯшида нест, ки Россия бо сабаби мавқеият ва густардагии географӣ, ҳолати сиёсӣ-иқтисодӣ ва ҳамчунин миллатҳои зиёд дар ин мамлакат, гирифториҳо ва мушкилоти зиёде дорад. Бинобар ин, бо дарназардошти мушкилиҳои мазкур, қувваҳои ҷудоиталабонаи баъзе аз қавмҳо дар Россия, махсусан дар минтақаи Қафқози Шимолӣ, ки ҷойгоҳи асосии Россия маҳсуб мегардад ва ҳамчунин Ғарб барои ба зону даровардани Россия ва ба қисмҳо ҷудо намудани ин мамлакат кӯшиш намудаанд. Бояд гуфт, ки таҳаввулот ва ҳодисаҳои охир дар баъзе аз мамлакатҳои Ховари Миёна пеш аз ҳама бояд сабақе барои Россия дода бошад. Натиҷаи ҳамин таҳаввулот буд, ки Судон ба ду қисм ҷудо шуда, кишвари нав бо номи Судони Ҷанубӣ дар харитаи ҷаҳонӣ пайдо шудааст. Ин кор бояд дарси ибрат барои Россия бошад.

Шӯришҳои мардумӣ ва таҳаввулоти охир дар Ховари Миёна ва баъзе аз мамлакатҳои ҳамсояи ин минтақа мақомоти Россияро нигарон намудааст. Президенти Россия Дмитрий Медведев пас аз ин ҳодисаҳо зуд ба Қафқози Шимолӣ сафар намуда, дар Владикавказ изҳор намуд, ки агарчи ин ҳодисаҳо ба манфиатҳои Россия таъсири мустақиме доранд, аммо ин таҳаввулот ҳаргиз дар Россия рӯй нахоҳад дод. Ин дар ҳолате мебошад, ки Горбачёв ва ҳамчунин нерӯҳои мухолифи Россия ба вуҷуд омадани таҳаввулоте монанди мамлакатҳои Тунис, Миср, Либия, Яман, Бахрайн ва ғайраро дар Россия имконпазир медонанд. Ҳамчунин дар яке аз назарсанҷиҳои марказии «ЛВОДО», ки дар тамоми Россия анҷом гирифтааст, 34% аз пурсишшудагон ба вуҷуд омадани чунин инқилобро дар ин мамлакат мумкин донистаанд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ҳақиқат метавон гуфт, ки Россия барои ворид шудан ба Ховари Миёна ба ҳамкории амниятӣ бо Эрон эҳтиёҷ дорад. Бо оғоз шудани таҳаввулот дар Ховари Миёна шоҳид будем, ки дар баъзе расонаҳо Эронро сабабгори асосии ин моҷароҳо ном бурдаанд. Барои мисол, воситаҳои ахбори оммаи Исроил дар оғози қиёмҳои мардуми Миср иддао намуданд, ки Эрон дар шурӯъ шудани ин шӯришҳо даходат дорад. Ҷорҷ Фредман мудири маркази «STRATFOR»-и пешбиниҳои стратегӣ, ки баъзеҳо онро «Сояи ЦРУ»-и ИМА меноманд, низ чунин ақида дорад. Бо шурӯъ шудани қиёми мардумӣ дар Бахрайн дар мақолаи дигаре ин мамлакатро майдони муқобилияти Эрон ва Арабистон эълон кардаанд. Агарчи ин даъвоҳо далел ва санаде надоранд, нишонае аз тавонмандиҳои болои Эрон мебошанд. Бинобар ин, манфиатҳои миллии Россия тақозо мекунад, ки дар ҳамкорӣ бо Эрон на фақат нигоҳи иқтисодӣ, балки амниятӣ низ дошта бошад.

Ҳоло бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло кӯшиш менамоем ба ҷойгоҳи Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии Эрон назар афканем.

Робитаҳо ва муносибатҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг маҳсули талоши ҳарду тараф мебошад. Пас аз истиқлоли ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ Эрон аввалин давлате буд, ки бо онҳо робитаҳои ҳасана барпо намуд. Дар мақолаҳо ва навиштаҳои гуногун ба бахшҳое монанди суннатҳои муштарак, дини муштарак ва алоқа ба забони форсӣ дар минтақа

ишора шудааст. Дар ҳақиқат ҳам чунин сурат гирифтани кор сабабҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва забонию суннатӣ дорад.

Бахши бузурге аз сарзаминҳои ҳозираи Осиёи Марказӣ, ки дар гузашта Мовароуннаҳр ном дошт, дорои арзишҳои муштарак бо Эрон аст ва онҳо решаҳои амиқи таърихӣ доранд. Ин сарзамин хостгоҳи орёиҳо будааст. Роҳи абрешим низ дар тӯли таърих ҳалқаи пайванди байни Эрон ва Осиёи Марказӣ ва омили интишори фарҳанг, ҳунар, забон ва анъанаҳои эронӣ дар сарзаминҳои Осиёи Марказӣ будааст. Чуноне ки ошкоро дида мешавад, фарҳанг ва забони эронӣ дар шаҳрҳои ин роҳ, аз Бухоро то Қошғар ҳузури ҳиссшавандатаре дорад.

Забонҳои мардуми Осиёи Марказӣ пур аз калима ва истилоҳоти форсӣ мебошад. Бисёре аз ин калимаҳо, ки вобаста ба масъалаҳои динӣ мебошанд (бо ин ки ҳам маънои арабӣ низ доранд), ин нуктаро ошкор менамояд, ки ислом дар бисёре аз минтақаҳои Осиёи Марказӣ ба воситаи Эрон густариш ёфтааст. Таърихи минтақа ва мардуми Осиёи Марказӣ низ ба хатти форсӣ навишта шудааст. Ин ҳақиқат ба далели ғалаба намудани фарҳанги Эрон дар ин минтақа ва шаҳодати он будааст, ки таърихнависони аслӣ дар қарнҳои нуҳум то ёздаҳи ҳиҷрӣ ба забони форсӣ китобҳои худашонро навиштаанд.

Яке аз сабабҳои муҳимми пайванди байни Эрону Осиёи Марказӣ робитаи таърихии Эрон бо ин минтақа ва вуҷуд доштани қавмҳои хурд дар он тарафи марзҳо мебошад. Аз замоне ки эрониён бо қавмҳои Осиёи Марказӣ аз тариқи роҳи абрешим рафтуомад мекарданд, гурӯҳи зиёде аз эрониҳо ба минтақаҳои Осиёи Марказӣ муҳоҷир ва дар он ҷо сокин шуданд ва бисёре низ аз Осиёи Марказӣ ба Эрон муҳоҷират намуданд. Дар Эрон низ акнун ҷамъияти калоне аз мардуми туркман дар вилояти Мозандарон ва марзҳои Туркманистон зиндагӣ мекунанд. Гурӯҳи каме (наздик ба даҳ ҳазор нафар) аз қазоқҳо низ, ки дар даҳаи 1930 ба Эрон муҳоҷират намуданд, дар Гургон истиқомат доранд.

Ислом бахше аз умумияти мардуми Осиёи Марказӣ мебошад, ки пеш ва баъд аз истиқлоли ин ҷумҳуриҳо нақши асосие дар ваҳдати қавмӣ ва миллии онҳо бозидааст. Метавон дар бораи ислом дар Осиёи Марказӣ ба ду падида ишора намуд: аввалан, ҷудо намудани исломи расмӣ аз ғайрирасмӣ ва баъдан, вуҷуд доштани фирқаҳои гуногуни тасаввуф дар ин ноҳияҳо.

Дар бораи падидаи аввал бояд гуфт, ки новобаста аз вуҷуд доштани марказҳо барои ҳал намудани масъалаҳои мусулмонон дар замони Шӯравӣ ва идома ёфтани ин ҳақиқат баъд аз фурӯпошии он, ислом дар чаҳорчӯбаи суннатҳо ва ахлоқи қавмӣ дар ин минтақа нақши махсусе дорад.

Ҳамчунин ҷараёнҳо ва маслакҳои гуногуни мазҳабӣ нақши асосӣ дар Осиёи Марказӣ ифо намудааст. Маслакҳои нақшбандия, кубравия, тариқаи ясавӣ, қодирия ва чаштия аз маслакҳои муҳимми ин минтақа ба шумор мераванд. Баъд аз фурӯпошии Шӯравӣ дар Осиёи Марказӣ, мазҳаб (ислом) ба номи василаи асосии ҳуввияти миллӣ аз аҳамияти махсусе бархурдор мебошад. Мардуми Осиёи Марказӣ аҳли суннат ва ҷамоат ва умуман ҳанафимазҳаб ҳастанд. Ҷумҳурии Исломии Эрон низ ҳамкориҳои маҳдуде дар бахшҳои мазҳабӣ бо ин ҷумҳуриҳо дорад. Эрон низ робитаҳои худашро дар ин бахш бо таваҷҷуҳ бо ҳассосиятҳои вуҷуддошта нисбат ба ифротгароии динӣ ва таваҷҷуҳ ба ин ки мардуми минтақа аҳли суннат ва ҷамоат мебошанд, танзим намудааст.

Забони форсӣ дар Осиёи Марказӣ шинохташуда ва ривоҷёфта мебошад. Сабаби ривоҷ ёфтани забони форсӣ дар Осиёи Марказиро бояд дар қаъри фарҳангӣ ва таърихии ин минтақаҳо ҷустуҷӯ намуд. Таърихи муштараки ин минтақаҳо бо Эрон сабаб шудааст, ки забони форсии имрӯза дар мамлакатҳои Афғонистон, Тоҷикистон ва баъзе минтақаҳои Туркманистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон ривоҷ дошта бошад. Аз назари донишмандон ва нависандагони минтақа забони форсӣ барои миллатҳои Осиёи Марказӣ забони илм, фарҳанг, равиши ҳукуматдорӣ, тиҷорат ва хулосаи сухан, тамаддун будааст. Ин нависандагон нақши забони форсиро барои мардуми минтақа чун нақши забони фаронсавӣ барои русҳо медонанд, яъне ҳамчуноне ки русҳо ба забони фаронсавӣ ҳамчун ба забони тамаддун нигоҳ мекарданд, мардуми ин минтақа низ нисбат ба забони форсӣ чунин дидгоҳ доштаанд.

Ин гардиши таърихӣ сабаб шуд, ки пас аз истиқлоли ин ҷумҳуриҳо дар донишгоҳҳою таълимгоҳҳо таваҷҷуҳи махусусе ба забони форсӣ намоянд.

Ғайр аз ин, эрониҳои минтақа дар давраҳои гуногун ва бо сабабҳои мухтасар ба кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳоҷират намудаанд. Бо ин ҳол аксари онҳо дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Туркманистон зиндагӣ мекунанд. Муҳоҷирати эрониҳо ба Осиёи Марказӣ дар чаҳор давра сурат гирифтааст:

I. Муҳоҷирати давраи якум аз гурӯҳи бозоргонон, толибилмон ва асирон иборат буд, ки дар замони Сафавия ва пас аз он ба Осиёи Марказӣ муҳоҷират намудаанд.

II. Дар қарни нуздаҳум муҳоҷирати яҳудиҳои Машҳад мавҷи дуюми муҳоҷирони эронӣ буд, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ сокин шуданд. Онҳо Ишқободро маркази сукунати худашон қарор доданд. Бештари аъзои ин гурӯҳ дар соли 1930 маҷбуран ба Эрон баргардонида шуданд.

III. Гурӯҳи зиёде аз баҳиҳо низ, ки зери фишори ҳукумати Эрон ҳиҷрат карданд, дар Осиёи Марказӣ сукунат намуданд.

IV. Охирин гурӯҳ паноҳбарандагони сиёсӣ буданд, ки баъд аз соли 1948 ба ин минтақа рафтаанд. Илова бар ин, дар ин солҳо теъдоди зиёде аз эрониҳо бо сабаби баста шудани марзҳо аз ҷониби ҳукумати Шӯравӣ дар он сӯйи марзҳо мондаанд.

Дар Тоҷикистон ҷанги дохилӣ баҳори соли 1992 байни тарафдорони Раиси ҷумҳур ва мухолифон шурӯъ шуд ва то соли 1997 идома намуд. Дар ин ҷанги дохилӣ, ки яке аз хунинтарин ҷангҳои Шӯравии собиқ ҳисоб мешавад, беш аз 100 ҳазор нафар кушта ва наздик ба 1 миллион нафар (аз панҷ як қисми ҷамъияти мамлакат) гуреза шуданд. Ин ҷанг беш аз ин ки ҷанги динӣ ва нишонае аз ифротгароии динӣ дошта бошад, дорои решаҳои қавмӣ, қабилавию маҳаллӣ буд. Ҷанги дохилии Тоҷикистон сабаби дахолат намудани мамлакатҳои дигар барои анҷом додани он шуд. Тирамоҳи соли 1992 Россия ба сифати субъекти нав дар сиёсати хориҷии минтақа фаҳмид, ки дахолати ин мамлакат барои пешгирӣ аз пайдо шудани хатар барои амнияти худи он зарурӣ мебошад. Албатта, русҳо дахолати ҳарбии худашонро дар Тоҷикистон ба зарурати ҳимоят аз рустаборҳои истиқоматкунанда дар ин мамлакат эълон намуданд. Мақсади дуюми Россия ин пешгирӣ намудан аз дахолати муҷоҳидони афғонӣ дар корҳои дохилии Тоҷикистон ва дар натиҷа барқарор намудани амният дар марзҳои ҷанубии мамлакатҳои ҳамсуд буд. Яке аз далелҳои дигар, ки сабаби дахолати ҷиддии Россия дар ҷанги дохилии Тоҷикистон шуд, ин фишор овардан аз тарафи мамлакатҳои минтақа ва махсусан Ӯзбекистон буд. Ӯзбекистон яке аз осебпазиртарин мамлакатҳо дар баробари ноором иҳои дохилӣ дар Тоҷикистон буд. Ҷанги дохилии Тоҷикистон метавонист ба оромиши дохили Ӯзбекистон низ таъсир намояд. Ӯзбекистон бо матраҳ намудани ин масъала, ки идома ёфтани ҷанги дохилии Тоҷикистон сабаби зиёд шудани ифротгароии исломӣ ва дахолати мамлакатҳои исломӣ дар ин минтақа мешавад, Россияро ташвиқ ба дахолат дар ҷанги дохилии Тоҷикистон намуд. Ҳимояти Россия дар шакли ҳарбию сиёсӣ анҷом гирифт. Бо сабаби он ки теъдоди зиёде аз раҳбарони мухолифин дар Эрон паноҳ шуда буданд, лозим шуд, то Эрон низ ба фаъолиятҳои дипломатӣ дохил карда шавад. Эрон ҳам новобаста аз эълон намудани сиёсати худаш дар бораи дахолат накардан дар ҷанги дохилии Тоҷикистон, бо дарназардошти оқибатҳои ин ҷанг, аз ҷумла эҳтимоли ворид шудани гурезаҳои тоҷик ба марзҳои мамлакат (новобаста аз дурии марзи географии ду мамлакат), маҷбур ба дахолат шуд. Сиёсати хориҷии Эрон бар асоси анҷоми ҷанги дохилӣ ва барқарор намудани сулҳ дар ин мамлакат устувор гардид.

То баҳори 1994 бо вуҷуди он ки нерӯҳои русӣ дар марзҳои Тоҷикистону Афғонистон талафоти инсонӣ медоданд, Россия бо кӯмаки Эрон ба он муваффақ шуд, ки гуфтугӯ байни тарафҳои мухолиф оғоз гардад ва дар ниҳоят созишномаи истиқрори сулҳ байни давлати Тоҷикистон ва нерӯҳои мухолифин ба имзо расид. Робитаҳои Эрон ва Россия қавӣ шуданд. Ду мамлакат ҳамчунон тавассути Тоҷикистон манфиатҳояшонро бо якдигар ҳифз намуданд.

Дар бораи робитаи фарҳангии байни Эрону Тоҷикистон ҳаминро бояд гуфт, ки тоҷикон намояндагони асосии фарҳанг ва адабиёти форсӣ дар Осиёи Марказӣ мебошанд. Дар баррасӣ намудани миллати тоҷик ба як умумияти нуқтаи назари бисёре аз таърихнависон рӯ ба рӯ мешавем, ки тоҷиконро аз қавми эронӣ медонанд, ки дар Мовароуннаҳр зиндагӣ мекунанд.

Дар замони ҳокимияти Шӯравӣ тоҷикон барои нигоҳ доштани забони форсӣ муқовимати зиёде кардаанд. Забони форсӣ, ки дар Тоҷикистон забони ниёгон гуфта мешавад, яке аз аркони аслии ҳифзи ҳувият дар ин ҷумҳурӣ мебошад. Онҳо даврони зиёде бо ин забон худро аз хатари махлут шудан бо фарҳанг ва забони туркӣ ва баъдҳо бо русҳо нигоҳ доштаанд. Тоҷикҳо ба Фирдавсӣ, Саъдӣ, Хайём, Ҳофиз эҳтироми махсусе доранд ва шеърҳои онҳо вирди забони тамоми мардум мебошад. Эрон пеши чашми мамлакатҳои минтақа рамзе аз нақшофаринӣ мегузорад, ки ин хилофи тарғибкунандаи ҳама гуна назарияҳо мебошад, ки дар самти Эрон на мамлакати бунёдгарона ва фарҳангӣ, балки таҳдидкунандаро мебинанд. Ин рамз барои тоҷикон далели пайвандҳои қавмӣ ва забонии Тоҷикистон бо фарҳанг ва таърихи Эрон мебошад. Ҳам ӯзбекҳо ва ҳам тоҷикон бо ин ки аз назари мазҳаб аҳли суннат ва ҷамоат ҳастанд, монанди озариҳо ва эрониҳо иди бостонии Наврӯзро, ки решаи он ба қабл аз ислом бар мегардад, ҷашн мегиранд. Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба муштаракоти зиёде, ки бо Эрон дорад, пас аз истиқлолият хоҳиши зиёде ба сӯйи Ҷумҳурии Исломии Эрон нишон додааст. Эрон аввалин мамлакате буд, ки дар соли 1991 сафоратхонаи худашро дар шаҳри Душанбе кушод. Кушодани китобхонаҳо дар шаҳри Душанбе ва Кӯлоб ва ҳамчунин, ташкил намудани пажӯҳишкадаи забон барои густариш додани забони форсӣ аз дигар фаъолиятҳои Эрон дар ин мамлакат мебошад. Бо вуҷуди ин Эрон аз имконият ва қудрате, ки дорад дар робита бо Тоҷикистон ба таври зарурӣ истифода накардааст.

Дар поён зикри чанд нуктаро дар бораи алоқаҳои фарҳангии Эрон ва мамлакатҳои минтақа зарурӣ медонем. Андозаи алоқаи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бо Эрон яксон намебошад. Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба наздикии фарҳангӣ бештар бо Эрон ва Туркманистон ба сабаби марзҳои тӯлонӣ бо Эрон пайвандҳои бештаре дорад. Вуҷуди Самарқанд ва Бухоро дар Ӯзбекистон низ мардуми ин ҷумҳуриро ба миллати Эрон наздик мекунад, вале мақомоти ин мамлакат дар робита бо Эрон ҳассосиятҳое дорад.

Бо дар назардошти умумияти арзишҳои маънавӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ Эрон пайваста барои густариши ҳамкорӣ ва ёрӣ ба Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медиҳад. Дар соли 1992, ки минтақаи Кӯлоб дар муҳосираи иқтисодӣ буд ва мардуми он дар хатари қаҳтӣ қарор дошт, Алиашраф Мучтаҳид Шабистарӣ - сафири онвақтаи Эрон дар Тоҷикистон бо Эмомалӣ Раҳмон, шаҳрдори собиқи Кӯлоб телефон намуд ва омодагии мамлакаташро барои кӯмаки башардӯстона ба мардуми Кӯлоб эълон намуд ва ҳавопаймоҳои эронӣ бо кӯмакҳои башардӯстона ба минтақаи Кӯлоб расиданд. Бар асоси оморҳои расмӣ дар соли гузашта андозаи мубодилаҳои тиҷоратии ду кишвар то 25% афзоиш ёфта, ба 270 млн. доллар расидааст ва пешбинӣ мешавад, ки солҳои минбаъда ин рақам бештар шавад. Аммо ин миқдор танҳо 3-5% миқдори гардиши тиҷоратии Тоҷикистон мебошад. Шарикони асосии тиҷории Тоҷикистон аз рӯйи муҳим будан Россия, Чин, Голландия Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Эрон мебошанд.

Эрон дар ҳоли сохтани нерӯгоҳи барқӣ-обии «Сангтуда -2», комил намудани тунели «Истиқлол», сохтани роҳи заминӣ ва роҳи оҳан барои таъмин намудани иртибототи ҳамлу нақли Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон ва сохтани хатти баландшиддати интиқоли барқи Роғун аз роҳи Мазори Шариф ва Ҳирот ба Машҳад саҳми назаррас дорад ва омодагии худашро барои сохтани нерӯгоҳи барқӣ - обии «Шӯробод» ва сохтани чанд нерӯгоҳҳои хурди дигар ва ширкат дар сохти бузургтарин нерӯгоҳ дар Осиёи Марказӣ-«Роғун» эълон кардааст. Аз тарафи дигар, намояндагии Кумитаи имдоди Эмом Хумайнӣ низ дар бахшҳои хӯрокворӣ ба хонаводаҳои камбизоати Тоҷикистон ва анҷом додани маросимҳои динӣ дар Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Дар соли 2003 то ҳоло ба дунболи таваҷҷуҳи бештари бахши хусусӣ ва давлатӣ ҳамкориҳо аз тавсеаи хубе бархурдор шудааст. Дар ҳоли ҳозир ду мамлакат дар бахши боркашонӣ ва сохтани тарҳҳои муштарак дар Тоҷикистон ҳамкориҳои наздик доранд. Сохтани корхонаи равған бо сармоягузории 3,5 млн. доллар, сохтани корхонаи муштараки тракторсозӣ, иҷро намудани тарҳи азнавсозии меҳмонхонаи Тоҷикистон дар ҳаҷми 19 млн. доллари амрикоӣ, иҷро намудани бахши мурғдории шаҳри Хуҷанд, сохтани тунели Анзоб бо сармояи қариб 21 млн. доллар, сохтани 2 бахши истеҳсоли маводи хӯрока, сохтани маркази ҳазоррақамии телефонии шаҳри Кофарниҳон, маркази 1500 рақамӣ дар шаҳри Роғун, маркази 500 рақамӣ дар Обигарм аз тарафи Ширкати «Порстел» ва мувофиқатнома барои таҳияи барномаи тавсеа додани шабакаи телефонӣ ва интернетӣ байни ширкати тоҷикӣ ва ширкати «Раҳёб» дар ҳаҷми 8 млн. доллар ва нерӯгоҳи 220 мгв «Сангтӯда – 2» бо маблағи 230 млн. доллар аз тарафи Ҷумҳурии Исломии Эрон сохта мешавад.

Маҳсулоти хӯрока ва дастгоҳҳои саноатӣ аз ҷумлаи молҳои муҳимми содиротии Эрон ҳисобида мешавад: пахта, кунҷора, мева ва алюминий. То ҳоло ҳафт ҷаласаи комиссияи муштараки иқтисодӣ байни ду мамлакат баргузор шудааст, ки охирини он соли 1999 дар Теҳрон мебошад.

Ҳамкориҳои фарҳангии Эрону Тоҷикистон яке аз пояҳои асосии равобити байни ду давлат мебошад. Аз байни тавофуқҳои зиёде, ки дар чаҳорчӯбаи комиссияи муштараки байни ду тараф имзо шудааст, миқдори тавофуқҳои фарҳангӣ бештар мебошад. Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бо сабаби мушкилоти иқтисодӣ ҳарчи бештар барои истифода намудан аз манбаъҳои худашон ва ба бозорҳои ҷаҳонӣ баровардани маҳсулоти ватанӣ мекӯшанд. Бо ҳамин сабаб, шартномаҳои гуногуне барои истифода намудан аз манбаъҳои ин ҷумҳуриҳо бо сармоядорони хориҷӣ имзо шудааст. Бо вуҷуди сармоягузориҳои ширкатҳои аврупоӣ ва амрикоӣ, кишварҳои минтақа метавонанд аз ҷойгоҳи махсусе дар тавсеаи иқтисодии ин ҷумҳуриҳо бархурдор бошанд. Ҷумҳурии Исломии Эрон бо имкониятҳои зиёди иқтисодӣ ва таҷрибаҳои фаровон бо мавқеияти стратегӣ дар минтақа метавонад дар таъмин намудани маҳсулоти мавриди ниёзи ин ҷумҳуриҳо, истихроҷ ва истеҳсоли манбаъҳо ва маъданҳо ва ҳамчунин робитаи минтақа бо дунёи хориҷ муассир бошад.

Дар бахши сиёсӣ муҳимтарин монеае, ки дар солҳои гузашта бар сари роҳи Эрон барои густариши робита бо Россия ва Тоҷикистон вуҷуд доштааст, аз инҳо иборатанд:

1. Надоштани стратегияи комили сиёсати хориҷӣ, ки дар чаҳорчӯбаи он сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Осиёи Марказӣ навишта шуда бошад.
2. Ба таври фаъол истифода нашудан аз василаҳои имрӯза дар татбиқи сиёсатҳои минтақавӣ.
3. Аз ҷониби давлат ҳимоя нашудани фаъолияти иқтисодии бахши хусусӣ дар минтақа.
4. Вуҷуд доштани фикри ғалат дар бораи Ҷумҳурии Исломии Эрон дар минтақа ва кӯшиши ками давлатҳои минтақа барои ислоҳ намудани он.
5. Душмании Амрико бо Эрон, ки талош менамояд кӯшишҳои Ҷумҳурии Исломии Эронро барои дуруст намудани иттиҳодҳо ва эътилофҳо беасар ва ё камасар намояд.

Норасиҳое, ки ба тарафи Ҷумҳурии Исломии Эрон мансуб мебошанд, бештар ба ду даста тақсим мешавад:

- фаъол набудани ширкати Эрон дар ҳалли масъалаҳо ва зарурати таваҷҷӯҳ ба баъзе аз воқеиятҳои мавҷуда;
- таъсири мамлакатҳои сеюм ба робитаҳои Эрон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ.

Бинобар ин, бахши зиёде аз монеаҳои робитаи сиёсии Эрон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ин вуҷуд доштани таъсири мамлакатҳои сеюм дар минтақа мебошад. Дар бахши иқтисодӣ, агар Эрон

бихоҳад ба як қутби асосӣ ва меҳварӣ дар минтақа табдил шавад, бояд ба ҳалли мушкилоти зерин аҳамияти аввалиндарача диҳад:

-таҳияи барномаи мукаммал чиҳати барпо намудани пайванди лозимӣ дар бахши иқтисод ва сиёсат;

-истифодаи ҳамачонибаи имкониятҳои Эрон дар бахши нерӯи барқӣ;

-шинохти комили Эрон аз сохторҳои иқтисодии минтақа.

### АДАБИЁТ


1. Эҳтишомӣ Анӯшервон. Сиёсати хоричии Эрон дар даврони созандагӣ / Эҳтишомӣ Анӯшервон; Тарчумаи Иброҳим Муттақӣ ва Зуҳра Пустинчӣ. -Теҳрон: Маркази асноди Инқилоби исломӣ,1378.
2. Деҳқонӣ Саидчалолиддин. Гуфтумонҳои сиёсати хоричии Эрон дар Осиёи Марказӣ. //Фаслномаи Ирос. -1385. -№ 2. - С. 127.
3. Рамазонӣ Рӯҳуллоҳ. Чаҳорчӯбаи таҳлилӣ барои баррасии сиёсати хоричии Чумҳурии Исломии Эрон / Рамазонӣ Рӯҳуллоҳ. - Теҳрон: Суруш. -С. 81.
4. Сомонаи хабарӣ таҳлилии Ирос. (Муассисаи мутолиоти Россия, Осиёи Марказӣ ва Қафқоз).
5. Саноӣ Маҳдӣ. Сомонаи хабарии таҳлилии Ирос. (Муассисаи мутолиоти Россия, Осиёи Марказӣ ва Қафқоз).
6. Сареъулқалам Маҳмуд. Сиёсати хоричии Чумҳурии Исломии Эрон. Бозбинии назарӣ ва парадойми эътилоф / Сареъулқалам Маҳмуд. - Теҳрон: Маркази таҳқиқоти стратегӣ. -С. 106.
7. Шайх Аттор Алиризо. Решаҳои рафтори сиёсӣ дар Қафқоз / Шайх Аттор Алиризо. -Теҳрон: Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналхалқӣ, 1374.
8. Шафеӣ Афсона. Вазъияти иқтисодии мамлакатҳои Авруосиёи Марказӣ / Шафеӣ Афсона. //Моҳномаи Ирос. -№16. -С. 4-5.
9. Сафарӣ Маҳдӣ. Сохтор ва таҳаввулоти сиёсӣ дар Россия ва равобит бо Эрон / Сафарӣ Маҳдӣ. - Теҳрон: //Дафтари мутолиоти Вазорати хорича.
10. Деҳқонӣ Саидчалолиддин. Гуфтумонҳои сиёсати хоричии Эрон дар Осиёи Марказӣ / Деҳқонӣ Саидчалолиддин. // Фаслномаи Ирос. -1385.- 2.
11. Рамазонӣ Рӯҳуллоҳ. Чаҳорчӯби таҳлилӣ барои баррасии сиёсати хоричии Чумҳурии Исломии Эрон / Рамазонӣ Рӯҳуллоҳ. - Теҳрон: Суруш.
12. Карамӣ Чаҳонгир. Робитаи Чумҳурии Исломии Эрон ва Федератсияи Россия. (асри нави ҳамкориҳо) / Карамӣ Чаҳонгир. - Теҳрон: //Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ.


## МЕСТО РОССИИ И ТАДЖИКИСТАНА ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАНА


Автор статьи вкратце исследует место России и Таджикистана после краха Советского Союза во внешней политике Исламской Республики Ирана. Кроме этой проблемы, в основной части статьи автор анализирует экономические, культурные и политические отношения между Ираном и Таджикистаном. В конце этого иследования он дает существенные предложения по устранению трудностей в отношении между двумя странами.



**Ключевые слова:** Исламская Республика Иран, Россия, Таджикистан, геополитика, внешняя политика, истории, безопасность, общий интересов, общый язык, культура.


## THE PLACE OF RUSSIA AND TAJIKISTAN IN THE FOREIGN POLICY OF ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN


The author of the article in short investigates the place of Russia and Tajikistan after the collapse of Soviet Union in the foreign policy of Islamic Republic of Iran. Beside of this issue, in the principal part of his article he analyses economic, cultural and political relations between Iran and Tajikistan. At the end of this survey he gives very significant suggestions for the avoiding difficulties in deferent fields in relation between two countries.



**Key words**: Islamic Republic of Iran, Russia, Tajikistan, geopolitics, foreign policy, history, security, common interests, common language, culture.



**Сведения об авторе:** ***Алиризо Мухаммади*** – соискательИнстута философии, политологии и права АН РТ

## П Е Д А Г О Г И К А

# ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНТЕРАКТИВНЫХ ФОРМ И МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ ДЛЯ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ОБУЧЕНИЯ УЧАЩИХСЯ НА УРОКЕ

*Дж.Булбулов, Э.Джонмирзоев*
**Институт совершенствования профессионального образования ГБАО**

Интерактивное обучение — это специальная форма организации познавательной деятельности. Она имеет ввиду вполне конкретные и прогнозируемые цели. Одна из таких целей состоит в создании комфортных условий обучения, таких, при которых обучаемый чувствует свою успешность, свою интеллектуальную состоятельность, что делает продуктивным сам процесс обучения.

Интерактивный («Inter» - это взаимный, «act» - действовать) – означает взаимодействовать, находиться в режиме беседы, диалога с кем-либо.

Суть интерактивного обучения в том, что учебный процесс организован таким образом, что практически все учащиеся оказываются вовлеченными в процесс познания, они имеют возможность понимать и рефлектировать по поводу того, что они знают и думают. Совместная деятельность учащихся в процессе познания, освоения учебного материала означает, что каждый вносит свой особый индивидуальный вклад, идет обмен знаниями, идеями, способами деятельности. Причем происходит это в атмосфере доброжелательности и взаимной поддержки, что позволяет не только получать новое знание, но и развивает саму познавательную деятельность, переводит ее на более высокие формы кооперации и сотрудничества.

Характеристика, сущностная особенность интерактивных методов - это высокий уровень взаимно направленной активности субъектов взаимодействия, эмоциональное, духовное единение участников. При использовании интерактивных методов обучаемый становится полноправным участником процесса восприятия, его опыт служит основным источником учебного познания.

Учитель не даёт готовых знаний, но побуждает обучаемых к самостоятельному поиску. По сравнению с традиционными формами ведения занятий, в интерактивном обучении меняется взаимодействие преподавателя и обучаемого: активность педагога уступает место активности обучаемых, а задачей педагога становится создание условий для их инициативы. Педагог отказывается от роли своеобразного фильтра, пропускающего через себя учебную информацию, и выполняет функцию помощника в работе, одного из источников информации.

**Значение интерактивных форм и методов обучения.**

Интерактивный режим работы подразумевает взаимодействие учителя и учащегося, при котором учитель на каждое свое действие получает адекватный ответ со стороны учащихся.

Основное значение интерактивных форм и методов обучения состоит в обеспечении достижения ряда важнейших образовательных целей:

- Развитие навыков анализа критичности мышления, взаимодействия, коммуникации.
- Саморазвитие и развитие, благодаря активизации мыслительной деятельности и взаимодействию с преподавателем и другими участниками образовательного процесса.
- Повышение уровня активности и самостоятельности учащихся.
- Стимулирование мотивации и интереса в области изучаемых предметов.

**Современные классификации дидактических методов. Метод обучения** – это способ взаимосвязанной деятельности преподавателей и учащихся, направленный на решение комплексных задач учебного процесса.

Имеются несколько классификаций методов обучения. Среди педагогов распространена традиционная классификация, отраженная во всех учебниках дидактики: методы словесные, наглядные, практические.

В основе этой классификации лежит способ предъявления информации обучаемым. Если в основу классификации положить степень самостоятельности ученика в приобретении знаний, получим другой набор: репродуктивный, частично-поисковый, поисковый, исследовательский.

Существует классификация методов обучения: объяснительно-иллюстративный, программированный, проблемный, модельный.

Такие методы и сегодня принято называть интерактивными.

Для осуществления обучения с применением интерактивных методов педагог должен обладать педагогическим мастерством. Это основная ступень профессионального развития, под которым понимается доведенная до высокой степени обучающая и воспитательная умелость, отражающая особую отшлифованность методов и приемов. Чтобы применять интерактивные методы, учитель должен научиться работать в режиме творческого развивающего обучения.

**Освоение проблемно-поисковых методов.** Освоение проблемно-поисковых методов - основа организации творческо-исследовательской деятельности учащихся, а, следовательно, и основа интерактивного

обучения. При интерактивном обучении важно научить ученика работать во всем цикле: определение механизма решения проблем; выбор наилучших решений; анализ проблем; составление программы и плана работы; определение целей, задач, направлений деятельности; наработка возможных вариантов решений; выстраивание проблем по степени значимости; поиск и вычленение ведущих проблем.

Учитель должен стремиться выстроить весь комплекс идей и действий, которые необходимо заложить в процесс интерактивного обучения.

**«Хороших методов существует ровно столько, сколько существует хороших учителей».**

Какие же методы можно назвать методами активизации познавательной деятельности учащихся.

**Применение нетрадиционных форм урока.** Существует несколько десятков типов нестандартных уроков, их названия дают некоторое представление о целях, задачах, методике их проведения. Наиболее распространенные: уроки-соревнования, уроки взаимообучения учащихся, уроки-погружения, театрализованные уроки, уроки поиска истины и т.д.

Практиковать такие уроки следует всем педагогам, но превращать нестандартные уроки в главную форму работы, вводить их в систему нецелесообразно из-за отсутствия серьезного познавательного труда.

**Использование нетрадиционных форм учебных занятий.**

- ✓ Комбинированные, способствующие длительной концентрации внимания и системному восприятию учебного материала,
- ✓ Интегрированные, объединенные единой темой или проблемой,
- ✓ Проектные занятия, направленные на воспитание культуры сотрудничества и культуры умственного и творческого труда.

Проектная работа может быть этапом урока, отдельным занятием, иметь более широкие временные рамки:

1. ***Использование всех форм учебной работы учащихся.***

Формы учебной работы: групповые; индивидуальные; парные; коллективные; фронтальные; бригадные.

2. ***Повышение удельного веса интерактивных методов обучения***. Какие же методы являются интерактивными? В основу интерактивных методов положены степень самостоятельности в приобретении знаний и уровень исследовательской деятельности учащихся, они напрямую связаны между собой и помогают оценить степень активности школьника.

3. ***Широкое применение проблемно-задачного подхода*** (системы познавательных и практических задач, проблемных вопросов, ситуаций).

Виды ситуаций:

- Ситуация выбора, когда нужно из имеющихся уже решений выбрать правильное.
- Ситуация-неопределенность, когда возникают неоднозначные решения ввиду недостатка данных.
- Ситуация-конфликт, которая содержит в своей основе борьбу и единство противоположностей.
- Ситуация-неожиданность, вызывающая удивление у обучаемых своей необычностью.
- Ситуация-предложение, когда преподаватель вовлекает учащихся в активный поиск новых закономерностей.
- Ситуация-опровержение, если необходимо доказать несостоятельность какого-либо решения.

4. ***Применение игровых форм, методов и приемов обучения.***

Игровые формы: ролевые; дидактические; имитационные; организационно-деятельностные.

5. ***Использование всех методов мотивации и стимулирования учащихся.***

Под мотивацией понимают совокупность движущих сил, побуждающих человека к деятельности и придающих этой деятельности определенный смысл. У учащихся может и должна быть сформирована устойчивая мотивация в саморазвитии, приобретении новых знаний и умений. Мотивация саморазвития обусловлена желанием стать более успешным. Выделяют 4 группы методов мотивации:

- ➢ ***Познавательные:*** опора на жизненный опыт, учет познавательных интересов, создание проблемных ситуаций, побуждение к поиску альтернативных решений, выполнение творческих заданий. Волевые: информирование об обязательных результатах, формирование ответственного отношения, выявление познавательных затруднений, самооценка и коррекция своей деятельности, формирование умения осуществлять рефлексию, прогнозирование будущей деятельности.
- ➢ ***Эмоциональные***: поощрение, создание ситуаций успеха, стимулирующее оценивание, свободный выбор заданий, удовлетворение желания быть значимой личностью.
- ➢ ***Социальные***: развитие желания быть полезным, создание ситуации взаимопомощи, сопереживания, поиск контактов и сотрудничества, заинтересованность результатами коллективной работы, организация самопроверки и взаимопроверки.

Таким образом, мотивация является основным условием ***интерактивного обучения***, поэтому для любого педагога важно выявить наличие и содержание образовательных потребностей учащихся, и системно

на каждом уроке использовать оптимальные методы мотивации в целях реализации личностно ориентированного развивающего подхода.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Родионов А.И. Мотивация обучения математике/ А.И. Родионов. – Саранск: Красный октябрь, 2007. – 238 с.
2. Танцоров С. Групповая работа в развивающем образовании/ С.Танцоров -Рига: Педагогический центр «Эксперимент», 1997.
3. Развитие субъекта образования: проблемы, подходы, методы исследования/ под редакцией Е.Д. Божович. М.: ПЕР СЭ, 2005.


**ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНТЕРАКТИВНЫХ ФОРМ И МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ ДЛЯ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ОБУЧЕНИЯ УЧАЩИХСЯ НА УРОКЕ**


В статье рассматривается сущностная особенность интерактивных методов обучения, направленная на активности субъектов взаимодействия, эмоциональное, духовное единение участников. Особое внимание уделяются таким формам и методам активизации обучения, как комбинированные, способствующие длительной концентрации внимания и системному восприятию учебного материала, интегрированные, объединенные единой темой или проблемой и проектные, направленные на воспитание культуры сотрудничества, умственного и творческого труда, а также мотивации обучения познавательной деятельности.



**Ключевые слова:** формы, интерактивные методы, мотивация, классификация, познавательная деятельность, обучение, учащиеся.


**THE USE OF INTERACTIVE FORMS AND METHODS OF TRAINING TO IMPROVE THE EFFECTIVENESS OF TRAINING STUDENTS IN THE CLASSROOM**


The article discusses the essential feature of interactive teaching methods aimed at the activity of subjects of interaction, emotional, spiritual unity of the participants. Now let us consider such forms and methods of enhancing learning, as combined, contributing to long-term concentration and systemic perception of the teaching material, integrated, United by a common theme or problem and the project aimed at developing a culture of cooperation, mental and creative labor, as well as learning motivation and cognitive activity.



**Key words:** forms, interactive methods, motivation, classification, learning activities, learning, students.



**Сведения об авторах:** ***Булбулов Джума*** - директор Института усовершенствования профессионального образования Горно-Бадахшанской автономной области РТ. Телефон: **(+992) 93 5006243 (м.)**

***Джонмирзоев Э.*** **–** кандидат педагогических наук, сотрудник Института усовершенствования профессионального образования Горно-Бадахшанской автономной области РТ. Телефон:**93-524-62-00**


# ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ АСПЕКТ МОРАЛЬНО-ЭТИЧЕСКОЙ (АБСТРАКТНОЙ) ЛЕКСИКИ В АКТИВИЗАЦИИ МЫСЛИТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ НА ЗАНЯТИЯХ


***Шамсудинова Рафоат***

**Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава**


Абстрактные значения являются наиболее трудным предметом для семантического анализа, поскольку часто не образуют четких парадигм, в силу чего не поддаются компонентному анализу. Экспериментальное исследование их семантики представляется наиболее надежным путем их семантического описания.

Если говорить о мыслительной деятельности в самом общем плане, то она выступает прежде всего как процесс решения задач (С.Л. Рубинштейн [2]). Задача возникает перед человеком в том случае, когда имеются определенная цель (то, что надо получить) и условия реализации цели, но еще неизвестны конкретные пути и средства ее достижения. Где нет вопроса, задачи, проблемы, там нет и целенаправленной мыслительной деятельности. Поэтому в психологии процесс решения задач широко используется как модель для изучения мыслительной деятельности.

В одних задачах требуется только распознать данное явление и подвести его под известный студенту принцип, правило, закономерность. В других же он не может воспользоваться ни одним из имеющихся готовых способов для достижения поставленной цели. Такого рода задачи могут возникать в самых разнообразных ситуациях обучения: и при доказательстве теорем, и при выполнении учащимися лабораторных работ, и при написании сочинений, и при использовании грамматических правил, и при обосновании исторических фактов и т.д.

Бесспорно, каждый из указанных видов деятельности специфичен и требует разного «набора» способностей: часто люди, хорошо решающие математические задачи, испытывают известные трудности при анализе исторических событий или художественных произведений. С другой стороны, эмоционально-образное мышление нередко мешает аналитическому восприятию математических зависимостей.

Однако, как бы ни были специфичны задачи в разных областях знания, все же есть общее, что объединяет их. Нередко даже студенты считают, что решение задач – это только математика, физика, химия. Что же касается гуманитарных предметов, то в них, якобы, требуется в первую очередь умение передать содержание. Это лишний раз свидетельствует о том, что и сами преподаватели, подчеркивая специфику своих

предметов, забывают об общем, о том, что объединяет все сферы человеческого познания, о поисковой творческой деятельности, в какой бы форме она ни протекала.

Имеются две основные сферы познания: область отношений, существующих между объектами, и область отношений человека к действительности. С этим связана деятельность либо в более аналитическом, естественнонаучном плане, либо в более оценочном, гуманитарном направлении.

Поскольку при аналитическом мышлении человек стремится достичь по возможности точного и однозначного соответствия между различными сторонами объекта, он схематизирует многогранные конкретные явления, отвлекается от одних признаков, вычленяет другие, существенные в данном отношении.

В эмоционально-образном мышлении явление, наоборот, берется во всей полноте и конкретности, со всеми его сторонами и оттенками, так как именно благодаря жизненной полноте явление вызывает наиболее богатые и разносторонние эстетические оценки. Можно поэтому предположить, что способность к художественному мышлению тесно связана с системой не только достаточно ярких образов, но и очень тонких и дифференцированных эмоциональных оценок.

Было бы ошибочно считать, что аналитическая деятельность не сопровождается определенным эмоциональным отношением человека к задаче. Напротив, оно пронизывает весь процесс выработки и принятия решения. Радость открытия, сомнения и надежды, предчувствие успеха и горечь неудач постоянно сменяют друг друга, более того – без них и сам поиск был ба невозможен. Однако совершенно очевидно, что собственным предметом поиска в данном случае являются вовсе не эти эмоции, а связи и зависимости между объектами.

Познавательная мыслительная деятельность - это единство чувственного восприятия, теоретического мышления и практической деятельности. Она осуществляется на каждом жизненном шагу, во всех видах деятельности и социальных взаимоотношений учащихся (производительный и общественно полезный труд, ценностно-ориентационная и художественно-эстетическая деятельность, общение), а также путем выполнения различных предметно-практических действий в учебном процессе (экспериментирование, конструирование, решение исследовательских задач и т.п.). Но только в процессе обучения познание приобретает четкое оформление в особой, присущей только человеку учебно-познавательной деятельности или учении.

Обучение всегда происходит в общении и основывается на вербально-деятельностном подходе. Слово одновременно является средством выражения и познания сущности изучаемого явления, орудием коммуникации и организации практической познавательной деятельности учащихся. Познавательная деятельность является одной из ведущих форм деятельности студента, стимулирующей учебную на основе познавательного интереса.

Все способности человека развиваются в процессе деятельности. Нет другого пути развития познавательных способностей студентов, кроме организации их активной познавательной деятельности. Умелое применение приемов и методов, обеспечивающих высокую активность в учебном познании, является средством развития познавательных способностей обучаемых.

Управление активностью учащихся традиционно называют активизацией. Активизацию можно определить как постоянно текущий процесс побуждения учащихся к энергичному, целенаправленному учению, преодоление пассивной и стерео типичной деятельности, спада и застоя в умственной работе. Главная цель активизации - формирование активности учащихся, повышение качества учебно-воспитательного процесса.

Понимание этого важно для работы преподавателя . Заботясь о развитии студентов, необходимо чаще использовать активные методы обучения. Но одновременно необходимо отдавать себе отчет в том, что являются ли используемые приемы и методы оптимальными, отвечающими имеющемуся развитию учащихся и задаче дальнейшего совершенствования их познавательных умений.

Система работы преподавателя по активизации учебной деятельности студентов должна строиться с учетом планомерного постепенного и целенаправленного достижения желаемой цели – развитие познавательных творческих способностей учащихся.

Любая деятельность человека (не только познавательная) складывается из отдельных действий, а сами действия можно разложить на отдельные операции.

Студент в процессе познавательной деятельности совершает отдельные действия: слушает объяснение преподавателя, работает с учебником и дополнительной литературой, решает задачи, выполняет экспериментальные задания и т.д. Каждое из указанных действий можно разложить на отдельные психические процессы: ощущение, восприятие, представление, мышление, память, воображение и т.д.

Среди всех познавательных психических процессов ведущим является мышление. Действительно, мышление сопутствует всем другим познавательным процессам и часто определяет их характер и качество. Очевидна, например, связь между мышлением и памятью. Память тем полнее и лучше удерживает существенные свойства предметов и связь между ними, чем глубже они осмыслены в процессе изучения. Но мышление влияет и на все другие познавательные процессы.

Следовательно, активизировать познавательную деятельность студентов – это значит, прежде всего, активизировать их мышление.

Кроме того, развивать познавательные способности обучаемых – это, значит, формировать у них мотивы учения. Студенты должны не только научиться решать познавательные задачи, у них нужно развить желание решать эти задачи. Воспитание у студентов мотивов учения в настоящее время является одной из главных задач высшей школы.

Каким же образом можно предупредить пассивность студентов при устном изложении учебного материала и обеспечить активное восприятие и осмысление ими новых знаний? Определяющее значение в решении этой задачи имеют два дидактических условия: во-первых, само изложение материала преподавателем должно быть содержательным в научном отношении, живым и интересным по форме, во-вторых, в процессе устного изложения знаний необходимо применять особые педагогические приемы, возбуждающие мыслительную активность студентов и способствующие поддержанию их внимания.

Один из этих приемов состоит в том, что при устном изложении знаний преподаватель создает проблемные ситуации, ставит перед студентами познавательные задачи и вопросы, которые им следует решить в процессе восприятия и осмысления излагаемого материала. Самым простым в данном случае является достаточно четкое определение темы нового материала и выделение тех основных вопросов, в которых надлежит разобраться студентам. В такой ситуации, когда учащиеся переживают внутренние противоречия между знанием и незнанием, у них возникает потребность в разрешении этих противоречий, и они начинают проявлять познавательную активность.

В стимулировании познавательной активности большую роль играет умение преподавателя побуждать учащихся к осмыслению логики и последовательности в изложении изучаемой темы, к выделению в ней главных и наиболее существенных положений.

Хороший эффект в активизации мыслительной деятельности студентов при устном изложении знаний дает прием, который ставит их перед необходимостью делать сравнения, сопоставлять новые факты, примеры и положения с тем, что изучалось ранее.

В активном восприятии и осмыслении изучаемого материала весьма существенное значение имеет умение преподавателя придавать своему изложению увлекательный характер, делать его живым и интересным. Прежде всего, здесь не следует забывать, что учебный материал сам по себе содержит множество стимулов, возбуждающих любознательность и мыслительную активность учащихся.

Таким образом, на формирование значений слов морально-этической тематики оказывают влияние различные тенденции в общественной жизни, что проявляется в интенсивном развитии новой эмоционально-оценочной или стилистической окраски.

Значения многих из этих слов формируются стихийно, под влиянием неверно или недостаточно правильно понятых подростками фактов, книг, кинокартин, самостоятельного анализа поведения взрослых.

С одной стороны, большинство единиц поля представлены в мышлении испытуемых небольшим количеством отказов: *ложь, смелость, правда, честность, ответственность, совесть, благородство, порядочность.*

Ярко в мышлении студентов представлены системные значения слова *жадность* – «скупость, стремление к наживе» (50%); слова *достоинство* - «совокупность высоких моральных качеств, их уважение в себе» (51%); слова *зло* – «нечто, противоположное добру» (52%); слова *честность* – «искренность и прямота, правдивость» (68%); слова *ложь* – «неправда, намеренное искажение истины» (76%); слова *смелость* – «отсутствие страха; поведение, отличающееся храбростью, отвагой, решительностью» (88%).

Обращает на себя внимание системность исследованных значений в мышлении испытуемых. Многие значения толкуются друг через друга, например: *долг – обязанность, благодарность, добро; честь – достоинство, гордость, принципиальность; гордость – достоинство, принципиальность; благодарность – долг, обязанность; ответственность – обязанность; благородство – честность, достоинство, добро; порядочность – честность.*Группа данных лексем образует психологически реальную парадигму в мышлении студентов.

Формирование морально-этической лексики в мышлении студентов происходит стихийно. На формирование значений морально-этической лексики оказывают влияние различные, часто противоречивые тенденции в общественной жизни современного Таджикистана; неверно или недостаточно правильно понятые подростками факты, книги, кинокартины; самостоятельный анализ поведения взрослых; те изменения, которые происходят с самими испытуемыми. Значения многих из исследуемых слов сформировалось в мышлении студентов под влиянием преподавательской речевой практики, прецедентных текстов.

Под влиянием прежде всего учебной деятельности в мышлении студентов формируются морально-этические значения культурологической тематической группы.

Анализ показал, что в целом морально-этические значения понимаются студентами недостаточно адекватно.Целый ряд системных значений не нашел подтверждения в мышлении испытуемых, что

свидетельствует о периферийности данных значений для мышления студентов, а в некоторых случаях – о неактуальности значения в системе языка в целом.

Анализ значений, не зафиксированных в словарях, позволяет характеризовать многие из них как результат семантического развития русского языка. Самое большое количество значений, не зафиксированных в словарях, выявлено в семантической группе морально-этической лексики, что свидетельствует о недостаточной сформированности и неустойчивости смысловой структуры этих единиц в мышлении студентов.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Пауль Г. Принципы истории языка/ Г. Пауль. – М.: 1960. -317 с.
2. Рубинштейн С. Л. Основы общей психологии/ С. Л. Рубинштейн. - М.; Педагогика, 1989.–т.I.–485 с.
3. Уфимцева А.А. Лексическое значение/ А.А. Уфимцева. – М., 1986.-197 с.
4. Топорова В.М. Диалектика абстрактного и конкретного в лексической семантике/ В.М. Топорова. - Воронеж, 1992.- 22 с.
5. Чернейко Л.О. Лингво-философский анализ абстрактного имени/ Л.О. Чернейко. - М., 1997.- 320 с.


**ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ АСПЕКТ МОРАЛЬНО-ЭТИЧЕСКОЙ (АБСТРАКТНОЙ) ЛЕКСИКИ В АКТИВИЗАЦИИ МЫСЛИТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ НА ЗАНЯТИЯХ**


В стимулировании познавательной активности большую роль играет умение преподавателя побуждать учащихся к осмыслению логики и последовательности в изложении изучаемой темы, к выделению в ней главных и наиболее существенных положений. Хороший эффект в активизации мыслительной деятельности студентов при устном изложении знаний дает прием, который ставит их перед необходимостью делать сравнения, сопоставлять новые факты, примеры и положения с тем, что изучалось ранее.



**Ключевые слова:** психолого-педагогический, аспект, мыслительная деятельность, проблема, изучение, основы, абстрактная лексика, процесс, формирование, семантика, значение, слова.


**PSIHOLOGO-PEDAGOGICAL ASPECT MORALLY-ETHICAL (ABSTRACT) OF LEXICON IN ACTIVATIONS MYSLITELINOY ACTIVITY ON OCCUPATION**


To stimulate cognitive activity plays a big role the ability of the teacher to encourage students to think about their logic and consistency in the presentation of the subjects, highlights in her main and most significant provisions. Good effect in the activation of cognitive activity of students during the oral presentation of the knowledge network reception, which puts them before you need to make a comparison, compare new facts, examples, and provisions that have been studied previously..



**Key words:** psycho-pedagogical aspect, mental activity, problem, learning the basics of abstract vocabulary, the process of formation, semantics, meaning,.



**Сведения об авторе:** ***Шамсудинова Р.С.*** – преподаватель кафедры практического курса русского языка Курган-Тюбинского государственного университета им. Носира Хусрава.


# БАРРАСИИ ТАЪСИРИ ВАРЗИШ БАР АНГЕЗАИ ПЕШРАФТИ ДОНИШОМӮЗОНИ МАКТАБҲОИ ХУСУСИИ МИЁНАИ ШАҲРИ ШЕРОЗ


***Муҳаммади Аскариён***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Шояд битавон гуфт, ки меҳвари бунёдии омӯзиш ва парвариши оянда, ангеза ва мутолиоти марбут ба он аст. Яке аз вазифаҳои аслии равоншиносӣ ва илмҳои тарбиятӣ он аст, ки дар канори пешрафти босуръат ва фазояндаи илму фан ба парвариши истеъдод, эҷоди ангезаҳои пойдор, боло бурдани маҷмӯъ ба омода сохтани инсонҳое бипардозад, ки аз дару зарфияти афроди лиҳози отифӣ ва равоншинохтӣ қодиранд, худро бо чунин пешрафти босуръат дар илм ҳамоҳанг кунанд ва аз авориzи эҳтимолии он эмин бимонанд. Аз ҷумла, мушкилоти тарбиятии асри мо, нигаришҳои худкамбинии афрод, бахусус навҷавонон мебошад, ки асоси муваффақият ва шикасти алоиқ, ҳадафҳо, ангезаҳо ва созгориҳо дар мактаб ва хориҷ аз он ҳастанд, умдатан аз худпиндории фард таъсир мепазиранд (1, с. 1).

Пажӯҳишҳое, ки дар бораи ангезиши пешрафт дар муҳитҳои омӯзишӣ анҷом гирифтааст, нишон медиҳанд, ки миёни ангезиши пешрафт ва фаъолияти маҳсул иртиботи маънодоре вуҷуд дорад (2, с. 184).

Он чӣ дар ин пажӯҳиш мадди назар аст, ин аст, ки оё варзиш бар ангезаи пешрафт таъсир дорад ё не?

Ин пажӯҳиш аз он ҷиҳат дорои аҳамият аст, ки бо шинохти нақш ва таъсири варзиш дар эҷоди ангезаи пешрафт метавон бо ташвиқ ва фароҳам сохтани бистари лозим барои варзиши навҷавонон ва ҷавонон, киояндасозони ҳар ҷомеа ҳастанд бо боло бурдани ангеза, ки худ боиси ҷилавгирӣ аз гуноҳкорӣ ва табияти насли солим ҷиҳати пешбурди ҳадафҳои ҷомеа қадами муассир бардошт.

Саволи асосии ин пажӯҳиш ин аст, ки оё байни ангезаи пешрафт дар донишомӯзони ширкаткунанда дар фаъолиятҳои варзишӣ ва одӣ тафовути маънодор вуҷуд дорад?

**Ҷомеаи оморӣ ва намунаи мавриди мутолиа:** Ҷомеаи омории мактабҳои миёнаи хусусии шаҳри Шероз дар соли 1390 ҳ. (2012 м.) бо теъдоди 135, ки 65 мактаби духтарона ва 70 мактаби писаронаанд,

барои интихоби намуна аз равиши намунагирии тасодуфӣ хӯшае чанд марҳалае истифода шуд. Бад-ин сурат, ки ибтидо аз байни 65 мактаби духтарона 4 мактаб ва аз байни 70 мактаби писарона 4 мактаб ва 60 донишомӯз (30 духтар ва 30 писар), ки дар фаъолиятҳои варзишӣ ширкат кардаанд ва 60 донишомӯз (30 духтар ва 30 писар), ки дар фаъолиятҳои варзишӣ ширкат накардаанд, интихоб шудааст.

Барои андозагирӣ ва таҷзияю таҳлили додаҳо аз омори тавсифӣ ва истинботӣ истифода шуд.

Ба манзури андозагирии ангезиши пешрафт дар ин таҳқиқ аз миқёси ангезаи пешрафти гейзелӣ[1] истифода шудааст. Пурсишномаи тавсифии худи[2] гейзелӣ шомили 64 модда аст, ки сенздаҳ мутағйирро андозагирӣ мекунад.

Ҳар моддаи ин пурсишнома дарбардорандаи ду сифат аст. 32 моддаи бахши аввали ин пурсишнома шомили ду сифати матлуб ва озмуданӣ аст. Бояд дар ҳар модда сифатеро, ки бештар ӯро тавсиф мекунад, мушаххас кунад. 32 моддаи бахши дуввуми ин пурсишнома шомили ду сифати номатлуб ва озмуданӣ аст. Бояд дар ҳар модда, сифатеро, ки камтар ӯро тавсиф мекунад, мушаххас созад. Миқёси ангезиши пешрафти гейзелӣ, 20 модда аз 64 моддаи пурсишнома тавсифи худро дар бар дорад. Дар ин миқёс низ ҳар модда шомили ду сифат аст. Дар ниме аз ин моддаҳои мураккаб озмуданӣ бояд сифатеро мушаххас кунад, ки бештар ба тавсифи ӯ мепардозад ва дар ниме дигар низ бояд сифатеро интихоб кунад, ки камтар ба тавсифи ӯ мепардозад. Шуморагузории миқёси ангезиши пешрафти гейзелӣ тибқи калиди хосе сурат мегирад. Ба унвони мисол, агар фарде дар посух ба моддаи аввали озмун, ки шомили ду сифати матлуб бо арза ва бо тадбир мебошад калимаи боарза (яъне сифатиболоӣ) –ро интихоб кунад, шумо раҳое ба ӯ

Таъаллуқ намегирад, вале агар калимаи ботадбир (яъне сифати поинӣ) –роинтихоб кунад, як шумора хоҳад гирифт. Ба ҳамин наҳв барои ҳар озмуданӣ як шумораи ангезиши пешрафт дар доманаи сифр (0) то шасту шаш (66) ба даст меояд (Гейзелӣ, 1971). Аз он ҷо, ки дар миқёси ангезиши пешрафти гейзелӣ, 20 модда аз 64 моддаи пурсишнома тавсифи худро дар бар дорад, дар ин пажӯҳш фақат аз ин 20 модда ҷиҳати арзишёбӣ истифода шудааст. Бинобар ин, доманаи шумораҳои байни сифр то 20 хоҳад буд.

**Поёӣ (мустаҳкамӣ)**: Ин миқёс дар чандин пажӯҳиши мавриди истифода қарор гирифтааст. Майкоилӣ (1999) бо Олфоӣ Крунбох зарбаҳои поёии 0,72 ва Мусавӣ (1999) бо равишҳои Готман ва дунима кардан ба тартиби зарбаҳои поёии 0,63 ва 0,64 –ро ба даст оварданд (3, с. 54).

**Эътибор**: Боқирӣ (2012) ва Мусавӣ (2012) батартиби зарбаҳои эътибори 0,72 ва 0,60-ро дар хусуси ин миқёс гузориш намудаанд.

Муҳаққиқ низ дар пажӯҳиш аз як синфи 30 нафара бар асоси Олфоӣ Кронбох зарбаҳои поёии 0,70 ва эътибори (равоии) 0/60 бадаст овардааст (4, с. 121).

**Ёфтаҳо**: Савол: Оё байни ангезаи пешрафт дар донишомӯзони ширкаткунандаи фаъолиятҳои варзишӣ ва одӣ тафовути маънодор вуҷуд дорад?

Ҷиҳати баррасии ин савол аз озмуни таҳлили Куворианс истифода шудааст. Ин озмун дорои ду пешшарт аст, ки иборатанд аз: 1. Ҳамгунии шайбаи хатти регресиюн; 2. Баробарии вориёниси гурӯҳҳо.

Бар асоси баррасиҳои баамаломада ин ду пешфарзӣ риоят шудааст.

**Ҷадвали 1. Барасии тафовути шумораҳои пешозмуни ангезаи пешрафти гурӯҳи озмоиш ва назарот пеш аз ҳазфи таъсири пешозмун.**

| Манбаи тағйирот | маҷмӯи маҷзурот | дараҷаи озодӣ | миёнгини маҷзурот | f | сатҳи маънодорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Асари пешозмун, ангезаи пешрафт | 783/628 | 1 | 783/628 | 145214 | 0/000 |
| Асари фаъолиятҳои варзишӣ | 256/120 | 1 | 256/120 | 88647 | 0/000 |
| хато | 626/038 | 117 | 5/351 | ----- | ------ |

Ҳамон гуна ки дар радифи дуюм мушоҳида мешавад, миқдориf баробар бо 47/886 гардида, ки ин миқдор бо дараҷоти озодӣ (1,117) дар сатҳи 0/000 маънодор гардида ва сатҳи қобили қабул маънодори камтар аз 0/05 мебошад. Бинобар ин, натиҷа мегирем, ки байни мизони ангеза пешрафти гурӯҳи озмоиш ва назорат дар пасозмун пас аз ҳазфи таъсири пешозмун тафовути маънодор вуҷуд дорад.

**Ҷадвали 2. Миёнгин ва инҳирофи меъёри мизони ангезаи пешрафти гурӯҳи озмоиш ва назорат дар пасозмун.**

| Гурӯҳ | Теъдод | Миёнгини таодилнашуда | Инҳирофи меъёр | Миёнгини таодилшуда |
|---|---|---|---|---|
| озмоиш | 60 | 17/37 | 3/16 | 17/51 |
| назорат | 60 | 14/73 | 3/72 | 14/58 |

Ҳамон гунна ки мушоҳида мешавад миёнгини ангезаи пешрафти гурӯҳи озмоиш пас аз ҳазфи таъсири пешозмун 17/51 ва барои гурӯҳи назорат 14/58 гардидааст ва ҳамон гунна ки мушоҳида мешавад, мизони ангезаи пешрафти донишомӯзоне, ки дар фаъолиятҳои варзишӣ ширкат кардаанд аз ангезаи пешрафти донишомӯзоне, ки дар фаъолиятҳои варзишӣ ширкат накардаанд, бештар аст.

Савол: Оё байни ангезаи пешрафт дар донишомӯзони ширкаткунанда дар фаъолиятҳои варзишӣ ва одӣ тафовути маънодор вуҷуд дорад?

Бо таваҷҷуҳ ба ҷадвали 1 ва 2 натиҷа мегирем, ки байни мизони ангезаи пешрафти гурӯҳи озмоиш ва назорат дар пасозмун пас аз ҳазфи таъсири пешозмун тафовути маънодор вуҷуд дорад, ва ҳамчунин мушоҳида мешавад, ки мизони ангезаи пешрафти донишомӯзоне, ки дар фаъолиятҳои варзишӣ ширкат кардаанд аз ангезаи пешрафти донишомӯзоне, ки дар фаъолиятҳои варзишӣ ширкат накардаанд, бештар аст. Мутолиаи пешинаи пажӯҳиш нишон медиҳад, таҳқиқе, ки ба баррасии байни ангезаи пешрафт дар донишомӯзони ширкаткунанда дар фаъолиятҳои варзишӣ ва одӣ бошад, вуҷуд надоштааст.

Дар натиҷа ин фарзия метавон баён дошт, ки далели тафовути ангезаи пешрафт дар донишомӯзоне, ки ширкаткунанда дар фаъолиятҳои варзишӣ ва оддӣ тафовути маънодор вуҷуд дорад, ин аст, ки ба далели ин ки донишомӯзон дар фаъолиятҳои варзишӣ ба сурати фаъол ва довталабона ширкат мекунанд, ин амр боиси афзоиши пешрафти онон мебошад.

### АДАБИЁТ


1. Аскариён Муҳаммад. Баррасӣ ва муқоисаи ангезаи пешрафт дар байни донишомӯзони варзишкор ва ғайриварзишкор/ Аскариён Муҳаммад. //Маҷмӯаи мақолоти Ҳамоиши миллии тарбият бидуни калом бо таъкид бар дарси тарбияти бадании Идораи кулли тарбияти бадании шаҳри Машҳад. -2011 .
2. Unierezyski, Piotr. (2003). Level of Achievement motivation of young tennis players and their future progress. Journal of Sport Science and Medicine.
3. Cooper, C.L. pervuin , L.A.(1998) . Personality critical concept in psychology . New York : Rout ledge . World Health org anisation .
4. Кобулон Ҳорвалд. Хулосаи равонпизишкии улуми рафтории равонпизишкии болинӣ./ Кобулон Ҳорвалд, Сорук Бинёмин, Вакраб Чак. Тарҷумаи Нусратуллоҳ Пури Афкор. Ҷилди аввал. Чопи аввал. – Теҳрон, Шаҳри Об-ояндасозон, 2004.


### АНАЛИЗ ВЛИЯНИЯ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ НА УСПЕВАЕМОСТЬ УЧАЩИХСЯ ЧАСТНЫХ ШКОЛ ГОРОДА ШИРАЗА (ИРАН)


В культуре и педагогике разных народов физическое развитие занимает важное место. Известны древнеиранские учения о гармоническом развитии человека, о духовно-нравственном и физическом совершенствовании человека. На эти традиции опирается физическое воспитание и учащихся в общеобразовательных школах Шираза. В статье сделана попытка анализа двигательных качеств, умений и навыков в процессе преподавания физической культуры в частных школах Ирана. Рассматриваются центры и условия обучения физкультуры в частных школах Шираза.



**Ключевые слова:**физкультура, обучающиеся, успеваемость, достижения, тест, наука, статья, исследования, практика.


### ANALYSIS OF THE IMPACT OF PHYSICAL EDUCATION ON ACADEMIC ACHIEVEMENT OF STUDENTS IN PRIVATE SCHOOLS IN THE CITY OF SHIRAZ (IRAN)


***Mohammad Askarian***
**counselor education(FARS) Marvdasht? Iran**



In the culture and pedagogy of different peoples physical development occupies an important place. Famous ancient Iranian doctrine of harmonious development of man, of moral and physical improvements. These traditions are based physical education and pupils in secondary schools of Shiraz. The article aims to analyze motor skills, skills in teaching physical education in private schools of Iran. Discusses centers and the conditions of teaching physical education in private schools of Shiraz.



**Key words:**physical education, students, grades, achievement test, science, art, research, and practice.



**Сведения об авторе:** ***Мухаммад Аскариён*** – соискатель НИИИРО Академии образования Таджикистана


## АРЗЁБИИ ДАРУНӢ- АБЗОРӢ БАРОИ ИРТИҚОИ МУСТАМАРИ КАЙФИЯТИ ОМӮЗИШИИ ДОНИШГОҲҲО


***Муҷтабоҳ Дастур***
**Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Кайфияти омӯзишӣ ва пажӯҳишӣ аз ҷумлаи дағдағаҳоест, ки ҳамеша низомҳои донишгоҳӣ барои дастёбӣ ба он талош мекунанд. Иртиқои мустамари кайфияти омӯзиши олӣ мусталзами истифода аз арзёбии омӯзишӣ аст. Кӯшишҳои қобили таваҷҷухе дар ду даҳаи ахир ҷиҳати иртиқои кайфияти омӯзиши олӣ ва дастёбӣ ба ҳадафҳои низомҳои донишгоҳӣ дар бисёре аз кишварҳо ба амал омадааст. Ҳадафҳои аслии ҳар низоми донишгоҳӣ дар се заминаи омӯзиш, пажӯҳиш ва арзаи хадамот аст, дар сурате ба таври матлуб таҳаққуқ меёбанд, ки аз аввалин гом (тарроҳӣ) то гоми ниҳоӣ (арзаи бурундод) ба арзёбии иқдомот ва натоиҷи ҳосил аз кӯшишҳо пардохта шавад.

Чунончи дидгоҳи системӣ дар бораи омӯзиши олӣ мавриди назар қарор гирад, арзёбии омӯзиши олӣ метавонад дар бораи дарундод, фароянд, бурундод ва пайомади низоми донишгоҳӣ ба кор бурда шавад. Навъе аз арзёбиро, ки дар он маҷмӯае аз авомили ёдшуда мавриди қазоват қарор гирад, метавон арзёбии донишгоҳӣ ном ниҳод. Бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаҳои ҳосил аз арзёбии омӯзиши олӣ, панҷ рӯйкарди умда барои арзёбии кайфияти омӯзиши олӣ мавриди истифода қарор мегирад. Ин рӯйкардҳо иборатанд аз:

1. Арзёбии дарунӣ (хударзёбӣ)

2. Арзёбии берунӣ

3. Таҳлили омории рафтори низоми омӯзиши олӣ бо истифода аз нишонгарҳои амалкард

4. Назарсанҷӣ аз донишҷӯён, донишомӯхтагон, корфармоён ва ниҳодҳои тахассусӣ

5. Озмуни дониш, нигариш ва тавониши донишомӯхтагон

Потун бархе рӯйкардҳои арзёбиро, ки бар асоси ниёзи афроди зирабт ва зинафъ ба қазоват дар бораи падидаҳои омӯзишӣ мепардозанд, рӯйкардҳои корбурдгаро меномад. Ин рӯйкардҳо дорои асоси назарӣ аст. Рӯйкардҳои арзёбии дарунӣ ва берунӣ корбурдгаро ҳастанд ва аз асоси назарӣ бархӯрдор мебошанд.

Ҳадафҳои умдаи низоми омӯзиши олӣ дар ҳар кишварро метавон дар чаҳор меҳвари зер хулоса кард:

1. Кӯмак ба таҳаққуқи ҳадафҳои иҷтимоӣ аз тариқи фароҳам овардани баробарӣ дар фурсатҳои омӯзиши олӣ

2. Баровардани тақозои иҷтимоӣ барои омӯзиши олӣ мутаносиб бо вижагиҳо, ангезаҳо, интизорот ва таҳсилоти афрод, парвариши тавоноиҳои билқувваи шаҳрвандон ва тасҳили фароянди ёдгирии мустамар (модомуламр)

3. Парвариши нерӯи инсонии мутахассиси мавриди ниёзи тавсиаи кишвар ва кӯмак ба ҳалли масоили ҷомеа

4. Пешбурди марзҳои дониш ва тавлиди дониш

Дар фароянди барномарезии омӯзишӣ тавсиаи ҷанбаҳои каммӣ ва кайфии низоми омӯзишӣ бояд ба мувозоти якдигар мавриди таваҷҷӯҳ бошад. Арзёбӣ дар тамоми коркардҳои мудириятӣ лозим ва зарур аст. Ин ҷараён аз аввалин гом, ки ба ташхиси ниёзҳо иқдом мегардад, то охирин гом, ки ба иҷроаи бурундоди низ мунҷар мешавад, идома меёбад. Ба иборати дигар, додаҳои ҳосил аз арзёбӣ барои қазоват дар бораи матлубияти ҳадафҳо, барномаҳои амалиётӣ ва тарҳҳои иҷроӣ ва натоиҷи ҳосила ба манзури ҳидоя ва тасмимгирӣ дар бораи умури донишгоҳӣ истифода кард. Дар ин миён арзёбии дарунӣ ба унвони фароянди пӯётар аз соири равишҳои арзёбӣ ба оянда менигарад (дар муқобили соири арзёбиҳо, ки ғолибан гузашта нигаранд) ва бо иҷроаи иттилооти ҷомеъ ба масъулин, ҷойгоҳи омӯзиш, пажӯҳиш ва вусъати бурундодҳои низоми омӯзиширо муайян намуда ва шароитеро ба вуҷуд оварад, то тасмимгирандагон зимни дар назар гирифтани амалкарди гузашта ва ҳоли худ барномаҳои кӯтоҳмуддат ва баландмуддати худро бар мабнои иттилооти бадастомада аз фароянди арзёбии анҷомшуда барои оянда тасмим гамоянд.

Рӯйкарди арзёбии дарунӣ бо таваҷҷуҳ ба моҳияташ корбурдгаро мебошад. Арзишёбии корбурдгаро бар ин фарз мубтанӣ аст, ки қазоват дар мавриди арзишёбӣ боясти ба василаи корбурдҳо ва истифодаҳои воқеии он, яъне ин ки дар амал чӣ қадар ба кор меояд, сурат мегирад. Арзёбии дарунӣ таъкиди фаровон бар барномаҳое дорад, ки аз тариқи он барномаҳо маъмурият ва аҳдоф, нуқоти қувват ва заъфи маҷмӯаи омӯзиш муайян мешавад ва он маҷмӯа барои тазмин ва беҳбуди кайфияти худ равишҳои муфидеро иттихоз намояд ва ба василаи он метавон ба кажжиҳо ва костиҳо ва навоқиси низом пай бурд. Бинобар ин, арзёбии дарунӣ, ки гоҳе авқот хударзёбӣ, худсанҷӣ ва бознигарии гурӯҳӣ номида мешавад, як раҳёфти мушорикатӣ дар арзёбӣ ва бознигарии муассиса ё барнома маҳсуб мешавад, ки метавонад ҷиҳати шарҳу баёни пешрафтҳо, ҳалли масоил ва тарғиб ба тағйири вазъияти мавҷуд ҷиҳати беҳбуд ва иртиқои он ба кор равад.

Арзёбии дарунӣ мубтанӣ бар назарияи тафсир аст. Дар ин назария таъкид бар эҷоди тағйирот барои беҳбудӣ аст. Ба иборати дигар, анҷоми арзёбии дарунӣ дар як воҳиди омӯзиши олӣ василае ҷиҳати эҷоди тағйирот барои беҳбуди кайфияти омӯзиши олӣ аст. Ду ҳадафи асосии равиши худсанҷӣ дар омӯзиши олӣ иборатанд аз:

1. Тасҳили беҳбуд, тавсиа ва тафсир

2. Таъмини интизорот ва илзомот барои посухгӯйии ҳирфаӣ

Арзёбии дарунӣ ба тариқи мухталиф қобили дарк ва фаҳм аст. Дар содатарин сатҳ мумкин аст ба унвони як роҳбурди шинохташуда, ки коркунонро қодир месозад, то варои маҳдудиятҳое, ки дар ҳолати маъмул ба он одат кардаанд, биандешанд. Навъе фароянди ёдгирӣ аст ва асосан ба гунае тарроҳӣ шудааст, то афроде, ки даргири фароянд ҳастанд, қодир ба анҷоми муқоисаи фаъолиятҳо, хадамот, фарояндҳо, маҳсулот ва натоиҷи кори худ гардонад. Он ҳам ба гунае ки нуқоти қувват ва заъфи худро ба унвони мабное барои худбеҳбудӣ ва ё худтанзимӣ бозшиносанд. Арзёбии дарунӣ барои шинохтани роҳҳои беҳтар ва ҳушмандонатари анҷоми умур ва ҳамчунин, фаҳми ин нукта аст, ки чаро онҳо беҳтар ва ҳушмандтар мебошанд. Аз ин рӯ, ин дидгоҳро метавон барои аъмоли тағйироте, ки равиш ё амалкардро беҳбуд бахшид, ба кор бурд.

**Аҳдоф ва коркардҳои арзёбии дарунӣ**. Дар заминаи аҳдоф ва коркардҳои арзёбии дарунӣ назароти мутафовите ироа шудааст. Бромли ва Ниюбо панҷ ҳадафи умдаи арзёбии даруниро мавориди зер муаррифӣ кардаанд:

1. Бозхӯрд. Яъне пайванд додани пайомадҳои иҷроии барнома ё омӯзиши баақдоф ва мақосид дар ҷиҳати тадоруки шаклӣ аз контроли кайфият

2. Контрол. Пайванд байни омӯзиш ва иҷрои барнома ба фаъолиятҳои созмонӣ ҷиҳати мушоҳидаи ҳазина- асарбахшӣ

3. Пажӯҳиш. Таъйини равобит байни пайомадҳои иҷрои барнома, омӯзиш, ёдгирӣ ва интиқоли ба кор ва ҳирфаи корбари он дар амал

4. Мудохила. Таъсири натоиҷи арзёбӣ дар заминае, ки дар он анҷом гирифтааст

5. Бозии қудрат. Ба кор бурдани моҳиронаи додаҳои арзёбӣ ҷиҳати хатти машийҳои созмоне, ки аҳдофи омӯзишии то сиёсиро дарбар мегирад.

Гарҳордҷо зимни ишора ба арзёбии дарунӣ ба унвони яке аз породоимҳои ҷадид дар низоми омӯзиши олӣ аҳдофи хударзёбӣ дар як муассиса ё донишгоҳро мавориди зер медонад:

1. Кӯмак ба беҳбуди муассиса ва барномаҳо

2. Тарсими масирӣ ҷиҳати санҷиши муассиса ва худтаҳлилӣ дар барномаҳо ва мудирият ва иҷрои барномаҳо

3. Афзоиши таваҷҷуҳ ва тамаркуз ҷиҳати созмондиҳии ҷомеи кайфият

4. Мабное ҷиҳати фароянди барномарезӣ

Бинобар ин, чунончи арзёбии дарунӣ аз тарафи аъзои ҳайати илмӣ ва коркунони як низоми омӯзишӣ пазируфта шавад ва ба унвони як ибтикори амал аз матни як низом бо ҳадафи тақвият ва ҳимоят аз халлоқиятҳои дарунгурӯҳӣ ва барномарезӣ ҷиҳати иртиқои кайфият ва фаъолиятҳои он нуфуз пайдо кунад, метавонад ба тағйири вазъияти мавҷуд ва ислоҳи нуқоти заъфи мухталиф ва беҳбуд ва иртиқои кайфияти низом ё барномаи мавориди арзёбӣ мунҷар шавад.

**Мақосиди арзёбии дарунӣ**. Устод Бозаргон ва ҳамкорон, Лим ва Видвич мақосиди арзёбии даруниро ба шарҳи зер муаррифӣ кардаанд:

1. Ошкор кардани ҷанбаҳои мухталифи кайфият (дарундод, фароянд, бурундод)- и низоми донишгоҳӣ
2. Кӯмак ба худтанзимии умури низоми донишгоҳӣ
3. Беҳбуди кайфияти омӯзиши низоми донишгоҳӣ
4. Мушорикати аъзои ҳайати илмӣ дар шаффофсозии умури донишгоҳӣ ва тавонмандсозии онҳо
5. Посухгӯйии низоми донишгоҳӣ ба ниёзҳои ҷомеа ва манобеи ихтисосӣ

Муҳимтарин пайомади арзёбии дарунӣ баррасии беҳбуди кайфияти омӯзишӣ ва иртиқои он дар марокизи омӯзишии олӣ аст. Кайфият фақат бо барномарезӣ эҷод мегардад ва фароянди барномарезӣ дар низоми омӯзиши донишгоҳӣ иборат аст аз фароянди иттихози маҷмӯае аз тасмимот барои иҷрои иқдомоте дар оянда. Барои ин ки тасмимот ақлонӣ, мантиқӣ ва қобили иҷро иттихоз шавад, боясти мубтанӣ бар иттилооти дақиқ ва ҷомеъ аз вазъияти гузашта, ҳол ва пешбиниҳое аз оянда бошад.. Огоҳӣ аз вазъияти мавҷуди низоми омӯзиши олӣ (фурсатҳо, таҳдидҳо, кувватҳо, заъфҳо) ниёзманди истиқрори як системи арзёбии ҷомеъ ва муназзам аст, чаро ки арзёбӣ иттилооти ҷомеъ ва дақиқро бо шиносоии вазъияти воқеии умур ва ташхиси ин ки то чизон ҳадафҳои барнома, стратегияҳо ва сиёсатҳои иҷроии муртабит бо ҳадафҳо ва ба табъи онҳо барномарезии амалиётӣ ва пешбинии манобеъ ва ҳазинаҳо ба таври муносиби мантиқӣ ва илмӣ таъйиншударо нишон медиҳад.

Вожаҳои арзишёбӣ ва арзёбӣ, ки дар низоми омӯзишӣ ба таври мутародиф ба кор бурда мешавад, ба маънои қазоват дар бораи падидаҳои омӯзишӣ аст. Арзишёбии омӯзишӣ ба мафҳуми қазоват дар бораи дониш ва амалкарди ёдгиранда собиқае наздик ба панҷ қарн дорад. Аммо, пешинаи истифода аз абзорҳои тирозшудаи андозагирии омӯзишӣ барои қазоват дар бораи дониш ва амалкарди ёдгиранда ба даҳаҳои аввали қарни бистум бармегардад.

**Арзёбии дарунӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ**. Улгуи эътиборсанҷӣ мутташаккил аз арзёбии дарунӣ ва берунӣ аст. Таҷрибаи донишгоҳҳои омрикоӣ дар истифода аз ин улгу чунон аст, ки арзёбии дарунӣ ба унвони муқаддимае барои иҷрои арзёбии бурунӣ анҷом мешавад, то эътиборгузорӣ ва рутбабандии донишгоҳҳо ба амал ояд. Бар ин асос, низоми донишгоҳии довталаби арзёбӣ ибтидо ба арзёбии дарунии худ мепардозад. Сипас, гузориши арзёбии дарунӣ мавриди бозбинии ҳайати ҳамгинон қарор мегирад ва боздид аз низоми донишгоҳии довталаби арзёбҷом мешавад. Саранҷом бо таваҷҷуҳ ба истондордҳои аз қабл таъйиншуда дар бораи салоҳият, низоми ёдшуда қазоват мешавад ва рутбаи онҳо таъйин мешавад. Аз он ҷо ки нисбат ба қобили таваҷҷуҳе аз донишгоҳҳо дар Амрико ғайридавлатӣ (хусусӣ) ҳастанд, рутбабандии онҳо дар бозори арза ва тақозои омӯзиши олӣ дар ин кишварҳо зарурат меёбад.

Дар кишварҳои аврупоӣ, ки донишгоҳҳо, маъмулан, давлатиянд, барои арзёбии низомои донишгоҳӣ бо таваҷҷуҳ ба фарҳанг, муҳит, дидгоҳ ва авомили мутафовити дигар дар муқоиса бо низомҳои омӯзиши олии Амрико арзёбии омӯзиши олӣ бо рӯйкардҳои мухталиф ба амал меояд. Ба таври куллӣ, таҷрибаҳои омӯзиши олӣ дар кишварҳои аврупоиро метавон ба чаҳор гурӯҳ тақсим кард:

Дар гурӯҳи аввал арзёбӣ дар сатҳи донишгоҳҳо ба амал меояд, ба тавре ки аъзои ҳайати илмӣ чандон мушорикате дар онҳо надорад. Аз ин ҷумла метавон кишварҳои Инглистон ва Фаронсаро ном бурд. Ҳарчанд арзёбии омӯзиши олӣ дар ин даста ниҳодина шудааст, аммо аз он чо ки аъзои ҳайати илмӣ дар амри арзишёбӣ мушорикат надоранд, фароянди беҳбуди кайфият амре бурунӣ аст, ба тавре ки аз буруни донишгоҳ бар он аъмол мешавад.

Дар гурӯҳи дуввум арзёбии омӯзиши олӣ бо мушорикати аъзои ҳайати илмӣ дар ду марҳала анҷом мешавад. Ибтидо арзёбии дарунӣ анҷом мегирад ва гузориши арзёбӣ ба як созмони мустақил аз дастгоҳи иҷроӣ ирсол мешавад. Ин созмон, ки ҳамоҳангии фаъолиятҳои арзёбиро бар ӯҳда дорад, шароити арзёбии бурунинро фароҳам меоварад. Кишварҳое, ки дар ин даста қарор доранд, шомили Ҳуланд, Финлонд, Донморк ва Суид аст. Дар миёни ин кишварҳо таҷрибаи Ҳуланд аз назари арзёбии дарунӣ ва таъсири он бар беҳбуди кайфияти омӯзиши олӣ қобили таваҷҷуҳ аст. Истифода аз арзёбии дарунӣ, қаблан, дар бархе кишварҳо роиҷ шудааст, аммо бо таваҷуҳ ба ин ки барои арзёбии дарунӣ авомили мавриди арзёбӣ ва фароянди амалиётӣ бастагӣ ба низоми мавриди арзёбӣ дорад, дар улгуи мавриди истифода бояд авомили мавриди арзёбӣ ва фарояндро мутаносиб бо ҳадафҳои арзёбӣ ихтиёр кард.

Дар гурӯҳи саввум кишварҳои аврупоӣ дар заминаи арзёбии омӯзиши олӣ кишварҳоеро ба амал овардаанд, аммо ҳанӯз ин кӯшишҳо мунҷар ба ниҳодина шудани арзёбӣ дар донишгоҳҳо нашудааст. Аз ин ҷумла метавон ба кишварҳои Пуртуқол, Испониё, Олмон, Итриш ва Суис ишора кард.

Дар гурӯҳи чаҳорум кишварҳое қарор доранд, ки дар андешаи арзёбии омӯзиши олӣ мебошанд. Дар ин даста метавон аз Италиё, Юнон, Билжик ва кишварҳои Аврупои Марказӣ ёд кард.

Дар миёни кишварҳои осиёӣ, ҳарчанд кишварҳое монанди Ҷопон, Ҳинд, Молазӣ ва Индунизӣ дар андешаи анҷоми арзёбии омӯзиши олӣ будаанд, аммо кӯшишҳои Ҳункунг ва Кураи Ҷанубӣ дар арзёбии донишгоҳӣ қобили таваҷҷуҳ аст. Дар Ҳункунг навъе хударзёбӣ анҷом мешавад, ки дар он кайфияти фароянди тадрис- ёдгирӣ ва бурундоди барномаҳо мавриди санҷиш қарор мегирад. Барои ин манзур барномаи дарсии мусавваб, равишҳои тадрис- ёдгирӣ ва соири ҷанбаҳои иҷроии барномаи дарсӣ ва низ манобеи дар дастрас барои иҷрои барнома арзёбӣ мешавад. Арзёбии омӯзиши олӣ дар Кураи Ҷанубӣ дар даҳ соли гузашта равнақ ёфтааст. Дар ин кишвар навъеэътиборсанҷӣ дар риштаҳои умдаи омӯзиши олӣ ба амал омадааст. Дар ин таҷрибаҳо дар фароянди арзёбӣ ба бознигарии ҳадафҳои омӯзишӣ ва пажӯҳишӣ таваҷҷуҳ нашуда ва барои қазоват дар бораи кайфияти риштаҳои омӯзиши олии мавриди арзёбӣ фақат вазъияти гузашта мавриди назар қарор гирифтааст. Илова бар он, аъзои ҳайати илмӣ дар ин амр мушорикати лозимро ба амал наёвардаанд.

Аввалин кӯшиш барои арзёбии дарунӣ дар омӯзиши олии Эрон дар соли 1375 хуршедӣ оғоз шуд. Иҷрои муваффақиятомези тарҳи арзёбии даруни гурӯҳҳои омӯзишии Донишгоҳи Теҳрон сабаб шуд Шӯрои Донишгоҳи Теҳрон соли 1376- ро «Соли назорат ва арзёбӣ» номгузорӣ кард. Гузоришҳои натоиҷи арзёбии дарунӣ дар донишгоҳҳои Эрон нишон медиҳад, ки фароянди арзёбии дарунӣ нақши муассире дар беҳбуди кайфияти омӯзиш доштааст. Дар солҳои 1377 ва 1378 арзёбии дарунӣ дар донишгоҳҳои улуми пизишкӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Вазорати улум, таҳқиқот ва фановарӣ аз исфандмоҳи соли 1379 ба василаи созмони Санҷиши омӯзиши кишвар гомҳои нахустро барои ишроаи арзёбии дарунӣ дар омӯзиши ғайрипизишкӣ бардоштааст. Аз он ҷумла метавон ба ташкили гурӯҳи арзишёбӣ дар маркази мутолиот, таҳқиқот ва арзишёбии омӯзишӣ вобаста ба созмони ёдшуда ишора кард. Бинобар ин, бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаҳои касбшуда ва иҷрои чанд тарҳи таҳқиқ дар бораи арзёбии омӯзиши олӣ дар Эрон улгуи муносиб барои арзёбии дарунӣ ва бурунӣ дар омӯзиши олии Эрон шиносоӣ шудааст.

**Равиши анҷоми арзёбии дарунӣ дар донишгоҳҳои Теҳрон**

Дар анҷоми арзёбии дарунӣ авомили низоми донишгоҳӣ иборатанд аз:

1. Ҷойгоҳи созмонӣ- созмондиҳӣ ва мудирият
2. Донишҷӯён
3. Давраҳои омӯзишии мавриди иҷро
4. Фароянди тадрис- ёдгирӣ
5. Донишомӯхтагон

Натоиҷи арзёбӣ нишон дод, ки гунҷондани ин авомил барои намоёндани кайфият зарурат доштааст. Натоиҷи таҳқиқот дар бораи арзёбии даруни низомҳои донишгоҳӣ нишон медиҳад, ки ҳадаф аз арзёбии омӯзиши олӣ 1) таъйиди салоҳияти марокизи омӯзиши олӣ, 2) ташхиси эътиборот, 3) посухгӯйӣ ба марочеи зирабт ба манзури баровардани назари масъулони давлатӣ дар қиболи будчаи дарёфтӣ, 4) намоён сохтани мизони дастёбӣ ба ҳадафҳои низоми донишгоҳӣ, 5) арзаи иттилоот ҷиҳати огоҳии донишҷӯён, корфармоён ва соири афроди зирабт ва зинафъ дар бораи низоми донишгоҳӣ, 6) беҳбуди мустамари кайфияти омӯзиши олӣ аст. Дар миёни рӯйкардҳои арзишёбии донишгоҳӣ арзёбии дарунӣ ва арзёбии бурунӣ чунон ҳастанд, ки истифода аз онҳо шароити лозим барои беҳбуди мустамари кайфияти низомҳои омӯзиширо фароҳам мекунад. Бидуни тардид, арзёбии бурунӣ бояд ба унвони мукаммали арзёбии дарунӣ мавриди истифода қарор гирад.

Ҷомеаҳои оморӣ, ки дар арзёбии дарунӣ дар гурӯҳҳои омӯзишӣ донишгоҳҳо мавриди мутолиа қарор мегиранд, иборатанд аз: 1. Масъулон ва аъзои ҳайати илмӣ. 2. Донишҷӯён. 3. Донишомӯхтагон. 4. Корфармоён (касоне, ки донишомӯхтагонро сарпарастӣ мекунанд)

Абзори андозагирӣ барои гирдоварии додаҳо шомили пурсишнома ва фурми иттилоотӣ аст. Пурсишнома барои гирдоварии додаҳо аз ҳайати илмӣ, донишҷӯён ва донишомӯхтагон ба сурати тифликарт танзим шудааст. Натоиҷи бадастомада аз пурсишномаҳо вазъияти мавҷуди донишгоҳро

нишон медиҳад ва сипас бо мизони матлубияти кайфият (матлуб, нисбатан матлуб ва номатлуб) мутобиқат дода мешавад ва натоиҷи бадастомада нишон хоҳад дод, ки донишгоҳ дар чӣ сатҳе аз мизони кайфияти омӯзиш қарор дорад.

**Арзёбии дарунӣ ва аносири аслии низоми омӯзиши олӣ.** Арзёбии дарунӣ дар гурӯҳҳои омӯзишӣ ва донишгоҳҳои Эрон аз тариқи баррасии авомили дарундод, фароянд ва бурундоди низоми омӯзиши олӣ ва фароянди тадвини аҳдоф ва наҳваи тадвини гузориши он анҷом мегирад:

1. Авомили дарундоди мавриди арзёбӣ дар кайфияти омӯзишии донишгоҳ, шомили 1) мудири гурӯҳ, 2) аъзои ҳайати илмӣ, 3) аъзои ғайриомӯзишӣ, 4) барномаҳои омӯзишӣ ва барномаи тавсиаи гурӯҳ, 5) таҷҳизот, 6) донишҷӯёни манобеи ёдгирӣ (китобхона, озмоишгоҳ) ва 7) манобеи колбудӣ аст. Барои баррасии фаъолияти аъзои ҳайати илмӣ, яъне фароянди тадрис- ёдгирӣ чаҳор малака манзур шудааст:

1) навъи роҳбурдҳои ёддиҳӣ- ёдгирии мавриди истифодаи аъзои ҳайати илмӣ дар тадриси дурус;
2) маводи омӯзишӣ ва васоили кӯмаки омӯзишии мавриди истифода дар тадрис;
3) шеваҳои арзёбии пешрафти таҳсилии донишҷӯён;
4) чигунагии бозхӯрди натоиҷи пешрафти таҳсилӣ ба донишҷӯён

2. Авомили фароянди мавриди арзёбӣ дар кайфияти омӯзишии донишгоҳ, шомили аҳдофи мудирият ва амалкарди гурӯҳ, аъзои ҳайати илмӣ, донишҷӯён, давраҳои омӯзишӣ ва барномаҳои дарсии гурӯҳ, фарояндҳои ёддиҳӣ- ёдгирӣ, истифода аз фановарии иттилоот ва иртиботот дар фароянди тадрис, шеваҳои арзишёбии пешрафти таҳсилӣ ва наҳваи бозхӯрди натоиҷи он ба донишҷӯён аст.

3. Авомили бурундоди мавриди арзёбӣ дар кайфияти омӯзиши донишгоҳ, шомили 1) донишомӯхтагон, 2) осори илмии мунташиршуда (китоб, мақола, гузориши илмӣ ва ғайра) ва 3) хадамоти тахассусӣ аст. Ҳашт малака барои арзёбии кайфияти бурундод иборатанд аз: иштиғоли донишомӯхтагон ва муддати бекории онон қабл аз оғози аввалин шуғл, навъи шуғли донишомӯхтагон, идомаи таҳсили донишомӯхтагон, назари донишомӯхтагон дар бораи тавоноиҳо, дониш ва нигариши иктисобии онон, нигариши онон нисбат ба барномаи дарсӣ, назари корфармоён дар бораи тавонмандии донишомӯхтагон, назари беморон дар бораи хадамоти арзашуда ба василаи донишомӯхтагон, мизони иртиботи донишомӯхтагон бо гурӯҳи омӯзишӣ, мизони мушорикати донишомӯхтагон дар барномарезии тавсиаи минтақаӣ ва миллӣ.

4. Фароянди тадвини ҳадафҳои гурӯҳи омӯзишии донишгоҳ. Барои арзёбии дарунӣ лозим аст ҳадафҳои гурӯҳи омӯзишӣ ошкор бошад. Ин ҳадафҳо шомили мақосиди омӯзишӣ, пажӯҳиш ва арзаи хадамоти тахассусӣ аст. Дар фароянди тадвини ҳадафҳои гурӯҳ бояд рисолати донишгоҳ ва имконоти дар дастраси он донишгоҳро ҷиҳати таҳаққуқи ҳадафҳо таваҷҷӯҳ кард. Ҳадафҳои гурӯҳи омӯзишӣ бо таваҷҷуҳ ба сохтори дониш дар риштаи тахассусӣ, ниёзҳои ёдгирандагон ва рисолати донишгоҳ таъйин мешавад. Ҳадафҳоро метавон бар асоси рӯйкарди барномарезии истиротижик дар омӯзиши олӣ танзим кард, ки шомили 1) натоиҷи омӯзишӣ, пажӯҳишӣ ва хадамоти тахассусӣ, ки интизор меравад гурӯҳи омӯзишӣ арза кунад, 2) малокҳое, ки ба василаи онҳо метавон натоиҷро намоён кард, 3) шароите, ки таҳти онҳо натоиҷ ошкор мешавад, 4) нишонгарҳое, ки ба василаи онҳо метавон дар бораи амалкарди қазоват кард, 5) баёни ҳадафҳо ба шеваи ёдшуда аввалин гом барои қудратсупорӣ ба аъзои ҳайати илмӣ ҷиҳати беҳбуди кайфият аст.

5. Наҳваи тадвини гузориши арзёбии дарунӣ, шомили 1) ошно кардани аъзои ҳайати илмӣ бо фароянди арзёбии дарунӣ, 2) ташкили кумитаи арзёбии дарунӣ дар гурӯҳи омӯзишӣ, пажӯҳишӣ ва тавҷеҳи аъзои ҳайати илмии гурӯ, 3) тадвини аҳдоф(омӯзишӣ, пажӯҳишӣ ва хадамоти илмии тахассусӣ), 4) таъйини авомил ва малокҳои арзёбии марбути авомили системаи омӯзишӣ (дарундод, фароянд ва бурундод), 5) таъриф ва тадвини нишонгарҳои муносиб барои арзёбии авомили систими омӯзишӣ, 6) мушаххас сохтани додаҳои мавриди ниёз барои қазоват дар хусуси ҳар кадом аз авомили системаи омӯзишӣ, 7) интихоб ва тадвини абзорҳои мавриди ниёз барои ҷамъоварии додаҳо, 8) гирдоварии додаҳо, 9) таҷзия ва таҳлили додаҳо, 10) таҳияи гузориши муқаддамотӣ, 11) тавзеи гузориши муқаддамотӣ ва баҳс дар бораи чигунагии иртиқои кайфияти гурӯҳҳои омӯзишии донишгоҳҳо, 12) тадвини гузориши ниҳоӣ дар бораи беҳбуди кайфияти омӯзишии донишгоҳ ҷиҳати арзёбии дарунӣ аст.

## АДАБИЁТ


1. Аббос Бозаргон. Арзёбии дарунии донишгоҳӣ ва корбурди он дар беҳбуди мустамари кайфияти омӯзиши олӣ:- Теҳрон: фаслномаи «Пажӯҳиш ва барномарезӣ дар омӯзиши олӣ», 1374.
2. Аббос Бозаргон. Арзишёбии омӯзишӣ(мафоҳим , улгуҳо ва фароянди амалиётӣ):- теҳрон: «Самт», 1380.
3. Аббос Бозаргон. Кайфият ва арзёбии он дар омӯзиши олӣ. Нигоҳе ба таҷрибаҳои миллӣ ва байналмилалӣ. Маҷмӯаи мақолоти нахустин симинори омӯзиши олӣ дар Эрон:- Теҳрон: «Донишгоҳи аллома Таботабоӣ», 1376.
4. Ризо Муҳаммадӣ ва ҳамкорон. Арзишёбии кайфият дар омӯзиши олии Эрон:- Теҳрон: «Созмони санҷиш», 1388.
5. Худоёр Абилӣ. Арзишёбии моҳияти назорат ва арзёбии ҷорӣ дар омӯзиши олии ғайрипизишкии кишвар. Маҷмӯаи мақолоти нахустин симинори омӯзиши олӣ дар Эрон:- теҳрон: «Донишгоҳи аллома Таботабоӣ», 1376.
6. Ҷалил Фатҳободӣ. Тарроҳии улгуи муносиби арзёбии дарунӣ ба манзури беҳбуди кайфияти омӯзиши донишгоҳҳои улуми пизишкӣ:--Теҳрон: «Донишгоҳ», 1378.

7. Юсуф Ҳиҷозӣ ва ҳамкорон. Арзёбии дарунии кайфият дар низоми донишгоҳӣ:- Теҳрон: «Донишгоҳ», 1387.

## ОБЗОРНАЯ ОЦЕНКА КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ ДЛЯ ПОСТЕПЕННОГО ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ОБУЧЕНИЯ В ВУЗЕ

В современный период возрастает интерес к оценке качества образования, особенно в высшем образовании в связи с процессами глобализации. Интенсивное развитие рынка образовательных услуг ведет к усилению конкуренции. Вопросы качества образования и его оценки, привлекает внимание всех субъектов образовательного процесса. В процессе оценки проявляются различные критерии, предъявляемые к образованию. Вопрос о том, как в организационной среде вуза функционируют различные критерии качества, является важным и актуальным. В данной статье автором проведена обзорная оценка качества образования в вузе на примере системы высшего образования Исламской Республики Иран.

**Ключевые слова:** управление вузом, образовательный процесс. оценка качества образования, деятельности образовательных учреждений.

## OVERVIEW ASSESSMENT OF THE OUALITY OF EDUCATION FOR THE GRADUAL IMPROVEMENT OF OUALITY OF EDUCATION

In the modern period, a growing interest in assessing the quality of education, especially in higher education in connection with the processes of globalization. Intensive development of the market of educational services leads to increased competition. The questions of education quality and evaluation, attracts the attention of all subjects of educational process. In the evaluation process there are different criteria to education. The question of how the institutional environment of the University has various quality criteria is important. In this article the author conducted the survey to assess the quality of University education in the system of higher education of the Islamic Republic of Iran.

**Key words:** management of the University educational process. assessment of the quality of education, the activities of educational institutions.

**Сведения об авторе:** ***Муджтабох Дастур***- соискатель ТГПУ им.Садриддина АйнИ

# РОБИТАИ ИХТИЛОЛҲОИ РАВОНИИ МОДАРОН БО ИХТИЛОЛҲОИ РАВОНИИ ДУХТАРОНИ ОНОН ДАР ДАБИРИСТОНҲОИ ОСТОНИ АЛБУРЗ

***Ширин Мудирзоре***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Яке аз боризтарин хусусиёти инсонҳо таомул ва иртибрташон бо якдигар аст. Волидайн муҳимтарин манобеи иртиботии фарзандон мебошанд ва ин таомил нақши асосӣ дар шаклдиҳии абъоди шахсиятии онҳо дорад. Бил (1979) ба робитаи модар ва кӯдак дар саломатии равон ё бурузи ихтилол дар рушди равонӣ ва зеҳнии кӯдак ишора дорад. Зеро вокунишҳои модар ва навҳаи иртиботаш бо фарзандон то ҳудуди зиёде метавонанд бар тасвири кӯдак аз худаш таъсир бигузорад. Яке аз моделҳои матраҳшуда дар нақши волидайн мутаалиқ ба Б. Бернер (2001) аст. Ба назари ӯ тарзи тафаккур ва шеваҳои зиндагӣ дар хонавода пайрезӣ мешавад ва сипас тавассути муррабиён маҳди кӯдак, омӯзгорон, дабирони мадорис ва дигар афроди муҳим шакл мегиранд. Дар сурате ки пояи ин равобит мубтанӣ бар эҳтиром ва ҳуқуқи мутақобил бошад, метавон интизор дошт, ки афроди солим парвариш ёбанд. Яке аз муҳимтарин ва муассиртарин авомил бар саломатии равонии фарзандон муҳити хонавода аст. Хонавода муҳимтарин ниҳоди иҷтимоӣ аст, ки дар рушд ва такомули фарзандон таъсиргузор аст. Волидайн бо эҷоди фазои муносиб заминаи рушд, бурузи истеъдодҳо ва пешрафтро фароҳам меоварад. Хонавода вазифа дорад, ки ниёзҳои моддӣ ва маънавии кӯдакро тавре фароҳам оварад, ки беҳдошти ҷисмӣ ва равонии ӯ тазмин шавад. Фарзандон бо таввлид аз падар ва модар рафторҳо ва нигаришҳои муносиб бо ҳуввияти ҷинсии худ ва мунтаносиб бо интизоротҳои муҳите, ки дар он рушд мекунанд, меомӯзанд. Аввалин ҳуввияти иҷтимоии фард низ дар хонавода шакл мегирад. Бархе мутолеот нишон додаанд, ки бештари ихтилоли равонии фарзандон ба далели гусастагии робитаи модар бо кӯдак аст, ки муҷиби пархошгарӣ, асабоният ва изтироб мешавад. Дар кӯдаконе, ки ба таври физикӣ ва отифӣ аз модар ҷудо мешаванд, навмедӣ ва як навъ буридагии равонӣ иттифоқ меафтад. Натоиҷи бархе пажӯҳишҳо нишон додааст, ки навҷавононе, ки бо модари худ равобити ҳасанае доранд дар пешрафти таҳсилӣ, созгорӣ бо мадраса ва муаллимон ва доштани ҳуввият ва хештанпиндорӣ маҳкам ва як порчагии беҳтаре аз навҷавононе ҳастанд, ки бо модари худ равобити самимӣ надоранд (Нелсон, 2007). Бинобар ин, бо таваҷҷуҳ ба наҳваи таъсири равобити модар бар рӯйи фарзанд ва пайомадҳои равонӣ ва иҷтимоии он дар хонавода ва аҳамияти он дар парвариши насли солим ва коромадии ин пажӯҳиш барои баррасии иртиботи байни ихтилолҳои равонии модар бо ихтилоли равонии духтарони онҳо зарурӣ ба назар мерасад.

**Ҷомеаи оморӣ, намунаи равиш ва равиши намунагирӣ.** Ҷомеаи оморӣ дар ин пажӯҳиш шомили кулли модарон ва духтарони донишомӯзи онон аст, ки дар соли таҳсили 2012-2013 дар дабиристонҳои давлатии минтақаи 3 остони Албурз машғули таҳсил будаанд. Намунагирӣ ба сурати дар дастрас будан анҷом шуд. Чаҳор дабиристони давлатии духтарона мавриди пажӯҳиш ва баррасӣ қарор гирифт ва дар байни онҳо аз 2 то 3 синф интихоб шуд, ки дар маҷмӯъ 182 донишомӯз интихоб шуданд ва модарони донишомӯзони интихобшуда низ дар ин намуна қарор гирифтанд.

Василаи панҷ мутағайир (афсурдагӣ, фобия, изтироб, ҳассосияти байнифардӣ, шикояти ҷисмонӣ ва равони парешон) қобили пешбайнӣ аст. Мутағайири ҳассосияти байнифардӣ ва шикояти ҷисмонии модарон бо афсурдагии духтарон робитаи манфӣ дорад. Байни афсурдагии модарон дар сатҳи итминон 95% бо пархошгарии духтарон робитаи мусбати маънодор мушоҳида мешавад ва наздик ба 5% варианти пархошгарии духтарон ба василаи афсурдагии модарон қобили табйин аст. Робита байни мутағайири пешбайнии изтироби модарон бо мутағайири малоки изтироби духтарон дар сатҳи итминон 99% маънидор аст. Ҳамчунин метавон аз рӯйи ихтилоли афсурдагии духтарон ва изтироби модарон беш аз 5% варианти изтироби духтаронро табйин кард. Байни ихтилоли афсурдагӣ ва изтироби модарон ва изтироби духтарон робитаи мусбати маънидор мушоҳида мешавад, ба тартибе ки бо афзоиши афсурдагӣ ва изтироби модарон ва изтироби духтарон низ афзоиш меёбад. Байни васвоси модарон бо мутағайири малоки васвоси духтарон дар сатҳи итминон 99% ва байни равони пареши модарон васвоси духтарон дар сатҳи 95% робита маънидор аст. Ёфтаҳо нишон медиҳанд, ки ихтилоли васвос ва равони парешони модарон метавонанд беш аз 5% варианти васвоси духтаронро табйин кунад. Робитаи омории байни ин мутағайирҳо маънодор ва мусбат аст. Мутағайири пешбайнии шикояти ҷисмонии модарон бо шикояти ҷисмонии духтарони онон дар сатҳи итминон 99% маънидор аст, вале ихтилоли равонии изтироби модарон бо шикояти ҷисмонии духтарон дар сатҳи итминон 95% маънидор аст. Метавон аз рӯйи ихтилолоти изтироб ва шикояти ҷисмонии модарон беш аз 7% шикояти ҷисмонии духтаронро пешбайнӣ кард. Ин дар ҳолеаст, ки байни изтироби модарон ва шикояти ҷисмонии духтарон робитаи манфии маънидоре мушоҳида мешавад, яъне афзоиш ё коҳиши изтироби модарон коҳиш ё афзоиши шикояти ҷисмонии духтаронро дар пай дорад. Байни ихтилоли равонии модарон аз назари мутағайирҳои пешбайни **поронавё** ва равони пареши модарон дар сатҳи итминони 99% ва байни изтироб ва шикояти ҷисмонии модарон бо равони парешони духтарон дар сатҳи итминони 95% аз назари оморӣ робитаи маънодор мушоҳида мешавад. Ихтилолоти изтироб, шикояти ҷисмонӣ, **поронавё ва** равони парешони духтаронро табйин мекунад. Дар ин миён байни шикояти ҷисмонии модарон ва равони парешони духтарон робитаи манфии маънодор вуҷуд дорад. Яъне афзоиш ё коҳиши ин ду ихтилоли модарон муҷиби коҳиш ё афзоиши ихтилоли равони парешони духтарон мешавад. Пажӯҳиши ҳозир байни ихтилолоти нуҳгонаи модарон ва ихтилолоти фобия ва **поронавё** духтарон робитаи маънодореро нишон надод. Ба ибораи дигар, наметавон аз рӯйи ихтилолоти нуҳгонаи модарон ду ихтилол – фобия ва **поронавё** дар духтаронро пешбайнӣ кард. Лозим ба зикр аст, ки дар соири мутағайирҳо робитаи маънодоре мушоҳида намешавад. Дар ин росто ёфтаҳои пажӯҳишҳои зер бо ёфтаҳои ин пажӯҳиш ҳамхон аст. Баррасии Аминӣ (1386) ҳокӣ аз таъсири бештари волидайни бемори искизуфаранӣ нисбат ба волидайни оддӣ бар донишомӯзони писар аст. Мусавӣ ва Родмеҳр (1384) дар пажӯҳишҳои худ дар мавриди 600 донишомӯзи духтар ва писар нишон доданд, ки 44,5 % онҳо мизони афсурдагиро гузориш мекунанд ва байни афсурдагӣ ва авомили дигаре монанди бемории равонӣ ва ҷисмии модар робитаи маънодоре вуҷуд дорад. Баррасии Ҳарингтон (2006, ба нақл аз Ҷовидон 1385) бар таъсири худ пиндоре бар афсурдагӣ ишора дорад. Пажӯҳиши Ходимиён (1383), Ҷовидон (1385), Аҳмадӣ (1386), ба нақл аз Аҳмадзода (1385), Давроӣ ва Маншор (2006), Оёҷӯ (2006) ва Сайёдӣ (1387) бар нақши сабкҳои фарзандпарварӣ ва короии хонавода дар дар иззати нафс, худпиндорӣ, саломатии равонӣ ва ихтилолоти равонӣ таъкид доранд, ки метавон ин ёфтаҳоро бо навъи ёфтаҳои пажӯҳишҳо ҳамсӯ донист.

Дар ин росто метавон ба ин нукта ишора кард, ки аъзои хонавода ба унвони як гурӯҳ таомулҳои печидае бо ҳам доранд ва ҳамон тавр ки мумкин аст рафтори носозгор аз тариқи равобити нодурусти кӯдак бо яке ё ҳарду волидайн шакл гирифта бошад, ихтилол мутаассир аз муҳити кулли хонавода низ бошад. Ба ибораи дигар, дар миёни авомили мухталифи таъсиргузор дар бурузи ихтилоли равонӣ амалкарди хонавода ва ҷанбаҳои отифии равобити байни хонавода, нақшҳо, вазоиф ва наваҳаи бархӯрд бо онҳо бо мушкилот ҳамчунин дар фароянди рушд ва беҳзистии аъзои хонавода ҷойгоҳи меҳварии худро ҳазф кардааст. Ба назар мерасад ки, агар фарде дар хонаводае, ки муҳити муташанниҷ ва ошуфтае дорад ва дар тамоми муддат афроди хонавода ба якдигар пархош мекунанд, зиндагии кунд ба эҳтимол хоҳу нохоҳ ҳолатҳое аз пархошгариро ёд мегирад. Адами алоқа ва таваҷҷуҳ нисбат ба фарзандон бетаваҷҷуҳӣ ва беэътиноӣ ба эҳтиёҷоти хоси ӯ, адами роҳнамоии саҳеҳ, рафтори таҳқиромез, таҳсини беш аз ҳад, ҳимоят ва муҳаббати беш аз ҳад, бадқавлӣ, табъиз, сарзаниш ва аъмоли назири он аз ҷумлаи авомиле ҳастанд, ки ваҳшат, эҳсоси нороҳатӣ, беэътиноӣ, пархошгарӣ, ташвиш ва изтироби доимиро тащдид мекунанд. Ин авомили ихтилол ҳар як ба танҳоӣ метавонанд як ҳолати хашм ва изтироби амиқеро дар фарзандон ба вуҷуд оваранд, ки поя ва асоси бештари аз ҳолот, рафтор ва тамоилоти асабиро ташкил медиҳанд. Бинобар ин, лозимаи беҳдошт ва саломатии равонии афрод ва пешгирӣ аз бурузи мушкилот ин аст, ки қабл аз ҳар чиз заминаҳои эҷоди як шахсияти маҳкам ва устувор дар фард ба вуҷуд ояд. Чун хонавода нахустин муҳити омӯзиши афрод аст, агар хонавода битавонад, масъулияти тарбиятӣ ва омӯзишии худро ба хубӣ ифо кунад, ба эҳтимол афрод камтар ба мушкилоти муҳитӣ мувочеҳ мешаванд.

Ба далели маҳдудиятҳои мавҷуд дар ин таҳқиқ ҷамъоварии додаҳо аз чанд мутағайир, чун писарон, син, таҳсилот, теъдоди фарзандон ва мутағайирҳое, чун нақши падар, талоқ, маҳрумият аз волидайн дар таҳқиқи баъдӣ пешниҳод мешавад.


**АДАБИЁТ**

1. Аҳмадзода Озода. Баррасии робитаи миёни ризоияти заношӯӣ ва саломати равон дар байни дабирони зан ва марди шоғил дар дабиристонҳои шаҳри Теҳрон / Аҳмадзода Озода. // Поённомаи доктории равоншиносӣ. Донишгоҳи Теҳрон, 1385.
2. Ҳусейнӣ Зоҳир. Баррасии саломати равонии донишомӯзони мақтаи мутавасситаи шаҳри Шероз / Ҳусейнӣ Зоҳир. // Поённомаи коршиносии равоншиносии донишгоҳи озоди Курч, 1384.
3. Ходимиён Алиризо. Баррасии нигаришҳои тарбияти волидайн бо иззати нафси донишомӯзони сеюми мутавасситаи шаҳристони Машҳад / Ходимиён Алиризо. // Поённомаи коршиносии аршад. Донишгоҳи Шаҳиди Биҳиштӣ, 1383.
4. Саодатманд Муҳаммадризо. Баррасии таъсири омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ бар саломати равон ва манобеи контроли навҷавонон / Саодатманд Муҳаммадризо. // Поённомаи коршиносии аршад. Донишгоҳи ал-Заҳро,1386.
5. Шуҷоизода Довуд. Баррасии асароти ихтилолҳои равонии волидайн дар бурузи ихтилолҳои равонии навҷавононии пояи сеюми мутавасситаи шаҳри Теҳрон/ Шуҷоизода Довуд. // Поённомаи коршиносии аршад. Донишгоҳи Шоҳид, 1385.


**СВЯЗЬ ПСИХИЧЕСКИХ РАССТРОЙСТВ МАТЕРЕЙ С ПСИХИЧЕСКИМИ РАССТРОЙСТВАМИ ИХ ДОЧЕРЕЙ В СРЕДНИХ ШКОЛАХ ГОРОДА АЛБРУЗ (ИРАН)**


Проблема психических расстройств – одна из важнейших проблем в современном мире. В процессе развития человека существует определенная зависимость его психического состояния от ряда биологических и социальных факторов. В данной статье автором рассмотрена связь психических расстройств матерей с психическими расстройствами их дочерей в средних школах города Албруз (Иран).



**Ключевые слова:** психическое здоровье, влияние на состояние психики, психическое расстройство, связь психического расстройства матерей и их дочерей.


**THE RELATIONSHIP OF MENTAL DISORDERS MOTHERS WITH MENTAL DISORDERS THEIR DAUGHTERS IN SECONDARY SCHOOLS ELBRUS (IRAN)**


The problem of mental disorders is one of the most important problems in the modern world. In the process of human development there is a definite relationship in his mental condition from a number of biological and social factors. In this article the author considers the relationship of mental disorders mothers with mental disorders their daughters in secondary schools Elbrus (Iran).



**Key words:** mental health, impact on the mental state, a mental disorder, the relationship of mental disorder mothers and their daughters.



**Сведения об авторе:** ***Ширин Мудирзоре***- соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни


## НАҚШ ВА ТАЪСИРИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР НАЗОРАТИ ИНҲИРОФОТИ ВАРЗИШӢ


***Иброҳим Халилӣ***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Чунин иддао мешавад, ки риояти усул ва стандартҳои таълим ва тарбият дар фаъолиятҳо ва барномаҳои варзишӣ мавзӯи содае аст. Аммо дар ҳақиқат, дар бисёре аз мавонеъ амри сода набуда, баръакс, комилан печида аст. Ҳама медонанд, ки варзиш бояд ҳамроҳ бо саҷоёи таълим ва тарбият бошад ва риояти ин усул бар ҳамагон воҷиб аст. Аммо мушоҳида мешавад, ки дар амал чунин нест ва ноҳинҷориҳои рафторӣ, пархошгарӣ, тақаллуб ва қонуншиканӣ дар муҳитҳои варзиши рӯз ба рӯз дар ҳоли афзоиш аст. Шумораи он даста аз варзишкороне, ки ҷарима ва муҷозот шуда, аз мусобиқоти варзишӣ маҳрум мешаванд, зиёдтар шудааст.

Дар солҳои охир ноҳинҷориҳои рафторӣ, инҳироф ва каҷравиҳои таълиму тарбият ва рафтор дар байни варзишгарон, мураббиён, доварон ва соири масъулону дастандаркорони умури варзиш иттифоқ афтода, ки назари мутахассисон ва ҷомеашиносони варзишро ба худ ҷалб кардааст. Нақзи мукаррари қавонину муқаррароти варзишӣ, адами риояти ҳинҷорҳои рафторӣ, бетаваҷҷуҳӣ ба арзишҳои иҷтимоӣ, ҷурму рафторҳои ҷиноӣ ва базеҳкорӣ, зери по гузоштани усули таълиму тарбияти варзишӣ ва нодида гирифтани усули бозиҳои ҷавонмардона ва истифодаи бе ҳадду ҳаср аз моводи нерӯафзо дар ҷаҳони варзиш фаровон мушоҳида мешавад (4). Инҳо мисолҳое ҳастанд, ки дар майдонҳои варзишӣ ба вуқӯъ мепайванданд.

Бисёре аз варзишгарон хориҷ аз майдонҳои варзишӣ ва дар зиндагии иҷтимоӣ дучори ҷурм шуда, ин раванд, мутаассифона, рӯ ба афзоиш аст. Ба тавре ки аз маҷмӯи ҳаводиси бавуқӯъпайваста чунин истинбот мешавад, ки инҳироф дар варзиш ғайри қобили назорат шудааст.

Ҳама медонанд, ки истифода аз моводи нерӯафзо мамнӯъ ва бар хилофи усули таълиму тарбияти варзиш аст, аммо, мутаассифона, истифодаи ғайримаҷозӣ аз моводи нерӯафзо рӯз ба рӯз дар ҳоли афзоиш аст (5). Дар ин маврид чӣ бояд кард? Маккей (1990) мегӯяд, ки аз муассиртарин роҳҳои назорати допинг омӯзиши ахлоқ аст (7). Риояи усули таълиму тарбият дар варзиш ниёзманди талош, доштани шахсияти қавӣ ва босубот, огоҳӣ ва шинохт, дарки саҳеҳ аз мавқеиятҳо ва фурсатҳо, огоҳӣ аз

қавонину муқаррарот, имону эътиқоди қалбӣ ба корҳои содиқона ва меъёрҳои таълиму тарбият аст. Бинобар ин, тавсеаи меъёрҳои ахлоқӣ дар муҳитҳои варзишӣ хеле зарур аст.

Аммо тавсеаи усули таълиму тарбият дар ҷомеа ниёзманди омӯзишу тарбият, талоши гурӯҳӣ ва созмондеҳишуда, аҳдофи барномарезишуда, тадвини қавонини ҷомеъ ва эҷоди ташкилотҳои қавӣ ва мунсаҷим ба манзури назарот аст. Ҳамоҳангӣ, ҳамдилӣ ва ҳамсӯйии ҳамаи ниҳодҳо ва созмонҳои варзишӣ ва ғайриварзишӣ дар ин амр муҳим ва иҷтинобнопазир менамояд. Ҳар гуна иқдому амале, ки ба тавони арзишҳои таълиму тарбият, монанди меҳрубонӣ, хуштаълиму тарбият, гузашт, садоқат, эҳтиром, масъулият, адолат, муроқибат ва рӯҳияи варзишкорӣ ва бозиҳои ҷавонмардонаро тавсеа диҳад, дорои аҳамият аст. Ҷомеаи варзишӣ интизор дорад, усул ва назарияҳои ироашуда дар ҳавзаи масоили таълиму тарбияти варзиш метавонанд мушкилоти таълиму тарбият ва рафтори варзишгаронро ҳаддалимкон бартараф намояд. Чунончи, ахлоқи варзишӣ сирфан ба мутолиот ва матолиби илмӣ-назарӣ маҳдуд шавад, аз дидгоҳи корбурди фоидаи матлуб аз он ҳосил нахоҳад шуд.

Ҳамаи афрод дӯст доранд, то бозиҳо ва мусобиқоти варзишӣ ба сурати содиқона, ҷавонмардона, саҳеҳ ва холӣ аз айб ва нукс анҷом шавад. Табиист, ки дастёбӣ ба ин муҳим бар усулу пешфарзҳое мубтанӣ аст ва таваҷҷуҳ ба ин усул нақши чашмгир дар тавсеаи арзишҳои ахлоқӣ дар варзиш дорад. Ахлоқ ба усули арзиши вазифа, масъулиятҳо ва виҷдон ишора мекунад ва мушаххас менамояд, ки чӣ чиз хуб ва чӣ чиз бад аст ва ба мо мегӯяд, ки чӣ гуна рафтор кунем, ки дар ҷомеа ва дар назди дигарон хубу қобили ситоиш бошем(12). Ҷомеа аз бозигарон ва варзишкорон мехоҳанд, то ҳамроҳ бо варзиш кардан усули таълим ва тарбияро риоя кунанд. Усули таълиму тарбият шомили чӣ чизҳое мешавад? Таҳқиқот ва мутолиоти мутааддид дар ин маврид анҷом шудааст. Арзишҳои таълиму тарбият ҳам дар заминаҳои мусбат, монанди эътимодсозӣ, масъулиятпазирӣ, адолат, робитаи шаҳрвандии хуб, дурусткорӣ, садоқат, эҳтиром, риояи қонун, рӯҳияи ҷавонмардӣ ва варзишкорӣ таъйин мешавад (5,9) ва ҳам дар заминаҳои манфӣ, монанди тақаллуб, фиребкорӣ, инҳироф, ноҳинҷорӣ ва қонуншиканӣ. Ин арзишҳо, ки дар баҳси ахлоқ ва варзиш мавриди таввачҷуҳи вижаи муҳаққиқон ва соҳибназарон қарор мегирад, дорои аҳамият аст (9). Ба манзури тавсеаи усули таълиму тарбият дар муҳитҳои варзишӣ ва дар мусобиқот риояти чанд усули корбурдӣ зарурӣ ба назар мерасад.

**Шинохти вазифа.** Дар варзиш вазифа ба ҳадди ақали меъёрҳои мавриди интизор дар риояи усули таълиму тарбият итлоқ мешавад (3). Бисёре аз созмонҳо, ниҳодҳо ва анҷуманҳои синфӣ ва тахассусии мансуб ба таълиму тарбият дарҳирфаро тадвин карда, ҳамаи аъзоён муваззаф ба риояи онҳо ҳастанд. Дар тавофуқномаи мушорикати варзишии Аризона ин усулро шаш сутуни шахсият номгузорӣ кардаанд. Ин усулҳо иборатанд аз: эътимодсозӣ, иқдом, масъулият, адолат, таваҷҷуҳ ва робитаи шаҳрвандии хуб (12). Ҳар кадоме аз ин усул, меъёрҳо ва шохисҳое доранд, ки ҳамаи афрод мулзам ба риояти онҳо мебошад. Адами риояти ин стандартҳо, адами таввачҷуҳ ба робитаи шаҳрвандӣ, адами таввачҷуҳ ба адолат ва дар натиҷа, тавсеаи беадолатӣ, адами масъулиятпазирӣ, беэҳтиром шудан ва номутмаин шудан бар хилофи тавофуқнома аст.

**Дурусткорӣ.** Дурусткорӣ ба дараҷаи хосе аз таолии виҷдонӣ, рӯҳӣ ва фаротар аз ниёзҳои арзишӣ ишора дорад. Фарде бо чунин шахсият бояд ба парҳезкорӣ ва тақво рӯй оварад. Вале агар натавонист ба дараҷае аз тақво ва парҳезкорӣ даст ёбад, ҷомеа ӯро ибдоъкор талаққӣ мекунад. Ҳар кори зишт, нописанд ва баде, ки аз инсон сар мезанад, мумкин аст маншаи хатаре барои худи шахс ва ё ҷомеа гардад ва ба хотири он кор Худованд инсони бадкорро ба муҷозот бирасонад. Инсон бояд диққат кунад, хушёр бошад ва даст ба корҳое назанад, ки боиси ин маҳрумиятҳо ё муҷозотҳо шавад.

**Таахҳуд ба усул**. Дар равиши таахҳуд ба усули рафтори саҳеҳ чӣ дар тамринот ва чӣ дар шароити ҳассосу буҳрон мусобиқа шомили пайравӣ аз қавонин, ҳатто ҳангоми ихроҷ аз замини мусобиқа, итоат накардан ба қонун ва эҳтиром ба он, риояи усули бозии ҷавонмардона, эҳтиром ба афрод ва бозикунони рақиб ва виқор дар бозӣ ва эҳтиром ба одобу русуми иҷтимоӣ, ҳиниҷорҳо ва арзишҳо аст.

Дар қарни XXI фарҳанги ҷаҳонӣ варзиш дар ҳамаи абъод ва ҷанбаҳо босуръат дар ҳоли шаклгирӣ аст. Суръати таҳаввулот он қадар сареъ аст, ки ҳатто, фурсати арзишгузорӣ бар навъи фаъолиятҳои варзишӣ бисёр кам буда, дар чунин шароит бидуни доштани усули мабонии мустаҳками иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, амал намудан бидуни барнома хатароте низ дар бар хоҳад дошт.

Таҳаввулоти бунёдини илмӣ дар арсаҳои мухталифи зиндагии иҷтимоӣ набояд боиси он шавад, ки ҷомеа усули арзишҳои эътиқодӣ, ҳинҷорҳои иҷтимоӣ ва боварҳои илмии ҷомеаро фаромӯш намояд. Ҷомеа интизор дорад, ки зимни ҳамгом шудан бо таҳаввулоти ҷаҳонӣ дар арсаи варзиш, улгуҳои таълим ва тарбиятро дар заминаҳои мухталифи барномаҳо ва фаъолиятҳои варзишӣ (варзишҳои тафреҳӣ, варзишҳои қаҳрамонӣ ё ҳирфаӣ ва чӣ фаъолиятҳои ҷисмонӣ ба манзури солимсозӣ ва беҳдошт) ироа намоем, ки бо ҳуввияти ҷомеаи эронӣ, ҳинҷорҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ ва низому фарҳанг кишвар ҳамсӯ бошад. Ин муҳим ниёзманди мутолиа, таҳқиқ ва сармоягузориҳои илмӣ аст. Шинохт ва огоҳӣ аз усули таълим ва тарбият дар тарбияти баданӣ ва варзиш, бавижа дар заминаҳои корбурдӣ, мисли омӯзиши маҳоратҳои варзишӣ, омодасозии варзишгарон, тавсеа ва таъмими варзиш ва тамриноти варзиш ва мусобиқот зарур аст. Зеро усули таълим ва тарбият дар

варзиш ба унвони як пешфарзи бисёр муҳим ва асосӣ, роҳнамои муътабар барои амалиётҳо ва барномаҳои иҷрои варзиш дар ҳама сатҳ дар ҷомеа талаққӣ мешавад.

Илова бар ин, шарти муваффақият дар ҳар фаъолият ва коре дар дараҷаи аввал огоҳӣ ва шинохт аст. Ҳамаи нерӯҳои инсонӣ дар ҷомеаи варзишӣ аам аз мураббӣ, довар, варзишгар, мудир ва ба таври куллӣ ҳар фарде, ки дорои ҳадафи хос дар зиндагии иҷтимоӣ ва ҳирфаӣ аст, ба манзури дастёбӣ ба ҳадаф ва матолиби хеш илова бар талоши пайгир ва мустамар мебоист, ба ҳама роҳҳое, ки ӯро ба сари манзили мақсуд мерасонад, ошноие дошта бошад.

Ба ибораи дигар, барои расидан ба ҳадаф мебоист усулеро ба хубӣ бишносад ва аз он ба унвони мелок ва меъёр дар зиндагии ҳирфаӣ истифода намояд. Зеро маншаи ҳамаи гуфторҳо ва рафторҳои хубу бад ба чигунагии шинохт ва тафаккуроти инсон марбут аст. Возеҳ аст, ки зербинои нигаришҳо, тафаккурот ва дидгоҳҳои неку мантиқӣ ба меъёрҳо ва шохисҳои маъқул ва нек ниёз дорад. Шинохти меъёрҳои воқеӣ дар заминаҳои мухталиф амри бисёр муҳим, аммо дар айни ҳол мушкил аст. Меъёрҳо ва шохисҳои фикрии афроди одиро ҷомеа, замону макон илқо мекунад ва мумкин аст воқеӣ ё ғайривоқеӣ бошад. Дар ин фароянд мумкин аст тафаккурот ва дидгоҳҳои афрод таҳти таъсири воқеиятҳо ва ё таблиғоти инҳирофӣ қарор бигирад. Бидуни тардид, инҳироф аз усул ва меъёрҳо заминасози инҳироф дар бисёре аз барномаҳо ва фаъолиятҳои варзишӣ хоҳад шуд. Эҳтимол дорад, ки бархе аз афрод дар зиндагии фардӣ ё иҷтимоӣ дар анҷоми умур ва масоили зиндагии фардӣ ва иҷтимоӣ аз усули саҳеҳ ва мантиқӣ пайравӣ намоянд.

**Таҳаммул ва зарфият барои бохт.** Дар варзишҳои қаҳрамонӣ ҳам монанди сиёсат ва тиҷорат муҳимтарин ҳадаф пирӯзӣ дар мусобиқа ва касби бартарӣ аст. Дар тиҷорат ҳар қадар маблағи сармоягузорӣ болотар бошад, рискпазирӣ ва эҳсоси хатари аз даст рафтани сармоя бештар шуда, дар натиҷа вафодор мондан ба стандартҳои таълим ва тарбият сахт таровишкунандатар хоҳад буд. Дар арсаи варзиш як варзишгари воқеӣ бояд ба ҷойи қурбонӣ кардани усули таълиму тарбият барои пирӯзӣ ва касби рекорд мебоист, таҳаммули бохт низ дошта бошад, ҳатто, ҳангоме ки маблағи қарордодҳо бисёр боло бошад. Ахлоқи варзишӣ талаб мекунад, ки замони бурд ё бохт ба тарафи муқобил эҳтиром бигзорем. Бинобар ин, ҷоназанӣ ё газофгӯйӣ ва ё муттаҳам кардани дигарон рафтори ғайриварзишгарона аст. Сарзаниш кардани мақомот ва ё иддаои бадшонсӣ ва баёни соир мавриде, ки иртибот бо моҳияти бозӣ ва мусобиқа надорад, хилофи усули таълиму тарбият дар варзиш аст.

**Пирӯзиҳои ҷаълӣ.** Ҳамаи варзишкорон ва мураббиён бояд бидонанд, ки касби пирӯзӣ ва баранда шудан дар мусобиқот бо тақаллуб ва соири фармҳои варзишӣ ғайр аз таълиму тарбият ҳамагӣ ҷаъл ва ғайривоқеӣ ҳастанд. Як варзишгари солим ва пойбанд ба усули таълиму тарбият бар ин бовар аст, ки баранда шудан бо истифода аз равишҳои ғайримутаориф як пирӯзии воқеӣ ва боифтихор нест. Мураббиён бояд ба варзишгарон омӯзиш диҳанд, ки варзиши қаҳрамонӣ як фароянди печида ва душворест, ки барои пирӯзии боифтихор ниёзманди талош, кӯшиш ва фароҳам намудани имконотиавриди ниёз аст. Тамрин ва касби омодагиҳои матлуб дар ҳама ҷанбаъҳо метавонад пирӯзии боифтихорро тазмин намояд.

**Ситоиш ва кӯмак ба рақиб.** Ҳам мураббӣ ва ҳам варзишгар бояд бозии хуб ва талоши бозикунони рақиб ва тимҳои ҳарифро арҷ ниҳанд ва ҳар гоҳ бо он мувоҷеъ шуданд, содиқона онро баён кунанд. Инсон бояд ҳамеша мутавозеъ бошад. Як варзишгари мутавозеъ воқеиятҳоро мепазирад, ба омодагӣ, тавоноӣ ва қудрати ҳариф воқиф аст ва ҳеҷ гоҳ дучори ғурури козибу такаббур намешавад.

Мавзӯи кӯмак ва ёрии варзишгарон ба ҳарифон яке аз мавзӯоти бисёр муҳим дар баҳси ахлоқи амал дар муҳитҳои варзишӣ аст. Кӯмак ба рақибе, ки ҳангоми бозӣ ба замин хӯрда, эҳтимолан осеб дидааст, аз вазоифи таълиму тарбияти соири бозикунон аст, агарчи қонун инро пешбинӣ накардааст. Мураббӣ бояд ба варзишгар биёмӯзад, ки ба рақибе, ки ба замин хӯрдааст, кӯмак кунад, то аз замин баланд шавад. Мураббии бозикунон бояд ба шакли муаддабона ва самимона дар қиболу баъд аз мусобиқа рафтор кунанд, мисол даст додан, таъзим кардан ва ё ташаккуру ибрози хурсандӣ. Ҳама афрод бояд ба ҳуқуқи дигарон ҷиҳати ҳифзи арзишҳо кӯмак кунанд.

**Эҳтиром.** Дар муҳитҳои варзишӣ бояд аз варзишгарон хоста шавад, ки дар ҳама маврид ба шакли эҳтиромомез бо соирин амал кунанд. Як шаҳрванди мадании хуб бошад, зеро эҳтиром ба мураббӣ, эҳтиром ба волидайн, эҳтиром ба мақомот ва соири масъулон эҳтиром ба ҳамгурӯҳҳои худ, эҳтиром ба рақибон ва эҳтиром ба қавонину муқаррарот эҳтиром ба ҳинҷорҳои иҷтимоӣ, эҳтиром ба фарҳанг ва одобу русум, хулоса, эҳтиром ба ҳама чиз ва дар ҳар шароиту ҳолат аз усули аввалияи ахлоқи варзишӣ маҳсуб мешавад. Як варзишгари боахлоқ ва иҷтимоишуда аз тавоноиҳои ҷисмонӣ ва маҳоратҳои варзишии худ, ҳатто, ба баҳонаҳои қонунӣ барои таваҷҷуҳ ва ё надида гирифтани он чи ки қонун манъ кардааст, истифода намекунад.

**Муқаррарот ва ойину усули таълим ва тарбият**. Ҳамаи нерӯҳои инсонӣ дар варзиш аам аз мудирон, мураббиён, доварон, варзишгарон барои макбулияту пазириши иҷтимоӣ бояд маҷмӯаҳое аз нигаришҳо, ҳинҷорҳо ва арзишҳои таълим ва тарбият дошта бошанд. Онон бар усулу қавонини арзишӣ дар ҳирфаи варзиш таъкид мекунанд ва ба он эҳтиром мегузоранд. Риояи мафоҳими арзишӣ барои як нерӯи мутахассис аҳамияти фаровон дорад.

Гуд (1969) тавзеҳ медиҳад, ки нерӯҳои мутахассис дар созмонҳои варзишӣ мисли коршиносони варзишӣ, мураббиёну доварон мебоист ба усули таълиму тарбияти ҳоким бар шуғли худ пойбанд бошанд ва дар ироаи хадамоти тахассусӣ айнан усулу завобити таълиму тарбиятро ба кор гиранд. Албатта, таъйид аз нерӯҳои мутахассис дар созмонҳои варзишӣ вуҷуд доранд, ки бино бар далоили бакоргирии усули таълиму тарбият ҳангоми анҷоми вазоиф кӯтоҳӣ мекунанд. Аммо анҷуманҳои тахассусӣ ва мудириятҳо меъёрҳои таълиму тарбиятро таъйин мекунанд, ба афрод омӯзиш медиҳанд ва бар иҷрои дақиқи он дар фаъолиятҳо ва барномаҳои варзишӣ эҳтиром меварзанд. Аҳдномаҳои таълиму тарбият барои аъзои як анҷуман ё кумита тадвин мегардад, то аз ин роҳ барҷастатарин меъёрҳои ҳидояти нерӯҳо ва стандартҳои ҳирфаиро дар миёни аъзои анҷуману кумита густариш диҳанд. Вафодорӣ ва пойбандӣ ба ин аҳдномаҳо барои узвият дар анҷуман ё кумита зарур аст, зеро барои ҷалби эътимоди умумӣ ва ваҳдат дар ироаи хадамоти муассир ба мутақозиён ба кор гирифта мешавад.

**Равишшиносии таҳқиқ.** Равиши таҳқиқ дар пажӯҳиш ҳозир аз навъи тавсиф - паймоишӣ аст, ки аз тариқи майдонӣ иттилооти мавриди ниёз ҷамъоварӣ шудааст. Ҷомеаи омории таҳқиқ, ки теъдоди онҳо ҳудуди 300 нафар аст, шомили мураббиёни бошгоҳҳо, ҳайатҳо ва анҷуманҳои варзишии бахши занон ва мардон дар шаҳри Теҳрон буданд.

Намунаи оморӣ шомили 61 нафар аз мураббиён буданд, ки ба равиши тасодуфӣ- хӯшаӣ, ҳадафдор дар чанд марҳила интихоб шуданд. Абзори андозагирии пурсишнома муҳаққақ сохта буд, ки дар он илова бар иттилооти фардӣ ва демографӣ 14 шохис ба унвони шохисҳои таълиму тарбият вуҷуд дошт ва аз посухгӯён хоста шуда буд, ки мизони мувофиқат ба ҳар як аз шохисҳои матраҳшуда бар асоси миқёси панҷ арзиши Ликарт аз хеле зиёд (5) то хеле кам (1) мушаххас намоянд.

Равоии пурсишномаи баҳрагирӣ аз назароти мутахассисон ва соҳибназарон дар мавриди муҳтаво ва нигориш ва ҳамоҳангии саволҳо комил будани саволҳо ва содагиву қобили фаҳм будани онҳоро баррасӣ намуд. Эътибори он аз тариқи Алфои Крунбох ба мизони 0/86 ба даст омад. Ҳамчунин аз посухгӯён хоста шуда буд, ки мизони мувофиқати худро дар се ҷанбаи куллӣ - таъсири шохисҳои таълиму тарбият бар амалкарди варзишӣ, аҳамияти шохисҳои таълиму тарбият дар назорати допинг ва мизони шинохт аз шохисҳои таълим ва тарбият бар асоси миқёси панҷ арзиши ликартӣ эълом намояд.

**Ёфтаҳои таҳқиқ.** Иттилооти тавсифӣ барои се мутағайир-таъсири шохисҳои таълиму тарбият бар амалкарди варзиш, аҳамияти шохисҳои таълиму тарбият дар назорати допинг ва мизони шинохт аз шохисҳои таълиму тарбият дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Миёнгин ва инҳирофи меъёри се мутағайир-таъсири шохисҳои таълиму тарбият бар амалкард, аҳамияти шохисҳои таълиму тарбият дар назорати допинг ва мизони шинохт аз шохисҳои таълиму тарбия**

| Собиқаи мудирият | Таъсири шохисҳои таълиму тарбият бар амалкард X±S.D | Аҳамияти шохисҳои таълиму тарбият дар назорати допинг X±S.D | Мизони шохис аз шохисҳои таълиму тарбият X±S.D |
|---|---|---|---|
| Мураббиён (1 то 5 сол собиқа)43 нафар | 750±3/89 | 4/78±0/453 | 4/62±0/754 |
| Мураббиён (6 то 10 сол собиқа) 54 нафар | 79/0±3/77 | 4/63±0/751 | 4/79±0/632 |
| Мураббиён (боло аз 10 сол собиқа) 60 нафар | 4/6±1/15 | 4/59±0/963 | 4/78±0425 |

Натиҷаи таҳқиқ нишон дод, ки дар мавриди таъсири шохисҳои таълиму тарбият ва амалкарди варзишӣ дар байни се гурӯҳ аз мураббиён бо собиқаи мухталиф тафовути маънодор вуҷуд дорад. Мураббиёни боло аз 10-сол собиқаи кори дошта таъсири шохисҳои таълиму тарбият бар амалкарди варзиширо муҳимтар аз соири мураббиён талаққӣ мекарданд (5%>P ва6/91 =56 ва $F_1$).

Аммо дар мавриди аҳамияти шохисҳои таълим ва тарбият дар назорати инҳирофот ва мизони шинохт аз шохисҳои таълиму тарбият байни мураббиён тафовути маънодор вуҷуд надошт. Оморҳои тавсифӣ марбут ба 14 шохиси таълиму тарбият дар варзиш ва дараҷаи авлавияти ҳар яке аз онҳо бар асоси назари посухгӯён дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Миёнгин ва дарсади посухҳои мураббиён ба шохисҳои таълиму тарбият**

| Шохисҳои таълиму тарбият | Миёнгин | Инҳирофи меъёр | Дарсади таҷаммӯъ дарсади зиёд ва хели зиёд | Авлавият |
|---|---|---|---|---|
| Эҳтиром ба мақомот ва масъулон | 4/76 | 0/537 | 80/8% | 4 |
| Адами истифода аз доруҳои нерӯафзо | 4/53 | /402 | 67/1% | 9 |
| Дурусткорӣ ва садоқат | 4/69 | ±0/445 | 72/1% | 6 |
| Тааҳҳуд ба усул дар | 4/81 | ±0/686 | 89% | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ҳама шароит | | | | |
| Дурӯғ нагуфтан дар иртиботот | 4/74 | ±0/471 | 78/2% | 5 |
| Адами ифтихор ба пирӯзиҳои ҷаълӣ | 4/31 | ±0/356 | 57% | 12 |
| Кӯмак ба рафиқон дар айни бозӣ | 2/57 | ±0/594 | 69% | 8 |
| Эҳтиром ба довар ҳангоми ҷарима | 4/36 | ±0/304 | 61/2% | 11 |
| Адами истифода аз алфози рақиқ дар бозӣ | 4/7 | ±0/421 | 84/6% | 2 |
| Риояти қавонини варзишӣ | 4/79 | ±0/489 | 81% | 3 |
| Ситоиши рақиб дар бозӣ | 4/61 | ±0/307 | 71/8% | 7 |
| Виқору матонат дар айни бозӣ | 2/51 | ±0/551 | 65/2% | 10 |
| Ошноӣ бо мабонии фарҳанги иҷтимоӣ | 4/22 | ±0/386 | 47/3% | 14 |
| Даст додан ва хушрафторӣ бо рақибон | 4/29 | ±0/714 | 55% | 13 |

Натиҷаи ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки авлавиятҳои ҳар кадом аз шохисҳои марбут ба арзишҳои таълиму тарбият аз дидгоҳи мураббиёни варзишӣ мутафовит мебошад. Таахҳуд ба усули таълиму тарбият ва рафтор дар ҳама шароит бо миёнгин 4/81 ва 0/86 дарсади посухҳо дар сатҳи хеле зиёд ва зиёд дорои авлавияти аввал ва ошноӣ бо мабонии фарҳанги иҷтимоӣ бо миёнгини 4/36 ва 0/67 дарсади посухҳо дар сатҳи хеле зиёд, авлавияти чаҳордаҳум мебошад.

Риояти усул ва стандартҳои таълиму тарбият дар фаъолиятҳо ва барномаҳои варзишӣ мавзӯи печидае аст. Ноҳинҷориҳо, тақаллуб ва қонуншиканӣ дар муҳитҳои варзишӣ рӯз ба рӯз дар ҳоли афзоиш аст. Шумори он даста аз варзишгароне, ки бар асари рафторҳои ношоиста ва хилофи қонун ҷарима, муҷозот ва аз муҳитҳои варзишӣ маҳрум мешаванд, зиёдтар шудааст.

Натиҷаи таҳқиқ нишон дод, ки дар мавриди таъсири шохисҳои таълиму тарбият ва амалкарди варзишӣ дар байни се гурӯҳ аз мураббиён бо собиқаи кории мухталиф тафовути маънодор вуҷуд дорад. Шинохт ва огоҳӣ аз усули таълиму тарбият дар барномаҳо ва фаъолиятҳои варзишӣ, бавижа дар заминаҳои корбурдӣ, мисли омӯзиши маҳоратҳои варзишӣ, омодасозии варзишгарон, тавсеа ва таъмими варзиш ва тамриноти варзишӣ ва мусобиқот зарур аст. Зеро усули таълиму тарбият дар варзиш ба унвони як пешфарзи бисёр муҳим ва асосӣ, роҳнамои муътабар барои амалиётҳо ва барномаҳои иҷрои варзиш дар ҳамаи сутӯҳ дар ҷомеа талаққӣ мешавад ва аз инҳирофот ҷилавгирӣ мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Адиба Сада Маҳдӣ. Табодул ё таҳоҷуми фарҳангӣ: решаёбӣ ва сиёсатгузорӣ / Адиба Сада Маҳдӣ// Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии донишгоҳи Озоди исломӣ. -1374. -№3.
2. Боқирӣ Хусрав. Мабонии шеваҳои тарбияти ахлоқӣ / Боқирӣ Хусрав .–Теҳрон: Созмони таблиғоти исломӣ, 1377.
3. Сайф Алиакбар. Тағйири рафтору рафтордармонӣ (назарияҳо ва равишҳо) / Сайф Алиакбар. –Теҳрон: Доно,1373.
4. Тундневис Фариддун. Ҷойгоҳи варзиш дар авқоти фароғати ҷавонони 20 то 25-солаи кишвар. Ҳамоиши авқоти фароғат ва тафреҳоти солими ҷавонон бо таъкид бар варзиш, тарбияти баданӣ. Донишкадаи тарбияти бадан ва улуми варзишӣ, донишгоҳ тарбияти муаллими Теҳрон. (1380):
5. Лозерсфилд Пол. Бинишҳо ва гароишҳои умда дар ҷомеашиносии муосир/ Лозерсфилд Пол; Тарҷумаи Ғуломаббос Тӯсалӣ. –Теҳрон: Амири Кабир,1374.
6. Нодириён Ҷаҳрамӣ Масъуд. Мабонӣ ҷомеашиносӣ дар варзиш/ Нодириён Ҷаҳрамӣ Масъуд. –Исфаҳон: Интишороти хунарҳои зебо, 1384.
7. Bandura, A. (1986). Social foundations of thought and action: A Social ognitive theory. Englewood Cliffs, NJ: Prentice Hall.
8. Bass, B. (1982). Individual capability, team performance, and team productivity. In M.D. Dunnette & E.A. Fleishman (Wds), Human performance and roductivity.Hillsdale, NJ: Erlbaum.
9. Cattell, R.B. (1957). Personality and motivation, structure and measurement. Yonkers-on-Hudson, NY: World Book.
10. Gill,D.L,Gross.J.B.,& Huddleston,S.(1983).Participation motives in youth sports. International Journal of sport Psychology 14,1-14.
11. Meyer J.P.,& Allen .N.J.(1997).Commitment in the workplace: Theory, research,and aplication. Thousand Oaks.CA: sage Publications Inc.
12. Rokeach.M.(1973).The nature of human values. New York: FreePress.
13. Wiener, Y. (1988).Forms of value system: Afocus on organizational effectiveness ь and cultural change and maintenance. Academy of managemant Review,13,534-545.Building character or characters ?(What the research say ) 1996.
14. Berlant, A. R. Uabout sport participation and moral development. Research Quarterly for Exerciseand Sport (Supplement): A-95.
15. Beamish, R.( 1993) Labor relations in sport: Central issues in their emergence and structure in high-performance sport pp. 187-210 in A. Champaign, EL: Humankinetics.
16. Duberman, S. (1976). Sport and intertational Politics, the impact of fascism and communism on sport, London and New york: E & FN. Spon.

17. Daryan Kourt (1994). Media, sports, and society. Newbury Park, CA: Sage (thirteen articles on mediated sport; Focus on production of media sports, content, andaudience experience; very good source).
18. Dufer, G. (1981). Social cognition in infants;Attention to the human face. Englewood cliffs, NJ: Prentice-Hall.
19. Mckay, J. (1990). The moral panic of drugs in sport. Paper presented at theAustratian Sociology Association Conference, Queensland (December).

**РОЛЬ И ВЛИЯНИЕ ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ В КОНТРОЛЕ НАД ПРИМЕНЕНИЕМ ЗАПРЕЩЕННЫХ СРЕДСТВ И МЕТОДОВ ДОПИНГА В СПОРТЕ**

В данной статье рассмотрена роль и влияние обучения и воспитания в контроле над применением запрещенных средств и методов допинга в спорте. Постоянный рост национальных и мировых спортивных достижений и связанное с этим значительное повышение физической нагрузки на тренировках предъявляют организму человека высокие требования. Проблема использования фармакологических средств в современном спорте сегодня особенно остра. Это создает необходимость поиска и внедрения в практику дополнительных средств повышения устойчивости и сопротивляемости организма, предупреждения перенапряжения и нервных срывов, ускорения восстановления и повышения спортивной работоспособности.

**Ключевые слова:** методы воспитания и обучения, применение запрещенных средств в спорте, повышение физической подготовленности и сопротивляемости организма, спортивная среда.

**THE ROLE AND IMPACT OF TRAINING AND EDUCATION IN THE CONTROL OF THE USE OF PROHIBITED MEANS AND METHODS OF DOPING IN SPORT**

This article describes the role and impact of training and education in the control of the use of prohibited means and methods of doping in sport. The constant growth of national and international sporting achievements and the associated significant increase physical activity in training have the human body requirements. The use of pharmacological agents in modern sport is particularly acute today. This creates the need for search and introduction of additional means to improve the sustainability and resilience of the organism, preventing overvoltage and nervous breakdowns, speed recovery and improve sports performance.

**Key words:** methods of education and training, the use of illicit drugs in sport, improving physical fitness and body resistance, sports environment.

**Сведения об авторе:** ***Иброхим Халили*** – соискатель Института развития образования АОТ

# БАРРАСИИ ДОНИШИ ІСТ ВОЛИДАЙН БАР МИЗОНИ МУШОРАКАТАШОН ДАР УМУРИ ТАҲСИЛИИ ФАРЗАНДОН ДАР ЭРОН

***Нафиса Халилӣ, Алиҷон Ҳасанӣ***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Беҳшаҳр, Эрон**

**Муқаддима ва тарҳи масъала.** Гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар адвори аввалияи ҳаёти инсон маҳдуд буда, бо гузашти замон бар теъдод ва тунӯи онҳо афзуда шуда ва бомурур муҷиби таъсиси муассисот, рафъи ниёзҳои худ будааст. Ва аз он ҷое ки омӯзишу парвариш аз дастаи ниҳодҳо ва созмониҳое аст, ки рушди он муҷиби рушду тавсеа дар бахшҳои отии ҷомеа хоҳад шуд, ва бо густариши фановарии иттилоот ва истифода аз абзорҳо ва мафоҳими навин, муҷиботи басти иттилоот, дастрасии осон ва камҳазинаро барои фарогирон аам аз донишомӯзон ва тавсияи он ба волидайн ва ҳатто омӯзиши ҳамзамони волидайн ва фарзандонро фароҳам мекунад, заминаи табодули сареи иттилоот ва таомулоти фарҳангиро муяссар месозад. Агарчи фановарии иттилоот дере нест, ки арсаи таълиму тарбиятро мутаассир сохтааст, аммо таҷоруби башарӣ ва мутолиоти байналмилалӣ дар хусуси рӯйкардҳои фановарии иттилоот дар омӯзишу парвариш кофӣ набуда, бо ибҳомот ва суолоти бисёре мувоҷеҳ аст, аммо он чи воқеият дорад ин аст, ки ин таҳаввулот ба суръат ҳама муаллифаҳои асосии омӯзишу парваришро таҳти таъсир қарор медиҳад. Мадорис ҷиҳати ҳалли масоили худ ниёзманди мушорикати авомили даруну бурунсозмонӣ дар тасмимгириҳо ва иқдомоти худ мебошанд. Дар ин иртибот волидайн ба унвони авомили асосии бурунсозмонӣ ва намояндагони ҷомеаи перомунӣ, нақши қобили таваҷҷуҳе хоҳанд дошт. Дар воқеъ, бидуни мушорикати фаъолу мудовими волидайн омӯзиши мадорис ба аҳдофи ҳақиқии худ даст намеёбад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ва мушорикати волидайн дар фароянди таҳсилии омӯзишгоҳ аз сиёсатҳои асосии низомҳои омӯзишии пешрафта аст. Бар ин асос, манзур аз таваҷҷуҳ дар умури омӯзишгоҳ маҷмӯаи иқдомотӣ аст, ки мизони нуфуз ва масъулияти волидайнро дар фароянди тасмимгирии таҳсилии мадорис афзоиш медиҳад ва навъе ҳисси моликият ва таалluқ ба созмон дар онон ба вуҷуд меоварад (Мир Камолӣ, 1378).

Хонавода ба унвони рукни аслӣ дар шаклгирии шахсияти кӯдак ва мушовиру нозири фаъолиятҳои таҳсилии мадраса дар тарбияти саҳеҳи фарзандони ҷомеа аст ва мадраса ба унвони маркази интиқоли мафоҳими илмию омӯзишӣ ва тарбияткунандаи донишомӯзон ҷиҳати вуруд ба ҷомеа аст. Ҳама дар ин амр иттифоқи назар надоранд, ки муҳит ва фазои хонаводагӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ, ки кӯдак дар он ба сар мебарад, дар рушди ӯ асари фаровон дорад. Муҳити хонаводагӣ, муҳити табиии ӯст, ки дар он ёдгириҳои нахустини худро оғоз мекунад. Чигунагии ин муҳит дар солҳои нахустини ҳаёт, ҳама даврони зиндагии ӯро таҳти таъсир қарор медиҳад (Амирӣ, 1371). Падарон ва модароне, ки фикр мекунанд тарбияти ҳақиқӣ, вазифаи мадраса ва иҷтимоъ аст ва хонавода дар ин

замина коре наметавонад бикунад сахт, дар иштибоҳанд (Тоҷбахш, 1374). Дар ин иртибот метавон изҳор дошт, ки илал ва авомили мухталифе монеъ аз таваҷҷуҳ ва мушорикати фаъол ва мудовими авлиё дар умури таҳсилии фарзандон мегардад, ки бисёр мутааддид ва мутанаввеъ ҳастанд. Дар ин мутолеа ба нақши фановарии иттилоот ва иртиботот ва дониши умумии волидайн пардохта мешавад.

Беҳтарин мушоракати хонавода дар иртиқои омӯзишу парвариши донишомӯзон назорате аст, ки волидайн дар мавриди фарзандони худ аз тариқи барномарезии саҳеҳ, назорати ҳамаҷониба, эҷоди имконоти муносиби омӯзишӣ, тарбиятӣ ва ҳамкорӣ бо барномаҳои мадорис метавонанд дошта бошанд (Ҷаҳонгард 1375).

Сипеҳрӣ (1373) ишора дорад, ки мизони таблиғоти омӯзишу парвариш барои равшангарӣ ва ташвиқ ба амри мушорикат хеле кам аст. Бинобар ин, омили огоҳсозӣ ба унвони яке аз асоситарин параметрҳои матлуб ҷиҳати ҷалби мушорикати волидайн дар умури омӯзишгоҳ аз тариқи таблиғот камтар мавриди таваҷҷуҳ будааст.

Қосимӣ Пӯё (1377) муътақид аст, ки дар ҳоли ҳозир ҳамаи мудирон дар ҷалби мушорикатҳои мардум фаъол нестанд ва мудироне, ки метавонанд нақши бисёр арзишманде дар ҷалби мушорикати мардум дошта бошанд, ба иллатҳои гуногун он тавр ки бояду шояд дар ин замина фаъол нестанд. Ӯ сипас, костиҳои мудирон дар ҷалби мушорикати мардум дар умури омӯзишу парваришро ношӣ аз костӣ дар барқарории иртибот ва костиҳои ношӣ аз адами огоҳии мудирон медонад.

Ҷаҳонӣ Қальа (1374) ишора мекунад, ки барои тавсеаи фарҳанги мушорикат дар байни мардум, таблиғоти радио ва телевизион, маҷаллот, рӯзномаҳо, суханронӣ ва намоишгоҳҳои маҳаллӣ муассир аст. Бинобар ин, натиҷагирӣ намуда, ки мудирони мадорис низ, метавонанд аз тариқи таблиғот, омӯзиш ва иттилоърасонӣ ба огоҳсозии волидайн ҷиҳати мушорикат дар умури мадорис бипардозанд.

Ранҷабозӯ (1375) низ муътақид аст, ки ҳузури волидайн дар ҷаласоти тавҷеҳии анҷумани авлиё ва мураббиён муҷиби афзоиши огоҳии онҳо аз зарурати мушорикат дар умури омӯзишгоҳ мебошад.

Казелло (2001) дар пажӯҳише ба исбот мерасонад, ки агар муаллимон, мудирон, волидайн ва аъзои гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба таври мураттаб бо ҳам, ҷиҳати беҳбуди муҳити ёдгирии фарзандонашон дар мадраса фаъолият кунанд, майл ба бартар будан дар омӯзишу парвариш ба вуҷуд меояд.

Финлей (2001) нишон дод, ки авомиле назири сабки раҳбарии мадорис, навъи тасмимгириҳо ва иртибототи хона ва мадраса дар ҷалби мушорикати волидайн метавонад муассир бошад.

Мо (2001) дар пажӯҳиши худ нишон дод, ки мудирони мадорис бояд аз нақши муассирашон дар мушоракати волидайн огоҳ буда, бидонанд, ки интибоқи мудирон бо одоб, афкор ва ақоиди волидайн, мушорикати фаъоли мудирон дар анҷоми умури мухталиф ва ниҳоятан, барқарории иртибототи мусбат бо волидайн, аз ҷумлаи авомили муассир дар густариши иртиботи хона ва мадраса мушорикати фаъоли волидайн дар умури омӯзишгоҳ мебошад.

Арнолд (1998) дар пажӯҳише авомили мудириятии муассир ҷиҳати мушорикати волидайн дар умури мадориси ибтидоиро мавриди мутолиа қарор додааст. Бар асоси натоиҷи ин пажӯҳиш, муваффақияти барномаҳои мушорикатии волидайн дар як мадраса вобастагӣ ба ақоид, тасмимгириҳо ва маҳорати мудири мадраса дар барқарории иртибот дорад.

Дар ин иртибот метавон изҳор дошт, ки илал ва авомили мухталифе монеъ аз мушорикати фаъол ва мудовими авлиё дар умури мадорис мегардад, ки бисёр мутааддид ва мутанаввеъ ҳастанд. Аммо ба таври куллӣ метавон ин мавонеъро дар чаҳор меҳвари умда, ки шомили авомили хонаводагӣ, иҷтимоӣ, мудириятии мадорис ва сохтории омӯзишу парвариш мебошанд, табақабандӣ намуд:

Авомили хонаводагӣ шомили фарҳанги хонавода, саводи умумии фановарии иттилооти хонавода, сатҳи таомули хонавода, мушкилоти хонавода ва риояти алоиқи донишомӯзон аст, ки дар ин баррасӣ бад-он мепардозем. Авомили иҷтимоӣ шомили шароити ҷомеа ба лиҳози фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ аст. Омӯзишу парвариш низоми боз аст, ки ҳам авомили дарунӣ ва ҳам авомили берунӣ назири шароити фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, мушорикати волидайн омӯзишгоҳро таҳти таъсир қарор медиҳанд. (Қосимӣ Пӯё, 1377).

Авомили мудириятии мадорис шомили хасоиси фардии мудир ва ҳамкорони вай, сабки мудириятии мудир, сатҳи рӯҳияи мушорикатҷӯйии мудир ва ҳамкорони вай, сатҳи талоши мадраса барои ҷазбу огоҳсозии волидайн, сатҳи маҳоратҳои инсонии мудир ва ҳамкорони вай хоҳад буд.

Авомили сохтории омӯзишу парвариш шомили сохтор ва ташкилоти омӯзишу парвариш, ойинномаҳо ва муқаррароти иҷроии омӯзишу парвариш, навъи тасмимгирӣ дар омӯзишу парвариш, навъи сохтор ва ташкилоти анҷумани авлиё ва мураббиён хоҳад буд.

Бо иноят ба лузуми баррасӣ ва тасҳили заминаи мушоракати волидайн дар умури мадорис ва лузуми ислоҳи зеҳнияти нодурусти ҳоким дар байни мардум, ки тамоми ишколи мушорикати авлиё дар умури мадорисро ба заминаҳои молии он маҳдуд месозанд. Бинобар ин, бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти фановарии иттилоот ва иртиботот дар зиндагӣ ва омӯзиши наслҳо, таҳқиқи пеши рӯ бо ҳадафи таваҷҷуҳ ба мушоракати волидайн дар умури таҳсилии фарзандон ва таъсири дониши фановарии

иттилоот ва иртибототи волидайнро бар мизони мушорикати таҳсилиашон дар солҳои 1389-90 нишон медиҳад. Ба он илат, ки саводи умумӣ дар ҳавзаи фановарии иттилоот ва иртибот, ки вориди адабиёти омӯзиш шуда ба ин маънӣ аст, ки дар дунёи феълӣ ва отӣ касе, ки натавонад аз компютер барои ба даст овардани матолиби мавриди ниёзи худ, ё анҷоми корҳои рӯзмарраи одӣ ва ҳирфаии хеш истифода кунад, мураттабан ниёзманди кӯмак аз дигарон хоҳад буд. Бинобар ин, ҳамон тавр ки босавод шудани ҳама шаҳрвандон аҳамияти қобили таваҷҷуҳе дар рушди фардӣ ва иҷтимоии он ҷомеа дорад, зарур аст ҳар шаҳрванд дар ҷомеа, ҳадди ақали дониш ва маҳорати мавриди ниёз барои истифода аз фановарии иттилоот ва компютери шахсиро доро бошад, то рушди иҷтимоии фарзандон ва донишомӯзони хешро пурсамартар намояд.

Мушорикат аз мафоҳими асосии ҷомеашиносӣ аст ва аз гузаштаҳои дур дар мутуни ҷомеашиносӣ матраҳ будааст. Мафоҳиме монанди иҷтимоъ ё ҳамбастагӣ, дақиқан баёнгари мафҳуми мушорикат ҳастанд. Аммо имрӯз мушорикат мафҳуме аст, ки ҳар кас онро ба дилхоҳ таъриф мекунад ва барои ҳар кас метавонад маънии мавриди назари он шахсро дошта бошад. Аммо ба таври куллӣ мушорикат як ҳаракати огоҳона, фаъол, озоду бомасъулияте аст, барои тасбити умури ҷомеа заруриӣ аст. Бар асоси ин таъриф мо наметавонем чудо аз шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ дар мавриди мушорикати мардум фикр кунем ва аз фавоиди он суҳбат кунем бо таваҷҷуҳ ба ин ки имрӯз дар мабоҳиси тавсеа, инсон меҳвар аст, табиатан мушорикати ин инсон дар умур ҳам беш аз гузашта матраҳ мешавад (Шодиталаб, 1372).

Мадорис ҷиҳати ҳалли масоили худ ниёзманди мушоракати авомили даруну бурунсозмонӣ дар тасмимгириҳо ва иқдомоти худ мебошанд. Дар ин иртибот волидайн ба унвони авомили асосии бурунсозмонӣ ва намояндагони ҷомеаи перомунӣ, нақши қобили таваҷҷӯҳе хоҳанд дошт. Дар воқеъ, бидуни мушорикати фаъол ва мудовими волидайн мадорис ба аҳдофи ҳақиқии худ даст намеёбанд. Аз ин рӯ, мушоракат ва ҳамкории волидайн дар фароянди тасмимгирии омӯзишгоҳ аз сиёсатҳои асосии низомҳои омӯзишии пешрафта аст. Яке аз вазоифи хонавода пайгирии масоили омӯзишии фарзандон ва ифои нақши мукаммали муаллиму мадраса дар ҳидояти таҳсилии онон ва эҷоди алоқа, ангезиш ва гароиши мусбат дар донишомӯз нисбат ба дарсу мадраса ва талоши омӯзишӣ ба сурати рафтории мустамир мебошад. Таваҷҷуҳ, пайгирӣ ва аҳамият додани волидайн аст, ки сабаби эҷоди нигариши таҳсилии муносиб дар фарзанд, таъмини фазои равонӣ ва отифии матлубу муҳаррик дар хона нисбат ба омӯзиш, мутолиа ва анҷоми таколифи дарсӣ хоҳад шуд (Исмоилӣ, 1374). Дар дунёи имрӯзин мизони саводу дониши умумии ICT, шохисе барои санҷиши мизони рушд ва ё ақибмондагии миллатҳо ва кишварҳо ба ҳисоб меоянд. Мушорикат ва таваҷҷуҳи волидайн дар умури мадорис шомили тифи васее аз анвои заминаҳо хоҳад буд, ки метавонад шомили мушорикат дар арсаҳои омӯзишӣ, инзибот̄ӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ буда, ба таври мустақим (бо ҳузур дар мадраса) ва ё ғайримустақим (дар муҳити берун аз мадраса) анҷом шавад. Ҳамчунин мудирияти мушорикатиро метавон ба унвони раҳёфте ҷомеъ барои ҷалби мушорикати фардӣ ва гурӯҳӣ дар ҷиҳати ҳалли масоили созмон ва беҳбуди мустамар дар тамоми абъод таъриф намуд. Ба рағми аҳамияти мушорикати волидайн дар умури омӯзишгоҳ таҳқиқот анҷом шудааст ва дар Эрон низ дар ин замина мушкил вуҷуд дорад. Ба ибораи дигар дар Эрон низ, чунончи бояд волидайн дар умури мадорис мушорикат намеёбанд.

Мушорикат навъи саҳим шудан дар тарроҳӣ ва иҷрои тасмимоти маътуф ба ҳадаф мебошад, ки мушорикаткунандагон барои таҳаққуқи он ҳадафи муштарак бо дигарон ба куниши мутақобил мепардозанд (Қосимӣ Пӯё, 1380). Бинобар ин, даргирии зеҳнӣ падид омада, барои мушорикаткунандагон онро бармеангезад, то барои дастёбӣ ба ҳадафҳои гурӯҳӣ талош намоянд ва дар масъулияти кор шарик шаванд (Тӯсӣ, 1372).

Бар ин асос, манзур аз мушоракати волидайн дар умури таҳсилӣ дар омӯзишгоҳ, маҷмӯаи иқдомоте аст, ки мизони нуфуз ва масъулияти волидайнро дар фароянди тасмимгирии мадорис афзош медиҳад ва навъе ҳисси моликият ва таалуқ ба созмон дар онон ба вуҷуд меоварад.

## АДАБИЁТ


1. Аҳсан Козим. Таҳлили муқаддамотии мушорикат/ Аҳсан Козим. Мусавинажод Иброҳим -Теҳрон, 1365.
2. Асадӣ Шаҳром. Баррасии мизони таъсири омӯзиши хонавода бар тағйири рафтори волидайн нисбат ба фарзандони худ дар давраи роҳнамоӣ ва мутавасситаи шаҳристони Шаҳризо / Асадӣ Шаҳром. Шӯрои таҳқиқоти созмони омӯзишу парвариши остони Исфаҳон, 1379.
3. Акрамӣ Сайидраҳматулло. Таҳқиқе перомуни наҳваи мушоракати мардум дар омӯзишу парвариш / Акрамӣ Сайидраҳматулло ва ҳамкорон. -Теҳрон, 1365.
4. Амирӣ Муҳаммадалӣ. Навсозии низоми омӯзишу парвариш / Амирӣ Муҳаммадалӣ. -Теҳрон, 1371.
5. Casello.D.A."A study of site–based decision–making based on perspectives of the participants", university of pittsburgh, DAI, Nov 2001.
6. Finley R.B. (2001) "Parents perceptions of a change in parental involvement in an urban school", the university of oklahoma, DAI, ApR. 2002.
7. Ma Y. (2001) "parent involvement and principal's response strategies in elementary School", Southern Connecticut State university, Mal, Dec 2001.

8. Arnold, D.L, (1998) "A Case study of parent involvement in three Low-socioeconomic/high – percentage spanish – speaking elementary schools in orang County california", university of La verne, DAI, Mar 2002.
9. Albanese R.(1975) ."Management:Toward Account to ability for performance". Illinois, Irwin, Inc.
10. Filipczak B. (1993). "Bridging the Gap between School and work"// Journal of Training, V30, n12, p44- 47, Dec 1993 .
11. Vornberg J.A. (1990). "Student Activities program: their Status and the Impact of the Reform Movement ". Evaluate Report. Dec 1990.

**ВЛИЯНИЕ ИКТ –ЗНАНИЙ РОДИТЕЛЕЙ НА УРОВЕНЬ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ С ДЕТЬМИ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ В ШКОЛАХ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ ИРАН**

Современные информационные технологии занимают все большее пространство, расширяются сферы их применения, ежедневно увеличивается объем накопленной информации. Особое влияние ИКТ оказывают на детей. Ученики школ являются уверенными пользователями ПК, и поэтому учителю, учитывая реалии дня, необходимо использовать в обучении информационные коммуникационные технологии. ИКТ позволяют развить исследовательские способности учеников, повысить познавательный интерес и мотивацию к учению, активизируют и делают творческой самостоятельную и совместную работу учащихся. Ребенок, владея современными компьютерными технологиями, учится самостоятельно искать, извлекать, систематизировать, анализировать и отбирать необходимую для решения учебных задач информацию, организовывать, преобразовывать, сохранять и передавать ее.

**Ключевые слова:** информационно-коммуникационные технологии, уровень информированности детей и родителей, ИКТ-знания, взаимодействие семьи и школы.

**THE IMPACT OF ICT KNOWLEDGE OF PARENTS ON THE LEVEL OF INTERACTION WITH CHILDREN IN THE EDUCATIONAL PROCESS IN THE SCHOOLS OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN**

Modern information technology occupy more and more space, expanding their scope, the daily volume of accumulated information. Special impact ICTs have on children. Pupils are confident users of a PC, and therefore the teacher, given the realities of the day, you need to use in teaching information and communication technologies. ICT will help to develop research ability of students to increase interest and motivation to learning, stimulate and make creative independent and collaborative work of students. The child, using modern computer technology, learn to search, extract, organize, analyze, and select necessary for the solution of educational problems of information, organize, convert, save and send it.

**Key words:** information and communication technologies, the level of awareness of children and parents, ICT knowledge, the interaction of family and school.

**Сведения об авторах:** ***Нафиса Халили*** – соискатель Академии образования Таджикистана
***Алиджон Хасани*** – преподаватель Свободного исламского университета города Бехшахр, Иран

# ТАЪСИРИ РАВИШИ ТАДРИСИ МУАЛЛИМ БАР ЁДГИРӢ

***Дориюш Байромӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Кӯдак аз лаҳзае, ки таваллуд мешавад, ёдгириро оғоз мекунад. Пас аз муддати кӯтоҳе сурати модар, падар ва наздиконашро ташхис медиҳад ва мутаваҷҷеҳ мешавад, ки агар зиёд гиря кунад, ба ӯ ғизо медиҳанд, ё навозишаш мекунанд дар нахустин солҳои ҳаёташ, чӣ гуна роҳ рафтанро ёд мегирад, ҳарф заданро меомӯзад, чунин корҳои муҳимро ба мисоли хондану навиштан ёд бигирад. Чунин баровард кардаанд, ки инсон ниме аз маҷмӯи омӯхтаҳои саросари умри хешро дар солҳои аввал ё дуввуми мадраса касб мекунад.

«Ёдгирӣ» аз он вожаҳое аст, ки ҳар кас як шинохти шаҳудӣ аз он дорад. Бо ин ҳама мафҳуми дақиқ ва илмии он бисёр печида ба мушкилу мураккаб ба назар мерасад. Ба таври асосӣ ёдгирӣ ба як гурӯҳ аз фарояндҳо барои қарор додани чизҳо дар мағз ва бозёбии онҳо дар оянда итлоқ мегардад. Гурӯҳ аз фарояндҳо шомили дарёфт, кунднигорӣ, захирасозӣ ва бозёбии иттилоот аз мағз мебошад. Ҳар чое, ки шахс таҷрибаи пешини худро ба ёд меоварад.

Маҷмӯае аз фарояндҳои кунднигорӣ, захирасозиву бозёбӣ дар мавриди он таҷриба дар мағзи атфол меафтад. Заъфи ҳофиза барои мисоли фаромӯшии як мавзӯи муҳим пайомади осеб дар яке аз ин фарояндҳои ёдгирӣ аст. Пояҳои рафтор ва падидоии шахсияти инсон аз ёдгирии мустақим ва ғайримустақим сарчашма мегирад. Истимрор ва интиқоли варосат, тиҷорати фарҳангиву санъате дар сояи ёдгирӣ муяссар мешавад ва мизони ҳушмандии инсон дар чигунагиву танаввӯи омӯхтаҳои назариву амалӣ фарогирии кунишҳо ва маҳоратҳои корбурди ӯ намоён аст.

Ёдгирӣ ба маънои дақиқи он фароянде аст, ки бар асари таҷриба ва тамрин, тағйироти тадриҷӣ ва нисбатан пойдоре дар рафтори фард ба вуҷуд меоварад ва рафтор иборат аст аз маҷмӯаи афкор, тамойилот, одот, иттилоот ва маҳоратҳо. Фароянди ёдгирӣ амрест доимӣ ва нисбат ба афроди мухталиф фарқ мекунад. Дар ҷараёни ёдгирии кулл, шахсияти фард мутаассир мешавад.

Аз ин рӯ, интизори матлуб ин аст, ки дар амри таълим ва тарбият ба ҷои интиқоли мутолиби дарсӣ ба зеҳни шогирдон бояд талош кунад тағйире дар рафтор ва табъи шахсияти онон ба вуҷуд оварад. Ин, ниёз ба равиши тадриси муаллим дорад, то битавонад дар ёдгирии шогирдон муассир воқеъ шавад. Таъсири мавқеият ва имконоти муносиб бар ҳеҷ фарде пӯшида нест, аммо имконот ва таҷҳизот бидуни вуҷуди муаллим коройиро нахоҳад дошт. Муаллим бо шинохти имконот ба таҷҳизи муносиби муҳити омӯзишӣ мепардозад, муҳит ва имконоти омӯзиширо созмондиҳӣ мекунад,

мавқеиятомӯзии шаби муносибро ба вуҷуд меоварад ва бо шинохти истеъдод, алоиқ ва тавоноии шогирдон, ононро дар тариқи саҳеҳи ёдгирӣ ҳидоят мекунад.

Агарчӣ кунҷковӣ ва арзои он аз бадеҳтарин эҳтиёҷоти шогирдон аст, агар муаллим бо назарияҳо ва усули ёдгирӣ ошно набошад ва тадрисро фақат интиқоли воқеиятҳои илмӣ бидонад ва таҷоруби ёдгириро мунҳасир ба нишастан дар келос, гӯш додан ва ҳифз кардани матолиби шунидашуда ё навишташуда дар китоб тасаввур кунад, муссалам аст, ки дар тақвияти кунҷковӣ ва парвариши истеъдод ва тафаккури илмии шогирдон чандон муваффақияте ба даст нахоҳад овард, зеро шогирд, ки ҳамвора алоқаманд ба фикр кардан аст, дар баррасии умури мухталиф бояд фурсати ҳаракат ва ҷунбиш дошта бошад, то битавонад ба ҳадафҳои омӯзишӣ бирасад.

Ёдгирӣ бидуни талош ва фаъолият ва таомул бо муҳит сурат нахоҳад гирифт. Касе, ки мехоҳад ёд бигирад, бояд фаъолияти мутаносибе бо алоиқ ва тавони худ дошта бошад. Агар дар равиши тадриси муаллим ин нукот дар назар гирифта нашавад қолибу таваҷҷуҳ ва ҷаззоб нахоҳад буд, аммо агар муаллим худро роҳнамо ва эҷодкунандаи шароити матлуби ёдгирӣ бидонад ва ба ҷои интиқоли иттилоот равиши касби таҷрубаро ба шогирдон биёмӯзад, онон дар бархӯрд бо масоил фаъолтар хоҳанд шуд, аз манобеи мухталиф истифода хоҳанд кард, иттилооти лозимро ба даст хоҳанд гирифт, аз манобеи мухталиф истифода хоҳанд кард, иттилооти лозимро ба даст хоҳанд овард, ба созмондиҳии он хоҳанд пардохт ва онро таҳлил хоҳанд кард, то ба ҳалли масоил ноил шаванд.

Бо чунин равише, шогирд на фақат ҳалоиқи илмиро фаро мегирад, балки бо равишҳои илмии касби маърифат низ ошно хоҳад шуд, тарзи кор бо манобеи мухталиф ва ноҳваи истифода аз матолиби дарсӣ барои ҳалли масъаларо хоҳад омӯхт ва дар фароянди ёдгирӣ ибтикор ва халоқияти худро ба кор хоҳанд андохт. Дар тадрис муаллим бояд амалеро мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳад, ки мӯҷиби афзоиши ёдгирӣ гардад.

1.Ангезиш. Яке аз нуқоти бисёр муҳим дар ҷараёни ёдгирӣ вуҷуди муҳаррик барои ёдгирӣ аст. Агар шогирд ангезае барои ёдгирӣ надошта бошад, оҳиста оҳиста ёд хоҳад гирифт. Гоҳе тавсияи шогирд ба ин, ки пояи дониш ва огоҳи вай ё улгуи фикриаш ё тадобираш барои ҳалли масоил ноқис ва нокофӣ аст, мумкин аст ангезаи ёдгириро дар ӯ тақвият кунад.

Ташхиси ин ки бояд бо чӣ равише ворид шуд ва ангезаи лозимро дар шогирд эҷод намуд, ба муаллим ва равиши тадриси ӯ вобастааст.

**Иттилоот.** Яке аз ҳадафҳои тадрис водоштани шогирдон ба касби иттилоот аст. Иттилоот мумкин аст ба ашколи мухталиф унвон шавад, мананди дониш ва огоҳӣ дар мавриди мавзӯоти мухталиф, аъмол ва фароёндҳо, тадбири амалӣ ва саранҷом ҳалли масъала. Касби иттилоот мумкин аст аз тариқи гӯш кардан, хондан ё иктишоф ( дарёфтан ) анҷом дода шавад.

Шогирд барои дарёфти иттилоот бояд омадагии лозимро доро бошад. Диққат ва таваҷҷуҳи шогирд бояд бар иттилооти ҷадид мутамарказ бошад ва сохти фикрии вай дар ин бора ба кор гирифта шавад. Иттилооти касбшуда бояд барои муддати тӯлоние дар ҳофизаи ӯ андӯхта шавад ва назму тартиби ҷараёни иттилоот ва иртибот миёни иттилооти қаблӣ ва иттилооти ҷадид дар қолаби нав манзур шавад. Пас агар нигоҳи муаллим инчунин бошад ва мутаносиб бо он равиши муносибро интихоб намояд, асарашро дар ёдгирӣ хоҳанд гузошт.

Ба ҷараён андохтани иттилоот (пардозиши додаҳо). Ба манзури итминон ёфтан аз ин ки фарогир дар қисматҳои мухталиф, иттилооти лозимро дарк кардааст, бояд иттилооти ба даст омада дар се масир ҷараён пайдо кунад:

Аввал ин ки тамоми иттилооти бадастомада бояд равшан ва ошкор бошад, яъне пешниёзҳои зеҳнӣ (фарзияҳо), пайомадҳо ва таъсироти эҳтимолӣ ё мавриди ниёз, равобити пайвастагии дарунӣ миёни онҳо бояд ошкор ва мушаххас бошад.

Дувум ин ки шогирд бояд қодир ба таҷзияи иттилооти ҷадид ба қисматҳои кӯчактар, таркиби ин қисматҳо бо якдигар ва низ бозсозии иттилооти асливу аввалия бошад.

Сеюм ин ки шогирд бояд аз тариқи муқоисае қисматҳои кӯчактар бо ҳам нисбат ба сохтору таркиб, иттилооти ҷадид биниш ва шинохт пайдо кунад. Ба ин маънӣ, ки аз роҳи кашф ва дарки бархе аз ҷанбаҳо онҳоро тақсим карда, миёни онҳо тафовут қоил шавад, то аз иттилоот як сохти куллӣ ва асосӣ дарёфт ва кашф кунад.

Захирасозӣ ва ислоҳи муҷаддад. Бархе аз иттилооти захирашуда мумкин аст, барои истифодаи муҷаддад мавриди арзёбӣ қарор бигирад. Сохти ҷадид ҳосил аз иттилоот, маъмулан аз тариқи тамрин ва такрор ба даст намеояд, балки аз беҳ пайвастану таркиби иттилооти захирашудаи пешин бо иттилооти ҷадид ҳосил мешавад. Шогирд саъй мекунад таҷдиди сохти зеҳниашро ба василаи муқоисаи иттилооти ҷадид, бо иттилооти қаблӣ анҷом бидиҳад, яъне аз тариқи кашфи мушобиҳатҳо ва тафовутҳо ва якпорчагиву ба ҳам пайвастани иттилооти ҷадид ва қадим, сохти ҷадид ба вуҷуд меояд ё сохти қаблӣ ислоҳу густариш меёбад.

Интиқоли иттилоот. Шогирдон бояд қодир бошанд он чиро ки омӯхтаанд, ба маворид ва масоили ҷадид интиқол диҳанд. Интиқол ба ду сурат, яъне мусбат ва манфӣ сурат мегирад, аммо дар ин ҷо манзур аз интиқол, интиқоли мусбат аст. Дар интиқоли мусбат низ ду навъи интиқолро метавон

мушаххас кард. Яъне як маврид ба корбурди қонун, асл ё қоида дар фароянди фаъолият ҷадид аст ва навъи дигар ба муқоисаи миёни иттилоот ва баёни онҳо дар мавориди хос марбут мешавад.

**Назорат ва ҳидоят.** Барои контроли фаъолиятҳои фавқ. Ниёз ба контрол ва дар сурати лузум роҳбариву ҳидояти амалкарди шогирдон аст. Контрол ва ҳидоятро метавон аз кунишҳои муҳими тадрис ба ҳисоб овард. Дар тадрис бояд шогирдонро ба гунаи матлуб роҳнамоиву ҳидоят кард.

Агар муаллим ба кунишҳои манкур имон дошта бошад ва онҳоро дар равиши тадриси худ бигунҷонад ва мутаносиб бо мавзӯи дарсӣ, равиши тадрис интихоб намояд, он мавқеъ аст, ки равиш, асари худашро бар рӯйи ёдгирӣ хоҳад гузошт. Тамоми афроде, ки дар ҷомеа соҳиби мақом мебошанд, умреро бо равишҳои тадриси муаллимон сипарӣ намудаанд. Аммо он чӣ муҷиби шукуфоии халлоқият дар баъзе аз онҳо дар ин замина будааст. Замоне, ки аз афроди халлоқ дар мавриди омили муваффақияти онҳо пурсида мешавад, дар канори заҳамоти падару модар ба муаллимоне ишора мешавад, ки аз равишҳои тадриси хуб ва мутаносиб истифода кардаанд. Зеро муаллимон метавонанд бо истифода аз анвои равишҳои фаъол имкони зуҳури халлоқиятро дар талабагон фароҳам созанд.

Муаллим бо таъсири нигариши худ ва имон ба таъсири равиши тадрис бар ёдгирӣ метавонад замина ва шароити тақвияти тафаккури халлоқро дар донишомӯзон эҷод намояд, яъне равиши тадрисро ба гунае интихоб намояд, ки дар ин замина метавонад асаргузор бошад. Он чӣ дарси муаллимро ҷаззобу пурбор менамояд, равиши тадриси ӯ мебошад. Ба ин хотир аст, ки имрӯз таъкиди зиёд ба равиши тадрис, хусусан равиши тадрис фаъол мешавад. Зеро муҷиби фаъолияти бештари шогирдон ва ба нафъи халлоқияти он шогирдон мешавад.

Дар баррасии ҷашнвораи улгуҳои тадрис мушоҳида мегардад, ки баъзе аз муаллимон бархе аз мавзӯотро чунон ошкор, равшан ва ҷаззоб тадрис мекунанд, ки то охири умри шогирдон асараш аз зеҳни онҳо пок намешавад. Ба унвони мисол ба тадриси як муаллим ба мавзӯи басиҷ дар мақтаи раҳнамоӣ ишора мегардад. Абзорҳои омӯзиши ӯ иборатанд аз деги бузург, оби маъмулӣ, карбит ӯ ибтидо дегро пур аз об кард ва қабл аз гузоштан рӯйи очоқи газ аз донишомӯзон хост ба оби он даст бизананд. Ҳамаи донишомӯзон ба об даст заданд. Рӯи очоқ гузошт ва очоқро равшан намуд. Дар чандин марҳилаи аз донишомӯзон хост, ки ба об даст бизананд. Вақте ба ҷӯш омад, дубора аз шогирдон хост, ки даст бизананд. Ҳеҷ кадомашон натавонистанд. Иллаташро пурсид: Гуфтанд: Гарму доғ шудааст. Ӯ гуфт: Пас агар миллате ба ҳам басиҷ шаванд, мисли ин об гармои иттиҳодашон бештар мешавад ва ҳеҷ кас наметавонад ба тарафи онҳо даст дароз кунад, ё мисоле аст, ки мегӯянд, падаре рӯзе барои ин ки нақши иттиҳодро барои фарзандонаш равшан кунад, аз ҳар кадом хост, ки як чӯб биёваранд. Ӯ онҳоро бо ҳам баст ва ба ҳар кадом аз фаозандонаш дод ва хост, ки бишкананд. Ҳеҷ кадом натавонистанд. Сипас боз намуд ва танҳо-танҳо ба онҳо дод. Ҳар кадом аз фарзандонаш онро шикастанд. Гуфт: Фарзандонам агар мисли ин чӯбҳо бо ҳам бошед, ҳеҷ кас наметавонад шуморо шикаст диҳад. Вале агар аз ҳам ҷудо шудед, зуд шуморо шикаст медиҳанд. Дар айни ҳоле, ки як мисол аст, аммо он чӣ қобили таҳаммул мебошад, равиши интихобии падар аст, ки чӣ қадр равшан нақши иттиҳод ва бо ҳам буданро ба онҳо меомӯзонад. Барои ин ки омӯзишҳои мо таъсиргузортар будааст, мунҷар ба ёдгирӣ шавад, равишҳои тадриси фаъол ва ҷаззобро металабад.

Барои расидан ба мақсаде метавон аз равишҳои бисёре иқдом намуд, аммо равише хуб аст, ки дар кӯтоҳтарин замон ба беҳтарин ваҷҳ ба ҳадаф бирасонад. Равиши тадриси муаллим низ чунин ҳукмеро доро мебошад, ки битавонад дар канори фаъол нигоҳ доштани шогирдон, онопро ба аҳдофи дарс, ки рушди ахлоқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғайра мебошад, бирасонад ва ёдгирирo бар онҳо осон созад.

Вақте муаллиме мехоҳад донишеро ба шогирдон тақдим кунад, бояд пиромуни он иттилооти кофиро дошта бошад. Он чӣ дар ин робита муҳим аст дар канори дониш иттилооти лозим доштани муҳорати муаллим барои тадриси он мавзӯъ мебошад. Яке аз маҳоратҳои муҳимми муаллимӣ, маҳорати муаллим дар интихоби равиши тадрис аст. Зеро муаллим ҳам аз мавзӯе, ки қарор аст тадрис шавад, иттилои лозимро дорад ва ҳам аз хусусиятҳои донишомӯзон. Бинобар ин, ӯ бояд равишеро иттихоз кунад, ки мавзӯъро ба саҳлтарин сурат ба донишомӯз қобили фаҳм сохта, дар амал низ ба кор бигиранд.

Таҷрибаи яке аз муаллимонро дар ин замина хотирнишон месозем. Ӯ мегуфт: Як рӯз бо хонавода барои шабнишинӣ ба хонаи яке аз ақвом рафтем. Ӯ писаре дошт, ки дар келоси савуми ибтидоӣ машғул ба таҳсил буд ва фарзанди ман низ ҳамчунин пас аз нишастан, вақте сӯҳбат аз донишомӯзон ба миён рафт, онҳо аз фарзанди худашон хеле таъриф карданд ва гуфтанд, ки ҳар рӯз баҳои аъло мегирад. Гуфтам, ҳоло бубинем. Тақрибан як кило орд хостам, онро хамир карда, ба ӯ додам ва гуфтам, ин хамирро ба ду қисмат панҷсад граммӣ бидуни вазна фақат бо тарозӯи дупалаӣ тақсим кун. Ӯ баъд аз муддате гуфт намешавад. Сипас ба писари худам додам. Ӯ ба ду қисмат тақсим карда, дар палаҳои тарозӯ гузошт ва сипас он ду қисматро мусовӣ кард. Ба ин тариб дарёфтанд, ки танҳо баҳои аъло гирифтан далели ёдгирии матлаб дар сутуҳи болотари ёдгирӣ набудааст.

Муаллим бояд бо интихоби равиши тадрис битавонад донишомӯзонро ба палаҳои болотари ёдгирӣ бирасонанд, то битавонанд дар амал ба кор бигиранд. Зеро агар ёдгирӣ ҷанбаи корбурдӣ надошта бошад ва мунҷар ба амал нагардад, дарвоқеъ метавон гуфт, ки сурат нагирифтааст. Пас

метавон гуфт, ки равиши тадриси муносиб метавонад заминаро барои ёдгирии корбурдӣ муҳайё созад ва фаромӯширо кам кунад.

Яке аз мавориде, ки боиси бедор шудани ангезаи ёдгирӣ дар фарогирон мешавад «созмондиҳии келос» аст. Ба унвони мисол: Сандалиҳоро дар вазъи муносиб қарор диҳем, онро покиза ва мураттаб кунем, дар нурпардозии он дақиқ бошем ва ҷое барои нишон додани халлоқиятҳо дар назар бигирем. Ҳар равиши тадрис созмондиҳии хоси худро металабад ва метавонад келосро низ тағйир диҳад. Ҳамчунин агар ҳангоми тадрис донишомӯзонро дар ҳини омӯзиш даргир кунем, келос аз ҳолати хушк хориҷ шуда, бонишот мешаванд. Матолибе аст, ки мегӯянд: Агар бигӯем фаромӯш мекунанд, агар ёд диҳем бахотир месупоранд ва агар даргир кунем, ёд мегиранд. Ҳамаи ин бастагӣ ба равиши тадриси интихобии муаллим дорад.

Матолиби дарсӣ бояд ба гунае ироа шавад, ки мушкилоти ёдгирандаро бартараф кунад. Ҳамчунин бояд муаллим байни матлаби ҷадид ва матолиби ҷаласоти қабл як иртиботе барқарор кунад. Чун муаллим мушкилоти донишомӯзонро медонад ва матолибе, ки қарор аст, тадрис кунад, иртиботи онро бо матолиби қаблӣ мушаххас мекунад. Бинобар ин, ӯ бояд дар равиши тадриси худ рафъи мушкилотро ғуҷонида сипас ба матлаби ҷадид бипардозад. Дар ғайри ин сурати тадрис шояд мунҷар ба натиҷа нагардад. Ҳар қадар мавзӯи ёдгирӣ маъно ва мафҳуми равшантаре дошта бошад ва донишомӯзон ба осонӣ онро дарк кунанд, роҳаттар ва сареътар метавонанд матолибро ба хотир бисупоранд. Бинобар ин, мафоҳуми дарсӣ ва суҳбати дохиликелосӣ бояд ба гунае бошад, ки донишомӯзон бо таваҷҷуҳ ва диққати лозим қодир ба дарки онҳо бошанд ва биниш нисбат ба он матолиб пайдо кунанд. Ин кор бо равиши тадриси муносиби муаллим метавонад амалӣ гардад.

Он чӣ лозимаи ёдгирӣ аст, метавон аз тариқи равиши тадрис тадорук дид. Бояд саъй намуд, ки мутаносиб бо мавзӯоти дарсӣ, шароити зиндагии донишомӯзон равиши тадриси муносибро интихоб кард, то замина барои ёдгирӣ осон фароҳам шавад. Зеро ҳар мавзӯеро наметавон бо як равиши хос тадрис намуд. Ҳамчунин як мавзӯъро низ наметавон барои шогирдони мухталиф бо як равиш тадрис кард. Бинобар ин, муаллим бояд ҳам мавзӯи дарсиро дар назар бигирад ва ҳам шароити донишомӯзонро то нисбат ба интихоби равиши тадрис иқдом намояд. Адами интихоби равиши тадриси муносиби авоқиберо ба дунбол дорад, ки дар зер ба баъзе аз онҳо ишора мегардад:

1.Келоси дарс ҷаззоб намешавад.
2.Муҷиби беалоқагии донишомӯзон ба он дарс мегардад.
3.Ёдгирӣ коҳиш меёбад
4.Донишомӯзон матолиби он дарсро ба хубӣ намефаҳманд.
5.Барои ёдгирии матолиби дарсӣ ба донишомӯзон фишор оварда мешавад.
6.Мавқеияти муаллимӣ зери суол меравад.
7.Интиқоли ёдгирӣ ба сутуҳи болотар бо мушкилӣ мувоҷеҳ мегардад.
8.Донишомӯзон аз дарс лаззат намебаранд.
9.Муҷиби берағбатии донишомӯзон нисбат ба таҳсил мегардад. Зеро шогирдон барои ҳузур дар келоси дарсӣ ангезаи лозимро дар худ эҳсос намекунанд.
10. Донишомӯзон таколифро бо алоқа анҷом намедиҳанд.
11. Иртиботи муаллим ва донишомӯзон аз самимияти кофӣ бархӯрдор намегардад.
12. Келоси дарс бештар ба муаллим ҳамчун меҳваре табдил мегардад. Зеро аз фаъолияти донишомӯзон дар тадрис истифода намегардад.

Мавориди ёдшуда марбут ба матлаби омӯзишӣ буд, ки таъсири равиши тадрис бар рӯи ёдгирии онон баррасӣ гардид. Аммо дар канори матолиби дарсӣ равиши тадриси муаллим бар рӯи маҳоратҳои зиндагии донишомӯзон низ метавонад асаргузор бошад ва муҷиби ёдгирии ин маҳоратҳо гардад.

Вақте муаллим равиши тадриси худро бар мабнои ҳамёрӣ қарор медиҳад, донишомӯзон аз тариқи ҳамёрӣ корбурд ва баҳраҷӯйӣ аз маҳоратҳои иҷтимоӣ маҳоратҳои барқарории иртиботро меомӯзанд ва масъулиятпазирии шахсиро дар миёни таомулоти гурӯҳӣ ёд мегиранд.

Истифода аз равиши тадриси суханронӣ, гӯш додан ва ёддоштбардориро меомӯзанд, ки лозим аст гӯшҳои худро набаста ба садоҳои атроф ҳассос буда, бодиққат ба онҳо таваҷҷӯҳ кунем ва аксуламали муносиби худро дошта бошем, на ин ки садоҳоро бишнавем, аммо бетафовут аз канораш бигзорем. Истифода аз равиши пурсишу посух рӯҳияи пурсишгариро фарогирон тақвият мебахшанд ва ёд медиҳад, ки агар қонеъ нашудед, ё эҳтиёҷ ба тавзеҳи бештаре аз вазъияти мавҷуд доред, аз пурсидан ибо накунед ва аз ин тариқ тарафи муқобилро ба камиву кайфии вазъияти эҷоди худаш матлаъ созед.

Равиши ифои нақш ба шогирдон меомӯзонад, ки таъсири он дар дарс ва ба табъи он дар зиндагӣ кам нест, бинобар ин, набояд худашонро дасти кам бигиранд ва нишон бидиҳанд, ки метавонанд муҷиби тағйироту таҳаввулот дар ҳаёт шуда, зиндагии мардумро аз вазъияти фалокатбор наҷот диҳанд ва ба мардуми ҷомеа меомӯзанд, ки ба онҳо таваҷҷуҳ накарда, нақши онҳоро муҳим талаққӣ намуда, дар ҳалли мушкилоти феълии онҳо талош намоянд ва мавзӯи намоиши онҳо мавзӯи қобили таваҷҷуҳ талаққӣ намуда, барои дарки мавзӯи намоиш бо гурӯҳ тавофуқ дошта бошанд.

Вақте муаллим донишомӯзонро ба гардиши илмӣ мебарад, ёд медиҳад, ки табиат танҳо мутааллиқ ба як наслу як давраи хос нест. Пас бояд дар ҳифзу ҳаросат аз муҳити зист ниҳоят ҷиддияту талош намуда, бо касоне, ки иқдом ба олудасозии муҳити зист менамоянд, ба мубориза пардохт. Зеро табиат бистари зиндагии ҳар фард мебошад.

Бинобар ин, олуда кардани бистари ҳар фард ҳам зоеъ кардани ҳаққи худ аст ва ҳам зоеъ кардани ҳаққи дигарон аст. Вақте донишомӯзон даври ҳам нишаста ба баҳс ва табодули назар мепардозанд, меомӯзанд, ки риояти навбат дар сухан гуфтан ва ширкат дар гуфтугӯ, тавре ки имрӯз зарурӣ шумурда мешавад ва талош бар баҳсу гуфтугӯ ба ҷои ҷангу хунрезӣ аст, лозим ва зарурӣ мебошад. Аммо лозимаи ин равиш доноиву касби иттилоот аст, ки пурқудрат аз тамоми силлоҳҳо маҳсуб мегардад. Миллате пирӯз аст, ки аз қудрати доноӣ бархӯрдор бошад ва аз он истифода намояд. Зеро доноӣ лозимаи баҳсу гуфтугӯ аст.

Муаллим бидуни шинохти равишҳои мухталифи тадрис ҳаргиз ба интихоби саҳеҳи онҳо нахоҳад буд. Ӯ ҳар андоза, ки бо равишҳои мухталифи тадрис ошно бошад, дар мавқеиятҳои мухталиф барои расидан ба мақосиди омӯзишӣ ва парваршӣ озодии амал хоҳад дошт. Пас бояд талош намояд аз равишҳои мухталиф бахусус аз равишҳои ҷадиди тадрис, ки натоиҷи мусбати бештареро низ дорад, иттилооти бештаре касб намояд то бар кайфияти ёдгирӣ биафзояд.


**АДАБИЁТ**

1. Афрӯз Ғуломалӣ. Равоншиносии тарбиятӣ. –Теҳрон: Итишороти анҷумани авлиё ва мураббиёни Ҷумҳурии исломии Эрон. Чопи савум. 1375, -С. 203.
2. Шаъбони Ҳасан. Маҳоратҳои омӯзишӣ ва парваришӣ. -Теҳрон: Самт. Чопи бистум. 1385, -С. 389.
3. Навҳахон Муҳаммад Ҳусайн. Розу рамзҳои тадвини тарҳи дарс. -Теҳрон: Тамаддун. Чопи аввал. 1388, -С. 496.



**ВЛИЯНИЕ МЕТОДОВ ПРЕПОДАВАНИЯ НА ОБУЧЕНИЕ**

Данная статья посвящена изучению методов преподавания на обучение учащихся. Метод обучения - сложное, многомерное, качественное образование. В методе обучения находят отражение объективные закономерности, цели, содержание, принципы, формы обучения. Чтобы педагогическая деятельность была эффективной, нужно иметь в виду те процессы которые происходят в сознании учащихся.



**Ключевые слова:** педагогическая деятельность, методы обучения, влияние методов обучения, учебный процесс, образование и воспитание.



**THE INFLUENCE OF TEACHING METHODS ON LEARNING**

This article is devoted to the study of teaching methods on students ' learning. Method of teaching is a complex, multidimensional, high-quality education. In the method of learning reflects the objective laws, objectives, content, principles, forms of training. To pedagogical activity was effective, you need to have in mind the processes that occur in the minds of students.



**Keywords:** teaching activities, teaching methods, the influence of teaching methods, education, education and education.



**Сведения об авторе:** ***Дориюш Байроми*** – соискатель Таджикского национального университета


## БАРРАСИИ БАРНОМАИ ОМӮЗИШИИ ТАРБИЯТИ МУАЛЛИМ ДАР ЭРОН


***Меҳрнӯши Фарҳанг Ранҷбар***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


**Аҳдофи омӯзиши таълиму тарбияти муаллим**. Дар бисёре аз кишварҳои тавсеаёфта сармоягузорӣ ва таъмини нерӯи инсонӣ аз ҷумлаи масъалаи муҳимме аст, ки ҳамвора зеҳни масъулон ва барномарезони омӯзиширо ба худ машғул намудааст, то ҷое ки ба назари донишмандони илми иқтисод манбаи инсонии мутахассис бузургтарин дороӣ ва сармояи аслии як ҷомеа ба шумор меравад (Доиратулмаориф омӯзиши олӣ, 1383).

Таълиму тарбият аз ҷумлаи муҳимтарин масъалаи муштараки ҷомеаи инсонӣ аст, кишварҳо бар асоси тарзи фикр ва мактаби фалсафӣ ва сиёсии худ мақсади тарбиятиро таъриф мекунанд ва ин дар сабк ва равиш ба тафовут дар аҳдофи тарбиятӣ меанҷоманд. Барои шурӯи ҳар коре бояд мақсад ва аҳдофи он амал муайян ва рӯшан бошад, то барои таҳаққуқи ормонҳои мавриди назар аз беҳтарин равишҳо ва васоил истифода шавад. Ҳадафҳои омӯзишӣ дар таълиму тарбият беҳтар аст мушаххас ва возеҳ бошад, то чигунагии омӯзиш барои афрод мушаххас шавад, ки дар ин сурат тағйироти мавриди ниёз бо тароҳҳӣ ва равиши муносиб ба иҷрои он бипардозанд (Шуъори Нажод, 1386).

Он чи аз хондани таърих ба даст меояд, ин аст, ки аҳдофи таълиму тарбият дар миёни миллатҳои мухталиф дар асрҳо бо якдигар фарқ доранд. Масалан, дар Юнони қадим ҳадаф аз таълиму тарбия мунҳасир ба озодмардоне буд, ки дар майдонҳои ҷанг нерӯманду қавӣ ва ҳангоми сухан гуфтан фасеҳ ва болиғ бошанд.

Дар асри вусто дар калисоҳои католикӣ ҳадафи таълиму тарбия аз байн бурдани шаҳват, коҳиши алоқа ва лаззатҳои дунявӣ ва мусомеҳот дар бадан ва ҷисмӣ барои таолӣ ва тараққии рӯҳ ва наҷот аз азоби ҷаҳаннам ва покизагии дил ва унс ба фақр будааст.

Дар Хитои қадим мақсад омода кардани пешвоёне буд, ки ба маорифи қадим ошноӣ дошта, дорои рафтори хуб дар зиндагӣ бошанд ва ахлоқи иҷтимоии мардум мувофиқ ва ҳамоҳанг бо равишҳои қадимии китоби динии Конфутсий бошад.

Дар Мисри қадим ҳадаф тарбияти коҳинон буд, ки дар миёни онҳо пизишк, муҳандис, қозӣ, нависанда ва ғайра дида мешуд. Дар воқеъ, ҳадаф аз таълиму тарбият як амри дунявии омехта ба ҷанбаҳои динӣ будааст. Бад ин ҷиҳат, ки мехостанд инсонҳо дар фунуни мухталиф парвариш ёбанд, то зиндагии шоиста барои онон муҳайё гардад ва бар асоси муҳаббати худоён аз роҳи парастиш ба дастуроти онҳо амал кунанд. Фалсафа ва мутафаккирин ҳар кадом дар тӯли таърих ба навбати худ дар мавриди аҳдофи таълиму тарбият ва кӯмак ба таъсис ва ҳифзи як ҷомеа нақши шоиста ва бокифоят ифо намудаанд.

Дар чашмандози тавсеаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии 20-сола низоми Ҷумҳурии Исломии Эрон ба ҷойгоҳи нерӯи инсонӣ ба намуди чашмгир пардохта шудааст ва қарор аст, ки дар поёни барномаи баландмуддати ин чашмандоз дар заминаи илмӣ ва фановарӣ ба ҷойгоҳи аввали минтақа даст ёбад ва ин мақеиятро тасвиб кунад (Санади чашмандози Ҷумҳурии Исломии Эрон дар уфуқи 1404 ҳ.ш 1383). Дар пешнависи лоиҳаи барномаи панҷумитавсияи иқтисодӣ иҷтимоӣ ва фарҳангии Эрон (1389-1393) ба унвони пешрафт ва адолат, аҳдоф ва роҳбурдҳои зер ироа шудааст:

- таваҷҷуҳ ба хутути роҳнамои улгуи исломии эронӣ ва тавсеа дар аводи мухталифи фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ.
- таҳаққуқи адолат дар аболи фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва мудириятӣ;
- эҷоди фазои муносиб барои таҳаққуқи ҷаҳиши баланди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ.

Дар моддаи №55-и ин барнома бар тақвияти ҳуввияти миллии ҷавонон мутаносиб ба ормонҳои инқилоби исломӣ, фароҳам кардани рушди фикрӣ ва илмӣ, талош дар ҷиҳати рафъи мушкилоти шуғлӣ, издивоҷ, маскан, осебҳои иҷтимоӣ, таваҷҷуҳ ба шароити давраи ҷавонӣ, ниёзҳо ва тавоноиҳои онҳо таъкид шудааст, ҳамчунин бинобар моддаи 34 лоиҳаи барномаи панҷуми тавсеа давлат вазифадор аст, ба манзури эҷоди таҳаввули бунёдӣ дар низоми омӯзишу парвариш ва эҷоди якпорчагии омӯзишӣ бо ҳадафи иртиқои кайфӣ дар се ҳавзаи дониш, маҳорат, тарбият, саломати равонӣ ва ҷисмонии донишомӯзон, тарҳи ҷомеъ, таҳаввули бунёдӣ ва парвариширо дар соли аввали барнома таҳия ва иҷро намояд.

Барномаидарсии тарбияти муаллими Эрон ва муқоисаи он бо кишварҳои тавсеаёфта. Дар солҳои охир барномаи дарсии тарбияти муаллим ба унвони омили муассир дар боздиҳии омӯзишӣ мавриди таваҷҷуҳ будааст ва омӯзиш қабл аз хизмат муртабит ва ҳамоҳангшуда ва ба сурати бардавом дунбол шудааст. Бар хилофи тасаввури суннатӣ дар бораи муаллим ва ин ки муаллимро ҳамвора бо гаҷ ва тахта ёдоварӣ мекунанд, нақшҳои печида ва итизорти ҳирфаии фаровон барои муаллим дар назар гирифта шудааст.

Дар фароянди тарбият муаллими Эрон муаллимон пас аз истиқдом равони синфхона шудаанд ва камтар ба салоҳиятҳои ҳирфаии мавриди ниёзи муаллимӣ таваҷҷуҳ шудааст. Ҳамчунин омӯзишҳои кӯтоҳмуддат бар асоси тағйири баъзе аз барномаҳои дарсӣ иҷро шудааст. Бисёре аз муаллимон солҳост, ки ба шеваи суннатӣ ба тадрис машғуланд ва аз омӯзишҳои зимни хидмат бебаҳраанд. Аз он ҷо ки тарбияти муаллим ҳамвора бо фарозу нишебҳои пай дар пай рӯ ба рӯ буда гоҳе дучори пасравиҳои мавзӯӣ шудааст.

Барномаи дарсии тарбияти муаллими Эрон ба сурати хаттӣ танзим шуда, тақаддум ва тааххури дарсҳо аҳамияти вижае дорад. Умдатан бо мавзӯъ, ё риштаи тахассусӣ дар барномаи тарбияти муаллим буда ва ба интихоби риштаҳо ё тахассусҳои гуногун дар ҳирфаи муаллимӣ тавассути донишҷӯён таваҷҷуҳ нашудааст. Ба таври куллӣ рӯйкарди мавзӯъ меҳвари ҳоким аст ва дарсҳо ба сурати ҷудо аз ҳам қарор гирифтанд. Барномарезони тарбияти муаллим байни дуруси тарбият ва ҳавзаи тахассусӣ иртибот ва ҳамоҳангӣ барқарор накардаанд. Ба таври маъмул дурустии тахассусии риёзӣ дар донишкадаи улуми тарбиятӣ бидуни иртибот бо омӯзиши мавзӯи тахассусӣ тадрис мешавад, вале дар кишварҳои дигар, аз қабили Канада, Олмон ва Англия меҳвар дар барномаи тарбияти донишҷӯ хатти муаллим аст ва омӯхтани беш аз як тахассус барои донишҷӯён имконпазир аст ва қудрати интихоби онҳо дар ҳавзаи тарбият муаллим бо ироаи дурусти ихтиёрӣ мутолеоти фарҳангӣ забони дувум ва ҳунар (адабиёт ва мусиқӣ) дар назар гирифта шудааст.

Аз миёни дуруси ихтиёрӣ 36 воҳиди мутанаввеъро донишҷӯ, муаллимони ин кишварҳо метавонанд интихоб кунанд, вале дар низоми тарбият муаллими Эрон ва ба алоқаи ёдгиранда ва қудрати интихоб дар барномаи дарсии тарбияти муаллим хеле кам таваҷҷуҳ шудааст.

**Барномаи дарсии тарбият**. Муаллими Япония мутаносиб бо барномаи дарсии омӯзиши умумӣ ва мутавосити ироашуда, вале дар барномарезии тарбият муаллими Эрон ҳамоҳангӣ ва таносуб бо барномаи дарсӣ омӯзишӣ умумӣ ва мутавосити банудрат мушоҳида мешавад. Барномаи дарсии давраи яксола ва дусолаи касби маҳоратҳои муаллимӣ дар Англия, Олмон ва Япония солҳост, ки

барои омӯзиши фориғут таҳсилони соири риштаҳои донишгоҳӣ ичро шудааст, вале дар Эрон дар солҳои охир тарроҳӣ шудааст.

Барномаҳои дарсии тарбияти муаллим беш аз хидмат ва зимни хидмат дар соири кишварҳо муртабит бо якдигар ва бо марокази донишгоҳӣ аст. Барои мисол, тадриси амалӣ дар Япония пеш аз хидмат ва зимни хидмат муртабит бо марокизи донишгоҳӣ, вале дар барномаҳои дарсии тарбияти дабирии Эрон иртибот байни омӯзиши пеш аз хидмат ва зимни хидмат ба нудрат мушоҳида шудааст.

Ёфтаҳои пажӯҳишгарон нишон медиҳад, ки 90% аз ширкаткунандагон дар давраҳои омӯзишии зимни хидмат фориғут таҳсилони риштаҳои ғайри тарбияти дабирӣ буданд, ки бо маонии тарбиятӣ ва равишҳои тадрис ошноӣ надоштанд ва умдатарин барномаҳои омӯзиш зимни хидмат барномаҳои озмоишӣ будааст. Дар чанд кишвари ҷаҳон тамрини маҳоратҳои амалӣ ба шакли худомӯзӣ иқдомпажӯҳӣ ва тақвияти салоҳияти ҳирфаии муалимӣ дар тӯли хидмат дунбол шудааст, ки дар тарбияти муаллими Эрон фақат ба худроҳбарӣ аз тариқи ироаи дарс равишҳои мутолиа дар тарбияти муаллим қабл аз хидмат таваҷҷуҳ шудааст. Барномарезони тарбияти муаллими Эрон бештар муқайяд ба мухтасар кардани китобҳои дарсӣ буда, бар ҳамин асос ба ин мафҳум ба таври сатҳӣ таъкид мешавад ва аз мафҳумӣ кардани масоили тарбиятӣ дур мешаванд, дар ҳоле ки дар кишварҳои пешрафта рӯйкарди фаъолиятмеҳвар дар барномаҳо ҳоким будааст.


**АДАБИЁТ**

1. Оқозода Аҳмад. Масоили омӯзишу парвариши Эрон / Оқозода Аҳмад. –Теҳрон: Самт, 1383.
2. Дориат-ул-маорифи омӯзиши олӣ. –Теҳрон, 1383. Ҷ 1.
3. Шуорӣ Нажод Алиакбар. Фалсафаи омӯзишу парвариш / Шуорӣ Нажод Алиакбар. –Теҳрон: Нашри Амир Кабир, 1386.
4. Софии Аҳмад. Тарбият ва таълими муаллим дар Эрон / Софии Аҳмад // Фаслномаи таълиму тарбият, пажӯҳишкадаи таълиму тарбия. 1382. №72-73, -С.1381-82.
5. Коу Чуйборӣ. Санад ва маншури ислоҳи низому омӯзишу парариши Эрон / Коу Чуйборӣ ва дигарон. Пешнависи дувум пажӯҳишкадаи таълиму тарбият, 1382.



**РАССМОТРЕНИЕ УЧЕБНО - ВОСПИТАТЕЛЬНЫХ ПРОГРАММ В ИРАНЕ**

В данной статье автор рассматривает разработку учебно-воспитательных программ в Исламской Республике Иран. Осуществление всеобщего среднего образования, введение новых программ и учебников, потребность совершенствования приемов, методов и содержания обучения, повышения уровня всей учебно-воспитательной работы в школе предъявляет все более новые требования. В школах создана система управления учебно-воспитательным процессом и по его контролю.



**Ключевые слова.** педагогическая деятельность, образовательная деятельность, цели обучения и воспитания, учебная программа, сравнение учебных программ.



**REVIEW OF THE EDUCATIONAL PROGRAMS IN IRAN**

In this article the author examines the development of educational programs in the Islamic Republic of Iran. The implementation of universal secondary education, the introduction of new curricula and textbooks, the need for improvement of techniques, methods and content of training, improve the entire educational work in the school imposes new requirements. In schools created a system of management of the educational process and its control.



**Key words.** teaching activities, educational activities, learning objectives and training, curriculum, and comparative studies.



**Сведения об авторе:** ***Мехрнуши Фарханг Ранджбар*** – соискатель Академии образования Таджикистана


## ВОСПИТАНИЕ ГЛОБАЛЬНОГО ГРАЖДАНИНА ДЛЯ МИРОВОГО СООБЩЕСТВА


***Афсари Али Тарофали,***

**Таджикский государственный педагогический университет им.Садриддина Айни**


Вопрос глобализации в наши дни считается из числа тем, затронувших различные общественные институты. Образование и воспитание считаются из числа институтов, которые не являются исключениями из этого правила. Концепция глобализации является понятием, указывающим на уменьшение мира, интенсивность сведений о мире в качестве одного целого, взаимную и реальную зависимость мира и знакомство единства мира в двадцать первом веке. Различные аспекты глобализации выдвигает вызовы для образования и воспитания частным образом и для мировых сообществ, в целом. Это означает, что глобализация экономики представляет собой изменения, достигнутые в политике, управлении и быстрых изменениях в технологиях и культурных вопросах, включает нравственно-этические и социальные вопросы, концепцию гражданства для существования в мировом сообществе и сделала реальными фундаментальные изменения. Все это выдвинуло вопросы, заключающиеся в том, что на какие жизненные аспекты следует обратить больше внимания в воспитании граждан, и каковы существующие аргументы по этим масштабам.

Следует отметить, что воспитание универсальных граждан считается основной проблемой, с которой человечество может столкнуться в последующие годы. Для разрешения этой проблемы необходимо уделять должное внимание на различные аспекты проблемы, на связи этого аспекта друг с другом в политике по

образованию и воспитанию. При этом в воспитании граждан, наряду с различными институтами и организациями, должно участвовать все общество.

В целом, концепция гражданского воспитания означает воспитание людей, таким образом, чтобы они были способны играть свою роль в формировании или же установлении баланса между силой и ответственностью в обществе. Другими словами, гражданское воспитание требует, чтобы знания, тенденции и способности, возникающие у личностей, являлись основой устойчивости и прочности государственной мощи через закон в обществе. С другой стороны, оно предоставляет возможность для членов общества пересмотреть вызовы к мощи государств, критиковать и оценить ее, а в случае необходимости противостоять ей на деле (Багери, 1379).

В другом определении «гражданского воспитания» подчеркивается: «Гражданское сообщество представляет собой сеть процессов, связанных с другими институтами, которые непосредственным или косвенным образом занимаются воспитанием членов общества, и по этой причине, гражданское воспитание со сущностной точки зрения находится под сильным влиянием гражданского общества. В этом определении, наиболее важным вопросом и целью гражданского образования является укрепление гражданского общества и сохранение демократии в обществе» (Илмулхада, 1379).

Сегодня, с учетом осложнения глобализационного века, при условии, что, если образовательная система любой страны намерена укрепить и повысить национальное руководство, ценностную систему и гражданские навыки своих детей и подростков, то для этого необходимо подготовить их должным образом для жизни в глобализационном веке в двадцать первом веке. Дело в том, что глобализация влияет не только на политические и социальные отношения, но и на культуры, образовательные системы и идентичность людей.

Ввиду сложности глобализационного века, образовательная система любой страны стремится укрепить и повысить свое патриотическое руководство и ценностную систему, развивать гражданские навыки своих детей и подростков, что требует их подготовку для жизни в глобализационном – XXI веке. В этой связи, эффективное планирование и инновация в образовании и воспитании нашего времени не могут происходить без точного и глубокого учета влияния глобализации в области образования и воспитания в различных странах и национальных государствах. Процесс глобализации требует от граждан XXI века. овладения особыми характерными чертами, которые в целом можно резюмировать следующим образом:

- знание, глобализационое мышление и действие;
- знание, навыки и демократический взгляд;
- способность применения информационной технологии.

Вышеуказанные три понятия переплетены друг с другом и обладают обоюдными и многосторонними эффектами, более того, они стали причиной скоротечного и легкого сближения индивидов и наций. Такое обстоятельство привело к тому, что, если до вчерашнего дня граждане какой-либо страны размышляли на локальном уровне, то сегодня, в связи с демократическими принципами, они размышляют на глобальном, межнациональном уровне. Информационная технология способствовала тому, что страны мира зависели друг от друга в области политики, экономики, культуры, и такая зависимость привела к необходимости глобализационного мышления и действия. Наконец, можно сказать, что в глобализационной рамке существует необходимость действовать в демократической форме, в которой инструментом мышления и демократизационных процессов является информационная технология. Дело в том, ввиду интенсификации глобализационного процесса в будущем, воспитание и образование будут зависеть серьезным образом от информационных технологий (Шахеди, 1389).

Если мы хотим развивать гражданские ценности и приоритеты в школах, воспитать достойных граждан в демократическом обществе. Прежде всего, следует представить наиболее важные культурные компоненты и элементы, соответствующие и сопутствующие такому роду общества. Они выглядят следующим образом:

- мышление, глубокое мышление, хорошее мышление;
- уважение мнения других, снисходительность и толерантность к мнению и диалогу сторон;
- ориентация на закон, уважение закона, понимание закона как кристаллизации внесенного общественного разума;
- чувство самодостоинства, уважение своего достоинства, уверенность в себе;
- склонность к здоровой и конструктивной конкуренции;
- неприязнь к отношениям деспотической мощи, непринятие навязанных мнений других, отрицание отношений, основанных на мощи и силе;
- укрепление духа любознательности и любопытства;
- стремление к творческому и созидательному мышлению;
- смелость выражать свое собственное мнение, если оно будет противоречить мнению других.

На основании этого взгляда, учеба представляет собой процесс, происходящий между учащимися и окружающей их средой. С углублением в малопонятные мысли и вопросы, связанные с социальной жизнью, учеба приобретает еще большую ценность и актуальность. В идеальных условиях школьный класс должен

отражать обилие в малом масштабе, и признавать дозволенным свободное рассмотрение вопросов и проблем о государственной политике. В таких условиях учитель должен сыграть много ролей. Прежде всего, учитель должен быть способным создать благоприятное пространство, в котором путем эмоциональной поддержки студенты могли бы проявить желание участвовать в дискуссиях. После создания такой атмосферы, учитель должен быть способным с использованием сравнений и вопросов определить уровень знаний учащихся. Он должен осознать и правильно понимать социальные политические линии, проблемы и трудности, связанные с каждым учащимся. Кроме того, он также должен показать свою готовность в глубоком изучении проблем, возникающих в результате разбирательства и анализа особого случая (Саодатманд, 1389)

Следует отметить, что уже давно скрытое взаимоотношение политики и образования является объектом пристального внимания. Кроме того, сделан акцент на политизацию школы в качестве важнейшего образовательного института в современных обществах. Так, Бронз (1996) , касаясь политической роли воспитания утверждает, что обучение и воспитание не всегда являются беспристрастными и оказываются без социально-экономических достижений, и наоборот, образование и воспитание в более пространном значении всегда являются политизированными. По выражению Калмана, все, что существует в государстве, оно присутствует и в школе, и то, что можно внедрять в государство, тоже следует внедрять в школу (Фаростахо, 2011), следовательно, политическое образование считается осознанной проблемой. Прежде всего, гражданам необходимо овладевать минимумом информаций, знакомящих их с политическими и социальными обязанностями, обязательствами и правами, быть сведущими в различных аспектах политической системы и процессов, происходящих внутри нее совершенным образом. Кроме того, для того, чтобы государство было способно выполнять свои задачи должным образом, его граждане должны знать большинство законов и правил, в том числе, законов, связанных с выплатой налогов, об обязательствах - как служба в армии, законов, связанных с большим числом политических прав.

Несмотря на то, что гражданство начинается с детства, тене менее, оно не обязательно должно заканчиваться получением официального среднего образования в школе. Напротив, граждане общества должны всегда изучать и использовать свои знания и навыки для своей гражданской жизни в достаточном объеме. Образовательный и воспитательный процесс, начинающийся в детстве и продолжающийся в течение всей жизни индивида, называется пожизненным образованием. ЮНЕСКО определяет пожизненное образование желаемым совершенством (Джарвис, 1999).

Следовательно, образование и воспитание не должны прекращаться после окончания учебы. Незамысловатость этого мнения заключается в том, что целью создания школы является получение уверенности в продолжении образования или формирования способностей, гарантирующих развитие человека.

Стремление к изучению из самой жизни и приспособление жизненных условий, чтобы все люди учились в процессе своей жизни, считается одним из важнейших достижений современного образования и воспитания (Левии, 1916). Можно сказать, что общество я становится устойчивым на основе обучения, в котором всегда существует гибкая, но пожизненная образовательная система. Формирование такого общества происходит, таким образом, что все виды обучения предоставляются в распоряжение всех людей в течение всего времени или его отрезке. Поэтому, по мнению Бушера(1980), создание такого общества не имеет никакой связи с разработкой новых учебных программ и нет необходимости их добавления в современные программы. С другой стороны, существует необходимость в разработке политических линий, основанных на поиске свободы и создания конкретных изменений в целях и задачах образовательных программ, особенно в начальном образовании (Джарвис, 1378). Вопрос заключается в том, что учащиеся современного века через несколько лет после окончания учебы обычно жалуются, что то, чего они приобрели с большим желанием и рвением, не имеет никакого смысла и значения для них; они не в состоянии связать и соединить их с проблемами, с которыми они столкнулись в их настоящей жизни. Другими словами, официальная образовательная система школы не может подготовить их для понимания внутренних вакуумов или жизненных потребностей (Хинди, 1375). Поэтому, необходимо, чтобы взрослая часть населения различными способами и последовательным образом продолжили свое обучение по различным областям с тем, чтобы стать гражданами, характеризующимися культурным поведением. Такое образование граждане могут получать официальным образом в образовательных и необразовательных организациях и центрах, и неофициальным образом через средства массовой информации и самоуправляющих общественных институтов.

Ускорение темпов глобализации в последнем десятилетии, а также роль, которую играют информация и коммуникация в этой категории, нуждаются в гражданах, обладающих соответствующими особенностями для полноценной жизни в новом мировом сообществе, в котором информационные и коммуникационные технологии играют важную роль. Сегодня, с развитием цифровых источников возникают новые виды городов под названием электронных или визуальных городов, которыми управляет электронное государство. Следовательно, такие города нуждаются в гражданах, обладающих особенными качествами и которые способны удовлетворять свои повседневные интересы и потребности в такой среде.

Следует отметить, что глобализация влияет на все области жизнедеятельности человека, включая общество, производство, знания, безопасность, мир, справедливость и окружающую среду; способствует изменению в способе мышления и сознании людей относительно социальных связей, и в то же время оказывается под их влиянием. Последствия подобных социальных изменений имеют важное глубокое воздействие на повседневную жизнь и взаимоотношения людей в различных масштабах (Карбасиян, 2003). Следовательно, глобализация по крайней мере привела к двум противоречивым последствиям: пассивности и уступчивости группы людей перед западным образом жизни, считая его своим идеалом, что привело к безусловному принятию целей, программ и действий господствующих держав, которые можно назвать глобализацией. Другим последствием является агрессивность и терроризм групп, считающих образ жизни минувших столетий желаемым совершенством и питают враждебность к феномену глобализации (Саодатманд, 2010).

При таких условиях задача воспитательно-образовательной системы заключается в том, чтобы с развитием и воспитанием особых навыков подготовить таких граждан и культурных людей, которые могли бы занять свое достойное место в международных отношениях, посредством сохранения своей культурной, исторической и национальной независимости и преимущества преодолеть свой путь в современном мире, основанном на силе и мощи, и таким образом быть способными сыграть свою эффективную и положительную роль в международных отношениях.

Следует отметить, что в 1994 г. Международная ассоциация оценки образовательного прогресса приступила к выполнению сравнительного исследования под названием «Отличительные и общие особенности гражданского образования» в 24 странах мира. Авторы этого исследования после завершения своего исследования выдвинули авторитетный способ для однообразной концептуализации подходов гражданского образования на основе предусмотренных целей и задач для подобного образования, содержащих следующие три общие цели:

Образование по гражданству, концентрированное на подготовке учащихся и лиц, обладающих достаточными знаниями, сознанием национальной истории, жизненными, политическими и культурными структурами. Образование через гражданство, требующее обучение учащихся или реализацию активных видов деятельности партнерских опытов в школе, местном обществе или за их пределами.

Образование с целью гражданства, которое помимо двух вышеуказанных целей, оснащает учащихся и людей с набором инструментов, включающих знания, понимание навыков и взглядов, ценностей и тенденций, делает их способными принимать активное и рациональное участие в ролях и обязательствах, с которыми они могут и будут сталкиваться в своей взрослой жизни (Шахеди, 1389).

Каримӣ (1374) ба ин натича расид ки, мутаассифона, мушовирон дар мадраса низоми ҷадиди қолибан тахассусӣ надоранд ва вазоифи онон комилан равшан нест ва дабиристонҳо низ ошноии чандоне бо вазоифи онон надоранд. Киёманиш ва Мӯсопур (1372) ба ин натиҷа расиданд, ки ҳамаи дастандаркорони низоми ҷадид ва ағлаби донишомӯзон ва волидайни онҳо (вуҷуди мушовири роҳнамоии таҳсилӣ) ва анҷоми фаолиятҳои марбута ба ҳидояти таҳсилиро нуқтаи қувват ва шохиси низоми ҷадид донистаанд. Донишомӯзони соли аввал барои (тарҳи роҳнамоӣ ва мушовира) беш аз донишомӯзони соли дувум аҳамият қоиланд ва доштани мушовири таҳсилиро аввалин нуқтаи қуввати низоми ҷадид медонанд, дар ҳоле ки донишомӯзони соли дувум доштани мушовири таҳсилиро дар мақоми севум ва донишомӯзони соли дувуми шохаи фаннию ҳирфаӣ ва кордонӣ дар мақоми панҷум қарор додаанд. Чунин тағйир дар дидгоҳи донишомӯзон, гарчи то ҳадде мутаассир аз наздик шудани поёни давраи таҳсилӣ ва аҳамият ёфтани интихоби роҳи ояндаи зиндагӣ аст, аммо аз наҳваи амалкарди мушовирон низ, таъсир пазируфтааст.

Аз ёфтаҳои ин пажӯҳиш ва натоиҷи таҳқиқот, ки муайяни ин пажӯҳиш мебошанд, метавон ба хубӣ истинбот намуд, ки алорағми ин ки солиёни зиёде аз умри мушовира дар дабиристонҳои остон мегузарад. То расидан ба вазъи матлуб фарсаххо фосила аст, ки бояд бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи муфид ва муассири ин пажӯҳишҳо, ки нишонгари вазъи воқеии мавҷуди низоми роҳнамоӣ ва мушовира барномарезии усулӣ ва саҳеҳ ҷиҳати мутаҳаввил намудани вазъи мавҷуд ва рафъи норасоиҳои ин низом ба амал ояд, ки албатта, ин муҳим талош ва ҳиммати ҳама авомили муртабитро металабад ва бояд таваҷҷуҳоти илмӣ ва мантиқии лозим ва зарурӣ анҷом пазирад.

**АДАБИЁТ**

1. Карвасарский Б.Д. Психотерапия: учебник для вузов 4-е изд / Б.Д.Карвасарский. – СПб.: Питер, 2012. – 672 с.

3. Млодик И.Ю. Школа и как в ней выжить: взгляд гуманистического психолога / И.Ю. Млодик. — М.: Генезис, 2011.
4. Considering the Challenges of Counselling Practice in Schools Low, Poi Kee. International Journal for the Advancement of Counselling 31.2 (Jun 2009): 71-79.
5. Ардабилӣ Юсуф. Усулу фунуни роҳнамоӣ ва мушовира дар омӯзишу парвариш / Юсуф Ардабилӣ. –Теҳрон: Муассисаи интишороти беъсад, 1378.
6. Томас Девис. Мушовираи мадраса бо рӯйкарди роҳиҳалмехвар / Девис Томас. Нашри илм, 1389.
7. Темури Боқирӣ. Баррасии норасоиҳои низоми роҳнамоӣ ва мушовира аз дидгоҳи мудирон, мушовирон ва донишомӯзон дар остони чаҳор Маҳол ва Бахтиёр дар соли таҳсилии 82-83 / Темури Боқирӣ. (тарҳи мусавваби Шӯрои таҳқиқоти созмони омӯзиш ва парвариши остон.
8. Ковиёни. Баррасии ҷойгоҳи мушовирони мадорис ва мабонии мушовира / Ковиёни, Нуризода, Мирҳайдарӣ, Пурносӣ. 1388.
9. Саид Ахмадӣ. Баррасии нақши мушовирон дар мадориси низоми ҷадиди омӯзиши дар шаҳри Исфаҳон дар соли таҳсилии 73-74 / Саид Ахмадӣ, Бобогулӣ.
10. Амруллохи Карими Баррасии амалкарди мушовирони низоми ҷадид омӯзишӣ мутавассити остони Чаҳор маҳол, Бахтиёрӣ аз дидгоҳи донишомӯзон ва волидайн ва дабирон ва мудирон. Поённомаи коршиносии аршад мудирияти омӯзишӣ 1374 ба роҳнамоии доктор Саид Ахмадӣ, доктор Алиризо Юсуфӣ.
11. Алиризо Киёманиш. Баррасии арзишёбии тарҳи роҳнамоӣ ва мушовира дар низоми ҷадиди омӯзиши мутавассит (нимсолаи дувум, соли таҳсилии 71-72) / Алиризо Киёманиш, Неъматулло Мӯсопур. –Теҳрон, 1372.

## ИЗУЧЕНИЕ НЕДОСТАТКОВ ОТНОСИТЕЛЬНО ОТСУТСТВИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПРИГОДНОСТИ ПСИХОЛОГОВ - КОНСУЛЬТАНТОВ ШКОЛ ГОРОДА ИСФАХАНА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ УЧАЩИХСЯ, АДМИНИСТРАЦИИ ШКОЛ И ОТВЕСТВЕННЫХ РАБОТНИКОВ ОТДЕЛА ОБРАЗОВАНИЯ ГОРОДА ИСФАХАН ЗА 2013-2014 УЧЕБНЫЙ ГОД.

Эффективность профессиональной деятельности психолога-консультанта обусловливается профессиональной пригодностью и зависит от условия работы и организационных аспектов службы. Принимая во внимание многообразие влияющих на эффективность профессиональной деятельности факторов, в данной статье рассмотрена деятельность психолога- консультанта и его профессиональная пригодность на примере школ города Исфахан Исламской Республики Иран за 2013- 2014 учебный год.

**Ключевые слова:** использование психологии в школе, психологическая служба, психолог- консультант в школе, профессиональная пригодность, развитие коллектива педагогическое воздействие .

## THE STUDY OF SHORTCOMINGS REGARDING THE LACK OF PROFESIONAL SUITABILITY COUNSELORS SCYOOLS IN THECITY OF ISFAHAN IN TERMS OF STUDENS, SCHOOL ADMINISTRATIONS AND OFFICIALS OF THE EDUCATION DEPARTMENT OF THE CITY OF ISFAHAN FOR 2013-2014 ACADEMIC YEAR

The efficiency of the professional activity of the psychologist-adviser determined by a professional fitness and depends on conditions of work and organizational aspects of the service .Taking into account the diversity of influencing the effectiveness of professional activity factors, this article considers the activities of the psychologist adviser and his professional suitability by the example of the schools in the city of Isfahan, Islamic Republic of Iron the 2013- 2014 school year.

**Key words:** use of psychology in the school psychological service, a consultant psychologist at school, vocational aptitude, development of staff, pedagogical impact.

**Сведения об авторе:** ***Темур Бокири*** – соискатель Института развития образования АОТ

# ИСТИЛОҲОТИ ПЕДАГОГӢ ДАР КИТОБИ ШАҲИДИ СОНӢ «ОДОБИ ТАЪЛИМ ВА ТААЛЛУМ ДАР ИСЛОМ»

***ИсмоилХолматов***
**АкадемияитаҳсилотиТоҷикистон**

Муаллификитоби «Одоби таълим ва тааллум дар ислом» донишманди бузург– Зайниддин ибни шайх имом Нуриддин Алӣибни Аҳмад Омили Ҷаъбӣ дар сендзаҳуми моҳи раҷаби соли 911 ҳ.қ./1533 зода шуд. Дарҷаҳон ӯ ҳамчун Шаҳиди Сонӣ маъруф гаштааст. Шаҳиди Сонӣ дар соҳаи таълиму тарбият дар ислом корҳои назаррасеро ба анҷом расонидааст. Оиди таълим додан ва таълим гирифтан ва одоби он асарҳои гуногун дорад. Яке аз китобҳои маъмултарини ӯ китоби «Одоби таълим ва тааллум дар ислом» мебошад, ки дар 13-уми сафари 949 ҳ.қ. таълиф гардидааст.

Китоби мазкур аз беҳтарин осоре аст, ки дар ҷаҳони илм ва таърихи донишҳои башарӣ дар заминаи одоби таълим ва ойини тааллуми маориф таҳия шудааст. Ин китоби пурарзиш роҳу русуми саҳеҳи таълиму тааллумро ба таври умум пешкаши мутолиакунандагон мекунад. Инчунин, беҳтарин раҳнамудҳоро дар робита бо таълим ва тааллуми маориф, вазифа ва рисолатҳои аҳли илмро низ нишон медиҳад. Бо қатъият метавон изҳор намуд, ки ин китоб олитарин роҳкушое барои донишҷӯён, олимон ва донишмандон мебошад [2].

Китоби мазкур ҳамаи нуктаҳои ахлоқӣ ва маънавиро, ки бояд ҳар муаллиму толибилм бо онҳо ошно бошад, дар худ фаро гирифтааст. Ба сабаби он ки китоб бақои даву одоби таълим ва тарбият бахшида шудааст, дар он вожаҳои мухталифи педагогӣ истифода шудаанд. Хусусан, вожаҳои таълим, тарбият, устод, шогирд, мударрис, илм, таснифиилм, барномарезии омӯзиш ва ғайра дар ин китоб борҳо ва борҳо такрор шудаанд. Умуман, дар натиҷаи омӯзиш маълум шуд, ки зиёда аз 50 истилоҳоти педагогие, ки ҳоло ҳамонҳо мавриди истифода қарор мегиранд, Шаҳиди Сонӣ дар китоби худ ба таври

васеъ истифода бурдааст. Номгӯйи истилоҳоте, ки дар китоби «Одоби таълим ва тааллум дар ислом» истифода шудаанд инҳоянд:

**Ақибмондагии зеҳнӣ.** Ақибмондагии зеҳнӣгуфта амалкарди ҳушиеро меноманд, ки ба таври қобили мулоҳиза поёинтар аз ҳадди табиӣ аст. Ақибмондагони зеҳнӣ афроде ҳастанд, ки ба сабаби камбудии рушди зеҳнӣ дар шароити одӣ, қодир ба истифодаи дилхоҳ аз барномаҳои маъмулии омӯзиш ва татбиқи он бо муҳит намебошанд [3].

Шаҳиди Сонӣ вуҷуди чунин шогирдонро эътироф мекунад ва ёдовар мешавад, ки устод бояд ба чунин шогирдон ҷумлаҳои мураккаб ва душворфаҳмро як чанд бор такрор кунад. Ин чунин, ӯ ёдрас кардааст, ки шогирдони фаъолу тезҳуш баъд аз итмоми дарс бояд маъно ва муҳтавои дарсро як бори дигар ба чунин шогирдон бифаҳмонанд.

**Афсурдагӣ:** Ҳолати шахсие аст, ки бо эҳсоси ноумедӣ, бекифоятӣ, гуноҳ, тарс ва беарзишӣ ҳамроҳ аст. Хусусиятҳои аслии ҳолати афсурдагӣ коҳиши амиқи майл ба фаъолиятҳои лаззатбахшии рӯзмарра, мисли муошират, истироҳат, варзиш, ғизо ва робитаи ҷинсӣ аст. Дар шакли хафагӣ ва афсурдагӣ мумкин аст фақат аз аломатҳои асосӣ вуҷуд дошта бошад. Эҳсоси дармондагӣ, майл бахудмаломатгарӣ, изтироб ва нотавонии фикрӣ аз аломатҳои афсурдагӣ ҳастанд.

**Ахлоқ.** Мафҳуми ахлоқ вобаста ба шахсият, хулқ, хислату одатҳо, ки рафтори инсонро дар тамоми ҷанбаҳои зиндагии иҷтимоӣ (кор, зиндагии рӯзмарра, сиёсат, илм, хонавода, равобитишахсӣ, дарунгурӯҳӣ, дарунтабақавӣ) танзиммекунад. Ахлоқ, яъне созиш бо мувозин, ҳуқуқ ва вазифаҳои муштарак, имкони тазод байни ду стандарти иҷтимоии мақбул вуҷуд дорад ва шахс ёд мегирад, ки бар пояи виҷдони фардии худ дар чунин мавридҳо қазоват намояд.

**Бадрафториидонишомӯз.** Ба рафтори донишомӯз гуфта мешавад, ки берун аз муқаррароти ҳоким дар мактаб аст.Ба фикри Шаҳиди Сонӣ бадрафтории донишомӯз натиҷаи гӯш додани ӯ ба суханони шайтон аст. Чунки шайтон ҳамеша барои аз роҳ задани толибилмон дар камин аст. Барои эмин будан аз васвасаҳои шайтон ва роҳ надодани донишомӯзон ба бадрафторӣ Шаҳиди Сонӣ дар китоби худ «таълим ва тааллум дар ислом» суханҳои ҷолиб гуфтааст.

**Барномарезии омӯзишӣ.** Барномарезии омӯзишӣ шомили корбурди муназзами равишҳои таҳлилӣ дар мавриди ҳар як аз ҷузъҳои низоми омӯзишӣ буда, ва ҳадафи он истиқрори як низоми омӯзишии коромад аст. Баъзе мутахассисон барномарезии омӯзиширо «корбурди таҷзияю таҳлили мантиқӣ дар омӯзишу парвариш ба хотири афзоиши короӣ ва таъсири он дар бартарафсозии ниёзҳои донишомӯзон, донишҷӯён ва ҷомеа» медонанд.

Шаҳиди Сонӣ қайд мекунад, ки устод бояд пеш аз омӯзиш онро ба таври саҳеҳ барномарезӣ кунад ва тадрисро аз рӯйи тарҳи муайян пеш барад.

**Баҳс (равиши баҳс).** Равиши ёдгирии гурӯҳе, ки дар он аъзои гурӯҳ назари худро ба таври шифоҳӣ ироа медиҳанд то мушкилеро ҳал кунанд ё донишу фаҳми хешро нисбат ба мавзӯи мавриди баҳс афзоиш диҳанд. Барои ин ки ин равиш бомуваффақият мавриди истифода қарор гирад, аъзои гурӯҳ бояд дониш ё таҷрибаи пешакӣ дар бораи мавзӯъ дошта бошанд. Аз ин рӯ, ин равиш, махсусан барои омӯзиши калонсолон муносиб аст. Шаҳиди Сонӣ дар китоби худ як бобро ба баҳси илмӣ кардан ва қоидаву одобҳои он бахшидааст.

**Бесаводӣ.** Нотавонӣ дар хондану навиштан дар ҳадди интизороти ҷомеаро бесаводӣ гӯянд. Бесаводӣ як истилоҳи нисбӣ аст, ки аз тариқи ҳинҷорҳои низоми омӯзиш таъриф мешавад. Барои бесаводӣ меъёрҳои гуногун пешниҳод шудааст, монанди нотавонии комили хондан, нотавонии хондан дар сатҳи хосе аз мактаб, нотавонии хондан ва анҷоми дастуротба шакли дилхоҳ ва ғайра. Вобаста баин меъёрҳо, бесаводӣ метавонад маънои мухталиф дошта бошад.

**Босавод.** Тибқи таърифи ЮНЕСКО босавод касе аст, ки қодир бошад матолиберо ба забони маҳаллӣ бихонаду бинависад ва бифаҳмад. Сатҳи дақиқи тавоноии хондану навиштан, ки барои босавод шиносонидани шахс кофӣ бошад, кори мушкил аст.

**Давраҳои омӯзиш.** Мавзӯъ ё моддае, ки барои омӯзиш дар давраи муайяне танзим шудааст ва гирифтани дараҷаи таҳсилӣ ё донишгоҳии мусталзами омӯзишии он мебошад. Шаҳиди Сонӣ давраҳои омӯзишро вобаста ба синну сол ва ҳуши шогирд аз сода ба мураккаб пешбинӣ намудааст.

**Дарки хондан.** Яке аз маҳоратҳои аслӣ хондан аст, ки метавон онро бо маҳоратҳои дигаре, аз қабили дурустии бозшиносии калима муқоиса кард. Дарки хондан маъмулан, аз тариқи пурсидани саволҳое дар мавриди ҷумлаҳо ё матнҳое,ки кӯдак хондааст, арзёбӣ мешавад, то мизони фаҳми кӯдак андоза гирифта шавад. Аммо истифода аз дарки хондан гоҳе густурдатар шуда ва шомили тавонии интиқод ва тафсир низ мешавад.

**Диққат.** Иборат аз марказонидани нерӯҳои зеҳнии инсон бар кори муайян, ба тавре ки дигар корҳо ба таври муваққат вузӯҳи худро аз даст медиҳанд ва ҳадаф аз ин тамаркуз дарёфти зеҳнӣ ва шинохти бештари падидаҳост.

**Ёдгирӣ.** Тағйири нисбатан собит дар рафтори фард, ки дар асаритаҷриба ҳосил мешавад. Тибқи назарияи бархе мутахассисони соҳаи омӯзиш ёдгирӣ иборат аз «эҷоди тақвияти робита ва пайванд байни муҳаррик ва посух дар системаи асаби инсон» аст. Соҳибони назария ёдгириро иборат аз шинохт, идрок ва басират медонанд. Бархеи дигар муътақиданд, ки ёдгирӣ иборат аст аз гирифтани

иттилоот аз роҳи мушоҳида. - Иборат аст аз тағйирот дар рафтори озмудани̅ дар баробари мавқеияте хос, тағйире, ки ҳосили таҷрибаҳои муқаррарии озмудани̅ дар чунин мавқеият бошад.

**Ёдовари̅ :** 1 ҷараёне аст, ки зеҳн дар он кореро, ки пешаки̅ идрок карда ва ҳамакнун дар маърази ҳаввоси фард қарор надоранд, ба хотир оварад. Баъзе ёдовариро ҳамон тавлиди муҷаддад медонанд. Тавлиди муҷаддади коре, ки қаблан омӯхта шудааст, аз ёдоварии он мушкилтар мебошад.

2 як равиши таҷрибави̅ барои таҳқиқи фарояндаҳои марбут ба ҳофиза, ки дар он озмудани̅ бояд матолиби омӯхташудаи қаблиро ба хотир оварад.

**Зеҳн.** Калимаи зеҳн чандин маъно дорад, ки ҳамаи онҳо комилан умумианд ва на чандон дақиқ. Аввал, ин ки бинобар мавзӯи фалсафии дугонагарии равон яке аз ду ҷанбаи аслии вуҷуд аст, ки ҷанбаи дигари он модда мебошад. Бинобар ин, метавон гуфт, ки зеҳн ё равони ҳар фарде намоёнгари асли аввалия ва таҳлилнопазири ҳушёрии зоти̅ аст.

**Изтироб.** 1 изтироб вазъияти ташдидшудаи тахрики ҳаяҷони̅ аст.Изтироб эҳсоси нигарони̅ ё тарсро ҳам дар бар дорад, мисли тарс ё таҳдид. Бар хилофи тарс фард бештар манбаи таҳдидро ба шакли норавшан ё на чандон дақиқ идрок мекунад.

2 як эҳсоси бисёр нохушоянд ва бештар ваҳшатнок аст, кибо як ё якчанд эҳсоси ҷисми̅ ҳамроҳ аст, мисли эҳсоси душвор шудани нафаскаши̅, тангии қафаси сина, таппиши қалб, сардард, ҷабри ногаҳони̅, беқарори̅ ва ҳоказо. Изтироб як аломати ҳушдордиҳанда аст. хабар аз хатари қарибулвуқӯъ медиҳад ва шахсро барои муқобилият бо таҳдид омода мекунад.

**Илм.** Баъзе илмро кашфи қонунҳои таби̅и̅ медонанд. Илм маҷмӯи маълумоте аст, ки ба василае аз роҳу равиши илми̅ ба вуҷуд омадааст. Эйнштейн илмро кӯшише медонад барои мутобиқат додани таҷрибаи ҳиссии номуназзам ба як системаи фикри̅. Илм таърифи гуногун дорад. Дар поён чанд таърифи дигари илм аз манбаҳои мухталиф оварда шудааст:

- маҷмӯаи маълумоте, ки ҳосили корбурди систематикаи равиши илми̅ аст.
- шохае аз таҳқиқ ё риштае, ки ба иштиқоқи усули бунёди̅ ё қонунҳои кулли̅ мутамарказ аст.

**Имтиҳон.** Раванде, ки барои ошкор кардани маълумоти инсон амали̅ мегардад.

**Ирода.** Ба таври кулли̅, интихоби қасдона ва огоҳонаи як амал ё интихоби амалии хос аз байни чанд амали қобили интихоб.

**Мушкилоти ёдгири̅.** Кӯдакони мубтало бар мушкилоти ёдгири̅ касоне ҳастанд, ки дар як ё чанд амалиёти асоси̅ дар робита бо хондан, сухан гуфтан, дарк кардан ё навиштан мушкили̅ доранд, ба шарте ки ин мушкилот иборат аз ақибмондагии зеҳни̅, нуқсонҳои биноӣ, ҳаракати̅ ё фарҳанги̅ набошанд.

**Кунҷкови̅.** кунҷкови̅ шавқу рағбат ба таҳқиқу баррасӣ, мушоҳидаи як чизи нав ва касби иттилоот дар бораи он аст яъне майл доштанба ҷустуҷӯйи навигари̅. Кунҷкови̅ тамоюле аст, ки бисёр олимон онро зоти̅ медонанд ва дар он мавҷуди зинда ба дунболи хабар ё иттилоот мегардад. Кунҷкови̅ мумкин аст умуми̅ ё марбут ба риштаи хосе, мисли заминаҳои илми̅ ва таърихи̅ бошад.

**Мадраса.** Муассисае, ки гурӯҳе аз донишомӯзону муаллимон дар он гирд омадаанд ва биное барои он ихтисос дода шудааст.

**Масъулият: 1.**мувazзаф будан ба анҷом додани коре ва 2. ишора ба амал ё ҳавзаи амалеро, ки бахше аз вазифаи касе аст, хоҳ ба унвони дорандаи як мақом ё ба унвони омили сиёси̅ ё ахлоқи̅.

**Маърифат.** Чизе аст, ки дар асари бархӯрди фард бо муҳит дар зеҳни ӯ эҷод мешавад. Маърифат аз ҷиҳате шомили маҳоратҳо, одатҳо, иттилоот, ақоид, эҳсосҳо ва афкор мебошад. Ба таври хулоса метавон гуфт, ки маърифат ҳолат ё эътиқоде аст, ки дар шароити муайян нисбат ба чизе пайдо мекунем ва шубҳае дар бораи он раво намедорем.

**Мушоҳида.** Тарзи хосе дар пажӯҳиш аст, ки дар он пажӯҳишгар саъй ва кӯшиш дар ҷамъоварии маълумот, санҷиши унсурҳои таҳқиқ ва фарзияҳо дорад. Истифода аз мушоҳида ба унвони як тарзи илми̅ иборат аз он аст, ки:

1.ҳадафи таҳқиқ ба таври дақиқ муайян шуда бошад;

2.тарҳи кор ба сурати мунтаззам таҳия шуда бошад;

3.ҷараёни мушоҳида ба таври мунтаззам ёддошт гардад.

Шаҳиди Сони̅ барои муайян кардани одобу рафтор ва зеҳни шогирд истифода бурдан аз мушоҳидаро тавсия додааст. Инчунин, ба шогирдон тавсия мекунад, ки пеш аз он ки устодеро интихоб кунанд, хуб мешавад агар аз рафтору кирдор ва доройяти илмии устод мушоҳида кунанд. Агар рафтору кирдор, тарзи муомила, одоб ва дараҷаи илмии устод талаботҳои ӯро қонеъ гардонанд, пас, шогирд метавонад ин олимро ҳамчун устоди худ интихоб кунад.

**Назорат.** Назорат дар ҳар созмони печидае вуҷуд дорад, зеро созмонҳо мехоҳанд худро ҳифз кунанд ва гоҳе худро беҳбуд бахшанд. Иртиботи назорат ва созмон иртиботе равшану мустақим аст. Натиҷаҳои созмон бояд дар таҳлили корои̅ ва таъсирбахши он мавриди истифода қарор гирад.

**Нокоми̅.** Маънои аввали нокоми̅ иборат аст аз монеа шудани роҳи як мавҷуди зиндаи дорои ангеза, ки мехоҳад ба ҳадафе мусбат бирасад ё аз ҳадафи манфи̅ иҷтиноб кунад. Маънои дувуми нокоми̅ эҳсосе аст, ки аз пайдо шудани чунин монеае дар мавҷуди зинда ба вуҷуд меояд.

**Одати омӯзиш.**

1- тамоюли донишомӯз баомӯзиш, ки ҳар мавқеъ фурсат пайдо кунад;

2- равиши омӯзиши донишомӯз.

**Омодагӣ.** Дар таффакури эҷодӣ аз марҳалаи омодагӣ, ҷамъоворӣ ва иқдом ба комилсозии иттилоот марбут аст.

**Омӯзгор.** Касе, ки маълумот ё маърифатро ба дигарон интиқол медиҳад.

**Омӯзиш.** Ин калима аксаран барои ҷаласаҳои омӯзишии расмӣ гуфта мешавад, то семинарҳо ва суханрониҳои гурӯҳӣ.

**Пурсиш.** Пурсидан яке аз тарзҳои хоси баррасӣ ба шумор меравад, ки барои шинохти ақидаҳо, гароишҳо ва тарзи тафаккури инсонҳо маҷмӯае аз суолҳоро таҳия намуда ва бо он ба санҷиши муқоисавии инсонҳо мепардозад.

**Рағбат.** Холате аст, ки бо мутамарказ сохтани диққат дар як чиз мушаххас мешавад. Ин истилоҳ ба маънои ҷалб ва ҳифзи таваҷҷуҳ аст.

**Рафтор.** Ҳар фаъолияту амале, ки мавҷуди зинда анҷом медиҳад ва он дар корҳои ошкору пинҳони ӯ зоҳир меёбад, мебошанд. Рафтор маъмулан, мураккаб аст ва сабаби он равандҳои физиологӣ, равонӣ ва фаъолияти ақлӣ мебошад.

**Раҳбар.** Фарде, ки як гурӯх ё фаъолиятеро ҳидоят мекунад, фармон медиҳад ва ё роҳнамоӣ мекунад.

**Рушд.** Иборат аст аз тағйироте, ки бо пешрафту тараққӣ ҳамроҳ буда, ҳадафи мушаххасе дорад. Ин тағйирот ба таври муназзам, дар тарҳи муайяне сурат мегирад.

**Савод.** Доро будани хондан, навиштан ва фаҳмидан.

**Тадрис.** Фаъолияте аст, ки сабаби ёдгирӣ мешавад. Агар натиҷаи тадрис бо ёдгирӣ ҳамроҳ набошад, дар воқеъ, метавон гуфт, ки фаъолияти тадрис анҷом нагирифтааст. Тадрис фароянде аст, ки аз тариқи он фарде байни фарди дигар ва моҳияти ин ҷаҳон восита мешавад, то ёдгириро осон кунад. Аз нигоҳи Шаҳиди Сонӣ тадрис якчанд навъ мешавад: тадриси гурӯҳӣ, тадриси хусусӣ, тадриси гуфторӣ, тадриси дақиқ, тадрис бо воситаи халифаҳо ва ғайра.

**Танбеҳ.** Муҳаррики озордиҳанда аст барои тағйир додани рафтори номатлуби шогирд. Шаҳиди Сонӣ танбеҳро охирин восита ва марҳиллаи тағйир додани рафтори шогирд медонад.

**Тарбият.** Тарбият амали омодагии фард барои созгории мусбат бо муҳит аст. Тарбият ин таъсиррасонии мақсаднок ва муташаккилона ба рушди ҷисмонӣ, рӯҳӣ, ҷаҳонбинӣ, симои маънавӣ, завқи эстетикӣ шахсӣ, бо маҳорату малака мусаллаҳ гардонидан ва ба зиндагӣ омода кардани он мебошад. Тарбият вақте анҷом мегирад, ки рафтори фард дар натиҷаи таҷриба ва ёдгирӣ тағйир ёбад. Агар ин тағйирот ба нафъи фард ва ҷомеа бошад, онро «тарбияти судманд» ё «тарбияти мусбат» меноманд ва дар сурате ки фардро аз ҷомеа дур созад онро «тарбияти манфӣ» меноманд. Ба иборати дигар, тарбият кӯшише аст барои кӯмак ба мардум дар пешрафти шароити назарӣ ва амалии лозим барои созгории муваффақ бо муҳит ва бархурдорӣ аз зиндагии солим.

**Тафаккур.** Тафаккур фаъолияти зеҳнӣ буда, аз пардозиши иттилоот, бахрагирӣ аз идрокҳо, мафҳумҳо, рамзҳо ва тасвирҳои зеҳнӣ иборат аст. Ҳадафҳои асосии тафаккур ҳалли мушкилот, тасмимгирӣ ва тавзеҳи воқеъиятҳо мебошад.

**Таҷриба.** Ҳар рӯйдоде, ки дар зиндагии шахсӣ ба вуқӯъ мепайвандад ва боиси ба вуҷуд омадани маълумоти нав мешавад.

**Таълим.** Калимаи таълим лафзӣ буда, ҳаммаъноии он омӯзиш аст. Калимаи таълим баъди омадани ислом ивазкунандаи калимаи омӯзиш гашт. Ин мафҳум дар асарҳои Шаҳиди Сонӣ бениҳоят бисёр мавриди истифода қарор гирифтааст. Шаҳиди Сонӣ мақсади асосии таълимро дар расидан ба Ҳақ медонад. Ба ақидаи ӯ бояд ҳангоми таълим инсон бояд аввал ихлоси ният дошта бошад. Ӯ бо ин мақсад бояд ба таълим машғул шавад, ки дар оянда ба ҷомеа нафъ оварад. Инсон набояд бо фикри манфиатҳои шахсии хеш ва зиндагии гуворо ба таълим пардозад.

**Устод.** Шахсе, ки касби ӯ таълим додани дигарон мебошад.Ин касб хеле нозукиҳои зиёд дорад. Дар китоби Шаҳиди Сонӣ як боб махз ба одобу қавоиди устодӣ ва ҳаққи ӯ дар баробари шогирд бахшида шудааст.

**Фан.** Фан равиш ё як риштаи равишҳои нисбатан ихтисосӣ ва то дараҷае омӯхташуда барои расидан ба ҳадафи хос аст.

**Фанни омӯзиш.** Шеваи хоссе, ки дар омӯзиш барои ҳадафи муайян ва махсус пеш гирифта мешавад, монанди ёддошт бардоштан ва хулосанависӣ.

**Ҳуш.** Як таърифи хос ва умумиест, ки мавриди қабули ҳама бошад. Ҳар олим бо таваҷҷӯҳ ба дидгоҳи хоси худ аз он таъриф кардааст. Шаҳиди Сонӣ ҳушро ҳамчун қобилияти тез дарк кардан ва фаҳмидани ҳодисот медонад. Ӯ аз рӯйи ҳуш шогирдонро ба се гурӯҳ ҷудо мекунад: шогирдони тезҳуш, боҳуш ва ононе, ки ҳуши заиф доранд.

**Шогирд:**

1.кӯдак ё навҷавоне, ки барои ёд гирифтани касб ва ҳунаре ба устоди ҳамин соҳа супурда мешавад, то аз ӯ таълим бигирад ва зери назараш кор кунад;

2. коргаре, ки машғули ёдгирии ҳунар ё пешае аст ва ҳанӯз ба марҳилае нарасида аст, ки аз муроқибат ва роҳнамоии устодаш бениёз бошад.

Ба фикри Шаҳиди Сонӣ на танҳо фарди кӯдаку навҷавон шогирд аст, балки фардҳои калонсол ҳам метавонанд шогирд бошанд. Аз ҷумла, вай дар баёни риоят кардани навбати дарсгирӣ қайд кардааст, ки устод бояд аввал, ба тадриси шогирдони калонсол машғул шавад [3].


**АДАБИЁТ**

1. Мутаҳҳарӣ Муртазо. Фалсафаи ахлоқӣ/ Мутаҳҳарӣ Муртазо. –Теҳрон: Садро, 1366.
2. Сулаймонӣ С. Донишномаи педагогикаи навин/ С.Сулаймонӣ. -Душанбе: Офсет, 2011.-828с.
3. Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонфар ва ҷомеаи фарҳангӣ/ Ф. Шарифзода. -Душанбе: Ирфон, 2010.-544с.
4. Шаҳиди Сонӣ. Одоб таълим ва тааллум дар ислом/ Шаҳиди Сонӣ. /Нигориши доктор Сайид Муҳаммадбоқири Ҳуҷҷатӣ.- Теҳрон: Дафтари нашр ва фарҳанги исломӣ, 1359.-576с.
5.Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ/ Б.Маҷидова, М.Иззатова. -Душанбе: Ирфон, 2012.-306с.
6. Шарифзода Ф. Ҳикмати педагогии навин/ Ф.Шарифзода, Ҷ.Файзалиев. -Душанбе: Ирфон, 2012.-402с.


**ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ТЕРМИНЫ В КНИГЕ ШАХИДА САНИ «ЭТИКА ОБУЧЕНИЯ И ПРЕПОДАВАНИЯ В ИСЛАМЕ»**


Терминология является важной частью каждой науки, в том числе и педагогики. Педагогические термины использовались и в научных работах таких ученых, как Шахид Сани.Шайх Зайнад-дин, известного по имени Шахид Сани («Второй Мученник»), который был известным шиитским факихом, ученым-энциклопедистом. В данной статье приведены основные (более 60) педагогические термины, которые использовались в его книге «Этика обучения и преподавания в исламе».



**Ключевые слова:** Шахид Сани, термин, педагогические термины, терминология, учитель, ученик, воспитание, нрав.


**PEDAGOGICAL TERMS IN THE BOOK OF SHAHID SANI “ETHICS OF TRAINING AND TEACHING IN ISLAM”**


The terminology is an imtortant part of each science, including pedagogy. The pedagogical terms were used in scientific works of past scientists, which include Shahid Sani. Saikh Zainaddin known as the Shahid Sani (the second Martyr) was a prominent Shiite fakih, scientists-encyclopedist. In this article it is shown the main (more than 60) pedagogical terms that were used in this book **“Ethics of training and teaching in islam”.**



**Key words**: Shahid Sani, terms, pedagogical terms, terminology, teacher, student, education.



**Сведения об авторе*: И.Б.Холматов*** – соискатель Академии образовании Таджикистана. Телефон: **918 56 33 36.**


## НАЗАРИ ИСЛОМ ДАР БОРАИ ФАРОҒАТ


***Сафар Сулаймонӣ***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Яке аз масоиле, ки пайваста назари фарҳангшиносони фароғатро ба худ ҷалб доштааст, мавзӯи вақти (авқоти) фароғат мебошад. Авқоти фароғат нақши асосӣ дар рушди шахсияти инсонҳо дорад. Ҳамроҳ бо пешрафти ҷомеа, замон ва чигунагӣ гузаронидани авқоти фароғати афроди иҷтимоъ тавсия ёфтааст ва имрӯз бо барномарезиҳои муфид ва сармоягузориҳои муносиб метавон авқоти фароғати ҷомеаро дар ҷиҳати рушду шукуфоии иҷтимоӣ ба кор гирифт.

Ба таври куллӣ авқоти фароғат се нақши асосӣ дар зиндагии инсон дорад:

1. Истироҳат ва рафъи хастагӣ.
2. Осоиши рӯҳию равонӣ.
3. Рушди фардӣ ва иҷтимоӣ.

Дар ниҳоят, авқоти фароғат тасвире аз зиндагии ғайримуваззифи инсонҳо ба даст медиҳад.

**Решаи луғавии фароғат:** Ҷилди дуюми «Фарҳанги Амид» фароғатро ба осудагӣ ва осоишу осудагӣ аз кору шуғл маъно кардааст.

«Фарҳанги Муин» фароғатро ба маънои осудагӣ, истироҳат, оромиш ва низ маҷол ва фурсат маъно намудааст. Дар «Луғатномаи Деҳхудо» фароғат вақту замоне аст, ки барои амре фарз шудааст. Соат, фурсат, гоҳ, замон, муддате, ки ҷамъи он авқот аст. Зидгирифторӣ аз кору машғулият ва ҳамчунин фароғат доштан, яъне ғафлат доштан ва фаромӯш кардан.

«Фарҳанги Лорес» фароғатро чунин таъриф кардааст: саргармиҳо, тафреҳот ва фаъолиятҳое аст, ки афрод ба ҳангоми осудагӣ аз кори одӣ бо шавқу рағбат ба он мепардозанд. Ин калима шояд аз луғати Schole, ки як калимаи юнонӣ аст, омада бошад, ки маънии он бо луғати лотинии Licere (ба маънои «Озод будан») иртиботи наздик дорад.

Дар «Луғати Оксфорд» фароғат ба ин маъно омадааст: «Фароғати фард замоне аст, ки ӯ вақти озод дорад». Дар «Луғатномаи Вебстер» фароғат озодии бадастомада пас аз поёни як фаъолият ва ё замони озод, пас аз кору вазифа аст. Модели англисии луғати фароғат Leisure мебошад, ки ба маънои иҷоза доштан ва муҷоз будан аст.

Дар Юнони бостонӣ калимае, ки барои фароғат ба кор гирифта мешавад, Schole буд. Ин калима маъмулан, ба шароите гуфта мешуд, ки фард аз ҳар кори маҷбурӣ озод буданд, яъне эҳсосе, ки ҳеҷ ниёзе

дар заминаи таҳияи ғизо, пӯшок ва ғайра надоштанд. На танҳо машғули кор набуданд, балки медонистанд, ки лозим нест кореро анҷом бидиҳанд.

Ауж (Auge) аз луғатдонони ҷадид барои луғати фароғат мафҳуми саргармиҳо, тафреҳот ва фаъолиятҳоеро зикр мекунад, ки афрод ба ҳангоми осудагӣ аз кори одӣ бо шавқу рағбат ба онҳо рӯ мекунанд. Тафсири ояи ҳафтум ва ҳаштум аз сураи муборакаи «Алиншроҳ»: ҳеҷ вақт бекору фориғ нанишин, то такомул дар ту вуҷуд дошта бошад, ҳамин ки аз кор фориғ шудӣ, ба коре дигар машғул шав ва дар корҳо майлу рағбат ва таваккали ту ба Худованди таоло бошад. Худованди субҳон дар Қуръони карим мефармояд: дар он чи ҳидоят арзонӣ дошта, сарои охиратро биҷӯй ва баҳраи хешро аз дунё фаромӯш макун.

Дар аҳодиси набавӣ омадааст: Паёмбари аъзам (с) фармудаанд: «Тафреҳу бозӣ кунед, зеро дӯст надорам, ки дар дини шумо хушунате дида шавад». Паёмбари аъзам (с) фармудаанд: «Қадри неъматҳои суҳбат ва фароғатро бидонед ва дар онҳо куфрон раво надоред, то фиребхӯрда нагардед».

Паёмбари аъзам (с) фармудаанд: «Эй Абузар! Панҷ чизро пеш аз панҷ чиз ғанимат шумор: ҷавониятро пеш аз пириат, тандурустиатро пеш аз бемориат, бениёзиатро пеш аз ниёзат, осудахотириатро пеш аз хотири машғулат ва зиндагиятро пеш аз маргат».

Паёмбари аъзам (с) дар гуфтори худ нисбат ба насли ҷавон ва арзиши он, ҳамчунин нақши фаъолонаи ҷавонон дар умури мамлакатӣ таваҷҷуҳ дошта ва барои он аҳамияти хосе қоил будаанд. Ба тавре ки дар ҷиҳати рушди истеъдодҳо ва парвариши ҷисму рӯҳи афрод, бавижа ҷавонон ҳамеша ононро ташвиқ менамуданд ва дар бораи бахше аз фаъолиятҳои фароғатӣ ва чигунагии гузаронидани ин айём бо таъкид бар ёдгирии варзишҳо ва бозиҳо роҳнамоиҳои гаронбаҳое фармуданд.

Аз тарафе он ҳазрат иноят доштанд, ки бархе корҳои фароғатӣ, аз ҷумла дар заминаҳои мункарот (маньшудаҳо) ва мускарот (лаззатбахшҳо) ва наҳваи нигариш ба авқоти фароғат, ки ҳарзагию (беҳудагӣ) ибтизолро (фарсудашавӣ)-ро ба дунбол дошта бошад, на танҳо муҷиби исроф ва табзир (бесариштагӣ) дар неъматҳо ва куфрони он мегардад, балки фардро ба сарпечиву каҷравӣ майл дода, боиси мушкилоту фасоди иҷтимоӣ мегардад.

Ба таври куллӣ, бо пайдоиши ин гуна фароғатҳо ва бекориҳо ҳеҷ шакке нест, ки шайтон дар вуҷуди шахс рахна хоҳад кард ва ба ивази кӯмак ба шукуфоии истеъдодҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ сабаби осебҳои фардӣ ва гурӯҳӣ мешавад. Соати тафреҳ яке аз беҳтарин фурсатҳои судбахш дар ҳаёти башар аст. Дар мавқеи тафреҳ ва саргармӣ муҳити зиндагӣ рангу завқ ва ибтикор ба худ мегирад, лутфу сафои махсус пайдо мекунад, рӯҳ сабукболу пурнишот мешавад, ботину эҳсосот шукуфо мегардад ва одамӣ дар худ эҳсоси озодӣ менамояд (8, с.45).

Паёмбари аъзам (с) фармудаанд: «Беҳтарин саргармии муъмин шино кардан аст».

Дар ҷойи дигар мефармоянд: «Ба фарзандони худ саворкорӣ ва тирандозӣ биёмӯзед» (9, с.34).

Дар воқеъ, барои инсони мусалмон шино кардан беҳтарин тафреҳ аст, ки дар замони авқоти фароғат метавонад ба тавсифи паёмбари бузурги ислом ба он бипардозад. Бинобар ин, бо ин фармоиш метавон гуфт, ки инсонҳо дорои вақти фароғат ҳастанд ва дар ин авқот метавонанд ба варзиш кардан бипардозанд ва аз байни варзишҳо беҳтар аст муфидтарину зарурах Тарини онро интихоб намоянд. Зеро варзиши шино фақат як варзиш нест, балки ёдгирии он як зарурат аст. Ҳамон гуна ки дар он замон саворӣ ҳам як зарурат будааст.

Далелҳо ва шавоҳиде вуҷуд доранд, ки ҳазрати Расули акрам (с) ба саворию тирандозӣ ва шино алоқаманд будаанд ва дар аҳамияти нерӯмандии бадан мефармоянд: хушбахт касе аст, ки ойини исломро пазируфта ва ба қадри маоши худ даромад дорад ва қавои баданаш нерӯманд аст.

Ба ҳамин далел, мусобиқоти саворкорӣ, тирандозӣ, найзапартоӣ ва гӯшти гирифтанро барқарор ва ташвиқ намудаанд, то умуми мардум ба ҷойи қимор ва пардохтан ба умури беҳуда бо фунуни саворкорӣ ва тирандозию шиноварӣ пайдо карда ва дар риштаҳои варзишӣ маҳорати комил ёбанд.

Паёмбари аъзам (с) фармудаанд: «Қадри неъматҳои суҳбат ва фароғатро бидонед ва дар онҳо куфрон раво надоред, то фиреб нахӯред». Нуктаи муҳимме, ки аз фармоиши Расули акрам (с) метавон дарёфт, ин аст, ки фароғатро дар ҳадди ҷавонӣ, саломатӣ, макон, зиндагӣ ва ҳастӣ қарор додаанд ва аз ваҷҳи бисёр муҳимми зиндагӣ донистаанд.

Ҳазрати Алӣ (а) мефармоянд: саломати бадан беҳтарин неъматҳои Худованд аст. Ҳамунин мефармоянд: мавқеъҳои тафреҳу шодмонӣ фурсат аст.

Ҳазрати Алӣ (а) мефармоянд: агар ба он чи аз даст додӣ, туро ибрате бошад, бар он чи дар даст дорӣ, туро диққате бояд ва мефармоянд: гаронбаҳотарин дороии инсон умр аст, ки аз як тараф аз даст меравад ва аз тарафи дигар, бояд қадри онро донист ва ба беҳтарин шакл онро масраф кард.

Ҳазрати Алӣ (а) мефармоянд: «Ҳар як аз аъзои бадан ба истироҳат ниёз дорад». Дар аҳамияти варзиш ва фоидаи он ба саломатӣ ба Абӯзар мефармоянд: «Эй Абузар! Пандҳои маро нигаҳдорӣ кун, то дар ду ҷаҳон саодатманд гардӣ. Эй Абузар, бисёре аз мардум дар мавриди ду неъмат фиребхӯрда ҳастанд ва аз он қадрдонӣ намекунанд. Он ду тандурустӣ ва фароғат аст» (7, с.43).

Ҳазрати Алӣ (а) мефармоянд: тандурустӣ, нерӯ, хотирҷамъӣ, ҷавонӣ ва нишотро фаромӯш макун ва бо истифода аз ин панҷ неъмати бузург охиратро биталаб.

Аз маҷмӯи аҳодис ва ривоёти баёншуда дар бораи вақт ва истифода аз он чи ба сурати ибодат ва парастиши Худованди якто ва чи ба сурати кору фаъолият ва баҳраманди аз лаззатҳои ростини зиндагӣ метавон ба аҳамияти он аз дидгоҳи шариати муқаддас пай бурд.

Ҳамаи покон муътақид буданд: тамоми зиндагии инсон боарзиш ва муҳим аст ва бояд ба некӯтарин шакли мумкин мавриди баҳрабардорӣ қарор гирад. Дар воқеъ, ҳамон паҳлӯҳои зиндагии инсонҳо ва таваҷҷуҳ ба ҳама эҳсосу қобилиятҳои вуҷуди инсон мадди назар аст.

Дар китоби «Тарбият ва бозсозии кӯдакон» матолибе перомуни зарурати шуғл унвон дошта ва ин амрро аз омилҳои қатъии ислоҳи кӯдакон донистааст. Барои пешгирӣ аз фасод ва пайдоиши хатар бояд заминаи фаъолиятро барои кӯдак фароҳам кард ва ин амр зарурати бозсозии кӯдакон аст. Тифл дар сояи он аз саркашӣ, садама дидан, садама задан то ҳудуди зиёде маҳфуз мемонад ва албатта, ин амр ба шарте аст, ки волидайн амри ҳидояти ӯро дар корҳо уҳдадор гарданд. Бояд барои тифл то ҳудуде имкони бозӣ фароҳам оранд (4, с.76).

Дар бораи равишҳои ислоҳ дар ҳамин китоб навишта шуда: аз масоили муҳим дар ҷанбаи бозсозии кӯдакон саргарм кардани онҳо аст, муҳайё кард, то ҳисси масъулият ва кунҷковии ӯ бедор гашта, имконияти эҷодкорӣ пайдо шавад. Ба гунае ки тифл шавқманд набошад, бекорӣ худ як бало ва мояи эҷоди фасоду саркашӣ аст. Бояд кор ва масъулияте бошад, то ба уҳдаи ӯ гузошт. Мисли таҳияи коллексия, батартиб чидани китобҳо, об додани гулдон ва ғайра. Ин корҳо ба маротиб асарбахштар аз насиҳату панд барои онҳост (3, с.43).

Доктор Мазлумӣ дар ин бора чунин назар медиҳад, лаҳзаҳои фароғат лаҳазоте аст, ки дили фарзанд фориғу осуда аст ва лоақал нигаронӣ надорад ва эҳсоси амн мекунад (8, с.45). Барои зиндагӣ омода аст. Бо марказияти қалб дар вуҷуд ва ҳампоии зеҳн ва андом бо дил омодаи фаъолият мебошад. Лаҳазоти фароғат лаҳазоте аст, ки хориҷ аз низоми дарсӣ бошад ва лаҳазоте аст, ки шахс ба зиндагии хусусии худ паноҳ мебарад ва ба гӯшае мехазад. Лаҳазоти фароғат лаҳзоте нест, ки одамӣ кори расмӣ надорад. Лаҳазоте аст, ки дили ӯ аз дағдаға, аз тарс ва аз ташвиш холию фориғ аст.

Муҳаммадтақии Фалсафӣ менависад: тафреҳ ва саргармӣ дар зиндагии башар як зарурати ҳаётӣ аст, ки дар туфулият ба сурати бозиҳои кӯдакона анҷом мешавад ва дар бузургсолӣ ба эътибори тафовути тарбиятҳои хонаводагӣ ва шароити муҳити иҷтимоӣ ба шакли мухталифе сурат мепазирад (6, с.89).

Дар ойини муқаддаси ислом тамоил ба тафреҳ, монанди соири хислатҳои табиии башар мавриди таваҷҷуҳ воқеъ шуда ва ба шоистагӣ баён мегардад. Дар бархе ривоёт даст ёфтан ба орзуҳои нек дар радифи умури марбут ба зиндагиву охират қарор гирифта ва хотирнишон шудааст, ки мусулмон шоиста аст, қисмате аз вақти худро ба ҷалби лаззатҳои солим ихтисос диҳад ва барои анҷоми фароизи динӣ ва дунявӣ омода шавад. Инсони оқил касе аст, ки соатҳои тафреҳро низ саҳеҳ ва судбахш бигзаронад ва аз авқоти фароғат ба нафъи яке аз ҷиҳатҳои моддӣ ва маънавии хеш истифода намоянд (5, с.65).

Бузурге дар мақоми насиҳат ба фарзанди худ гӯяд: зарбҳои қалб ва дақиқаҳои ҳаёт ҳар кадом шумораи муайян дорад, на кам мешавад ва на зиёд. Марг худ мерасад ва ҳамин ки паймонаи умр лабрез шуд, нидои раҳил дар мениҳанд. Ҷаҳони мо сахт зебост ва даргузаштан аз он бисёр душвор. Бинобар ин, чунон бояд зиндагӣ кунем, ки ба ҳангоми марг ҳасрату таассуф надошта бошем ва дар рӯзҳои кӯтоҳ корҳои бузург анҷом диҳем ва то он ҷо, ки метавонем, аз вақти худ истифода кунем.

Дар қарнҳои гузашта раҳбарони мазҳабӣ эътиқод доштанд, ки авқоти фароғат фурсати тавсеаи рӯҳӣ ва ахлоқиро фароҳам месозад. Кросс дар мақолае таҳти унвони «Фароғати фард ва тағйири дидгоҳҳо» менависад: дар як пажӯҳиш, ки роҷеъ ба ахлоқ ва тафреҳот ва авқоти фароғат дар аввалҳои қарни бистум тавассути Чарлз Слюстер анҷом шуд, ба номае ишора мегардад, ки дар он Поп Поли XII дар соли 1959 менависад: тамоми авқоти зиндагӣ аз дидгоҳи масеҳият вақти кор ва фароғат аст, ки арзишҳои ба амонат гузошташудаи Худованд ба инсони озод аст ва инсон бояд онҳоро дар бораи шукӯҳ ва ҷалоли Худованд ва худаш ба кор гирад ва худро ба ниҳояти камол бирасонад (9, с.45).

Баёни оёти китоби илоҳӣ, аҳодиси набавӣ ва баёноти соири паёмбарони бузург ва ҳамчунин фармоишоти уламои бузург нишондиҳандаи мизони аҳамият ва ҳамчунин таваҷҷуҳе аст, ки дини мубини ислом ва дигар динҳои илоҳӣ нисбат ба вақт ва баҳрабардории муносиб аз он чи ба сурати ибодат ва парастиши Худованди якто ва чӣ ба сурати кор ва фаъолият ва баҳрамандӣ аз лаззати машрӯи зиндагӣ додаанд. Он чи аз оёту ривоёт дар бораи фароғат ва истифода аз он аз дидгоҳи динҳои илоҳӣ баён гардид, гӯшае аз дидгоҳҳо ва эътиқодоти бузургони дини Худо будааст, ки муҳаққиқ дар ҳадди тавони хеш ба баёни онҳо пардохт.

Ба таври куллӣ, дар ислом тарбияти баданӣ ба унвони абзоре аст, ки барои таъмини беҳдошт ва саломатии тан ва покии равон, тақвияти рӯҳ ва сайқал хӯрдани тан, пур кардани авқоти фароғат ба сурати солиму муфид, нек нигаҳ доштани ҷомеа аз пастӣ ва камбудиҳои ахлоқӣ, эҷоди тавоноӣ ва тақвияти рӯҳии кор ва талош дар ҷиҳати рушду созандагӣ, парвариши рӯҳияи ҷавонмардӣ ва дастгирӣ ба кор меравад, то баданҳои солиму парваришёфта, абзори шоистае дар хидмати аҳдофи муқаддас бошанд.

**АДАБИЁТ**

1. Қуръони карим: матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ.-Душанбе, 2007. -608с.
2. Анвар Хуи Амин. Фалсафаи тарбият дар авқоти фароғат / Анвар Хуи Амин // Маҷаллаи тарбият.-1374 /1995. -№ 10.-296с.
3. Аёнӣ Кирмонии Заҳро. Наҳваи гузарони авқоти фароғати ирониён дар давраи қоҷория: поённомаи коршиносии аршад / Аёнӣ Кирмонии Заҳро. Донишгоҳи Хоҷа Насири Тӯсӣ, 1385/2006.-245с.
4. Баҳромфар Мино. Наҳваи гузарони фароғати донишҷӯёни духтари донишгоҳи озоди исломии воҳиди Теҳрони марказ бо таъкид бар муносибатҳои варзишӣ: поённомаи коршиносии аршади Донишгоҳи озоди исломӣ / Баҳромфар Мино. 1380/2001.-166с.
5. Босирӣ Тарона. Наҳваи гузарони авқоти фароғати ҷавонон: поённомаи таҳсилӣ / Босирӣ Тарона. -Теҳрон: Донишкадаи улуми иҷтимоии донишгоҳи Аллома Таботабоӣ, 13751996.-146с.
6. Зореӣ Алӣ. Гузарони авқоти фароғати донишҷӯёни донишгоҳҳои улуми пизишкӣ бо таъкид бар фаъолиятҳои варзишӣ: рисолаи докторӣ / Зореӣ Алӣ. -Теҳрон: Донишгоҳи озоди исломӣ, 1380/1006.-245с.
7. Зоҳидиасл Ҳамид. Ҷомеашиносии фароғат / Зоҳидиасл Ҳамид. Ҷузваи дарсии Донишкадаи улуми иҷтимоии Донишгоҳи Теҳрон, 1388/2009. -204с.
8. Иброҳимӣ Алӣ. Баррасии чигунагии гузарони авқоти фароғати кормандони рӯзномаи Салом: поённомаи коршиносии аршад / Алӣ Иброҳимӣ. -Теҳрон: Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Теҳрони марказӣ, 1381/2002.- 202с.
9. Имронӣ Нӯшин. Китобшиносии авқоти фароғат / Нӯшин Имронӣ. -Теҳрон: Дафтари пажӯҳишҳои фарҳангӣ, 1368/1989.-288с.
10. Каён Алӣ. Баррасии чигунагии авқоти фароғати донишҷӯёни Донишгоҳи Теҳрон: поённомаи таҳсилии Донишкадаи улуми иҷтимоӣ / Алӣ Каён. -Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1376/1997.-175с.
11. Сулаймонӣ С. Педагогикаи ислом / С.Сулаймонӣ. -Душанбе: Ирфон, 2008.-246 с.
12. Сулаймонӣ С. Фарҳангшиносӣ: назария ва амалия / С. Сулаймонӣ. -Душанбе: Ирфон, 2012.-323с.
13. Стрельцов Ю.А. Педагогика досуга / Ю.А. Стрельцов, Е.Ю. Стрельцова. -М.:МГУКИ, 2008.- 270с.
14. Стрельцов Ю.А. Этнохудожественная культурология / Ю.А.Стрельцов -М.: 2004.-213 с.

**ДОСУГ В ИСЛАМЕ**

Во все времена досуг являлся важнейшей сферой жизни и исследователи культурологии обращают свою внимание к данному вопросу. Так как молодежь – особая социальная группа, которая наиболее восприимчива к культурным явлениям, современная неисламская культура может оказывать различное неблагоприятное влияние на становление личности юношей и девушек. Как не допустить ее пагубное воздействие на молодых мусульман? И как сегодня организовывается досуг, чтобы она стала одним из важнейших путей развития общества.

**Ключевые слова:** досуг, отдых, общества, ислам, развития, программирование, молодёж, личность. развлечения, ретракция.

**LEISURE IN ISLAM**

All times, leisure was the most important area of life and culture studies, the researchers drew their attention to the matter, because youth is a special social group, which is most sensitive to cultural phenomena. Modern Islamic culture may not have different adverse effects on education of personalities of the boys and girls. How does prevent its harmful effects on young Muslims? And today, it is become one of the most important ways of development of society.

**Key words:** leisure, relax, society, Islam, development, programming, youth, personality, entertainment, recreation.

**Сведения об авторе:** ***Сафар Сулаймони*** – доктор педагогических наук, профессор Академии образования Таджикистана

# НАҚШИ САРГАРМИҲОИ ВАРЗИШӢ ДАР ШЕВАИ ЗИНДАГӢ

***Ғуломҳусейн Ғанӣ***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Натиҷаи тамоми таърихи пешини мунозиот, рақобатҳо миёни омилон ва муассисоти дастандаркори ҳавзаи варзиш аст. Барои намуна зуҳури як варзиши ҷадид ё роҳҳои ҷадид барои анҷоми як варзиши аз пеш мавҷуд, (масалан, ибдои шинои Карл тавассути Троҷан дар соли 1898) муҷиби таҷдиди сохтори фазои кунишҳои варзишӣ ва ироаи як таърифи ҷадиди тақрибан саросарӣ аз маънои мунтасиб ба кунишҳои гуногун хоҳад шуд. Аммо бо ин ки арсаи тавлид дар ин ҷо ҳам мисли ҳар ҷойи дигар ба тавлиди тақозои маҳсулоташ кӯмак мекунад, бо вуҷуди ин мантиқе, ки аз тариқи он омилон ба сӯйи ин ойини куниши варзиш кашида мешаванд, дарёфт нахоҳад шуд, магар аз тариқи идғоми муҷаддади мавзӯъ ва нигаришҳои онҳо нисбат ба мавзӯе, ки худ мубайяни яке аз абъоди робитаи хос бо бадан ҳастанд, дар низом ваҳдат ёфта, мавзӯъ ва нигаришҳо ё ҳамон «маниш (habitas)» низоми як шеваҳои зиндагӣ аз дили он бармеоянд. Агар касе саъй дошта бошад, то аъмоли варзиширо бидуни қарор додани муҷаддадаи онҳо дар ҷаҳони кунишҳо бо ин кунишҳои варзишии гурӯҳ мутолиа кунад, дучори иштибоҳ хоҳад шуд ва дар мавриди кунишҳои варзишӣ ин иштибоҳ эҳтимолан амиқтар аз соири маворид хоҳад буд, зеро мабно ва мавзӯи онҳо бадани одамӣ аст. Бунёд ё хостгоҳи муштараки ҳама кунишҳо, чи варзишӣ ва чи ғайриварзишӣ, низоми алоиқ ва тарҷеҳоте аст, ки маниши як табақаро шакл мебахшад. Модоме, ки бадан барои дигарон муодили таҷаллии ошкори фард ва «шахсият» ва «тасвир аз худ» (яъне арзишҳо ва қобилиятҳои ӯ) бошад, фаъолиятҳои варзишӣ, ки ҳадафашон шакл додан ба бадан аст, мубайяни суваре аз таҳқиқи навъе зебошиносӣ ва навъи ахлоқи амалӣ ва рӯзмарраанд. Коркарди як ҳинҷори марбут ба рафтори бадан назири рост истодан, дақиқан нигоҳи мустақим ё модели мӯйи кӯтоҳ ва эҷоди кор кардан, намодин сохтани маҷмӯаи комил аз

фазоили ахлоқӣ мисли садоқат, дурусткорӣ ва ҳамчунин намодин сохтани фазоили физикӣ мисли саломатӣ, қудрат ва зӯрмандӣ аст. Як улгуи вазъи коромад ва тавзеҳдиҳандаи наҳваи тавзеи аъмоли варзишӣ дар миёни ақшор ва табақоти ҷомеа, бояд авомили мусбат ва манфиро ба вузӯҳ дар назар бигиред. Авомиле, ки муҳимтарини онҳо вақти озод (шакли тағйирёфтаи сармояи иқтисодӣ), сармояи иқтисодӣ, ки он ҳам вобаста ба риштаи варзишӣ амри каму беш илзомӣ аст ва сармояи фарҳангӣ, ки онҳо вобаста ба риштаи варзишӣ амри каму беш илзомӣ аст, мебошанд.

Нишондоди ин масъала чунон душвор нест, ки табақоти иҷтимоии мухталиф бар сармавзӯи осори эҳтимолии тамринҳои баданӣ бо ҳам тавофуқе надоранд, чи дар сатҳи берунии бадан (bodilyhexis) мисли қудрати қобили рӯияти азлотӣ баромада ва ё баръакс, зарофат ва виқору зебоии бадан ва чи дар дохили бадан, мисли саломатӣ ва таодули зеҳнӣ ва ғайра.

Жак Дуфронс ба таври мутақоидкунанда нишон медиҳад, ки гимнастика метавонад барои ду ҳадаф ба кор гирифта шавад: тавлиди бадани қавӣ, ки воҷиди нишонаҳои берунии қудрат аст, яъне ҳадафи мавриди назар табақаи коргар, ки тавассути варзиш бадансозӣ таъмин мешавад, ё тавлиди «бадани солим», ки ҳадафи мавриди назари табақаи буржуазия аст, ки тавассути гимнастика ва ё варзишҳои дигаре, ки коркардашон асосан «беҳдоштӣ» аст, таҳқиқ меёбад. Аммо ин ҳама моҷарост. Маниши табақотӣ маънои мутаносиб ба фаъолияти варзиширо таъриф мекунад ва ҳамчунин авоидеро, ки аз он интизор меравад. Аз ҷумлаи ин авоид, арзиши иҷтимоӣ аст, ки аз пайгирии варзишҳои хос ношӣ мешавад. Хулоса он ки, бояд ба феҳристи авоиди зотии варзиш барои бадан авоиди иҷтимоиро ҳам афзуд, авоиде, ки аз ҳар куниши мутамоизе ҳосил мешавад ва ба таври ғайрияксон тавассути табақоти мухталиф касб ва афзун мешавад. Барои намуна метавон дид, ки голф, илова бар коркардҳои мушаххасан «саломатбахш» худ ҳаммонанди ховёр ё вискӣ аз як маъно ва далолати тавзеӣ бархурдор аст (яъне ҳамон маъно, ки кунишҳо аз наҳваи тавзеи хеш дар миёни омилони тавзеъшаванда дар табақоти иҷтимоӣ касб мекунанд).

Ҳоло метавонем навҳаи тавзеи ин кунишҳоро дар миёни ақшор ва табақоти иҷтимоӣ баррасӣ кунем. Эҳтимоли анҷоми варзишҳои мутафовут, албатта, дар мавриди ҳар варзиш ба мизони мутафовут, асосан ба авомили зайл вобастагӣ дорад: аввалан сармояи иқтисодӣ ва сонияи, сармояи фарҳангӣ ва вақти озод.

Иртибот миёни варзишҳои мутафовут ва синни одамӣ печидатар аст, зеро ин робита танҳо дар чорчӯбаи робита миёни як варзиш ва як табақа таъриф мешавад, яъне аз тариқи шиддати талоши ҷисмонӣ муктазӣ ва мавзӯъгирӣ нисбат ба ин талош, ки худ ҷанбае аз маниши табақотӣ аст. Муҳимтарин вижагии варзишҳои мардумӣ он аст, ки онҳо ба таври заминӣ дар иртибот бо ҷавониянд. Ҷавонӣ ба сурати худангехта ва зеҳнӣ ва эҷоди навъи ҷувози мавқеият қаламдод мешавад. Ҷавоне, ки дар қолаби шеваҳои гуногун, аз ҷумла талаф кардани мазоди энергияи физикӣ (ва ҷинсӣ) таҷаллӣ меёбад. Ин варзишҳо хеле зуд канор гузошта мешаванд (маъмулан, дар лиҳози вуруд ба давраи бузургсолӣ ва аз тариқи издивоҷ) дар муқобили варзишҳои буржуазӣ, ки умдатан ба хотири кор кардани ҳифозати ҷисмонӣ ва манфиати иҷтимоии ҳосила анҷом мешаванд. Ҳамвора воҷидини ҳақиқати муштараканд, ки маҳдудаи синнии онҳо дар фаросӯйи маҳдудаи ҷавонӣ қарор дорад ва эҳтимолан ҳарчи ин варзишҳо эътибор ва инҳисори бештаре дошта бошанд, марзи синнии мутанозир бо онҳо низ пештар меравад (барои намуна голф). Ин ба он маъност, ки анҷоми он варзишҳое, ки чун фақат ба қобилиятҳое муттакӣ ҳастанд ва шароити давраи омӯзиши муқаддимотии онҳо ба таври яксон миёни ҳама тавзеъ шудааст, бе шак дар маҳдудаи вақти озод ба ҳама яксон мутаҳаммил аст. Дар марҳилаи баъдӣ энергияи физикии мавҷуд ҳам, бе шак бо иртиқои фард дар силсиламаротиби иҷтимоӣ афзоиш меёбад. Албатта, агар дағдағаи тамоиз ва мувофиқати ахлоқии зебошинохтӣ, ё завқу алоқа ба ин варзишҳо, аъзои табақаи мусаллатро бар ҳасби мантиқӣ, ки дар ҳавзаҳои дигар ҳам дида мешавад (масалан, аккосӣ), дилзада накунад. Ба ин тариқ, ағлаб варзишҳои тимӣ, мисли баскетбол, регбӣ, гандбол ва футбол, ки дар миёни кормандони идора, муҳандисон ва бозаргонон роиҷанд ва ҳамчунин намунавортарин варзишҳои фардии табақаи коргар, мисли бокс ё гӯштин, ҳама далелро барои дилзадагии табақоти болотар гирд меоваранд. Аз ҷумлаи ин далел, таркиби иҷтимоии намоишгарони ин варзишҳост, ки муҷиби тақвияти ибтизоли мунтасиб ба мардум шудани онҳо ва ибтизоли нуҳуфта дар арзишҳо ва фазоили хоси ин варзишҳо мешавад. Агар ҳадафи мо дарки чигунагии ривоҷ ёфтани мутамоизтарин варзишҳо мисли голф, саворкорӣ, аскӣ, таниш ва, ҳатто, варзишҳои маъмултар мисли гимнастика ё кӯҳнавардӣ бошад, сирф басанда кардан ба тағйироти сармояи иқтисодӣ ё фарҳангӣ ва вақти озод мушкилӣ месозад. Аввалин ин сабаб, ки суннати хонаводагӣ ва тарбияти аввалия ва ҳамчунин навъи пӯшиш, рафтор ва фунуни ҷомеапазирӣ (sociability) дақиқан мисли мавонеи иқтисодӣ дар ҳукми шароити вурудии пинҳонӣ ҳастанд, ки ин варзишҳоро аз дастраси табақаи коргар ва афроде баромада, аз қишри поёнии табақаи мутавассит ва, ҳатто, ақшори болоии ин табақа дур мекунанд. Сонияи, ин сабаб ки, фишорҳо ва илзомоти иқтисодӣ, ҳавзаи эҳтимол ва адами эҳтимолро таъриф мекунанд ва бидуни он ки дар даруни ин ҳавза ҷиҳатгирии мусбате барои кунишгарон ба сӯйи ин ё он шакли хос куниш таъйин кунанд. Дар амал, фориғ аз он ки бихоҳем ва ваҷҳи тамоизеро ҷустуҷӯ кунем, робитаи ҳар касе бо бадани ӯст, ки як ҷанбаи бунёдин аз низоми маниши табақотӣ ба шумор меояд.

Дар тарафи дигар гароиши табақоти мумтоз қарор дорад, ки бо бадан ба масобаи як ғояти финнафсӣ рафтор мекунад. Ғояте, ки метавонад шаклҳои мухталифе ба худ гирад, вобаста ба ин ки таъкиди мо бар бадан дар мақоми як организм бошад, ки ба навъе куниши микробиотикии парастиши саломатӣ мешавад, ё бар таҷаллии тан ба унвони як пайкарбандии махсус, яъне «бадан барои дигарон» ҳама чиз нишон аз он дорад, ки дағдағаи парвариши бадан, дар бадтарин шакли худ, дар шакли парастиши саломатӣ намоён мешавад.

**4.Равиши бадеапардозӣ ё навофаринӣ.** Яке аз усулҳои тадрис, ки боиси парвариши тарафайн мушкил- гӯшоии донишомӯзон ва ҳидояти онҳо ба баёни нановари ва густариши нигораҳои ҷадиди ақлӣ аз тариқи таваҷҷуҳ ба паҳлӯи отифӣ ва ғайри маъқул мешавад, равиши бадеапардозӣ аст, ки дар ин равиш, ба василаи фаъолияти истиорӣ ба ҷараёни огоҳона табдил мешавад. Аз ин улгӯ аксаран барои тадрис иншо истифода мешавад. Зеро бештар аз ҳар дарси дигаре ниёз ба парвариш тасаввуроти зеҳнӣ барои халқи чизе ҷадид дорад. Ҳадафи асосӣ навофаринӣ ё бадеапардозӣ шикастани садди қавоиди роиҷ ва эҷоди роҳҳои ҷадид барои ҳалли масоил мебошад. Ин равиш ба манзури кӯмак ба афрод барои шикастани заминаҳои зеҳни қаблӣ ва пайдо кардани роҳи муносиб барои андешидан ба тарзи ҷадид ба мавзӯъ мебошад. Шаш гом дар тадриси ин улгу иборат аст аз: гоми аввал тавсифи вазъияти ҷадид, гоми дувум қиёси мустақим, гоми савум қиёси шахсӣ, гоми чаҳорум муқобилияти фишурда, гоми панҷум қиёси мустақим ва гоми шашум баррасии такрорий вазифаи аввалия.

**5.Улгуи тафаккури истиқроӣ.** Бар ин асос ин равиши муаллим ба донишомӯзон маҷмӯаи аз иттилоот дар қаламрави хосе аз фарҳанги кишварҳо ироа медиҳад. Вазифаи аслии муаллим дарки омодагии донишомӯзон барои касби таҷриба, фаъолиятҳои шинохти ҷадид ва мавриди истифода қарор додани таҷриба дар мавқеияти ҷадид аст. Донишомӯзон иттилоотро дар мағзи худ созмондиҳӣ мекунанд, нукот ва матолиби ҳамешагии онро ба якдигар иртибот медиҳад ва сипас омӯхтаҳои худро дар мавқеияти ҷадид кор гирифта ва умумият медиҳад. Ва бадин васила ба пешгӯӣ, фарзиясозӣ ва тавзеҳи падидаҳои ноошноӣ мепардозад. Равиши тафаккури мустақилият муҷиб мешавад, ки донишомӯзон иттилоотро гирд оваранд, бадиққат баррасӣ кунанд, ба шакли мафоҳим дароваранд ва дастварзӣ бо он мафоҳимро ёд бигиранд. Донишомӯзон бо истифодаи муназзам аз ин шева тавонои коромадтареро дар таквини мафоҳим меёбанд ва бар чашмандозҳо худ дар нигариш ба иттилоот меафзояд. Улгуи тафаккури истиқроӣ барои тадриси таквини мафҳум ва ҳамзамон омӯзиши мафоҳим ба донишомӯзон тадвин шуда ва таваҷҷуҳ ба мантиқ, забон ва маъонии калимот ва моҳияти донишро парвариш медиҳад. Тазаккур бояд дод, ки се шеваи тадрис дар ин улгу вуҷуд дорад. Нахустини он таквин мафҳуми дувуми тафсири матолиб ва савуми корбурди усул аст. Ҳар шева дорои се гом мебошад. Марҳалаи аввал: 1- феҳрестгирӣ, 2- гурӯҳбандӣ, 3-унвондиҳӣ. Марҳалаи дувум, 1-Унвондиҳии марҳалаи дувум: 2-Таъйини ҷанбаҳои шоххис, 3- кашфи равобит. Истинботи марҳалаи савум: 1-пешгӯии натоиҷ, 2- тавзеҳи пешгӯиҳо, 3- тасдиқи пешгӯӣ.

**6.Равиши бориши мағзӣ дар тадриси иншо.** Тафаккур олитарин маротиби ибодат аст. Дар рӯйкардҳои навини омӯзиш қасд ин аст, ки омӯзиш ва парвариши донишомӯзонро барои наздикӣ дар фазои иҷтимоии оянда омода созад. Ҳадафи таълим ва тарбияти навин, бар муроди андешаҳои пешгомони омӯзишу парвариши пешрав, иртиқои сатҳи тавонои ҳама ёдгирандагон барои ҳалли масъала аст.

Яке аз шинохташудатарин шеваҳои баргузори ҷаласот ҳамфикрӣ ва мушовира буда, корбурди ҷаҳонӣ дорад. Омӯзиш додани донишомӯзон бо равиши бориши мағзӣ ҳалли масъаларо ба наҳви халлоқона дар онон боло меравад. «Равиши бориши мағзӣ метавонад ба унвони василаи барои ёдоварии мафоҳим ва усули мавриди ниёз барои ҳалли масъала ба ёдгирандагон кӯмак кунад.

**Чаҳор қоидаи асосии бориши мағзӣ.**

1. Интиқоли мамнӯъ: ин муҳимтарин қоида аст ва лозим аст тамоми аъзо ба он таваҷҷуҳ карда, баррасӣ ва арзёбии пешниҳодро ба охири ҷаласа вогузор кунанд.

2. Изҳори назари озод ва бевосита : ин қоида барои ҷуръат бахшидан ба ширкаткунандагон барои пешниҳодоте аст, ки ба зеҳни онҳо мерасад ба иборати дигар, дар як ҷаласа водоркунии мағзӣ тамоми аъзо бояд ҷасорат ва шаҳомат изҳори назарро пайдо карда бошанд ва бидуни он ки тарсе аз арзёбӣ ва баъзан интиқоди мустақим дошта бошанд; битавонанд пешниҳод ва назари худро баён кунанд. Ҳар чӣ пешниҳодоти ҷасуронатар бошад, нишондиҳандаи иҷрои муваффақтари ҷаласа аст.

3. Таъкид бар камият: ҳар чӣ теъдоди назоратӣ бештар бошад, эҳтимоли вуҷуди пешниҳодоти муфид ва корсозтар дар байни онҳо бештар мешавад. Дар ин равиш ин гуна унвон мешавад, ки ҳар чӣ теъдоди пешниҳод бештар бошад, эҳтимоли вуҷуди тарҳи пешниҳоди кайфӣ бештар аст.

4. Якҷоя ва беҳбудии пешниҳодот: аъзо метавонанд илова бар пешниҳод, нисбат ба беҳбуди пешниҳоди худ иқдом кунанд. Равиши водоркунии мағзӣ ин имконро ба аъзо медиҳад, ки пас аз шунидани пешниҳодоти дигарон пешниҳоди аввалия беҳбуд дода шавад. Онҳо, ҳамчунин, метавонанд пешниҳоди худро бо чанд пешниҳоди дигаре ҳамроҳ карда ва пешниҳоди беҳтару комилтареро ба даст оваранд [6]. Бар соҳибназарон пӯшида нест, ки пӯёии равишҳои гуногуни омӯзишӣ ва такягоҳи он бар пояҳои устувори илмӣ ва ҳисобшуда, дар ҷараёни рушди ёдгирӣ ва иртиқои сатҳи фарогирии донишомӯзон, таъсири умда дорад ва ин масъала ниёзманди талоши мутахассисон ва коршиносони ин ҳавза дар тадвин ва тарроҳӣ ва ба коргирии шеваҳои навин аст.

Имрӯза ҳар фарди башар аз истифодаи ёфтаҳои ҷадид аст, аз ин ҷо ки дар мадориси мо низ донишомӯзон барои оянда тарбият мешаванд ва ҳарсола матолиб ва муҳтавоҳои китобҳо низ тағйир мёёбад ин зарурат, яъне истифода аз шеваҳои нав, ҷадид ва корро бисёр эҳсос мешавад. Яке аз мушкилоти муҳим ва асосӣ дар низоми омӯзиш ва парвариш, хусусан дар кишвари мо, ба кор нагирифтани равишҳои тадриси навин дар омӯзиш аст. Ҷиҳати бархӯрди мутақобил ва мантиқӣ бо донишомӯзон аз як маҷрои иртиботии саҳеҳ муҳайё кунад, ба таври ки ҳамвора тафаккури мантиқӣ дошта бошад. Он чи дар ин мақола омада, нигоҳи кӯтоҳ ва гузаро ба равишҳои навини тадрис дар адабиёти форсӣ, аз ҷумла, ёдгирӣ аз тариқи ҳамёрӣ, шеваи намоишномаӣ, шеваи баҳси гурӯҳӣ, улгуи бадиапардозӣ ё навофаринӣ, равиши юриши мағзӣ, улгуи тафаккури истиқроӣ мебошад. Умеди он ки мавриди таваҷҷуҳ ва истифода муаллимини гиромӣ воқеъ шавад.

## АДАБИЁТ


1. Оқозода Мӯҳаррам. Роҳнамои равишҳои навини тадрис бар пояи пажӯҳишҳои мағзмеҳварӣ. –Теҳрон, 1386, -С.240.
2. Шаъбонӣ Ҳасан. Маҳоратҳои омӯзишӣ ва парвариш. -Теҳрон,1371,
3. Доктор Зулфиқории Ҳасан. Роҳнамои тадрис. Идораи кулли чоп ва тавзеҳи китобҳои дарсӣ . -Теҳрон, 1381, -С.220.
4. Растор Тоҳира, Маҷиди Мулкон. Ошноӣ боёдгирӣ аз тариқи ҳамёрӣ. -Теҳрон, 1385, -С.180.
5. Аббос Муҳаммадризо. Аносури сохтори равиши ҳалли масъала. //Рушди технологияи омӯзишӣ, 1379 , №5
6. Қурбони Қурбоналӣ ва ҳамкорон. Омӯзиши роҳҳои ёдгирӣ. -Теҳрон, 1382, -С.250.
7. Мусо Аҳмад. Забони форсӣ дар мағриб: (вазъият, баррасӣ ва нақди равишҳои омӯзишии донишҷӯи донишгоҳи Теҳрон). -Теҳрон, 1389,
8. Лив Ҳуввӣ. Таҷрибаи омӯзиши забони форсии поя. // Сухани ишқ, 1385, №30, -С.26-29.


## НОВЕЙШИЕ МЕТОДЫ ПРЕПОДАВАНИЯ ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ (НАЧАЛЬНЫЙ ЭТАП)


В данной статье автором рассмотрены новейшие методы преподавания персидской литературы в иранских школах. В процессе обучения и воспитания преподаватели должны уделять огромное внимание применению новейших методов обучения в школе. Необходимо создавать такие условия обучения, чтобы учащийся стремился получить новые знания и в дальнейшем успешно применить их в практической деятельности.



**Ключевые слова:** методы обучения, образование, формы обучения, преподавание дисциплин, изучение персидской литературы, запас знаний, обучение школьников, актуальность изучения.


## THE NEWEST METHODS OF TEACHING PERSIAN LITERATURE (INITIAL STAGE)


***Behnom Makvandi***

**Department of pedagogy, Ahvaz Branch, Islamic Azad University, Ahvaz, Iran**



In this article the author examines the latest methods of teaching Persian literature in Iranian schools. In the process of training and education of teachers should pay great attention to the application of new teaching methods in the school. It is necessary to create such conditions of learning so that the students wanted to gain new knowledge in the future to successfully apply them in practice.



**Key words:** teaching methods, education, learning, teaching disciplines, the study of Persian literature, the stock of knowledge, training of students, the relevance of the study.



**Сведения об авторе:** ***Бехном Макванди*** - соискатель ТГПУ имн. Садриддина Айни, преподаватель Свободного исламского университета города Ахвоз, Иран

# ТАШАККУЛЁБИИ ДАРК, ФАҲМ ВА ТАЪБИРҲО АЗ МАЪНО, МАФҲУМ ВА ТАЪРИФИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ БО ҶУСТУҶӮ АЗ МАНБАЪҲОИ ТАЪРИХӢ

*Маҳмуди Манзарӣ*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар таълиму тарбият вуҷуд дорад, ин аст, ки бидонем мураббиён, муаллимон, мудирон ва мудирони машғул ба кор дар мактабҳо, марказҳо ва муассисаҳо дар низоми омӯзишӣ чӣ таъбирҳое аз маъно, мафҳум ва таърифи таълиму тарбият доранд. Баррасиҳое, ки дар гузашта дар Эрон ва ҷаҳон тавассути теъдоде аз мутахассисони таълиму тарбият анҷом гирифт, нишон медиҳанд, ки бардоштҳои гуногуне дар байни машғулони омӯзишӣ вуҷуд дорад. Нигарониҳое, ки дар назди баъзе аз олимони таълиму тарбият вуҷуд дорад, ин аст, ки дар сурати идомаи чунин раванд, имкон дорад дар порае аз мавридҳо асарҳо ва садамаҳо ғайриписандида ва ҷубронопазире дар таҳия, танзими барномаҳои омӯзишӣ ва дарсӣ дар низоми омӯзишии ҷомеа эҷод кунад. Бинобар ин, барои берун рафтан аз ин вазъият ё ҳадди аққал паст кардани он шароит, лозим аст, ки тавассути пажӯҳишгарони огоҳ ба масъалаҳои таълиму тарбият мутолиаҳое дар заминаи мавзӯи зикршуда сурат гирад.

Дарки маъно, мафҳум ва таърифи таълиму тарбият ниёз ба ҷустуҷӯи ҳамаҷониба дар маводҳо, матнҳо ва дидгоҳҳои мутахассисон дар давраҳои мухталифи таърихӣ дорад.

Инсонҳои алоқаманд ва ҷустуҷӯгар дар талош ҳастанд, ки бидонанд моҳияти таълиму тарбият чист. Таълиму тарбият чӣ маъно дорад? Таълиму тарбият чӣ мафҳум дорад? Муносибтарин таъриф аз таълиму тарбият дорои чӣ хусусиятҳост? Мавзӯи таълиму тарбият чист? Мавзӯи таълиму тарбият илмист ё ғайриилмӣ? Таълиму тарбият дар доираи кадом илм аст? Мафҳуми таълиму тарбият назарӣ ё амалист? Маъно ва мафҳуми таълиму тарбият дар фарҳанг, забон ва адабиёти халқӣ ва байналхалқӣ чӣ гуна баён шудааст? Афроди одӣ ва намунавӣ дар ҷомеа чӣ нигарише аз таълиму тарбият доранд? Метавон гуфт, ки ҳамаи афроди таҳсилкарда ва дорои ҳуҷҷати донишгоҳӣ тасаввури дурусте аз таълиму тарбият доранд? Таълиму тарбият илм аст, ё дониш? Таълиму тарбият ҳунар аст, ё таҷриба? Таълиму тарбият нигориш аст ё маҳорат? Таълиму тарбият тавсифист ё таҳлилӣ? Таълиму тарбият илми мустақил аст ё вобаста ба илмҳои дигар аст? Таълиму тарбият илми ҳақиқист ё ғайриҳақиқӣ?

Файласуфони тарбиятӣ, ҷомеашиносони омӯзишу парвариш, равоншиносони тарбиятӣ ва соҳибназарони таълиму тарбият ҳамеша талош карда истодаанд, ки посухҳое барои пурсишҳои матраҳшуда пайдо кунанд. Бинобар ин, барои дарки воқеӣ ё наздик шудан ба воқеият ва муносиб аз маъно, мафҳум ва таърифи таълиму тарбият ниёз ба баррасии ҳамаҷониба ва бозбинии дубора дар мавод, матнҳо ва ақидаҳои мутахассисон ва ё ба таври кулли ҷустуҷӯйи амиқе дар манбаъҳои таълиму тарбият дар давраҳои гуногуни таърихӣ вуҷуд дорад. Донишмандон изҳороти зиёд ва гуногунро дар бораи маъно, мафҳум ва таърифи таълиму тарбият матраҳ кардаанд, ки дар ин ҷо барои ваҳдати бештар ва фаҳмиши беҳтар матлабҳои арзашуда нависанда назароти онҳоро ба ду гурӯҳ ба шарҳи зер тақсим кардааст:

**А) Дидгоҳи соҳибназарон дар бораи маъно ва мафҳуми таълиму тарбият:**Дарки маъно ва мафҳуми таълиму тарбият бисёр душвор аст. Ин матлабро аксари мутахассисон ба далели аҳамияте, ки барои ҷомеа дорад, бо адабиёти мухталифе борҳо ба забон овардаанд.

Ҳар ду гурӯҳ, яъне донишмандони қадим ва мутахассисони муосир бо вуҷуди ихтилофи назар дар як сухан ҳамақидаанд ва он ҳам мавзӯи душвории дарку фаҳми таълиму тарбият аст.

Дар ҳамин иртибот файласуфи бузурги олмонӣ Эмонуел Конт мегӯяд, ки бар хилофи он чӣ оммаи мардум тасаввур мекунанд, таълиму тарбият аз бузургтарин ва душвортарин масъалаҳои атрофи инсон аст [1:1]. Ҳамчунин, дар хусуси душвории дарки маъно ва мафҳуми таълиму тарбият Ғуломҳусейни Шукуҳӣ, муаллими барҷастаи таълиму тарбияти Эрон мегӯяд: танҳо мардуми одӣ нестанд, ки бар асари содалавҳӣ ва зудбоварӣ ба тасаввури нодурусте, ки аз таълиму тарбият доранд дил хуш кардаанд ва бо вуҷуди нияти хуб пас аз таҳаммули машаққати фаровон ба ҷойи Каъба худашонро дар Туркистон мебинанд.

Табақаи таҳсилкарда низ мумкин аст дар мавриди маъно ва мафҳуми таълиму тарбият дучори хато шаванд. Бо он фарқият, ки хатои таҳсилкардагон аз дасти дигар ва сабаби онҳо чизҳои дигар аст, хатои инҳо бар хилофи афроди одӣ пайдоиши беэътилоӣ нест, балки бештар аз он ҷо ҷорӣ мешавад, ки масалан, бо пай бурдан ба бахше аз ҳақиқати вуҷуди одамӣ онро кулли ҳақиқати вуҷуд мепиндорад ва бар асоси он иқдомоти тарбиятӣ тавре ба нақша мегирад, ки маҳсули он ба ҷойи инсони комил, ки писандидаи тарбияти воқеист, инсони дорои дидгоҳи маҳдуд ба воя мерасад. Кофист, чунин афроде барои дастгоҳи барномарезии таълимии кишваре пеш ояд, то бар асари он тамоми фаъолиятҳои тарбиятӣ якбора ва барои наслҳои баъдӣ ба каҷравӣ кашида шавад [2:20].

Омӯзишу парвариш воқеан чист? Оё омӯзишу парвариш илм аст? Оё омӯзишу парвариш ҳунар аст? Оё омӯзишу парвариш фан, ё таҷриба аст? Муҳамадалии Замирӣ нависандаи фаъол дар заминаи таълиму тарбият дар ин иртибот чунин изҳори назар доштааст:

Омӯзишу парвариш илм аст: агар илмро ҳар намуди маърифат бидонем, ё илмро яқин маъно кунем ва ё илмро ба унвони таҷрибаи созмонёфта ва дорои қоидаҳо бидонем, ба назар мерасад, ки омӯзишу парвариш илм аст, зеро дорои усул ва қоидаҳое аст, ки умумият дорад ва дар ҳама ҳолатҳо мавриди таваҷҷуҳ будааст. Масалан, вақте мегӯем, ки ҳавасмандӣ дар ёдгирӣ барои ҳама зарурист, ин низ як намуди маърифат аст. Ё ҳар намуди дарс равиши хосе дорад, ё нақши намунавии ҳар муаллим дар тағйири рафтори кӯдакон имконнопазир аст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, омӯзишу парвариш дар маънии комили худ - илм аст.

Омӯзишу парвариш ҳунар аст: аз он ҷо ки олимони ин ихтисос ба эҷодиёт даст ёфтаанд, ки муфид будааст ва дар амалӣ кардани ин эҷодиёт ҳам ҷойи шак боқӣ намемонад, метавон амалӣ кардани дониши омӯзишу парваришро намуди ҳунармандӣ ва кори ҳунарӣ донист.

Омӯзишу парвариш фан ё таҷриба аст, зеро омӯзиш ва бакоргирии омилҳои мавҷуд дар атрофи омӯзишу парвариш бо дигар машғулиятҳо ва масъулиятҳо фарқиятҳое дорад. Ба унвони мисол илми кишоварзӣ роҳу расм ва хусусиятҳое ба монанди таҳқиқи омӯзишгоҳӣ, кор дар замин, равиши ошноӣ бо доруҳо дур кардани офатҳо ва василаҳои кишоварзӣ дорад. Дар ҳоле ки барои анҷоми кор дар ҷомеашиносӣ ва ё тиб равишҳои дигаре лозим аст [3:21].

Калимаҳои таркибии омӯзишу парвариш ва таълиму тарбият шомили чӣ мафҳуме ҳастанд? Оё омӯзишу парвариш ё таълиму тарбият ду мафҳуми ҷудо аз якдигар ҳастанд?

Аз назари Алии Шариатмадорӣ мафҳуми таълиму тарбият мафҳуми ягона буда ва дар намуди ду лафз (таълим ва тарбият) баён мешавад. Дар забони форсӣ бузургони адаб лафзи тарбиятро ба кор мебурданд. Калимаи таълиму тарбият тарҷумаи калимаи education аст ва муаллимони бузург ин калимаро дар як мафҳум ба кор мебурданд, на ба сурате ки дар арабӣ ё форсӣ ба сурати омӯзишу парвариш ва ба унвони ду раванд таъбир мешавад. Маъмулан, андешамандон ва нависандагони бузурги мо низ вақте дар бораи таълиму тарбият баҳс мекунанд, ҳамон мафҳуми тарбиятро дар назар мегиранд [4:85]. Дар хусуси амалӣ ё назарӣ будани илми педагогӣ, бо кадом илмҳо робита кардан ҳамчунин маъно ва ҳудуди илмҳои тарбиятӣ, донишмандони зиёде изҳори назар кардаанд.

Алимуҳаммади Кордон мутарҷими пурталош дар заминаи тарҷумаи китобҳои гуногуни таълиму тарбият ба забони форсӣ, дар муқаддимаи тарҷумаи китоби "Маъно ва ҳудуди илмҳои тарбиятӣ", навиштаи Густав Мюлерро овардааст, ки дар оғози асри 20-ум Эмил Дуркайн ҷомеашиноси маъруфи фаронсавӣ, педагогика ё илми тарбиятро як назарияи амалӣ донистааст ва ин илмро дар таърихи таълиму тарбият ва ба намуде дар ҷомеашиносӣ хулоса мекунад. Ҳамчунин номбурда дар тарҷумаи муқаддимаи ҳамон манбаъ илова мекунад, ки муаллимони бузурги давраи муосир низ монанди Ҷон Диюи ва Киршен Штайнер ва Ҷон Пёже маъно ва ҳудуди илмҳои тарбиятиро ба сурати зер баён кардаанд:

Ҷон Дюӣ файласуф ва равоншиноси амрикоӣ монанди Дуркейн, тарбиятро маҷмӯа аз равандҳое медонист, ки ба василаи онҳо ҷомеа ё гурӯҳи иҷтимоии бузург ё кӯчак, қудратҳо ва ҳадафҳои гирифташудаи худро барои идомаи ҳаёт ва рушди доимии худ ба насли баъд мунтақил мекунад. Вай илмҳои тарбиятиро дар қатори илмҳои иҷтимоӣ ва ё ҷузъе аз равоншиносии амалӣ ҳисоб мекард.

Киршен Иштайнер файласуф ва муаллими тарбиятии машҳури муосири олмонӣ низ, ки тарбиятро намуди ҷазби арзишҳои фарҳангӣ медонист, илми тарбиятро шуъбаи хосе аз илмҳои рӯҳӣ бар асоси мафҳуми фарҳангӣ меҳисобид.

Ҷон Пёже равоншиноси машҳур, ки то соли 1980 зиндагӣ мекард, илмҳои тарбиятиро донишҳои амалӣ ва ғайримустақил медонист. Вай дар китоби маъруфи худ "Равоншиносӣ ва дониши омӯзишу парвариш" дар бораи илмҳои тарбиятӣ чунин менависад, ки шарти истиқлоли ин илмҳо ва ё пешрафти дониши омӯзишу парваришро дар оянда ба унвони донише, ки бихоҳад аз назари мавзӯъ мустақил ва илми ҳақиқӣ (табъинӣ ё таҳлил кардани масъалаҳо) бошад, дар ин аст, ки дониши омӯзишу парвариш монанди илмҳои дигар ба пажӯҳишҳои муштараки миёни соҳаҳои гуногуни илмӣ дар иртибот бошад [5:Муқаддима]. Биологон ва равоншиносон дар бораи таърифи омӯзишу парвариш, намуд ва чигунагии фаъолиятҳо дар як низоми омӯзиши баҳсҳоеро ҳамеша матраҳ кардаанд ва ба он пардохтаанд.

Муаллифони китоби омӯзишу парвариши ибтидоӣ, роҳнамоии таҳсилӣ ва миёна менависанд, ки олимони биологӣ амалҳо ва рафтори ботиниро доираи омӯзишу парвариш қарор медиҳанд ва эътиқод доранд, ки инсон бояд бо муҳити табиии худ созгор шавад.

Нақша ва эҷоди омӯзишу парвариш бар асоси табиатгароӣ ба таври ягона аввалин бор тавассути Жан Жак Руссо донишманди фаронсавӣ дар асри 18-уми мелодӣ ба марҳилаи иҷро даромадааст. Донишмандони мактаби табиатгароӣ эътиқод доранд, ки инкишоф ва такомули рафторҳои ботинӣ, истеъдодҳо, майлҳо ва рафтори инсон бояд ба сурати табиӣ ва бе дахолати ҷомеа анҷом гирад. Руссо муътақид аст, ки таълиму тарбият бояд ҷисми кӯдакро нерӯманд кунад ва ҳисҳои панҷгонаи ӯро тақвият бошад, ба тавре ки қувваи тафаккури ӯ аз занҷири эҳсосот раҳоӣ пайдо кунад. Ӯ мӯътақид буд, ки бадани кӯдакро бояд он қадар нерӯманд кунем, ки то битавонад амалҳои худро ба сурати табиӣ ва дар бархурд бо мавқеият таҷриба кунад, то пухта ва варзида шавад.

Ҳамчунон онҳо илова мекунанд, ки равоншиносон ақида доранд, аз он ҷо ки бо хусусиятҳои равонии инсон хусусиятҳои шинохтӣ, инсонӣ, ҳаракатӣ ва ба таври кулли қобилиятҳои ӯ ошно мебошанд, метавонанд истеъдодҳо ва қобилияти онҳоро кашф кунанд. Бинобар ин, онҳо ба худ ҳақ медиҳанд, ки чун салоҳияти кофӣ доранд, метавонанд таърифе аз таълиму тарбият бар асоси усули равоншиносӣ баён кунанд. Онҳо таълиму тарбиятро иборат аз инкишофи табиӣ ва пайиҳам ва ҳамоҳанг бо тамоми нерӯҳо ва истеъдодҳои башарӣ, ки дар ниҳоди худи ӯ мавҷуд ва пинҳон аст, медонанд [6:15].

Масъалаи илмӣ ё ғайриилмӣ ва ё ғайриҳақиқӣ будани илми тарбият, мустақил ё ғайримустақил будани дониши омӯзишу парвариш, тавсифӣ ё табъинӣ будан ва ғ. дар илмҳои тарбиятӣ ҳамеша матраҳ будааст ва айни ҳол низ вуҷуд дорад. Ҳамчунин ин ихтилофи ақидаҳо ва назарҳо дар мавриди табақабандии илмҳои тарбиятӣ ҳамеша буд ва айни ҳол низ шуда истодааст.

Вуҷуди ихтилофҳои эътиқодӣ миёни донишмандони таълиму тарбият дар баҳсҳои илмҳои тарбиятӣ ба чӣ сабабҳо аст? Вуҷуди ин ихтилофҳои тарбиятӣ дар ибтидо ба сабаби вусъат ва душвории масъалаҳои тарбиятӣ ва дар марҳилаи дувум ба сабаби густариши мафҳуми тарбият ва анҷоми таҳқиқҳое дар бораи таълиму тарбият дар нимаи дувуми асри 20-ум аст.

Ҳамчунин Гордон дар ҳамон муқаддима илова мекунад, ки Мюллер ба ҷустуҷӯ дар бораи қариб ба 14 илми тарбиятии кунунӣ пардохта ва густариш пешрафт ва мушкилоти ҳар як аз онҳоро тавзеҳ дода, маълум сохтааст, ки чи гуна ин илмҳо дар замони хеле кам қаламрави худро густариш дода, бо истифода аз дастовардҳои илмҳои иҷтимоӣ ва инсонии дигар ба кашфи воқеиятҳои тарбиятӣ комёб шуда истодаанд. Ӯ ҳамчунин гуфтааст, ки мушаххас кардани ҳудуд, теъдод, матн ва табақабандии илмҳои тарбиятӣ ҳанӯз на ба поён расидааст ва на комил шудааст. Сабаби ин эътиқод он аст, ки айни ҳол низ тағйирҳои муҳимме дар заминаи илмҳои тарбиятӣ дида мешавад ва пешбинӣ мешавад, дар оянда бар асари таҳаввулот дар низомҳои омӯзишу парвариши ҷаҳон ва тавсияи таҳқиқоти марбут ба низомҳои омӯзишии дунё, илмҳои тарбиятӣ намудҳои тозае ба худ хоҳанд гирифт. Бинобар ин, эҳтиёҷ аст, ки ҳар муддате чанд ба баррасиии нав ва бознигарии мафҳум, ҳудуд ва табақабандии илмҳои тарбиятӣ пардохта шавад [5:Муқаддима].

**б) Дидгоҳи соҳибназарон дар бораи таърифҳои таълиму тарбият:** Шукуҳӣ зимни баёни ақидаҳои баъзе аз файласуфон, ҷомеашиносон ва равоншиносон дар асари худ таҳлиле бар ақидаҳои онҳо анҷом додааст. Ӯ таърифҳоеро аз таълиму тарбият аз забони Ҷон Стсвортмейл, Эмануэл Конт, Рене Вие, Генри Жюл, Эмил Дуркейн, Ҷон Дюи ва Киршен Штайнер ба унвони намуна ба шарҳи зер баён кардааст:

Ҷон Створтмейл, файсалуфи англисӣ тарбиятро шомили омиле медонад, ки бар ашё, ашхос ё ҷомеа асар мегузорад.

Эмануэл Конт, файласуфи олмонӣ тарбиятро барои эҷоди ҳолати бузургсолӣ ва рушди фард дар ҷиҳати камоли инсон медонад.

Рене Вие файласуфи фаронсавӣ эътиқод дорад, ки одамӣ ба воситаи тарбият метавонад ба баландтарин дараҷаи камол наздик шавад.

Генри Жюл равоншиноси фаронсавӣ тарбиятро ҷамъи талошҳое медонад, ки ҳадафи ин талошҳо ин аст, ки инсонро ҳаматарафа қудратманд месозад ва ӯро барои истифодаи саҳеҳ аз онҳо омода мекунад.

Эмил Дуркҳейм ҷомеашиноси фаронсавӣ, тарбиятро амале медонад, ки насли бузургсол бар насле, ки ҳанӯз барои зиндагӣ дар ҷамъ расида ва пухта нашудааст, анҷом диҳанд. Аз назари ӯ ҳадафи тарбият зиёдшавии кӯшишҳо ва тавсеаи ҳолатҳои ҷисмӣ ва фикрии ӯ ба намудест, ки писандидаи ҷомеаи сиёсӣ бошад.

Ҷон Дюи файласуф ва равоншиноси амрикоӣ ақида дошт, ки тарбият маҷмӯае аз равандҳое ҳаст, ки аз тариқи он гурӯҳ ё ҷомеае чӣ хурд бошад ё бузург қудратҳо ва мақсадҳои касбкардаи худро ба насли баъдӣ мунтақил кунад, то бақо ва рушди пайвастаи худро ҳамеша зинда нигаҳ доранд.

Киршен Штайнер файласуфи олмонӣ тарбиятро амале медонад, ки ҳар ҷомеае ба мавҷуд будани он сахт муҳтоҷ аст [2:23].

Шариатмадорӣ аз мутахассисони таълиму тарбият низ таърифи дигареро оиди таълиму тарбият аз қавли Ҷон Дюӣ-бунёдгузори мактаби фалсафиии прогматизм ё амалгароӣ чунин баён мекунад: таълиму тарбият иборат аст аз азнавсозӣ ё тағйири назар дар таҷрибаҳо ва ташкили нави онҳо, ба мақсади ин ки ин таҷрибаҳо маънои бештаре пайдо кунад ва барои ҳидояти таҷрибаҳои баъдӣ фардро беҳтар омода кунад [7:51].

Замирӣ аз нависандагони таълиму тарбият таърифҳои дигареро аз худ ва Муҳаммадбоқири Ҳушёр дар бораи педагогӣ ба шарҳи зер нақл мекунад: Ба ақидаи ӯ таълиму тарбият маҷмӯае аз равишҳои мақбул, муайян, қонунӣ, мусбат ва боарзиш мебошад, ки тавассути афроди ботаҷриба барои тағйироти писандида ва ба камоли нисбӣ расондани афроди камтаҷрибатар дар як раванди иҷтимоӣ анҷом мегирад.

Муҳаммадбоқири Ҳушёр донишманди барҷаста ва аз бунёдгузорони илми равоншиносӣ дар Эрон ақида дорад, кори муҳимми таълиму тарбият, фароҳам сохтани василаҳои идроки арзишҳо ва ҳосил шудани рағбат ва ҳаракат додани иродаҳо аст [3:12].

**В) Дарки маъно ва мафҳуми таълиму тарбият дар фарҳанг, забон ва адабиёт:** Барои равшан ва шаффоф шудани маъно ва мафҳуми таълиму тарбият лозим аст дар унвони дигаре ба ҷустуҷӯ дар фарҳанг, забон ва адабиёти форсӣ ва байналмилалӣ пардохта шавад. Бинобар ин, барои расидан ба ин мақсад зарурат дорад, ки мавзӯи зикршуда таҳти ду унвони ҷудогона ба шарҳи зер матраҳ гардад.

**1) Дарки маъно ва мафҳуми таълиму тарбият дар фарҳанг, забон ва адабиёти форсӣ:** Шукӯҳӣ дар баҳсе таҳти унвони назари мухтасаре ба маънои тарбият ва мафҳуми он дар адабиёти форсӣ изҳор мекунад, ки тарбият ба маънии нашъунамо, парвариш кардан, бузург доштан ва арзанда сохтан аст. Дар маънои охирин тарбият аз ҳадди бешу кам берун овардан ва ба ҳадди миёна равона кардан аст. Бинобар ин, барои дарки маъно ва мафҳуми тарбият лозим аст тасаввури чанд чизро дошта бошем:

а) тасаввури чизе, ки мавзӯи тарбият воқеъ шавад ва бо нашъунамо тағйироте дар шакли он ба вуҷуд ояд;

б) тасаввури истеъдоде, ки дар он чиз мавҷуд аст ва мо ба дунболи фурсате ҳастем, ки он чизро ошкор кунем;

в) тасаввури фароҳам шудани шароити лозим ва кофӣ, ки барои оғози тағйири мавриди интизор дар чизе бошад;

г) тасаввури идомаи шароити мусоид ба намуде, ки пайвастагии дигаргуниҳои оғозшударо дар як масири писандида то ҳосил шудани натиҷаҳои ҳатмӣ дар чизе муҳайё шавад;

д) тасаввури усули шинохташуда ва озмоишшуда, ки ба воситаи онҳо битавон шароити мақбулро барои рушди чизе фароҳам овард ва пайвастагии он шароитро имконпазир созад [2:27].

Аз матлабҳое, ки баён шуд, метавон чунин бардошт кард, ки дарки маъно ва мафҳуми тарбият ба содагӣ имконпазир нест. Барои комёб шудан ба маъно ва мафҳуми амиқи тарбият маҷбурем, ки ба таҳлили раванди таълиму тарбият бипардозем. Албатта, лозим будани анҷоми таҳлили тарбиятӣ, доштани маълумоти баланд дар заминаи таълиму тарбият ва ошноӣ бо ақидаҳои олимони бузурги тарбиятӣ имконият дорад.

**г) Дарки маъно ва мафҳуми таълиму тарбият дар фарҳанг, забон ва адабиёти байналмилалӣ:** Ғуломҳусейни Шукӯҳӣ изҳор кардааст, ки калимаи таълиму тарбият дар айни ҳол дар адабиёти марбута ва дар сатҳи байналмиллалӣ ба чаҳор маъно истифода мешавад.

1. **Ба маънои муассиса ё ниҳод:** таълиму тарбият дар ин маъно ба маҷмӯае аз сохтҳо гуфта мешавад, ки дар замони муайян дар як кишвар ҳадафи он тарбияти афроди миллат аст. Тибқи муқарраротии каму беш дақиқ кор мекунанд ва дар лаҳзаи муайяне аз таърих хусусиятҳои нимасобите доранд, масалан метавон таълиму тарбияти қадимро таҳлил ва онро бо таълиму тарбияти нав муқоиса кард. Таълиму тарбият дар ин маъно ба унвони низоми таълиму тарбият низ ба кор меравад.

2. **Ба маънои амал ё таъсир:** ин маъно то соли 1950 маънои таълиму тарбиятро мефаҳмонд. Ин таъриф гирифташуда аз тарафи Дуркҳейм мебошад, ки соли 1911 аз таълиму тарбият баён доштааст. Аз назари ӯ таълиму тарбият таъсирест, ки наслҳои бузургсол бар наслҳои нав, ки ҳанӯз таҷрибадор нашудаанд, мегузорад. Мавзӯи таълиму тарбият дар ин маъно эҷоди ҳолатҳои ҷисмӣ, зеҳнӣ ва ахлоқи писандидаи ҷомеаи сиёсии ҳоким дар кӯдакон аст.

Аз соли 1921 бо таърифи дигаре аз таълиму тарбият рӯбарӯ мешавем, ки раванди тарбиятии наверо баён мекунад. Дар ин таъриф таълиму тарбият иборат аст аз осон кардан ва комил кардан, рушди истеъдодҳои афрод ҳам ба унвони фард ва ҳам ба унвони узве аз ҷомеае, ки бо ҳамкории дастаҷамъӣ идора мешавад. Таълиму тарбият аз тағйирҳои иҷтимоӣ наметавонад ҷудо бошад, балки аз омилҳои тағйирҳои иҷтимоист. Ҳадафи тарбият ва равишҳои он бояд пайваста ба андозае, ки илм ва таҷрибаи шинохти мо аз кӯдак, одамӣ ва ҷомеа афзоиш медиҳад, мавриди тағйири назар қарор гирад.

3. **Ба маънои матн ё муҳтаво:** таълиму тарбият дар ин маъно бар барнома мутобиқ аст. Дар ин маъно вақте аз таълим ва тарбияти илмӣ, ҳунарӣ, инсонгароӣ сухан мегӯем, аз мафҳуми барнома болотар меравем. Ҳол он ки таълиму тарбияти илмӣ натиҷаи як равандҳои зеҳнӣ аст, ки метавонад дигаргуниҳоеро дар ҷаҳон ба вуҷуд оварад. Таълиму тарбияти ҳунарӣ илова бар гирифтани маорифи таърихӣ сабаби ҳавасмандии ҳаяҷонҳо ва шинохти зебошиносӣ мешавад. Ҳамчунин таълиму тарбияти ҳунарӣ сабаб мешавад, ки дар фард ҷаҳонбинии наве ба вуҷуд ояд.

4. **Ба маънои натиҷа ё маҳсул:** таълиму тарбият дар ин маъно ба унвони маҳсул таъсирест, ки муассиса ё ниҳод ба воситаи матн ё муҳтаво ва ба василаи амали бузургсолон бар насли нав гузошта мешавад.

Ҳамчунин таълиму тарбият дар ин маъно, ки писандидаи асри 17-ум буд, нест. Дар асри 17-ум мақсуд аз тарбият омода кардани кӯдакон барои афроди шариф дар оянда буд ҳол он ки дар асри кунунӣ мақсуди тарбият омода кардани мардумонест, ки биёмӯзанд ва босуръат худро бо вазъиятҳои нав мутобиқ кунанд ва битавонанд масъалаҳои нав, гуногун ва зиёдро ҳаллу фасл кунанд [2:25-27].

Ба таври яқин ва мусаллам дарки маъно ва мафҳуми таълиму тарбият ба содагӣ сурат намегирад. Ин матлаби содалавҳист, ки пиндорем дарки мафҳуми таълиму тарбият як амри сода аст. Бо таваҷҷуҳ ба бардоштҳои гуногун аз таълиму тарбият ва бо ҷустуҷӯ дар манбаҳо, матнҳо ва адабиёт ва таҷрибаҳо перомуни моҳияти таълиму тарбият ва бо пуштибонии ақидаҳои матрахшуда тавассути олимҳои таълиму тарбият метавон гуфт, ки мавзӯи таълиму тарбият, зимни ин ки моҳияти илмӣ дорад дар айни ҳол моҳияти ҳунарӣ ҳам дорад. Ҳамчунин метавон бовар кард, аз он ҷо ки таълиму тарбият дар натиҷаи таъсири мутақобили афрод бо якдигар ва бо муҳит ҳосил мегардад, ба намуде моҳияти фаннӣ ё таҷрибавӣ ҳам дорад. Аз тарафи дигар низ бо таваҷҷуҳ ба қабули нигоҳҳои мухталифи олимони файласуф ва донишмандони ҷомеашинос ва равоншинос ва ҳамчунин соҳибназарони таълиму тарбият метавон гуфт, ки ба таври яқин нуктаи муштараки дидгоҳҳои онҳо ин аст, ки дар амал кори таълиму тарбият фароҳам сохтани дарки беҳтар аз арзишҳо дар ҷомеа ва ба ҳаракат даровардани

рағбати афрод ба дарёфти маълумоти бештар дар ҷанбаҳои гуногун аст. Дар ниҳоят бо пайдоиши масъалаҳои баҳсталаб ва ба воситаи баҳсҳои гузашта ва талош ва меҳнат дар ҷиҳати бартараф кардан ва посух ба онҳо ва эҷоди масъалаҳои ҳалталаби нав аз тариқи баҳсҳои нав матрахшуда дар бораи таълиму тарбият ба тадриҷ метавон умед дошт, ки маъно ва мафҳуми таълиму тарбият дар оянда ошкортар ва шаффотар ва қобили фаҳмтар аз гузашта хоҳад шуд.


**АДАБИЁТ**

1. Конт Эмонуел. Таълиму тарбият / Конт Эмонуел; Тарҷумаи Ғуломҳусейни Шукуҳӣ. -Теҳрон: Интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1984, -С. 7.
2. Шукӯҳӣ Ғуломҳусейн. Мабонӣ ва усули омӯзишу парвариш / Шукӯҳӣ Ғуломҳусейн. - Теҳрон: Беҳнашр, 2006. -С. 20,23,25,26 ва 27.
3. Замирӣ Муҳаммадалӣ. Омӯзишу парвариш (усул ва мабонӣ – усул ва фалсафа) / Замирӣ Муҳаммадалӣ. - Теҳрон: Рогушо, 1995. -С. 12 ва 21.
4. Шариатмадорӣ Алӣ. Рисолати тарбиятӣ ва илмии марказҳои омӯзишӣ / Шариатмадорӣ Алӣ. - Теҳрон: Самт, 1995. -С. 85.
5. Миёлоре Густун. Маъно ва ҳудуди илмҳои тарбиятӣ / Миёлоре Густун; Тарҷумаи Алимуҳаммади Кордон. -Теҳрон: Интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1991. саҳифаҳои муқаддима.
6. Надимӣ Муҳаммадтақӣ. Омӯзишу парвариши ибтидоӣ - роҳнамоии таҳсилӣ ва мутавассита / Надимӣ Муҳаммадтақӣ. Буруҷ Муҳаммадҳусейн. -Теҳрон: Меҳрдод, 1992. -С. 15 ва 18.
7. Шариатмадорӣ Алӣ. Усули таълиму тарбият / Шариатмадорӣ Алӣ. -Теҳрон: Интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1997. -С. 51.


## ФОРМИРОВАНИЕ ПОНЯТИЙ, ОСМЫСЛЕНИЯ И СОДЕРЖАНИЯ ВОСПИТАНИЯ С ПРИМЕНЕНИЕМ ИСТОРИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКОВ


Из данного исследования стало очевидным, что существуют различные понятия о научном воспитании. Для получения ясных понятий о научном воспитании мы вынуждены глубоко искать вокруг самого научного воспитания. В этом исследовании, с точки зрения философов, социологов, психологов и специалистов определено, что научно-воспитательные темы являются занятными и практическими. В спорных задачах, которые посредством дискуссий появляются в воспитательных науках, постепенно обнаруживается очевидный смысл, понятие и определение научного воспитания.



**Ключевые слова:** воспитание, содержание воспитания, научное воспитание, определение научного воспитания.


## THE FORMATION OF COGNITION, COMPREHENSION AND INTERPRETATION OF THE NOTION AND DEFINITION OF TEACHING AND BRINGING UP WITH THE RESEARCH OF HISTORICAL SOURCES


***Mahmood Manzari***

**Department of pedagogy, Ahvaz branch, Islamic Azad university Ahvaz, Iran.**



From this Research work it became evident that there are different notions about scientific education, existing here. For obtaining clear notions about scientific education we must be seeking profoundly round about scientific education itself, as a whole thing. In this Research work, together with being obtained points of view of philosophers, sociologists, psychologists and Educational Sciences experts, it was determined up to the limit that scientific-Educational themes are considered to be interesting and practical In disputable tasks which by means of discussions appear in Educational Sciences, there an obvious sense of notion and definition of Scientific Education is step by step being discovered



**Key words:** education, content of education, scientific education, scientific definition of education..



**Сведения об авторе:** ***Махмуд Манзари*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни


# ИРТИБОТИ БАЙНИ ВИЖАГИҲОИ ШАХСИЯТИИ МУАЛЛИМ ВА МИЗОНИ СТРЕССИ ШУҒЛИИ ВОРИДШУДА БА МУАЛЛИМ


***Заҳро Баҳорванди Эронниё***

**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Нигаронии густардае, ки дар мавриди стресси муаллимон вуҷуд дорад, боис шуда, ки маркази таваҷҷуҳи хеле аз муҳаққиқон шавад. Муаллимон ва стресси шуғлӣ боиси нигаронӣ дар саломатии ҷисмӣ ва рӯҳии муаллимон ва таҳдиде барои зиндагии муаллимон шудааст [1]. Ҳамчунон ки Смит, Камин Штайн ва Мақдук нишон додаанд, навъи номуносиби муҳити корӣ, метавонад бо ба мухотира андохтани саломатии равонӣ ва ҷисмии коркунон робита дошта бошад, бавижа муҳитҳои кории пуртаниш ва муҳитҳое, ки ҳар лаҳза хатари аз даст додани шуғли фард дар онҳо вуҷуд дорад [2]. Пажӯҳишҳои пештар нишондиҳандаи таомули байни анвои мушаххасӣ аз муҳитҳои корӣ ва вижагиҳои шахсиятӣ аст. Ба унвони мисол, ёфтаҳои Брукнер ва Лендзргис аз ин масъала ҳимоят кардааст, ки анвое аз муҳитҳои шуғлӣ ва навъи шуғлии фард, метавонад бар ҳолат ва нишонаҳои равон, озурдагӣ ва иззати нафси фард таъсири қатъӣ дошта бошад [3,4].

Яке аз мутағайирҳои мавриди баҳс дар ин мақола стресси шуғлӣ мебошад. Ду дидгоҳи куллӣ дар ин бора муҷиб аст, ки як стрессро ношӣ аз омилҳои берунӣ аз фард медонад ва дидгоҳи дигар ин аст, ки танишҳои дарунӣ бар стресс асар мегузорад, яъне он чи даруни фард таҳти унвони тафсири вай аз воқеиёт дар ҷараён аст, боиси вокуниш ба он чи дар атрофи ӯ дар ҳоли иттифоқ аст, мешавад [5].

Калимаи стресс дар забони англисӣ модели калимаи фишор дар форсӣ мебошад. Бинобар ин, умдатан аз ҳамон вожаи стресс, ки мавриди истифодаи ҷаҳонӣ дорад, истифода мешавад [6]. Иштиғол барои идомаи зиндагӣ ва бақои ҷомеа зарурати иҷтинобнопазир аст ва зиндагии ҳар фард аз кор кардан таъмин мешавад ва худкифоии ҳар кишвар ба мизон ва навъи амалкарди шоғилони он вобастагӣ дорад [7].

Сарфи назар аз ин ки шуғли афрод чӣ бошад, онҳо нисбат ба шуғли худ эҳсосот ва нигаришҳое доранд. Онҳо мумкин аст аз бархе вуҷӯҳи кори худ хушнуд ва ё нохушнуд бошанд ва нисбат ба матлубияти он чи ки анҷом медиҳанд назари манфӣ ё мусбат дошта бошанд. Кор сарфи назар аз таъмини молӣ, метавонад бархе аз ниёзҳои асосии инсон, назири таҳарруки равонӣ ва баданӣ, тамоси иҷтимоӣ, эҳсоси хударзишмандӣ, эътимод ва тавонмандиро ирзо кунад. Аммо бо вуҷуди ин, кор метавонад манбаи умдаи стресс бошад [8].

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки муаллимон нисбат ба омилҳои муҳити маҳалли кор, аксуламали яксонеро нишон намедиҳанд ва иддае аз муаллимон осори равоншинохтии бештаре аз худ нишон медиҳанд.[9] Стресси шуғлӣ омезае аз фишорзоҳои маҳалли кор, вижагиҳои худи фард ва фишорзоҳои хориҷ мебошад [10]. Омилҳои фишорзо дар муҳити кор барои инсонро метавон ба се даста табақабандӣ кард:

- дастаи аввал, омилҳои стрессофарини созмонӣ;

- дастаи дувум, рӯйдодҳои зиндагӣ, ки рабти чандоне ба созмон надоранд, монанди мушкилоти зиндагии хусусии кормандон, дилвопасӣ ва шикаст дар барномаҳои оянда;

- дастаи сеюум, омилҳои стресссзои фардӣ, мебошад, аз қабили навъи шахсият, ки муҷиби бардоштҳои шахсии инсон аз муҳит мешаванд.

Ин се бар якдигар асар мегузоранд ва комилан ҷудо аз якдигар амал намекунанд [11].

Стресси шуғлии муаллим таҷрибаи муаллим аз эҳсосоти манфӣ ва нохушоянд аз қабили хашм, нороҳатӣ, изтироб, афсурдагӣ ва асабонияти ношӣ аз бархе ҷанбаҳои кори муаллим аст [12]. Дар таҳқиқоти анҷомшуда илова бар сабки муқобила ва ангезиш, шахсият ва сифати шахсиятӣ низ омили муҳиме дар стресси шуғлӣ матраҳ шудааст. Як назари умумӣ ин аст, ки беҳтарин ва ормонгаротарин афрод дучори фарсудагии шуғлӣ ва стресс мешаванд. Барои шинохти дақиқи вожаи шахсият бояд ба решаи вожа таваҷҷуҳ кард. Шахсият аз вожаи персона ба маънои ниқобе, ки ҳунарпешаҳо дар иҷрои нақши худ ба чеҳра мезананд, гирифта шудааст. Ба содагӣ метавон дарёфт, ки чӣ гуна вожаи персона барои ишора ба зоҳири берунӣ ба кор рафтааст, зеро дар ҳақиқат ин чеҳраи умумӣ аст, ки афрод дар робитаҳои худ онро ошкор месозанд [13]. Баъдан калимаи шахсият ба манзури тавсифи боризтарин вижагии шахсӣ ба кор меравад. Масалан, гуфта мешавад, ки фалон фард шахсияти пархошгар ё шахсияти шитобкор дорад. Вале равоншиносон дар баҳс аз шахсият беш аз ҳар чиз ба тафовутҳои фардӣ таваҷҷуҳ доранд, яъне вижагиҳое, ки ҳар фардро аз афроди дигар мутамоиз мекунад [14].

Аз дидгоҳи илмӣ, роҳбурдҳое, ки фард дар рӯёрӯйи бо мавридҳои стресссзо ба кор мебарад, нақши асосӣ ба таъйинкунанда дар саломатии ҷисмонӣ ва равонии фард ва ба дунболи он хушнудии шуғлии ӯ ифо мекунад. Афзун бар ин, назарияи мутааддиде баён мекунанд, ки моҳияти роҳбурдҳо ва манобеи рӯёрӯйии фард тайи таҳаввули шахсият шакл мегирад [15]. Аз ҷумлаи вижагиҳои муҳимми шахсиятии мавриди таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон, мутолиаи намунаҳои рафтории типи А муҳитҳои корӣ аст. Дар ин миён, аз ҷумлаи вижагиҳои рафтории типии А, ки пажӯҳишгарон дар муҳитҳои санъатӣ ва шуғлӣ бар он мутамарказ гардидаанд, аҷул будан дар анҷоми кор, рақобатҷӯйӣ, даргириҳои шуғлӣ ва хусумати шадид дар миёни ин афрод аст.

Пажӯҳишҳои дақиқтар нишондиҳандаи он будааст, ки байни унсурҳои асосии намунаҳои рафтории типи А бо бемориҳои қалбӣ ва дарунӣ, ки бар пояи алоими фишори хуни боло дар фард мутамоиз мешавад, робита вуҷуд дорад. Ба илова, пажӯҳишҳои анҷомшуда дар муҳитҳои корӣ нишондиҳандаи он будааст, ки анвои мушаххасе аз бемориҳо бештар дар миёни коркунон ва коргароне дида мешавад, ки гароиши рафтории типи А дар онон шадидтар аст.[16,17]

Ҳамон гуна ки Чобрук Сайн ва Мойз нишон додаанд, маҷмӯаи нишонаҳо ба омилҳои равонӣ ва рафторӣ дар миёни ин афрод мунҷар ба захомати авзои ҷисмии онон, бавижа ба бемориҳои дарунӣ (араки ҷабин) қалбӣ мегардад.[17]

Кинг Кросик ва Теорел ба ёфтаҳое даст пайдо карданд, ки бар пояи он фоизи(%) маргу мир бар асари бемориҳои қалбӣ ва бемориҳое, ки бо стресси боло робита доранд, дар миёни коркунони мутааллиқ ба машоғили боло дар муқоиса бо коркунон бо машоғили поин камтар аст. Ин амрро ба бархурдорӣ аз имконоти бештар барои коркунони машоғили боло ва ҳамчунин коркунони гурӯҳҳои аввал ва мутааллиқ ба табақоти болои шуғлӣ маҳоратҳои ҷадидро бо суръати болтаре фаро мегиранд, муассиртар аз гурӯҳи дувум қодир ба пешбинии мавқеиятҳо ҳастанд ва эҳсоси амнияти бештар ба қудрати тасмимгирии ҳадди матлубтаре доранд [18, 19]. Афроде, ки сатҳҳои поин аз сарсахтии даргирӣ бо фаъолиятҳои рӯзона, эҳсоси назорат ба рӯйдодҳо ва пазиро будани тағйиротро нишон медиҳанд, нумароти болотаре аз стресси шуғлиро доранд. Онҳо бавижа дар бӯъди хастагии отифӣ нумароти болотаре доранд [20].

Косто Маккарӣ дар назарияи худ панҷ вижагии муҳимми шахсиятро ба сурати зер муаррифӣ карданд:

**1. Равонранҷурӣ.** Равонранҷурӣ ба созгорӣ, суботи отифии фардӣ, носозгорӣ ва равоннажодӣ марбут аст. Доштани эҳсосоти манфӣ ҳамчун тарс, ғам, барангехтагӣ, хашм, эҳсоси гуноҳ, эҳсоси сардаргумӣ доимӣ ва фарогири мабнои ин миқёсро ташкил медиҳанд.

**2. Бурунгароӣ.** бурунгароҳо афроди иҷтимоӣ ҳастанд, аммо иҷтимоӣ будан фақат яке аз вижагиҳои ин афрод аст. Афзун бар ин ки онон дар амал қотеъ, фаъол ва ҳарроф ё аҳли гуфтугӯ ҳастанд, ин афрод ҳаяҷон ва тааҷҷубро дӯст доранд ва бар онанд, ки ба муваффақият дар оянда умедвор бошанд. Миқёси бурунгароӣ нишондиҳандаи алоқаи афрод ба тавсеаи санъат ва кори худ аст.

3. **Иньитофпазирӣ (кушодагӣ нисбат ба таҷриба).** Унсурҳои ташкилдиҳандаи кушодагӣ нисбат ба таҷриба, тасаввуроти фаъол, ҳассосият ба зебоӣ, таҷрибаҳои отифии дарунӣ ва довари мустақил мебошад. Ин афрод инсонҳое ҳастанд, ки дар борварии таҷрибаҳои дарунӣ ва дунёи перомунӣ кунҷков буда, зиндагии онҳо саршор аз таҷриба аст. Ин афрод толиби лаззат бурдан аз назарияҳои ҷадид ва арзишҳои ғайримутаориф ҳастанд ва дар муқоиса бо афроди вобаста эҳсосоти мусбат ва манфии бештаре доранд.

4. **Тавофуқ (созгорӣ).** ҳамонанди бурунгароӣ, шохиси тавофуқ бар гироишҳои иртиботи байнифардӣ таъкид доранд. Фарди мувофиқ асосан навъдӯст аст, бо дигарон эҳсоси ҳамдардӣ мекунад ва муштоқи кӯмак ба онон аст ва эътиқод дорад, ки дигарон низ бо вай ҳамин робитаро доранд. Дар муқоиса, шахси номувофиқ ё мухолиф, худмеҳвар буда, ба қасд ва ба нияти дигарон машкук аст ва бештар аҳли рақобат аст.

5. **Бовиҷдон будан (вазифашиносӣ).** Назорати хештан ба фароянди фаъоли тарроҳӣ, созмондиҳӣ ва иҷрои вазифаҳо гуфта мешавад ва тафовутҳои фардӣ дар ин замина, мабнои шохиси виҷдонӣ будан аст. Ба таври хулоса, ду вижагии умдаи тавоноии назорати таконаҳо ва тамоюлот ва бакоргирии тарҳу барнома дар рафтор, барои расидан ба ҳадафҳои мавриди баррасӣ, дар шохиси вазифашиносӣ қарор мегирад[21].

Модели панҷ омили бузурги шахсият барои муҳаққиқони алоқаманд ба шиносоии тафовутҳои фардӣ зербино дар шахсият, як кашфи бунёдӣ ба назар мерасад [22]. Дар маҷмӯъ модели панҷ омили бузургии гурӯҳшиносӣ фарогир бар панҷ омилӣ нисбатан пойдорӣ - кушодагӣ вазифашиносӣ, бурунгароӣ, созгорӣ ва равоннажадхӯист [23]. Модели панҷ омилии шахсият аз тариқи мутолиоти бисёре, ки боиси истифода аз таҳлили омилӣ ва бо меҳварияти сифатҳои шахсият анҷом шудааст, ба даст омад [24]. Ба ибораи дигар, Косто Маккарӣ бо истифода аз таҳлили омилӣ ба ин натиҷа расиданд, ки метавон байни тафовутҳои фардӣ дар хусусиётӣ шахсиятӣ, панҷ умдаро манзур кард.

**Равоннажодӣ:** ба тамоюли фард барои таҷрибаи изтироб, таниш, тараҳҳумҷӯйӣ, хусумат, таконишварӣ, афсурдагӣ ва иззати нафси поин бармегардад. Дар ҳоле ки бурунгароӣ: ба тамоюли фард барои мусбат будан ва самимӣ будан ишора мекунад, кушодагӣ, ба тамоюли фард барои кунҷковӣ, ишқи беҳунар, ҳунармандӣ, иньитофпазирӣ ва хирадварзӣ итлоқ мешавад. Дар ҳоле ки хушояндӣ тамоюли фард барои бахшандагӣ, меҳрубонӣ, саховат, ҳамдилӣ ва ҳамфикрӣ, навдӯстӣ ва эътимодварзиро нишон медиҳад. Саранҷом ин ки, вазифашиносӣ ба тамоюли фард барои муназзам будан, коро будан, қобилияти эътимод, худназмбахшӣ, пешрафтмадорӣ, мантиқӣ будан ва ором будан итлоқ мегардад [25].

Натиҷаҳои мутолиоти мухталиф нишон медиҳад, ки аз миёни сифатҳои шахсият, кушодагӣ (ҷустуҷӯйи эътимодӣ ва зарфияти мувоҷеҳ шудан бо падидаҳои ноошно аст) ва вазифашиносӣ (созмондиҳӣ, пушти кор ва ангезиш дар рафтори мубтанӣ бар ҳадаф) дар равоншиносии тарбиятӣ аз ҷойгоҳи вижае бархурдоранд. Аммо сифатҳои шахсиятии равоннажандӣ, бурунгароӣ ва хушояндӣ ба андозаи омилҳои кушодагӣ ва вазифашиносӣ дар пажӯҳишҳои анҷомшуда дар равоншиносии тарбиятӣ мавриди таваҷҷуҳ набудааст [26]. Шахсият як сохтори ғанӣ ва печида аст ва наметавон инсонҳоро дақиқан аз лиҳози шахсиятӣ ба табақаҳои мухталиф тақсим кард [27].

Айзенг инсонҳоро ба ду табақа бурунгаро ва дарунгаро табақабандӣ кардаст. Дарунгароҳо инсонҳое, ки мутаваҷҷеҳи ботини худ ҳастанд, беш аз ҳад сокитанд, худашонро дӯст доранд, ҳаргиз бо ангезаҳои лаҳзаӣ амал намекунанд, ҳамеша талош мекунанд дар муҳити сулҳомез зиндагӣ кунанд, дар иваз бурунгароҳо инсонҳои хушрафтор бо аъмол ва эҳсосоти зебо мебошанд, ки дигаронро дӯст доранд ва пурнишоту хушбин ҳастанд ва дар ниҳоят муташаккил аз вижагиҳои хос мебошанд [28].

Чандин пажӯҳиш нишон додааст, афроде, ки аз эҳсоси назорати фардии қавӣ бархурдор ҳастанд, камтар фарсуда мешаванд [29]. Ин афрод дар таклифҳои худ амалкарди беҳтаре доранд, камтар таҳти нуфузи дигарон қарор мегиранд ва барои маҳоратҳо ва пешрафтҳои худ арзиши волотаре бархурдоранд ва барои қабули масъулияти аъмоли худ омодагии бештаре доранд ва аз беҳдошти равонии беҳтаре бархурдоранд [30]. Пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, бархе вижагиҳои шахсиятӣ бо васвоси фикрӣ ва ошуфтагиҳои ҳаяҷонӣ ҳамроҳ аст [31]. Ҳаяҷонҳои манфии шохиси равони, ранҷурхӯйи аст ва ҳарчи фард камтар дорои ин хислат бошад, маънои бештаре дар зиндагиаш эҳсос мешавад [32].

Лозорус (1994) ҳамвора таъкид дорад, ки вақте фард бо як пешомади стресcзо рӯ ба рӯ мешавад, дар воқеъ бо ду манбаи стресс даргир мешавад: 1. Мавқеияти стрессовар. 2. Вокуниши фард нисбат ба ин мавқеият.

Бинобар ин, чигунагии рӯёрӯйии фард бо мушкилӣ метавонад аз шиддат ва фаровонии стресс муҳимтар бошад [33]. Сабки рафторӣ аз дидгоҳи Купер пархошгар, ҷоҳталаб, сахтгир, бетоб ба самти назорат ва ибрози вуҷуд шинохта шудааст, ки мумкин аст, агар ба самти мусбат роҳнамоӣ шавад, эҷоди короии боло кунад ё ба самти манфӣ бурда шавад, боиси фишори боло ва фарсудагии шуғлӣ дар фард бишавад [34].

Манобеи муқобила бо стрессҳо дар зиндагӣ маҷмӯаи печида аз омилҳои ҳаяҷонӣ, ангезишӣ, шинохтӣ ва вижагиҳои шахсиятӣ ҳастанд, ки заминаи лозимро барои равиши муқобила бо мавқеиятҳои стресcзо фароҳам мекунанд. Ба баёни дигар, манобеи муқобилаӣ иқдомҳои пешгирикунандаи иҷтимоӣ ва равоншинохтӣ ҳастанд, ки метавонанд эҳтимоли осебдидагии ношӣ аз танидагиро дар мувоҷеҳа бо рӯйдодҳои танидагизо, нишонаҳои дардии камтар дошта бошанд, ё ин ки пас аз мувоҷеҳа ба суръат беҳбуд ёбад [35].

Стресси шуғлӣ ба унвони як падидаи марбут ба кор ва муҳити корӣ аст, ки бурузи он вобаста ба омилҳое мебошад, ки эҳтимоли бурузи стресс ва нороҳатиҳои рӯҳиро боло мебарад ва ё боиси коҳиш ё адами бурузи стресс хоҳад шуд. Таҳқиқоти анҷомшуда ин масъаларо таъйид мекунад, ки афрод бо вижагиҳои шахсиятии мутафовит, стрессҳои мутафовитеро таҷриба мекунанд. Потел истидлол мекунад, ки афрод мунҳасир ба фард ҳастанд ва ду муаллимро пайдо намекунед, ки дар мавқеияти стресcзо аксуламали яксоне нишон диҳанд ва посухи онҳо вобастагии зиёде ба вижагии шахсиятии онҳо дорад. Як муаллим мумкин аст дар як мавқеияти бисёр стрезо як таҷриба дар назар бигирад, вале муаллими дигаре ба унвони чолиш ва ҳаяҷон ба он нигоҳ кунад [36].

Муаллимон бо омӯзиши таркибӣ аз оромиши физикӣ ва роҳбурдҳои шинохтӣ, аз ҷумла тамрини тахайюл, мавқеияти стресcзои оянда, инкори вазъияти стресcзо, тамринҳои бештар дар муҳити воқеӣ бо назорати худ, ё подош ба худ барои муқобила бо мавқеияти стресcзои интиқол ва давоми омӯзиш тасҳил мешавад. Зеро пешбинии стресс бо таъмини техникҳои муқобилаӣ дар тӯли замон рӯ ба хомӯшӣ меравад [37].

## АДАБИЁТ


1. Williams, M., & Gersh, I. (2004). Teaching in mainstream and special schools: are the stresses similar or different? British Journal of Special Education, 31(3): 157-162.
2. Smith F., Kaminstein A. and Makadok S. Workers with type tendenciesjournal ofmanagement. 27: 92-100, 1995.
3. Brockner A. Personality factors, self-esteem and work place, Journal of Applied Rehabilitation counseling. 28: 30-35, 1998.
4. Landsbergis PA. The changing organization of work and the safety and health of working people: Acommentary J. Occup Environ Med. 45:61-62, 2003.
5. Gold Y and Roth R. Teachers Managing Stress and Preventing Burnout. Washington, D.c. Taylor & Francis, 2005.
6. Шомлу Саид. Осебшиносии равонӣ/ Шомлу Саид. –Теҳрон: Рушд, 1382.
7. Шафеободӣ Абдулло. Роҳнамо ва мутолиаи шуғлӣ ва ҳирфаӣ ва назарияҳои интихоби шуғл/ Шафеободӣ Абдулло. – Теҳрон: Рушд, 1375.
8. Донои Комилиён. Сохтор ва ҳинҷорёбии пурсишномаи стресси шуғлӣ барои коркунони муҷтамаи фӯлоди муборакии Исфаҳон/ Донои Комилиён. //Поённомаи коршиносии аршади чопнашуда. Донишгоҳи Аллома Таботабоӣ. -Теҳрон, 1381.
9. Chan D.W. "Stress, Self-Delicacy, Social Support, and psychological Distress among prospective Chinese Teachers in Hong Kong". Educational Psychology. Vol. 22. No.5. PP:557-569. 2002.
10. Кримберг Ҷеролд. Назорати фишори равонӣ/ Кримберг Ҷеролд; Мутарҷимон Сиёмаки Худораҳмӣ ва Муҳсини Деҳҳонӣ. Баҳмани Наҷҷориён, Алии Шерафган. –Теҳрон: Рушд, 1387.
11. Абтаҳи Саидҳусайн. Мудирияти манобеи инсонӣ/ Абтаҳи Саидҳусайн. Маркази тавсеаи таҳқиқот ва омӯзиши мудирият. - Караҷ, 1386.
12. Kyriacou c, & Sutcliffe J. Teacher stress: Prevalence, sources, and symptoms. British Journal of Educational Psychology, 48, 159- 167, 1978.
13. Шултс Дон. Назарияи шахсият/ Шултс Дон, Сидни Элен; Тарҷумаи Карими Юсуф. –Теҳрон: Арасборон, 1386. –Ч. 6.
14. Ҳеҷел Лорин, Зидлер Даниел. Назарияҳои шахсият/ Ҳеҷел Лорин, Зидлер Даниел; Тарҷумаи Аскар Алӣ. Интишороти Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Саве. -1379.
15. Сойибонфард Заҳро. Стресс дар муҳити кор/ Сойибонфард Заҳро. // Маҷаллаи «Тадбир». -1381. -№ 117.
16. Bunker S.J., Colquhoun D.M., Esler M.D., Hickie I.B, Hunt D., Jelinek V.M., Oldenburg B.F., Peach H.G., Ruth D., Tennant C.C., Tonkin A.M. "Stress" and coronary heart disease: psychosocial risk factors. Med J Aust;178(6):272-6, 2003.
17. Schabroek A., Sime F., and Mayes J: Psycho behavioral risk factor and coronary-artery disease, Journal of Management. 25: 42-56, !995.
18. Kavasek B., and Theorell F. The interactionist approach and occupational stress, Journal of applied psychology. 42:139-152, 1990.
19. King J. Cardiovascular mortality in the lower and upper-class occupations, Journal of Rehabilitation, 61 (1):13-19, 1995.
20. Garrosa E., Moreno-Jimenze B., Liang Y. & Gonzalez J.I. The relationship between socio-demographic variables, job burnout, and hardy personality in nurses: an exploratory study. International Journal of Nursing studies. 2006.
21. Гаруси Фаршӣ Миртақӣ. Рӯйкардҳои навин дар арзишёбии шахсият/ Гаруси Фаршӣ Миртақӣ. –Табрез: ҷомеапажӯх, 1380.
22. Korotkov D., & Hannah T.E. The five-factor model of personality: strengths and limitations in predicting health status, sick-role and illness behaviour. Personality and Individual Differences, 36, 187-199, 2004.
23. Korotkov D., & Hannah T.E. The five-factor model of personality: strengths and limitations in predicting health status, sick-role and illness behaviour. Personality and Individual Differences, 36, 187-199, 2004.
24. Zhang L. Thinking styles and the big five personality ratites revisited.Persoanlity and Individual Differences, 40, 1177-1187, 2006.

25. Haren E., & Mitchell C.W. Relationships between the five-factor personality Model and coping styles. Psychology & Education: An Interdisciplinary Journal, 40 (1), 38-49, 2003.
26. Diseth A. Personality and approaches to learning as predictors of academic achievement. European Journal of Personality, 17, 143-155, 2003.
27. Hampson S.E. Constructions Of Personality, Florence, Ky, Usa: Routledge. Jackson M., (2006), "Personality Traits and Occupational Attainment", Europan Sociological Review, 22 (2):187-199, 1988.
28. Costa P.T.& Mc.crae. R.R. Designed to measure five major dimension or domains of normal adult personality. Odessa, f11: psychological assessment resources. 2000.
29. Соро Фину. Равоншиносии саломат/ Соро Фину; Тарҷумаи Илоҳаи Мирзоӣ ва ҳамкорон. –Теҳрон: Рушд, 1384.
30. Каримӣ. Равоншиносии иҷтимоии назарияҳо, мафҳумҳо ва корбурдҳо/ Соро Фину. –Теҳрон: Арасборон, 1384.
31. Abdi S. [Causal relation of perspective taking, emotional comparing, sex role orientation, selfmonitoring, and emotion regulation with emotional empathy of university students]. MS. Dissertation. Tabriz: Tabriz University, College of educational and psychology, 39-44. (Persian), 2007.
32. Abdi S. [Causal relation of perspective taking, emotional comparing, sex role orientation, selfmonitoring, and emotion regulation with emotional empathy of university students]. MS. Dissertation. Tabriz: Tabriz University, College of educational and psychology, 2007: 39-44. (Persian).
33. Cooper C., & Bramwell R. A comparative analysis of occupational stress in managerial and shop floor workers in the brewing industry: Mental health, job satisfaction and sickness. Work and Stress, 6, 127-138, 1992.
34. Sarafino E.P. Health psychology; translation of Elahe Mirzai et al.(2007). Tehran: Roshd Press. [Persian]. 2002.
35. Fisher S. (1994). Stress in Academic Life. Buckingham: Open University Press.
36. Meichenbaum D. Stress inoculation training: A twenty year update. In R.L. Woolfolk and P.M. Lehrer (Eds.), Principles and practices of stress management. New York: Guildford Press. 1993.

### СВЯЗЬ МЕЖДУ ИНДИВИДУАЛЬНЫМИ ОСОБЕННОСТЯМИ И СТЕПЕНЬЮ ПРИОБРЕТЕННОГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО СТРЕССА У УЧИТЕЛЕЙ

В данной статье автором рассмотрена связь между индивидуальными особенностями и степенью приобретенного профессионального стресса у учителей. Изучение влияния условий труда на здоровье и психическое благополучие человека имеет огромное значение. Стрессам, связанным с трудовой деятельностью, в последнее время уделяется повышенное внимание. Стрессы негативно сказываясь нп соматическое и психическое состояние, влияют на продуктивность деятельности работников

**Ключевые слова:** педагогическая деятельность, индивидуальные особенности педагога, профессиональный стресс, эффективность деятельности, состояниям нервно-психической напряженности.

### THE RELATIONSHIP BETWEEN INDIVIDUAL CHARACTERISTICS AND THE DEGREE ACQUIRED IN OCCUPATIONAL STRESS AMONG TEACHERS

In this article the author considers the relationship between individual characteristics and the degree acquired in occupational stress among teachers. Study of the influence of working conditions on health and mental well-being is of great importance. Stress related to work activity, recently received increased attention. Stress negatively impacting NP somatic and mental state, affect the productivity of the employees

**Key words:** pedagogical activity, the individual characteristics of the teacher, professional stress, performance, conditions of nervous and mental tension.

**Сведения об авторе:** ***Захро Бахорванди Эронниё*** – соискатель Академии образования Таджикистана

## БАРРАСИИ АВОМИЛИ МУАССИР БАР НИШОТИ ҶАВОНОНИ ОСТОНИ ИЛОМ

***Амир Меҳрдодӣ***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Таъмин, ҳифз ва иртиқои саломатии мардум яке аз муҳимтарин аҳдофи ҷомеа аст. Имрӯз саломатӣ, рифоҳи комили ҷисмӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ аст ва на фақат набудани бемори ё нотавонӣ. Мафоҳиме монанди ризоят аз худ ва зиндагӣ ва беҳзистӣ дар таърифи саломатии равонӣ аз шохисҳои мавриди таваҷҷуҳи Созмони беҳдошти ҷаҳонӣ мебошад, ки бо авотифи бузурге монанди лаззат, оромиш, нишот ва шодӣ ҳамроҳ аст. Шодӣ дар ҳавзаи равоншиносӣ як ҳаяҷони мусбат аст. Шодӣ як эҳсоси пойдор дар ҳаяҷонҳои мусбат ва дарки воқеияти зиндагӣ мебошад. Шодкомиро метавон як рӯйкард ва эҳсоси хушоянди пойдор таъриф кард. Шодкомӣ ва саломатии зеҳнӣ дарбаргирандаи эҳсосоти мусбат монанди лаззат, оромиш, ҳисси чараён доштан ва шефтагӣ дар зиндагӣ аст.

Асарпазирӣ ё отифапазирии мусбат бо фаъолияти физикии муназзам, хоби кофӣ, иртиботи иҷтимоии мутаориф бо дӯстон ва ошноён ва талош барои расидан ба аҳдофи арзишманди шахсӣ ҳамроҳ аст. Шодӣ вожае аст, ки маънои мухталифе чун лаззати онӣ, лаззати тӯлонимуддат ва лаззат аз кулли зиндагиро шомил мешавад. Бисёре аз равоншиносон бар ин боваранд, ки дар мафҳуми шодӣ ҳадди ақал се ҷузъи асосӣ - отифӣ, иҷтимоӣ ва шинохтӣ вуҷуд дорад. Ҷузъи отифӣ боиси ҳолати ҳаяҷони мусбат, ҷузъи иҷтимоӣ мунҷар ба равобити иҷтимоии густурда ва мусбат бо дигарон ва ҷузъи шинохтӣ муҷиби бархурдорӣ аз тафаккуре мешавад, ки ваҳоеи рӯзмарраро бо хушбинӣ таъбир ва тафсир мекунад. Шодмонӣ ишора ба эҳсоси мусбат дорад, ки бо калимоте чун ризоиятмандӣ ва баҳраварзӣ баён мешавад. Шодмонӣ дар манобеи мухталиф бо вожаҳое чун хушҳолӣ, ризоият аз зиндагӣ, эҳсосоти мусбат, зиндагии маънодор ва ғайра баён шудааст.

Яке аз вожаҳое, ки мукарраран дар мурури мутун муодили шодкомӣ ба кор рафтааст, вожаи бахраварзӣ мебошад. Баҳраварзӣ умдатан ба унвони як омили ҷисмӣ ва сururу сархушӣ ба унвони як

омили зеҳнӣ ва дарунӣ ба кор меравад. Баҳраварзиро метавон ба таври кул шомили таодул байни аҷзои мухталифи зиндагӣ, мисли аҷзои эҳсосӣ, мазҳабӣ ва ҷисмонии фард донист, ки метавонад сабаби шодмонӣ ва зиндагии хуб дар фард шавад (Ричард Истрлин, 2002). Натоиҷи пажӯҳиши Мейерз (2000) ва Пейерсон (2000) нишон додааст, ки шодӣ метавонад саломати ҷисмонӣ ва равониро беҳбуд бахшад. Шелдон ва Шед (2005) муътақиданд, ки ҳар фард улгуеро барои шодӣ ё ношодӣ дорад, ки боис мешавад иттифоқоти худро ба гунае таъбир кунад, ки боиси ҳифзи шодиаш шавад. Ба таври куллӣ, онҳо афроди шод ба шароит ва иттифоқот ба шеваи мусбаттар ва созгоронатаре посух медиҳад ва дорои сатҳи стресси камтар ва системаи имании қавитар ва халлоқтар аз афроди ношод ҳастанд.

Таҳқиқот нишон додааст, ки доштани чанд робитаи маҳдуд ва наздик бо дигарон, бо шодкомӣ, ризоият аз зиндагии заношӯйӣ, саломатии зеҳнӣ ва беҳдошти равонӣ ҳамбастагӣ дорад. Силигман (2000) изҳор медорад, ки шахсоне ки умури мазҳабиро ба ҷо меоваранд, шодтар аз соири ашхос ҳастанд. Ин таҳқиқ аз навъи равиш тавсифӣ аст. Таҳқиқоти тавсифӣ муҳаққақ ба дунболи чӣ гуна будани мавзӯъ аст ва ба тавсифи манзум ва низомдори вазъияти феълии он мепардозад.Ҷомеаи оморӣи ин таҳқиқро тамоми ҷавонони остони Илом дар маҳдудаи синнии 15 то 29-сола дар соли 1391 ташкил дода, ки теъдоди куллии онҳо баробар бо 209893 нафар гузориш шудааст. Барои таъйини ҳаҷми намуна аз формулаи намунагирии Кукарон истифода шуда, ҳаҷми намуна бар ин асос 385 нафар бароварда шуд, ки ба манзури итминон аз таъмими натоиҷи намуна ба ҷомеа ва бо таваҷҷуҳ ба эҳтимоли уфти намуна ҳаҷми намунаи оморӣ 500 нафар дар назар гирифта шудааст.

Абзори намунагирӣ дар ин пажӯҳиш шомили ду пурсишнома будааст. Пурсишномаҳои аввал, ки аз як пурсишнома муҳаққақ сохта шуда буд, аз 46 савол ташкил шуда, ки 39 саволи он аз навъи бастаи посух ва 7 саволи он боз посух будааст. Ин абзор ба манзури мутолиа ва санҷиши мутағайирҳои демографӣ, мизони фароғати ҷавонон, навҳи гузаронидани вақти фароғат, мизони пардохтан ба фаъолиятҳои варзишӣ, фаъолиятҳои фарҳангӣ-ҳунарии мавриди алоиқи ҷавонон, муддати замони мутолиаи онон, мавзӯи мушорикат дар фаъолиятҳои нишотовар ва баррасии таъсири бархурдорӣ аз ҳимояти дигарон, риояти усули ахлоқӣ, доштани низом ва барномарезӣ ва мушорикат додани ҷавонон дар тасмимгириҳо дар афзоиши нишоти ҷавонон пардохта шудааст.

Ниҳоят ин пурсишнома 29 модда дорад. Пажӯҳишҳои зиёде дар мавриди эътибор ва пӯёии он анҷом гирифтааст. Арҷил ва ҳамкорон зариби алфаи 0,90-ро бо 347 озмуданӣ, Форнҳом ва Бурянг (1900) алфаи 0,87 бо 180 озмуданӣ ва Нур (1993) бо фарми кӯтоҳтаре аз пурсишномаи шодкомии Оксфорд алфаи 0,84 бо 180 озмуданӣ ба даст овардаанд. Ҳамчунин Френсис дар як баррасии миёнфарҳангӣ дар кишварҳои Англия, Амрико, Австарлия ва Канада ба тартиби зариби алфаи 0/89,0/90, 0/89ва 0/89-ро гузориш кардааст. Валиант (1993) зимни ба даст овардани пӯёии бозозмоии пурсишномаи шодкомии Оксфорд равшан сохт, ки мизони он аз пӯёии пурсишномаи саломатии умумӣ ва муқоисаи афсурдагӣ бештар аст.

Дар пажӯҳиш фарзиёти зер мавриди баррасӣ қарор гирифтааст:

1. Ғанисозии вақти фароғати ҷавонон дар нишоти онон муассир аст.
2. Бархурдорӣ аз ҳимояти дигарон дар нишоти ҷавонон муассир аст.
3. Риояти усули ахлоқӣ дар нишоти ҷавонон муассир аст.
4. Доштани низом ва барномарезӣ дар зиндагӣ дар нишоти ҷавонон муассир аст.
5. Мушорикат додани ҷавонон дар тасмимгириҳо дар нишоти ҷавонон муассир аст.
6. Байни мизони шодии духтарон ва писарон тафовут вуҷуд дорад.
7. Байни мизони шодии ҷавонон бар асоси вазъияти таахҳул тафовут вуҷуд дорад.
8. Байни мизони шодии ҷавонон бар асоси таҳсилот тафовут вуҷуд дорад.

Ёфтаҳои пажӯҳиш:

**Ҷадвали 1. Натоиҷи озмуни t - таки мутағайира дар робита бо баррасии таъсири ғанисозии вақти фароғат дар нишоти ҷавонон**

| Мутағайир | Теъдод | Миёнгин | Инҳирофи меъёр | Миқдори t | Df | Сатҳи маънодорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Парт шудан вақти фароғат | 2<br>36 | 7<br>2/12 | 7<br>0/73 | 6<br>78/77 | 2<br>35 | 0<br>0/00 |

Таҳлил ва арзёбии вақти фароғати ҷавонон дар афзоиши нишоти онон гӯёи ин аст, ки таъсири ғанисозии вақти фароғат бо $\bar{x}$ =2/712 ва SD= 0/772 , бо t=78/677 дар сатҳи α≤0/01 маънодор будааст. Ба ибораи дигар, аз он ҷое ки миёнгини бадастомада 2/71 ба таври маънодоре аз миёнгини назарӣ ва қобили қабул барои кулли ҷавонон болотар мебошад, баёнгари дидгоҳи мусбати ҷавонон дар мавриди таъсири мусбати ғанисозии вақти фароғат дар нишоти онон мебошад.

**Ҷадвали 2. Натоиҷи озмуни t таки мутағайира дар робита бо баррасии таъсири бархурдорӣ аз ҳимояти дигарон дар нишоти ҷавонон**

| Мутағайир | Теъдод | Миёнгин | Инҳирофи меъёр | Миқдори t | D f | Сатҳи маънодорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бархурдорӣ аз ҳимояти дигарон | 2<br>36 | 1<br>2/5 | 7<br>0/1 | 2<br>46/2 | 2<br>35 | 0<br>0/00 |

Бо ҳадафи баррасии таъсири бархурдорӣ аз ҳимояти дигарон дар нишоти ҷавонон ва ба иборате арзёбии ин ки оё миёнгини назароти ҷавонони остон дар ин замина ба таври маънодоре аз 1/5 (миёнгини назарӣ ва қобили қабул барои кулли ҷавонон) ихтилоф дорад ё не озмуни **t** таки намунавӣ иҷро шудааст. Натоиҷ нишондиҳандаи он аст, ки бархурдорӣ аз ҳимояти дигарон бо $\bar{X}$ =2/15 ва SD= 0/71 бо t=46/22 дар сатҳи α≤0/01 маънодор мебошад. Аз он ҷо ки миёнгини намунавӣ болотар аз миқдори озмун, яъне 1/5 мебошад, баёнгари дидгоҳи мусбати ҷавонон дар мавриди таъсири бархурдорӣ аз ҳимояти дигарон дар нишоти онон мебошад.

**Ҷадвали 3. Натоиҷи озмуни t таки мутағайира дар робита бо риояти усули ахлоқӣ дар нишоти ҷавонон**

| Мутағайир | Теъдод | Миёнгин | Инҳирофи меъёр | Миқдори t | D<br>f | Сатҳи маънодорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Риояти усули ахлоқӣ | 2<br>36 | 7<br>2/8 | 4<br>0/4 | 6<br>96/8 | 2<br>35 | 0<br>0/00 |

Бо ҳадафи баррасии таъсири риояти усули ахлоқӣ дар нишоти ҷавонон ва ё ба ибораи дигар, арзёбии ин ки оё миёнгини назароти ҷавонони остон дар ин замина ба таври маънодор аз 1/5 (миёнгини назарӣ ва қобили қабул барои кулли ҷавонон) ихтилоф дорад ё не, озмуни **t** таки намунавӣ иҷро шудааст ва натоиҷ нишондиҳандаи он аст, ки риояти усули ахлоқӣ бо $\bar{X}$ =2/78 ва SD= 0/44 бо t=96/68 дар сатҳи P≤0/01 тафовут маънодор мебошад. Аз он ҷо ки миёнгини намунавӣ болотар аз миқдори озмун, яъне 1/5 мебошад, баёнгари дидгоҳи мусбати ҷавонон дар мавриди таъсири риояти усули ахлоқӣ дар нишоти онон мебошад.

**Ҷадвали 4. Натоиҷи озмуни t таки мутағайира дар робита бо баррасии таъсир доштани низом ва барномарезӣ дар нишоти ҷавонон**

| Мутағайир | Теъдод | Миёнгин | Инҳирофи меъёр | Миқдори t | D<br>f | Сатҳи маънодорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Таъсири низом ва барномарезӣ | 2<br>36 | 2<br>2/9 | 6<br>0/06 | 6<br>57/99 | 2<br>35 | 0<br>0/00 |

Ба манзури баррасӣ ва таҳлили таъсир доштани низом ва барномарезӣ дар нишоти ҷавонон ба иборате арзёбии ин ки оё миёнгини назароти ҷавонони остон дар ин замина ба таври маънодор аз 1/5 (миёнгини назарӣ ва қобили қабул барои кулли ҷавонон) ихтилоф дорад ё не, озмуни **t** таки намунавӣ иҷро шудааст. Натоиҷ нишондиҳандаи ин аст, ки таъсир доштани низом ва барномарезӣ бо $\bar{X}$ =2/29 ва SD= 0/606 бо t=57/699 дар сатҳи P≤0/01 тафовут маънодор мебошад. Аз он ҷо ки миёнгини намунавӣ болотар аз миқдори озмун, яъне 1/5 мебошад, баёнгари дидгоҳи мусбати ҷавонон дар мавриди таъсир доштани низом ва барномарезӣ дар нишоти онон мебошад.

**Ҷадвали 5. Натоиҷи озмуни t таки мутағайира дар робита бо баррасии таъсири мушорикат додани ҷавонон дар тасмимгириҳо дар нишоти онон**

| Мутағайир | Теъдод | Миёнгин | Инҳирофи меъёр | Миқдори t | D<br>f | Сатҳи маънодорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Мушорикат додани ҷавонон дар тасмимгириҳо | 2<br>35 | 2<br>2 | 6<br>0/98 | 3<br>48/7 | 2<br>34 | 0<br>0/00 |

Барои таҳлил ва баррасии таъсири омили мушорикат додани ҷавонон дар тасмимгирӣ дар афзоиши нишоти онон ва ё ва ба ибораи дигар, арзёбии ин ки оё миёнгини назароти ҷавонон дар ин замина ба таври маънодор аз 1/5 (миёнгини назарӣ ва қобили қабул барои кулли ҷавонон) ихтилоф дорад ё не, озмуни **t** таки намунавӣ иҷро шудааст. Натоиҷ нишондиҳандаи он аст, ки таъсири омили мушорикат додани ҷавонон дар тасмимгирӣ бо $\bar{X}$ =2/2 ва SD= 0/698 бо t=48/37 дар сатҳи P≤0/01 тафовут маънодор мебошад. Аз он ҷо ки миёнгини намунаи болотар аз миқдори озмун, яъне 1/5 мебошад, баёнгари дидгоҳи мусбати ҷавонон дар мавриди таъсири истифода аз мушорикати донишҷӯён дар тасмимгириҳо дар афзоиши нишоти онон мебошад.

**Ҷадвали 6. Натиҷаи озмуни t мустақил дар робита бо маънодории тафовути мизони нишоти ҷавонони духтар ва писар**

| Мутағайир | Теъдод | Миёнгин | Инҳирофи меъёр | Миқдори t | Df | Сатҳи маънодорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Писар | 27<br>8 | 61<br>38 | 8<br>17/3 | 9<br>-0/44 | 5<br>04 | 0/919 |
| Духтар | 22<br>8 | 40/1 | 3<br>17/3 | | | |

Таҳлили тафовути мизони нишоти ҷавонони писар ва духтар бо озмуни t мустақил нишондиҳандаи он аст, ки $\bar{X}$ =38/61 ва SD=17/83 барои ҷавонои писар ва $\bar{X}$ =40/1 ва SD=17/33 барои ҷавонони духтар бо t=-/944 ва P≤0/919 маънодор набудааст. Ба ибораи дигар, байни нумароти нишоти ҷавонони писар ва духтар тафовути маънодоре мушоҳида нашудааст.

**Ҷадвали 6. Натиҷаи озмуни t мустақил дар робита бо маънодории тафовути мизони нишоти ҷавонон бар ҳасбу вазъияти тааҳҳул**

| Мутағайир | Теъдод | Миёнгин | Инҳирофи меъёр | Миқдори t | Df | Сатҳи маънодорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Мучаррад | 4<br>24 | 0<br>39/8 | 3<br>17/8 | 0<br>0/80 | 4<br>97 | 4<br>0/69 |
| Мутааҳҳил | 7<br>5 | 0<br>38/9 | 4<br>18/5 | | | |

Таҳлили тафовути мизони нишоти ҷавонони муҷаррад ва мутааҳҳил бо озмуни t мустақил нишондиҳандаи ин аст, ки $\bar{x}$ =39/08 ва SD=17/38 барои ҷавонони муҷаррад $\bar{x}$ =38/09 ва SD=18/45 барои ҷавонони мутааҳҳил бо t=0/080 ва P≤0/919 маънодор набудааст. Ба ибораи дигар, байни нумароти нишоти ҷавонони писар ва духтар тафовути маънодоре мушоҳида нашудааст.

**Ҷадвали 8. Хулосаи натоиҷи таҳлили варианти нумароти шодии ҷавонон бар ҳасби сатҳи таҳсилот**

| Манбаи тағйирот | Маҷмӯи уҷазвирот | Дараҷаи озодӣ | Миёнгини муҷазвирот | f | Sig |
|---|---|---|---|---|---|
| Байнигурӯҳӣ<br>Дарунгурӯҳӣ | /077<br>1037<br>/943<br>155497<br>/020<br>156535 | 4<br>50<br>1<br>50<br>5 | /269<br>259<br>/375<br>310 | 8<br>0/35 | 0/503 |

Таҳлили ёфтаҳо баёнгари он аст, ки таҳсилот асари маънодоре бар миёнгини нумароти шодии онон надорад ва миёнгини нумароти шодии ҷавонон дар сутӯҳи мухталифи таҳсилотӣ яксон буда, тафовути мушоҳида шуда дар миёнгинҳо маънодор нест.

**Ҷадвали 9. Натиҷаи озмуни t мустақил дар робита бо маънодории тафовути мизони нишоти ҷавонон бар асоси маҳалли сукунат**

| Мутағайир | Теъдод | Миёнгин | Инҳирофи меъёр | Миқдори t | D f | Сатҳи маънодорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шаҳр | 3<br>48 | 7<br>39/5 | 6<br>18/2 | 8<br>0/51 | 4<br>84 | 0<br>0/01 |
| Русто | 1<br>38 | 2<br>38/4 | 0<br>15/5 | | | |

Бо ҳадафи таҳлили тафовути мизони нишоти ҷавонони сокини шаҳр ва русто аз озмуни **t** мустақил истифода шудааст. Натиҷа ин аст, ки $\bar{x}$ =39/75 ва SD=18/62 барои ҷавонони сокини шаҳр бо $\bar{x}$ =38/24 ва SD=15/05 барои ҷавонони сокини русто бо t=0/851 дар сатҳи P≤0/01 тафовут маънодор будааст. Ба ибораи дигар, ҷавонони сокини шаҳр нисбат ба ҷавонони сокини русто аз нишот ва шодмонии бештаре бархурдор будаанд.

**Ҷадвали 10. Натиҷаи озмуни t мустақил дар робита бо маънодории тафовути мизони нишоти ҷавонон бар асоси навъи шуғл**

| Мутағайир | Теъдод | Миёнгин | Инҳирофи меъёр | Миқдори t | D f | Сатҳи маънодорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Идорӣ | 1<br>04 | 3<br>43/9 | 6<br>18/5 | 7<br>1/6 | 1<br>79 | 7<br>0/19 |
| Озод | 7<br>7 | 3<br>38/9 | /2<br>19 | | | |

Ба манзури баррасӣ ва таҳлили тафовути мизони нишоти ҷавонони дорои шуғли идорӣ ва шуғли озод аз озмуни **t** мустақил истифода шудааст. Натоиҷ нишондиҳандаи он аст, ки $\bar{x}$ =43/39 ва SD=18/65 барои ҷавонони дорои шуғли идорӣ бо $\bar{x}$ =38/39 ва SD=19/2 барои ҷавонони дорои шуғли озод бо t=1/76 дар сатҳи P≤0/719 тафовут маънодор будааст. Байни нишоти ду гурӯҳи ҷавонон дорои шуғли идорӣ ва дорои шуғли озод тафовути маънодор мушоҳида нашудааст.

**Ҷадвали 11. Натиҷаи озмуни t мустақил дар робита бо маънодории тафовути мизони нишоти ҷавонон бар асоси анҷом додани варзиш**

| Мутағайир | Теъдод | Миёнгин | Инҳирофи меъёр | Миқдори t | D f | Сатҳи маънодорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Анҷом додани варзиш | 3<br>05 | 1<br>41/8 | 6<br>17/7 | 8<br>2/2 | 4<br>48 | 0<br>0/05 |
| Анҷом надодани варзиш | 1<br>85 | 5<br>36/8 | 3<br>17/3 | | | |

Бо ҳадафи таҳлили тафовути мизони нишоти ҷавононе, ки варзиш мекунанд бо ҷавононе, ки варзиш намекунанд аз озмуни **t** мустақил истифода шудааст. Натоиҷ нишондиҳандаи он аст, ки $\bar{x}$ =41/18 ва SD=17/67 барои ҷавонони варзишгар бо $\bar{x}$ =36/58 ва SD=15/05 барои ҷавонони ғайриварзишгар бо доштани t=2/82 дар сатҳи P≤0/01тафовут маънодор будааст. Ба ибораи дигар, ҷавонони варзишгар нисбат ба ҷавононе, ки аз варзиш дуранд, аз нишоти болотаре бархурдор будаанд.

**Ҷадвали 12. Натиҷаи озмуни t мустақил дар робита бо маънодории тафовути мизони нишоти ҷавонони шоғил ва ғайришоғил**

| Мутағайир | Теъдод | Миёнгин | Инҳирофи меъёр | Миқдори t | D f | Сатҳи маънодорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шоғил | 1<br>78 | 4<br>42/3 | 3<br>19/4 | 0<br>3/4 | 5<br>00 | 0<br>0/04 |
| Бекор | 3<br>24 | 4<br>37/6 | /4<br>16 | | | |

Тафовути мизони нишоти ҷавонони шоғил ва бекор бо озмуни **t** мустақил мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Натоиҷ нишондиҳандаи он аст, ки $\bar{X}$ =42/43 ва SD=19/34 барои ҷавонони шоғил ва $\bar{X}$ =37/46 ва SD=16/4 барои ҷавонони бекор бо доштани t=3/4 дар сатҳи P≤0/01тафовут маънодор будааст. Ҷавонони шоғил аз нишоти болотаре нисбат ба ҷавонони бекор бархурдор будаанд.

**Ҷадвали 13. Растабандии мавонеи ширкати ҷавонони писар дар фаъолиятҳои нишотовар**

| Рутба | Омил | Рутба | Омил |
|---|---|---|---|
| 1 | Набудани имкони муносиби тафреҳи нишотовар | 17 | Маҳдудиятҳои хонаводагӣ |
| 2 | Адами тавaҷҷуҳ ба алоиқ ва хостаҳои ҷавонон | 18 | Адами ҳимояти отифӣ тавассути волидайн |
| 3 | Фақри маконҳои тафреҳӣ аз назари имконот | 19 | Камбуди вақт |
| 4 | Шодоб набудани барномаҳои ироашуда | 20 | Дӯстони нобоб ва вақти талаф |
| 5 | Адами танаввӯи фаъолиятҳо | 21 | Фиқдони ироаи барномаи нишотовар дар маҳаллизиндагӣ |
| 6 | Адами шинохти тавонмандиҳои ҷавонон | 22 | Тасаллути моддиёт дар зиндагӣ |
| 7 | Адами ишоаи фарҳанги нишот дар ҷомеа | 23 | Ташвиқ нашудан тавассути хонавода |
| 8 | Надоштани сармоя | 24 | Шикаст |
| 9 | Нотавонӣ дар таъмини ҳазинаи зиндагӣ | 25 | Танбалӣ |
| 10 | Пурҳазина будани фаъолиятҳои нишотовар | 26 | Афкори манфӣ |
| 11 | Надоштани барномарезӣ | 27 | Муносиб набудани вақти барнома |
| 12 | Ношохис будани аҳдоф | 28 | Надоштани макони собити зиндагӣ |
| 13 | Имтиҳони вурудӣ ва нигаронии таҳсилӣ | 29 | Камравӣ ва поин будани эътимод ба нафс |
| 14 | Адами ошноӣ бо равишҳои нишотовар | 30 | Эътиёд |
| 15 | Беҳавсалагии ҷавонон | 31 | Фаромӯш шудани бозиҳо ва барномаҳои маҳаллӣ ва суннатӣ |
| 16 | Адами таваҷҷуҳи хонавода ба истеъдодҳои ҷавонон | | |

**Ҷадвали 14. Рутбабандии мавонеи ширкати ҷавонони духтар дар фаъолиятҳои нишотовар**

| Рубта | Омил | Рубта | Омил |
|---|---|---|---|
| 1 | Набудани имкони муносиби тафреҳи нишотовар | 16 | Маҳдудиятҳои хонаводагӣ |
| 2 | Фақри маконҳои тафреҳӣ аз назари имконот | 17 | Адами таваҷҷуҳи хонавода ба истеъдодҳои ҷавонон |
| 3 | Адами таваҷҷуҳ ба алоиқ ва хостаҳои ҷавонон | 18 | Камбуди вақт |
| 4 | Пурҳазина будани фаъолиятҳои нишотовар | 19 | Адами ҳимояти отифӣ тавассути волидайн |
| 5 | Имтиҳони вурудӣ ва нигаронии таҳсилӣ | 20 | Ташвиқ нашудан тавассути хонавода |
| 6 | Шодоб набудани барномаҳои ироашуда | 21 | Шикаст |
| 7 | Адами танаввӯи фаъолиятҳо | 22 | Фиқдони ироаи барномаи нишотовар дар маҳалли зиндагӣ |
| 8 | Надоштани барномарезӣ | 23 | Тасаллути моддиёт дар зиндагӣ |
| 9 | Ношохис будани аҳдоф | 24 | Танбалӣ |
| 10 | Адами ошноӣ бо равишҳои нишотовар | 25 | Муносиб набудани вақти барнома |
| 11 | Надоштани сармоя | 26 | Беҳуда таллақӣ кардани фаъолиятҳои нишотовар |
| 12 | Нотавонӣ дар таъмини ҳазинаи зиндагӣ | 27 | Афкори манфии ҷавонон |
| 13 | Адами ишоаи фарҳанги нишот дар ҷомеа | 28 | Камравӣ ва поин будани эътимод ба нафс |
| 14 | Маҳдудиятҳои хонаводагӣ | 29 | Надоштани макони собити зиндагӣ |
| 15 | Беҳавсалагии ҷавонон | 30 | Фаромӯш шудани бозиҳо ва барномаҳои маҳаллӣ ва суннатӣ |

**Ҷадвали 15. Рутбабандии мавонеи ширкати ҷавонони остон дар фаъолиятҳои нишотовар (густураи нумра аз 0 то 20)**

| Рутба | Миёнгин | Авомил |
|---|---|---|
| 1 | 2515 | Авомили мудириятӣ |
| 2 | 1214 | Авомили фардӣ |
| 3 | 6513 | Авомили иқтисодӣ |
| 4 | 4512 | Авомили фарҳангӣ-иҷтимоӣ |
| 5 | 12/2 | Авомили хонаводагӣ |

Бо таваҷҷуҳ ба додаҳои ҷадвали фавқ ҷавонони остон муҳимтарин мавонеи ширкат дар фаъолиятҳои нишотоварро омили мудириятӣ, сипас авомили фардӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва хонаводагӣ доштаанд.

**Ҷадвали 16. Рутбабандии мавонеи ширкати ҷавонони писар дар фаъолиятҳои нишотовар (густураи нумра аз 0 то 20)**

| Рутба | Миёнгин | Авомил |
|---|---|---|
| 1 | 15/45 | Авомили мудириятӣ |
| 2 | 15/38 | Авомили иқтисодӣ |
| 3 | 13/3 | Авомили фардӣ |
| 4 | 12/24 | Авомили хонаводагӣ |
| 5 | 12/09 | Авомили фарҳангӣ-иҷтимоӣ |

Додаҳои ҷадвали фавқ баёнгари он аст, ки ҷавонони писари остон муҳимтарин мавонеи ширкат дар фаъолиятҳои ниშотоварро ба тартиби авомили мудириятӣ, иқтисодӣ, фардӣ, хонаводагӣ ва фарҳангӣ-иҷтимоӣ зикр гардидаанд.

**Ҷадвали 17. Рутбабандии мавонеи ширкати ҷавонони духтар дар фаъолиятҳои ниშотовар (густураи нумра аз 0 то 20)**

| Рутба | Миёнгин | Авомил |
|---|---|---|
| 1 | 15/24 | Авомили мудириятӣ |
| 2 | 15/15 | Авомили фардӣ |
| 3 | 13 | Авомили фарҳангӣ-иҷтимоӣ |
| 4 | 12/35 | Авомили хонаводагӣ |
| 5 | 12/11 | Авомили иқтисодӣ |

Бо таваҷҷуҳ ба додаҳои ҷадвали фавқ, ҷавонони духтари остон муҳимтарин мавонеи ширкат дар фаъолиятҳои ниშотоварро ибтидо омили мудириятӣ ва сипас мавонеи фардӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодӣ доштаанд.

Аз авомиле, ки ба назари ҷавонон метавонанд дар ниშоти онон муассир бошад, мушорикат додани онон дар тасмимгириҳо аст, зеро муҳимтарин дағдағаи ҷавонони эронӣ эҳсоси адами пазириши ҷомеа нисбат ба ҳуқуқ ва манзалати иҷтимоии онон аст. Ба ҳамин далел, алорағми майл ба мушорикати фаровон дар миёни ҷавонон вогузории масъулиятҳо ба хубӣ фароҳам нагашта, ба онҳо камтар эътимод мешавад. Онҳо бар ин боваранд, ки ҷомеа аам аз ниҳоди хонавода, масъулон ва дастандаркорон, ҳуқуқи онҳоро ба расмият намешиносанд ва фақат барои ҷавонон таклиф қоиланд. Кор кардани номутаносиби ниҳодҳои масъул ва мутаваллии умури ҷавонон, коҳиши ангезаи мушорикати иҷтимоии ҷавонон (аам аз арзаҳои илмӣ, фарҳангӣ ва ҳунарӣ, варзишӣ, маданӣ ва сиёсӣ) алорағми омодагӣ ва зарфияти бисёр болои ҷавонон ин нигарониҳоро комилан музоаф сохтааст. Бар ин асос метавон гуфт, ки ҳуқуқ ва манзалати иҷтимоии ҷавонон муҳимтарин матолиби иҷтимоии онон аст ва нақши асосӣ дар афзоиши мушорикати онон барои таҳаққуқи аҳдофи баланди инқилоби исломӣ ва заминаеро барои эҳсоси тааллуқи бештари ҷавонон барои тавсеа, сарбаландӣ ва созандагии Эрон ба дунбол дорад.

## АДАБИЁТ


1. Оргаил Майкл. Равоншиносии шодӣ/ Оргаил Майкл. Тарҷумаи Муҳаммад Гуҳарӣ Анорӣ ва ҳамкорон. –Исфаҳон Интишороти ҷиҳоди донишгоҳи Исфаҳон, 1383.
2. Аҳмади Саидаҳмад. Равоншиносии навҷавонон ва ҷавонон/ Аҳмади Саидаҳмад. Машъал, 1385.
3. Пурзореӣ Муҳсин. Баррасии робитаи ҳуши ҳаяҷонӣ, саломати равонӣ ва шодкомӣ дар байни донишомӯзони мутавасситаи шаҳристони Фарошенд/ Аҳмади Саидаҳмад. -1387.
4. Сафарӣ Шоди Ризо. Роҳнамои тадвини тарҳи таҳқиқ/ Сафарӣ Шоди Ризо. Интишороти ҷомеаи фарҳангӣ, 1386.
5. Аъзамӣ Ҳошими Миҷгон. Диндорӣ ва ризоият аз зиндагӣ дар байни донишомӯзони давраи мутавасситаи шаҳрҳои Фирдавс, Даргаз ва навоҳии 4 ва 5 ва 7 Машҳад/ Аъзамӣ Ҳошими Миҷгон. Коршиносии таҳқиқоти Созмони омӯзиш ва парвариши остони Хуросон, 1381.
6. Куруми Нурӣ. Мутолиаи авомили муассир бар эҳсоси шодӣ ва беҳзистӣ дар донишҷӯёни Донишгоҳи Теҳрон / Куруми Нурӣ ва ҳамкорон //Равоншиносӣ ва улуми тарбиятӣ. -1381. - №1.
7. Рӯҳонӣ Аббос. Робитаи амал бо боварҳои динӣ бо шодкомӣ ва ризоияти заноშӯӣ дар донишҷӯёни Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Муборака/ Рӯҳонӣ Аббос, Маънавипур Довуд. -1387.
8. Амонӣ Рузито. Баррасии асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои иҷтимоӣ бар афзоиши мизони донишҷӯёни Донишгоҳи Абӯалӣ Синои Ҳамадон / Амонӣ Рузито, Ҳодиён Ҳамадонӣ Рижино. -1385.
9. Диловар Алӣ. Равишҳои оморӣ дар равоншиносӣ ва улуми тарбиятӣ/ Диловар Алӣ. -Теҳрон: Паёми Нур, 1380.


## ИЗУЧЕНИЕ ФАКТОРОВ, ВЛИЯЮЩИХ НА ВЫБОР ДОСУГА МОЛОДЕЖИ ГОРОДА ИЛОМ (ИРАН)


В данной статье автор рассматривает факторы, которые воздействуют на выбор досуга молодежи на примере молодежи города Илом Исламской республики Иран. Молодежь представляет собой особую социальную группу и их досуг является одной из важнейших сфер жизнедеятельности. Именно в сфере досуга молодежь выступает в качестве свободных индивидуальностей. Сфера досуга характеризуется свободой от профессиональных и семейно-бытовых обязанностей и в ее рамках ослабляется давление на личность молодого человека. В современный период проблема досуга молодежи приобретает особую остроту.

**Ключевые слова:** досуг, молодежный досуг, вопросы молодежного досуга, молодое поколение, социокультурные потребности молодежи, время досуга молодежная субкультура, становление личности.

**A STUDY OF FACTORS INFLUENCING THE CHOICE OF LEISURE OF YOUTH CITY SILT (IRAN)**

In this article the author examines the factors that influence the choice of leisure of youth on the youth of the city by the Silt of the Islamic Republic of Iran. Youth represent a particular social group activities and is one of the most important spheres of life. It is in the sphere of leisure, youth acts as free individuals. The sphere of leisure is characterized by freedom from professional and family responsibilities and reduces the pressure on the personality of the young person. In modern times the problem of youth leisure is particularly acute.

**Key words:** leisure, youth leisure, youth activities, young generation, social and cultural needs of young people, leisure, youth subculture, the formation of personality.

**Сведения об авторе:** ***Амир Мехрдоди*** – соискатель Института развития образования АОТ

## ЭЪТИЁДОТИ ИНТЕРНЕТӢ: ДАЛОИЛ ВА АНГЕЗАҲО

***Шаҳидулло Муҳсинӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**
**Донишгоҳи озоди воҳиди Неко, Эрон**

Истифода аз фановарӣ ва технологияи навин яке аз ҷилваҳои ошкори дунёи пешрав аст. Интернет низ ба унвони яке аз абъоди навпои ин фановариҳои ҷадиди ҷаҳони муосир нақши босазое дар тағйиру таҳаввули зиндагии афроди ҷомеа дорад.

Интернет тавониста бо вуруди худ ба суръат ба яке аз абзори лозимии зиндагӣ табдил шавад. То ҷое ки ҳазфи он аз умури рӯзмарраи зиндагӣ амре иҷтинобпазир аст (Сафавӣ Б, 1383, саҳ.13), ин тағйирро метавон бо ихтирои телефон дар авоили қарни бистум ва телевизион дар даҳаи панҷоҳ муқоиса кард. Интернет башорати кам кардани фосилаҳо ва густариши равобит миёни одамиён шудааст. Технологияҳои навин иртиботе, ки имкони ҳамзамон ва номаҳдуди афродро фориғ аз макони фарогирии онон дар ҷаҳони ҷадид фароҳам сохтааст, омили тавлиди ҷаҳони ҷадиде аст, ки бо унвони «ҷаҳони маҷозӣ» (virtuolworld) муаррифӣ шудааст. Ҷаҳони маҷозӣ бар хилофи ҷаҳони воқеӣ имконоти бешуморе чун суҳулати дастрасӣ, бисту чор соати будан, содагии кор, ҳазинаи поин, гумном мондани коргарон дар он ва соири мавоÑ€идро дорост. Аз тариқи ин ҷаҳони дуюм метавон ба тиҷорат пардохт, харид кард, омӯхт, ба манобеи иттилоотии васеъ даст ёфт, аз тозатарин ахбор мутталеъ гардид, саргарм шуд, ба роҳатӣ ва дар арзи чанд дақиқа бо як кишвар дар як қораи дигар иртибот барқарор кард, ҳуввияти ҷадиде ёфт ва дар ниҳоят як зиндагии дубора ва нав ёфт. Будан дар фазои маҷозии интернет ба корбарон фурсатҳои бешуморе медиҳад ва ба ангеза, ки ин фурсатҳо ва хушнудиҳои ношӣ аз истифодаи интернет афзоиш ёбад, корбарон бештар ба самти ин падидаи навин савқ (направление) хоҳад ёфт (Мал Кавоил, 1328, саҳ104).

**Назираи рафторӣ.** Назариёти бисёре дар табйини эътиёди интернетӣ вуҷуд дорад ва аз он ҷо, ки эътиёдот ба интернет як падида миёни риштае аст ва умуми мухталифи пизишкӣ, роёнаӣ, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқ, ахлоқу равоншиносӣ, ҳар яке аз зовияи гуногуне ин падидаро мавриди баррасӣ қарор доданд, дар ҳар яке аз ин улумимухталиф назираҳое барои ин ихтилол матраҳ шудааст.

Аммо аз ҷо, ки ҳадафи аслии ин мақола баррасии ниёзҳои таъминшуда тавассути интернет барои муътодони (привыкший) интернет аст, шоиста аст назирае ба кор равад, ки қаробати бештаре бо ин ҳадаф дорад. Аз ин рӯ, дар ин мақола аз назираи рафторӣ барои табйини ин эътиёд ба кор гирифта шудааст. Ин назира бар асоси мутолиоти «искинер» (skinner) бар шартӣ шудани кунишгар такя дорад, ки дар он шахс рафтори муайянеро анҷом медиҳад ва сипас, барои ин рафтор подош дарёфт мекунад (Умевор ва Соромӣ, 1381). Аз ҷиҳати ин ки маводи мухаддир, алкол, қимор ва ҳатто интернет, подошҳои отифӣ, ҳаяҷонӣ, ҷисмонӣ ва монанди онро доранд, ба унвони шевае барои қарор аз мавқеият дар назар гирифта мешаванд ва дарбардорандаи эрзои ниёзӣ ҳастанд.

Агар фард ёд бигирад, ки василае монанди интернет метавонад барои ӯ шароите фароҳам кунад, ки аз воқеият фирор кунад ва ё ниёзи ӯро таъмин кунад, эҳтимолан дар оянда низ ба ин кор мубодират

хоҳад варзид. Ин кор барои ӯ омили тақвияткунанда хоҳад буд ва ба сурати якчарха амал карда, боиси афзоиши рафтор хоҳад шуд.

Бар асоси ин дидгоҳ фард барои дарёфти подош, ки метавонад ҳамон таъмини ниёзҳои аввалия бошад, вориди интернет мешавад. Подошҳое, ки вай аз ин рафтор мегирад, шояд, эрзои ҷисмӣ, тамос ва иртибот бо дигарон, худшукуфоӣ, дарёфти ишқ, фирор аз воқеият ва мушкилоти зиндагии рӯзмарра ва ҳатто саргармиҳои зиёд бошад ва чунончи фард дар замонҳои отӣ низ бо подошҳо ниёз дошта бошад, ба интернет рӯй хоҳад овард ва дар натиҷа, ин раванди тақвиятшуда ва чарха ҳамчунон идома пайдо мекунад. Бинобар ин иллати калидӣ дар эътиёд ба интернет ва мавзӯоти вобаста ба он тақвияте аст, ки фард дарёфт мекунад. Барои талқини ин рӯйкард бо рӯйкарди пешин (истифода аз хушнудӣ) метавон гуфт, ки ҳар гоҳ фард дар пайи эрзои ниёзҳои худ, ки ҳам метавонад шомили ниёзҳои бунёдии ҳараммозулу, ки идомаи мақола ба тафсири он пардохта хоҳад шуд ва ҳам ниёзҳои матраҳшуда дар назира истифода ва хушнудӣ, ниёзҳое чун тафреҳ, саргармӣ, шодиҳои отифӣ, ниёзҳои шинохтӣ, ниёзҳои иҷтимоӣ ва ниёзҳои ғайрииҷтимоӣ ва соири маворид зикр шуда, дар ин рӯйкард бошад ба расонаи дилхоҳ рӯй меоварад ва агар ризомандии ӯ аз ин истифода ба ҳадде бошад, ки хориҷ аз тасаввури аввалияи ӯст, ӯ дар пайи дарёфти подош ё ҳамон хушнудиҳои хостошуда ба самти ин расона хоҳад рафт, то ҷое ки ин рафтор ба рафторе эътиёдовар табдил мешавад.

**Шабакаи ҷаҳонии интернет.** Интернет шабакаи густурдаи ҷаҳонӣ аст, ки шабакаҳои мухталифи роёнаӣ дар андозаҳои мутааддид ва ҳатто роёнаҳои шахсиро бо истифода аз сахтафзорҳо ва нармафзорҳои гуногун бо қарордодҳои иртибот ба якдигар муттасил мекунад. Ин шабакаи ҷаҳонӣ аз тариқи хутути телефон, роёнаҳои шахсӣ ва ё шабакаҳои роёнаиро ба якдигар муттасил мекунад ва бо ихтисоси нишониҳои электронии мушаххас ба ҳар як аз онҳо барқарории иртиботи сареъ ва густурдаро миёни кулли касоне, ки ба шабака муттасил ҳастанд, фароҳам мекунад ва табодули иттилоот миёни ононро ба сурати матн, садо, тасвир ва филм муяссар месозад.

Метавон гуфт, ки шабакаи интернет ҳам монанди як маҳалли маҷозии мулоқоти умумии шаҳрвандони ҷаҳон аст. Як нукта талоқии умумӣ аст, ки дар он миллионҳо нафар аз 155 кишвариҷаҳон бо ҳам дар робита қарор мегиранд. Созмони азиме аст, ки назми он аз пеш то ҳудуде танзим шудааст. Онон дар ҳар он, ба касби иттилоъ дар бораи масоили мухталиф, гуфтугӯ, бозӣ, тиҷорат, ҷустуҷӯйи илмӣ, мушоҳидаи тасовири мухталиф, истимоъҳои садоҳо ва оҳангҳо, мушоҳидаи филмҳо ва бисёре иқдоми дигар мепардозанд.

Интернет як бонки иттилоотӣ нест, балки густурдатарин ва боаҳамияттарин шабакаи компютерии ҷаҳон аст ва шояд гунае аввалия аз бузургроҳҳои иттилоотии рубъи аввали қарни бисту якум бошад. Интернет дар ҳукми махзанӣ аз иттилооти хуб, бад, зишт ва зебо, ахлоқӣ ва ғайриахлоқӣ, метавонад талаққӣ шавад.

Мартин Ирвин устоди донишгоҳи Ҷорҷ Тоуни Амрико муътақид аст, ки интернет се ҷузъ дорад:

1.Як системаи компютерии ҷаҳонӣ, ки аз обзорҳои муштараки иттисоли сахтафзор истифода мекунад ва иттилооти диҷитолиро мунтақил месозад;

2.Иҷтимоӣ аз мардум, ки як технологияи иртиботии роиҷ ва муштаракро ба кор мебарад;

3.Як системаи иттилоот, ки ба сурати ҷаҳонӣ тавзеъ шудааст (деҳқон,1384, саҳ.46).

**Вижагиҳои коркарди интернет.** Интернет абзорҳои чандкоркарда аст, ки қодир аст:

- ба масобаи як расонаи ҷамъӣ-тасвирӣ ниёзҳои афродро ба касби иттилоъ дар заминаҳои шуғлӣ, хабарӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, варзишӣ, ҳунарӣ, илмӣ ва соири маворид таъмин намояд;

- ба масобаи як солуни конфронс, гуфтугӯ ва фазои маҷозиро дар қолиби диалог барои ироа, танқиҳ (чистка, исправление), рушди афкор ва ақоид фароҳам кунад (толорҳои гуфтугӯ). Ба масобаи маҳфил ва макони гирдиҳамоии гурӯҳҳои ҳамсояи фориғ аз маҳдудиятҳои ҷуғрофӣ ва маҳаллии афрод, кӯшиши мутақобили созмонёфта ва чеҳра ба чеҳраи тадорук бибинад, ки ба воситаи он бо шаклгирии хурдаи фарҳангҳои мутафовит, ки орӣ аз элзомот (принуждение, необходимость) ва қуюди марбут ба шахсият ва ҳуввияти воқеии корбурд ва қуюди ҳуқуқӣ ба равобити иҷтимоии воқеӣ аст, фароянди ҷомеапазирӣ дар иҷтимооти маҷозиро таъйин кунад ва иллати хислати ғайриҷисмонии ин гуна равобит

- ҷомеапазирии мутафовитеро ба таҷрибаи афрод дароварда, ба масобаи як муҳити тафреҳӣ бидуни мувоҷиҳа бо маҳдудиятҳои марзӣ ва ҷуғрофиёӣ, ниёзмандҳои афродро барои фаъолиятҳое чун бозӣ ва саргармӣ бо шахсиятҳои ҳақиқӣ ва маҷозӣ эшбоъ (насыщенная) кунад.

Ба масобаи як расонаи тасвирӣ ва навиштори, нотавониҳои мавҷуд дар муҳити воқеии афродро барои тақвият ва эшбоъи ангезаҳои ҷинсӣ ҷуброн кунад. Ба масобаи як расонаи ҷамъӣ, навиштори бидуни мувоҷеҳа бо маҳдудиятҳои расонаҳои навиштории воқеӣ ин имконро барои ҳама афрод фароҳам меоварад, ки озодона то дар ҳадди кетмоии ҳуввияти воқеии хеш, андешаҳо ва эҳсосоти худро ба дигаре мунтақил ва аз раҳгузар имкони бозтоби андешаҳо ва эҳсосоти мухотибон ба тармими андешаҳо ва ғанои эҳсосоти худ мубодира кунанд. Ин корбурдҳо муҷиби тамаркуз зудоӣ, суҳулати дастрасӣ, ҳазинаи пойин ва марзнопазирӣ мешавад, ба сурате, ки дар интернет як қудрати фармондиҳӣ ва ё назораткунандаи марказӣ вуҷуд надорад. Бо ин ки технологияи ҷадид таҳти унвони интернет метавонад корбурдҳои мусбат ва корбурдҳои манфӣ дошта бошад, вижагиҳои зикршуда муҷиб мешавад, зимни ин корбурдҳои манфӣ фаровон ва дар абъоди бисёр муҳимме матраҳ бошад.

Аҳамият ва абъоди манфӣ ё истифодаҳои зиёновар ва густурдатар мешавад. Назоратҳое, ки дар мавриди расонаҳое монанди рӯзнома ё радио ва телевизион ба таври маълум сурат мегирад, дар ин маврид муассир нест. Дар мавриди истифода аз расонаҳои ёдшуда назорат дар сутуҳи фардӣ, хонаводагӣ, гурӯҳӣ ва дар сатҳи давлат ба сурати мунфарид ё таркибӣ сурат мегирад. Дар мавриди истифода аз интернет ин назоратҳо ё имкон надорад ва ё қадри кофӣ корбурд надорад. Дар натиҷа, мушкили эътиёдот ба интернет ва мушкилоти назири он ибъоди пураҳамияте пайдо мекунад

«**Пили**» (Pili) дар соли 1991 ба нақл аз «Ёнг» (Yang) эътиёдотро аз баъди равоншинохтӣ ба вуҷуд омадани ҳолате хушоянд, ки фарди қодир ба дастёбии он аз тариқи дигар нест, таъриф мекунад. Эътиёд ба як чиз мумкин аст, муҷиби коҳиши эҳсосӣ дорад, адами фаъолият ва нороҳатӣ шуда, ба илова аз тариқи таваҷҷуҳ ба мавзӯи эътиёдовар, зеҳни дигар ба авомили нороҳаткунанда ва мушкилоти тамаркуз намекунад. Бад ин тартиб, фард мушкилоти лоянҳали (неразрешенный) худро фаромӯш намуда, ҳарҷанд зудгузар ва маснӯӣ, ороишӣ, амалиёт, мавқеият, тааллуқ ва самимиятро таҷриба менамояд.

Бинобар ин эътиёд ҳолати хушояндиро дар фард эҷод мекунад, аммо ин вазъият муваққатӣ ва ғайривоқеӣ аст. Аз он ҷо ки фард дар асари эътиёд эҳсосҳои хушояндиро таҷриба мекунад, шиддати вобастагии вай бештар мешавад. Дар воқеъ, ин ҳолати улгӯи рафтории эътиёдро тақвият мекунад.

Ҷон Филип Смит (SmitJonFhilip) таърифи дигаре аз эътиёд ироа мекунад: эътиёд навъе одат аст, ки шикастани он хеле душвор аст. Барои мисол, тайи тарки эътиёд ба ҳар ин ин эътиёд бо майл ба дору идома хоҳад дошт. Мушаххаси дигаре, ки одоти эътиёдеро аз одоти ғайриэътиёдӣ мутамоиз мекунад, қобилияти онҳо дар тавлиди эҳсоси мусбат дар замон аст, ки муҷиби рафъи як эҳсоси манфӣ аз фард мешавад. Дар ҳоле ки одоти ғайриэътиёдӣ танҳо бар эҳсоси манфӣ фоиқ меояд (Ҳусейнӣ, 1384, саҳ.3).

**Таорифи эътиёди интернетӣ.** Агарчи мафоҳиме чун «эътиёд ба технология» дар навиштаҳои Грифитиз (Griffiths) ва эътиёд ба роёна дар осори Шотун (Shothon) мавриди мутолиа қарор гирифта буданд, эътиёд ба интернет истилоҳе буд, ки аввалин бор ба василаи Ёнг матраҳ гардид. Ин ихтилол бо ановини мутафовите аз қабили вобастагии рафторӣ ба интернет, истифодаи марзӣ аз интернет, истифодаи мушкилзо аз интернет муаррифӣ мешавад, аммо ановини ихтилол ба интернет ва истифодаи марзӣ аз интернет дар навиштаҳои охир касоне чун Ёнг, Дивис (Davis), Коплан (Caplan), Гулдберг (Golaberg), Глуҳор (Grohol) ва Грифитиз бештар аз ановини дигар ба кор рафтааст. Ба таври куллӣ ин ихтилолро метавон ба ановини навъе истифода аз интернет, ки битавонад мушкилоти равоншинохтӣ, иҷтимоӣ, дарсӣ ё шуғлӣ дар зиндагии фард эҷод кунад, таъриф кард.

Эътиёди интернет ба густурдаи васее аз мушкилоти рафторӣ ва назорати ангеза истифода аз интернет ишора дорад.

Эътиёди интернетӣ ба унвони як рафтори васвосӣ ё орзуи барқарории пайванд ё шояд, ҳатто намуна аз интиқол ва ё бозтоби равобити абжа ва ё рафъи ниёз қаламдод мешавад. Афроде чун Ёнг ва соири равоншиносон муътақиданд, ки зиёдарӯйӣ дар истифода аз интернет, метавонад барои саломатии фикрӣ ва физикии шахс хатарнок бошад.

Эътиёд ба интернет корбурди интибоқии (соответсвие, совпадение) шахсро мухтал (растроенный) мекунад. Гурӯҳе дигар аз равоншиносон муътақиданд, ки лаззате, ки ба хотири истифода аз интернет ба фард даст медиҳад, ба ҳеҷ ваҷҳ қобили муқоиса бо лаззати ҳосил аз кокоин ва ё ҳар навъи моддаи мухаддир нест. Ба таври хулоса, мурур бар адабиёти назарӣ ва таҷрибӣ перомуни эътиёди интернетӣ, нишонгари он аст, ки эътиёди интернетӣ падидае аст, ки аз се вижагӣ бархурдор аст:

1. Эътиёди интернетӣ навъе ихтилол ва беназмӣ ва васвосӣ аст, ки бархе вижагиҳои он мушобеҳи шароити осеб шинохта аст. Дарвоқеъ, замоне метавон гуфт, ки фард дучори эътиёд ба интернет шудааст, ки дорои алоими хастагии зудрас, танҳоӣ ва афсурдагӣ ва ғайра бошад.
2. Эътиёди интернетӣ навъе ихтилол ва беназмии равонӣ аст. Аз ин дидгоҳ заминаи таҳқиқи ҷадиде таҳти унвони равондармонии интернетӣ зуҳур кардааст. Ин дидгоҳ муътодони интернетиро ба унвони бемор мебинанд.
3. Эътиёди интернетӣ навъе мушкилрафторӣ аст.

Далели ин масъала низ вуҷуди як робитаи қавӣ байни эътиёди интернетӣ ва вобастагии шимиёӣ аст.

Мутолиот нишон додааст, ки афроде, ки мушкилот ва вобастагии шимиёӣ доранд, дар ҳафта вақти бештареро сарфи интернет мекунад, (Мӯъандфар, Ҳабибпур,1384).

**Алоими эътиёди интернетӣ.** Монанди тамоми анвои эътиёдҳои дигар, эътиёди интернетӣ навъи ихтилол ва беназмии равонӣ-иҷтимоӣ бо мушаххасҳое чун амал (ниёз ба афзоиши замони лозим барои касби матлубият баробар бо замонҳои аввалияи истифода), алоими кунгурагирӣ (бавижа раъша ва иртиош, изтироб, беҳавсалагӣ), ихтилототи отифӣ (афсурдагӣ, тундхӯйӣ, бадхулқӣ) ва аз гусехтагии равобит ва муносибати иҷтимоӣ (коҳиш ва ё фуқдони равобити иҷтимоӣ ба лиҳози камӣ ё кайфӣ) аст.

Алоими ихтилол ба интернет иборатанд аз: мушкилот миёни фарде ва ё мушкилот дар ҳангоми кор ё мутолиа, нодида гирифтани масъулиятҳои марбут ба дӯстон, хонавода, кор ва ё масъулиятҳои фардӣ, тағйир дар сабки зиндагӣ ба манзургузорони вақти бештар бо интернет, коҳиши фаъолияти физикӣ ва бетаваҷҷуҳӣ ба саломатии шахсӣ ва бехобӣ (Гиринфилд, 1384).

Дар ин мақола эътиёди интернетӣ аз манзари ду нигариши умумии иртибот ва равоншиносӣ баррасӣ гардид. Дар ин миён ҳамчунин бо таваҷҷуҳ ба ҳарами ниёзҳои биологӣ то ниёзҳое чун худшукуфонро дар бар дорад, ба табйини ин эътиёд пардохта шуд. Дар поён бояд гуфт, шояд ҳамеша вобастагии беш аз ҳад ба интернет мушкилсоз набошад, аммо ҳангоме ки фард робитаи худро бо воқеият аз даст диҳад ва дар воқеъ, мизон ва муддати зиндагии ӯ дар фазои хаёлии маҷозӣ ба маротиб бештар аз ҳузур дар ҷаҳони айнӣ бошад ва ӯ аз ҳузур дар ин фазо эҳсоси ва хушнудӣ кунад, ба тавре ки ин ҳис дар бозгашт ба ҷаҳони воқеӣ дигар ба ӯ даст надиҳад, он ҷост ки бояд ин эътиёдро ҷиддӣ қаламдод кард ва чун соири эътиёдҳо ба дармони он пардохт.

## АДАБИЁТ


1. Эътиёд ба интернет (Тавсиф, сабабшиносӣ, пешгирӣ, дармон ва миқёсҳои санҷишии ихтилоли эътиёд ба интернет) Машҳад:Интишороти Тамрин.
2. Ҳусейнӣ Ҳ. Таҳлили ҷомеашинохтии робитаи интернет ва эътиёд ба маводи мухаддир. / Ҳусейнӣ Ҳ. //Фаслномаи анҷумани эронии мутолиоти фарҳангӣ ва иртибот. Давраи аввал, шумораи поёнии 3 ва 2. -1384. -С. 1-17.
3. Деҳқон Алиризо. Қиморбозии интернетӣ. / Деҳқон Алиризо. //Фаслноами анҷумани эронии мутолиоти фарҳангӣ ва иртибот. Давраи аввал, шумораи поении 3 ва 2. 1384. -С. 45-72.
4. Сурин В. Назарияҳои иртибот. / Сурин В. Тонкард Х. Тарҷумаи Алиризо Деҳқон. -Теҳрон: Интишороти Донишгоҳҳои Теҳрон. СафавӣБ (1383). Аз эътиёди интернетӣ пешгирӣ кунем. // Ҷоми Ҷам. Шумораи 1320. -1381. -С. 12.
5. Фирӯзободӣ А. Пайомадҳои эътиёди мудерн, вобастагӣ ба интернет / А. Фирӯзободӣ. // Гузариш. -№ 147. -1372. -С. 100.
6. Қара Оғочӣ С. Эътиёд ба интернет. / Қара Оғочӣ С. //Ҳамбастагӣ. -№ 1599.-1385. -С.5.
7. Гринфилд Д. Эътиёд ба интернет ва пайомадҳои он/ Д. Гринфилд. //Фаслномаи Раҳоварди нур.-№ 12. -1384. -С. 48-51.
8. Мӯҳсинӣ М. Ҷомеашиносии ҷомеаи иттилоотӣ/ Мӯҳсинӣ М. -Теҳрон: Дидор, 1380.
9. Муайядфар С. Эътиёди интернетӣ, илал ва пайомадҳои он. / Муайядфар С., Гетобӣ Ҳ., Ганҷӣ В. //Фаслномаи Расона 16 (3). - 1384. -№ 39-67.
10. Макоил Д. Мухотабшиносӣ. / Д. Макоил. Тарҷумаи Муҳаммадӣ Мунтазири Қоим. -Теҳрон: Маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо,1382.

**ИНТЕРНЕТ-ЗАВИСИМОСТЬ: ПРИЧИНЫ И МОТИВЫ**

В данной статье автор рассматривает причины и мотивы интернет-зависимости. Интернет стал практически неотъемлемой частью нашего существования и неким поиском все новейшей информации. Главными его пользователями являются дети и подростки, так как в Интернете они находят единомышленников для общения по интересам. Но просиживание возле монитора нередко приводит к развитию особой зависимости, которая в свою очередь может вызывать различные отклонения в психике человека психикой.

**Ключевые слова:** Интернет, интернет-зависимость, причины и мотивы интернет-зависимости, интернет-пользователи.

**INTERNET ADDICTION: CAUSES AND MOTIVES**

In this article the author examines the causes and motives of Internet addiction. The Internet has become almost an integral part of our existence and a kind of search all the latest information. Its main users are children and teenagers, because on the Internet they find like-minded people to communicate interest. But sitting near a monitor often leads to the development of dependence, which in turn can cause various abnormalities in the human psyche psyche.

**Key words:** Internet, Internet addiction, the reasons and motives of Internet addiction, Internet users.

**Сведения об авторе:** ***Шахидулло Мухсини*** – соискатель ТГПу им.Садриддина Айни, преподаватель Свободного университета Неко, Иран

# МУДИРИЯТИ ЗАМОН

***Рашид Амирон Бостонобод***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Тавоноии мудирияти замон бештар қобили таваҷҷуҳи афроде ҳаст, ки дар чанд ширкати тиҷории кӯчак машғул ба фаъолият ҳастанд ва мехоҳанд, аз ҳадди аксари замони мумкин истифода кунанд. Мо дар ин мақола қасд бар он дорем, ки ёздаҳ нукта аз нукоти муҳим ва амалии мудирияти замонро бароятон баён кунем, то бо истифода аз ин нукот битавонед, замони худро ба беҳтарин ваҷҳ мудирият кунед ва ҳадди аксари истифодаро аз замони мавҷуд бибаред.

Истифодаи муассир ва асарбахши замон зарурати иҷтинобнопазир барои муваффақият дар арсаи кор ва зиндагӣ аст. Мудирияти замон шомили маҷмӯае аз маҳоратҳо барои назорат ва истифодаи беҳтар аз замон аст. Ин мақола ба шарҳи мафҳум ва усули мудирияти замон пардохта, фунун ва абзореро барои мудирияти замон дар муҳити зиндагӣ ва кор ироа мекунад.

Роҳҳои мухталифе барои баёни дарки мо аз замон вуҷуд дорад. Мардум аз ҳаракати моҳ, соати офтобӣ, азон, занги калисо барои танзими барномаи замонии рӯзонаи худ истифода мекарданд, то ин ки дар қарни XII роҳибони католик соатҳоеро барои танзими фаъолиятҳои худ сохтанд. Дар тӯли таърих тамаддунан бо замон ва абъоди он таваҷҷуҳ доштанд ва ин таваҷҷуҳ дар ин даврон низ вуҷуд дорад ва ибороте монанди «вақт тиллост» гӯёи ин таваҷҷуҳ аст. Ҷомеаҳои имрӯза ҷомеае ҳастанд, ки дар онҳо теъдоди соати кофӣ дар тӯли рӯз вуҷуд надорад. Фановариҳои нав муҳите фароҳам овардааст, ки тақрибан дар муддати замони кам метавонад, ба хеле аз иттилоот дастрасӣ пайдо кунад ва хеле корҳоро сареътар ва осонтар анҷом дод. Аммо шавқ ба сареътар анҷом додани корҳо ва бештар анҷом додани корҳо рӯз ба рӯз бештар мешавад.

**Усули умумии мудирияти замон.** Мудирияти замон маҷмӯае аз маҳоратҳост, ки шуморо дар истифодаи муассир аз замон кӯмак мекунад. Роҳнамоиҳои умумӣ вуҷуд дорад, ки метавонанд барои мудирияти замон дар ҳавзаҳои мутафовит, монанди хона, мадраса ва кор истифода шаванд. Дар ин бахш бархе аз ин роҳнамоиҳоро шарҳ медиҳем. Ибтидо далели истифода накардани мардум аз мудирияти замон ва мазоёи ҳосил аз мудирияти замонро мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Эҳтимолан равшантарин далели адами истифода аз мудирияти замон ин аст, ки мардум намедонанд, мудирияти замон чист. Далели дувум сустӣ ва танбалӣ аст. Баъзе аз мардум бидуни ҳадаф ва ангезиши лозим барои барномарезӣ муассир ҳастанд. Гурӯҳи сеюме, ки аз мудирияти замон истифода намекунанд, онҳое ҳастанд, ки дӯст доранд, таҳти фишор ва тангии вақт (Дақиқӣ, 90) ва шароити бухрон кор кунанд.

Мумкин аст дар шароити истифода накардан аз мудирияти замон қобили дарк бошад, аммо мазоёи истифодаи муваффақ аз мудирияти замон ҳар гуна далел ё тавҷеҳро рад мекунанд. Мудирияти замон кӯмак мекунад, ки таъйин кунед, ки кадоме аз корҳое, ки шумо анҷом медиҳед, муҳимтарин ҳастанд. Ин амал ба шумо имкон медиҳад, ки ба бархе фаъолиятҳо авлавияти зиёде диҳед ва аз бархе фаъолиятҳо даст кашед. Ҳамчунин, мудирияти замон ба шумо кӯмак мекунад, ки аз тариқи ҳазфи музоҳиматҳо ва фаъолиятҳои ғайризарурӣ муддати замони воқеан кор карданро афзоиш диҳед. Яке аз вуҷӯҳи ризоятбахши мудирияти замон коҳиши стресс дар зиндагӣ аст. Коҳиши сатҳи стресс муҷиби беҳбуди саломатии рӯҳӣ ва ҷисмӣ мешавад.

**Чӣ гуна вақти худро мегузаронед?** Вақте тасмим гирифтед, ки аз стратегияҳои мудирияти замон истифода кунед, аз ҳамон замон бояд шурӯъ кунед. Аввалин қадами таҳлил ва баррасӣ равише аст, ки дар ҳоли ҳозир аз вақти худ истифода мекунед. Ин кор набояд аз тариқи ҳофиза анҷом шавад. Мумкин аст шумо аксарияти замонҳои бекории худро ба ёд наоваред, ё қодир набошед замонҳоеро, ки сарфи

суҳбатҳои тӯлонӣ мекунед, дақиқан ба ёд оваред. Барои сабти наҳваи гузаронидани вақт метавонед, аз як дафтари ёддошт, дафтари гузориши фаъолият ё як дафтари дар барномарезӣ бо бахшҳои ҷудошуда ба соат барои радёбии фаъолиятҳо истифода кунед. На танҳо он чи ки дар тӯли рӯз анҷом медиҳед, балки эҳсоси худ (хаста, пурқувват, асабонӣ, беҳол ва ғайраҳо)-ро сабт кунед. Ҳар вақт ки фаъолияти худро тағйир медиҳед, навъи фаъолият ва замони шурӯи онро сабт кунед.

Пас аз сабти фаъолиятҳо барои чандин рӯз ёддоштҳо омода барои таҳлил ҳастанд. Хеле аз фаъолиятҳои сабтшуда дар гузориш ба сурати бориз дида мешаванд, чаро ки вақти зиёде сарфи онҳо шудааст. Дигар ҳавзаи муҳим дар ёддоштҳо фаъолиятҳои ғайризарурӣ аст, ки дар тӯли рӯз анҷом додаед. Вақте ин фаъолиятҳо ба сурати ҷудогона дида шаванд, хеле замонбар нестанд, аммо вақте дастабандӣ шаванд, замони кулли онҳо мумкин аст қобили мулоҳиза бошад. Таҳлили фаъолиятҳоятон, ки дар гузориш сабт шудаанд, дар қадами баъдӣ, яъне авлавияти фаъолиятҳо ба шумо кӯмак хоҳад кард.

**Авлавиятбандии фаъолиятҳо.** Авлавиятбандӣ яке аз муҳимтарин қадамҳои мудирияти замон аст. Ин амал кӯмак мекунад, ки мавориди замонбарро, ки на вақтҳои хуширо тартиб медиҳанд ва на кӯмак мекунанд, ҳазф кунед. Ин марҳала бештарин тағйир дар ҷиҳати афзоиши замонро ба дунбол дорад. Бо тасмимгирӣ дар хусуси фаъолиятҳое, ки бояд анҷом диҳед ва фаъолиятҳоеро, ки бояд ҳазф кунед, авлавиятбандиро оғоз кунед. Барои тасмимгирӣ дар хусуси фаъолиятҳое, ки бояд анҷом диҳед, фаъолиятҳоеро, ки аз онҳо лаззат мебаред ва онҳоро хуб анҷом медиҳед, хеле муҳим аст, ки ҳам аз назари ҳирфаӣ ва ҳам аз назари шахсӣ аз коре, ки анҷом медиҳед, лаззат бибаред. Дар гузориши худ корҳоеро, ки аз онҳо лаззат мебаред ва корҳоеро, ки барои шумо хушоянд нестанд мушаххас кунед. Аксарияти рӯзи шумо бояд сарфи корҳое шавад, ки аз анҷоми онҳо лаззат мебаред.

Дар ҳоле ки муҳим аст аз анҷоми кор лаззат бибаред, низ муҳим аст, ки онро хуб анҷом диҳед. Дар таъйини ин ки чӣ корҳоеро анҷом диҳед ва чӣ корҳоеро вогузор кунед, шинохти нуқоти қувват ва заъфи шумо ҳаётӣ аст. Талош накунед масъулиятҳои беш аз он чи метавонед, ба сурати маъқул анҷомдодаро ба ухда гиред. Баъд аз таъйини корҳое, ки аз онҳо лаззат мебаред ва онҳоро хуб анҷом медиҳед, шумо омода ҳастед, ки фаъолиятҳои ғайризарурӣ дар зиндагии худро дур бирезед. Тамоми манобеи мавҷуди худро пайдо кунед ва фаъолиятҳоеро, ки беш аз тавони худ медонед, вогузор кунед. Баъд аз ин ки феҳрасти корҳои рӯзонаро ба мизони қобили қабуле аз масъулиятҳо коҳиш додед, замони барномарезӣ фаро мерасад.

**Барномарезӣ.** Барномарезӣ дар зиндагии шахсӣ ва ҳирфаӣ мутафовит аз ҳам анҷом мешаванд. Дар барномарезии шахсӣ, барномарезӣ аз тариқи ҳадафгузорӣ ва тарсими масири дастёбӣ ба аҳдоф анҷом мешавад. Дар барномарезии ҳирфаӣ барномарезии лоиҳамеҳвар (лоиҳасозӣ) аст. Барномарезии лоиҳа бояд аз тариқи нармафзорҳои барномарезии расмӣ анҷом шавад. Равиши барномарезии муносиби худро интихоб кунад. Аз ҳар равиш, монанди интихоби аҳдоф барномарезии расмӣ ё ғайрирасмие, ки истифода кунед, чанд нуктаи муҳимро бояд ба хотир бисупоред. Ибтидо интизороти худро баровард кунед, ва ба ёд дошта бошед, ки теъдоди соати маҳдуде дар як рӯз вуҷуд дорад. Саъй накунед ба натоиҷе зиёдтар аз қобилиятҳои худ даст ёбед.

Муддатзамонеро сарфи худ кунед, барои ин ки ба ҳадди аксари амалкард даст ёбед. Ба замони хоб ва истироҳати кофӣ ниёз доред. Иқдом ба ин амал сахттар аз тасмим гирифтан барои анҷоми он аст. Ҳангоми барномарезӣ шумо мепиндоред, ки ба ҳеҷ истироҳате ниёз надоред, ё метавонед, фақат чаҳор соат дар рӯз бихобед. Кори мудовим бидуни истироҳат сатҳи стрессро афзоиш дода, сатҳи амалкардро коҳиш медиҳад.

**Нукоти судманд барои беҳбуди кайфияти вақт:**

**-аз музоҳиматҳо ҷилавгирӣ кунед:** ҳамвора пазирои боздидкунандагон набошед. Боздидкунандагон метавонанд муҷиб ба ҳамрехтагӣ шаванд, ки дар ниҳоят мунҷар ба коҳиши баҳраварӣ мешавад. Бо бастани дари утоқ ё ҳазфи иртиботи дидорӣ метавонед, ба боздидкунанда бифаҳмонед, ки шумо машғул ҳастед. Ҳар равише, ки ба кор мебаред, ба хотир бисупоред, ки набояд ҳар боздидеро бипазиред.

Роҳи дигаре барои коҳиши музоҳиматҳо ҷавоб надодан ба телефон аст. Тамосҳои телефонӣ метавонанд, хеле вақтгир бошанд. Тамосҳои телефонӣ қатори афкорро аз кас бозмедоранд. Тамосҳои телефонӣ мумкин аст шуморо мутааҳҳид ба анҷоми корҳое кунанд, ки омодагии онҳоро надоред. Аз хомӯш кардани занги телефон натарсед. Вақте коратон тамом шуд, пайғомҳои дарёфтиро баррасӣ кунед;

**- назорат кунед**: корҳоеро, ки ниёз доред анҷом диҳед. Ин корро дар феҳрасти корҳо ёддошт кунед. Корҳои феҳрестшударо авлавиятбандӣ кунед. Бо анҷоми ин амал шумо метавонед, рӯзи худро назорат кунед. Шумо абзоре доред, ки метавонед аз корҳои ғайризарурӣ ҷилавгирӣ кунед, ё корҳои ҷадидро авлавиятбандӣ кунед. Пайравӣ аз ин раҳнамудҳо ин таъминро ба дунбол дорад, ки шумо ибтидо муҳимтарин фаъолиятҳоро анҷом медиҳед. Ҳамчунин шумо медонед, ки кадом фаъолиятҳоеро анҷом надодаед ва метавонед, онҳоро ба феҳрести корҳои фардо изофа кунед;

**- бар баҳравар будан таъйид кунед, на машғул будан:** тамаркуз бар баҳраварӣ кайфияти кор ва амалкардро афзоиш медиҳад. Таҳияи як феҳрести авлавиятбандишуда аз корҳо ба шумо кӯмак

мекунад, ки баҳравар бошед. Тамаркуз бар анҷоми муҳимтарин корҳо дар ибтидо ба шумо кӯмак мекунад, ки кори бештаре анҷом диҳед ва онҳоро сари вақт анҷом диҳед;

**- суръати худро танзим кунед:** муҳим аст, ки худро барои мизони сооте ки кор мекунед, танзим кунед. Аз худ бипурсед, ки бо суръате ки кор мекунед, метавонед ба кор идома диҳед ва худро бо теъдоди сооти зиёди кор хаста накунед. Мудирияти муассири замон бояд ин имконро фароҳам оварад ва битавонед, корҳои мавриди ниёзро анҷом диҳед. Бидуни ин ки ин ниёз бошад, теъдоди соати зиёдеро дар давраи замони бузургтар машғул бошед.

**Мудирияти замони шахсӣ.** Мудирияти замони шахсӣ бахши қобили мулоҳизае аз замони рӯзонаро сарф мекунад. Маҳоратҳои мудирияти замони шахсӣ дар амал дорои ишколоте ҳастанд. авлавиятбандии аҳдофи шахсӣ метавонад хеле мушкил бошад, зеро нисбат ба фаъолиятҳои авлавиятдор дар дастаи дувум аз аҳамият қарор гиранд. Ин бахш ба шумо кӯмак мекунад, ки аҳдофи шахсии худро авлавиятбандӣ кунед, ба тавре, ки дар барномаи шумо қарор гиранд. Шумо равиши «фақат бигу на»-ро ёд бигиред, ки ба шумо дар сабук кардани замонбандӣ кӯмак мекунад:

**- фақат бигу на:** дар зиндагии шахсии худ маъмулан бо гуфтани калимаи «на» мушкилӣ доред. Ин мавзӯъ мучиби бештар аз байн рафтани вақти мо мешавад. Ба хотири канорачӯйии табиӣ дар гуфтани «на» ағлаби эҳсоси таахҳуд нисбат ба дӯстон ва хонаводаи худ доред. Ба афроде, ки тақозои ихтисоси вақтро аз шумо доранд, бигӯед, ки шумо масъулиятҳоеро ба уҳда доред, ки имкони баровардани тақозои онҳоро фароҳам намеоварад.

Иқтисоддони итолиёвӣ, Вилфед Порто, қонуне дар авлавиятбандӣ дорад. Қонуни Портон мегӯяд, ки тақрибан 80 % натиҷаи мавриди назар аз 20 % талошҳое ҳосил мешавад, ки анҷом медиҳем. Барои ин ки корҳои худро ба сурати муассир авлавиятбандӣ кунед бояд 20 % муҳимро ҷудо кунед. Вақте корҳои муҳим таъйин шуданд, шумо метавонед бар иқдомоте тамаркуз кунед, ки бештарин натиҷаи мавриди назарро ҳосил кунад.

**Ёздаҳ гоми муассир барои шурӯи мудирияти замон**

**1. Бовар дошта бошед, ки мудирияти замон як афсона аст!** Хуб ин хеле унвони хубе барои аввалин қонуни як мақола дар бораи мудирияти замон нест. Аммо шумо, ки намехоҳед худро гул бизанед, барои шурӯъ бояд бовар дошта бошед, ки шумо ба ҳеҷ унвон наметавонед мудирияти замон дошта бошед! Дар воқеъ як рӯз фақат ва фақат 24 соат аст ва ин 24 соат ҳам хох нохоҳ мегузарад. Шумо дар талош барои мудирияти замон бояд «худатонро мудирият кунед». Барои анҷом ба мавқеи корҳо ин рози бисёр муҳим шуморо водор мекунад, ки ба шахсияти худатон дақиқтар бишавед.

**2. Ба дунболи ҷойҳое бигардед, ки замонро аз байн мебаранд.** Аввалин қадам ин аст, ки ба дунболи сориғини замон (дузди замон) бигардед. Бубинед куҷои вақтатон ба сурати нодуруст аз байн меравад ва шумо наметавонед, аз он замонҳо истифодаи муносибе дар ҷиҳати баҳравари бибаред. Хеле вебгардии беҳуда мекунед? Ҳамеша телефон месӯзонед? Ба худовандгори SMS табдил шудаед ? Интизор ҳам доред вақт кам наёваред?

**3. Барои талошҳоятон барои мудирияти замон ҳадаф бигузоред.** Ёдоварӣ мекунанд таваҷҷуҳи мудирияти замон рӯйи тағйири рафторҳои шумост ва на тағйири замон (ба монанди радаи шумораи 1). Яке аз беҳтарин корҳо барои шурӯи ин тағйири рафтор талош барои ҳазфи ҷойҳое аст, ки вақти шумо беҳуда талаф мешавад (ба монанди радаи шумораи 2).

**4. Баронмаҳои мудирияти замонатонро иҷроӣ ва густурда кунед.** Ин шояд як шабеҳ бо гоми шумораи 3 бошад. Шумо тавонистед як ҳадафро барои як муддати маҳдуд танзим кунед ва бо он амал кунед. Дар ин гом шумо бояд як каме ба худатон фишор биоваред. Натарсед, ба захоири чарбии шумо осебе ворид намерасад. Шумо кам-кам бояд ин замонҳои маҳдудро афзоиш бидиҳед ва дар айни ҳол теъдоди аҳдофро ҳам зиёд кунед. Барои мисол дар ин ҳафта фақат се SMS бизанед.

**5. Аз абзорҳои мудирияти замон истифода кунед.** Табиист, ки ҳатто, як барги қоғаз ҳам метавонад абзори мудирияти замон бошад. Агар шумо корҳоятонро мураттаб ва муназзам рӯйи он бинависед ва таҳлил кунед, дар ҳақиқат қисмати муҳимми кор ҳам ҳамин ҷост. Чи нармафзорҳои бисёр пешрафта ва чи сода ҳама метавонанд шуморо дар расидан ба ҳадафҳоятон кӯмак кунад. Муҳим ин аст, ки шумо худатон битавонед ба худатон кӯмак кунед. Замонбандии рӯзонаи худатонро бинависед ва кулоҳатонро бозӣ кунед, бубинед куҷои корро иштибоҳ кардед ва дар куҷоро дуруст рафтор кардед. Пушти гӯш наандозед, хеле зуд айб ва эродҳои кори худро мутаваҷҷеҳ мешавед.

**6. Бераҳмона авлавиятбандӣ кунед.** Мумкин аст шумо даҳто кор дошта бошед. Оё шумо инсоне ҳастед, ки битавонед дар як лаҳза ҳар даҳ корро анҷом диҳед? Агар метавонед, пас инсон нестед. Фариштае, чизе дигаре ҳастед, эҳтимолан. Ёдатон бошад, агар иштибоҳро авлавиятбандӣ кунед зарар мекунед. Пас барои ҷилавгирӣ аз осебҳои замонӣ бераҳм хашмгин бошед.

**7. Ба дигарон вогузор карданро ёд бигиред.** Ин маврид бештар барои тиҷорат ва мудирияти тиҷоратӣ корбурд дорад. Аммо мешавад ба зиндагии шахсӣ ҳам таъмимаш дод. Муҳим нест, ки коратон чи қадар кӯчак аст ё бузург. Ин баҳс куллан ҷудо аст.

Шумо масъули корҳоятон ҳастед ва на касе бихоҳад ҳамаи кордоноии худро ба рухи дигарон бикашад. Саъй кунед ёд бигиред корҳоро миёни афроде, ки атрофатон ҳастанд, тақсим кунед.

**8. Як барномаи рӯзмарра танзим кунед.** Як барномаи рӯзмарра барои худатон дуруст кунед. Барои мисол фикр кунед субҳ ки бедор шудед, кори шумораи якро бикунед, сипас кори шумораи дуро бикунед ва ғайра. Дар охир ҳам як барномаи ҷамъбандӣ дошта бошед (мисли марҳилаи шумораи 5).

**9. Ба қарор додани замонҳои маҳдуде дар миёни фаъолиятҳо одат бидиҳед.** Худатонро одат бидиҳед, ки байни корҳое, ки мекунед як замони маҳдуд ҳам дар назар бигиред, барои аксари корҳои хос. Масалан, шумо наметавонед кулли рӯзро ба бастани нақшаҳои дарсӣ ё ироаи мутолиотатон бигузаронед, вале метавонед байни фаъолиятҳоятон замони кӯтоҳи 15 дақиқаӣ ба посух додан ба паёмакҳо ё чек кардани эмайлҳоятон ихтисос бидиҳед. Ҳамон 15 дақиқаро ҳам бояд дуруст посух дод ва бефоида вақтро нагузаронед.

**10. Мутмаин шавед, ки ҳама чиз мураттаб ва муназзам аст.** Аз кӯдакӣ ҳамеша ба мо ёд додаанд, ки ҳар чизро бармедоред боз сари ҷойи худ бигузоред ё ҳама чизро дар ҷойи муносиби худ қарор диҳед. Назм ва тартиб бузургтарин омил дар ҷилавгирӣ аз бефоида рафтани вақти шумо тавассути худатон аст.

**11. Вақтатонро тавре танзим кунед, ки асири интизор нашавед.** Шумо метавонед ба назди духтури дандон биравед ва мунтазир бишавед, то вақти нигоҳ кардани духтур бирасад, аммо росташро бихоҳед шумо аслан ниёзе надоред он ҷо биравед ва бо ангуштҳоятон бозӣ кунед ё маҷаллоте бихонед, ки таърихашон ҳадди ақал барои соли 2001 аст. Ҳоло хеле роҳаттар ҳастед, ки тавре барномарезӣ кунед, ки дар саф ё интизор наистед, ё ҳадди ақал битавонед пешбинии дурусте аз шароити пешорӯ дошта бошед.

Дигар шумо ҳастед, ки бояд талош кунед ин 11 гомро ба тартиб дар зиндагӣ пиёда кунед ва таъсироти шигифтангези онро дар тӯлонимуддат бубинед.

### АДАБИЁТ


1. Абдулҳамиди Суруш. Мудирияти замон / Абдулҳамиди Суруш. –Теҳрон: Муаллиф, 1380.
2. // Мисоқи мудирон. Гурӯҳи мутарҷимони мисоқи мудирон. - 1385.-№ 13.
3. Барзу Фараҳӣ. Чигуна вақти худро танзим кунем / Барзу Фараҳӣ. //Мисбоҳ. -1373. –№ 12.
4. Умрони Раҳматободӣ. Мудирияти замон аз дидгоҳи Қуръон ва ҳадис / Умрони Раҳматободӣ. Донишгоҳи озоди исломӣ, 1382.
5. Сайидмуҳаммади Ҳазрати Мусавӣ. Ислом ва мудирияти замон / Сайидмуҳаммади Ҳазрати Мусавӣ. Интишороти Мадрасаи корофаринии иҷтимоии Парту, 1380.


### УПРАВЛЕНИЕ ВРЕМЕНЕМ


Для достижения успеха в жизни, нужно планировать свое время. Основной секрет управления временем заключается в сосредоточенности и целенаправленности. Ежедневное планирование необходимо для повышения производительности и эффективного управления временем. Управление временем заключается в том, чтобы вовремя определить главное дело и правильно распределять свое время, чему посвящается данная статья.



**Ключевые слова:** время, эффективное управления временем, повышение производительности, программирование времени.


### TIME MANAGEMENT


To achieve success in life, you need to plan your time. The main secret of time management is concentration and focus. Daily planning is necessary to increase productivity and effective time management. Time management is time to define the main case and to properly allocate their time, which is dedicated to this article.



**Key words:** time, effective time management, productivity, programming time.



**Сведения об авторе*: Рашид Амирон Бостонобод*-** аспирант ТГПУ им.Садриддина Айни


## МАВҚЕИ ФАЛСАФА ДАР ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ


***Меҳдӣ Бахшӣ Абдулҳусейн***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Аҳамияти пажӯҳишҳои илмӣ дар тавлиди дониш ва кашфу ҳақиқатҳои ҳастӣ ба дараҷаи болоии худ расид, ки мутобиқи он дарки воқеияти фановарӣ ошкор шуд. Аз ин рӯ, арзиши илму дониш на дар баёни ҳақиқати ҳастӣ, балки дар судмандӣ муаррифӣ гардид. Аммо фалсафа, маҳз фалсафаи улум, имконияти дигаре ҳаст, ки ниёзҳои рӯзмарраи зиндагӣ ба фановарии илм ва пояи фурсат барои ривояти он боқӣ намегузоранд. Оё фурсат набуд, ё ин ки ривояте далел набуд? Ривояти андешаҳои паёмбарони Худо ва андешамандоне, чун Афлотун, Арасту, Августин Конт, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Халдун, Ибни Рушд ва дигарон метавонад ба ғаноии фикрии мо таъсир расонад.

Филипп Смит ба ин бовар аст, ки чун дар тасмимгириҳо ва таъйини авлавиятҳои иҷтимоӣ ва сиёсатҳои тарбиявӣ омилҳои зиёд, монанди дидгоҳҳои равоншинохтӣ - ҷомеашиносӣ дахолат доранд, рӯшан сохтани робитаи байни назарияи илмӣ ва назарияи фалсафӣ, яъне барқарории навъи робитаи байни як дидгоҳ ва худшиносӣ омили бисёр душвор аст.

Бояд гуфт, ки худшиносӣ муҳимтарин бахши фалсафа аст. Тарафдорони фалсафа бо ишора ба нақши ин бахш аз фалсафа дар баёни эътибори кашфиётҳои илмӣ далолат мекунанд, ки худшиносии

фалсафӣ, ки аҳамият дорад, рӯшан месозаданд, ки кашфиётҳои илмӣ то чи ҳад қобили эътимоданд ва чи қадар метавонанд моро ба ҳақиқати амр наздик кунанд. Баъзе аз файласуфони давраи нав кӯшидаанд, то собит кунанд, ки на мушоҳидаи таҷрибави на ақлу на шоҳиди ақлӣ ҳеҷ кадом наметавонанд, манбаву сарчашмаи маърифатӣ бошанд ва фалсафа бино бар моҳияти худ наметавонад ба илму заминаҳои амалитаре, монанди ахлоқ тарбияту сиёсат таъсир гузорад.

**Нақши маърифатшиносӣ (худшиносӣ) дар таълиму тарбия.** Оё инсон тавоноии шинохти ҳақиқатро дорад? Агар посухи мо ба ин масъулот маърифатшинохтии мусбат дошта бошад, дар ин ҳолат бояд чунин пазируфт, ки фалсафа на танҳо дар баёни фароянди таълиму тарбия, балки дар баёни фановарии илмӣ ва корбурдҳои онҳо метавонад, нақши муассир дошта бошад. Равшану возеҳ аст, ки инсон манбаҳову иброзҳои шинохт ва расидан ба ҳақиқат яъне қудрати дарёфттани идроки ақлиро дар ихтиёр дорад ва метавонад аз онро барои мушоҳидаи дурусти табиат ва тамизи ҳақ баҳра гирад. Чизеро ба сурати ошкор бипазирад, ки аз тариқи таҷрибаи ҳиссӣ ба таҳлили ақлӣ қобили дарк бошад.

Ин иртиботи инсон бо ҳақиқати фаъол дорои як ҳалқапайванди дигаре аст, ки ҳосили нотавонии ақл ва таҷриба дар шинохти ҳақиқати мутлақ ва тамизи комили нек аз ботил аст. Ба андешаи дигар, вақте ки инсон бо як воқеияти қобил ташхис, вале ғайриқобили дарк рӯ ба рӯ мегардад, оромона қарори худро аз даст медиҳад.

Дар чунин вазият бо тамоюли фитрӣ дунболи сарчамашиносии дигаре мегардад, то ӯро аз мавқеияте, ки муҷиби парешонии хотираш шудааст, раҳоӣ бахшад. Ин сарчашмашиноси ҳамон омӯзишҳои баёнӣ аст, ки шахс онро пок ва холис месозад ва ҳақиқи будани он шак нест ва ин бовари яқини худро то ҳадди имон ба он ҳақикат густариш медиҳад ин ҳамон роҳе аст, ки Спиноза онро «шинохт аз навъи савум» номидааст.

Ин навъи худшиносӣ аз тарафи аксари файласуфони муосири ғарбӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Файласуфони ғарбӣ барои ёфтани посухи саволҳо ва коҳиши изтироби худ ёфтаҳои равоншиносро истифода намуданд. Мумкин аст далолат шавад, ки илмҳои табиатшиносӣ ба таври куллӣ аз умуми инсонӣ ҷудо ва мустақил аст ва дар аввал тақрибан нисбате ба фалсафа надорад. Дар посух бояд гуфт, ки ҳарду гурӯҳ ба лиҳози маърифатшиносӣ ҳамчун илм маҳсуб мешаванд, вале ба лиҳози равоншиносӣ мумкин аст, ки фарқиятҳо дошта бошад. Ҳамон тавр ки Пупр таъкид медорад, ҳам илмҳои табиатшиносӣ ва ҳам умуми инсонӣ ба асоси пешфарзҳои монанд шакл мегиранд. Сохти ин пешфарзҳо реша дар бунёди фалсафӣ дорад, яъне ҳар ду гурӯҳи ин улум ба лиҳози равиш аз фалсафа пайравӣ мекунанд.

Таърихи илм гувоҳӣ медиҳад, ки талошҳои файласуфон, монанди Арасту, Декарт, Бекон, Лок ва дигарон чигуна дар таҳаввулоти илмии замони худ муассир будааст. Ин таҳаввулот ҳамроҳ ба дунболи як андешаи ҳадди фалсафӣ ва зуҳури пурдомани нав рух додааст, ки доманаи онҳо ҳамвора ба хиттаи таълим ва тарбияе низ густариш ёфтааст. Ба ин тартиб рӯшан аст, ки фаҳми амиқи қонунҳои ҳар ду навъи илм ва таҳаввулоти марбут ва ҳамчунин ёфтани равишҳои муносиб барои интиқоли онҳо ба наслҳои баъдӣ дар гарави фаҳми заминаҳои фалсафие аст, ки дар он тавлид ё кашф шудааст.

Фалсафа дар барномарезии дарсӣ равишҳои мухталиф, бавижа равишҳои улуми инсонӣ ва камтар дар равишҳои улуми табиӣ ба сурати як дарс дар байни дарсҳои дигар ироа мешавад. Бинобар ин, натанҳо миёни фалсафа ва сойири дигар илмҳо иртиботи маърифатшиносӣ дида намешавад, балки дар аксар мавридҳо худи илмҳои як ришта ҳам дорои иртиботи маърифатшиносии баёншуда нестанд.

Имрӯз барои рафъи ин камбудиҳо батни риштае[1] матраҳ мешавад, ки дар он дониши башарӣ дар ду сатҳ созмон меёбад. Сатҳи боло ё сатҳи аслӣ риштае, ки дорои таърифи дидгоҳи аввал аст ва сатҳи поён ё фаръӣ риштае, ки манзури боло, бурдан имконоти корбурди ду ё чанд ришта ва бо иқдоми бархе дарсҳои риштаи дигар ё дарсҳои риштаи аслӣ шакл мегирад. Маънии сатҳи аввал ин аст, ки риштаи навъ риштаи ҷадид дар гурӯҳи риштаи аслӣ табақабандӣ шавад. Масалан, номи як ришта бо моҳияти миёнриштаи электромеханика бошад, дар гурӯҳи электроникӣ ва агар номи он мекотроник бошад, дар гурӯҳи механика табақабандӣ мешавад. Аз ин лиҳоз, донишҳое, монанди биофизика, биохимия ва… дар дигар илмҳои табиӣ ва фалсафа, таълим ва тарбия равоншиносии тарбиявӣ, иқтисоди омӯзишу парвариш, фалсафаи таърих ва… дар дигар улуми инсонӣ миёнриштае маҳсуб мешаванд. Ин мавзӯъ нишон медиҳад, ки тақсим ё табақабандии илмҳо ба ҳар навъ сурат пазирад, ҳақиқӣ нест. Ба ибораи дигар, наметавон гуфт, ки миёни илмҳо хатти фосил ё қотее кашид ва ҳар яке аз онҳоро мустақил аз дигаре дар назар гирифт.

Маълум аст, ки ин намуди тақсимбандӣ зоҳиран дар худшиносии динӣ ҳам пазируфта нашудааст, зеро аз дидгоҳи Қуръон чунин хат миёни олами ғайб, шаҳодат, дунёву охират, назару амал ва билохира, шаръу ақл вуҷуд надорад, аз ин лиҳоз барои ин тақсимбандиҳо эътиборе ҳаст ва ҳадафу максадҳое, ки аз он дорем, марбут мешаванд, аммо агар сохтори дониши башарӣ ва табақабандии онро аз нигоҳи навъи фарориштае[1] нигоҳ кунем, илмҳои маориф ба навъҳои гуногун тақсим намешаванд, балки ба сатрҳои мухталифи воқеият марбут мешаванд, ки дар болотарин сатҳои куллии ҳастӣ бо ҳама мавҷудоти он матраҳ аст ва аз нигоҳи шинохти ҳамаи онҳо воқеияти нишонгир доранд. Ин навъи шинохтро фалсафӣ меноманд ва дар поёнтарин сатҳи мавҷудият, ё вижагиҳои ҳар воқеияте қарор дорад, ки мавриди шиносоӣ воқеъ мешаванд. Ин навъи шинохтро илм меноманд. Дар ин сатҳ аз

шиносӣ дар воқеъ, мо нисбат ба сатҳ болотар таҳлил намекунем, на барои он ки онҳоро нодида мегирем ё, ончунон ки аксари фалсафаи ҷадид барои раҳоӣ аз баҳсҳои метафизикӣ иддао мекунанд, наметавонем онҳоро бишносем.

Ин баҳсҳо ҳамеша перомуни фалсафаи таълиму тарбия матраҳ будааст, ки файласуфони бузург, монанди Афлотун, Арасту, Форобию Ибни Сино то Конт, Гегел, Ибни Мискавейх, Ибни Рушд, Ибни Халдун ва дигарон ҳеҷ гоҳ ба таври хост ба фалсафидан дар бораи таълим аз тарбия напардохтаанд, то махсули фикрии онон роҳкушои мураббиён, ҳатто кудакон ба маҳоратҳои тафаккури мантиқии халлоқ ва интиқоди ниёзманданд то бо истифода аз нерӯи ақлию фикри рӯҳия ҳалли масъаларо дар худ парвариш диҳанд. Ин омӯзиш метавонад бо баҳрагирӣ аз рӯйкардҳои баҳсу гуфтугӯ таҳлилу нақди масъалаҳои рӯз бо истифода аз матбуот, барномаҳои радио, телевизион ва китобҳое, ки ба тозагӣ мунташир шудаанд, анҷом пазирад.

Манзур аз омӯзиши фалсафа эҷоди фурсате аст, ки донишомӯзон дар синф як марҳиларо бо истифода аз рӯйкарди ривоят баён намоянд ва аз ин тариқ барқарори иртибот бо якдигар ва баҳс дар бораи бардоштҳои мутафовит аз як падида тарғиб шаванд ва бо роҳбурдҳои гуногун ҳалли масъаларо пай баранд. Ин ҳамон равиш аст, ки пажӯҳишҳои фалсафӣ дар омӯзиш низ тавсия мешаванд. Аз баёни ин гуфтаҳо чунин исбот мешавад, ки имрӯз омӯзиши фалсафа бояд ба масъалаҳои айниву дастрасии ҷомеа пайванд дошта бошад.

Рӯйкардҳои мухталифе дар тадриси фалсафа вуҷуд дорад, ки ҳар кишвар бар асоси вазъияти фарҳангии худ ба тавр куллӣ вазъияти тафаккур ва илм бо таври лозимӣ ба яке аз онҳо рӯй меоварад. Дар зер ба бархе аз онҳо ишора мекунем:

1) иқдоми мафҳумҳои фалсафӣ дар матнҳои дарсии ҳама сатҳҳо;
2) пешбинии омӯзишу мустақилу мустақими масъалаҳои фалсафӣ дар барномаи дарсӣ, аз ибтидои то олӣ.

Миёни саволҳо аз қабили ҳақиқат чист, ҳадафи ғояи ҳастӣ кадом аст ва инсон чи гуна мавҷуде аст? Ба саволҳое, монанди арзиши посухи ин суолҳои мо дар чист, коркарди онҳо дар мудирияти фароянда ё ёдгирӣ чи метавонад бошад ва чаро ҷомеа ба тарбияти фарзандони худ ниёз дорад, ҳангоме ки мо дар ин бора фарқият гузорем, мумкин аст андешаи кофӣ дар бораи саволҳои аз навъи дувум сурат гирифта, ё нагирифта бошад, аммо дар ин ки посухи онҳо дар эҷоди маъно ва мафҳум ва густариши дидгоҳҳои қобили ниёз дошта, дар бораи таълиму тарбия ва илҳомбахшие ба мураббиёни потенсиали арзишманде дорад, набояд тардид кард. Ин ҳамон интизоре аст, ки аз фалсафаи тарбия бояд, илми онро пай ёбем.

Арнолд Гриз изҳор медорад, ки бисёре аз мо тасаввур мекунем, ки фалсафа ҷузъи амалӣ будани ҳама чиз ҳаст. Ин тасаввур аз набудани таваҷҷуҳ ба коркарди воқеии фалсафа баррасӣ мешавад. Ин шоха аз маърифати башарӣ ба дарки васеътар ва иртиботи куллитар таъкид дорад ва мизони амалӣ будани он ба мизони дахолаташ дар кори муаллим ва мавқеияти тарбия аст.

Гейпстон таъкид мекунад, ки барои дарки комили қонунҳои илмҳои табии ва инсонӣ ва чигунагии кашф ва вазъи онҳо маҳоратҳое, монанди пурсидан барои донистан чист ва вуҷуди ҳақиқат муқоисаи ғояҳо ва андешаҳо гуфтугӯ ва мубоҳиса бо дигарон дарки иртибот, миёндарс ва миёнриштаи иртиботи худ бо дигарон табиат, худо аз ҳама муҳимтарини онҳост. Омӯзиши ин маҳоратҳо бо навъи бориз ба дарки моҳияти арзишҳо, маънои зиндагӣ ва моҳияти инсонӣ ва ҷомеа кӯмак хоҳад кард.

Эмануэл Конт бо тарҳи чаҳор пурсиши бунёдӣ изҳор медорад, ки посухи ин пурсишҳо чун таъинкунандаи қаламрави фалсафа аст, чи метавонем бишносем? Чи бояд бикунем, чи метавонем орзу бикунем? Диққате дар моҳияти ин саволҳо нишон медиҳад, ки ҳар посухи маъқул ва мантиқӣ, ки ба онҳо дода шавад, дар иртиботи танготанг бо таълиму тарбия аст. Нахустин пурсиши марбут ба моҳияти дониш ва маърифат аст, ки дар фароянди ёдгирӣ миёни ёддиҳанда ва ёдгиранда мубодил мешавад ва тайи он тавоноӣ, шинохти инсон, моҳият ва эътибори донишу маърифат ба баҳсу чолиш кашида мешавад. Ин гуфта ба он маъно нест, ки шинохти фалсафӣ ба мубоҳиса навъи дониши мутаалиқ ба фарози тамоми донишҳои хос қарор гирифтааст. Ин баҳсҳо хоҳ нохоҳ ба баҳс дар равишҳои ёддиҳӣ ва ёдгирӣ иртибот пайдо мекунад.

Дар ин ҷо ҳадафи лозимӣ вуруд ба ҳавзаи баҳсҳои маърифатшиносӣ ва боз намудани ҳақиқатҳои ғоӣ нест, балки равшангарӣ дар мавриди чигуна шакилгирии дониш, маърифат, шинохти нуқоти қувват ва маҳдудиятҳои он аст. Фалсафа бо руйкарди интиқоди пайваста моро аз шиканадагии онҳо огоҳ месозад ва ба нақши фарзия дар пажӯҳишҳои тарбия ангушт мегузоранд. Аз ҳамин рӯ, дар кулли низоми таълиму тарбия таъсир мегузорад, яъне таваҷҷуҳ ва истинод ба ин қабил андешаҳои фалсафӣ моро аз дурустии ёфтаҳои муҳаққиқон ва интихобҳо ва низоми тарбия мутмаинтар месозад.

Карбил ва Ҳолсе менависанд, ки касе наметавонад низоми тарбия ва фароянди таҳаввули он ва ҳамчунин, чигунагии шаклгирии сиёсатҳо ва аҳдофи онро дуруст бифаҳмад, магар он ки ба ҷараёни аслии тафаккур ё фалсафа ҳоким бар ҷомеа ва решаҳои он пай бибарад. Мо барои бурунрафт аз ин баҳсҳо ниёзманди бозшиносии нигариш ва андешаҳои волидайни рӯшанфикрони худ ҳастем, то тағйироти асосиро, ки дар низоми тарбияи мо дар ҳоли шаклгирӣ аст ба хуби дарк ва мудирият кунем. Низоми тарбия наметавонад бидуни фалсафа шакл гирад, аммо савол ин аст, ки кишварҳо фалсафаи

муайян низоми таълиму тарбия доранд? Бояд пазируфт, ки ҳар низоми тарбия: мустақим ё ғайримустақим мубтанӣ ба як фалсафаву ҷаҳонбинии хос аст, ки бо шароити иҷтимоиву вазъияти фарҳангии ҷомеае, ки дар он шакл гирифта ва рушду густариш ёфтааст, ҳамоҳангӣ дорад.

Ҳангоме ки сухан дар бораи омӯзиши фалсафа ба забон меояд, манзур ин аст, ки зеҳну тафаккури донишомӯзонро ба барномаи мубтанӣ бо равишҳои хос тавре бояд парвариш диҳем, ки то битавонанд ба таомул ба муҳити зиндагию илм ва донише, ки меомӯзанд, бипардозанд. Гипсон чунин ақида дорад, ки дар дунё пайваста дар ҳоли тағйиру таҳаввули кунунии ҷавонон ва омӯзиши фалсафа ба унвони роҳбару пуштибони масъалаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳунарӣ ба манзури тарбияи рӯшанфикрист. Зарур аст, ки чун ҳадафи аслии омӯзиши фалсафа парвариши тафаккури интиқодӣ ва озодандешӣ аст, набояд онро ба навъе табдил ба омӯзиши ҳалли фалсафаи хос кард, то таомул миёни ёдгирандагон бо якдигар ва бо муллим ба осонӣ илҳом пазирад.

Таъкид ёфтааст, ки фалсафа ҳамвора муҳити мутолиоти афроди хоссе аст. Ин тасаввури беҳтарин аз мутолиоти фалсафӣ ин зеҳниятро ба вуҷуд овардааст, ки фалсафа як заминаи мутолиоти ашрофи хос ва дар бораи инсоният аст ва авомил, бавижа кӯдаконро дар он роҳе нест. Бинобар ин, фалсафа бо таълиму тарбия ва мафҳуми умумӣ ва амалии он тааллуқ надорад, аммо агар бихоҳем инсонро дар амал ба сӯйи худшиносии худ ҳидоят кунем, роҳе ҷуз тарбия вуҷуд надорад. Мутолиаи фалсафа аз ин ҷиҳат барои ҳамаи мо муҳим аст, метавонад кӯмак кунад, то беҳтар ва дурусттар биандешем, бо як диди густурдатар ба ҷаҳони худ бингарем ва бо дарки рӯшантар дар бораи ҳама чиз баҳс кунем ва инсону ҷаҳонро бехтар бишносем ва дар натиҷаи роҳи дуруст ҳидояту тарбияи ӯро ташхис диҳем. Дуруст аст, ки мактабҳои фалсафии мухталиф вуҷуд доранд, вале ҳамаи онҳо дорои вижагиҳои умумӣ ва фанҳои муштарак ҳастанд. Муҳимтарини ин вижагиҳо истидлол ва тафаккури мантиқии равишҳои таҳлили мафҳумҳо барои фаҳмидани онҳо то ҳудуди халлоқият аст, ки дар фаҳми беҳтари ашё ёрӣ медиҳад.

Заминаҳо ва масъалаҳои дигаре низ дар зиндагии мо вуҷуд доранд, ки таркибан онҳоро мешиносем ва аз аҳамияташон огоҳем, вале аз моҳияти фалсафиашон бехабарем. Бинобар ин, ниёзе намебинем, ки дар бораашон амиқтар биандешем. Бархе аз ин заминаҳо ва масъалаҳо иборатанд аз озодиву ахлоқ, маъно ва кайфияти зиндагӣ, истидлол ва мантиқ, мазҳаб ва маънавият, зебоишиносӣ, сиёсат, ҳукумат ва давлат. Ин масъалаҳо махсусан, барои онҳое, ки ба таври умумӣ бо раҳбар ва мудирият, бо роҳбари мудирияти таълим ва тарбия сару кор доранд ва онҳое, ки бо ин афрод дар иртиботанд ё барои рӯйи кор омадан онҳоро раъй медиҳанд, аз аҳамияти зиёде бархурдор аст. Бинобар ин, бояд бо тафаккур ва фалсафидан дар бораи онҳо пардохт.

Интизор аст, ки сиёсатмадорон, муаллимону афроди барҷастаи дигар аз як дидгоҳи фалсафии қавӣ ва рӯшан бархурдоранд, ки мутаассифона, дар бисёре аз мавридҳо дар амал чунин нестанд. Чун эҳтимолан ин навъи тафаккурро дар мактаб наметавонад, сатҳӣ будани дидгоҳҳо дар заминаҳои ёдшуда як масъалаи иҷтимоӣ нест, балки як масъалаи фалсафӣ аст, масъалаи тафаккур аст. Ба ҳамин далел, онҳо ҳамвора барои ҳали масъалаҳо дунболи маъмултарин роҳи ҳалли он нестанд ва тасаввур намекунанд, ки роҳҳои мутааддиди дигаре низ вуҷуд дорад. Дар ҳар сурат рӯшан аст, ки фалсафа ҳамеша дар бораи воқеият ва ҳақиқат ба натиҷаҳои рӯшан ва матлубе намерасад. Дар воқеъ, чунин интизори ҳам набояд аз он дошт, аммо билқувва ҳамеша метавонад чунин бошад. Он чи мо муаллимон метавонем аз фалсафа батаври умумӣ ва фалсафаи хос биомӯзем, шомили мавридҳои зер аст:

1.Шиносои андешаҳои ироашуда ва нишон додани зовияи пинҳон ва ноогоҳонаи он ба манзури нақди олимона ва ё барқарории иртибот бо бошад. Бинобар ин, чунин интизор ҳам набояд аз он дошт, ки дар воқеъ ин файласуфон файласуфони соҳаи тарбия буданд, ки барои татбиқи дидгоҳҳои онон бо фароянди таълим ва тарбия ва ё барои амалиёте ғояҳои онҳо талош кардаанд. Бархе аз файласуфони тахлилгаро бидуни ҳар навъ мулоҳиза изҳор медоранд, ки файласуфони гузашта кӯшидаанд, таълим ва тарбияро тафсир кунанд, ки ин далел мавриди қабули фалсафаи имрӯзи ғарбӣ нест. Гӯё онҳо ба меъёрҳои заминӣ баён нашудааст. Илова бар ин, ситорашиносон, рӯҳшиносон ва кимиёгарони чун пайвастагии кофӣ бо масъалаҳои зиндагии рӯзмарра надоштанд, қобилияти амалӣ шудан ҳам надоранд. Ба назар чунин мерасад, ин қабил вокунишҳо ба сурати ошкору пинҳон бар андешаҳои мутахассисоне ҳам, ки амалан даргири фаъолиятҳои тарбиявианд, таъсир гузоштааст, ки ғояҳои онҳо нисбатан назар ва амали тарбия ё талиму тарбия мавқеи бетарфиро матраҳ кардаанд.

Ин қабил изҳорот аз нигариши таассубомез ва ё холӣ аз илму зинадагии исбодгароёна аст. Дар таҳлили падидаҳо ва ғояҳои тарбиявӣ ба андозае файласуфон дар бораи онҳо ба мо кӯмак намекунад. Ин гуфта, ба маънои он ки фалсафа маҳз коркарди корсозӣ дар тарбия дорад ва мо бояд аз макотиб ва назороти файласуфон дар тарбия пайравӣ кунем. Иттифоқан тавсия мешавад, ки аз табиати созишкорона бипарҳезем ва албатта, ба маънои он ҳам нест, ки даврони таъсиргузории фалсафа ба андешаҳову амали тарбия сипарӣ шуда ва чунин интизорӣ ҳам аз фалсафаи тарбиятӣ надорем. Инак, пажӯҳишҳои илмӣ аст, ки раванди фаъолиятҳои тарбиятиро ҳидоят мекунад. Дар ин ҷо мо бояд бо он ва рафъи печидагиҳое, ки бисёре нохоста ва шояд ҳам ғайри воқеи ҳастанд, ишора намоем:

1. Таҳлилу дарки мафҳумҳо ва фарзияҳои илмӣ ба манзури итминон аз эътибори онҳо.

2. Истихроҷи натиҷаҳои далолатшуда аз мадорик ва асноде, ки дар ҳар замина ба даст меоварем.

3. Диққат ба дониш ва маърифате, ки бе асар ва натиҷа ҷилва мекунад, аммо метавонад мавриди истифода қарор гирад.

4. Ҷустуҷӯ дар масъалаҳои асоси зиндагии инсон.

**АДАБИЁТ**


1.Бокири Хусрав. Даромади фалсафаи таълим ва тарбият/ Бокири Хусрав. - Теҳрон. 1386,

2. Купер Ремунд Корел. Ҳадсҳо ва ибтолҳои рӯшди шинохти илмӣ / Купер Ремунд Корел; Тарҷумаи Аҳмади Ором. – Теҳрон, 1368.

3. Довари Ардакони Ризо. Вазъияти омӯзиши фалсафа дар Эрон / Довари Ардакони Ризо. –Теҳрон, 1385.

4. Дуртие Жон Фаронсуа. Густариши шинохтҳо / Дуртие Жон Фаронсуа; Тарҷумаи Муртазо Катби. - Теҳрон, 1382.

5. Шариатмадорӣ Алӣ. Ислом ва инқилоби фарҳангӣ/ Шариатмадорӣ Алӣ. – Теҳрон,1361.

6. Гурез Орнулд. Фалсафаи тарбияи шумо чист? / Гурез Орнулд; Тарҷумаи Шаъбони Вараки ва дигарон. – Машҳад, 1383.

7. GIbson T. «Practical Guide for Educationalists» London, Hatchinson Educational Ltd.2004.

8. Karadel, J. and Halsey, A. H. «Powwr and Ideology in Education». New York, Oxford University Press.1977.

10. Kogan, M. «The Politics of Educational Change». Manchester, Manchester University Press.2003.

11. Lipman, M. «Philosphy Goes School. Philadelphia». Tempie Universty Press.1998.

12. Nicolescue, B. « Transdisciplinary and Complexity». Paris. CIRET.2000.

13. O Connor, D.J. «Introduction ot The Philosphy of Educatin». London, Routledge, Keegan Paul. 1957.


**МЕСТО ФИЛОСОФИИ В ОБУЧЕНИИ И ВОСПИТАНИИ**


Данная статья рассмаривает место обучения и воспитания в философии. Процесс обучения и воспитания направлен на сохранение, приумножение и передачу знаний новым поколениям, удовлетворение потребностей личности в интеллектуальном, культурном, нравственном, физическом развитии, на подготовку квалифицированных кадров для отраслей экономики. Философия образования позволяет выделить законы обучения и сообщения знаний человеку, она аргументирует целесообразность перестройки сознания человека в процессе его образования.



**Ключевые слова:** процесс обучения и ценность философского подхода к образованию содержание обучения и воспитания, современный уровень развития знаний; новые образовательные технологии,


**THE PLACE OF PHILOSOPHY IN EDUCATION**


This article considers the place of training and education in philosophy. The process of training and education aimed at the preservation, enhancement and transfer of knowledge to new generations, the needs of the individual in the intellectual, cultural, moral, physical development, training and skills development for industries. Philosophy of education allows you to select the laws of learning and communicate knowledge to a man, she argues for the feasibility of restructuring of human consciousness in the process of its formation.



**Key words:** learning process and value of philosophical approach to education, the content of training and education, the modern level of development of knowledge; new educational technologies,



**Сведения об авторе:** ***Мехди Бахши Абдулхусейн*** –аспирант Таджикского национального университета


# МУҚОИСАИ ҲУШИ ҲАЯҶОНӢ ВА ҶУРЪАТВАРЗӢ ДАР ДОНИШОМӮЗОНИ ПИСАРИ ADHD (НАҚСИ ТАВАҶҶУҲ ВА БЕШФАЪОЛӢ) ВА КӮДАКОНИ ОДӢ


***Алии Шикориёни Язд***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Пажӯҳиши феълӣ, ба манзури муқоисаи ҳуши ҳаяҷонӣ ва ҷуръатварзӣ дар донишомӯзони писари ADHD ва одии давраи ибтидоӣ ва роҳнамоӣ (10-14 сол) дар шаҳри Машҳади Эрон дар соли 2011 сурат гирифтааст. Ба ин манзур 60 донишомӯзи писар (30 донишомӯзи одӣ ва 30 донишомӯзи ADHD) ба равиши намунагирии тасодуфӣ интихоб шуданд ва ба пурсишномаҳои ҳуши ҳаяҷонӣ ва ҷуръатварзии Бор-Он Гембрил ва Ричи посух доданд. Ёфтаҳои пажӯҳиш нишон дод, ки байни ҳуши ҳаяҷонии кулли донишомӯзони писари одӣ ва ADHD тафовут вуҷуд дорад. Ба тавре ки ҳуши ҳаяҷонии донишомӯзони одӣ бештар аз донишомӯзони ADHD аст ва нумраҳои донишомӯзони одӣ дар муаллифаҳо ибрози вуҷуд, истиқлол, худогоҳии ҳаяҷонӣ, робитаҳои байнифардӣ, ҳалли масъала, худшукуфоӣ, инъитофпазирӣ, таҳаммули стресс, назорати такона ва шодкомӣ болотар аз донишомӯзони ADHD аст.

Ҳуши ҳаяҷонӣ, шакле аз ҳуши иҷтимоӣ ва пешбиникунандаи муносибе дар коромадии куллӣ ва коромадӣ дар хиттаҳои хос, назири амалкарди шуғлӣ аст ва тавоноии назорати эҳсосот ва ҳаяҷоноти худ ва дигарон, тамоюз миёни онҳо ва истифода аз ин иттилоот барои ҳидояти тафаккур ва амали фардро дар бар мегирад.

Ҳуши ҳаяҷонӣ бо шинохти фард аз худаш ва дигарон, иртибот бо дигарон, созгорӣ ва интибоқ бо муҳити перомун, ки барои муваффақ шудан дар баровардани хостаҳои иҷтимоӣ лозим аст, муртабит мебошад. Ҳуши ҳаяҷонӣ, тавонмандии тактикӣ дар амалкарди фардӣ аст. Ҳуши ҳаяҷонӣ таъсири бисёр зиёде бар шодӣ ва ризоияти афрод дорад. Касоне, ки ҳуши ҳаяҷонии худро ба кор мегиранд ва бо муҳити атрофи худ созгории бештар доранд, эътимод ба нафси болое нишон медиҳанд

ва аз тавоноии худ огоҳанд. Робитаи мустақими байни ҳуши ҳаячонӣ ва зиндагии хубу солим нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба ҳаячонҳо, огоҳ будан ва огоҳ мондан аз онҳо, истифода аз онҳо дар роҳнамоӣ кардани рафтор, аҳамияти зиёде дорад. Афроде, ки аз ҳуши ҳаячонии болое бархурдоранд, аз тавоноиҳои иҷтимоии муассиртаре низ бархурдоранд ва ба воситаи он робитаҳои байнифардии матлуберо эҷод карда, метавонанд ҳаячоноти худро дарк ва иброз кунанд ва тавоноии дарки ҳаячонҳои дигаронро низ дошта бошанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки маҳоратҳои ҳаячонӣ ва иҷтимоӣ дар иртибот бо дигарон омӯхта мешаванд ва лозимаи касби бисёре аз ин маҳоратҳо доштани ҳуши нормалӣ ва тавоноии пардозиши бемавқеи иттилоот дар мақеиятҳои пеши рӯ ба воситаи нуқсоне дар таваҷҷуҳ ва тамаркуз ва баъзан доштани ҳуши иҷтимоӣ ва байнифардии афрод дорад. Бор-Он дар соли 1997 муаллифаҳои ҳуши ҳаячониро шомили ҷуръатварзӣ, ҳурмати нафс, худшукуфоӣ, истиқлол, ҳамдилӣ, робитаи байнифардӣ, масъулиятпазирии иҷтимоӣ, ҳалли масъала, воқеиятсанҷӣ, инъитофпазирӣ, таҳаммули фишор, назорати такона, шодкомӣ ва хушбинӣ медонад. Бино ба назари Бор-Он ҷуръатварзӣ яке аз маҳоратҳои дарунфардӣ аст ва яке аз муаллифаҳои муҳимми ҳуши ҳаячониро ташкил медиҳад. Рафтори ҷуръатварзона, як изҳори муносиби ҳаячонот ва эҳсосот нисбат ба дигар мебошад. Вуҷуди чунин рафторе муҷиб мешавад, ки фард эҳсосот ва ҳаячоноти худро дар баробари рафтори дигарон, ки метавонад тейфе аз таҳқир ё таҳрикро дошта бошад, бидуни тарс ва ба шакли саҳеҳ иброз кунад. Посуххои фард ҳатто дар баробари омилҳои таҳриккунанда бо бори ҳаячонии камтаре тазоҳур хоҳанд ёфт.

Касоне, ки қодир нестанд аз маҳоратҳои ҳуши ҳаячонии худ истифода кунанд, ба эҳтимоли зиёд барои мудирияти рӯҳия ва хулқи худ аз равишҳои дигаре, ки камтар асарбахшӣ доранд, баҳра мегиранд. Эҳтимол дорад, ки онҳо ду баробар бештар аз дигарон мустариб, афсурда ё муътод шаванд ва ҳатто афкори худкушӣ ба сарашон бизанад. Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти ҳуши ҳаячонӣ дар созгории фардӣ ва иҷтимоӣ, ба назар мерасад, афроде, ки дучори ADHD мебошанд, мушкилоте дар иртибот бо созгории фардӣ ва иҷтимоӣ дошта бошанд. Чунин мушкилот мумкин аст дар ҳуши ҳаячонӣ ва муаллифаҳои он дар афроди ADHD муассир бошанд ва муҷиби тафовути ҳуши ҳаячонӣ дар афроди одӣ ва ADHD гарданд. Ба таври куллӣ масъалаи асосии пажӯҳиши ҳозир ин аст, ки оё афроди ADHD ва одӣ аз назари ҳуши ҳаячонӣ ва ҷуръатварзӣ мутафовит ҳастанд? Ва оё байни ҳуши ҳаячонӣ ва ҷуръатварзӣ робита вуҷуд дорад?

**Таорифи истилоҳот.** Ихтилолоти нақси таваҷҷуҳ ва бешфаъолие, ки онро ба таври мухаффаф бо ADHD (Attention-deficit hyperactivity disorder) мешиносанд, яке аз мушкилоти рафтории кӯдакон аст, ки мутаассифона, дар солҳои охир бар теъдоди он ба таври чашмгире афзуда шудааст. Асоси ташхиси ихтилоли нақси таваҷҷуҳ ва бешфаъолӣ (ADHD) вуҷуди маҷмӯае аз рафторҳо аст, ки бо бетаваҷҷуҳӣ, ҳавоспартӣ ва пуртаҳаррукӣ худро нишон медиҳад. Шиддати ин рафторҳо дар кӯдакони мубтало ба ҳадде аст, ки тавоноии онҳоро дар коркарди иҷтимоӣ ва таҳсилӣ ба мухотира меандозад. Беқарорӣ ва ноороми (пуртаҳаррукӣ) шоеъ аст ва барои ташхиси ин синдром зарурӣ нест. Нотавонии ёдгирӣ ҳам, маъмулан, бо ин ихтилол ҳамроҳ аст. Бархе аз ин кӯдакон мумкин аст рафтори пархошгарона ё таорузҷӯёна ҳам нишон диҳанд.

ADHD, маъмулан, барои муаллимон ошкоро аст. Ин бетаваҷҷуҳӣ ба сурати адами итмоми кор пас аз шурӯи он, нафаҳмидани дастурот ва иртикоби иҷтибоҳот, ки иллаташон бештар бетаваҷҷуҳист, то адами дарки мавзӯи ироашуда, мутаҷаллӣ мешавад.

Ин кӯдакон маъмулан бидуни тафаккур амал мекунанд ва ба суръат аз фаъолияте ба фаъолияти дигар рӯй меоваранд ва ғолибан рафтори дурустро дар замони нодуруст нишон медиҳанд.

3 то 7% кӯдакони ба ин ихтилол мубталобуда писарҳо чаҳор баробар бештар аз духтарҳо ба ихтилоли таваҷҷуҳ ҳамроҳ бо пуртаҳаррукӣ мубтало мешаванд. Духтарон ба таври маъмул бо ADHD-и аз навъи бидуни пурҳаракатӣ мурочиа мекунанд. Афзоиши син мумкин аст боиси беҳбуди аломатҳои кӯдаки дучори ADHD шавад. Илова бар аломатҳои зикршуда ташнагӣ, изтироб, пархошгарӣ, камхурӣ ва камхобиро низ метавон дар ин кӯдакон мушоҳида кард.

**Мадрасаҳои ибтидоӣ.** Шомили шаш пояи таҳсилӣ буда, кӯдак пояи аввалро аз синни 7 солагӣ оғоз ва дар синни 13 солагӣ ба итмом мерасонад.

**Мадрасаҳои роҳнамоӣ (давраи аввали дабиристон).** Шоимли се пояи таҳсилӣ буда, аз синфи 7-ум то 9-умро шомил мешавад.

**Равиши пажӯҳиш. Ҷомеаи оморӣ.** Ин пажӯҳиш ба рӯйи донишомӯзони писари одӣ ва ADHD (нақси таваҷҷуҳ ва бешфаъол) давраи ибтидоӣ ва роҳнамоӣ (10-14 сол) мадрасаҳои омӯзишу парвариши шаҳри Машҳади Эрон дар соли 2011 сурат гирифтааст. Намунаи омории пажӯҳиши ҳозир шомили 60 донишомӯзи писар (30 донишомӯзи одӣ ва 30 донишомӯзи ADHD) давраи ибтидоӣ ва роҳнамоии мадрасаҳои одӣ ва мадрасаҳои хоси кӯдакони ADHD аст, ки ба сурати намунагирии чандмарҳилаӣ интихоб шудааст.

**Абзори андозагирӣ.** Абзори андозагирии мавриди истифода дар ин пажӯҳиш, пурсишномаи ҳуши ҳаячонии Бор-Он (EQ-I) ва пурсишномаи ҷуръатварзии Гембрил ва Ричил ва пурсишномаи Конерз ҷиҳати ташхиси кӯдакон ADHD аст.

**Пурсишномаи ҳуши ҳаяҷонӣ (EQ).** Ин пурсишнома шомили 133 суоли кӯтоҳ аст ва аз як миқёси Ликерти панҷмарҳилаӣ аз «ҳамеша дар мавриди ман содиқ аст» то «ҳаргиз дар мавриди ман содиқ нест» ташкил шудааст ва шомили 5 миқёси таркибӣ ва 15 хурдамиқёс ба шарҳи зер аст.

1. Дарунфардӣ: шомили хурдамиқёсҳои ҳурмати нафс, огоҳии ҳаяҷонӣ, ибрози вуҷуд ва худшукуфоӣ.
2. Байнифардӣ: шомили хурдамиқёсҳои ҳамдилӣ, масъулиятпазирии иҷтимоӣ ва робитаҳои байнифардӣ.
3. Муқобила бо фишор: шомили хурдамиқёсҳои таҳаммули фишор ва назорати такона.
4. Созгорӣ: шомили хурдамиқёсҳои вокеиятозмоӣ, инъитофпазирӣ ва ҳалли масъала.
5. Хулқи куллӣ: шомили хурдамиқёсҳои хушбинӣ ва шодкомӣ.

Лашкарӣ дар соли 2001 дар пажӯҳиши поёӣ ва равоии озмуни ҳуши ҳаяҷониро дар миёни донишҷӯёни донишгоҳҳои Теҳрон мавриди баррасӣ қарор дод ва зариби Алфаи Крунбох баробар бо 92%-ро барои поёии кулли пурсишнома ба даст овард, ки баёнгари поёии болои пурсишнома аст. Вай барои баррасии равоии созаи озмун аз равиши таҳлили муаллифаҳои аслӣ истифода кард.

**Пурсишномаи ҷуръатварзии Гамбрил ва Речил** бар асоси озмуни ҷуръатварзии Гембрил ва Ричил дар соли 1975 таҳия шуда, дорои 40 моддаи аслӣ мебошад. Ба далели адами татобуқ бо фарҳанги эронӣ, дар бархе маводи он тағйироте дода шудааст. Ҳар моддаи озмун мавқеиятеро, ки мусталзими рафтори ҷуръатварзӣ аст, нишон медиҳад. Аз озмуданӣ хоста мешавад, ки барои посух додан ба суолот, бар ҳасби як миқёси дараҷабандии панҷгузинаӣ ба ду сурати эҳтимоли бурузи рафтор ва дараҷаи ноороҳатӣ амал намояд. Зариби пӯёии ин озмун тавассути Гембрил ва Ричил баробар бо 81% гузориш шудааст. Аз назари пӯёӣ, ҳамбастагии зиёде байни моддаҳои ин озмун бо якдигар вуҷуд дорад.

**Шеваи иҷро.** Ба манзури иҷрои пурсишномаҳо рӯйи гурӯҳи кӯдакони ADHD, пурсишномаҳо тавассути муаллимон ва мушовирони мадрасаҳо ба сурати инфиродӣ ба кӯдак тафҳим мешуд. Дар мавриди кӯдакони одӣ иҷрои пурсишномаҳо ба сурати гурӯҳӣ бо назорати мустақими пажӯҳишгар анҷом шуд.

**Миқёси мушкилоти рафтории кӯдакони Конерз-форуми волидайн.** Мутадовилтарин равиши арзёбии пешфаъолӣ ва нақси таваҷҷуҳ дар кӯдакон, такмили пурсишномаҳои Конерз аз тарафи волидайн аст. Агарчи назари муаллимон барои арзёбии ин ихтилол кофӣ аст, бо ин ҳол донистани назари волидайн ба бартараф кардани ихтилофи назар дар ташхис кӯмак мекунад. Ин миқёс дорои 48 пурсиш аст, ки тавассути волидайн такмил мегардад. Конерз ва ҳамкорон дар соли 1999 пӯёии ин миқёсро 90% гузориш намудаанд.

**Наҳваи такмил.** Ба волидайн тавсия мешавад, бо таваҷҷуҳ ба теъдоде аз мушкилоти шоее, ки кӯдакони онон доранд ва бар асоси фаровонии рафтор дар як моҳи гузашта ба суолоти пурсишнома посух диҳанд. Лозим ба зикр аст, ки илова бар назари волидайн назари муаллимони кӯдак низ дар таъйиди ташхис лиҳоз гардидааст.

**Ёфтаҳои пажӯҳиш.** Ба манзури муқоисаи ҳуши ҳаяҷонии куллии донишомӯзони ADHD ва одии писар, аз таҳлили варианти дутарафа истифода шуд.

**Ҷадвали 1. Натиҷаҳои таҳлили варианти дутарафа ба манзури муқоисаи ҳуши ҳаяҷонии куллӣ**

| Манбаи тағйирот | F | Сатҳи маънодорӣ |
|---|---|---|
| Омили ихтилоли нақси таваҷҷуҳ-бешфаъолӣ (ADHD) | 40,51% | 0,001% |

Бо таваҷҷуҳ ба ҷадвали фавқ мулоҳиза мешавад, ки F муҳосибашуда (40,51%) дар муқоисаи миёнгини нумраҳои ҳуши ҳаяҷонии куллӣ бар асоси омили вуҷуди ихтилоли ADHD маънодор аст. Ба иборати ҳуши ҳаяҷонии куллии донишомӯзони одӣ бештар аз донишомӯзони ADHD аст. Ҳамчунин F муҳосибашуда ба манзури муқоисаи миёнгини нумраҳои муаллифаҳои ҳуши ҳаяҷонӣ бар асоси омили вуҷуди ихтилоли ADHD нишон медиҳад, ки миёнгини нумраҳои донишомӯзони одӣ болотар аз донишомӯзони ADHD аст.

**Ҷадвали 2. Натиҷаҳои таҳлили варианти дутарафа ба манзури муқоисаи ҷуръатварзӣ**

| Манбаи тағйирот | F | Сатҳи маънодорӣ |
|---|---|---|
| Омили ихтилоли нақси таваҷҷуҳ-бешфаъолӣ (ADHD) | 40,10% | 0,001% |

Илова бар он F муҳосибашуда (40,10%) ба манзури муқоисаи миёнгини нумраҳои ҷуръатварзӣ, байни ду гурӯҳ нишон медиҳад, ки ҷуръатварзии донишомӯзони одӣ аз донишомӯзони ADHD бештар аст. Барои баррасии робитаи ҳуши ҳаяҷонии куллӣ ва мизони ҷуръатварзии донишомӯзони одӣ ва донишомӯзони ADHD аз зариби ҳамбастагии Пиерсон истифода ба амал омад. Натиҷаҳо нишон медиҳад, ки зарибҳои ҳамбастагии муҳосибашуда дар донишомӯзони одӣ (91%) ва дар донишомӯзони ADHD (77%) буда, ки ҳамагӣ дар сатҳи камтар аз 1% маъно доранд.

Ба таври куллӣ, натиҷаҳои пажӯҳиши ҳозир нишонгари он буд, ки вуҷуди ихтилоли ADHD дар кӯдакон метавонад омили муассире дар ҳуши ҳаяҷонӣ бошад. Ба тавре ки донишомӯзони ADHD, дорои ҳуши ҳаяҷонии поинтаре нисбат ба ҳамсолони одии худ ҳастанд. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки ихтилоли ADHD, бархе аз муаллифаҳои ҳуши ҳаяҷониро бештар таҳти таъсир қарор медиҳад. Ба

тавре ки донишомӯзони дорои ихтилоли ADHD дар муаллифаҳои худогоҳии ҳаяҷонӣ, робитаҳои байнифардӣ, ҳалли масъала, иньитофпазирӣ, ибрози вуҷуд, назорати такона ва шодкомӣ, худшукуфоӣ, истиқлол, таҳаммули стресс, нумраҳои поинтаре нисбат ба донишомӯзони одӣ касб карданд. Аз нукоти қобили таваҷҷуҳ дар пажӯҳиши ҳозир тафовути қобили таваҷҷуҳи кӯдакони ADHD ва одӣ дар худшукуфоӣ ва тавоноии ҳалли масъала ва худогоҳии ҳаяҷонӣ аст, ки бо мантиқи сохтории ин кӯдакон низ мутобиқ мебошад, ба наҳве ки дар ин се мавриди ихтилофи зиёде бо кӯдакони одӣ доранд. Илова бар он вуҷуди сатҳҳои поини ибрози вуҷуд ва тавоноии назорати такона нишоне бар адами тавоноӣ дар назорати ҳаяҷонот мебошад, ки аз сифатҳои боризи кӯдакони ADHD аст.

### АДАБИЁТ


1. Ротерт Алберт. Равоншиносии ибрози вуҷуд/ Алберт Ротерт, Имунз Ройк. Тарҷумаи Маҳдии Қарочидоғӣ. - Теҳрон, Чопи 2. 1983.
2. Амолӣ Шуҳра. Пажӯҳиши баррасӣ ва муқоисаи мизони короии равиши ҷуръатомӯзӣ тавъам бо бозсозишинохтӣ. 1994.
3. Эронманиш Мутаҳҳира. Пажӯҳиши муқоисаи ҳуши ҳаяҷонии духтарон ва писарони одӣ ва ношунавои давраи дабиристони Теҳрон. //Поённомаи коршиносии аршади Донишгоҳи озоди Теҳрон, Мутаҳҳира Эронманиш. 2003.
4. Bar-on R. The emotional quotient inventory(EQ-I);A measure of emotional, intelligence. Toronto, Canada: multhi health system. 1997.
5. Bar-on R. (2000) Emotional and social intelligence in sights from the emotional quotint inventory..383-363 ,2000
6. Goleman D. Emotional intelligence, what can matter than IQ. New York, Ban tam Books, 1995.
7. Goleman D. Gibse. Emotional intelligence, New York Bantam, 1995.
8. Gambril E.D., Richey C.A. Assertion test, Behavior therapy6, 550-567, 1975.
9. Liff S.B. Social and Emotional Intelligence: Applications for. Developmental Education. Journal of Developmental Education 6. 550-567. 2003.
10. Mayer J.D., Salovey P. Emotional intelligence and the identification of emotion intelligence.Marape abstract. Vol, 2:89-114, 1999.


### СРАВНЕНИЕ ЭМОЦИОНАЛЬНОГО ИНТЕЛЛЕКТА И ЛИДЕРСТВА У ДЕТЕЙ С СИНДРОМОМ ADHD (СИНДРОМ РАССТРОЙСТВА ВНИМАНИЯ И ГИПЕРАКТИВНОСТЬ) И ОБЫЧНЫХ ДЕТЕЙ


Эмоциональный интеллект определяется, как способность понимать, управлять и эффективно выражать собственные чувства, в том числе и негативные эмоции. Эмоциональный интеллект - это безусловное составляющее в построении, развитии, восстановлении и расширении личных отношений. Эмоциональный интеллект может быть расширен и иметь высокий уровень при желании учиться и развиваться. Большое внимание исследователей привлекает синдром расстройства внимания у детей - ADND, который определяется как сложности в доведении дел до конца, как дома, так и в школе, трудности в общении, как с близкими взрослыми, так и с детьми. В данной статье автор проводит сравнение эмоционального интеллекта и лидерства между детьми с синдромом ADND и обычными детьми.



**Ключевые слова:** эмоциональный интеллект, синдром расстройства внимания у детей, лидерство, гиперактивность.


### COMPARISON OF EMOTIONAL INTELLIGENCE AND LEADERSHIP IN CHILDREN WITH THE SYNDROME ADHD (SYNDROME DISORDERS OF ATTENTION AND HYPERACTIVITY) AND NORMAL CHILDREN


Emotional intelligence is defined as the ability to understand, manage, and effectively Express their own feelings, including negative emotions. Emotional intelligence is the unconditional component in the construction, development, reconstruction and extension of personal relationships. Emotional intelligence can be extended to have a high level when the desire to learn and develop. Great attention of researchers is attracted syndrome disorders of attention in children - ADND, which is defined as difficulties in bringing cases to the end, both at home and at school, difficulties in communication, both with adults and with children. In this article, the author compares emotional intelligence and leadership among children with the syndrome ADND and normal children.



**Key words:** emotional intelligence, syndrome disorders of attention in children, leadership, hyperactivity.



**Сведения об авторе:** ***Али Шикориёни Язд*** – соискатель Таджикского национального университета


## НИГОҲЕ БА ТАРҲИ НАВИНИ АРЗИШЁБИИ ДОНИШОМӮЗОН ДАР ДАВРАИ ИБТИДОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН


***Тоҳира Рушанӣ***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Дар солҳои охир вазорати омӯзиш ва парвариши Эрон нақшаҳои навинеро ироа ва амалӣ намудааст, ки яке аз ин нақшаҳо тағйири арзишёбии суннатӣ ба арзишёбии тавсифӣ дар давраи ибтидоӣ аст. Дар арзишёбии суннатӣ, фаъолиятҳои маъмулан ағлаб ба таъйини мизони муваффақияти донишомӯзон дар ёдгирии матолиби дарсӣ маҳдуд мешавад. Дар ҳоле ки арзишёбии тавсифӣ ҳамкории мудири мадраса, падарону модарон ва донишомӯзонро металабад. Чаро ки анҷоми таклифи матнӯи хориҷ аз синфе, ки давоми барномаи ёддиҳӣ-ёдгирии мадраса маҳсуб мешавад, ба шиддат қобили таваҷҷуҳ аст. Ба гуфтаи бисёре аз соҳибназарон иҷрои арзишёбии тавсифӣ василаи муҳим барои санҷиши ҷанбаҳои мусбат ва манфии таҷрибаҳои ёдгирии донишомӯзон ба шумор меравад ва дар рушд ва боландагӣ ва шукуфоии истеъдодҳои онҳо муаассир хоҳад буд.

Омӯзиши ибтидоӣ асоси кулли омӯзишҳост. Бинобар ин, шинохти вижагиҳо, тавоноиҳо ва истеъдодҳои донишомӯзон ва ҳидояти онҳо ба сӯи алоиқ ва ниёзҳои равоншинохтӣ аз муҳимтарин ва асоситарин вазифаҳои ин давраи омӯзишӣ ба ҳисоб меравад. Ба таври кулли дар фароянди омӯзиш ва парвариши давраи ибтидоӣ омилҳои бисёре дахолат мекунанд, ки тағйири ҳар яки онҳо метавонанд дар сарнавишти таҳсилии донишомӯзон таъсиргузор бошад.

Ин омилҳо назири фазои омӯзишӣ, нерӯи инсонӣ, равиши дарс, маводи дарсӣ ва кӯмаки омӯзишӣ ва чигунагии арзишёбӣ аз ёдгирии донишомӯзон аз ҳамон омилҳое ҳастанд, ки кишварҳо бинобар заруратҳои рӯзмарра барои тағйир додани онҳо кӯшиш менамоянд. Аз ин рӯ дар сурати вуҷуди як низоми арзишёбии саҳеҳ дар ҳар низоми омӯзишӣ, имкони асарбахшӣ ва кароии он низом афзоиш меёбад[1].

Арзишёбии тавсифӣ яке аз навовариҳои омӯзишӣ ба кор бурда шуда, дар низоми омӯзишии давраи ибтидоии Ҷумҳурии Исломии Эрон аст. Ин арзишёбӣ ихтиёри муаллимон, нақши мудирон ва ҳатто волидайнро таҳти таъсир қарор додааст.

Ин арзишёбӣ муддате аст, ки ба унвони намунае ҷонишини арзишёбии суннатии мавҷуд буда, чанд сол аст, ки ба сурати озмоишӣ дар бархе аз мадориси ибтидоии кишвар дар ҳоли иҷрост.

Таърифи арзишёбӣ. Ҳар гоҳе ки қазовате ба ҳамроҳ дошта бошад, арзишёбиест ба унвони мисоли вақтии донишомӯзон дар як озмун ширкат мекунанд ва барномаи ӯ андоза карда мешавад. Агар дар асоси ин андозагирӣ қазовате анҷом шавад, дар ҳақиқат арзишёбӣ анҷом пазируфтааст. Агарчи мумкин аст баъзе мавқеъҳо санҷиш ва арзишёбии муодил ба кор раванд, аммо дар воқеъ ҳаммаъно нестанд. Санҷиши андозагирӣ барнома аст ва муштамил бар қазоват нест ва ин нақш бар ухдаи арзишёбӣ аст[2]. Дар ҷойи дигар арзишёбӣ ба ин сурат таъриф дода шудааст:

Барномаи низомдор барои ҷамъоварӣ, таҳлил ва тафсири иттилоот ба ин манзур аст, ки таъйин шавад оё ба ҳадафҳои мавриди назар расидаам ё на ва ба чӣ андоза?

Агарчи арзишёбӣ шомили доварии арзишёбӣ дар бораи матлуб будан ё матлуб набудани вижагӣ ё мавзӯи мавриди арзишёбист, аммо андозагирии поя ва асоси арзишёбии дурустро месозад, зеро бидуни дар даст доштани натиҷаҳои як андозагирии дақиқ аз вижагӣ ё маҳсули мавриди назар наметавон арзишёбии дурусте аз он ба амал овард[3].

**Арзишёбии тавсифӣ.** Намунаи кофиест, ки талош мекунад бар хилофи намунаҳои арзишёбӣ аз тариқи таваҷҷуҳ ба меъёрҳои барномаи дарсӣ ва омӯзишӣ ба умқ ва кайфияти ёдгирии донишомӯзон таваҷҷуҳ кунад ва табйин ва тавсифе аз вазъияти онҳо ироа кунад. Абзорҳои арзишёбии тавсифӣ иборатанд аз: пӯшаи кор, феҳристҳои ворасӣ, барги сабт мушоҳидот, озмунҳои амалкард, таклифҳо ва тамринҳои дарсӣ, бозхӯрдҳои тавсифӣ ва корномаи тавсифӣ[4].

Арзишёбии тавсифӣ як нусхаи ҷадид аз арзишёбии мустамар аст. Ин арзишёбӣ намунаи кайфӣ аст. Илова бар он, ин арзишёбӣ ба иштирок ва мудохилаи донишомӯзон дар арзишёбӣ аз тариқи абзорҳои монанди пӯшаи кор, арзишёбии амалкардӣ, таклифҳо ва ғ. аҳамият медиҳад. Ин арзишёбиҳо бо ҳадафҳои рушд ҳамаҷонибаи донишомӯзон се мушаххасаи аслӣ дорад, ки онро бо равиши арзишёбии суннатӣ мутамоиз мекунад.

1. Тағйири миқёси камӣ (0-20) ба кайфӣ (дар ҳадди интизор, наздик ба интизор, ниёзманди талоши бештар).

2. Истифода аз абзорҳои мутааддид ба ҷойи имтиҳоноти миёнӣ ва поёнӣ.

3. Корномаи тавсифие, ки бо миқёси нигораи тавсифҳо ҳамроҳ аст[5].

Дар соли 2002 баъд аз суботи 647 ва 649 шӯрои олии омӯзиш ва парвариши Эрон нақшае барои тағйири низоми арзишёбии пояҳои аввал то саввуми ибтидоӣ таҳти унвони арзишёбии тавсифӣ таҳия шуд ва аз баҳмани 2002 амалишавии озмоиши он дар 20 синфи пояи аввали ибтидоӣ дар 10 мактаб бо кӯмаки 30 нафар аз муаллимон шурӯъ шуд. Ин нақша пас аз иҷрои пешозмоишӣ ва ҳамчунин баргузории пудмонҳои омӯзишӣ барои муаллимон маҷрии тарҳ амалан аз меҳрмоҳи 2007 дар теъдоди маҳдуде аз мактабҳои ибтидоии кишвар иҷро гардид. Ба монанде, ки дар соли 2006 наздик ба 1300 синф дар сар то сари Эрон таҳти таъсири арзишёбии тавсифӣ қарор гирифт[6].

**Чаро арзишёбии таҳсилии давраи ибтидоӣ бояд тағйир ёбад?** Бархе аз шаклҳои арзишёбии суннатӣ дар давраи ибтидоӣ иборат аст аз: 1. Донишомӯзро ба изтироб ва нигаронӣ рӯ ба рӯ мекунад ва муҳити мактабро аз назари равонӣ ва отифӣ таҳдид мекунад.

2. Дарк, фаҳм ва ёдгириҳои амиқ бештар бо иттилоот ва дониши ҷузъӣ ва маҳфуздошта мавриди таваҷҷӯҳ мешавад, қарор мегирад.

3. Кӯдакро ба рақобатҳои нобаробар ва носолим мекашонад ва низоми баранда ва бозандаро тарвиҷ мекунад.

4. Гирифтани нумраи боло ва ё қабулӣ ба ҷойи ёд гирифтан ва ба даст овардани таҷрибаи муфид табдил мешавад.

5. Ба он чи ки донишомӯзони хориҷ аз синф ва ё мактаб касб мекунанд, кам таваҷҷуҳ мешавад.

6. Донишомӯзонро водор менамояд, ки фақат матолиберо мутолиа кунанд, ки дар имтиҳон ба онҳо лозим мешавад.

7. Боиси нигаронии козиб дар аввалия мешавад.

8. Шинохти муносибе аз вазъияти таҳсил ва тарбияти донишомӯз ироа намешавад.

Мушкилоти зикршуда ва бештари мушкилиҳое, ки дар ин маҷмӯа имкони тарҳи онҳо вуҷуд надорад, боиси тағйир дар равишҳои арзишёбии таҳсилии давраи ибтидоиро зарурӣ кардааст. Ин тағйирот дар қолиби тарҳе тахти унвони “арзишёбии тавсифӣ” амалӣ карда мешавад, то бахше аз ин нигарониҳоро бартараф намояд[7].

**Ҳадафҳои асосии тарҳи арзшёбии тавсифӣ.**

Ҳадафҳои асосии тарҳи арзшёбии тавсифӣ аз инҳо иборат аст:

1. Беҳбуди кайфияти фароянди ёддиҳӣ-ёдгирӣ.

2. Фароҳам овардани заминаи муносиб барои ҳазфи фарҳанги бистгароӣ.

3. Таъкид бар ҳадафҳои омӯзиш ва парвариш ба ҷойи таъкид бар муҳтавои китобҳо.

4. Фароҳам намудани заминаи муносиб барои ҳазфи ҳокимияти мутлақи имтиҳоноти поёнӣ дар таъйини сарнавишти таҳсилии донишомӯз.

5. Афзоиши беҳдошти равонии муҳити ёддиҳӣ-ёдгирӣ.

Дар руйкарди суннатии арзишёбӣ умдатад муаллимон талош менамуданд аз натиҷаҳои ёдгирии донишомӯзон арзишёбӣ ба амал оваранд ва онро ба сурати нумра гузориш диҳанд. Камтар талош мешавад, ки ба чигунагии ёдгирӣ ва беҳбуди он таваҷҷуҳ шавад. Дар ин намунаи ҷадиди арзишёбӣ, муаллим арзишёбиро дар хидмати ёдгиранда қарор медиҳад, бинобар ин, нигоҳи вай ба он комилан тағйир мёёбад. Агар ёдгириро ҷараёни ҳадафманд ва пайваста бидонем, ки аз мабодии оғоз ва ба натиҷа мерасад, арзишёбӣ ҳам ҷараёни пайваста аст, ки аз мабодӣ оғоз мешавад ва ба натиҷа мерасад. Бинобар ин, арзишёбии замонӣ барои ёдгирӣ ва дар ҷиҳати беҳбуди ёдгирӣ хоҳад буд, ки пайваста иттилооти муфиде барои донишомӯзон аз тариқи бозхӯрд фароҳам оварад. Бо таркииб ва таҳлили иттилооти бадастомада аз ин навъи арзишёбиҳое, ки тайи марҳилаҳои гуногун гирдоварӣ шудааст, муаллим метавонад тасмимҳои муносиби омӯзишро дар бораи донишомӯз бигирад[8].

**Вижагиҳои арзишёбии тавсифӣ**

***1. Пӯёӣ.*** Вижагиҳои пӯёӣ дар арзишёбии тавсифӣ на ба маъниии муқаррарӣ, балки ба маънии рушддиҳанда аст. Агар ёдгириро ҷараёни пайваста бидонем, ки аз мабодӣ оғоз шавад ва ба паёмадҳо ва натиҷаҳо мерасад, арзишёбӣ ҳам ҷараёни пайваста аст, ки ҳамроҳ ёдгирӣ ба пеш меравад ва он ҷараёнро дар масири рушди худ созмон медиҳад ва ғано мебахшад. Агар ҷараёни ёддиҳӣ-ёдгириро ба дурустӣ таҷзия ва таҳлил намоем, хоҳем дид, ки арзишёбӣ аз ҷараёни ёддиҳӣ-ёдгирӣ ҷудо аст.

Агар ба фаъолияти мураббии варзиш бодиққат бингарем хоҳем дид, ки ӯ дар айни омӯзишҳои худ пайваста хатоҳо ва қувватҳои бозингаронро ба диққат баррасӣ карда, барои рафъ ва коҳиши хатоҳо ба онҳо тавсия ва раҳнамоӣ мекунад, то ин ки ҳаракатҳои варзишии бозингаронаш комилтар гардад. Бо ин асос равшан мешавад, ки гуфтаи машҳури арзишёбӣ барои ёдгирӣ ё арзишёбӣ дар хидмати ёдгирӣ чӣ мафҳуме дорад. Арзишёбӣ ба унвони ёвари ҷараёни ёддиҳӣ ва ёдгирӣ хоҳад буд, агар пӯё будан ба дурустӣ фаҳмида шавад ва ба он амал кунад, яъне арзишёбии ҷараёни ёдгирии донишомӯзро беҳбуд мебахшад ва ба пеш мебарад.

Дар ҳақиқат арзишёбӣ бо ин васф ангезаи рушд ва пешрафтро дар фард тақвият менамояд ва ӯро дар ин масир ба пеш мебаранд. Арзишёбӣ дар маъно ширкат кардан дар рушд ва тавсеаи ёдгирии донишомӯзон аст. Муаллим дар ин навъи арзишёбӣ ҳаракати донишомӯзон (фаъолиятҳои ёдгирӣ)-ро дар ростои ҳадафҳо ва интизороти омӯзишӣ низом мебахшад. Бо ин равиш муаллим бо итминон гуфта метавонад, ки донишомӯзон чӣ маҳоратеро касб кардаанд ва ба сухани дигар дар муқоиса бо интизороти омӯзишӣ дар куҷо қарор доранд[9]. Мавриди зикр аст, ки меъёрҳое, ки муаллим дар ҳар ҷаласа барои баёни интизорот зикр менамояд се вижагии асосиро бояд дошта бошад:

1. Равшан ва шаффоф бошад.

2. Иртибот бо интизороти омӯзишӣ бошад.

3. Донишомӯзон қодир ба дарки он мафҳумҳо бошанд.

Бо шинохти ин меъёрҳо донишомӯз огоҳона ба анҷоми фаъолияти ёдгирӣ мепардозад ва иртиботи байни арзишёбиҳои пайвастаи муаллимро бо фаъолиятҳои ёдгирӣ беҳтар дарк менамояд. Илова бар ин донишомӯзон метавонанд худро арзишёбӣ кунанд ва дар ин бора ба дӯстони худ ёрӣ расонанд. Бинобар ин, муаллим бояд аз донишомӯзони худ бихоҳад, ки ба натиҷаҳои поёнии фаъолиятҳои ёдгирии худ таваҷҷуҳ намоянд. Ба унвони мисол, агар аз донишомӯз интизор меравад, ки дар поёни фаъолияти ёдгирӣ гузориши кӯтоҳ бинависад, муаллим бояд вижагиҳои он гузоришро ба равшанӣ барои онҳо баён намояд. Масалан:

а) Чанд саҳфа бошад?

б) Шомили чӣ бахшҳое бошад?

в) Вижагиҳои нигориши он чӣ гуна бошад? Ва монанди инҳо.

***2. Бозхӯрд*** Қаблан ишора шуда буд, ки яке аз муаллифаҳои муҳими вижагиҳои пӯёй, бозхӯрд аст. Бидуни бозхӯрд амалан ҷиҳатгирии ислоҳии арзишёби тавсифе вуҷуд надорад.

Бозхӯрд омили муассир ва асарбахш дар беҳбуди амалкарди ёдгиранда аст. Манзур аз бозхӯрд, ироаи ҳар гуна иттилоот аз натиҷаҳои фаъолиятҳои ёдгирӣ аст, ки шахсан дарёфт мекунанд. Бозхӯрд дар ёдгирии фард ду таъсири умда дорад. Аввал ин, ки раванди ёдгирии донишомӯзро дар ҷиҳати матлуб сомон медиҳад. Дувум ин ки ангезиши ёдгириро афзоиш медиҳад[10].

***3. Кайфӣ будан.*** Вижагии дигари арзишёбии тавсифӣ кайфӣ будан аст. Манзур аз ин аст, манобеи абзор ва иттилооте, ки аз донишомӯзон ҷамъоварӣ мешавад. Мушоҳида ва баррасии таклифҳои ва таҳлили озмунҳо, иттилооти дақиқест, ки метавон аз донишомӯзон ба даст овард. Бинобар ин, арзишёбии тавсифӣ дар заминаи абзор ба теъдоди абзор, гироиш дорад ва аз абзорҳои гуногун дар арзишёбӣ истифода менамояд. Илова бар ин, кайфӣ будан ба навъи миқёси мавриди истифода дар гузориши ниҳоӣ, гузориши пешрафти таҳсилӣ низ ишора дорад, ки миқёс рутбаи ҷойгузини миқёси ададӣ (0-20) мешавад. Ин амр рақобати байни донишомӯзонро коҳиш дода, ҳассосияти онҳоро барои касби номераҳо аз байн мебарад ва ё камтар мекунад[11].

***4. Амалкардгароӣ.*** Ин мавзӯе, ки бозхӯрдҳо бояд мутаваҷҷеҳи интизороти омӯзишӣ бошад, ишораи муҷаддаде ба вижагии пӯёӣ аст. Ҳамчунин баёнгари вижагиҳои дигар аст, ки таъкид бар амалкард дорад, яъне арзишёбии тавсифӣ ба навъи амалкард аст. Амалкардгароӣ ба ин маънӣ аст, ки муаллим дар пайи он аст, ки бубинад чӣ таҳаввулоте дар кӯдак дар замони фаъолиятҳои ёдгирӣ рух додааст ва воқеан кӯдак дар амал чӣ гуна тағйир ёфтааст[12]. Аз ин ҷиҳат, ки арзишёбии тавсифӣ ҷиҳатгири амалкарди гароёна дорад муҳтоҷи тавзеҳ ва ташреҳи бештар аст. Бахши муҳиме аз фаъолиятҳои мураттаб бо шуғли муаллимӣ ба таҳия ва тадвини озмунҳо мегузарад.

Имрӯзҳо дар дунё гироиши густурдае ба ин мавзӯъ вуҷуд дорад, ки арзишёбӣ шакли амалкардӣ ба худ бигирад. Яъне талош мешавад, ки муаллимон аз наҳви чигунагии бакоргирии донишҳо ва маҳоратҳои касбшудаи донишомӯзон дар амал арзишёбӣ анҷом диҳанд. Таҷриба нишон додааст, ки ин гуна арзишёбиҳо барои донишомӯзон ҷаззоб ва бо маънӣ аст. Муаллимон низ бо баррасии фаъолиятҳои донишомӯзон иттилооти воқеӣ ва дақиқ ба даст меоранд, ки бо он беҳтар метавонанд дар беҳбуди ёдгирӣ ба онҳо кӯмак кунанд. Дар айни ҳол фурсатест, ки донишомӯз дар амал бо тавоноиҳо ва заифиҳои худ ошно шавад.

***5.Фароянди.*** Арзишёбии таквинӣ ба ҷуз ин вижагиҳо, ки зикр шуд фароянде низ ҳаст. Асосан ин навъи арзишёбӣ фурсатеро барои муаллим ва донишомӯз фароҳам меоварад, ки дар он ёдгириро

беҳтар ва муссир мудирият намояд. Ин мавзӯъ меҳвари иртиботи ин намунаи арзишёбӣ бо мафҳумҳои ба номи фарошинохт аст. Ба таври куллӣ фарошинохт ба маънои тафаккур аст. Арзишёбии таквинӣ ин фурсати фароҳам аст, ки муаллим ва донишомӯз дар хусуси наҳваи ёдгирӣ ва мудирияти он мутолиа ва баррасӣ кунанд. Донишомӯзе, ки мегӯяд "ман агар чизеро ёддошт кунам, беҳтар ба хотир месупорам" ба фарояндҳои фикрии худ огоҳӣ ёфтааст.

Аммо навъи дувуми фарошинохт мудирияти фарояндҳои шинохтӣ аст, ки бо навъи нахусти фарошинохт мураттаб аст. Бештари донишомӯзон аз ин фаъолиятҳои зеҳнии худ, ки навъи худгардонии фарояндҳои шинохтӣ аст, иттилое надоранд. Муаллим дар айни фаъолиятҳои арзишёбӣ метавонад ба фарошинохти кӯдак дастрасӣ пайдо кунад ва ин иттилоотро ба кӯдак бидиҳад, то битавонад фаъолиятҳои шинохтии худро сомон диҳад ва мудирият намояд.

### АДАБИЁТ


1. Замонӣ Б. Баррасии равишҳои ҷадиди арзишёбии таҳсилии донишомӯзони давраи ибтидоӣ. Чакидаи мақолаҳои ҳамоиши миллӣ-муҳандисӣ. Ислоҳот дар омӯзиш ва парвариш. Пажӯҳишгоҳи таълим ва тарбият. -Теҳрон, 2002. –С.110.
2. Растагор Т. Арзишёбӣ дар хадамоти омӯзиш. Барномаи нав дар санҷиш ва арзишёбӣ бо таъкид бар мустамар ва пӯё ва бозхӯрди муассир ба донишомӯзон дар фарояндӣ омӯзиш. Теҳрон, 2003. –С.14.
3. Мусаввӣ Ф. Чаҳор гоми асосӣ дар арзишёбии пешрафти таҳсил. –Теҳрон: Обид, 2004. –С.12.
4. Ҳуснӣ М., Козимӣ Я. Тарҳи арзишёбии тавсифӣ (ҳадафҳо, усул ва роҳкориҳо), -Теҳрон: Нашри осори муосир, 2003. –С.7
5. Ҳуснӣ М. Роҳнамоии иҷроии арзишёбии тавсифӣ. –Теҳрон: Интишороти осори муосир, 2005. –С.5
6. Ҷамшедӣ А. Баррасии таъсири арзишёбии тавсифӣ бар рушди маҳоратҳои ёдгирии иҷтимоии донишомӯзони савуми ибтидоии шаҳри Теҳрон. Поённомаи коршиносии Аршади донишгоҳи Теҳрон. –Теҳрон: 2007. –С.43
7. Шукӯҳӣ А. Баррасии таъсири арзишёбии тавсифӣ бар рушди маҳоратҳои ёдгирии иҷтимоии донишомӯзони савуми ибтидоии шаҳри Теҳрон. Поённомаи коршиносии аршад, донишгоҳи –Теҳрон: Маркази рӯзномаҳои ҷумҳурии исломӣ, 2008.
8. Ҳуснӣ М. Роҳнамоии иҷроии арзишёбии тавсифӣ. –Теҳрон: Интишороти Осори муосир, 2005. –С.9
9. Ҳуснӣ М. Роҳнамоии иҷроии арзишёбии тавсифӣ. –Теҳрон: Интишороти осори муосир, 2005. –С.14
10. Ҳуснӣ М. Роҳнамоии иҷроии арзишёбии тавсифӣ. –Теҳрон: "Интишороти осори муосир", 2005. –С.16
11. Ҳуснӣ М. Роҳнамоии иҷроии арзишёбии тавсифӣ. –Теҳрон: Интишороти осори муосир, 2005. –С.18
12. Растагор Т. Арзишёбӣ дар хадамоти омӯзиш. Барномаи нав дар санҷиш ва арзишёбӣ бо таъкид бар мустамар ва пӯё ва бозхӯрди муассир ба донишомӯзон дар фарояндӣ омӯзиш. –Теҳрон: 2003. –С.106.


### ВЗГЛЯД НА НОВЕЙШИЕ МЕТОДЫ ОЦЕНКИ РЕЗУЛЬТАТОВ ОБУЧЕНИЯ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ ШКОЛ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ ИРАН


В данной статье автор рассматривает новейшие методы оценки результатов обучения в начальных классах школ Исламской Республики Иран. Проверка и оценка достижений младших школьников является основой процесса обучения иодной из важных задач педагогической деятельности. Данный компонент в учебно-воспитательном процессе должен соответствовать современным требованиям и основным приоритетам и целям образования.



**Ключевые слова:** контроль и оценка знаний учащихся начальных классов, качество процесса обучения, результат деятельности учительского коллектива знания учащихся, уровень развития детей.


### VIEW THE LATEST METHODS OF ASSESSING LEARNING OUTCOMES IN PRIMARY SCHOOL SCHOOLS OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN


In this article the author examines the latest methods of assessing learning outcomes in primary school schools of the Islamic Republic of Iran. Validation and evaluation of the achievements of younger students is the basis of the learning process of the iodine of the important tasks of pedagogical activity. This component in the educational process should correspond to modern requirements and main priorities and objectives of education.



**Key words:** monitoring and evaluation of students ' knowledge of primary school, the quality of the learning process, the result of the activity staff knowledge of students, the level of development of children.



**Сведения об авторе:** ***Тохира Рушани*** – соискатель Института развития образования Академии образования Таджикистана.


# ФАРОШИНОХТ (ШИНОХТИ БЕШТАР)


***Хамидаи Абофат***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Назарияи фарошинохт, ки ёдгирандагон дар бораи тафаккури худ меандешанд, ба замони Афлотун ва Арасту бармегардад, аммо истилоҳи фарошинохт барои аввалин бор дар соли 1976 тавассути Ҷон Фловел (Flavell) вориди ҳайати равоншиносии шинохта шуда, дар бораи ин мафҳум чунин изҳор дошт: «Фарошинохт дониши фард дар бораи шинохти худ ё ҳар чизе марбут бо онҳо, аз ҷумла вижагиҳои марбут ба ёдгирии иттилоот аст» (Солорифар, 2001). Фловел ақида дорад, шинохт аз

панҷсолагӣ дар фард рушд мекунанд ва фарошинохтро ба унвони огоҳӣ аз ин, ки фард чи гуна ёд мегирад, таъриф кардааст.

Истилоҳи фарошинохт ба дониш дар бораи шинохт ва чигунагии баҳрабардорӣ аз онҳо барои расидан ба аҳдофи ёдгирӣ гуфта мешавад.

Довинг ва ҳамкорон (2008) муътақиданд, ки фарошинохт шомили шинохт перомуни чигунагии таҳлили тафаккур аст. Ба манзури ҳалли масоил ба сурати муассир донишомӯзон ниёз доранд, дарк кунанд, ки коркарди зеҳнашон чӣ гуна аст. Ба таъбири дигар, онҳо ниёз доранд, дарк кунанд, ки чӣ гуна таколифшинохтии муҳим ҳамчун ба хотирсупорӣ, ёдгирӣ ва ҳалли масоила анҷом мешавад.

Истилоҳи фарошинохт ба маънии огоҳӣ аз ёдгирии хештан бо чигунагии ёд гирифтан аст. Маҳорати тафаккур ва маҳоратҳои мутолиаи намунаҳое аз маҳоратҳои фарошинохтӣ ҳастанд. Ба гуфтаи Славин (1950, тарҷумаи Саид Муҳаммадӣ, 2008) ба донишомӯзон метавон нишонаҳои роҳро омӯхт, то дарки худашонро баррасӣ карда, дарёбанд ба чӣ миқдор замон барои мутолиа кардан ниёз доранд ва барномаи натиҷабахшеро барои пардохтан ба мутолиа ё ҳал кардани масоил интихоб кунанд. Маҳоратҳои фарошинохтӣ дорои ду ҷанбаи мустақил, аммо муртабит бо якдигаранд: яке дониши фарошинохтӣ ва дигаре таҷрибаи фарошинохтӣ (Кедюр, 1383).

Ағлаби назарияпардозон байни ду ҷанба аз фарошинохт, яъне боварҳои фарошинохтӣ ва назорати фарошинохтӣ фарқ мегузоранд. Дониши фарошинохтӣ иттилоот аст, ки афрод дар мавриди шинохти худ нишонаҳои роҳ доранд, ки ин нишонаҳои роҳ бар онҳо асар мегузорад. Назорати фарошинохтӣ ба доманае аз коркардҳои иҷроӣ назири таваҷҷуҳ, назорат, барномарезӣ ва ташхиси хатоҳо дар амалкард ишора дорад (Велз (Wells), 2000).

Фарошинохт шомили барномарезӣ, ҳидоят, назорату ислоҳи фарояндҳо ва фаъолиятҳои шинохтӣ аст. Содатарин маънои фарошинохт шинохт дар бораи шинохт аст. Муқоисаи шинохт бо фарошинохт дарки беҳтаре аз онро фароҳам меоварад. Шинохт ба маънои оммавӣ он яъне донистан ва шомили фарояндҳои олии зеҳнӣ монанди: ҳалли масоила, халоқият, дарки матлаб ва дарк кардан мегардад, дар ҳоле ки фарошинохти дониш нисбат ба шинохт аст. Дониши фарошинохтӣ ҳамроҳи таҷрибаҳои фарошинохтӣ ҳидоят, маҳорати назорат ва ислоҳи фаъолиятҳои шинохтиро иҷро мекунад (Фловел, 1979).

Ба ақидаи Крас ва Порис (Cross &Pariss) (1988) фарошинохт бар огоҳии донишомӯзон ба фаъолиятҳои фикрӣ ва ёдгириашон нисбат дода мешавад.

**Тафовути шинохт ва фарошинохт.** Шинохт яке аз мавзӯоте аст, ки дар мабоҳисаи фалсафӣ ва равоншиносӣ дорои собиқаи бисёр тӯлонӣ аст. Дар забони омиёна шинохт ба маънои донистан аст, аммо дар равоншиносӣ ба маънои ҷараёнҳои фикрӣ ва ёдгирӣ ва наҳваи созмондиҳӣ, захира ва ба коргирии иттилоот фаҳмида мешавад (Ниёз Озарӣ, 2003).

Шинохт ба амалиёти зеҳнӣ таваҷҷуҳ дорад, аммо дар фарошинохт ёдгиранда талош мекунад, то аз низоми шинохтии худ огоҳ шавад, роҳҳои аз байн бурдани мавонеи ёдгириро ҷустуҷӯ кунад, шеваҳои матлуби ёдгириро пайрезӣ кунад ва худ танзимкунандагии ҳамаҷониба дошта бошад (Оғозода, 1998). Ба ин назар дар назарияи равоншиносии шинохтӣ, ҷараёншинохт иборат аст аз дарёфт, нигаҳдорӣ ва интиқоли иттилоот. Фарошинохт фаъолияте аст, ки фаъолиятҳои марбут ба ин чаҳор унсурро дар бар мегирад ва бар онҳо назорати тамом дорад. Бинобар ин бояд ба ёдгирандагон равиши дарёфт, пардозиш, нигаҳдорӣ ва интиқоли дурусти иттилоотро ёд дод (Фазлихонӣ, 1999).

Агар бипазирем, ки шинохт ҷое рух медиҳад, ки дар он амалиёти зеҳнӣ, монанди муқоиса, тафаккур ва ғайра анҷом мешавад, маҳорат анҷом додани амалиёти огоҳонаи аъмоле аст, ки дар зеҳн иттифоқ меафтад. Ин амалиёт бо таваҷҷуҳ ба саволоте монанди «чӣ гуна муқоиса анҷом гирифт?», « Чаро бояд муқоиса анҷом шавад ?», «Беҳтарин равиши муқоиса кадом аст?» ва ғайра анҷом мешавад (Ҳарирфурӯш, 1998).

**Муқоисаи шинохт ва фарошинохтӣ.** Деҳқонӣ (2007) мегӯяд: «Фарошинохт дар иртибот бо шинохт амал мекунанд. Агар шахс дар истифода аз шинохти маҳорат надошта бошад, наметавонад ба таври муваффақ барномарезӣ, назорат ва худро танзим кунад. Бинобар ин, шинохт ва фарошинохт бо ҳам кор мекунанд. Бо ин ҳол метавон байни шинохт ва фарошинохт тафовут барқарор кард, дар ҳоле, ки шинохт абзори лозим барои ёдгирӣ мазмун ҳаст, фарошинохт назорат ва ҷиҳатдиҳӣ барои истифода аз ин нишонаҳои роҳро фароҳам месозад.

Мосен ва ҳамкорон (Mason & et al), (2006) ақида доранд, донишомӯз ба кӯмаки фарошинохт аз шинохти худ ҳади аксар истифода мебарад. Дембо (1994) дар ин бора мегӯяд: « ба донишомӯзон ва донишҷӯён метавон шинохтҳои бисёреро омӯзиш дод, аммо агар онҳо аз маҳоратҳои фарошинохтии лозим бархурдор набошанд ва бидонанд, ки дар як мавқеияти муайян аз кадом маҳорати шинохтӣ истифода кунанд, ё чӣ замони маҳорат шинохтии худро иваз кунанд, ёдгирандагони моҳири нахоҳанд буд». (Кала ва Хон тарҷумаи Моҳир, 1993) Дар муқоисаи шинохтӣ ва фарошинохтӣ ба ин нуқта ишора мекунад, ки шинохт ҷиҳати роҳат кардани ёдгирӣ ва такмили таклиф ба кор мераванд, дар ҳоле ки фарошинохт ба манзури назорат бар ин пешрафт мавриди истифода қарор мегиранд (Деҳқонӣ. 2007).

**Фловел (**Flavell) (1979) мегӯяд: «Дониш» фарошинохтӣ иттилооте аст, ки афрод дар мавриди шинохти худ ва маҳоратҳои ёдгирӣ доранд ва нишонаҳои роҳ бар онҳо асар мегузорад. Назорати фарошинохтӣ ба маҷмӯае аз коркардҳои иҷро, монанди таваҷҷуҳ, назорат, барномарезӣ ва ташхис додани хатоҳо дар амалкард ишора дорад (Велз, ба нақл аз ошурӣ ва ҳамкорон, 2009). Аз диди назарияи батартибоварии иттилоот, фарошинохтӣ ҷараёни назорати иҷрой, аз қабили: таваҷҷуҳ, мурур ва тамрин, созмондиҳӣ ва дасткории иттилоот аст. Мизони истифода аз ҷараёнҳои назорати иҷрой сабаби тафовути дигарон дар ёдгирӣ ва ёдоварӣ мешавад. Ба иборати дигар, ҳар чӣ дар афрод фароянДҳои назорати иҷрой қавитар бошад, фароянди ба тартибоварии иттилоот дар ҳофизаи онҳо беҳтар анҷом мешавад (Вулфолк,( Woolfolk).

Имрӯз фарошинохт яке аз муҳимтарин авомили таърифи пешрафти таҳсилии донишомӯзон маҳсуб мешавад.

Истилоҳи фарошинохт (Meta cognition) дониши худ дар бораи фароянДҳои шинохтии худ ва чигунагии истифодаи беҳтар аз онҳо барои расидан ба ҳадафҳои ёдгирӣ аст. Ба ибораи дигар фарошинохт дониш ё огоҳии фард аз низоми шинохтии худ аст.

Бравен ва ҳамкоронаш фарошинохтро ба ду бахш тақсим кардаанд:

- огоҳӣ ва бозбинии дониши ҳақиқии баёнӣ барои такмил ва ба поён расонидани як кори вижа;

- огоҳӣ ва бозбинии ҷараёнҳои мавриди ниёз ё дониши созмондиҳӣ барои анҷом додани як кори вижа (Оғозода Воҳидиён, 1998).

Албатта, дар манобеи дигар ин тақсимбандӣ ба сурати зер аст. Ин ду ҷанбаи мустақил аз ҳам ва дар иртибот бо ҳаманд:

1. Дониши фарошинохтӣ ;

2. Ҷараёнҳои танзим ва назорат (Кадюр, 2004).

Дониши фарошинохтӣ худ шомили се мавриди муҳим аст:

- иттилооти фард аз низомшинохтии худ, яъне иттилоъ аз ин, ки чӣ тавоноиҳо камшавии нуқоти қувват ва ҳамчунин иттилоъ аз ангезиши худро ба вуҷуд меоваранд;

- иттилоъ аз ҳадафҳо ва вижагиҳои муҳимми таклиф додашуда.

- иттилоъ аз нишонаҳои роҳ ва содакунандаи ёдгирӣ.

Тадқиқоти ахири равоншиносӣ дар мавриди огоҳии фард аз низоми шинохтии худ ва таъсири он бар ёдгирӣ нишон додаст, ки ангезиши фард барои шинохти ҳосили нигаришҳо, боварҳо, арзишҳои фард аст. Яъне ин маворид заминаеро ба вуҷуд меоваранд, то шахс дар он ба доварӣ дар мавриди ҷараёни кори вижаҳо шоистагии худро барои анҷоми он пардозад.

**Ҷараёнҳои танзиму назорат:** Нақши ин ҷараёнҳо танзими тафаккури фард дар мавқеъияти ёдгирӣ аст**.** Ин назоратҳо ба се марҳила қобили тақсиманд:

1. Барномарезӣ ё тарҳрезӣ. Ин маҳорат шомили таъини ҳадаф барои ёдгирӣ ва мутолиа, пешбинии замони лозим барои мутолиа, таъини сурати мутолиа, чигунагии бархӯрд бо мавзӯи ёдгирӣ ва интихоби маҳоратҳои ёдгирии муфид аст. (Сайф, 2007).

Донишомӯзон барои ёдгирӣ бояд тарҳи куллӣ дошта бошанд. Бо ин маҳоратҳо як ёдгирандаи танҳо ба ширкат дар синфхонаҳои дарс ва ёддошт, бардорӣ ва омода шудан барои имтиҳон дар замони қарордодашуда кифоя намекунад, балки муддате замони мутолиаи худро ба сурати муназзам танзим мекунад, манобеъ ва роҳҳои дигари худтанзимкуниро барои мутолиа ба кор мебарад. Таҷрибаи фарошинохтӣ ё фароянДҳои танзим ва назорат, яке аз дигар фароянДҳои фарошинохтӣ аст, ки фароянДҳои тафаккури фардро дар мавқеияти ёдгирӣ ҳидоят мекунад.

2. **Маҳорати назорат ва арзишёбӣ.** Ин нишонаҳои роҳ шомили пайгирӣ ва таваҷҷуҳ ҳангоми хондани матн, суол кардан аз худ дар бораи мавзӯот ва назорат кардан ба сурат ва замоне аст, ки хондани як матн ниёз дорад. Бо бакоргирии ин нишонаи роҳи фарогир метавонад мушкилоти худро дар ёдгирӣ, ташхис ва ба таври комил ба ёдгирӣ таваҷҷуҳ кунад. Яке аз муҳимтарин авомиле, ки дар ин маҳорат ба кор гирифта мешавад, пешбинӣ намунаи саволоте аст, ки метавонад дар арзишёбӣ биёяд. Ин кор ба донишомӯзон кӯмак мекунад, то матолиби муҳимро дарёбанд ва ҳамчунин таваҷҷуҳи онҳо бар рӯйи гирдоварӣ мутамарказ шавад (Сайф, 2007) Бо ин кор донишомӯзон ташхис медиҳанд, ки аҳамияти кадом матолиб камтар ё бештар аст ва ба ин тартиб метавонанд фурсати мутолиаи худро назорат кунанд.

3. **Маҳорати танзим (назмидиҳӣ).** Ин маҳорат «мӯҷиби ёдгирӣ дар рафтори ёдгиранда мешавад ва ба ӯ кӯмак мекунад, то ҳар замон, ки барояш зарур бошад, равиш ва сабки ёдгирии худро тағйир диҳад». (Сайф, 2007) Ин маҳорат имконро ба ёдгиранда медиҳад, ки дар сурати мавоҷеҳ шудан бо маҳоратҳои шинохтии ғайримуфид онҳоро ислоҳ кунад ва маҳоратҳои шинохтии ҷадидтареро ба корбурди ин маҳорат бо маҳоратҳои қаблӣ ба таври ҳамоҳанг амал мекунад, яъне ёдгиранда ба таври мисол агар ташхис диҳад, ёдгириаш номатлуб аст саъй мекунад бо ислоҳи он роҳи муносибро ба сӯйи ёдгирӣ дунбол кунад.

Назоратҳои фарошинохт ё худ танзими иборат аст аз:

**Барномарезӣ.** Барномарезӣ шомили таъйини ҳадаф барои мутолиа, интихоби роҳҳои муносиб ва танзими манобее аст, ки бар амалкарди ёдгиранда таъсир мегузорад.

**Маҳорати назорат.** Ин муаллифа шомили пайгирӣ ва таваҷҷуҳ ҳангоми хондани матн, савол кардан аз худ дар бораи мавзӯот ва назорат кардан бар сурат ва замоне аст, ки хондани як матн ниёз дорад.

**Маҳорати танзим.** Ин маҳорат ба донишомӯзон кӯмак мекунад, то чигунагии мутолиаи худро ислоҳ кунанд, дубора мурур ва нақоиси дарку фаҳми худро бартараф кунанд (Кудюр, 2004).

***Иттилои фард аз низоми шинохтии худ***. Ин муаллифа ба дониши фард дар мавриди он чӣ бояд дар бораи ёдгирӣ ва муназзаму мураттаб кардани иттилоот бидиҳад, ишора дорад ва шомили иттилооте мисли тавоноиҳои ҳофиза, мароҳили ҳофиза, анвои ҳофиза ва зарфияти онҳо, наҳваи баррасии матолиб ва чараёнҳои назораткунанда аст. Иттилоъ аз тавоноиҳои ҳофиза ва баровардани дурусти ин тавоноиҳо метавонад ба фард дар касб кардан, нигаҳдорӣ ва истифодаи дуруст аз он чӣ ёд гирифтааст, кӯмак кунад (Савонсун, (Sewanson) 1990).

***Иттилои фард аз таклиф.*** Иттилои фард аз таклиф шомили дониш дар бораи моҳияти таклиф, навъ, кайфият ва чигунагии таклифе аст, ки қарор аст, фард бо он даргир шавад. Аз он ҷо, ки адами короии ҳофиза беш аз ҳар чиз ба таваҷҷуҳ надоштан дар шурӯи кор бармегардад, агар матолибро дар ибтидо ба танзим оварда бо диққат интихоб нашуда бошад, ёдоварии он низ бо ихтилол мувочеъ хоҳад шуд. Ба манзури муратаб ва муназзам кардани саҳеҳии иттилоот ёдгиранда бояд, тавонад аз тавоноиҳои худ дар он замина огоҳӣ пайдо кунад (Кор ва Ҷувис, ( Carr & Joyce)1998).

***Иттилои фард аз маҳоратҳо.*** ин муаллифа ба огоҳӣ аз маҳоратҳои шинохтӣ ва фарошинохтӣ, ки фард донад, чӣ вақт ва куҷо аз чӣ маҳорат метавонад истифода кунад, ишора дорад. Иттилоъ аз маҳоратҳое, ки дар мароҳили гуногуни нигаҳдорӣ ва бозёбии иттилоот ба кор меравад, (созмондиҳӣ (Organization), мурури зеҳнӣ (Rehearsal), тамаркуз (Centralization) ва ғ.) метавонад дар амри касб кардан ва ёдоварӣ муассир бошад.

Яке аз далоили муҳимми адами омӯзиши маҳоратҳои фарошинохтӣ дар синф адами таъкид бар шинохт ва фарошинохтӣ он аст, ки муаллимон барои ин маҳоратҳо арзиш қоил нестанд ё дар бораи онҳо огоҳӣ надоранд. Бинобар ин, агар ҳадафи омӯзишу парвариш тарбияти донишомӯзоне бошад, ки тавонанд масулияти ёдгирии хешро ба уҳда гиранд, лозим аст, ин вижагӣ дар муаллимон парвариш ёбад ва барномаҳои тарбиятии муаллим бояд, ин тафаккурро тағйир диҳанд (бар асоси таҳқиқи Ҳоман (Haman)

Лоин (Line) (2001) гуфтааст, ки мушорикати маҳоратҳои фарошинохтӣ ба донишомӯзон кӯмак мекунад, то тавоноиҳои ҳалли масъалаашонро беҳбуд бахшанд.

Ошурӣ ва ҳамкорон (2009) дар пажӯҳиш ба манзури баррасии иртиботи байни боварҳои фарошинохтӣ ва саломати умумӣ, ҳамчунин пешбинии саломати умум бар асоси абъоди боварҳои фарошинохтӣ ба ин натиҷа расиданд, ки боварҳои фарошинохтӣ аз авомили муассир дар вазияти саломати равонӣ ҳастанд ва метавон бо тағйири фарошинохтҳое, ки шеваҳои носозгорона тафакуроти манфиро зиёд мекунанд ва ё боиси афзоиши боварҳои умумии манфӣ мегарданд, ба беҳбуди вазияти саломати равонии донишҷӯён кӯмак кард.

Солорифар ва ҳамкорон (2010) дар пажӯҳише ба унвони боварҳо ва ҳолати фарошинохтӣ, боздоранда ё содакунандаи худ, танзими таҳсилӣ ба ин натиҷа расиданд, ки ҳолати фарошинохтӣ бо худ танзимии таҳсили робитаи мусбат дорад, аммо байни боварҳои фарошинохтӣ ва худтанзимии таҳсилӣ робитаи манфӣ вуҷуд дорад.

Обидинӣ ва ҳамкорон (2010) дар мутолиа ба баррасии робитаи боввариҳои ангезишӣ ва маҳоратҳои шинохтӣ ва фарошинохтӣ ба пешрафти таҳсил пардохтанд. Натоиҷ нишон медиҳад, ки донишомӯзон бо худ асарбахши бештар аз маҳоратҳои шинохтӣ ва фарошинохтии бештаре истифода мекунанд, изтироби озмуни камтаре доштанд ва дар натиҷа пешрафти таҳсилии онҳо бештар буд.

## АДАБИЁТ


1. Оғозода Муҳаррам. Мабонии назарии корбурдҳои омузишӣ: назарияи фарошинохт. / Оғозода Муҳаррам, Аҳдиён, Муҳаммад. -Кирмоншоҳ: Навпардозон; -Теҳрон, Пайванд. Исловин, 1377.
2. Роберт Эей. Равоншиносии тарбияти назария ва корбаст/ Роберт Эей; тарҷумаи Саид Муҳаммадӣ Яҳё, 1387 -Теҳрон: Равон, 1950.
3. Аминӣ Зарор Муҳаммад. Баррасии робитаи боварҳои фарошинохтӣ бо саломати равонӣ ва пешрафти таҳсили донишомӯзони писар шаҳристони Ашнавия./ Аминӣ Зарор Муҳаммад. //Фаслномаи навовариҳои омузишӣ. -1386. -№19. -С. 141-154.
4. Ҳарирфурӯш Заҳро. Роҳнамоии илмии олгуҳои тадрис./ Ҳарирфурӯш Заҳро. //Шуро. -1377.
5. Сироҷ Хуррамӣ. Таъсири омӯзишҳои фарошинохтӣ бар амалкарди таҳсилии дарси риёзии донишомӯзони мақотеи роҳнамоӣ, ёфтаҳои нав дар равоншиносӣ. -1390. / Сироҷ Хуррамӣ, Носир Баруманднасаб, Ягонадӯст Исмат Варашти Соро. -С.67-79.
6. Солорифар Муҳаммад Ҳусайн. Робитаи байни дониши фарошинохтӣ ва ҳалли масъала. / Солорифар Муҳаммад Ҳусайн. //Равоншиносӣ ва улуми тарбиятӣ, Тозаҳои улумшинохтӣ. -1380. -№10. –С.16-27.
7. Солорифар Муҳаммад Ҳусайн. Боварҳо ва ҳолати фарошинохтӣ, боздоранда ё тасҳилкунандаи худтанзимии таҳсилӣ, фарҳанги мушовара. / Солорифар Муҳаммад Ҳусайн, Пури Эътимод, Ҳамид Ризо, Ҳайдарӣ Маҳмуд, Асғарнажоди Фарид, Алӣ Асғар. -1390. -№2 (7) -С.32-49.
8. Деҳқонӣ Марзия. Баррасии асарбахшии маҳоратҳои фарошинохтӣ ва омӯзиши асноде бар дарки матлаби хондани донишомӯзони норасохон. / Деҳқонӣ Марзия. //Поённомаи коршиносии аршад. Донишгоҳи Исфаҳон, 1386.

9. Обидинӣ Ёсамин. Робитаи боварҳои ангезишӣ маҳоратҳои шинохтӣ ва фарошинохтӣ бо пешрафти таҳсилӣ: озмунҳои модели рақиб, тозаҳои улумшинохтӣ. / Обидинӣ Ёсамин, Боқириён Ризо, Кадхудоӣ Маҳбуба ас-Содот. -1389. -№12 (3).-С. 34-48.
10. Фулодчанг Маҳбуба. Баррасии таъсири омӯзиши фарошинохтӣ бар пешрафти таҳсили дарси риёзӣ./ Фулодчанг Маҳбуба. //Фаслномаи навовариҳои омузишӣ, 1384. -№ 14.
11. Ошурӣ Аҳмад. Боварҳои фарошинохтӣ ва саломати умумӣ дар донишчӯён./ Ошурӣ Аҳмад, Вакилӣ Яъқуб бинни Саид Соро, Навъӣ Заҳро. //Усули беҳдошти равонӣ, 1388. -№ 1. –С.20-15.
12. Кадиюр Парвин. Равоншиносии тарбиятӣ. / Кадиюр Парвин. -Теҳрон: Даврон, 1383. Чопи шашум.
13. Калла Пиючон. Равишҳо ва роҳбурдҳо дар таълим ва тарбияти кудакони истисноӣ. / Калла Пиючон. -1372.
14. Ниёз Озарӣ Каюмарс. Фарошинохт дар фароянди ёддиҳӣ ва ёдгирӣ. / Ниёз Озарӣ Каюмарс. Интишороти фарошинохтии андеша, 1382.
15. Carr, M. & Joyce, A. (1998). *Where gifted children do and do not excel on metacognitive task.* Canadian Journal of psychology, Vol 18, PP. 212-235.
16. Cross, D. R. &Pariss, S. G. (1988). *Developmental and instructional analyses of children smetacgnition and reading comprehention.* Journal of educational psychology, 80, PP. 131-142.
17. Dembo, M. H. (1994). *Applying educational psycholog y (5th ed) New york: Longman*
18. Flavell,j.h.,&miller,p.(social cognition.in w.doman (series ed.)&dkuhn&r.siegler(vol.eds.),handbook of child psychology:vol .2.cognition.perception and language (5ed.,pp.951-898).new york:wiley.
19. Flavell, J. H. (1979). *Meta cognition and cognitive monitoring.A new area of cognitive development inquiry.* American Psychology ist, 34. PP. 906-913.
20. Flavell, H : Miller, P. H. & Miller, S. A. (1993). *Cognitive development.* Englewood cliff Nj: Prentic- Hall.
21. Lin, X.(2001). *Designing meta –cognativeacivities.* Educational technology research and development ,49(2),23-40.
22. Mason, L. H., Meadan, H., Hedin, L., Rice, M., Chan, G. &Coros , L. (2006). *Self-regulation strategy development struction for text comprehension.* Teaching exception children, 38, PP. 102-120.
23. Mevarech, Z. R. (1999). *Effects of metacognitive treining embedded in cooperative setting on mathematical problem solving.* The journal of educational research, march V, 9214. P.16.
**24.** Wells, A. (2000). *Emotional disorders and meta-cognition: Innovative cognitive therapy.* 1ed. Chichester: wiley and sons; PP. 14-25.

## ЦЕЛОСТНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ

Главным и самым сложным явлением является процесс обучения. Процесс обучения - это совокупность последовательных и взаимосвязанных действий учителя и учащихся, направленных на обеспечение сознательного и прочного усвоения системы научных знаний, умений и навыков, формирование умения использовать их в жизни на развитие самостоятельности мышления, наблюдательности и других познавательных способностей учащихся, овладение элементами культуры умственного труда и формирование основ мировоззрение.

**Ключевые слова:** процесс обучения, знания, умения и навыки учащихся, умственное развитие, свойства личности, процесс собучения, целостное образование.

## HOLISTIC EDUCATION

The main and most complex phenomenon is a learning process. The learning process is a set of sequential and interrelated activities of teachers and students aimed at providing conscious and strong uptake of scientific knowledge, abilities and skills, creating the ability to use them in life, the development of independent thinking, observation and other cognitive abilities of students, mastering the elements of culture of intellectual labor and the shaping of the foundations of the worldview.

**Key words:** learning, knowledge, abilities and skills, cognitive development, personality traits, learning, holistic education.

**Сведения об авторе:** ***Хамида Абофат*** –соискатель Таджикского национального университета

# БАРРАСИИ РОБИТА БАЙНИ МУАЛЛИФАҲОИ ҲУШИ ҲАЯҶОНӢ ВА РИЗОЯТИ ЗАНОШӮИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУТАЪҲИЛ

***Самия Мазоҳирӣ***
**Коршиноси Аршади Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Арок, Эрон**

Зиндагии заношӯӣ яке аз муҳимтарин абъоди зиндагии ашхос аст ва омилҳои мухталиферо рӯйи амалкарди афрод дар ин баъди зиндагӣ таъсир мегузоранд. Яке аз ин омилҳо ҳуш аст. Дар таҳқиқи ҳозир ба баррасии робитаи муаллифаҳои ҳуши ҳаяҷонӣ ва ризояти заношӯӣ донишҷӯён пардохта шудааст. Ҷомеаи ороми таҳқиқи ҳозир кулли донишҷӯёни Донишгоҳи озоди воҳиди исломшаҳр мебошанд, ки ба истифода аз равиши намунаи хӯшае чанд марҳилае аз ин ҷомеаи намунавӣ ба ҳаҷми 100 нафар (50-нафар донишҷӯписар ва 50-нафар донишҷӯдухтар) интихоб шуданд. Дар ин таҳқиқ понздаҳ фарзия дар мавриди робита ва муаллифаҳои мухталифи ҳуши ҳаяҷонӣ (худогоҳӣ, ҳаяҷонӣ, қатъият, ҳурмати нафс, худшукуфоӣ, истиқлол, ҳамдилӣ, робитаи байнифардӣ, масъулиятпазирии иҷтимоӣ, масъалакушоӣ, воқеияти санҷишӣ, инъитофпазирӣ, идоранамоӣ, хурсандӣ ва хушбинӣ) бо ризояти заношӯии донишҷӯён матраҳ гардидааст. Дар ин таҳқиқ барои ҷамъоварии иттилоот аз пурсишномаҳои ҳуши ҳаяҷонӣ Бор Авн ва пурсишномаи ризояти заношӯии Инрич истифода

шудааст. Барои таҷзия ва таҳлил нишондодҳое низ аз ҳамбастагии Пир Сун ва озмуни маънодори он истифода шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқ баёнгари он аст, ки ҳамбастагии мусоҳибашуда байни муаллифаҳои худшукуфоӣ, истиқлол, инъитофпазирии ҳуши ҳаяҷонӣ дар сатҳи 0/01 ва муаллифаҳои қатъият, воқеъиятсанҷ, хурсандии ҳушу ҳаяҷонӣ дар сатҳи 0/05 ва ризояти заношӯии маънодор буда ва байни онҳо ҳамбастагии мусбат вуҷуд дорад.

Баъд аз назария Ҳевард Корнар ахиран гурӯҳи бештаре аз равоншиносон бо вай ҳамақидаанд, ки мафҳумҳои қадимии ҳушбар танҳо хиттаи маҳдуди маҳоратҳои каломӣ ва ризоиро шомил мешаванд ва ҳушбари боло агарчи метавонад муваффақияти фард дар синфхонаҳо ва марказҳои омӯзиширо пешбинӣ кунад, аммо дар вақтҳои дигар зиндагӣ пешбиникунанда ва муассир нест. Имрӯз онҳо ба ҳуш аз манзари васеътаре менигаранд. Аз он ҷо, ки ҳуши боло тазминкунандаи шахсияти иҷтимоӣ, муваффақият ва хушнудӣ дар зиндагӣ нест, ин суол матраҳ шуд, ки чаро фарде дар зиндагӣ пешрафт мекунад ва фарди дигаре бо ҳамон мизони истеъдод ва ҳуш дар нимаи роҳ мутаваққиф мешавад?

Дар посух ба ин суол Ҷон Мейер ва Пётр Соловей (Salovey & Mayer) дар соли 1997 истилоҳи ҳуши ҳаяҷониро матраҳ намуданд ва онро тавоноӣ донистанд, ки имкони дарки эҳсосот ва ҳаяҷони худ ва дигаронро ба фарде медиҳанд, то бо истифода аз ин қобилияти фард битавонад тафаккур ва амалкарди худро ҳидоят кунанд.

Сипас Голман ( Golman) бо интишори ду китоб “Чаро ҳуши ҳаяҷонӣ муҳимтар аз ҳуши умумӣ аст” ва “Кор бо ҳуши ҳаяҷонӣ” (Голман, 1995, тарҷумаи порсии 1380) ин истилоҳро роиҷ намуд. Ӯ муътақид аст, ки ҳуши ҳаяҷонии боло метавонад кайфияти умумии зиндагӣ ва мавқеятҳои шахсӣ ва иҷтимоии фардро иртиқо диҳад. Дар ҳоли ҳозир муҳаққиқон ба мутолиаи абъоди гуногуни ҳуши ҳаяҷонӣ мепардозанд. Онҳо дар сададе баромадаанд, то робитаи ҳуши ҳаяҷониро бо тағиротҳое чун қудрати раҳбарӣ, ҳамдилӣ, ҳушкаломӣ, берунгароӣ, сароҳат, иззати нафс ва ризоят аз зиндагӣ баррасӣ кунанд. Дар ҳоли ҳозир натиҷаҳои таҳқиқот ҳокӣ аз он аст, ки кифоятҳои отифӣ тавони таҳаммули истарс ва ҳалли мушкилоти рӯзмарраро афзоиш медиҳад ва ин маҳоратҳои шахсӣ метавонад фардро дар муқобила бо фишорҳои ногаҳонии муҳитӣ муваффақ созад. (Меҳрабиён, 2000 (Mehrabian), нақл аз Худовандӣ Роҳдона, 1383).

Ҳамчунин муаллифҳои ҳуши ҳаяҷонӣ метавонанд дар ризояти заношӯӣ муассир бошанд, чаро ки равобити самимонаи занҳо ниёз ба маҳоратҳои иртиботӣ дорад. Аз қабили таваҷҷуҳи афрод ба масоили аз диди ҳамсарашон, тавоноии дарки ҳамдилона он чи, ки ҳамсарашон таҷриба намудааст, ҳамчунин ҳассос ва огоҳ будан аз ниёзҳои ӯ (Голман ва ҳамкорон 1994, нақл аз худованди роҳдона 1383). Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти ҳуши ҳаяҷонӣ дар муваффақияти афрод ва низ таъсирқотеъи ризоияти заношӯӣ дар короии фардӣ ва иҷтимоии афрод ин пажӯҳиш дар садади баррасии робитаи муаллифҳои мухталифи ҳуши ҳаяҷонӣ бар мизони ризоият заношӯӣ баромадааст. Ин баррасӣ бахусус имрӯз, ки нобасомониҳо ва носозгориҳои оилавӣ идома ёфта истода, дар ҳадди як маъзали иҷтимоӣ матраҳ аст аҳамияти беш аз пеш меёбад.

**Фаризаҳои таҳқиқ:** Фаризаҳои тахқиқ аз инҳо иборатанд:

1. Байни муаллифҳои худогоҳи ҳаяҷонӣ, ҳуши ҳаяҷонӣ ва ризоияти заношӯии донишҷӯён ҳамбастагӣ вуҷуд дорад.
2. Байни муаллифҳо қатъияти ҳуши ҳаяҷонӣ ва ризоияти заношӯии донишҷӯён ҳамбастагӣ вуҷуд дорад.
3. Байни муаллифҳо хурмати нафси ҳуши ҳаяҷонӣ ва ризоияти заношӯии донишҷӯён ҳамбастагӣ вуҷуд дорад.
4. Байни муаллифҳо худшукуфоии ҳуши ҳаяҷонӣ ва ризоияти заношӯии донишҷӯён ҳамбастагӣ вуҷуд дорад.
5. Байни муаллифҳо истиқлоли ҳуши ҳаяҷонӣ ва ризоияти заношӯии донишҷӯён ҳамбастагӣ вуҷуд дорад.
6. Байни муаллифҳо ҳамдилии ҳуши ҳаяҷонӣ ва ризоияти заношӯии донишҷӯён ҳамбастагӣ вуҷуд дорад.
7. Байни муаллифҳо равобити байни фардии ҳуши ҳаяҷонӣ ва ризоияти заношӯии донишҷӯён ҳамбастагӣ вуҷуд дорад.

8. Байни муаллифҳо масъулиятпазирии иҷтимоии ҳуши ҳаяҷонӣ ва ризоияти заношӯии донишҷӯён ҳамбастагӣ вуҷуд дорад.

9. Байни муаллифҳо масъалакушоии ҳуши ҳаяҷонӣ ва ризоияти заношӯии донишҷӯён ҳамбастагӣ вуҷуд дорад.

10. Байни муаллифҳо воқеъиятсанҷии ҳуши ҳаяҷонӣ ва ризоияти заношӯии донишҷӯён ҳамбастагӣ вуҷуд дорад.

11. Байни муаллифҳо инъитофпазирии ҳуши ҳаяҷонӣ ва ризоияти заношӯии донишҷӯён ҳамбастагӣ вуҷуд дорад.

Дониш боарзиштарин манбаи ҳар як созмон аст. Созмонҳо ташхис намудаанд, ки густариши дониш як роҳи арзишманд барои эҷоди рақобат байни муштариён ва масрафкунандагон мебошад. Пайомади тавсеаи асарбахши дониш ва тақсими одилонаи он байни истифодабарандагон ба фаъолияти тасмимгирӣ таъсири хубе мерасонад. Зеро агар дониш комилан дар ихтиёри масъулини мудирияти созмон бошад, тамоми аъзо дар созмон ба ақоиди стратегӣ ва муҳим дастрасӣ намеёбанд.

Бархе аз афроди созмон дар баробари табодули дониш аз худ муқовимат нишон медиҳанд, зеро онҳо бовар доранд, ки дониш ба касе тааллуқ дорад, ки онро ба даст овардааст. Далкар гуфтааст: «Таваккал намудан дар табодули дониш дар ин аст, ки афрод барои донистаҳояшон мавриди ташвиқ қарор мегиранд, на барои иттилооте, ки дар он саҳим мешаванд» (2.131).

Агар табодул ва эҷоди дониш анҷом нашавад, пайомадҳои баде монанди ҷудосозӣ, гусаста будан ва муқовимат дар баробари ақоид зоҳир мегарданд. Табодули дониш дар созмонҳо аксар вақт самарабахш нест ва ба ташаббусу эҷодкории роҳбарон ниёз дорад. Муассисаҳо барои он ки ба як созмони эътимодбахш ва донишафзо табдил ёбанд, бояд кӯшиш намоянд, то вижагиҳои фарҳангии мавриди ниёз ҷиҳати иҷрои мудирияти дониш дар созмонҳо вуҷуд дошта бошанд.

**Фарзияҳои таҳқиқ.** Фарзияи аслӣ: 1. Байни фарҳанги созмонии низоми омӯзиши олӣ ва табодули дониш робита вуҷуд дорад.

**Ёфтаҳои таҳқиқ.** Фарзияи 1. Байни фарҳанги низоми омӯзиши олӣ ва табодули дониш робита вуҷуд дорад. Барои таҳлили фарзияи боло аз озмуни регрессия истифода шудааст.

1. **Ҷадвали коэффитсиентҳо**

| Модел | R | Коэффитсиенти | Коэффитсиенти ислоҳшудаи | Хатои меъёри интихобшуда |
|---|---|---|---|---|

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | омехта | муайян | |
| 1 | ./762 | ./580 | 0/578 | 5/493 |

**2.Ҷадвали коэффитсиентҳои регрессия**

| | Модел | Коэффитсиенти стандартнашуда | | Коэффитсиенти стандартшуда | Омори t | Ҳадди маънодорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | B | Хатои меъёрӣ | бета | | |
| | Миқдор<br>Исбот<br>Фарҳанг | 4/598<br>/456 | 1/780<br>./025 | ./762 | 2/584<br>17/905 | ./010<br>./000 |

Натиҷаҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки байни ду дигаргунии фарҳанги низоми омӯзиши олӣ бо табодули дониш робитаи ҳамбастагии мусбат (r=+./762) вуҷуд дорад. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки ҳадди маънодорӣ 0/000 буда, кӯчактар аз α= 0/05 аст, миқдори робитаи муҳосибашуда маънодор аст. Аз ин рӯ, бо сатҳи итминони%95 фарзи сифр дар ду фарзи таҳқиқ тақвият меёбад ва чун ҳадди маънодории миқдори муқарраршуда ./010 буда, кӯчактар аз 0/05 аст ва аз ин рӯ, метавон онро ба ҳисоб гирифт ва формулаи регрессияро ба ин сурат навишт:

$$+4/598X_1./456\ \hat{Y} =$$

Ёфтаҳои пажӯҳиш нишон медиҳанд, ки мизони ҳамбастагии бадастомада аз байни фарҳанги табодули дониш r=0/762 бо сатҳи маънодории sig=0/000 ва хатои меъёр ./025 мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки сатҳи маънодории он камтар аз 0/05 аст, ин ҳамбастагӣ маънидор аст.

Аз ин рӯ, байни фарҳанги табодули дониш робитаи маънодор вуҷуд дорад ва фарзияи пажӯҳиш мавриди тақвият қарор мегирад. Омӯзиши олӣ дар тағйир ва таҳаввулоти ҷавомеи инсонӣ нақши бисёр муҳиммеро адо мекунад. Дар таърихи башар пештозони таҳаввулоти илмӣ ва иҷтимоӣ тарбиятшудагони омӯзиши олӣ ҳастанд.

Дар шароити ҳозир, ки ҷараёни тавсеа бо дониш ва пажӯҳиш асос ёфтааст, аҳамияти ниҳодҳои омӯзиши олӣ беш аз пеш ошкор мегардад.

Донишгоҳҳо ба унвони марказҳои тафаккур, эҷодкорӣ ва навоварӣ вазифаи посухгӯйӣ ба ниёзҳои иҷтимоии мардумро ҷиҳати касб, ривоҷ, интишор ва тавсеаи донишу технология ба уҳда дошта, дар ташхис ва баёни ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ пешқадам мебошанд.

Аммо талоши донишгоҳҳо барои табдил шудан ба созмонҳои донишафзо дар сурате муваффақиятнок хоҳад буд, ки агар вижагиҳои мавриди ниёз барои иҷрои мудирияти дониш дар онҳо вуҷуд дошта бошанд. Рӯ овардан ба фарҳанги созмонӣ ва эҷоди муҳити муносиб барои осон намудани касби дониш калиди аслии муваффақияти мудирияти дониш дониста мешавад. Бинобар ин, зарур аст, ки фарҳанг ва андешаҳо дар созмонҳои омӯзишӣ муҳитҳои ёдгириро ба вуҷуд оваранд, ки боиси осон гардидани табодули дониш ва якпорчагии афрод гардад.

Дониш ба кулли афрод тааллуқ дорад ва муҳимтарин таъсири касби дониш дар зиндагӣ тавонбахшии рӯҳӣ ва натоиҷи он, эътимод ба нафс ва ҳастӣ, муоширати дуруст ва касби савод мебошад. Эътимод ба афроди созмон ва додани озодии амал ва якпорчагӣ дар тамоми пояҳои созмон, ташвиқи афрод ба навоварӣ ва ҳимоят аз таваккалпазирӣ тавассути мудирон боиси талоши бештари афрод барои касб ва тавсеаи дониш, навоварӣ ва эҷоди андешаҳои ҷадид ва табдили донистаҳо ба маҳоратҳои зарурӣ мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Фаронак Пойдор. Донишҷӯйи дуктурои мудирияти омӯзишии Донишгоҳи озоди исломии воҳиди сорӣ / Фаронак Пойдор. – 1378. -С.637 paydarfaranak@yahoo.com [Захираи электронӣ].
2. Dalker K. Knowledge management in theory and practice.jordan hill,oxford:Elsevier inc: 2005–132-133.
3. Рифат Риччард Ол. Назария ва тарроҳии созмон / Рифат Риччард Ол. Тарҷумаи Алӣ Порсоиён, Саид Муҳаммад Аъробӣ. Дафтари пажӯҳишҳои фарҳангӣ. –Теҳрон, –1387.
4. Адлӣ Фиребо. Мудирияти дониш – ҳаракат ба фаросӯи дониш / Адлӣ Фиребо. Фарошинохтии андеша. –Теҳрон,–1384.
5. Ҳотамӣ Заҳро. Нақши фарҳанги созмонӣ дар истиқрори мудирияти дониш дар Донишгоҳи Алзаҳро… поённомаи коршиносии аршад / Ҳотамӣ Заҳро. –Теҳрон, Донишгоҳи Алзаҳро, –1387.
6. Саид Ҷаводин Ризо. Муруре бар мафоҳими асосии назариёти мудирият, созмон, рафтори таҷзия ва таҳлили манобеи инсонӣ / Саид Ҷаводин Ризо. Нигоҳи дониш, -Теҳрон, –1386
7. Baker,M&Lindooz.D(2006) Trust is social capital.


## ВЗАИМОСВЯЗЬ МЕЖДУ ОРГАНИЗАЦИОННОЙ КУЛЬТУРОЙ И ОБМЕНА ЗНАНИЯМИ В СФЕРЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ


Знания не только представляют собой самостоятельную ценность, но и порождают мультипликативный эффект по отношению к другим факторам производства, воздействуя на уровень эффективности их применения. Таким образом, в современной экономике источником конкурентных преимуществ становится не выгодная рыночная позиция, а сложные для репликации знания как активы и способ их размещения. Причем в центре внимания здесь находится не создание знаний, а их движение и использование в организации.



**Ключевые слова:** обмен знания, управления, организация, старший, новшество, креативность, информация, проблемы, эффективный, разделение.

## THE RELATIONSHIP BETWEEN ORGANIZATIONAL CULTURE AND KNOWLEDGE SHARING IN THE FIELD OF HIGHER EDUCATION

***Faronak Poydor***

Knowledge is not only representing a value in itself, but also generates a multiplier effect in relation to the other factors of production, affecting the level of their performance. Thus, in today's economy a source of competitive advantage is not a profitable market position, and difficult-to-replicate assets and knowledge as a way to accommodate them. Moreover, the focus here is not the creation of knowledge, and their movement and use of the organization.

**Key words:** exchange of knowledge management, organization, senior innovation, creativity, information, issues, efficient separation

**Сведения об авторе:** ***Фаронак Пойдор*** – соискатель Свободного исламского университета города Сори, Иран

## ДОРУДАРМОНӢ ВА ОМӮЗИШҲОИ ХОС ДАР ДАРМОНИ ИХТИЛОЛОТИ ЁДГИРӢ

***Аъзам Кабирӣ (Ҳастии Кабирӣ)***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Ҳамон тавр ки медонем, мағзи инсон дорои механизми бисёр печидае аст, ки амалкарди ғайриоддии он метавонад мунҷар ба як ё чанд ихтилоли ёдгирӣ шавад, ки то кунун ва дар қарни ҳозир тағйирот ва илали он шиносоӣ ва табақабандӣ нашудаанд: ба унвони мисол «норасохонӣ» аз ихтилолоти ёдгирӣ аст, ки рӯи хондан, ҳиҷо кардан таъсир мегузорад. Ва таҳқиқот нишон додаст, ки амалкарди ғайриоддии мағз дар пардозиши дидорӣ ва шунидории бисёре аз афроди мубтало ба норасохонӣ дида шудааст. Ва шабоҳиде вуҷуд дорад, ки нишон додааст норасоиҳои мағзи асароти бисёр зиёнборе ба вуҷуд оварда ва масъалаи ёдгириро мухтал кардааст. Ва мутаасифона амалкарди магз дар афроди мубтало ба ихтилолоти ёдгирӣ мутафовит аст. Ва аз лиҳози илмӣ дар ҳавзаҳои шиносоии калима, идроки хондан, ҳисоб кардан, истидлол кардан, ҳиҷо кардан ва ё калимабандӣ мушкил доранд. Ва як ихтилоли ёдгирӣ қолибан вобаста ба амалкарди ғайриоддии мағз дар ҳавзаи гуфтор аст. Дар ин мақола сайъ шудааст ки анвои ихтилолоти ёдгириро аз тариқи дорудармонӣ баҳс кард. Манзур аз дорудармонӣ сирфан муолиҷа бо доруҳои химиявӣ нест, балки доруҳои гиёҳӣ ва масъалаи тақзия низ бисёр нақш доранд.

Ва дар ин мақола сайъ кардем корбурди ҳардуи онҳоро пешниҳод созем.

***Иллаи бурузи ихтилолоти ёдгирӣ:*** омилҳои пеш аз таваллуди кӯдак; омилҳои физиологӣ; омилҳои биохимиявӣ; омилҳои омӯзишӣ ва тадриси нокофӣ ва носаҳеҳ; рафтори волидайн дар манзил.

Омилҳои пеш аз таваллуд: ихтилолоти ёдгирӣ дар бархе аз кӯдакон мумкин аст, ба воситаи мушкилоте бошад, ки пеш аз таваллуд ё ҳангоми таваллуд ва ё баъд аз таваллуд ба вуҷуд меояд.

***Омилҳои пеш аз таваллуд иборатанд аз:*** адами таносуби хуни модар бо ҷанин; ихтилолот дар қудрати мутаришаҳияи дохилӣ; истифода аз доруҳо ва маводи мухаддир ва сигор ва …; қарор гирифтан дар баробари неши ҳайвонот монади занбӯр, мор ва … омилҳои ҳангоми таваллудро метавон мавриди зеро ном бурд: камвазнӣ ҳангоми таваллуд; осеби воридӣ бар сар ҳангоми таваллуд; омадани ҳамроҳак қабл аз навзод; омадани навзод бо по. Ҳар яке аз мавриди зикршуда мумкин аст, боиси бурузи ихтилол дар кӯдак шуда ва осебрасон бошад.

***Омилҳои физиологӣ.*** Бисёре аз мутахассисон ва донишмандон бар ин бováранд, ки илали асосӣ ва умдаи ихтилолоти ёдгирӣ осебдидагии мағзии шадид ё ҷузъӣ ва садамаи ворида ба дастгоҳи асаби магзӣ аст ва агар маводи мухаддир ва…. дар эҷоди ихтилоли асабӣ дахл надонем ва омилҳои генетикиро ҳам дар назар нагирем, бисёре аз кӯдакон ҳангоми таваллуд мумкин аст, дар асари бетаваҷҷуҳии момо дар манзил ё бемористон дучори осебдидагии мағзӣ гардад.

**Омилҳои биохимиявӣ**: яке аз омилҳои муассир дар ихтилоли ёдгирӣ кудаи тироид аст, ки камкории он муҷиби чораи беш аз ҳад ва пуркории он муҷиби лоғарии муфрат шуда ва бисёре аз узвҳои бадани инсон фалаҷ ва муҷиби ихтилол дар ёдгирӣ ва кундзеҳнӣ мегардад, ки бояд ин кудрат ба сурати табиӣ амал кунад ва волидай нисбат ба амалкарди қудрати дохилии кӯдак хотирҷамъ шаванд.

***Омилҳои омӯзишӣ ва тадриси нокофӣ ва носаҳеҳ.*** Кӯдак агар ба равишҳои инҳирофии омӯзиш дучор шавад, фикр ва зеҳнаш мухтал мешавад. Ба таври мисол, бархе аз волидайн аз рӯи дилсӯзӣ кӯдакро дар синни поин мехоҳанд омӯзиш диҳанд ва худ иқдом ба тадриси носаҳеҳ менамоянд ва омӯзиши ҳуруфи алифборо ёд медиҳанд. Табиист, ки кудак дар шурӯи кор ба равиши падар ё модар меомӯзад. Ҳангоми рафтан ба мадраса бо илми худ дучори таззод мешавад ва зеҳни кӯдак аз омӯзиш боз мемонад ва ё муаллиме, ки худ омӯзиши тахассусӣ кофӣ надорад, шеваҳои тадрисро хуб намедонад, боиси тазалзули кӯдак ва эҷоди ихтилол дар вай мекунад.

***Рафтори волидайн.*** Бисёре аз инсонҳо дар зиндагии рӯзмарра ва дар иртибот бо атрофиёни худ падидаҳои рафториро мушоҳида менамоянд, ки гоҳо муноқиша байни падар ва модар дар ҳузури кӯдак аст, ки ин худ бадтарин навъи рафтор дар хузури кӯдак аст. Чи басо ки кӯдак шоҳиди даргирии

физикӣ, ҳарфҳои рақиқ ва фаҳошии падару модараш низ ҳаст, ки онҳо осори бисёр мухариб дар зеҳни кӯдак хоҳанд гузошт. Идомаи ин бадрафториҳо дар хонавода муҷиби ихтилоли рафторӣ ва ёдгирӣ дар фард мешавад.

***Суи тағзия.*** Тағзия аз ҷумла омилҳои муҳим дар таъмини моводи ғизоӣ барои организм ва мағзи инсон аст ва агар витаминҳои лозим барои бадан таъмин нагардад, боиси мушкилоти мутаадиди ҷисмӣ ва руҳӣ мешавад. Яке аз аҷзои муҳимми фароянди ёдгирӣ ҳофиза аст. Ба гунае ки бидуни таваҷҷуҳ ба масъалаи ҳофиза ва сохтори ҳофиза ва чигунагии амалкарди он омӯзиш ба монанди рехтани об дар ғирбол аст. Агар ҳофизаи кӯдак тавононии ҳифзи матолиб ва ҷойгирии онро надошта бошад, худ як ихтилол аст. Равшан аст, ки нигоҳдории иттилоот, ёдоварии иттилоот дар тӯли замон аз масъалаҳое ҳастанд, ки ба ҳофиза марбутанд ва бояд кӯдак аз тариқи тағзияи солим ва муфид ҳофизаашро тақвият кунад. Яке аз маводе, ки барои тақвияти ҳофиза муносиб аст, мавиз мебошад. Чунончи ба омили тағзия аҳамият дода шавад, ҳофиза низ монанди соири аҷзои бадан ба вазифаи худ ошно хоҳад буд.

**Чӣ гуна метавон ихтилолотро дармон кард?** Табиӣ аст, ки яке аз роҳҳои дармон дорудармонӣ мебошад. Шабоҳати аввалияи кӯдакони мубтало бар ихтилолоти ёдгирӣ адами қудрати онҳо дар ёдгирист. Ихтилофи миёни ин кӯдакон бо соири кӯдакон замоне худро нишон медиҳад, ки анвои нотавониҳои ёдгириро табақабандӣ намуд. Аз даҳаи солҳои 1960 кӯдакони мубтало бар нотавониҳои ёдгирӣ мавриди таваҷҷуҳи мутолеоти равонӣ ва омӯзишӣ будаанд ва ба ин натиҷа расиданд, ки баъзе аз нотавониҳо дар ёдгирӣ ва ихтилолот бо дорудармонӣ ногузир хоҳанд буд. Лизо бояд дар ибтидо ихтилолоти ёдгириро шиносоӣ намуд. Табиӣ аст, ки бархе аз кӯдакони мубтало бар ихтилолоти ёдгирӣ дар мавриди зер дучори мушкил бошанд:

1. Ихтилол дар забони гуфторӣ.
2. Ихтилол дар навиштан.
3. Ихтилол дар хондан ва риёзиёт.
4. Ихтилол дар заъфи ҳофиза.

Ин ихтилолот аз тариқи дорудармонӣ ва омӯзишҳои вижа дар кӯдакон муассир аст. Бадеҳист бояд ихтилолотро тақсимбандӣ кард ва ҳар якеро аз тариқи дору дармон намоем.

1. Ихтилолоти ёдгирӣ шомили диктанависӣ, рӯҳонӣ, риёзӣ мебошад, ки ин ихтилолот дар писарон беш аз духтарон аст. Ин навъ кӯдакони дучори ихтилол ниёзманди омӯзишҳои хос ҳастанд, ки дар сурати вуҷуди ин қабил ихтилолот истифода аз доруҳои ихтисосӣ барои инкишофи тамаркузи кӯдак муассир аст. Ин доруҳоро бояд пизишк ироя намояд ва тибқи дастур масраф гардад. Доруҳое, ки дорои витамини В ҳастанд ва ғизоҳои табииро аз сӯи тағзия ҷилавгирӣ мекунанд. Беҳтарин дармон барои ин гурӯҳ омӯзиш ва ёдгирӣ тавассути муаллимин мебошад. Дар ин замина нақши хонавода низ мухим аст.

- **Ихтилолоти гӯш додан, фикр кардан, сухан гуфтан, ҳиҷо кардан, хондан ва навиштан.** Ин ихтилолотро натиҷаи шароите донистанд, ки шомили нуқсҳои идрокӣ, зоеъии мағзӣ, ихтилоли ҷузъӣ дар амалкарди мағз ва норасохонӣ аст. Дар ин навъ ихтилолот метавон аз равишҳои зер истифода кард: истифода аз як режими ғизои солим ва муносиб; варзишҳои ҷисмӣ ва фикрӣ; дурӣ кардан аз машруботи спиртӣ ва ….; масрафи витаминҳо бахусус витамини В; истифода аз қурси оҳан; истифода аз сабзавотва мевагии лозим.
- Аситфолик дорои моддаи бисёр муассир аст, ки барои мағз бисёр муфид мебошад ва боиси беҳтар кор кардани интиқолдиҳандаҳои асабӣ мешавад. Чунончи, мизони аситфолики мағз кам шавад, эҳтимоли аз даст рафтани ҳофиза зиёд аст ва аминкислотаҳо, ки ба унвони саддӣ дар баробари протеинҳо амал мекунанад, нақши муҳимме дар беҳбуди ихтилолоти ёдгирӣ доранд, ва анвое ба хусуси онҳо барои тақвияти мағз ва селулҳои контролкунанда муфиданд.

2. Камранг кардани калима, фишор овардани зиёд ба мадор, кучак навиштани беш аз ҳадди калима, баръакс навиштани калима, мушкилоти марбут ба имло, адами ташхису ҳурф, дар ҳам навиштани калима, оҳиста навиштани имло, адами риояти нуқтагузорӣ, афзудани пасвандҳои нодуруст ба калима, адами ҳамоҳанги миёни феъ ва замир, ворунахонӣ, кундхонӣ.

Дармони ин ихтилолот омӯзиши саҳеҳ ва тахасуси муаллим мебошад. Муаллим бояд оиди масъалаи тадрис тасаввуроти кофӣ дошта бошад. Ҳамчунин аз тариқи равишҳои зер метавон ин ихтилолотро дармон кард.

Нигаришҳои идрокӣ-ҳаракатӣ: дар ин шева талош мешавад то мавқеъиятҳо барои кӯдак фароҳам бишавад, то битавонад иттилоотеро аз муҳит дарёфт кунад ва ба якдигар иртибот дода, онҳоро дарёбад.

- Истифода аз утоқҳои марҷа ё синфҳои вижа
- Истифода аз бозиҳои омӯзишӣ дар қолиби варзиш
- Истифода аз витаминҳои В ва $B_{12}$ ва антиоксидантҳо

3. Ихтилолоти монанди афсурдагӣ, изтироб, васвоси иҷборӣ, стресс, тарс ва тарсҳои хос низ ҳар як бар рӯи зеҳн асар мегузоранд. Масалан, ихтилоли афсурдагии зеҳнро даргир мекунанд ва

тафаккуротро дарбар мегиранд. Афроди афсурда умуман ғамгин, ноумед ва маъюс ҳастанд ва дар тамаркуз кардан мушкил доранд. Ин афрод энергияи камтар доранд ва дар фаъолиятҳои рӯзона ғарқ мешаванд. Дармони ин афрод бо равондармонӣ ва доруҳои зидди афсурдагӣ қобили илоҷ аст. Изтироб ҳамроҳ бо ихтилолоти афсурдагист, ва афроди мустариб бо ҳамроҳи худ тарс, дилхурӣ ва ваҳшат доранд. Усулан дармони афсурдагӣ ва изтироб як хел аст ва куллияи ихтилолоти мазкур дар кӯдакони мубтало бар нотавониҳои ёдгирӣ, нуқсҳои зербиноии ҷузъии мағз ва мушкилоти асабӣ аст. Мағзи инсон, ки фармондеҳи ҳамаи ҷузъиёти бадани инсон аст, вазифаи худро гум мекунад ва боиси бурузи ихтилолоти асабӣ мегардад. Бояд ба саломатии мағз ва асаби кӯдак аҳамият дод. Мағз ва асабро солим нигоҳ дошт. Рушан аст, ки тақвияти ҳофиза ва муроқибат аз системаи асаби марказӣ бисёре аз ихтилолоти номбурдаро коҳиш медиҳад ва ба таври кулӣ бурузи ҳар навъ ихтилол ба пешгирӣ муҳтоҷ аст. Пешгирӣ беҳтар аз дармон мебошад. Мо бояд роҳи пешгириро тақвият намоем. Аз ҷумла, роҳҳои пешгирии тақвияти ҳофиза истифода аз гиёҳдармонӣ ва дорудармонӣ мебошад

**АДАБИЁТ**


1. Дилокоту, Корел. Тарҷумаи Сарҳадизода, Фотима. Ихтилолоти хондан. Чопхонаи партув. Теҳрон-1368
2. Ташхис ва созмондиҳии нотавониҳои ёддиҳӣ. Иҷ илворд, Франк. Тарҷумаи Ризо Бародарӣ. Чопи аввал соли 1377
3. Кӯдакони истисноӣ, Франк Ил. Чопи 2001
4. Равоншиносии Зикмон Фройд.
5. Сабзиҳо ва меваҳои шифобахш, Леус Корлеи. Чопи Франсия.



**МЕДИКАМЕНТОЗНАЯ ТЕРАПИЯ И РАЗЛИЧНЫЕ МЕТОДЫ ЛЕЧЕНИЯ ДЕТЕЙ С ОГРАНИЧЕННЫМИ УМСТВЕННЫМИ И ФИЗИЧЕСКИМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ**

В данной статье автор рассматривает медикаментозное лечение и различные методы лечения детей с ограниченными умственными и физическими возможностями. Возможности медикаментозной терапии в предупреждении или лечении умственной отсталости весьма ограниченны. Поэтому в данной статье автор делает основной акцент на поддержку данной группы детей со стороны семьи, школы.



**Ключевые слова:** умственно отсталые дети, психологические расстройста, здоровые, вклад семьи и школы, поддержка и забота, тревога, поведение, медикаментозное лечение.



**DRUG THERAPY AND DIFFERENT METHODS OF TREATMENT OF CHILDREN WITH SPECIAL MENTAL AND PHYSICAL ABILITIES**

In this article the author discusses medication and different methods of treatment of children with physical and mental capabilities. The possibility of drug therapy in the prevention or treatment of mental retardation is very limited. Therefore, in this article the author focuses on support for this group of children from family, school.



**Key words:** mentally retarded children, psychological rasstroistva, healthy, contribution of family and school support and care, anxiety, behavior, medication.



**Сведения об авторе:** ***Аъзам Кабири (Хасти Кабири)*** – соискатель Института развития образования АОТ


# «МУАЛЛИМ» ДАР НАЗАРИЯИ РАҲЁФТИ НИЗОМЁФТА


***Фарзона Содоти Ҳусайниёи Ҳайдарӣ***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Манзур аз вазифаҳои сиёсии мадрасаҳо саҳме аст, ки ин созмонҳо дар тавсиаи сиёсии сатҳҳои мухталифи иҷтимоӣ бар уҳда доранд. Дар сатҳи фардӣ муаллимон ба донишомӯзон кумак мекунанд, то ба маҳоратҳо ва нигаришҳои мадании мусбат даст ёбанд ва дар ҷиҳати анҷоми масъулиятҳо ва вазифаҳои мадании худ иқдом варзанд. Дар сатҳи созмонӣ муаллимон ба ҳимояти мадориси худ мепардозанд, то ки ба унвони маконе барои баҳс дар мавриди масоили муҳими сиёсӣ зоҳир шаванд. Дар сатҳи иҷтимоӣ нақши мадорису муаллимон дар афзоиши огоҳии афрод дар заминаи демократия ва тасҳил дар заминаи рушду ислоҳоти сиёсӣ бисёр пураҳамият аст.

Огоҳии рӯзафзуни афрод нисбат ба вобастагиҳои байналмилалии худ бар зарурати нақши мадорис ба унвони маконе, ки муҷиботи муҳими байналмилалӣ ва нест кардани тазодҳои байни миллатҳоро фароҳам мекунад, меафзояд. Албатта, лозим ба зикр аст, ки дар ҳавзаҳо инчунин теъдоди маҳдуди муаллимон аз дониш, нигариш ва тавоноии муносибе бархудоранд, то дар анҷоми вазифаи сиёсии мадориси худ кумак намоянд. Ин нукта бахусус дар манотиқе мисли Гонконг ва ҳавзаҳои дигари Осиё, ки аз муҳити сиёсии бесуботӣ бархурдор аст, бештар ба чашм меҳӯрад. Бинобар ин тарбияти муаллим метавонад яке аз равишҳои муҳим барои қудратманд кардани муаллимон дар баробари ин чолишҳо бошад. Пас тавсиаи барномаҳои тарбияти муаллим дар ҳоли ҳозир ба дониши назарии марбут ба вазифаҳои сиёсии мадорис дар сатҳҳои мухталиф низ ниёзманд аст.

Манзур аз вазифаҳои фарҳангии мадорис нақше аст, ки ин созмонҳо дар интиқоли фарҳанг ва тавсиаи он дар сатҳҳои мухталифи ҷомеа ифо мекунанд.

Бо истифода аз барномаҳои рушду омӯзиши муаллимон метавон фурсатҳое барои онҳо фароҳам овард, ки аз ин вазифаҳои фарҳангӣ огоҳ шуда, маҳоратҳои лозим барои интиқоли онҳоро бисозанд. Дар сатҳи фардӣ муаллимон метавонанд ба донишомӯзони худ кумак намоянд, то халлоқият ва шуури зебошинохтии худро тавсиа дода, аз арзишҳои роиҷи ҷомеаи худ огоҳ гарданд. Дар сатҳи созмонӣ, муаллимон ва мадорис ба унвони омилҳое барои интиқоли фарҳанги муназзам, талфиқи фарҳанг дар байни бахшҳои гуногун ва чандгонаи худ амал мекунанд. Дар сатҳҳои иҷтимоӣ низ мадорис ағлаб ба сурати як воҳиди фарҳангӣ амал мекунанд, ҳинҷорҳои ошкор ва тавқеоти ҷомеаҳои маҳаллиро ҳамл менамоянд. Дар робита бо ин вазифа ҳам назарияи мутақобили он вуҷуд дорад, ки бар иҷтимоӣ сохтани донишомӯзон дар сатҳҳои мухталифи ҷомеа бо арзишҳо ва боварҳои мухталиф устувор аст. Муаллимон ва мадорис метавонанд донишомӯзонро ба шинохти тафовути фарҳангии миллатҳои мухталиф ва пазириши ҳинҷорҳо, русум, арзишҳо ва боварҳои кишварҳо ва манотиқи гуногун ташвиқ намоянд.

Манзур аз вазифаҳои омӯзишии мадорис фаъолиятҳое мебошанд, ки онҳо дар ҷиҳати тавсиа ва нигаҳдории омӯзиш дар сатҳҳои мухталиф анҷом медиҳанд. Дар гузашта омӯзишро василае мепиндоштанд, ки сирфан барои касби арзишҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ корбурд дошт. Вале тағйироти васеъ ва ҳамагири иҷтимоӣ сабаб шудааст, ки ба омӯзиш на ба чашми як васила, балки ба унвони як ҳадаф нигариста шавад. Аз ин рӯ муҳтаво, система ва сохтори омӯзиш ниёзманди назорат ва тавсиа аст.

Дар сатҳи фардӣ муаллимон ба донишомӯзон ва ҳамкорони худ кӯмак менамоянд, ки ба тартиб чи гуна ёд гиирфтан ва чи гуна ёд доданро биомӯзанд. Дар сатҳи созмонӣ муаллимон бо ҳамкории якдигар ва аз тариқи ҳимоят ва ибтикори мутақобил ба тавсиаи ёддиҳӣ ва ёдгирӣ мепардозанд. Дар сатҳи иҷтимоӣ низ муаллимон барои ниёзҳои гуногуни омӯзишии ҷомеаи худ хадамот ироа дода, дар тавсиаи омӯзиш ба унвони як касби тасҳил эҷод мекунад. Онон дониш ва иттилоотро ба насли баъдӣ мунтақил намуда, дар шаклгирии ёдгирӣ саҳим мешаванд. Муаллимон ҳамчунин бо тарғиби донишомӯзон ба шинохти мутақобили миллатҳо метавонанд ба тавсиаи омӯзиши ҷаҳонӣ ва табодули омӯзиш ва мушорикат дар сатҳи байналмилалӣ кумак намояд.

Дар ин робита тарбияти муаллим василаи муҳиме аст, ки на танҳо ёдгирӣ ва рушди худи муаллимонро сабаб мешавад, балки огоҳӣ аз ин зарурати муҳим дар вазифаи омӯзишии мадорис дар сатҳи чандгонаро афзоиш медиҳад. Ба таври куллӣ дониши назарии ҷадид дар мавриди вазифаи фавқ ва сатҳҳои ҳамроҳи онҳо, аз ду ҷанба барои рушду омӯзиши муаллимон боаҳамият аст. Ҷанбаи аввал ин ки ин вазифа чаҳорчӯберо барои мудирони мадорис ва муаллимон фароҳам, мекунад то аз тариқи он барномаҳои тарбияти муаллимро дарк карда, иҷро намоянд.

Ҷанбаи дуввум ин ки ин чаҳорчӯб сабаб мешавад, ки бар дониши назарии мавҷуд дар мавриди рушд ва омӯзиши муаллимон афзуда мабноеро барои пажӯҳишҳои бештар дар ин ҳавза фароҳам мекунад. Зоҳиран, ҳар қадаре вазифаи мадорис печидатар мешавад, зарурати огоҳии мудирону муаллимон барои рӯёрӣ бо нуқсҳои ҷадиди онҳо афзуда мегардад.Дар ҳоли ҳозир муаллимони каме вуҷуд доранд, ки аз дониш, нигариш, таахҳуд ва қобилияти муносиб барои пардохтани ин вазифаҳои чандгона дар мадорис ба анҷоми муассиртари вазифаҳои марбут бархурдор бошанд. Вале ин боис намешавад, ки мо нисбат ба нуқсҳои ҷадиди муаллимон ва вазифаҳои чандгонаи мадорис дар қарни ҷадид ғофил бимонем. Зеро ғафлат дар ин замина сабаби таъхир дар тавсиаи барномаҳои тарбияти муаллим мегардад. Тағйири нақши муаллим ба унвони роҳбар дар ҳазораи ҷадид низ аз ҷумлаи нақшҳое аст, ки ахиран дар баҳсҳои мадрасаи меҳварӣ бар он таъкид шудааст. Масоиле назири ҷаҳонӣ шудан, фановарӣ ва тағйироти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аз омилҳои таъсиргузор ҳастанд, ки муаллимонро уҳдадор ба доштани дониш ва маҳорат дар заминаи барномаи дарсӣ, иртибот ва ҳамкорӣ бо афроди дигар мекунад.

Афроде, ки дар ҳоли ҳозир тавассути муаллимон тарбият мешаванд коркунон ва шаҳрвандони ҷомеае хоҳанд шуд, ки дар он мушорикату ҳамкорӣ асле муҳим ба ҳисоб рафта созмонҳои маҷозӣ, шабакаҳо ва иттиҳодияҳои роҳбурдӣ ҷойгузини мафоҳими қадимии созмонӣ ва маҳоратҳо ва тавоноиҳои мавриди ниёзи онҳо барои анҷоми муассири фаъолиятҳо мешавад ба ҳамин сурат бар мизони посухгӯӣ ва масъулиятпазирии муаллимон дар интиқоли пешрафтҳо ба муҳити ёдгирии донишомӯзон ба миқдори қобили таваҷҷуҳӣ афзуда мегардад. Дар натиҷа ин тағйироти роҳбарӣ ва мудирият тавассути муаллимон аҳамияте вижа пайдо мекунад. Ин масъала бо истилоҳи муаллим ба унвони роҳбар номида мешавад. Дар ин росто ва дар заминаи тавсиаи чаҳорчӯби стандарти ҳирфаии муаллимон ба шиносоии қобилиятҳои мудириятии онҳо таваҷҷуҳ шудааст ва як чаҳорчӯби стандарте, ки бо шиносоии панҷ фароянди тадрис муаллимонро барои дастёбӣ ба равиши тадрис бартар ва ҳусули болотарин натиҷаи ёдгирӣ барои донишомӯзон муҳим медонад, тадвин шудааст.

Се буъди аввал, ки иборатанд аз шинохти ёдгиранда, ёдгирӣ ва мавзӯи ёдгирӣ ҳамвора дар тадрис мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифт, вале ду буъди дигар ба масоиле мисли мудирият ва маҳорати истифода аз фановарӣ, мудирият ва касби манобеи иҷтимоӣ, тавлид ва мудирияти созмонҳои ёдгирӣ таъкид дорад.

Мулкӣ (1386) нақши муаллимонро дар робита бо ҷомеа ва фарҳанг ба шарҳи зер зикр мекунад: «Муаллим бино ба нигариши худ нисбат ба моҳияти равобити фард ва ҷомеа ва ҷойгоҳе, ки барои нақши фард дар тарбияти худ ва дигарон қоил аст, мавзӯи тарбиятӣ иттихоз мекунад. Бинобар ин зарур аст, ки аз тариқи барномаҳои омӯзишии тарбиятӣ муаллимонро бо ин бахш аз мабонии иҷтимоии таълиму тарбият ошно сохт. Агар муаллим нигариши тавҳидии ислом дар мавриди нақши фард дар умури иҷтимоиро бишносад, бархӯрди тарбиятии созандатару усулитар бо донишомӯзон хоҳад дошт. Агар дар донишомӯзӣ мушкилии ахлоқӣ ва ё отифӣ дид, ба иллатёбии он мепардозад. Саъй мекунад бо огоҳ сохтани фард ба мушкилоташ аз талоши худ дар ҳалли мушкил кумак бигирад. Албатта, сирфан ба ин иктифо намекунад, балки мекӯшад муҳити иҷтимоии мусоидтаре низ барои донишомӯз фароҳам оварад. Чун медонад, ки агар муҳити ӯ солим набошад танҳо иродаи фардӣ корсоз нест» (4, с.89).

**Рисолати муаллим дар муқобили фарҳанг ва арзишҳои фарҳангӣ.** Ҳар узви ҷомеаи исломӣ дар ҳар ҷойе, ки бошад вазифа дорад посдори фарҳанги ҷомеаи худ бошад. Вале касе, ки беш аз ҳама дар ҳифзу тавсиаи фарҳангӣ рисолат дорад ва асосан ин амр вазифаи аслии ӯ маҳсуб мешавад, муаллим аст. Иллати ин нақш ва ҷойгоҳ ду чиз аст:

Нахуст, усулан муаллим равону рӯҳи иддаи кӯдак ва навҷавону ҷавонро дар ихтиёр дорад. Амонатдоре аст, ки фикру равони инсонҳо амонати ӯст. Шарти амонатдорӣ ин аст, ки арзишҳои фарҳангиро дар ҷону дили онҳо биншонад ваононро нисбат ба ҳуввияти фарҳангии худ огоҳ ва ҳассос парвариш диҳад. Ин болотарин ва шуҷоатонатарин талош барои ҳифзи фарҳанг аст. Чун фарҳанг дар ҷони инсонҳо аст ва онҳое, ки мехоҳанд бар фарҳанги миллате тасаллут ёбанд ҷону рӯҳи афроди он миллатро ба салта дармеоваранд. Муаллим ҳофизи ҷони инсонҳост, лизо муассиртарин нақшро дар ҳифзи фарҳанг ва дифоъ аз арзишҳои фарҳангӣ бар ухда дорад.

Дуввум ин ки муаллим намунаи донишомӯзон аст. Он чӣ дар шахсияти муаллим ҷилва дорад дар вуҷуди донишомӯзон низ ҷилвагар мешавад. Ба хотири ин ду вижагӣ кори муаллимӣ дидбони тезбини арсаи фарҳанг аст.

Дар касби салоҳиятҳои иҷтимоӣ низ муаллим нақши муассире дорад. Намунаи айнии арзишҳо барои донишомӯз вуҷуди муаллим аст. Фарз кунед яке аз анвои салоҳиятҳои иҷтимоӣ доштани садр дар бархурдор бо дигарон аст. Яъне фард қодир бошад касбҳои мухталифро бо сабру тааммул бишнавад ва бо далелу мантиқ бо онҳо бархурдор кунад. Агар муаллим дар бархурдор бо донишомӯзон саъйи садр дошта бошад ва ҳарфҳои онҳоро хуб бишнавад ва тавзеҳоти лозимро ба онҳо бидиҳад метавон интизор дошт донишомӯзон низ аз ин салоҳияти иҷтимоӣ бархурдор гарданд. Агар ҷуз ин бошад касби ин салоҳият бисёр мушкил мешавад. Ё фарз кунед мехоҳем «риояти назм» дар донишомӯз парвариш ёбад муаллими номуназзам чи гуна метавонад донишомӯзи муназзам парвариш диҳад? Дар мавриди масоили иҷтимоӣ низ нақши муаллим фавқуллода муассир аст. Масоили иҷтимоӣ маъмулан ба лоиҳаҳои дарунии ҷомеа марбут мешаванд.Муаллим метавонад бо тарҳи суолоти мухталиф ва мутаваҷҷеҳ сохтани зеҳни донишомӯзон ба абъоди мухталиф як масъалаи иҷтимоӣ ва зикри мисолҳо ва намунаҳои номуносиб фарогиронро нисбат ба масоили иҷтимоӣ огоҳ созад.

## АДАБИЁТ


1.Меҳрмуҳаммади Маҳмуд. Бозандешии фароянди ёддиҳӣ-ёдгирӣ ва тарбияти муаллим.-Теҳрон: Интишороти мадраса, 1374.
2.Меҳрмуҳаммади Маҳмуд. Баррасии татбиқии низоми барномарезии дарсӣ дар Ҷумҳурии исломии Эрон ва Ҷумҳурии федералии Олмон\\Фаслномаи таълиму тарбият, Пажӯҳишкадаи таълиму тарбият, шумораи 35 ва 36, 1372.
3. Некномӣ Мустафо. Муҳаррики фишорзо дар кори муаллимӣ ва стратегияҳои муқобила бо он// Фаслномаи таълиму тарбият, 1377.
4.Некномӣ Мустафо. Муқоисаи вижагиҳои муаллимони хуб ва асарбахш //Фаслномаи равоншиносӣ ва улуми тарбиятии Донишгоҳи Аллома Таботабоӣ, 1379.
5.Номӣ Шамсӣ. Баррасии робитаи байни мудирияти мушорикатҷӯёна ва ангезиши гурӯҳҳои ғайрирасмӣ дар марказҳои тарбияти муаллими духтаронаи шаҳри Теҳрон//Фаслномаи таълиму тарбият, 1373.


## «УЧИТЕЛЬ» В ТЕОРИИ СИСТЕМНОГО ПОДХОДА


Перед социальными и профессиональными задачами учителя стоят следующие параметры: 1. Знание и мастерство перед политической задачи. 2.Знание и опыт по культуры обучения. 3. Знание и опыт по образованию. 4. Задача учителя перед культурой и ценности цивилизации.



**Ключевые слова:** учащиеся, общество, трудности, учёба, образование, воспитание, реакция, развитие.


## THE TEACHER ORGANIZED APPROACH IN THEORY


In theory this task should be a teacher: 1.General knowledge in relation to the politica 2.General knowledge regarding the cultural. 3. Knowledge and experience in relation to general education. 4. Duty in connection with the culture and civilization.



**Key word:** teacher, duty, competence, emotional, values programs, schools, education, faith, encouragement



**Сведения об авторе:** ***Фарзонасодот Хусениёни Хайдари*** - соискатель Академии образования Таджикистана

## МУНДАРИЧА – СОДЕРЖАНИЕ

### ТАЪРИХ - ИСТОРИЯ

**ОТРАЖЕНИЕ ПОЯВЛЕНИЯ ШЕЙБАНИДОВ И ИХ ВТОРЖЕНИЕ В МАВЕРАННАХР И ХОРАСАН В ТРУДЕ МУХАММАДА ЮСУФА МУНШИ «ТА'РИХИ МУКИМ-ХОНИ»**
*Саидов Абдукахор, Никзад Келоразн Мир Нуроддин*.......... 3

**ПЕРЕХОД ОТ ВНЕШНЕГО (ТАФСИРА) К ВНУТРЕННЕМУ (ТАЪВИЛ) СМЫСЛУ СВЯЩЕННОГО ПИСАНИЯ**
*Захро Ризои* .......... 7

**ИНТЕРПРЕТАЦИЯ ИЗОБРАЖЕНИЙ, НАДПИСЕЙ И СИМВОЛОВ НА САСАНИДСКИХ МОНЕТАХ**
*Мохаммад Азизи*................/.......... 15

**ДЕВОНИ ВАЗОРАТ ДАР ДАВРАИ СОМОНИЕН**
*Мустафо Ирфонӣ*.......... 18

**ЗОДГОҲИ ЗАРДУШТ**
*Маъсума Имомӣ*.......... 22

**ИНЪИКОСИ АВЗОИ ИҶТИМОИИ ЭРОН ДАР ДАВРОНИ ҚОҶОРИЯ ЗИКРШУДА ДАР «РАВЗАТ-УС-САФО»-И НОСИРИИ РИЗОҚУЛИХОНИ ҲИДОЯТ**
*Муҳаммадалии Меҳдизода*.......... 25

**ҲУЗУРИ ҒУЛОМОНИ ЭРОНӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА**
*Фарзона Ховаринасаб*.......... 28

### ҲУҚУҚ - ПРАВО

**РЕФОРМА СУДЕБНОЙ СИСТЕМЫ В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯ КОДЖАРСКОЙ ДИНАСТИИ**
*Али Толизори*.......... 32

**РАЗВИТИЕ ИЗБИРАТЕЛЬНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В СОВЕТСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ В 1917-1931 ГГ.**
*Абдулло Косим*.......... 36

**РИШВА ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ЭРОН АЗ ОҒОЗИ ИНҚИЛОБИ МАШРУТА ТО ПОЁНИ ҲУКУМАТИ ПАҲЛАВӢ**
*Арсалон Ашрофӣ*.......... 41

**РОҲКОРИҲОИ ҲУҚУҚИИ МУБОРИЗА БО ИХТИЛОС БАР АСОСИ ҚОНУНИ АСОСИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН**
*Беҳноми Акбарӣ* .......... 44

**ДИДГОҲИ ҲИМОЯТИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР ХУСУСИ КӮДАКОНИ БАЗЕҲКОР**
*Исмоил Яхкаши Фар*.......... 46

**ПЕШГИРӢ АЗ ҶУРМ АЗ ДИДГОҲИ ҚУРЪОН**
*Ҳикматулло Амроӣ*.......... 48

**ПЕШГИРӢ АЗ ҶУРМ ДАР ИСЛОМ**
*Фуруд Амроӣ*.......... 54

**НАҚШ ВА ҶОЙГОҲИ МАРКАЗҲОИ ҒАЙРИДАВЛАТӢ ДАР ТАРКИ МАВОДИ МУХАДДИР**
*Нагме Фархуд* .......... 59

**САРМОЯГУЗОРӢ ДАР БАХШИ ТУРИЗМ ВА МАВОНЕИ ҲУҚУҚИИ ОН ДАР ЭРОН**
*Юсуф Ниёзӣ*.......... 84

**ИСПОЛЬЗОВАНИЕ УСЛОВИЙ ФОРС-МАЖОРА В МЕЖДУНАРОДНЫХ ТОРГОВЫХ СОГЛАШЕНИЯХ**
*Алиризо Мукиман* .......... 68

**ХОСТГОРӢ ДАР ҲУҚУҚИ ЭРОН**
*Шопури Некандом Мустафо*…… 72

**ҶУРМШИНОСӢ: ҲАДАФ, ХУСУСИЯТҲО ВА РОҲКОРИҲОИ ОН**
*Асадуллоҳ Абдолӣ*…… 81

**ҲУҚУҚ ВА ВАЗОИФИ МУТАҚОБИЛИ ТУРИЗМ ВА ДАВЛАТ ДАР БАРОБАРИ ЯКДИГАР ДАР ЭРОН**
*Юсуф Ниёзӣ*…… 83

**МУҚАРАРРОРИ ШИРКАТҲОИ САБТШУДА ДАР ХОРИҶ АЗ ЭРОН ТАВАССУТИ ШИРКАТИ МИЛЛИИ НАФТИ ЭРОН**
*Пайём Бадхойӣ*…… 86

**СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ФИНАНСОВО-ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ БАНКОВСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**
*Джафари Марям Раджабали*…… 89

**ҶОМЕАШИНОСИ - ОБЩЕСТВОВЕДЕНИЕ**

**МЕСТО И РОЛЬ «ИСЛАМСКОГО ФАКТОРА» В МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЯХ**
*Ш. Ш.Саидов*…… 92

**МУҲИТИ ФАЛСАФӢ ВА ИЛМИИ АЛЛОМА САЛҶУҚӢ**
*Обида Салҷуқӣ*…… 96

**АДОЛАТ АЗ ДИДГОҲИ СУҚРОТ ВА АФЛОТУН**
*Валии Аҳмадии Бунакдор*…… 99

**ТАЪРИФ ВА АБЪОДИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ**
*Амини Доизода Ҷилодор*…… 104

**НАТО ВА АМНИЯТИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН**
*Алии Шуҷоифард*…… 106

**МОҲИЯТИ ВАҲЙ ВА ХИРАД ДАР АНДЕШАИ ИБНИ СИНО**
*Тақиқони Сайёда Зуҳро*…… 111

**РӮҲ АЗ ДИДГОҲИ ФАЙЛАСУФОНИ ИСЛОМӢ ВА ОРИФОН**
*Ҳусайн Наттоқи Наҷафӣ*…… 113

**ШИНОХТИ ШАХСИЯТ ВА РАВИШИ ФАЛСАФИИ МУЛЛО САДРО**
*Асадулло Муртазоӣ*…… 116

**РӮЙКАРДИ ҲЕРМОНОТИКӢ БА ҲУНАР АЗ МАНЗАРИ ИСЛОМ**
*Муҳаммадҳасан Раҳимии Каҳмилӣ*…… 119

**БАРРАСИИ БУРҲОНИ ИБНИ СИНО БАРОИ ИСБОТИ ВУҶУДИ ХУДО**
*Парвиз Раҳмонӣ, Ғуломризо Раҳмонӣ*…… 123

**ДАВЛАТИ КОРОМАД ДАР АНДЕШАИ ХОҶА НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ**
*Шуҷоӣ Ғуломҳусейн*…… 126

**БАРРАСИИ АСБОБИ НОПОЙДОРӢ ВА ТАҲКИМИ ҲУКУМАТ АЗ ДИДГОҲИ ҲОҶА НИЗОМУЛМУЛК**
*Абдурризо Шуҷоӣ*…… 129

**ЗАМИНАИ ҶУНБИШХОИ ИҶТИМОӢ ВА СИЁСӢ ДАР ШАРҚ**
*Фотима Радон*…… 132

**ФАЛСАФАИ СИЁСӢ ДАР ЭРОНИ БОСТОН**
*Зиё Хазоӣ*…… 135

**РАВЕНСТВО МУЖЧИН И ЖЕНЩИН ПЕРЕД ЗАКОНОМ В ИРАНЕ**
*Фахима Маликзаде*…… 140

**ВЗАИМОСВЯЗЬ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ И СОЦИАЛЬНЫЙ ВЫБОР**
*Фотима Рустами* …… 143

**ЗАМИНАҲО ВА МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГИИ ЭРОН ВА АФҒОНИСТОН**
*Ҳамид Қосимӣ*………………………………………………………………………………………. 146

**АНДЕШАҲОИ СИЁСИЮ ИҶТИМОИИ САИД АЛӢ ХОМАНАӢ**
*Алиризо Ифтихор Умронӣ*……………………………………………………………………… 148

**МАНОФЕЪ ВА АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН**
*Эҳсон Амиршеърдӯст*…………………………………………………………………………. 151

**РАВОБИТИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ**
*Исмат Доробӣ*……………………………………………………………………………………. 159

**ТАЪСИРИ МАҲСУЛОТИ НАФТӢ БАР ТАҲАВВУЛОТИ КИШВАРҲОИ ИМРӮЗАИ ХАЛИҶИ ФОРС**
*Саид Ҳошимӣ*…………………………………………………………………………………….. 163

**БАРРАСИИ СТРАТЕГИЯИ СИЁСӢ-НИЗОМИИ НАТО ДАР ХОВАРИ МИЁНА**
*Носир Искандарӣ*………………………………………………………………………………… 166

**ЁЗДАҲУМИ СЕНТЯБР ВА ПАЙОМАДҲОИ ОН ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**
*Фотима Раҷабӣ*…………………………………………………………………………………….. 170

**БАРРАСИИ АНДЕШАҲОИ РУССО, ГОББС ВА ЛОК ДАР МАКТАБИ ҚАРОРДОДИ ИҶТИМОӢ ВА УСУЛИ РИЗОИЯТ**
*Хушбахт Маҷидӣ*………………………………………………………………………………… 172

**ТАҚОБУЛИ АРЗИШИҲОИ СИЁСИИ ИСЛОМ ВА СЕКУЛЯРИЗМ ДАР СОХТОРИ ҲУКУМАТ**
*Ҳусайни Асгарӣ*…………………………………………………………………………………….. 176

**ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ МУҲОҶИРАТ**
*Ҳумоюн Фарзом*…………………………………………………………………………………. 178

**МАВҚЕИ РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН**
*Алиризо Муҳаммадӣ*……………………………………………………………………………….. 182

## ПЕДАГОГИКА

**ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНТЕРАКТИВНЫХ ФОРМ И МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ ДЛЯ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ОБУЧЕНИЯ УЧАЩИХСЯ НА УРОКЕ**
*Дж.Булбулов, Э.Джонмирзоев*………………………………………………………………… 188

**ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ АСПЕКТ МОРАЛЬНО-ЭТИЧЕСКОЙ (АБСТРАКТНОЙ) ЛЕКСИКИ В АКТИВИЗАЦИИ МЫСЛИТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ НА ЗАНЯТИЯХ**
*Шамсудинова Рафоат*………………………………………………………………………… 190

**БАРРАСИИ ТАЪСИРИ ВАРЗИШ БАР АНГЕЗАИ ПЕШРАФТИ ДОНИШОМӮЗОНИ МАКТАБҲОИХУСУСИИМИЁНАИШАҲРИ ШЕРОЗ**
*Муҳаммади Аскариён*………………………………………………………………………… 193

**АРЗЁБИИ ДАРУНӢ- АБЗОРӢ БАРОИ ИРТИҚОИ МУСТАМАРИ КАЙФИЯТИ ОМӮЗИШИИ ДОНИШГОҲҲО**
*Муҷтабоҳ Дастур*……………………………………………………………………………………. 195

**РОБИТАИ ИХТИЛОЛҲОИ РАВОНИИ МОДАРОН БО ИХТИЛОЛҲОИ РАВОНИИ ДУХТАРОНИ ОНОН ДАР ДАБИРИСТОНҲОИ ОСТОНИ АЛБУРЗ**
*Ширин Мудирзоре*…………………………………………………………………………………. 200

**НАҚШ ВА ТАЪСИРИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР НАЗОРАТИ ИНҲИРОФОТИ ВАРЗИШӢ**
*Иброҳим Халилӣ*…………………………………………………………………………………….. 202

**БАРРАСИИ ДОНИШИ ІСТ ВОЛИДАЙН БАР МИЗОНИ МУШОРАКАТАШОН ДАР УМУРИ ТАҲСИЛИИ ФАРЗАНДОН ДАР ЭРОН**
*Нафиса Халилӣ, Алиҷон Ҳасанӣ*........ *207*

**ТАЪСИРИ РАВИШИ ТАДРИСИ МУАЛЛИМ БАР ЁДГИРӢ**
*Дориюш Байромӣ*........ *210*

**БАРРАСИИ БАРНОМАИ ОМӮЗИШИИ ТАРБИЯТИ МУАЛЛИМ ДАР ЭРОН**
*Меҳрнӯши Фарҳанг Ранҷбар*........ *214*

**ВОСПИТАНИЕ ГЛОБАЛЬНОГО ГРАЖДАНИНА ДЛЯ МИРОВОГО СООБЩЕСТВА**
*Афсари Али Тарофали*........ *216*

**РОЛЬ ПРИВЫЧЕК В ОБУЧЕНИИ И ВОСПИТАНИИ И ИХ ОТРАЖЕНИЕ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ АБУ ХАМИДА ГАЗАЛИ**
*Алиризо Мирараб Рази*........ *220*

**БАРРАСИИ НОРАСОИҲОИ МАРБУТ БА АНҶОМИ МУШОВИРАҲОИ ФАРДӢ ВА ГУРӮҲИИ МУШОВИРОНИ ДАБИРИСТОНҲОИ ОСТОНИ ИСФАҲОН АЗ ДИДГОҲИ ДОНИШОМӮЗОН, МУДИРОН, МУШОВИРОН ВА КОРШИНОСОНИ МУШОВАРАИ ШАҲРИСТОНҲО ВА МАНОТИҚИ ОСТОН ДАР СОЛИ ТАҲСИЛИИ 2013-2014**
*Темури Боқирӣ*........ *227*

**ИСТИЛОҲОТИ ПЕДАГОГӢ ДАР КИТОБИ ШАҲИДИ СОНӢ «ОДОБИ ТАЪЛИМ ВА ТААЛЛУМ ДАР ИСЛОМ»**
*ИсмоилХолматов*........ *229*

**НАЗАРИ ИСЛОМ ДАР БОРАИ ФАРОҒАТ**
*Сафар Сулаймонӣ*........ *233*

**НАҚШИ САРГАРМИҲОИ ВАРЗИШӢ ДАР ШЕВАИ ЗИНДАГӢ**
*Ғуломҳусейн Ғанӣ*........ *236*

**ПРЕДСТАВЛЕНИЕ РЯДА ЖИЗНЕННЫХ НАВЫКОВ СРЕДСТВАМИ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ КОРРЕКЦИИ**
*Калхор Мохаммадали*........ *239*

**ФАВОИДИ БОЗИҲОИ КОМПЮТЕРӢ**
*Амир Аҳмадӣ*........ *242*

**РАВИШҲОИ НАВИН ДАР ТАДРИСИ АДАБИЁТИ ФОРСӢ (ДАВРАИ ИБТИДОӢ)**
*Беҳноми Маквандӣ*........ *246*

**ТАШАККУЛЁБИИ ДАРК, ФАҲМ ВА ТАЪБИРҲО АЗ МАЪНО, МАФҲУМ ВА ТАЪРИФИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ БО ҶУСТУҶӮ АЗ МАНБАЪҲОИ ТАЪРИХӢ**
*Маҳмуди Манзарӣ*........ *249*

**ИРТИБОТИ БАЙНИ ВИЖАГИҲОИ ШАХСИЯТИИ МУАЛЛИМ ВА МИЗОНИ СТРЕССИ ШУҒЛИИ ВОРИДШУДА БА МУАЛЛИМ**
*Заҳро Баҳорванди Эронниё*........ *254*

**БАРРАСИИ АВОМИЛИ МУАССИР БАР НИШОТИ ҶАВОНОНИ ОСТОНИ ИЛОМ**
*Амир Меҳрдодӣ*........ *258*

**ЭЪТИЁДОТИ ИНТЕРНЕТӢ: ДАЛОИЛ ВА АНГЕЗАҲО**
*Шаҳидулло Муҳсинӣ*........ *264*

**МУДИРИЯТИ ЗАМОН**
*Рашид Амирон Бостонобод*........ *268*

**МАВҚЕИ ФАЛСАФА ДАР ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ**
*Меҳдӣ Бахшӣ Абдулҳусейн*........ *271*

**МУҚОИСАИ ҲУШИ ҲАЯҶОНӢ ВА ҶУРЪАТВАРЗӢ ДАР ДОНИШОМӮЗОНИ ПИСАРИ ADHD (НАҚСИ ТАВАҶҶУҲ ВА БЕШФАЪОЛӢ) ВА КӮДАКОНИ ОДӢ**
*Алии Шикориёни Язд*........ *275*

**НИГОҲЕ БА ТАРҲИ НАВИНИ АРЗИШЁБИИ ДОНИШОМӯЗОН ДАР ДАВРАИ ИБТИДОӣ ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН**
*Тоҳира Рушанӣ*........................................................................................................ *278*

**ФАРОШИНОХТ (ШИНОХТИ БЕШТАР)**
*Хамидаи Абофат*........................................................................................................ *282*

**БАРРАСИИ РОБИТА БАЙНИ МУАЛЛИФАҲОИ ҲУШИ ҲАЯҶОНӢ ВА РИЗОЯТИ ЗАНОШӮИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУТАЪҲИЛ**
*Самия Мазоҳирӣ*........................................................................................................ *286*

**ФОРМИРОВАНИЕ ОБРАЗОВ РОДИТЕЛЕЙ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ДЕТЕЙ В ПОЛНЫХ И НЕПОЛНЫХ СЕМЬЯХ**
*Хакимзода Хабибулло Бовоиён*........................................................................................ *294*

**РОБИТАИ ФАРҲАНГИ СОЗМОНӢ ВА ТАБОДУЛИ ДОНИШДАР НИЗОМИ ОМӮЗИШИ ОЛӢ**
*Фаронак Пойдор*........................................................................................................ *298*

**ДОРУДАРМОНӢ ВА ОМӮЗИШҲОИ ХОС ДАР ДАРМОНИ ИХТИЛОЛОТИ ЁДГИРӢ**
*Аъзам Кабирӣ (Ҳастии Кабирӣ)*........................................................................................ *300*

**«МУАЛЛИМ» ДАР НАЗАРИЯИ РАҲЁФТИ НИЗОМЁФТА**
*Фарзона Содоти ҲусайниёиҲайдарӣ*.................................................................................... *302*

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Таджикского национального университета» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным и экономическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см; ), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес, e-mail. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи после списка литературы приводятся аннотации на русском и английском языках и ключевые слова (8 - 10 слов).

Список литературы приводится в общем порядке после основного текста статьи. Авторы должны соблюдать правила составления списка использованной литературы. Он должен содержать 5-6 наименований литературы.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку (для статей серии естественных наук) и отзыв специалистов о возможности опубликования.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Муҳаррири масъул: **М. Ибодова**
Муҳаррирон: **Ш. Абдуллоева**, **Н.Расулова, М.Манонова**

Ответственный редактор: **М. Ибодова**
Редакторы: **Ш. Абдуллоева, Н.Расулова М.Манонова**

ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 37
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 37
Телефон: 227-74-41 **E-mail: vestnik-tnu@mail.ru**
**Сайт ТНУ: tnu.tj**